Л.Н. ТОЛСТОЙ

КУДАКИ НАВЧАВОНИ ЧАВОНИ

КУДАКИ



Боби I

МУАЛЛИМ КАРЛ ИВАНЫЧ

12-ми августи 18.., дар худи рӯзи саввӯми баъд аз рӯзи солонаи ба дуньё омадани ман, ки дар он рӯз даҳ сол аз умри ман гузашта буд ва дар ҳамон рӯз ман тӯҳфаҳо ва пешкашҳои он қадар хубу аъло гирифта будам, дар соати ҳафти пагоҳонӣ Карл Иваныч бо пашшазанаке, ки коғази қандро ба чӯб часпонида сохта буд, дар худи болои сарам магасеро зада маро бедор кард. Ӯ ин корро чунон бесалиқа анҷом дод, ки акси муаккали маро, ки дар такьягоҳи чӯби булутии кати хоби ман овезон буд, зада фиристод ва магаси кушта шуда рост ба болои сари ман афтод. Ман биниамро аз зери кӯрпа баровардам, суратро, ки алвонҷ хӯрда истода буд, бо дастам нигоҳ доштам, магаси кушташударо ба замин афшондам ва бо чашмоне, ки ҳанӯз хоболуд буданд, хашмгинона ба сӯи Карл Иваныч нигоҳ кардам. Ӯ бошад дар ҷомаи гулдори пахтагине, ки бо ҳамон ранг порча миёнашро аз рӯй баста буд, бо тоқияи сурхи бофтаи пӯпакдор ва мӯзаи мулоимаки пӯстибузӣ, ҳамон тур бепарвоёна ба назди дару девор мегашт, нишон мегирифт, тарс-тарс магас мезад.

«Гирем, ки — пеши худ меандешидам ман,— ман хурдсолам, аммо барои чӣ ӯ маро нороҳат мекунад? Аз чӣ сабаб ӯ магасҳоро на дики ҷои хоби Володя намезанад? ана он ҷо магас чӣ қадар зиёдаст! Не, Володя аз ман калонтар аст; ман бошам аз ҳама хурд-

тарам: аз ин сабаб аст, ки ӯ маро азоб медиҳад. Тамоми умр фикру хаёли ӯ ҳамин аст, ки — гуфтам ман зери лаб,— коре кунаду дили маро сиёҳ кунад. Ӯ бисьёр хуб дида истодааст, ки маро бедор кард ва тарсонд, вале чунон вонамуд мекунад, ки гӯё инро намедида бошад... чӣ одами нафратовар аст! Ҳам ҷомааш, ҳам тоқияш ва пӯпакчааш — чӣ нафратовар аст!».

Дар он ҳангом ки ман алами худамро нисбат ба Карл Иваныч ҳамин гуна дар дили худ баён мекардам, ӯ ба кати худаш наздик рафт, ба соате, ки бар болои кат дар попӯшчаи бо гардихазина дӯхтагӣ овезон буд, нигоҳ карду пашшазанакро ба мех биёвехт ва, чунин ки аз ваҷоҳаташ ҳувайдо буд, бо як ҳолати рӯҳияи хубу хуш ба сӯи мо рӯй овард.

— Auf, Kinder, auf!.. s'ist Zeit. Die Mutter ist schon im Saal[1],— гӯён бо овози меҳрубононаи олмонӣ садо кард, пас аз он ба ман наздик омад, дар пеши пои ман нишаст ва аз кисаи худ тамокудонашро баровард. Ман худамро ба хоб меандохтам. Карл Иваныч аввалан тамокуро ба бинӣ кашид, биниашро пок кард, ангуштонашро қирсос занонд, вонгаҳе бо ман машғул шуд. Ӯ хандакунон, кафи пои маро ба қитиқ кардан сар кард.— Nun, nun, Faulenzer! [2] — мегуфт ӯ.

Ҳарчанд ман серғилғилак бошам ҳам, аз ҷои хоб нақастам ва ба ӯ ҷавоб намегардондам, балки сарамро зери болин бештар пинҳон кардам ва бо ҳамаи зӯр почакӣ мезадам ва то метавонистам худамро аз ханда нигоҳ доштанӣ мешудам.

«Ӯ чӣ қадар меҳрубон аст ва чӣ қадар моро дӯст медорад, лекин ман дар бораи ӯ ин қадар фикрҳои номулоим мекардам!»

Ман ҳам аз худам нохушнуд будам ҳам аз Карл Иваныч, мехостам ханда кунам ва мехостам бигирьям: асабҳои ман вайрон шуда буд.

— Ach, lassen sie[3], Карл Иваныч! — гӯён фарьёд задам ман сари худро аз зери болинҳо берун бароварда дар ҳолате, ки чашмонам пурашк буданд.

---

[1] Бархезед, бачагон, бархезед! Вақт расид. Модаратон кайҳо дар зал аст.

[2] Канӣ-канӣ, танбалча!

[3] — Оҳ, маро ба ҳоли худ вогузоред,

Карл Иваныч ҳайрон шуд, кафи поҳои маро ба ҳоли худ гузошт ва ташвишкорона аз ман пурсидан гирифт, ки чӣ шуд ба ман? магар хоби парешон дида бошам?.. Чеҳраи меҳрубони олмонии ӯ ва ҳамдардие, ки бо он мехост иллати оби дидаи маро пай барад, ашкҳои маро боз бештар ба рехтан водор мекард: шармам омад, худам намефаҳмидам, ки чи тур шуда як дақиқа пештарак Карл Иванычро метавонистам бад бинам, ҷома, тоқия ва пӯпакчаи онро нафратовар пиндорам; акнун, баръакс, ҳамаи онҳо барои ман аз андоза беш хуш менамуданд ва ҳатто пӯпакчааш гӯё бурҳони некдилии ӯ мешуд. Ман ба ӯ гуфтам, ки гирьяам аз он аст, ки хоби ногуворе дидаам — гӯё модарам мурдааст ва ӯро барои гӯрондан мебурда бошанд. Ҳамаи инро ман аз дил баровардам, зеро ҳаргиз дар ёдам намонда буд, ки шабоҳангом чӣ хоб дидам; вале ҳангоме ки Карл Иваныч аз гуфтори ман мутаассир шуда, маро тасаллӣ медод ва ором карданӣ мешуд, ба назарам чунон менамуд, ки гӯё ман ҳақиқатан чунин хоби воҳиманоке дида бошам ва боз оби дидаам рехтан гирифт, вале ин акнун аз сабаби дигаре пеш омада буд.

Вақте ки Карл Иваныч аз паҳлуи ман дур шуд ва ман рӯи рахти хоб нимхез шуда ҷуроби худро ба пойҳои нозукам кашидан гирифтам, сиришк андаке ором ёфт, бо ин ҳама афкори парешоне, ки аз таъсири хоби аз дил баровардаам маро фаро гирифта буд, аз ман ҷудо намешуданд. Амакии Николай даромад, ӯ як одами хурдакак, тозекак, ҳамеша ҷиддӣ, покизакор, боадаб ва бо Карл Иваныч бисьёр ҷӯра буд. Ӯ либос ва пойафзолҳои моро овард: барои Володя мӯза, вале барои ман ҳанӯз ҳам кафшҳои бандакдори нафратовар. Дар ҳузури ӯ барои ман гирья кардан айб буд ва ғайр аз ин офтоби пагоҳонӣ хушҳолона аз тирезаҳо нурпошӣ мекард ва Володя бошад, ба Марья Ивановна (мураббияи хоҳарамон) тақлид карда ӯро масхара менамуд ва ба сари дастшӯй рост истода, чунон хушу хурсанд бо овози баланд ханда мекард, ки ҳатто Николаи ҷиддӣ, дастмол ба дӯш, собун дар як даст ва офтоба дар дасти дигар, табассумкунон мегуфт:

— Хайр, монед, акнун, Владимир Петрович, биёед барои шустушӯй.

Ман тамоман хушу хурсанд шудам.

— Sind sie bald fertig? [1] — гӯён аз дарсхона овози Карл Иваныч шунида шуд.

Овози ӯ қатъӣ буд ва акнун он ифодаи меҳрубониро, ки маро то оби дида рехтан мутаассир карда буд, надошт. Дар дарсхона Карл Иваныч тамоман одами дигаре мешуд: ӯ омӯзгор мешуд. Ман зуд либосамро пӯшидам, шустушӯ кардам ва ҳанӯз бо лифе, ки дар даст доштам ва мӯи таршудаи худро шона мекардам, ба тарафи садои ӯ раҳсипор гаштам.

Карл Иваныч бо айнаке, ки дар болои бинӣ дошт ва китобе дар даст, дар ҷои муқаррарии худ, мобайни дару тиреза нишаста буд. Дар паҳлуи чапи дар ду рафча ҷо гирифта буд: яке аз они бачагон, дигараш аз они Карл Иваныч, *хоси ӯ буд*. Дар рафи мо ҳар гуна китобҳо буд — дарсӣ ва ғайридарсӣ: баъзе аз онҳо рост истода буданд, дигарҳо афтода. Фақат ду ҷилди калони Histoire des voyages [2] дар муқоваи сурх, солорона ба девор такья карда буданд; пас аз он китобҳои дарозу ғафс ва калону хурди дигар,— муқоваҳои бе китоб ва китобҳои бемуқова. Пеш аз танаффус, вақте ки амр мекарданд, ки китобхонаро ба тартиб биандозем, чунон ки Карл Иваныч ин рафи китобро болобардор карда китобхона меномид, ҳамаро дар он ҷо зӯр карда мегунҷондем. Аммо ҷамъи китобҳои дар рафи *махсуси худи* Карл Иваныч будагӣ мисли китобҳои мо чандон зиёд набошад ҳам боз бештар гуногун буд. Ман аз онҳо сеторо дар хотир дорам: рисолаи хурдтарак ба забони олмонӣ, дар бораи пору андохтан ба замине, ки он ҷо карам кошта хоҳад шуд — бе муқова, як ҷилд аз таърихи ҷанги ҳафтсола — бо коғазе печондашуда, ки як кунҷакаш сӯхта буд ва як китоби муфассали дарсӣ дар бораи гидростатика. Карл Иваныч бештарин вақти худро бо мутолиаи китоб мегузаронид, чунон ки аз ин сабаб ҳатто қуввати чашмонашро низ хароб карда буд;

---

[1] — Шумо дар ин зудӣ ҳозир мешавед, ё не?

[2] Таърихи саёҳатҳо

вале ӯ ба ғайр аз ин китобҳо ва «Северная Пчела» дигар чизе намехонд.

Дар қатори чизҳое, ки Карл Иваныч дар раф дошта, як чизи дигаре ҳам буд, ки бештар ӯро ба ёди ман меандозад. Ин як коғази ғафси мудавваре буд, ки ба пояи чӯбине шинонда шуда ва ба воситаи чӯбчаҳое, ки бар он пайванд шудаанд, онро ҳаракат додан мумкин буд. Рӯи ин коғази мудаввар сурате часпонда шуда буд, ки дар он карикатураи кадом як хоним ва сартароше кашида шуда буд. Карл Иваныч умуман хеле устокор буд ва ин коғази мудаввarро худаш ихтироъ карда буд, барои он ки чашмони заифашро аз рӯшноии баланд нигоҳ дорад.

Ҳозир ҳам қомати дарози ҷомаи пахтанок пӯшида ва тоқии сурхеро, ки аз зери он мӯйсари камшудаи сафед намоён аст, пеши назари худ мебинам. Ӯ пеши мизчае, ки ҳамон коғази мудаввар бо сурати сартарош рост истода ба рӯи ӯ соя меандозад, нишастааст; дар як даст китоб дорад, дасти дигараш ба дастаки кресло такья мекунад; дар назди ӯ соате, ки дар рӯи лавҳааш сурати аскари шикорӣ наққошӣ шудааст, рӯмолчаи чорхона, тамокудони сиёҳи мудаввар, айнакдони сабз, як амбӯрча дар даруни қуттичае ҳам дида мешавад. Ҳамаи ин асбобҳо чунон бо тартиб ва интизом дар он ҷо ҷой гирифтаанд, ки бо як худи ҳамин метавон ҳукм намуд, ки виҷдони Карл Иваныч пок ва рӯҳаш осуда ва ором аст.

Гоҳе иттифоқ меафтад, ки дар поён, дар зал то сер шудан даводав мекунӣ ва нӯг-нӯги по оҳиста болo мебарой ва ба дарсхона нигоҳ мекунӣ, дар он ҷо Карл Иванычро, ки танҳо дар курсии худаш нишаста бо қиёфаи бошукӯҳи оромона яке аз он китобҳои дӯстдоштаи худашро мехонд, мебинӣ. Гоҳе ман ӯро дар ҳолатҳое ҳам, ки китоб намехонд, мушоҳида мекардам: айнак дар болои бинии калони уқобии ӯ поин афтода ва чашмони кабуди нимпӯшидааш бо як адои хосе нигоҳ мекарданд ва лабонаш маҳзунона табассум менамуданд. Дар даруни хона сукут ҳукмфармост; фақат нафаскашии оромонаи мунтазами ӯ ва овози соате, ки сурати аскари шикорӣ дошт, ба гӯш мерасиду бас.

Ҳамин тур воқеъ мешуд, ки ӯ аз омадани ман воқиф намегашт ва ман дар дами дар истода пеши худ меандешам: «Бечора, пирмарди бечора! Мо дар ин ҷо бисьёр ҳастем, мо бозӣ мекунем, вақти мо хуш мегузарад, аммо вай танҳои зор аст, ҳеҷ кас надорад, ки ӯро навозиш кунад. Худи ӯ ҳақиқатан рост ҳам мегӯяд, ки ятиму бекасаст. Таърихи ҳаёти ӯ низ чӣ қадар даҳшатнок аст! Ман ёд дорам, ки ӯ саргузашти худашро ба Николай ҳикоя карда буд — ба вазъияти ӯ афтодан чӣ қадар ваҳшатовар аст!» Ва чунон ба ӯ дилам месӯзад, ки гоҳе воқеъ мешавад, ба ӯ наздик мешавам ва дасташро гирифта мегӯям: «Lieber[1] Карл Иваныч!» Вақте ки ба ӯ чунин хитоб мекардам, ба ӯ хуш меомад; ҳамеша маро навозиш мекард ва, маълум мешуд, ки ӯ мутаассир шудааст.

Дар девори дигари ин хона харитаҳо овехта шуда буданд, ки тақрибан ҳамаи онҳо кӯҳна шуда ва дарида, вале бо дасту панҷаи Карл Иваныч моҳирона часпонда шуда буданд. Дар девори саввӯм, ки дар миёнаи он дари ба поён мебурдагӣ воқеъ шуда буд, аз як тараф ду ҷадвал овезон буд: яке захмдида, бурида ва ба рӯяш хатҳо кашидашуда, ки аз они мо буд, дигараш наву тоза, *махсуси худи ӯ*, ки бештар на барои рах кашидан, балки барои бедор кардани рағбат кор фармуда мешуд; аз тарафи дигар лавҳи сиёҳе буд, ки дар рӯи он ҳаракатҳои ношоистаи моён, агар бузург бошанд бо як доира, хурд бошанд — бо як салиб қайд карда мешуданд. Дар тарафи чапи ин тахта кунҷаке буд, ки моро он ҷо ба зону менишонданд.

Ин кунҷак чӣ қадар ба хотири ман мондааст! Даричаи печка, бодкаши дарича ва овозе, ки ҳангоми ба як тараф гардондани он мебаромад, дар ёдам ҳаст. Гоҳе воқеъ шудааст, ки дар кунҷак меистам-меистам, он қадар ки зонуҳо ва пуштам дард мекунад ва меандешам: «Карл Иваныч маро фаромӯш кард; эҳтимол барои ӯ дар болои креслои нарм нишастан ва китоби гидростатикаашро хондан хушоянд ва дилписанд бошад, аммо ман дар чӣ ҳолам! — ва он гоҳ барои дар ин ҷо буданамро ба хотири ӯ овардан даричаи

[1] Азизам

печкаро ҷунбондан мегирам, мекушоям ва мепӯшонам ё оҳиста-оҳиста андоваи деворро ба кандан сар мекунам; вале агар ногаҳон порчаи бузурге аз он бо тараққос ба замин биафтад, росташ, як худи ҳамин тарс аз ҳар гуна ҷазои дигаре бадтар меояд. Ба сӯи Карл Иваныч рӯй гардонда нигоҳ мекунам, вале ӯ машғули худаш, китоб дар даст, гӯё чизеро нашунида бошад, ҳамон тур нишастан мегирифт.

Дар миёни хона мизе бо мушаммаи [1] сиёҳи дарида пӯшидагӣ истода буд ва аз зери он мушаммаъ дар бисьёр ҷойҳо канорҳои бо қаламтарош бурида ва рахкашидашуда намудор мешуданд. Давро-даври миз чанд адад сандаличаҳои рангнокарда, вале аз истеъмоли зиёд пардоз шудае буд. Девори охирин бо се тиреза ишғол шуда буд. Аз инҳо чи манзараеро дидан мумкин буд: дар худи пеши тирезаҳо роҳе буд, ки ҳар кадом баландию пастӣ, ҳар як сангча, ҳар як ҷӯйчаҳои бо ғилдирак кофташудаи он ба ман ошно ва азиз буданд; дар паси роҳ растаи пиросташудаи дарахтони зирфун буд, ки аз ҷо-ҷои он девори чӯбини бофта намудор буд; он сӯи раста марғзоре менамуд, ки дар як тарафи он хирманҷой ва дар муқобили он беша буд. Аз дуродур дар беша кулбаи посбон менамуд. Аз тирезаи тарафи рост як қисми айвоне намудор буд, ки дар он одатан бузургон то вақти наҳор менишастанд. Гоҳе мешуд, то ҳангоме ки Карл Иваныч навиштаи имлоии моро тасҳеҳ мекард, сарамро аз тиреза бароварда, ба он сӯ нигоҳ мекардам, сари сиёҳмӯи бибиҷонамро ё ки тахтапушти касеро медидам ва аз он ҷо овози ханда ва гуфтугӯе ба зӯр ба гӯш мерасид; чунон дилтанг мешудам, ки чаро ман низ дар он ҷо будан наметавонам ва пеши худ меандешидам: «Кай акнун ман калон мешавам, хонданро тарк мекунам ва доимо на машғули гуфторҳои дарси забон, балки бо онҳое, ки дӯст медорам, сӯҳбат карда менишинам?» Дилтангӣ ба андӯҳ мубаддал мегардад ва худо медонад, ки аз чӣ сабаб ва дар бораи чӣ чунон саргарми фикру хаёл мегардам, ки ҳатто

[1] Клеёнка

барои хато дар қаҳр шудани Карл Иваныч низ ба гӯшам намедарояд.

Карл Иваныч ҷомаашро кашид. Фраки нилобии худро, ки дар рӯю дӯши он баландӣ ва чим-чимҳо буд, дар бар кард, гарданбандашро пеши оина истода соз кард ва моро ба поён пеши бибиҷонам бурд, ки ба ӯ салом бидиҳем.

Боби II

МАМАН[1]

Бибиҷонам дар меҳмонхона нишаста чой мерехт; ӯ бо як даст чойникро нигоҳ медошт, бо дигаре — мили самоворро, ки оби он аз лаби чойник ба рӯи лаълӣ резон буд. Ӯ гарчи бо диққат нигоҳ мекард, вале инро намедид ва даромада омадани моро низ намедид.

Ҳангоме ки кӯшиш мекунӣ қиёфати шахси маҳбуби худро ба пеши назарат биёрӣ, хотираҳои гузашта ҳамчунон бисьёр ба ёд меоянд, ки он қиёфа аз даруни хотираҳо, гӯё ки онро аз паси сиришк мушоҳида мекарда бошӣ, хираю номуайян ба назарат меояд. Инҳо сиришки тасаввуротанд. Ҳангоме ки ман мехоҳам бибиҷонамро, чунон ки ӯ дар он сван буд, ба хотир биёварам, ба назарам фақат чашмони мешии ӯ, ки ҳамеша як сон накӯӣ ва меҳрубонӣ ифода мекарданд, холе ки дар гардани ӯ, андаке поинтар аз мӯйҳои кӯтоҳи печхӯрдааш ҷой гирифта буд, гиребони сафеди дӯхтагӣ, дасти нозуки хушке, ки борҳо маро навозиш кардаасту ман борҳо онро бӯсидаам, ба ёди ман меояду бас; аммо қиёфати умумии ӯ аз ман мегурезад.

Дар тарафи чапи диван рояли қадимии англисӣ меистод; дар пеши рояль хоҳараки сияҳандоми ман Любочка менишаст ва бо ангуштаки гулобии хурди навакак бо оби хунук шустааш бо зӯр задане, ки ба назар бармехӯрд, этюдҳои Clementi-ро менавохт. Ӯ ёздаҳсол дошт; ӯ пироҳани ресмонии кӯтоҳе ва эзорчаи сафеди тӯрдӯзишуда пӯшида мегашт ва октаваро

[1] *Маман* — модар *(фр.)*.

фақат ба тариқи arpeggio [1] гирифта метавонист. Дар паҳлуи ӯ андаке якьёна Марья Ивановна кулӯтаи наворҳои гулобдор дар сар ва камзӯлчаи кабуде дар бар бо рӯи сурхи бадқаҳр нишаста буд, ки вақти ба он ҷо дохил шудани Карл Иваныч боз бештар қиёфати ҷиддӣ гирифт. Ӯ ба тарафи Карл Иваныч ғазаболуд назаре афганд ва ба таъзиму тавозӯи ӯ ҷавобе надода, пои худро ба замин кӯфта аз пештара ҳам баландтар ва омиронатар ба шумурдан давом кард: «Un, deux, trois, un, deux, trois» [2].

Карл Иваныч ба ин ҳеҷ аҳамияте надода, бо одати худаш, бо табрикоти олмонӣ рост ба сӯи дасти бибиҷонам наздик шуд. Бибиҷонам ба ҳуш омад ва сари худро такон дод, гӯё бо ин ҳаракат мехост хаёлоти маҳзунонаи худро дур ронад, дасти худро ба Карл Иваныч дароз кард ва дар он ҳангоме ки Карл Иваныч дасти вайро мебӯсид, аз чаккаи чин-чин шудаи ӯ бӯсид.

— Ich danke, liber [3] Карл Иваныч,— гуфт ва ба забони олмонӣ гуфторашро давом кунонда пурсид:

— Бачагон осуда хобиданд?

Карл Иваныч ба як гӯш кар буд, акнун ӯ аз ҳамҳамаи дар сари рояль баланд шудаистода тамоман чизе нашунид. Ӯ ба диван зиёдтар хам шуд, бо як дасташ ба миз такья кард, дар ҳолате ки бо як пой рост истода буд, бо табассуме, ки дар он ҳангом ба чашми ман дараҷаи аълои назокат менамуд, кулоҳчаи худро болои сараш андаке баланд карда гуфт:

— Шумо маро мебахшед, Наталья Николаевна?

Карл Иваныч аз тарси он, ки каллаи бемӯи худашро сармо нахӯронад, ҳеҷ гоҳ кулоҳчаи сурхро намекашид ва ҳамеша ба меҳмонхона ки медаромад, ба ин кори худ иҷозат мехост.

— Бипӯшед, Карл Иваныч... Ман аз шумо мепурсам, бачагон осуда хоб карданд? — гуфт модарам ба ӯ наздиктар омада бо овози хеле баланд.

Вале ӯ боз ҳам чизе нашунид, сари бемӯи худашро

---

[1] а р п е ҷ ҷ и о — пардаҳои аккорд, ки паси ҳамдигар меоянд.
[2] «Як, ду, се, як, ду, се»
[3] — Ташаккур мекунам, азизам

бо тоқии сурхаш пӯшонд ва боз ҳам меҳрубононатар лабханд зад.

— Андаке таваққуф кунед, Мими,— гуфт модарам ба Марья Ивановна бо табассум,— ҳеҷ чиз шунида намешавад.

Ҳангоме ки бибиҷонам табассум мекард, рӯи ӯ ҳар қадар нағз бошад ҳам, боз беандоза нағзтар мешуд ва гӯё ҳама ҷо, гирду пешро хурсандӣ фаро мегирифт. Дар дақиқаҳои душвори зиндагонӣ, агар ман лаҳзае ин табассумро дидан метавонистам, ҳеҷ гоҳ чӣ будани дарду аламро намедонистам. Ба назарам он чизе, ки ҳусну хубии чеҳра меноманд, танҳо ҳамин лабханд аст: агар лабханд ҳусну таровати чеҳраро бештар кунад, он чеҳра бисьёр зебост; агар ӯро тағьир намедиҳад, он гоҳ маълум мешавад, ки вай чеҳраи оддӣ буда аст; агар табассум онро вайрон мекарда бошад, маълум мегардад, ки он чеҳра баднамо будааст.

Бо ман салому алейк карда модарам бо ду дасташ сари маро гирифт ва онро андаке ба ақиб бурда, пас бо диққат ба ман нигоҳ кард ва гуфт:

— Ту имрӯз гирья кардай?

Ман ҷавоб намегуфтам. Ӯ аз чашми ман бӯса кард ва ба забони олмонӣ пурсид:

— Барои чӣ ту гиристӣ?

Ҳаргоҳе ки ӯ бо мо аз роҳи дӯстӣ ба сухан медаромад, ӯ ҳамеша бо ҳамин забон сухан мегуфт, ки онро ба камол медонист.

— Ман дар хоб гиристам, модарҷон,— гуфтам ман, ва бо ҳамаи тафсилоташ хоби аз дил баровардаи худамро ба ёд оварда беихтиёрона аз он ба ларза омадам.

Карл Иваныч суханони маро тасдиқ кард, вале дар бораи худи мавзӯи хоб чизе нагуфт. Каме дар бораи ҳаво низ сӯҳбат кард, ки дар он гуфтугузор Мими ҳам иштирок намуд, баъд барои баъзе хидматгорони мӯҳтарам ба рӯи лаълӣ шаш пора қанд ниҳод ва бархосту назди дастгоҳи гулдӯзӣ, ки дар пеши тиреза истода буд, рафт.

— Хуб, акнун назди падар биравед, бачагон, ва

ба ӯ бигӯед, пеш аз он ки ба хирманҷой меравад, албатта назди ман дарояд.

Мусиқӣ, шумор кардан ва ниғоҳи ғазаболуд боз шурӯъ шуд ва мо назди падар раҳсипор гаштем. Аз хонае, ки ҳанӯз аз даврони бобоямон номи хонаи *пешхидматонро* дошт, гузашта ба кабинет даромадем.

Боби III

ПАДАР

Ӯ назди мизи хатнависӣ меистод ва ба ким-чӣ хел лифофаю коғазу дастаҳои пул ишора карда, оташинона бо ҷӯшу хурӯш ба гумоштаи худ Яков Михайлов, ки дар ҷои муқаррарии худаш, миёни дар ва барометр рост истода буд ва дастони худро ба пушташ гирифта, бетоқатона ангуштонашро ба ҳар тараф ҳаракат медод, чизе мегуфт.

Чи қадар ки падарам бештар оташин мешуд, ангуштони ин мард бештар ҳаракат мекард ва баръакс: ҳангоме ки падарам хомӯш мешуд, ангуштон низ аз ҷунбидан мемонданд; вале, ҳангоме ки худи Яков ба сухан медаромад, ангуштон бисьёр бетоқат мешуданд ва ба ҳар сӯ сахт ҷасту хез мекарданд. Ба назарам аз ҳаракати онҳо фикрҳои пинҳонии Яковро пай бурдан мумкин мешуд; рӯи ӯ бошад, ҳамеша ором буд, қадру қимати худ ва бо вуҷуди ин мутеи дигарон буданро ифода мекард, яъне: дар ин хусус ҳақ дар ҷониби ман аст, аммо боз ихтиёр ба шумост!

Падарам моро дида ҳамин қадар гуфт:

— Андаке сабр кунед, ҳозир!

Ва бо сараш ба дар ишорат кард, то ки яке аз моён онро бипӯшонем.

— Э, худои меҳрубони ман! Ба ту чӣ шудааст имрӯз, Яков? — гӯён сухани худро давом медод ӯ ба гумошта рӯй оварда, дар ҳолате ки китфашро ҳаракат мекунонд (ӯ чунин одат дошт).— Ин лифофа, ки ҳаштсад сӯм дар он ҷо гузошта шудааст...

Яков счётро наздиктар кашид, ҳаштсад дар он андохт ва назари худро ба нуқтаи номуайяне дӯхт ва дар интизори он буд, ки чӣ пеш хоҳад омад.

— ...барои хароҷоти масорифи хона дар набудани ман. Мефаҳмӣ? Аз осиё ту бояд ҳазор сӯм бистонӣ... ҳамин тур аст ё не? Аз хазина бояд ҳашт ҳазор сӯм гаравро пас бигирӣ; аз беда, ки аз рӯи ҳисоби худат ҳафт ҳазор пуд фурӯхтан мумкин аст,— чилу панҷ тинӣ меандозам,— ту се ҳазор мегирӣ; пас ҳамаи пуле, ки ба дасти ту медарояд, чанд хоҳад буд? Дувоздаҳ ҳазор... ҳамин тур аст ё не?

— Ҳа, ҳамин тур аст,— гуфт Яков.

Вале аз суръати ҳаракати ангуштонаш ман пай бурдам, ки ӯ мехост эътироз намояд; падарам сухани ӯро бурид:

— Хуб, ана аз ҳамин пулҳо ту даҳ ҳазор ба Шӯро, барои Петровское мефиристӣ. Акнун пулҳое, ки дар контор ҳаст,— гӯён давом намуд падарам (Яков дувоздаҳ ҳазори аввалинро махлут кард ва ба счёт бисту як ҳазор андохт) — ту ба ман меорӣ ва бо таърихи ҳамин рӯз ба ман нишон медиҳӣ, ки чи қадар харҷ шудааст (Яков счётро махлут кард ва онро бар гардонд ва гӯё бо ин нишон медод, ки ин бисту як ҳазор низ ҳамчунон несту нобуд хоҳанд шуд). Ин лифофаро бо пуле, ки дар он аст, аз тарафи ман ба каси нишон додашуда хоҳӣ супурд.

Ман ба миз наздик истода будам ва ба хати рӯи лифофа нигоҳ кардам. «Ба Карл Иванович Мауер» навишта шуда буд.

Шояд ба он сабаб бошад, ки падарам пай бурда буд, он чиро ки ман бояд надонам, хонда будам, ӯ дасташро ба дӯши ман ниҳод ва бо ҳаракати мулоимонае аз миз дуртар рафтанамро нишон дод. Ман надонистам, ки ин навозиш буд ё танбеҳ, ба ҳар ҳол дасти бузурги пур аз рагу паи ӯро, ки бар дӯши ман хобида буд, бӯсидам.

— Ба чашм,— гуфт Яков.— Дар бораи пулҳои Хабаровка чӣ амр менамоянд?

Хабаровка деҳаи модарам буд.

— Дар контор нигоҳ дошта шавад ва бе амри ман ба ҳеҷ куҷо кор фармуда нашавад.

Яков чанд сония хомӯш монд; пас аз он ногаҳон ангуштони ӯ бо суръати зиёде ба ҳаракат омаданд ва ӯ қиёфати карахти итоаткоронае, ки бо он амру

фармони хоҷаи худро гӯш медод, ба як қиёфати маккоронаи зираконаи ба худаш хос иваз намуда ва счётро пеши худ кашида, ба сухан гуфтан шурӯъ кард:

— Иҷоза бидиҳед, ба шумо арз намоям, Петр Александрыч, боз шумо худатон медонед, вале, ба Шӯро дар мӯҳлати худаш пул фиристодан мумкин нест.— Шумо мефармоед, ки,— гӯён бо андак таваққуф давом намуд ӯ,— аз гарав, аз осиё ва аз беда бояд пул рӯёнем... (Ҳамаи инҳоро шумурда, ба счёт меандохт ӯ.) Ман метарсам, мабодо ки мо ба тахмини худ хато кунем,— гӯён илова намуд ӯ андаке сукут карда ва пурмаъноёна ба падарам назар дӯхта.

— Аз чӣ сабаб?

— Ана марҳамат фармуда, нигоҳ кунед: дар бораи осиё бошад, осиёбон як ду маротиба пеши ман омада буд ва хоҳиш кард, ки мӯҳлатро дарозтар кунем ва ба худову Масеҳ савганд ёд мекард, ки ӯ пул надорад... ӯ ҳоло ҳам ҳамин ҷо ҳозир аст: чӣ мефармоед, балки худатон бо ӯ гап мезанед?

— Ӯ чӣ мегӯяд? — пурсид падарам ва бо сараш чунон ишора кард, ки бо осиёбон гап задан намехоҳад.

— Ҳа, маълум аст, чӣ мегӯяд? Мегӯяд, ки тамоман орд накашидааст ва ҳарчи даромад будааст, ҳамаро барои дуруст кардани банди об ба кор бурдааст. Чӣ кор кунем, агар ӯро аз ин кор холӣ кунем, боз ҳам, *таҳсир*, аз ин кор ба мо фоида мешавад ё не? Дар бораи гаравҳо марҳамат фармуда гап задед, гӯё ман, дар ин бора ба хидмати шумо арз карда будам, ки пулҳои мо дар он ҷо нишаста мондаанд ва ба ин зудиҳо онҳоро аз он ҷо баровардан мумкин нахоҳад шуд. Ман чанд рӯз пеш ба шаҳр ба Иван Афанасьич як ароба орд бо руқъае дар ин бора фиристода будам: эшон боз ҳамчунон ҷавоб навиштанд, ки аз барои Петр Александрыч ман ин хидматро аз ҷону дил ба ҷо меовардам, вале кор дар дасти ман нест ва аз қавли эшон чунон мебарояд, ки пас аз ду моҳ ҳам эҳтимол санади шуморо ба даст даровардан мумкин нашавад. Марҳамат карда дар бораи беда гап задед, гирифтем, ки ба се ҳазор ҳам фурӯш шуд...

Ӯ ба счёт се ҳазор андохт ва як дақиқа хомӯш истода, гоҳ ба счёт ва гоҳе ба чашмони падар бо чунон қиёфае нигоҳ мекард:

«Шумо худатон мебинед, ки ин чӣ қадар кам аст! Ва бедаро ҳам агар ҳозир фурӯшем, аз баҳояш камтар меравад, худи ҷанобашон медонанд...»

Маълум буд, ки ӯ боз бисьёр далелҳо дорад ва, шояд аз ҳамин ҷиҳат бошад, ки падарам сухани ӯро бурид.

— Ман фармоишоти худамро дигар намекунам,— гуфт ӯ,— вале агар дар рӯёндани ин маблағҳо ҳақиқатан таъхире воқеъ шавад, онгоҳ аз маблағи Хабаровка ба қадри зарур гирифта меистӣ.

— Ба чашм.

Аз ифодаи чеҳра ва ангуштони Яков ҳувайдо мешуд, ки фармоиши охирин ба ӯ нашъаи зиёде бахшидааст.

Яков крепостной буд ва як одами хеле боғайрат ва содиқ буд; ӯ монанди ҳамаи гумоштагони нағзи дигар аз барои манфиати хоҷаи худаш аз ҳад зиёд сахтдастӣ мекард ва дар бораи манофеи хоҷааш мулоҳизаҳои аҷибу ғарибе дошт. Ӯ ҳамеша барои аз ҳисоби амлоки хонимаш зиёд кардани амлоки шахсии хоҷааш кӯшиши зиёде ба кор мебурд ва ҳамеша кӯшиш мекард, исбот намояд, ки ҳамаи даромаде, ки аз мулки хоним меояд барои масорифи Петровское ба кор бурда шавад (Ин ҳамон деҳае буд, ки мо он ҷо зиндагонӣ мегузарондем). Дар ҳамин лаҳза ӯ бисьёр ба худ меболид, зеро дар ин муддао ӯ тамоман муваффақ гашта буд.

Падарам бо мо салому алеккунон гуфт, ки акнун дар деҳа ҳаллӯкбозӣ карда гаштанамон кифоя аст, мо акнун хурдтарак нестем ва акнун вақти он расидааст, ки ҷиддитар ба хондан машгул гардем.

— Шумо, ба назарам, медонед, ки ман имрӯз шабона ба Москва ҳаракат хоҳам кард ва шуморо бо худ хоҳам бурд,— гуфт ӯ.— Шумо дар он ҷо ҳамроҳи модаркалонатон хоҳед зист, модаратон бошад, бо духтаракон дар ин ҷо хоҳад монд. Ва шумо инро хуб бидонед, ки барои модаратон танҳо шунидани он чиз, ки шумо дар он ҷо ба таҳсил дуруст шуғл мекунед ва аз

шумо он ҷо будагиҳо розӣ ҳастанд, хурсандӣ мебахшад.

Ҳарчанд аз тайёриҳое, ки чанд рӯз пештар сар шуда буд, ошкоро намудор буд, ки ҳодисаи аз одат берун дар пеш аст, бо ин ҳама ин тозагӣ моро бисьёр ба ҳайрат андохт. Володя сурх шуд ва бо садои ларзон супориши бибиҷонамро ба ӯ расонд.

«Ана хоби дидагиам чӣ маънӣ доштааст! — андешидам ман.— Илоҳӣ аз ин ҳам бадтар коре пеш наёяд».

Ба ҳоли бибиҷонам бисьёр дилам месӯхт ва бо ин ҳама он фикр, ки мо дар ҳақиқат бузург шудаем, маро хурсанд мекард.

«Агар мо имрӯз рафтанӣ бошем, шояд имрӯз дарс нашавад; чӣ хуб аст! — гуфта андешидам ман.— Фақат ба Карл Иваныч дилам месӯзад. Ӯро албатта рухсат хоҳанд дод, агар ҳамин тур намебуд, барои ӯ конверт тайёр намекарданд... Беҳтар буд, ки тамоми умр ин ҷо машғули таҳсил мебудем ва ба ҳеҷ ҷо сафар намекардем, аз бибиҷонамон ҷудо намешудем ва бечора Карл Иванычро низ озор намедодем. Ӯ ки бе ин ҳам бисьёр бадбахт аст!».

Ҳамин фикрҳо аз сари ман мегузаштанд; ман аз ҷои худ намеҷунбидам ва ба бандаки сиёҳи попӯши худ бо диққат менигаристам.

Падарам бо Карл Иваныч боз як чанд калима аз поин омадани барометр гуфтугӯ карда, ба Яков фармоиш дод, ки сагонро хӯрок надиҳад, то пеш аз сафар баъд аз наҳорӣ барои шунидани ғавғои тозиҳои ҷавон ба шикор барояд ва бар хилофи интизории ман, моро барои хондан фиристод, вале бо он ваъда тасалло дод, ки моро низ бо худ ба шикор хоҳад бурд.

Ҳангоме ки мо боло мерафтем, ман дар сари роҳ ба айвон сар халондам. Дар дами дар зери офтоб чашмашро нимпӯш карда саги дӯстдоштаи падарам Милка хобида буд.

— Милочка,— гуфтам ман онро навозишкунон ва пӯзашро бӯсакунон,— мо имрӯз меравем. Алвидоъ! Баъд аз ин мо ҳеҷ гоҳ ҳамдигарро нахоҳем дид.

Дилам ганда шуд ва ман гирья кардам.

Боби IV

ДАРСОМӮЗӢ

Карл Иваныч бисьёр димоғсӯхта буд. Ин аз абрувони чинкардааш ва аз он ки сюртукашро ба сӯи сандуқи рахт партофта фиристод ва аз он тарзе ки ғазаболудона камарбандашро мебаст ва аз он ки рӯи китоби суолу ҷавобро бо нохунаш сахт хат кашид, ки мо бидонем, то куҷо бояд ёд бигирем, намоён буд. Володя хуб мехонд; вале ман чунон парешон будам, ки қатъиян наметавонистам коре бикунам. Дуру дароз бешуурона ман ба китоби суолу ҷавоб чашм дӯхта нишастам, вале аз сиришке, ки дар чашмонам аз андешаи ҷудоии дар пеш будагӣ ҷамъ меомад, ёрои хондан надоштам; ҳангоме, ки онҳоро ба Карл Иваныч, ки чашмонашро нимпӯш карда ба ман гӯш медод (ва ин аломати бад буд) гуфта додан лозим шуд, дар худи ҳамон ҷое, ки яке мегӯяд: «Wo kommen sie her?»[1] ва дигаре ҷавоб медиҳад: «Ich komme vom Kaffe-Hause»[2], ман ашки худамро нигоҳ дошта натавонистам ва аз гирья забонам ба гуфтани ин ҷумла нагашта монд: «Haben sie die Zeitung nicht gelesen?»[3] Ҳангоме ки кор ба дарси ҳусни хат расид, аз ашкҳое, ки ба рӯи коғаз мечакиданд, чунон доғҳои сиёҳе пайдо шуд, ки гӯё ба коғази чизпечонӣ бо об хат менавишта бошам.

Карл Иваныч дар қаҳр шуд, маро ба зону нишонд, мегуфт, ки ин якраҳагист, зочабозист, (ин гуфтори дӯстдоштаи ӯ буд) маро бо ҷадвал таҳдиди задан мекард ва талаб мекард, ки узрхоҳӣ кунам, ҳол он ки ман аз оби дида ёрои як калима сухан гуфтан надоштам; оқибат гӯё ноҳақ будани худашро ҳис карда, ӯ ба хонаи Николай рафт ва дарро маҳкам баст.

Аз дарсхона гуфтугӯи дар хонаи амакии мо шуда истодагӣ шунида мешуд.

---

[1] «Шумо аз куҷо меоед?»
[2] «Ман аз қаҳвахона меоям»,
[3] «Шумо рӯзномаро нахондед?»

— Ту шунидастӣ, Николай, бачагон ба Москва мераванд? — гуфт Карл Иваныч ба хона даромада.

— Чӣ тур нашунавам, албатта шунидам.

Гӯё Николай аз ҷои худ бархостанӣ мешуд, ки Карл Иваныч гуфт: «Бинишин, Николай!» ва бевосита ин дарро бубаст. Ман аз кунҷак баромадам ва ба дар наздик омадам, то оҳиста гӯш андозам.

— Чи қадар ки ба мардумон некӣ бикунӣ ҳам, чи қадар ки ба онҳо дил бандӣ ҳам, маълум мешавад, ки аз эшон миннатдорӣ ва марҳамат набояд умед кунӣ, Николай? — гуфт Карл Иваныч мутаассирона.

Николай, ки дами тиреза машғули мӯзадӯзӣ буд, тасдиқкунон сари худро ҷунбонд.

— Ман дувоздаҳ сол аст, ки дар ин ҳавлӣ истиқомат мекунам ва худоро ҳозир дониста метавонам бигӯям, Николай, — гӯён давом намуд Карл Иваныч, чашмонашро ба боло дӯхта ва тамокудонашро ба тарафи шифти хона баланд карда, — ман инҳоро дӯст медоштам ва бо онҳо беҳтар аз он рафтор кардаам, ки бо бачагони худам карданам мумкин буд. Ту дар ёд дорӣ, Николай, ҳангоме, ки Володенька дар табларза месӯхт, ёдат ҳаст, ки чӣ тур ман нӯҳ рӯз чашм ба ҳам набаста пеши бистари ӯ нишаста будам. Оре! он ҳангом ман Карл Иванычи азиз ва меҳрубон будам, он рӯзҳо ман даркор будам; акнун бошад, чӣ, — гӯён илова намуд ӯ, лабханди истеҳзоомезе карда, — акнун *бачагон бузург шудаанд: онҳо бояд ҷиддитар ба таҳсил машғул шаванд.* Гӯё онҳо дар ин ҷо чизе ёд намегирифта бошанд, Николай?

— Ба гумонам, аз ин зиёд боз чӣ тур бояд бихонанд, — гуфт Николай, дирафшро ниҳода ва ресмонро бо ду дасти худ кашида.

— Оре, акнун ман нодаркор шудам, маро бояд пеш кард; ваъдаҳо куҷо рафт? миннатдориҳо чӣ шуд? Наталья Николаевнаро ман эҳтиром мекунам ва дӯст медорам, Николай, — гуфт ӯ дасти худро ба синааш ниҳода, — эй, дар ин ҷо ӯ чикорааст?.. иродаи ӯ дар ин хона гӯё ба ҳамин баробар аст, — гӯён бо як ҳаракати маънидор пораи чармеро ба замин андохт. — Ман медонам, ин найрангҳои кист ва барои чӣ ман нодаркор шудам: аз он ҷиҳат, ки ман *монанди дига-*

рон хушомад намегӯям, ва дар ҳар кор балегӯй намекунам. Ман ҳамеша дар ҳузури ҳама ба рост гуфтан одат кардаам,— гуфт ӯ муфтахирона.— Ҳаволаашон ба худо! Аз он ки ман дар ин хона нахоҳам буд, давлаташон зиёд нахоҳад шуд, ман бошам, худо карим аст, лаби ноне хоҳам ёфт... ҳамин тур нест магар, Николай?

Николай сарашро боло кард ва ба Карл Иваныч чунон назар афканд, ки гӯё мехост қаноат ҳосил кунад, ки ӯ лаби ноне тавонад ёфт ё не,— вале чизе нагуфт.

Карл Иваныч ҳамин ранг ва ба ҳамин адо бисьёр гап зад: ӯ дар бораи он ки хидмати ӯро дар хонаи кадом як генерал, ки ӯ пеш аз ин мезист, бештар ва беҳтар метавонистанд тақдир кунанд (инҳоро шунидан ба ман бисьёр аламовар буд), аз Саксония, аз падару модари худ ва аз дӯсти худ дарзӣ Schönheit ва аз ҳамин қабил чизҳо ҳикоят кард.

Ман ба андӯҳи ӯ ҳамдардӣ мекардам ва барои ман аламовар буд, ки падарам ва Карл Иваныч, ки ҳар дуи онҳоро қариб баробар дӯст медоштам, ҳамдигарашонро фаҳмида натавониста буданд; ман боз ба кунҷак рафтам, ба рӯи пошнаҳои худ нишастам ва дар бораи он муҳокима мекардам, ки бо чӣ роҳе дар миёни онҳо мувофиқат барқарор бояд кард.

Карл Иваныч ба дарсхона баргашта ба ман амр кард, ки аз ҷо бархезам ва дафтари худро барои навиштани имло омода созам. Ҳангоме ки ҳама чиз ҳозир шуд, ӯ киборона ба креслои худ фурӯ нишаст ва бо садое, ки гӯё аз чуқурие мебаромад, ба имло кардани инҳо оғоз намуд: «Von al-len Lei-den-schaf-ten die grau-samste ist... haben sie geshrieben?»[1] Дар ин ҷо ӯ бозистод, оҳиста ба биниаш тамоку кашид ва бо қувваи нав суханашро давом дод: «die grausamste ist die Un-dank-bar-keit... Ein grosses U»[2]. Калимаи охиринро навишта дар интизори давоми он ман ба ӯ нигоҳ кардам.

[1] «Аз ҳамаи айбҳо вазнинтараш... навиштед?»
[2] «аз ҳама вазнинтараш ҳақношиносист... бо ҳарфи калон»,

— Punctum [1],— гуфт ӯ бо як лабханде, ки ба зӯр намоён мешуд, ва ишора кард, ки мо дафтарҳоямонро ба ӯ диҳем.

Чанд дафъа бо оҳангҳои рангоранг ва бо чунон ифодае, ки гӯё лаззати бузурге аз ин гуфтаҳо, ки андешаи ниҳонии ӯро баён менамуд, бурда истода бошад, онҳоро хонд; пас аз он ба мо аз таъриф вазифа дод ва пеши тиреза нишаст. Чеҳраи ӯ мисли пештара андӯҳгин набуд; он ризомандии касеро ифода менамуд, ки барои озоре, ки расонидаанд, интиқоми муносиб гирифта бошад.

Соат чорьяк кам як буд; вале гумон мерафт, ки Карл Иваныч ҳанӯз хаёли моро рухсат додан надорад: ӯ ба мо сабақҳои тоза ба тоза медод. Дилтангӣ ва иштиҳои хӯрокхӯрӣ баробар зиёд мешуданд. Ман бо бетоқатии зиёде ба ҳамаи аломатҳое, ки наздик будани наҳориро нишон медод, диққат мекардам. Инак катбону бо дастмол барои шустани табақҳо рафта истодааст, инак овози табақҳо аз шарбатхона меояд, мизро калон мекушоянд, курсиҳоро мегузоранд, инак Мими бо Любочка ва Катенька (Катенька духтараки дувоздаҳсолаи Мими аст) аз боғ меоянд; вале Фока — сарпешхидмат Фока, ки ҳамеша омада эълон мекард, ки таом тайёр аст, ҳанӯз ба назар намеомад. Танҳо ҳамон вақт ки ӯ омад, мумкин аст, китобро дур андозему ба Карл Иваныч эътибор накарда ба поён бидавем.

Инак аз зинапояҳо овози қадам шунида шуда истодааст; вале ин Фока нест! Ман тарзи рафтори ӯро медонам ва овози ғирч-ғирчи мӯзаи ӯро мешиносам. Дар боз шуд ва як ҳайкали тамоман барои ман ношиносе намудор гашт.

Боби V

ДЕВОНА

Марди тақрибан панҷоҳсолае ба хона даромад, ки ранги парида, чеҳраи дарози пур аз доғи нағзак, мӯи сафеди дарозе ва риши каммӯи зарде дошт. Ӯ чунон қоматбаланд буд, ки барои аз дар даромадан, на тан-

[1] Нуқта.

ҳо сарашро, балки тамоми қоматашро ба хам кардан маҷбур буд. Ӯ як чизи дарида ва пора-порае дар бар дошт, ки ба кафтан ва зерабоӣ шабоҳат дошт; дар даст асои бузурге гирифта буд. Ба хона даромада ӯ асои худашро ба замин сахт кӯфт ва абрувонашро каҷ карда, даҳонашро аз андоза бештар боз намуда, хандаи даҳшатовари ғайритабиӣ карда сар дод. Як чашми ӯ нуқсоне дошт ва мардумаки сафеди ин чашм беором ҷасту хез мекард ва ба чеҳраи баднамояш боз як намуди манфуртаре медод.

— Ҳа! ба даст афтодед! — гӯён фарьёд кашид ӯ, бо қадамҳои хурд-хурдаке ба сӯи Володя давида, сари ӯро дошт ва ба фарқи сари ӯ бо диққат нигоҳ кардан гирифт, пас аз он бо адои тамоман ҷиддӣ аз он дур шуд ва ба миз наздик шуда ба зери мушаммаъ суфукуф гӯён салиб кашидан гирифт.— О-оҳ, ҳайф! О-оҳ, афсӯс!... дилбандон... парида мераванд,— гӯён пас гап сар кард ӯ бо овози аз гирья ларзон ва бо дилсӯзӣ ба Володя чашм дӯхта ашкҳои дар ҳақиқат рехта истодаашро бо остинаш пок кардан гирифт.

Садои ӯ гӯшхарош ва хиррӣ буд, ҳаракаташ шитобкорона ва ноҳамвор, гуфтаҳояш бемаъно ва беробт (ӯ ҳеҷ гоҳе замирҳоро ба кор намебурд), вале зарби калимаҳо чунон таъсирнок ва чеҳраи зарду бадгили ӯ гоҳе чунон кушоду равшан адои андӯҳнокӣ ба худ мегирифт, ки ба ӯ гӯш дода аз як эҳсоси номафҳуми аз дилсӯзӣ ва хавфу андӯҳ таркиб ёфта худдорӣ кардан мумкин намешуд.

Ин мард Гришаи дар ба дари девона буд.

Куҷоӣ буд ӯ? падару модари ӯ кӣ буданд? чӣ боис шуда буд, ки ӯ ин тур тариқаи ҳаёти сайёҳонаро пеш гирифта буд? Касе аз ин огоҳ набуд. Ҳамин қадар медонам, ки ӯ аз соли понздаҳӯм сар карда ба девонагӣ машҳур шуд, ки зимистону тобистон побараҳна мегашт, савмааҳоро зиёрат мекард, суратҳои азизони калисоро ба ҳар касе, ки дӯст медошта бошад, ҳадя мекард ва суханҳои муаммодоре мегуфт, ки баъзеҳо онро пешбинӣ гӯён мепазируфтанд, ҳеҷ гоҳ касе ӯро дар қиёфати дигаре аз он, ки акнун дошт, надида буд; гоҳе ӯ ба ҳузури модаркалонам меомадааст, баъзеҳо мегуфтанд, ки ӯ фарзанди бадбахти яке аз сарватман-

дон аст, покдил ва софтинат аст, вале дигарон ӯро саҳрой ва танбал мегуфтанд.

Оқибат Фока, ки марди вазифашинос буд, ва омадани ӯро мо дербоз орзу мекардем, даррасид ва мо ҳамагӣ ба поён раҳсипор шудем. Гриша фиқ-фиқ мекард, ва ба гуфтани ҳар сафсаттае, ки ба даҳонаш ояд, давом намуда аз паси мо меомад ва бо асои худ зинапояҳоро мекӯфт. Падару модарам даст ба даст дошта дар меҳмонхона қадам мезаданд ва оҳиста дар бораи чизе гуфтугӯ мекарданд. Марья Ивановна дар яке аз креслоҳо, ки дар вазъияти кунҷи рост мутаносибона ба диван пайваста буд, ботамкин менишаст ва бо оҳанги қатъӣ ва муаддабона ба духтараконе, ки наздики ӯ ҷой гирифта буданд, панду насиҳат медод. Карл Иваныч ки ба хона даромад, Марья Ивановна ба ӯ назаре афканд ва дафъатан рӯяшро гардонд ва чеҳраи ӯ адое гирифт, ки онро чунин таъриф кардан мумкин мешуд: ман ба шумо эътиное надорам, Карл Иваныч. Аз чашмони духтаракон чунон ҳувайдо мешуд, ки онҳо бисьёр мехоҳанд, ба мо хабари тозаеро бидиҳанд; вале аз ҷояшон ҷаста, ба сӯи мо омадан вайрон кардани одоб ва қоидаҳои Мими ҳисоб мешуд. Мо боист аввалан ба ӯ наздик меомадем ва мегуфтем: «Bonjour, Mimi»[1] поямонро ба ҳам мезадем, он гоҳ иҷоза мешуд, ки мо ба сухан гуфтан дароем.

Чӣ шахси гаронтабъе буд ин Мими! Дар ҳузури ӯ баъзан ҳеҷ гуна сӯҳбате кардан мумкин набуд: ӯ ҳамаашро берун аз одоб меёфт. Илова бар он ӯ ҳамеша «Parlez donc français»[2], гуфта исрор менамуд, ва ҳол он ки дар он лаҳза гӯё қасдан бошад, диламон мехост русӣ гуфтугузор намоем; ё ин ки дар ҳангоми наҳорихӯрӣ акнун мазаи ягон хӯрокро меёбед ва мехоҳед касе ба шумо халал нарасонад, вай бошад албатта «Mangez donc avec du pain» ё ки «Comment ce que vous tenez votre fourchette?»[3] гӯён танбеҳ мекард. Онгоҳ ба дили мо мегузашт: «ӯ ба мо чӣ кор дорад! дух-

[1] «Субҳатон ба хайр, Мими!»

[2] «Охир, ба французӣ ҳарф занед»,

[3] «Бо нон бихӯред, охир», «Чангчаро чӣ тур ба даст гирифтаед?»

тарони худашро ёд додан гирад, барои ин кор мо Карл Иваныч дорем». Ман ба нафрати Карл Иваныч нисбат ба *дигарон* тамоман иштирок меварзидам.

— Аз бибиҷонатон хоҳиш кун, ки моро ба шикор ҳамроҳ бубаранд,— гуфт Катенька оҳиста зери лаб, маро аз курткаам гирифта нигоҳ дошта, ҳангоме ки калонҳо ба хонаи таомхӯрӣ гузашта рафтанд.

— Хуб, кӯшиш мекунем.

Гриша дар хонаи таомхӯрӣ наҳорӣ мехӯрд, вале дар сари мизчаи ҷудогона нишаста буд; ӯ аз табақи худ сарашро боло намебардошт; гоҳ-гоҳе оҳ мекашид, афти худашро ба шаклҳои даҳшатоваре меандохт ва гӯё худ ба худ сухан мегуфт; ҳайф!.. париду рафт... кабӯтар ба сӯи осмон парвоз мекунад... оҳ, дар рӯи қабр санг!.. ва ҳамин тур гапҳои дигар.

Модарам аз худи сари субҳ парешонҳол буд; ҳузур, гуфтор ва ҳаракатҳои Гриша ин парешонии ӯро зиёдтар мекарданд.

— Ҳа, кам монда буд, ки аз ту дар бораи чизе хоҳиш карданро фаромӯш кунам,— гуфт ӯ ҳангоме ки ба падарам табақи шӯрборо дароз мекард.

— Чӣ будааст он?

— Марҳамат карда бифармой, ки сагҳои даҳшатнокатро ба хонаҳошон барбанданд, вақте ки Гриша аз рӯи ҳавлӣ мегузашт, ин бечораро қариб газида буданд. Онҳо ҳамин тур ба бачагон низ метавонанд ҳамла оваранд.

Чун Гриша шунид, ки дар бораи ӯ сухан меравад, рӯи худро ба тарафи миз гардонд ва домани даридаи либосашро нишон дода ва хӯрокро хоида-хоида гуфтан гирифт:

— Мехост, ки бигазанд... Худо нахост. Сагонро киш додан гуноҳ! гуноҳи бузург! Назан, *калон*,[1] задан чӣ? Худо меомурзад... на он чунон рӯзҳо.

— Ӯ чӣ мегӯяд? — гӯён пурсид падарам ба ӯ бо диққат ва номулоимона нигоҳ карда.— Ман чизе аз он намефаҳмам.

— Ман мефаҳмам,— гӯён ҷавоб дод модарам,— ӯ ба ман ҳикоя карда буд, ки як шикорчӣ қасдан ба сӯи

[1] Ӯ ҳама мардҳоро бе ҳеҷ истисно ҳамин тур меномид.

ӯ сагашро боз карда аст, ҳамонро мегӯяд: «Мехост, ки маро хоида партоянд, вале худо роҳ надод», ва аз ту хоҳиш мекунад, ки ӯро барои ин ҳаракаташ ҷазо надиҳӣ.

— Ҳа, ҳамин тур гӯед! — гуфт падарам.— Аз куҷо медонад, ки ман он шикорчиро ҷазо доданӣ ҳастам? Ту медонӣ, ман ки ба ин тоифа мардум хуш надорам,— гӯён давом намуд падарам ба забони французӣ,— ва хусусан ин ҳеҷ ба хушам наёмад ва бояд, ки...

— Эй, ин тур нагӯй, дӯстам,— гӯён сухани ӯро бурид модарам, гӯё аз чизе ҳаросида бошад,— ту аз куҷо медонӣ?

— Ба гумонам, ин тоифа мардумро ман хуб шинохтаам, онҳо пеши ту чӣ қадар бисьёр меоянд — буриши ҳамаи онҳо як хел. Ҳамеша «ҳамон тос, ҳамон ҳаммом».

Маълум мешуд, ки бибиҷонам дар ин бора тамоман назари дигаре дорад ва намехоҳад мубоҳиса намояд.

— Санбӯсаро ба ман дароз кун, азизам,— гуфт модарам.— Чӣ туранд онҳо имрӯз, хубанд?

— Не, маро ба ғазаб меоварад,— гӯён давом намуд падарам, дар ҳолате, ки санбӯсаро ба даст гирифта буд ва онро дар чунон масофае дар дасти худ нигоҳ медошт, ки модарам гирифта наметавонист,— не вақте ки мебинам, мардумони бо ҳушу илм ба ин гуна найрангҳо фирефта мегарданд, ин маро ба ғазаб меоварад.

Ва ӯ бо чангча мизро кӯфт.

— Ман аз ту хоҳиш кардам, ки ба ман санбӯса гирифта диҳӣ,— гӯён такрор кард модарам, дасти худро дароз карда.

— Ва бисьёр хуб мекунанд, ки — гӯён давом намуд падарам, дасташро ақиб бурда,— ин қабил касонро дар полис менишонанд. Манфиате ки аз онҳо мерасад, ҳамон қадар аст, ки ба он ҳам асаби сусти баъзе касонро боз ҳам бештар аз кор мебароранд,— гӯён илова намуд ӯ бо лабханде, ҳангоме пай бурд, ки ин гуфтугузор ба модарам хуш намеояд, пас аз он санбӯсаро ба ӯ дод.

— Ман дар ин бора ба ту ҳамин як чизро мегӯям: бовар кардан мушкил аст, касе ки синнаш ба шаст расида бошад ҳам, ба ин пиронасарӣ нигоҳ накарда зимистону тобистон побараҳна гардад ва дар зери либосаш берун наёварда ду пуд меомадагӣ занҷир бикашад ва на як бор таклифҳои осуда бо ҳама таъминоти зиндагонӣ умр ба сар бурданро рад намояд,— бовар кардан ба ин матлаб душвор аст, ки ҳамин тур кас ҳамаи ин гирудорро фақат аз танбалӣ мекарда бошад.

— Дар бораи аз оянда хабар доданҳо бошад,— гӯён илова намуд модарам оҳе кашида ва андаке сукут карда,— je suis payée pour y croire [1]; ман, гӯё ба ту ҳикоя карда будам, ки чи тур Кирюша ба марҳум падарам рӯзу соати вафоти ӯро пешакӣ хабар дода буд.

— Эҳ, ту бо ман чӣ кор кардӣ! — гуфт падарам хандакунон дасти худро аз он сӯе, ки Мими нишаста буд, ба даҳонаш часпонда (ҳангоме, ки ӯ ин тур мекард, ман ҳамеша бо диққати зиёде мунтазири ҳодисаи хандаоваре мешудам).— Аз чӣ сабаб ту пои ӯро ба ёди ман овардӣ? Ман ба он нигоҳ кардам ва акнун чизе аз гулӯям намегузарад.

Наҳорӣ ба охир мерасид. Любочка ва Катенька ором нагирифта ба мо чашмак мезаданд, рӯи курсиҳояшон меҷунбиданд ва умуман бисьёр нороҳатӣ нишон медоданд. Ин чашмакзанӣ чунин маънӣ дошт: «шумо чаро хоҳиш намекунед, ки моро ба шикор боҳам бубаранд?» Ман бо оринҷам Володяро тела додам, Володя маро тела дод ва оқибат қасди гуфтан кард: нахуст бо овози беҷуръатона, пас аз он бо овози хеле баланд ва қатъӣ гуфт, ки чун мо имрӯз бояд биравем, аз он ҷиҳат мо орзу доштем, ки духтаракон низ бо мо имрӯз ба ароба савор шуда ба шикор бираванд. Пас аз машварати мухтасаре миёни бузургон, ин масъала ба манфиати мо ҳал шуд ва боз хушояндтараш ин буд: модарам гуфт, ки худаш ҳам бо мо ҳамроҳ хоҳад рафт.

---

[1] ман беҳуда ба ин бовар мекардагӣ нашудаам; (*фр*).

Боби VI

ТАЙЁРӢ БА ШИКОР

Дар ҳангоми хӯрдани ширинӣ Яковро садо карданд ва фармуданд, ки ароба, саг ва аспҳои саворӣ ва дигар хурду реза чизҳои зарурӣ — ҳама ба тамоми камол ҳозир шавад, ҳатто аспҳо як-як номбар карда шуд. Аспи Володя мелангид; падарам барои ӯ аспи шикорӣ ҳозир карданро фармуд. Ин таъбири «аспи шикорӣ» ба гӯши модарам як навъ аҷиб расид: ба ӯ чунон намуд, ки аспи шикорӣ бояд чизе ба як ҳайвони ваҳшӣ монанд бошад ва он албатта Володяро гирифта мегурезад ва ӯро мекушад. Ҳарчанд падарам ва Володя дар ин бора эзоҳ медоданд ва худи Володя ҳам бо як баҳодурии тааҷҷубоваре мегуфт, ки ин ҳеҷ аҳамияте надорад ва ӯ бисьёр дӯст медорад, ки аспӣ ӯро гирифта гурезад, аммо бибиҷони бечораам ҳамоно такрор мекард, ки ин кор дар тамоми муддати сайр ӯро азоб хоҳад дод.

Наҳорӣ тамом шуд; бузургон ба кабинет барои қаҳва хӯрдан рафтанд, моён ба боғ давидем, то ки дар роҳу пайраҳаҳо бо поямон баргҳои зард шуда афтодаи дарахтро хашар-хашаркунон бозӣ кунем ва гапзанон кунем. Гап аз он сар шуд, ки Володя ба аспи шикорӣ савор хоҳад шуд ва дар он бора гап задем, ки магар айб нест, ки Любочка назар ба Катенька сусттар метозад, боз гуфтем, ки занҷири Гришаро дидан чи аҷиб мешуд ва монанди инҳо; дар бораи он ки мо аз ҳамдигар ҷудо хоҳем шуд, ҳарфе гуфта нашуд. Гуфтугузори мо бо тақар-тақари аробаи наздик расидаомада бурида шуд, ки дар ҳар тири он ароба бачае аз пешхидматон нишаста буд. Аз паси ароба шикорчиҳо бо сагон, аз паси онҳо аробакаш Игнат бар аспи барои Володя муқаррар шудагӣ меомад ва клепери[1] пештараи маро аз ҷилаваш кашида меовард. Аввал мо ҳамагӣ ба сӯи девор давидем, ки аз он ҷо ҳамаи ин чизҳои аҷибу ғариб намудор буданд, пас аз он бо ғавғову талотӯб боло давидем, ки либосҳоямонро дар бар кунем ва ончунон либосҳо бипӯшем, ки то мум-

[1] Зоти аспҳои қадпасти тезгард.

кин аст бештар ба шикорчиён шабоҳат дошта бошем. Яке аз он чораҳо пойҷомаро ба мӯзаҳо андохтан буд. Ҳеҷ сустӣ накарда мо ба анҷоми ин кор кӯшидем ва шитоб мекардем, ин корро зудтар ба итмом бирасонем ва ҳарчи зудтар ба таги дар бидавем, ки аз тамошои сагҳо ва аспҳо ва аз сӯҳбат бо шикорчиён бебаҳра намонем.

Рӯз гарм буд. Абрҳои сафеди аҷоибшакл ҳанӯз аз худи пагоҳон сар карда дар уфуқ намудор буданд; пас аз он шамолаке онҳоро ба ҳам наздиктар меовард, чунон ки онҳо гоҳо рӯи офтобро мегирифтанд. Абрҳо ҳарчанд ки мегаштанд ва сиёҳӣ мезаданд, вале барои онҳо муқаррар набуд, ки раъду барқ ангезанд ва бо он ба кайфу сафои мо дафъаи вопасин халал бирасонанд. Бегоҳонӣ онҳо боз парешон шудан гирифтанд: баъзешон камранг гаштанд ва дарозтар шуда дар уфуқ мегурехтанд, қисми дигарашон дар худи болои сар ба як пулакчаи шаффофи сафед мубаддал гаштанд; фақат як абри сиёҳи калоне дар самти машриқ бозистод. Карл Иваныч ҳамеша медонист, ки кадом абр кадом сӯ ҳаракат хоҳад кард; ӯ эълон намуд, ки ин абр ба сӯи Масловка меравад, борон нахоҳад борид ва ҳаво бисьёр олӣ хоҳад шуд.

Фока ба пиронсолагии худ нигоҳ накарда аз зинапоя шитобкорона ва моҳирона фуруд омад ва: «Биёр!» гуфта фарьёд зад ва пойҳояшро андаке кушода, дар миёнаҷои роҳрав дар байни остона ва он ҷое, ки боист аробакаш аробаро ронда меовард, дар қиёфати касе, ки барои ба ӯ вазифаашро ёдоварӣ кардан эҳтиёҷ нест, устуворона рост истод. Хонимҳо берун омаданд ва пас аз гуфтугӯи кӯтоҳе, ки кадомашон дар куҷо бояд бинишинанд ва кӣ киро бояд бидорад (ҳарчанд ба ман чунон меомад, ки доштани касе касеро ҳоҷат набуд), ба ароба нишастанд, соябонҳоро боз карданд ва равон гаштанд. Ҳангоме ки ароба ҳаракат кард, бибиҷонам ба «аспи шикорӣ» ишоракунон бо овози ларзон аз аробакаш пурсид:

— Ин асп барои Владимир Петрович аст?

Ва ҳангоме ки аробакаш ҷавоби мусбат дод, ӯ даст афшонд ва рӯяшро гардонд. Ман бисьёр бесабрӣ мекардам: ба аспаки худ савор шудам, ба миёни гӯшҳои

ӯ нигоҳ кардам ва дар рӯи ҳавлӣ чанд қадам гардиш намудам.

— Сагҳоро лутфан зери по накунед, — гуфт ба ман яке аз шикорчиён.

— Хотирҷамъ бош, дафъаи нахустин нест барои ман, — гӯён мағрурона ҷавоб мегуфтам ман.

Володя ба «аспи шикорӣ» бинишаст ва ба табиати устуворонааш нигоҳ накарда, андаке дар изтироб буд, онро молиш ва хориш кард ва чанд дафъа такроран пурсид:

— Хушҷилав аст он?

Аммо дар болои асп ӯ бисьёр хуб нишаста буд, гӯё ки одами бузурге бошад. Ронҳояш, ки либоси часпон дошт, рӯи зин чунон ҷой гирифта буданд, ки ман рашк мебурдам, зеро он қадар, ки сояи худро мушоҳида мекардам, мисли ӯ наметавонистам хушнамо бинишинам.

Инак овози пои падарам дар рӯи зинапоя шунида шуд; сагбон тозиҳои ба ҳар тараф гурехтаро наздик ронд; шикорчиёне, ки бо сагҳои дигар шикор мекарданд, сагҳои худро садо карданд ва ба аспҳошон савор шудан гирифтанд. Ҷилавдор аспро ба пеши дар кашид, сагҳои тӯдаи падарам, ки то он замон бо вазъияти гуногуни хушнамо дар атрофи асп хобида буданд, худро ба тарафи падарам андохтанд. Аз паси ӯ дар гарданбанди минчоқӣ оҳани гарданбандашро ҷингирҷингир кунонда хушҳолона Милка низ давида баромад. Ин саг ҳамеша, ҳангоме ки берун мебаромад, бо сагони кучукхона салому алек мекард: бо баъзеи онҳо бозӣ мекард, бо дигаронаш бӯйкашию ғурриш мекард ва кайки баъзеашонро мекофт.

Падарам ба асп нишаст ва мо ба роҳ афтодем.

Боби VII

ШИКОР

Сардори сагбонҳо, ки Турка меномидандаш, болои аспи кабуди камонбинӣ бо телпаки сермӯй, бо шайпури каҷи шикорӣ бар дӯш ва корде дар камар пеш-пеши ҳама мерафт. Аз намуди зоҳирии тира ва

ваҳшиёнаи ин мард кас бештар чунон мепиндошт, ки ӯ гӯё ба ҷанги ҳалокатоваре меравад, на ба шикор. Давру бари пои пушти аспаш як тӯда саги шикории рангоранги ба якдигар бастагӣ бесаришта медавиданд. Он саги бебахте, ки ақиб монданӣ мешуд, ба чӣ ҳоли таассуфоваре гирифтор мегашт. Барои ӯ лозим меомад, ки бо зӯр овардани зиёде ҳамроҳи худашро бо худ бикашонад ва дар он вақте, ки ӯ ба ин муваффақ мешуд, яке аз сагрононе, ки аз ақиб меомад, албатта, ӯро бо тозьёна мезад ва мегуфт: «Ба тӯда!». Падарам аз дарвоза баромада ба шикорчиён ва ба мо фармуд, ки бо роҳ биравем ва худаш аспро ба майдони ҷавдор биронд.

Ғалладаравӣ дар айни гармиаш буд. Дашти бепоёни зарди ҷилодор фақат аз як тарафаш ба бешаи қадбаланди кабуде мепайваст, ки ба назари ман он беша он замон як сарзамини асрорангези дуро-дуре меомад, чунон гумон мекардам, ки гӯё дар ҳамон ҷо дунъё тамом мешуда бошад ё аз он ҷо он тараф мамлакатҳои беодам сар мешуда бошад. Ҳамаи дашт бо ғарамҳо ва мардумон пӯшида шуда буд. Дар миёни ҷавдори баландпояи ғулӣ ҳар ҷо-ҳар ҷо, дар қитъаҳои даравшуда пушти хамидаи даравгарзане ва мавҷафшонии хӯшаҳое, ки ҳангоми дар миёни дасту панҷаҳояш гирифтани онҳо ва зани дигаре, ки дар гӯшаи соядоре болои гаҳворае хам шуда буд, ва бандҳои ҷавдор, ки дар ангор, дар миёни шукуфаҳои гули бута дар ҳар тараф афтода буданд, намудор мешуданд. Дар тарафи дигар, деҳқонон тани курта рӯи аробаҳо рост истода бандҳои ҷавдорро мечиданд ва саҳни дашти хушки тафсонро аз чанг пур мекарданд. Арбоб, ки мӯза пӯшида ва чакман ба дӯш андохта буд ва дар даст хатчӯб дошт, аз дур ки падарамро дид, кулоҳдомани васеи худашро кашид ва сари сурхмӯй ва риши арақкардаашро бо дастмол пок карда ба сӯи занҳо дӯғ задан гирифт. Аспаки ҷиран, ки падарам ба он савор буд, сабук ва шӯх қадам мепартофт ва гоҳе сари худро ба синааш хам карда лаҷомро мекашид ва думи ғафсашро ба ҳар тараф зада магас ва хармагасҳоро, ки ҳарисона ба ӯ мечаспиданд, аз худаш меронд. Ду саги шикорӣ думҳошонро маҳкам дос-

вор хам карда, пойҳошонро болo бардошта, дар рӯи пояҳои баланди ангор бо як тарзи хиромон аз паси пои асп меҷаҳиданд; Милка пеш-пеш медавид ва сарашро хам карда мунтазири мазачашак буд. Гуфтугӯи мардумон, овози пои аспон, садои аробаҳо, хониши хушҳолонаи вартишҳо, виззоси ҳашарот, ки бо тӯдаҳои беҳаракат дар ҳаво печ мехӯрданд, бӯи дармана ва коҳ, бӯи арақи аспҳо, ҳазорҳо рангҳои гуногун ва сояҳо, ки офтоби тамузӣ ба рӯи ангори зард ва бешаҳое, ки дар дуро-дур кабуд метобанд, ба рӯи абрҳои сафеди бунафштоб мепошид, нахҳои сафеди тори анкабуд, ки дар ҳаво, кашолон-кашол мегаштанд ё дар рӯи ангор мехобиданд — ҳамаи инҳоро ман медидам, мешунидам ва ҳис мекардам.

Ба бешаи Калинов наздик расида мо аробаи одамсавориро дар он ҷо дидем ва берун аз интизорамон боз як аробаи якаспа ҳам ёфтем, ки дар миёни он шарбатдор нишаста буд. Аз зери пахол самовар ва чалаке бо асбоби бастанисозӣ ва боз як даста буқча ва қуттичаҳои хушоянди ҷозибанок намудор буданд. Саҳв кардан мумкин набуд: ин адавоти чойхӯрӣ буд барои дар ҳавои тоза хӯрдани чой, бастанӣ ва мева. Аробаи якаспаро ки дидем, мо хурсандии худро бо шӯру ҳаяҷон изҳор кардем, зеро хӯрдани чой дар рӯи сабзаи бешазор ва умуман дар чунин ҷое, ки ҳеҷ кас ҳеҷ гоҳ нахӯрдааст, кайфу нашъаи бузурге ба шумор мерафт.

Турка ба нишемангоҳи мо наздик омада истод ва бо диққат ба гуфтаҳои падарам гӯш дод, ки чӣ тур бояд саф кашид, ба куҷо бояд баромад (вале ӯ ҳеҷ гоҳ ба ин тартибот ва роҳнамоиҳо риоя намекард ва ҳамеша аз донистагии худаш наметонд), сагҳоро аз ҳам кушод, шитоб накарда ресмони онҳоро ба пушти зин баст ва ба асп нишаст ва ҳуштаккашон дар паси паттаҳои дарахти тӯс аз назар ғоиб шуд. Тозиҳо, ки яла шуда буданд, пеш аз ҳама бо ҷунбондани думҳояшон хушнудии худашонро нишон доданд, худашонро афшонданд, қоматашонро рост карданд, пас бо хезкашиҳои хурд-хурд бӯйкашон ва думҷунбон ба ҳар сӯ давида рафтанд.

— Ту рӯмол дорӣ? — гӯён пурсид падарам.

Ман аз киса бароварда нишонаш додам.

— Хуб, ин тур бошад, ин саги хокистаррангро ба рӯмолат баста гир...

— Жиранро? — гуфта пурсидам ман бо чунин қиёфате, ки гӯё ҳама чизро медониста бошам.

— Ҳа, ва аз ҳамин роҳ давида рав. Ҳангоме ки ба майдон мерасӣ, биист ва ҳушьёр бош: назди ман бе харгӯш наёй!

Ман гардани сермӯи Жиранро бо рӯмол печонда гирифтам ва шитобон ба тарафи маконе, ки муайян шуда буд, давидам. Падарам механдид ва аз ақибам ба ман фарьёд мекашид:

— Зудтар, зудтар, вагарна дер мемонӣ!

Жиран дам ба дам як истода мегирифт, гӯшҳояшро боло мекашид ва ба киш-киш додани шикорчиён гӯш медод. Ман қуввати ӯро аз ҷой ҷунбондан надоштам ва барои ҳамин ба фарьёд кардан сар мекардам: «Бигир! Бигир!» Онгоҳ Жиран чунон бо зӯрӣ худашро пеш меандохт, ки ман ӯро ба зӯру ба азоб нигоҳдоштан метавонистам ва то ба шикоргоҳ расидам, на як дафъа аз по афтодам. Дар назди бехи дарахти булути қадкашидае як ҷои соя ва ҳамворе интихоб намуда ба рӯи сабза дароз кашидам ва Жиранро наздики худ нишонда мунтазир шудам.. Мухайилаи ман, чи ранге ки дар ин тур мавқеъҳо мешавад, аз ҳақиқат хелё пештар парвоз карда рафт: ман хаёл мекардам, ки акнун, дарозгӯши саввумиро таъқиб мекунам ва дар ҳамин ҳангом тозии нахустин овоз дод. Овози Турка дар беша баландтар ва боҷонтар акс меандохт; тозӣ чингос мезад ва овози ӯ аз пештара бештар ба гӯш мерасидагӣ шуд; ба ӯ дигар садои ғафстаре ҳамроҳ шуд, пас аз он овози саввӯмӣ, чорӯмӣ... Ин овозҳо гоҳе хомӯш мешуданд, гоҳе якдигарашонро мебуриданд. Овозҳо то рафт бошиддаттар ва давомноктар мешуданд ва оқибат ба як ғулғулаи баланди пайваст мубаддал гаштанд. *Ин ҳитъаи беша пур аз садо шуда буд ва тозиҳо ҷастухезкунон медавиданд.*

Инро шунида ман дар ҷои худам шах шуда мондам. Чашмамро ба доманаи беша дӯхта, як табассуми бемаъное мекардам; арақ аз сару рӯям жолавор дар чакидан буд ва ҳар чанд қатраҳои он аз манаҳи ман

давон шуда маро ғил-ғила мекард, ман онро пок намекардам. Ба ман чунон меомад, ки аз ин бештар фурсати қатъитаре наметавонад бошад. Вазъияти ин навъ шиддат бисьёр ғайри табиӣ буд, то ки зиёд тӯл кашад. Тозиҳо гоҳе дар худи канори беша аккос мезаданд, гоҳе андак-андак аз ман дур мешуданд; харгӯш набуд. Ман ба ҳар тараф нигоҳ кардан гирифтам. Ҳоли Жиран низ ҳамчунон буд: дар аввали кор ӯ худашро ба ҳар тараф меандохт, чингос мезад, баъдҳо наздики ман дароз кашид, пӯзашро болои зонуи ман ниҳод ва ором шуд.

Дар наздики решаи бараҳнашудаи ҳамон дарахти булут, ки дар зери он ман менишаста будам, дар замини хушки хокистарранг, дар миёни баргҳои хушк, донаҳои тухми дарахти булут ва шохчаҳои хушкшудаи рӯяшон мағор гирифта, дар байни ушнаи зарди сабзтоб ва сабзаи кабуду борике, ки дар ҳар ҷо-ҳар ҷо баромада буд, мӯрчагони бисьёре дар таку дав буданд. Онҳо аз паси ҳамдигар бо роҳу пайроҳае, ки худашон сохта буданд, медавиданд: баъзешон бо худ бор мекашиданд, баъзешон салт буданд. Ман шохчаеро ба даст гирифта бо он роҳро бастам. Бояд тамошо мекардед, ки чӣ тур таҳлукаро эътиное накарда баъзеяшон аз зераш, баъзеяшон аз болои он мегузаштанд; аммо баъзеяшон, хусусан онҳое, ки бор доштанд, тамоман гаранг шуда мемонданд ва намедонистанд, ки чӣ кор кунанд: меистоданд, аз давру бар роҳ ҷустуҷӯ мекарданд ё ки пас мегаштанд, ё аз рӯи шохча то болои дасти ман мебаромаданд ва гӯё ният доштанд, ки дар зери остини курткачаи ман дароянд. Аз ин тамошои аҷибу ғариб маро парвонаи болаш зард, ки бисьёр ишвакорона пеши ман дар парвоз буд, ба худ ҷалб намуд. Ҳамчунон ки ман ба тарафи ӯ таваҷҷӯҳ кардам, аз ман як ду қадам дуртар рафт, дар болои гули сафеди юнучқаи ёбой, ки қариб пажмурда шуда буд, парвозкунон давр зад ва ба рӯи он нишаст. Намедонам офтоб ӯро гарм мекард ё ӯ аз алаф шарбат мемакид, ҳар чӣ бошад, чунон менамуд, ки ҳолаш хуш аст. Он гоҳ-гоҳе болчаи худро ба ҳаракат меовард ва ба шукуфа мечаспид ва оқибат тамоман беҳиссу ҳаракат монд.

Ман сарамро миёни ду дастам ниҳодам ва бо лаззату шавқ ба ӯ нигоҳ карда нишастам.

Ногаҳон Жиран фарьёд кашид ва чунон пурзӯр ҳаракат кард, ки кам монда буд ман биафтам. Ман ба ақиб нигоҳ кардам. Дар канори беша як гӯшашро хобонда, гӯши дигарашро бардошта харгӯш ҷасту хез мекард. Хуни ман ба сарам зад ва ман дар ин лаҳза ҳамаро фаромӯш кардам: бо овози бехудонае фарьёде задам, сагро яла кардам ва аз пасаш давидам. Вале ин корро кардан замон худам аз ин пушаймон шудам: харгӯш пас нишаст ва як аз ҷо ҳам ҷаст ва дигар ман онро надидам.

Вале шармандагии ман чӣ андоза буд, вақте дидам, ки аз ақиби тозиҳое, ки ба овози ғулғула ба канори беша бароварда буданд, аз паси буттаҳо Турка намоён гашт! Ӯ хатои маро дида буд (хато дар он буд, ки ман *худдорӣ карда* натавониста будам) ва таҳқиромезона нигоҳе ба ман кард, фақат ҳамин қадар гуфт: «Эҳ, хоҷа!» Вале донистан лозим, ки инро ӯ бо чӣ оҳанге гуфт! Барои ман беҳтар буд, ки ӯ дар ҷои ин маро мисли харгӯше ба қарбуси зин меовехт.

Дер гоҳе ман дар ҳолати яъс дар ҷои худ монда будам, сагро садо намезадам ва ба рони худ кӯфта мегуфтам:

— Худоё, ман чӣ кор кардам!

Ман мешунидам, ки чӣ тур тозиҳо шикорро ба дуро-дур пеш карда рафтанд ва чӣ тур онҳоро ба он тарафи майдон киш медоданд, харгӯшро зада гирифтанд ва Турка бо шайпури бузургаш сагҳоро ба сӯи худ садо мекард,— вале ман аз ҷои худ намеҷунбидам...

Боби VIII

БОЗИҲО

Шикор ба поён расид. Дар сояи дарахтҳои ҷавони тӯс қолин паҳн карда шуд ва дар рӯи қолин ҳамагӣ давра карда нишаста буданд. Шарбатдор Гаврило, алафи сабзу сероби дар гирду пешаш бударо поймол карда, табақҳоро пок мекард, аз қутичаҳо олу ва шаф-

толуҳое, ки ба баргҳо печида буданд, мебаровард. Аз даруни шохаҳои кабуди ниҳолҳои дарахти тӯс офтоб метобид ва дар нақши қолин ва пойҳои ман ва ҳатто ба каллаи бемӯи араққардаи Гаврило ҳам ҳалқаҳои ҷунбандаи рӯшноӣ медурахшид. Шамоли форам ба баргҳои дарахтон давида ба мӯйҳои ман ва рӯи араққардаи ман мевазид ва рӯҳи маро бисьёр тоза мекард.

Ҳангоме ки аз бастанӣ ва меваҳо бахши моро доданд, дигар дар рӯи қолин кори мо намонда буд ва ба партави сӯзони якьёна тофтаистодаи офтоб нигоҳ накарда мо аз ҷоямон бархостем ва ба бозӣ рафтем.

— Хӯш, чӣ бозӣ мекунем? — гуфт Любочка, дар ҳолате ки чашмонашро аз рӯшноии офтоб нимпӯш медошт ва рӯи сабза ҷасту хез мекард.— Биёед Робинзонбозӣ кунем.

— Не... дилгиркунанда аст,— гуфт Володя, дар ҳолате, ки дар рӯи сабза танбалона меғелид ва баргҳоро мехоид,— доимо Робинзон чӣ! Агар бисьёр бозӣ кардан мехоста бошед, биёед беҳтар ин ки як чайла бисозем.

Калонгарӣ кардани Володя ба назар бармехӯрд: шояд ӯ аз он фахр мекарда бошад, ки ба аспи шикорӣ савор шуда омада буд, ва чунон ҳам вонамуд мекард, ки гӯё хеле монда шудааст. Шояд сабаби дигари ин рафтори ӯ боз ҳамон бошад, ки ӯ акнун ақли солимро бештар доро буд ва қудрати мухайила камтар дошт, то ки аз бозии Робинзон пурра лаззат бигирад. Ин бозӣ иборат буд аз тамсил кардани ҳиссаҳо аз «Robinson Suisse» [1], ки як чанд рӯз пештарак мо онро хонда будем.

— Хуб, биё бозӣ кунем... аз чӣ сабаб ту намехоҳӣ ба мо ин лаззатро бидиҳӣ? — гӯён духтаракон ӯро танг мекарданд.— Ту Charles ё Ernest, ё падар мешавӣ, кадомашро ки хоҳӣ? — мегуфт Катенька ва ӯро аз остини камзӯлчааш кашида аз замин бардоштанӣ мешуд.

— Рост, хоҳиш надорам — дилгир кунандааст! — гуфт Володя хамьёза кашида ва бо он ҳама лабханди худписандонае нишон дода.

---

[1] «Робинзони швейцарӣ»,

Ман сарамро миёни ду дастам ниҳодам ва бо лаззату шавқ ба ӯ нигоҳ карда нишастам.

Ногаҳон Жиран фарьёд кашид ва чунон пурзӯр ҳаракат кард, ки кам монда буд ман биафтам. Ман ба ақиб нигоҳ кардам. Дар канори беша як гӯшашро хобонда, гӯши дигарашро бардошта харгӯш ҷасту хез мекард. Хуни ман ба сарам зад ва ман дар ин лаҳза ҳамаро фаромӯш кардам: бо овози бехудонае фарьёде задам, сагро яла кардам ва аз пасаш давидам. Вале ин корро кардан замон худам аз ин пушаймон шудам: харгӯш пас нишаст ва як аз ҷо ҳам ҷаст ва дигар ман онро надидам.

Вале шармандагии ман чӣ андоза буд, вақте дидам, ки аз ақиби тозиҳое, ки ба овози ғулғула ба канори беша бароварда буданд, аз паси буттаҳо Турка намоён гашт! Ӯ хатои маро дида буд (хато дар он буд, ки ман *худдорӣ карда* натавониста будам) ва таҳқиромезона нигоҳе ба ман кард, фақат ҳамин қадар гуфт: «Эҳ, хоҷа!» Вале донистан лозим, ки инро ӯ бо чӣ оҳанге гуфт! Барои ман беҳтар буд, ки ӯ дар ҷои ин маро мисли харгӯше ба қарбуси зин меовехт.

Дер гоҳе ман дар ҳолати яъс дар ҷои худ монда будам, сагро садо намезадам ва ба рони худ кӯфта мегуфтам:

— Худоё, ман чӣ кор кардам!

Ман мешунидам, ки чӣ тур тозиҳо шикорро ба дуро-дур пеш карда рафтанд ва чӣ тур онҳоро ба он тарафи майдон киш медоданд, харгӯшро зада гирифтанд ва Турка бо шайпури бузургаш сагҳоро ба сӯи худ садо мекард,— вале ман аз ҷои худ намеҷунбидам...

Боби VIII

БОЗИҲО

Шикор ба поён расид. Дар сояи дарахтҳои ҷавони тӯс қолин паҳн карда шуд ва дар рӯи қолин ҳамагӣ давра карда нишаста буданд. Шарбатдор Гаврило, алафи сабзу сероби дар гирду пешаш бударо поймол карда, табақҳоро пок мекард, аз қутичаҳо олу ва шаф-

толуҳое, ки ба баргҳо печида буданд, мебаровард. Аз даруни шохаҳои кабуди ниҳолҳои дарахти тӯс офтоб метобид ва дар нақши қолин ва пойҳои ман ва ҳатто ба каллаи бемӯи арақкардаи Гаврило ҳам ҳалқаҳои ҷунбандаи рӯшной медурахшид. Шамоли форам ба баргҳои дарахтон давида ба мӯйҳои ман ва рӯи арақкардаи ман мевазид ва рӯҳи маро бисьёр тоза мекард.

Ҳангоме ки аз бастанӣ ва меваҳо бахши моро доданд, дигар дар рӯи қолин кори мо намонда буд ва ба партави сӯзони якьёна тофтаистодаи офтоб нигоҳ накарда мо аз ҷоямон бархостем ва ба бозӣ рафтем.

— Хӯш, чӣ бозӣ мекунем? — гуфт Любочка, дар ҳолате ки чашмонашро аз рӯшноии офтоб нимпӯш медошт ва рӯи сабза ҷасту хез мекард.— Биёед Робинзонбозӣ кунем.

— Не... дилгиркунанда аст,— гуфт Володя, дар ҳолате, ки дар рӯи сабза танбалона меғелид ва баргҳоро мехоид,— доимо Робинзон чӣ! Агар бисьёр бозӣ кардан мехоста бошед, биёед беҳтар ин ки як чайла бисозем.

Калонгарӣ кардани Володя ба назар бармехӯрд: шояд ӯ аз он фахр мекарда бошад, ки ба аспи шикорӣ савор шуда омада буд, ва чунон ҳам вонамуд мекард, ки гӯё хеле монда шудааст. Шояд сабаби дигари ин рафтори ӯ боз ҳамон бошад, ки ӯ акнун ақли солимро бештар доро буд ва қудрати мухайила камтар дошт, то ки аз бозии Робинзон пурра лаззат бигирад. Ин бозӣ иборат буд аз тамсил кардани ҳиссаҳо аз «Robinson Suisse» [1], ки як чанд рӯз пештарак мо онро хонда будем.

— Хуб, биё бозӣ кунем... аз чӣ сабаб ту намехоҳӣ ба мо ин лаззатро бидиҳӣ? — гӯён духтаракон ӯро танг мекарданд.— Ту Charles ё Ernest, ё падар мешавӣ, кадомашро ки хоҳӣ? — мегуфт Катенька ва ӯро аз остини камзӯлчааш кашида аз замин бардоштанӣ мешуд.

— Рост, хоҳиш надорам — дилгир кунандааст! — гуфт Володя хамьёза кашида ва бо он ҳама лабханди худписандонае нишон дода.

---

[1] «Робинзони швейцарӣ»,

— Ин тур ки бошад, беҳтар буд, ки дар хона менишастем, ҳеҷ кас ки хоҳиши бозӣ надошта будааст,— гирьяолудона гуфт Любочка.

Ӯ бисьёр гирьёнчак буд.

— Хайр, биёед, меравем; фақат гирья накунӣ мешавад: тоқати гирья надорам!

Гузашткории Володя барои мо бисьёр лаззатовар ҳам нашуд; балки баръакс қиёфат ва рафтори танбалона ва дилгиронаи ӯ, ҳамаи ҳусну таровати бозиро бурданд. Ҳангоме ки мо ба рӯи замин нишаста бо ҳамаи қуввату зӯри худ заврақронӣ мекардем, ва тасаввур менамудем, ки гӯё моҳигирӣ мекунем, Володя дар ҳолате ки ҳеҷ бо ҳолу вазъияти моҳигирӣ мушобаҳат надошт, дастонашро ғундошта нишастан гирифт. Ман инро ба ӯ гуфтам; ӯ ҷавоб дод, аз ин ки мо бештар ва ё камтар дастамонро ҳаракат медиҳем, бурду бохте намекунем ва аз ҷоямон дуртар намеравем. Ӯ рост мегуфт, ман чору ночор ба ӯ мувофиқат намудам. Вақте ки ман гӯё ба щикор мерафта бошам, ба китфам чӯбдасте гирифта ба беша равон шудам, Володя рӯйболо дароз кашид, дастонашро зери сараш ниҳод ва ба ман гуфт: гӯё ӯ низ рафта омада аст. Ҳамин ранг ҳаракатҳо ва суханҳои ӯ дили моро аз бозӣ хунук мекард ва бисьёр нофорам меомад, хусусан ки дар дили худ ба он розӣ нашудан мумкин ҳам набуд, ки кордории Володя ақлона аст.

Ман худам медонам, ки бо чӯбдасте на танҳо мургеро зада куштан, балки тире ҳам андохтан имкон надорад .Ин бозӣ буд. Агар кас ин тур муҳокама кунад, пас ба курсӣ савор шуда рафтан ҳам мумкин нест; вале худи Володя, гумон мекунам, дар хотир бояд дошта бошад, ки дар шабҳои дуру дарози зимистон мо курсиро бо рӯймолҳо мепӯшонидем, аз он ароба месохтем, яке ҷои аробакашро мегирифт ва менишаст, дигаре кори навкариро ба ӯҳда мегирифт, духтаракон дар миёна ҷой мегирифтанд, се сандалича ҷои се аспро мегирифт ва мо ба роҳ медаромадем. Ва чӣ воқеаҳои гуногуне ки дар ин роҳ ба мо рӯй намедод! Ва шабҳои зимистон чӣ тур хурсандона ва зуд

мегузаштанд! ...Агар дуруст муҳокима мекунам гӯй, онгоҳ ҳеҷ бозӣ ки имкон надорад. Бозӣ ки аз миён рафт, дигар чӣ мемонад?..

Боби IX

ЧИЗЕ МОНАНДИ ИШҚИ НАХУСТИН

Дар тасаввури он, ки аз дарахт кадом як меваи амрикоиро меканда бошад, Любочка аз рӯи барге кирми калони ғафсеро канда гирифт ва бо ваҳшат онро ба замин партофт, дасташро баланд бардошта худашро дур афганд, гӯё тарсид, ки аз он кирм чизе пош нахӯрад. Бозӣ ба поён расид; мо ҳамагӣ якҷоя сарҳоямонро ба замин хам кардем, ки ин чизи камьёбро тамошо кунем.

Ман аз болои китфи Катенька нигоҳ мекардам, ӯ баргро пеши роҳи кирм дошта мехост онро ба рӯи барг бигирад.

Ман инро донистам, ки бисьёре аз духтаракон одати такон додани китфашонро доранд, ки ба ин восита мехоҳанд, пироҳанашонро, ки аз гардани кушода поинтар рафтааст, ба ҷои худаш боз гардонанд. Ҳанӯз дар ёдам ҳаст, ки Мими ҳамеша барои ин ҳаракат ба духтарон тағайюр мекард ва мегуфт: «*C'est un geste de femme de chambre*»[1]. Ба болои кирм хам шуда Катенька худи ҳамин ҳаракатро анҷом дод ва дар ҳамин лаҳза, шамол рӯмоли ӯро аз гардани сафедаш бардошт. Китфаки ӯ дар лаҳзаи ин ҳаракат аз лабони ман як-ду ангуштворӣ дур буд. Ман акнун на ба кирм нигоҳ мекардам, нигоҳ карда истодам — истодаму бо ҳамаи қувват аз китфи Катенька бӯса гирифтам. Ӯ рӯи худро ба сӯи ман нагардонд, вале ман пай бурдам, ки гардан ва гӯшҳояш сурх шуданд. Володя сарашро набардошта таҳқиромезона гуфт:

— Чӣ навозишкориҳо?

Дар чашмони ман бошад, сиришк ҳувайдо буд.

Ман аз Катенька чашм намекандам. Ман акнун хеле замон аст, ки ба рухсораи тару тоза ва мӯйҳои

---

[1] «Ин ҳаракати ходимаҳост».

малларанги ӯ унс гирифта будам ва онро дӯст медоштам, вале акнун ман ба он бо диққаттар нигоҳ кардам ва боз бештар онро дӯст доштам. Ҳангоме ки мо назди бузургон омадем, падарам эълон кард, ки бо хоҳиши бибиҷонам, рафтани мо ба рӯзи дигар вогузор шудааст, ки ин хабар барои мо хурсандии бузурге оварда.

Мо ба хона ҳамроҳи аробаи саворӣ баргаштем. Ману Володя барои пешӣ гирифтан ба якдигарамон дар асптозӣ ва диловарӣ назди ароба аспдавонӣ мекардем. Сояи ман аз пештара дида дарозтар буд ва аз он рӯй гумон мекардам, ки ман қиёфати савории хушнамоеро дорам; вале он ҳисси аз худ ризомандие, ки ман доштам, ин тариқа ба зуддӣ хароб шуда буд. Бо хоҳиши он ки дар ароба нишастагонро комилан ба худ мафтун кунам, ман андаке ақиб мондам ва пас аз он бо ёрии тозиёна ва пой аспи худамро давондам, ба худ вазъияти хушнамои бетакаллуфона гирифтам ва мехостам аз он тарафе, ки Катенька нишаста буд, дартоз аз пеши онҳо гузашта равам. Фақат ҳаминашро намедонистам, ки фарьёдкунон гузарам, ё хомӯшона равам? Вале аспи нобакор бо аспони дар ароба баста ки баробар шуд, ба саъю кӯшиши ман нигоҳ накарда, чунон ногаҳонӣ дар ҷои худ истод, ки ман аз зин ба гарданаш фуромадам ва кам монда буд парида равам.

Боби X

ПАДАРИ МАН ЧӢ ОДАМЕ БУД?

Ӯ одами асри гузашта буд ва хосиятҳои дастнораси умумии ҷавонони он асрро доро буд, ки онҳо иборат буданд аз ҷавонмардӣ, ӯҳдабарой, ғурур, илтифоткорию хушмуомилагӣ ва айёшӣ. Ба мардумони асри имрӯза бо як назари ҳақоратомезона нигоҳ мекард ва ин назар ҳар қадар ки аз мағрурияти модарзоди ӯ сар мезада бошад, ҳамон қадар ҳам аз он андӯҳи ниҳонӣ ба вуқӯъ меомад, ки ӯ наметавонист ҳамон нуфуз ва муваффақиятҳоеро, ки дар он даврони худаш дошт, дар асри мо дошта бошад. Ду эҳтироси асосии

ҳаёти ӯ қартабозӣ ва зан буд; ӯ дар муддати ҳаёти худ чанд миллионҳо бурд карда буд ва бо занҳои беҳадду ҳисобе аз ҳар тухму табақа алоқа дошт.

Қомати бузурги хушоянд, қадамзании аҷиби хурдхурд, одати ҷунбонидани китф, чашмҳои хурд-хурдаки ҳамеша хандон, бинии уқобии калон, лабони ноҳамвор, ки як навъ носозворона, вале хушоянд ба ҳам мепайвастанд, як ноқисӣ дар гуфтор — миш-мишкунон гап задан ва сари тамоман бе мӯй — ин буд қиёфати зоҳирии падарам, аз он замоне ки ман ӯро дар ёд гирифтаам — қиёфате ки бо он на танҳо метавонист ба даҳони мардум чун марди *à bonnes fortunes* [1] машҳур гардад, балки метавонист ба ҳама кас бе яке истисно писанд ояд, ба ҳамаи мардуми ҳар табақа, хусусан ба онҳое, ки дилаш мехоста бошад, писанд ояд.

Ӯ метавонист дар муомилаҳои худ бо дигарон ба онҳо бартарӣ бигирад. Ҳар чанд ҳеҷ гоҳ аз зумраи *ҷамоаи ашрофон* набуд, вале ҳамеша бо ҳамон табақа муровада дошт ва дар миёни эшон мӯҳтарам ҳам буд. Ӯ он ҳадди ғурур ва худписандиеро медонист, ки дигаронро таҳқир нокарда, ӯро дар назари ҷамоаи бузургон баланд мекард. Ӯ аз мардумони муқаррарӣ набуд, оригинал буд, вале на ҳамеша, балки фаъолияти ғайримаъмулиро гоҳ-гоҳе ҳамчун васоите, ки ӯро олитабақагӣ ё сарватмандиро мегирифт, ба кор мебурд. Дар ҷаҳон ҳеҷ чиз боиси ҳайрати ӯ намешуд: дар чӣ мақоми дурахшоне ҳам ки воқеъ шуда бошад, чунон менамуд, ки ӯ аз барои ҳамин халқ шудааст. Он соҳаҳои ба ҳама маълуми тангу тори пур аз ташвишу тараддудҳои хурду резаи зиндагиро ӯ он чунон устодона метавонист аз дигарон пинҳон кунад ва аз худаш низ дуртар дорад, ки ба ин ҳоли ӯ рашк набурдан мумкин намешуд. Ӯ ҳамаи он чизҳоеро, ки барои зиндагонӣ созгор аст ва ба кас лаззат мебахшад, хуб мешинохт ва тариқи истифода бурдан аз онҳоро медонист. Чизи писандидаи ӯ ҳамон алоқаҳое буданд, ки ӯ дошт — қисман аз ҷиҳати хешовандони модарам

[1] хуштолеъ

ва қисман аз ҷиҳати рафиқони даврони ҷавониаш, ки ба эҷон дар дили худ ғазабнок буд, аз он иллат ки онҳо дар мақом ва дараҷа боло рафта буданд ва ӯ ҳамешагӣ поручики ба истеъфо баромадаи гвардия шуда монда буд. Ӯ ҳамчун тамоми касоне, ки пеш дар радифи ҳарбиҳо буданд, либосро мувофиқи расму таомули навбаромад пӯшида наметавонист; вале дар ивази он, ӯ либосро ғайри маъмул ва хушнамо мепӯшид. Ҳамеша либоси бисьёр фарохи сабук ва зеҷомаи аъло, манжетҳои гардондагии калон ва гиребонҳо... Вале ҳамаи ин ба қомати баланд, тануманд, ба сари бемӯй ва рафтори оромона ва худбоваронаи ӯ муносиб меомад. Ӯ ҳассос буд, ҳатто зудгирья буд... Аксар мешуд, ки чизеро баланд бо овоз хонда истода, дар ҷоҳои ҳаяҷонангези он овозаш меларзид, ашкҳояш намудор мешуданд ва ӯ норозиёна китобро менихҳод. Ӯ мусиқиро дӯст медошт, романсҳои дӯсташ А..., сурудҳои лӯлиён ва баъзе таронаҳоро аз операҳо бо фортепиано ҷӯр шуда месуруд; вале мусиқии классикиро хуш намекард ва ба афкори умумӣ эътино наварзида, ошкоро мегуфт, ки сонатаҳои Бетховен ба ӯ хоб ва малолат меоранд ва дилгиркунанда мебошанд, мегуфт, ки ӯ ҳеҷ нағмае беҳтар аз «Не будите меня молоду»-ро чунон, ки Семёнова онро адо мекунад ва таронае беҳтар аз «Не одна», ки лӯлӣ Танюша месарояд, намедонад. Табиати ӯ яке аз онҳое буд, ки барои кори хайри онҳо мардуми тамошобин лозим аст. Ва ӯ танҳо ҳамонро хуб мешумурд, ки тамошобинҳо онро хуб гӯянд. Худо медонад, эътиқоди ахлоқие дошт ё не? Ҳаёти ӯ чунон бо ҳавову ҳаваси гуногун моломол буд, ки ӯ вақт надошт, эътиқоди ахлоқӣ барои худ тартиб диҳад ва дар зиндагӣ ӯ чунон масъуд буд, ки онро зарур ҳам намедонист.

Дар пиронсолӣ як эътиқоди устуворе нисбат ба чизҳо ва қоидаву қонуни тағьирнопазир дар ӯ ташаккул ёфт,— вале ин танҳо дар заминаи таҷриба ба даст даромада буд: он рафтор ва тарзи зиндагиро, ки ба ӯ хушбахтӣ меоварданд ва лаззат мебахшиданд, хуб мешумурд ва чунон мепиндошт, ки ҳамеша ва ҳамагӣ чунин бояд рафтор ва муомила дошта бошанд. Сӯҳбати ӯ бисьёр шавқангез буд ва ин қобилияти ӯ, ба

гумони ман, мулоимати қонун ва қоидаҳои ӯ писандидаро қувват мебахшид: ӯ метавонист айни як ҳодисаро ҳам монанди як шӯхии форам нақл кунад, ҳам мисоли як разолати қабеҳ нишон бидиҳад.

Боби XI

МАШҒУЛИЯТ ДАР КАБИНЕТ ВА МЕҲМОНХОНА

Он замоне ки мо ба хона бармегаштем, ҳаво торик шудан гирифт. Модарам ба пеши рояль нишаст, мо бачагон бошем, коғаз, қалам, ранг овардем ва дар атрофи мизи давра нишаста ба нақкошӣ ва расмкашӣ омода гаштем. Ман фақат ранги нилӣ доштам; ба ҳамин нигоҳ накарда ман тасвири шикорро кашиданӣ шудам. Бачаи нилирангеро ба болои аспи нилӣ ва дар миёни сагҳои нилиранг хуб чусту чолок кашидам, вале яқин намедонистам, ки харгӯшро бо ранги нилӣ кашидан мумкин аст ё на, ва ба кабинети падарам давидам, ки бо ӯ дар ин бора машварат намоям. Падарам чизе мехонд ва ба пурсиши ман, ки «Оё харгӯшҳои нилӣ ҳам мешаванд?» сарашро боло накарда ҷавоб дод: «Мешаванд, ҷӯраҷон, мешаванд». Пеши мизи давра баргашта, ман пайкари харгӯши нилиро кашидам, пас аз он лозим донистам, ки аз харгӯши нилӣ бутта созам. Ин бутта низ ба ман маъқул наёмад: ман аз он дарахт сохтам, аз дарахт ғарам, аз ғарам абр ва саранҷом ҳамаи коғазро чунон бо ранги нилӣ лаккадор кардам, ки аз алам онро дарондам ва ба креслои вольтерӣ нишаста пинак рафтам.

Модарам концерти дуввӯми муаллими худ Фильдро менавохт. Ман пинак рафтам, дар пеши назари ман хаёлоти сабук ва равшану софе ҷилва мекарданд. Ӯ сонатаи патетикии Бетховенро ба навохтан сар кард ва ман чизи андӯҳовари ғамангези вазнин ва тираеро ба хаёл меовардам. Модарам ин ду пьесаро дам ба дам менавохт. Бинобар он эҳсосе, ки он чизҳо ба ман бедор мекарданд, ман хуб дар ёд дорам. Ин эҳсос монанди хотираҳое буд; аммо хотироти чӣ? ҳамин тур менамуд, гӯё чизҳоеро, ки ҳеҷ гоҳ вуҷуд надоштааст, дар хотир меорӣ.

Дар рӯ ба рӯи ман дари кабинет буд ва ман дидам, ки чӣ тур он ҷо Яков даромад ва чанд нафар кафтанпӯши ришдоре бо ӯ буданд. Дари хона ҳамон дам аз паси онҳо пӯшида шуд. «Инак машғулият сар шуд!» — гуфта андешидам ман. Ба ман чунон менамуд, ки аз корҳое, ки дар кабинет карда мешавад, муҳимтар коре дар олам наметавонад буда бошад; ҳамин фикри маро боз он ҳол тақвия мекард, ки ба дари кабинет одатан ҳама пичир-пичиркунон нӯг-нӯги по наздик мешуданд; аз он ҷо бошад, овози баланди падарам шунида мешуд ва бӯи сигар меомад, ки намедонам аз чӣ сабаб, ҳамеша маро ба худ ҷалб мекард. Дар ҳолати нимхобу нимбедорӣ ногаҳон овози ба ман бисьёр шиноси ғарч-ғарчи мӯза, ки аз хонаи пешхидматон шунида мешуд, маро дар ҳайрат андохт. Карл Иваныч нӯг-нӯги по, вале бо чеҳраи ғамолуд ва қатъӣ бо варақае дар даст ба дар наздик шуд ва оҳиста дарро кӯфт. Ӯро роҳ доданд ва боз дар баста шуд.

«Боз ягон бадбахтие рӯй надиҳад,— гӯён андешидам ман,— Карл Иваныч ғазабнок аст ва ӯ ба ҳар коре омода аст...»

Ман боз пинак рафтам.

Аммо ҳеҷ гуна бадбахтӣ рӯй надод, баъд аз соате маро боз ҳамон ғарч-ғарчи мӯза бедор кард. Карл Иваныч сиришкҳоеро, ки ба рухсорааш дида будам, бо дастмолаш пок карда аз дар берун омад ва чизе зери лаб гуфта, ба боло баромада рафт. Аз дунболи ӯ падарам низ берун омад ва ба меҳмонхона даромад.

— Медонӣ, ман ба чӣ фикр омадам? — гуфт ӯ хушҳолона ба китфи модарам дасташро ниҳода.

— Чӣ фикре, азизам?

— Ман Карл Иванычро бо бачагон ҳамроҳ хоҳам бурд. Дар ароба ҷой ҳам ҳаст, онҳо ба ӯ одат кардаанд ва ӯ низ бо онҳо, чунон менамояд, ки унс гирифта аст; ва ин ҳафтсад сӯм дар соле маблағи казоӣ ҳам нест, et puis au fond c'est un très bon diable [1].

Ман ҳеҷ сарфаҳм рафта натавонистам, ки аз чӣ сабаб падарам Карл Иванычро дашном медода бошад.

[1] ва ғайр аз он, зотан, ӯ хуб найрангбоз аст.

— Ман бисьёр хурсандам,— гуфт модарам,— ҳам аз ҷиҳати бачагон, ҳам аз ҷиҳати худи ӯ. Ӯ пирамарди хубест.

— Агар ту медидӣ, ки чӣ тур ӯ мутаассир шуда буд, ҳангоме ман ба ӯ гуфтам, ки ӯ ин панҷсад сӯмро ба сифати ҳадья пеши худ бигузорад... вале аз ҳама аҷоибтараш он рӯйхати ҳисобие мебошад, ки ӯ ба ман оварда аст. Он ба дидан меарзад,— гӯён илова намуд ӯ бо лабханде ва он руқъаеро, ки бо хати худи Карл Иваныч навишта шуда буд, ба модарам дароз кард,— тамошо карданист!

Ин аст мундариҷаи он руқъа:

«Барои бачагон ду шасти моҳигир — 70 тин.

Коғази рангдор, широзаи зарринкашида, сиреш ва чӯби гардиш барои қуттича, дар ҳадья,— 6 сӯму 55 тин.

Китоб ва камон — тӯфа ба бачагон — 8 сӯму 16 тин.

Эзор барои Николай — 4 сӯм.

Ваъдае, ки Петр Александрович кардааст, аз Москваро дар соли 18.. соати тилло дар 140 сӯм.

Ҷамъулҷамъ Карл Мауер бояд ғайр аз моҳонаро бигирад — 159 сӯму 79 тин».

Ин руқъаи Карл Иванычро, ки дар он ӯ талаб мекунад, ки пулҳои барои ҳадья харҷ кардаашро ҳам пасгардонанд, ҳатто он ваъдаи ҳадьяро ҳам, ки шудааст, дархост мекунад, ҳар кас, ки бихонад, гумон хоҳад кард, ки Карл Иваныч, ғайр аз як мардаки беҳисси манфиатпараст худбин чизи дигаре нест, ва албатта хато мекунад.

Карл Иваныч, дар кабинет ки медаромад ва дар даст он нусхаи ҳисобиро дошт ва чӣ гуфтанашро ҳам дар дилаш такрор мекард, қасд дошт, ки бо фасоҳат ва балоғат дар ҳузури падарам, ҳамаи беадолатиҳое, ки ӯ дар хонаи мо нисбат ба худаш дидааст, як ба як бишумурад; вале ҳангоме ки ӯ бо ҳамон овози риққатовар ва оҳанги пуртаъсир, ки одатан ӯ ба мо барои навиштан имло мекард, ба гуфтугӯ шурӯъ намуд, гуфтори хушоби худаш бештар аз дигарон ба худаш таъсир карда буд; чунон ки дар он вақте ки ӯ мегуфт: «аз бачагон ҷудо шудан чӣ қадар барои ман андӯҳ-

овар бошад ҳам», Карл Иваныч тамоман гапашро гум кард, овозаш ларзид ва маҷбур шуд, ки аз кисааш рӯмолчаи чорхонаашро берун биёрад.

— Ҳа, Петр Александрыч,— гуфт ӯ сиришкрезон (ин суханҳо дар нутқи аз аввал ҳозир кардаи ӯ мавҷуд набуд),— ман ба бачагон чунон омӯхта шудаам, ки намедонам, бе онҳо чӣ кор мекарда бошам. Беҳтар аст, ки ман бемавоҷиб ба шумо хидмат кунам,— гӯён илова намуд ӯ, дар ҳолате ки бо як дасти худ сиришкҳояшро пок мекард ва бо дасти дигараш, рӯйхати ҳисобиро дароз мекард.

Ман таъкид мекунам, ки Карл Иваныч дар ин лаҳза аз сидқи дил мегуфт, зеро дили покизаи ӯро медонам; вале рӯйхати он ҳисобӣ бо он гуфтаҳои ӯ чӣ навъ мутобақат мекарданд, ин ҷиҳаташ барои ман асрорангез мондааст.

— Агар барои шумо андӯҳовар ва сахт бошад, ба ман аз шумо ҷудо шудан аз он ҳам гаронтар мешуд,— гуфт падарам, дар ҳолате ки китфи ӯро бо дасташ мемолид,— ман ҳозир фикрамро дигар кардам.

Аз таоми шом андак пештар Гриша ба хона даромад. Ӯ аз ҳамон лаҳзае ки ба хонаи мо омад, як дам ҳам бе оҳ кашидан ва гиристан набуд ва ба фикри он касоне, ки эътиқод ба пешгӯии ӯ доштанд, ин ҳаракати ӯ гӯё аз як бадбахтие барои хонадони мо хабар медод. Ӯ ба хушбошӣ кардан сар кард ва гуфт, ки пагоҳонӣ аз ин ҷо ба ҷои дигар меравад. Ман ба Володя чашмак задам ва аз дар баромадам.

— Чӣ?

— Агар хоҳед, ки занҷири Гришаро бубинед, биёед ба болохона,— дар ҷои хоби мардона биравем — Гриша он ҷо дар хонаи дуввӯмӣ мехобад. Дар мадон осуда нишастан мумкин аст ва аз он ҷо ҳама чиз дида мешавад.

— Бисьёр хуб! Ҳамин ҷо бош: ман духтараконро садо кунам.

Духтаракон давида баромаданд ва мо ҳамагӣ боло рафтем. Дар бораи он ки аввал кӣ дар мадони торик бояд дарояд, агарчи андаке кашмакаш ҳам шуд, вале ба зудӣ ҳар кадомамон ҷое гирифтем ва дар интизор нишастем.

Боби XII

ГРИША

Барои ҳамаи мо дар торикӣ нишастан ҳавлнок буд; мо паҳлуи ҳам танг омада ҳамдигарро фишор медодем ва чизе намегуфтем. Қариб бевосита пас аз даромадани моён, бо қадамҳои беовоз Гриша ҳам даромада омад. Ӯ дар як даст асо дошт ва дар дасти дигар — шамъи равғанӣ дар шамъдони мис гирифта буд. Мо нафас ҳам рост намекардем.

— Эй худованд, Исо Масеҳуллоҳ! Модари муқаддаси рӯҳуллоҳ! Ба падар, ба писар ва ба руҳулқудс...— гӯён ҳаворо ба даруни худаш дам кашида бо оҳанг ва адои гуногун ва бо ихтисорҳое, ки вирдкунандагон он тур мекунанд, ҳамин калимаҳоро такрор ба такрор мехонд.

Бо зикру дуо асояшро ба кунҷак ниҳод ва ҷои хобашро аз назар гузаронда либосашро берун кардан гирифт. Фӯтаи кӯҳна ва даридаи сиёҳи худро кушод, ба сустӣ чакмани ресмонии даридаи худро кашида, бо диққат таҳ кард ва ба такьягоҳи курсӣ овехт. Чеҳраи ӯ дар он лаҳза монанди ҳамешагӣ, шитобкорӣ ва кундфаҳмиро ифода намекард; билъакс ӯ ором, андешаманд ва ҳатто бузургвор менамуд. Ҳаракати ӯ оҳиста ва андешамандона буд.

Бо пироҳани зерин ки монд, ба оромӣ ба кат хам шуд ва аз ҳар сӯе ба рӯи он хоҷ кашид ва чунон ки аз чини чеҳрааш мушоҳида мешуд, бо душворӣ дар зери пироҳанаш занҷирро созвор кард. Андаке нишаст ва бо эҳтиёти тамом зерҷомаи даридаи худашро аз ҳар тараф нигоҳ кард, аз ҷояш бархост, бо дуо шамъро баробари ҷаъбаи муқаддас, ки як чанд сурати қудсиёнро доро буд, баланд бардошт, ба рӯи онҳо нигоҳ карда салиб кашид ва шамъро рӯ ба поён гардонд. Он бо садо хомӯш гашт.

Дар тирезаҳое, ки рӯ ба беша воқеъ шуда буд, моҳи қариб ба пуррагӣ расида метобид. Ҳайкали сафеди дарози девона аз як тараф бо партави симини сафедтоби моҳ равшан шуда буд; аз сӯи дигар — сояи сиёҳи он бо сояҳои чорчӯбаҳо дар як ҷо ба саҳни хо-

на ва ба рӯи деворҳо меафтод ва то шифт дароз шуда мерафт. Дар рӯи ҳавлӣ посбон тахтаи чӯяниро мекӯфт.

Гриша дастҳои бузурги худашро ба синааш баста, сарашро хам карда ва дам нагирифта вазнин-вазнин оҳ кашида, дар пеши шамоили муқаддас рост меистод ва пас аз фурсате бо душворӣ ба зону нишаста ибодат сар кард.

Нахуст ӯ дуоҳои маълумро оҳиста, фақат гоҳ-гоҳе баъзе ҷоҳояшро равшантар адо мекард, пас аз он онҳоро садоноктар ва хеле пуршӯртар такрор кард. Ӯ суханҳои худашро ба гуфтан сар карда зӯр мезад, ки онҳоро ба забони славянӣ адо кунад. Суханҳои ӯ ночаспон ҳам бошанд, вале муассир буданд. Ӯ ҳама хайрхоҳони худашро дуо мекард (ӯ ҳамон касоне, ки ӯро ба хонаи худашон мепазируфтанд, чунин меномид), дар он миён бибиҷонамро ва моёнро ҳам ёд мекард, дар бораи худаш ҳам дуо мекард ва истидъо мекард, ки худо гуноҳҳои азими ӯро даргузарад, такрор мекард: «Худовандо, душманони маро биёмурз!» — оҳу воҳ кунон аз ҷой рост мешуд ва ҳамон суханҳоро гашта баргашта такроркунон саҷда мекард, ва ба вазнинии занҷирҳо, ки ба замин бархӯрда овози хушки гӯшхароше мебаровардand, эътино накарда боз баланд мешуд.

Володя пои маро сахт пучид, вале ман ба ӯ баргашта нигоҳ ҳам накардам: фақат ҳамон ҷойро молидам ва ба ҳамаи ҳаракатҳо ва суханҳои Гриша бо тааҷҷуби бачагона, дилсӯзӣ ва эътибори софи беғараз диққат мекардам.

Дар ивази хурсандӣ ва ханда, ки вақти ба мадон даромадан интизор доштам, ман меларзидам ва дилам тағ мекашид.

Гриша дар ин ҳолати шавқу завқи рӯҳонӣ хеле давом намуд ва зикру авроду тиловат мекард. Гоҳе ӯ чанд дафъа чунин такрор менамуд: *Худовандо, биёмурз,*— вале дар ҳар дафъа бо қувват ва адои тозае; гоҳе нидо мекард — *маро биёмурз, худовандо, маро мағфират намо, ки чӣ бояд бикунам... маро биёмӯз, ки чӣ бояд бикунам, худовандо!* — ва инро бо чунон адое такрор мекард, ки гӯё ҳамин лаҳза ӯ интизо-

ри ҷавоби суханҳои худ бошад. Гоҳе фақат нолаи шикоятомезе шунида мешуд... Ӯ аз саҷда ба зону бархост, дастонашро ба синааш баст ва хомӯш истод.

Ман ба оҳистагӣ сарамро аз дар берун баровардам ва нафас рост намекардам. Гриша бе ҳаракат буд; аз синаи ӯ оҳу воҳи вазнине меҷаст; дар мардумаки тираи чашми ноқиси ӯ ки бо партави моҳтоб равшан шуда буд, сиришк аз ҳаракат монд.

— Ҳарчи кунӣ, ирода аз туст! — гӯён ногаҳон бо адои таъбирнопазире фарьёд бароварда бо пешонии худ ба замин афтод ва кӯдаквор гирья карда сар дод.

Аз он замон то ҳол бисьёр обҳо ҷорӣ шуд ва бисьёр хотироте аз рӯзҳои гузашта, дар назари ман аз эътибор соқит шуданд ва онҳо монанди як хаёлоти тира ва хирае шуда рафтанд ва ҳатто Гришаи дар ба дар ҳам, кайҳо роҳи охирини худро тай кардааст; вале он таассуроте, ки ӯ ба ман гузошт, ва ҳиссе, ки дар ман бедор кард, ҳеҷ гоҳ аз хотири ман маҳв нахоҳад шуд.

Эй, масеҳии бузург Гриша! Имони ту чунон маҳкам буд, ки ту наздикии худовандро ҳис мекардӣ, ишқи ту чунон бузург буд, ки калимот худ ба худ аз даҳони ту мерехтанд — ту онҳоро бо шуур тартиб намедодӣ... Ва чигуна ҳамду васфи олие ту ба пешгоҳи азамати ӯ овардӣ, ҳангоме, ки ҳеҷ таъбире наёфта, ашкрезон ба замин афтодӣ!..

Ҳисси риққатоваре, ки ман бо он Гришаро гӯш медодам, бисьёр дуру дароз наметавонист пойдор бимонад, аввалан аз он ҷиҳат, ки ҳисси кунҷковии ман қаноат ҳосил карда буд, ва сониян аз он ҷиҳат, ки ман дар чунон вазъият нишаста монда будам, ки поям хобида буд, ва мехостам ба пичир-пичири дигарон ва талоше, ки аз ақиби ман дар мадони торик шунида мешуд, иштирок намоям. Касе аз дасти ман дошт ва зери лаб гуфт: «Ин даст аз кист?» Даруни мадон тамоман торик буд; вале аз ҳамон як расидан ба ман ва овозе, ки пеши худи гӯши ман зери лаб гуфт, ман Катенька будани ӯро шинохтам.

Тамоман беихтиёрона ман дасти ӯро, ки остинҳои кӯтаҳе дошт, аз оринҷаш маҳкам гирифтам ва ба он лабони худро часпондам. Катенька аз ин рафтори

ман шояд дар ҳайрат афтода бошад, ки дасти худро кашид: бо ин ҳаракаташ ӯ курсии шикастаро, ки дар мадон истода буд, тела дод. Гриша сари худашро боло бардошт, оҳиста нигоҳе кард ва дуо хонда ба кунчакҳо салиб кашидан гирифт. Мо бо хаш-хашу пичирпичир аз мадон бадар рафтем.

Боби XIII

НАТАЛЬЯ САВИШНА

Дар нимаи асри гузашта, ҳавлӣ-ба ҳавлии деҳаи Хабаровка, дар либоси хонапӯшӣ *Наташка* ном духтари побараҳна, вале хушаҳвол, тануманд ва арғувонирухсора мегашт. Хидматҳо ва илтимоси падараш сурнайчӣ Савваро ба назар гирифта бобоям ӯро дар қатори дигар ходимаҳо, *ба боло*—ба хидмати модаркалонам гирифта будааст. Ин ходима — *Наташка* дар ин вазифа бо нармии табъ ва бо ғайрати худаш имтиёз доштааст. Ҳангоме ки бибиҷонам ба дунъё омадааст ва барои нигоҳубини ӯ доя лозим шудааст, *Наташкаро* ба ин кор муайян карда будаанд. Дар ин фаъолияти тоза ҳам ин духтарак ба таърифу тавсиф ва мукофотҳо ноил гаштааст, ки ин аз ҷиҳати бо садоқат ва муҳаббат гиру дор кардани ӯ нисбат ба бонуи ҷавон будааст. Вале каллаи сафедимолида ва ҷуроби бандакдори пешхидмат Фокаи ҷавони чолок, ки дар доираи хидмат бештар бо Наташа робита дошта аст, дили дурушт, вале меҳромези ӯро мафтун кардаанд. Ҳатто худи ӯ шахсан ба назди бобоямон рафтанӣ ва иҷозаи ба Фока ба шавҳар баромаданро гирифтанӣ будааст. Бобоямон илтимоси ӯро намакношиносӣ шумурда дар газаб омадааст, Натальяи бечораро барои ҷазо ба молхона дар деҳаи дашт фиристодааст. Вале баъд аз шаш моҳ, чун дигар каси мувофиқе, ки кори ӯро анҷом бидиҳад, ёфт нашудааст, Наталья ба кори худаш баргардонда шудааст. Бо либоси хонапӯшӣ аз бадарға баргашта ӯ ба назди бобоямон омада ба пояш афтодааст ва хоҳиш кардааст, ки аз ӯ меҳрубонии пештараашро дареғ надорад ва он беақлӣ, ки ӯро истило карда буд, фаромӯш кунад. Ӯ савганд мехӯрд, ки дигар ин

тур беақлиҳо нахоҳад кард. Ва дар ҳақиқат ҳам ӯ ба қавли худ истода аст.

Наташка аз он ҳангом Наталья Савишна шуд ва кулӯта бар сар гузошт; ҳамаи захираи муҳаббате, ки дар ӯ буд, ба хонимии ҷавони худ маътуф дошт.

Замоне ки назди бибиҷонам ҷои ӯро мураббия ишғол кард, ӯ калиди анборро ба даст гирифт ва либосу хӯрокворихо ба ӯ супурда шуд. Ин вазифаи тозаро низ ӯ бо он чунон садоқат ва ҷоннисорӣ адо мекард. Ӯ тамоми ҳастиашро ба манфаати хоҷагонаш вақф карда буд ва дар ҳар ҷо исрофкорӣ, вайронкорӣ ва дуздӣ гумон мебурд ва бо ҳар роҳе, ки метавонист, барои пеши онро гирифтан кӯшиш мекард.

Ҳангоме ки модарам ба шавҳар баромадааст, хоста аст, ки бо чизе ба хидмати бистсола ва садоқатмандии Наталья Савишна қадрдонии худашро изҳор намояд, ӯро назди худ хондааст ва бо ҳама суханҳои чарбу нарм миннатдорӣ, сипосгузорӣ ва меҳрубонӣ ба ӯ изҳоркунон, ба дасти ӯ як варақ коғази тамғадор, ки рӯи он ба Наталья Савишна хати озодӣ навишта шуда будааст, супурда гуфтааст, ки хоҳ ӯ хидмати худро дар хонаи мо давом диҳад, хоҳ не, ӯ ҳамеша солона сесад сӯм нафақа хоҳад гирифт. Наталья Савишна ҳамаи ин гуфтаҳоро хомӯшона гӯш додааст ва пас аз он васиқаро ба даст гирифта бадқаҳрона ба он як назаре афгандааст, чизе дар зери лаб гуфта аз хона бадар давида рафта дарро сахт бастааст. Модарам иллати ин ҳаракати аҷиби ӯро нафаҳмида, баъд аз андак фурсате ба хонаи Наталья Савишна даромадааст. Ӯ бо чашмони гирьяолуд рӯи сандуқе менишастааст, бо дастонаш рӯмолчаеро бозӣ мекардааст ва ба коғазпораҳои озодинома, ки дар рӯи хона афтода хобида будааст, чашм наканда нигоҳ мекардааст.

— Ба шумо чӣ шуд, Наталья Савишна, азизам? — гӯён аз дасти ӯ гирифта модарам мепурсад.

— Ҳеҷ, бибиҷон,— гӯён ҷавоб медиҳад ӯ,— гӯё ман ба дили шумо задаам, ки шумо маро аз ҳавлиатон пеш карда истодаед... Хайр, ҳамин тур бошад, ман меравам.

Ӯ дасти худро аз дасти модарам кашида, ба зӯр худашро аз гирья нигоҳ дошта аз хона баромада рафтанӣ мешавад. Модарам ӯро ба зӯр нигоҳ дошта, оғӯш кашидааст, пас ҳардуяшон нишаста гирья кардаанд.

Аз он замоне ки ман худамро ба ёд дорам, Наталья Савишнаро, меҳру муҳаббат ва навозиши ӯро низ ба хотир дорам; вале қадру қимати онҳоро фақат акнун мешиносам,— он замонҳо ба дили ман ҳам нагузаштааст, ки ин пиразан чӣ хилқати камьёби аҷоибе будааст. Ӯ ҳеҷ гоҳ дар бораи худаш натанҳо чизе намегуфт, балки дар бораи худаш гӯё фикре ҳам намекард: ҳамаи зиндагии ӯ меҳрубонӣ буду фидокорӣ. Ман ба меҳру муҳаббати беғаразона ва пуршафқати нисбат ба мо доштаи ӯ чунон одат карда будам, ки дар хаёлам ҳам намегузашт, ки ин дигар ранг ҳам шуда метавониста бошад, ман ҳеҷ гоҳ ба ӯ миннатдорӣ накардаам ва ҳеҷ гоҳ аз худам напурсидаам, ки оё ӯ хушбахт аст? оё ӯ хушҳол аст?

Гоҳе мешуд, ки ба баҳонаи ин, ки гӯё зарурате пайдо шуда аст, аз дарс гурехта ба хонаи ӯ медавӣ, менишинӣ ва аз будани ӯ ҳеҷ ибо накарда бо овози шунаво ба фикр кардан шурӯъ мекунӣ. Ҳамеша ӯ ба коре машғул буд: ё ки ҷуроб мебофт, ё даруни сандуққое, ки хонаи ӯро пур карда буданд, чизе меҷуст, ё ки либосу рахтҳоро рӯихат мекард ва ҳарзагӯиҳои маро, аз қабили ин ки «ман генерал ки шудам, ба як зебои аҷоибе хонадор мешавам, барои худам аспи ҷиран мехарам, хонаи шишакорӣ бино мекунам, ва хешовандони Карл Иванычро аз Саксония гирифта меорам» — гӯш медод ва такрор менамуд: «Ҳа, албатта, дадаҷон, ҳа...» Одатан, ҳангоме ки ман аз ҷоям бармехостам ва рафтанӣ мешудам, ӯ сандуқи кабуди худашро мекушод, ки дар рӯи сарпӯши он аз дарун, чунон ки аълон дар пеши назарам ҳаст, шакли рангини сипоҳии саворе ва сурате аз қуттичаи ғоза гирифташуда ва расме, ки Володя кашида буд, часпондагӣ буд; аз даруни он як тикка бухур мегирифт ва дуд мекард ва дастҳояшро ҳаракат дода мегуфт:

— Ин, дадаҷон, ҳанӯз аз бухурҳои Очаков аст. Ҳангоме ки бобои марҳуми шумо — худо раҳматаш — ба ҷанги туркҳо рафта буданд, аз он ҷо оварда буданд. Ин акнун охирин пораест, ки аз он мондааст, — мегуфт ва оҳе ҳам мекашид.

Дар сандуққое, ки хонаи ӯро сар-то сар пур карда буд, ҳар чӣ хоҳед, ёфт мешуд. Чизе ки даркор шавад, одатан мегуфтанд: «Инро аз Наталья Савишна пурсидан лозим аст», ва дар ҳақиқат ҳам, ӯ дар он ҷо андаке ҷустуҷӯ карда ҳамон чизи даркориро меёфт ва мегуфт: «Хуб карда будаам, ки инро эҳтиёт карда нигоҳ дошта будаам». Дар ин сандуққо ҳазорҳо ин тур чизҳо буданд, ки дар ҳавлӣ касе ғайр аз ӯ аз онҳо хабар надошт ва ғами онҳоро намехӯрд.

Боре аз ӯ қаҳри ман омад. Ин ҳодиса ин тур воқеъ шуд. Дар ҳангоми наҳорихӯрӣ, ман барои худам шарбат рехта истода, суроҳиро ғалтондам ва дастархонро тар кардам.

— Наталья Савишнаро ин ҷо садо кунед, биёяду маҳбубаки худашро тамошо кунад, — гуфт модарам.

Наталья Савишна омад ва обе, ки ман рехта будам, дида, сарашро ҷунбонд; онгоҳ модарам ба гӯши ӯ чизе гуфт, ва ӯ маро таҳдидкунон аз хона баромад.

Пас аз наҳорӣ ман бо тамоми хушҳолӣ ва нишот, ҳаллосзанон ба тарафи зал мерафтам, ки ногаҳон аз паси дар Наталья Савишна дар даст ҳамон дастархонро гирифта берун давида баромад, маро даст гирифт ва бо вуҷуди он ки ман худамро сахт мудофаа мекардам, бо ҳамон ҷои таршудаи дастархон рӯйҳоямро молидан гирифт ва мегуфт: «Дастархонро чиркин макун, дастархонро чиркин макун». Ин кори ӯ маро чунон ранҷонд, ки ман аз қаҳр гирья карда сар додам.

«Аа-а! — мегуфтам ман худ ба худ дар зал пешу пас қадам зада ва аз гирья гулӯгир шуда.— Наталья Савишна, не, фақат *Наталья, ба ман ту* мегӯяд ва ба рӯи ман бо дастархони тар мезанад, гӯё ман як ходимбачае бошам. Не, ин тоқатшикан аст!»

Наталья Савишна чун дид, ки ман оби даҳонамро овезон кардам, зуд берун рафт ва ман дар он ҷо ба

қадам задан давом дӯштам ва пеши худ муҳокима мекардам, ки чӣ тур аз ин *Наталъяи* бадмуомила дар ивази ҳақорати кардагиаш интиқом бикашам.

Пас аз чанд дақиқа Наталья Савишна баргашта омад, беҷуръатона ба ман наздик шуд ва ба дилбардорӣ сар кард:

— Хайр, бас акнун, ин қадар ҳам не, дадаҷон, дигар гирья накунед... аз гуноҳи мани беақл гузаред... ман айбдор... хайр, азизакам, маро афв кунед... инак барои шумо.

Ӯ аз зери рӯмолаш як коғазпеч бароварда, ки аз коғази сурх сохташуда буд ва дар он ду дона нуқл ва як дона анҷир буд ва онҳоро бо дастони ларзонаш ба ман дароз кард. Ман ёрои ба рӯи ин пиразани меҳрубон нигоҳ карданро надоштам; ман рӯямро аз ӯ гардонда, он ҳадьяро қабул кардам ва ашкҳоям аз пештара ҳам зиёдтар равон шуданд, вале ин акнун на аз қаҳру газаб, балки аз меҳрубонӣ ва шарм буд.

Боби XIV

ҶУДОӢ

Дар рӯзи дигари он ҳодисае, ки ман ҳикоя кардам, дар соати дувоздаҳи рӯз, фойтун ва ароба дар пеши дарвоза истода буданд. Николай либоси сафарӣ пӯшида буд. Яъне пои шалворҳояш ба мӯза даровардагӣ ва сюртуки кӯҳнааш маҳкам бо фӯта печида шуда буд. Ӯ дар болои аробаи чорчарха истода буд ва шинелу болиштҳоро ба зери нишастгоҳ ҷо ба ҷо мекард; чун медид, ки онҳо баланд шуданд, ба рӯи онҳо менишаст ва худашро бардорузан карда онҳоро пачақ ва ҳамвор мекард.

— Меҳрубон шавед, Николай Дмитрич, оё мумкин намешавад, ки ин сандуқчаи хоҷаро дар он ҷо ҷой кунед,— гуфт маҳрами падарам, дар ҳолате, ки аз фойтун сари худро берун мебароварда,— он чиз хурдакак аст...

— Шумо барвақттар мегуфтед намешуд, Михей Иваныч,— норозиёна ҷавоб гуфт Николай тез-тез, ҳангоме ки бо тамоми зӯру қувваташ буғчаеро дарунӣ ароба мепартофт.—Худо ҳозир. сарам бе он ҳам

дам кардааст ва ин ҷо бо шумо бо ин қутичаҳотон,— гӯён илова кард ӯ,— дар ҳолате, ки кулоҳашро аз сараш мебардошт ва қатраҳои бузурги арақи пешонии аз офтоб сиёҳ шудаашро пок мекард.

Хидматгорони мард дар сюртукҳо, кафтанҳо ва куртаҳо, бекулоҳ, занҳо бо пӯшокҳои хонагиашон ва рӯмолҳои роҳ-роҳашон, кӯдакҳо дар дасташон, бачагони побараҳна дар гирду пеши баромадгоҳ истода буданд ва аробаҳоро тамошо мекарданд ва дар миёни худашон гарми гуфтугӯ буданд. Яке аз аробакашон — пирмарди пуштхамидае, ки телпаки зимистонӣ ва чакман дошт — тирчӯби аробаро дар даст медошт ва ҳаракати онро бодиққат аз назар мегузаронд; дигаре — ҷавони хушқадубасте дар як пироҳани сафед, ки қулфаки сурхи алвонӣ дошт, бо телпаки пашмибарра, ки мӯйҳояш даста-даста печида буд ва ҳангоми мӯи маллаи ҷингилаи худашро шона кардан, онро гоҳ ба ин сӯ, гоҳ ба он сӯ кач мекард, чакманашро ба нишемангоҳи пеши ароба ниҳод ва ҷилавро низ ҳамон ҷо партофта, бо тозиёнаи бофта зада истода гоҳе ба мӯзааш ва гоҳе ба аробакашони дигаре, ки аробаро равған мекарданд, назар меафганд. Яке аз онҳо зӯр зада тири болои чархро бардошта меистод; дигаре ба рӯи чархи ароба хам шуда тиру губчакро равған мекард, ҳатто барои ин ки қатрони зиёдатӣ беҳуда наравад, онро аз берун ба гирдогирди он низ молид. Аспҳои ҳаррангаи кӯфтдидаи почта дар наздики панҷара меистоданд ва бо думҳояшон магасронӣ мекарданд. Баъзе аз онҳо пойҳои сермӯи дамидаи худашонро берунтар ниҳода, чашмонашонро нимпӯш медоштанд ва пинак мерафтанд; дигаронашон аз дилтангӣ ҳамдигарашонро хориш мекарданд ё ки баргҳо ва танаи сахти сабзи сархасро, ки дар наздикии зинапояи роҳи баромад рӯида буд, мекарданд. Чанд адад сагҳои тозӣ — баъзеяшон дар офтоб дароз кашида сахт-сахт нафас мегирифтанд, дигаронашон зери аробаҳо дар сояе худашонро гирифта, гирдогирди тири аробаро, ки равғанолуд буд, мелесиданд.

Ҳаворо як навъ чангу ғубор гирифта буд, уфуқ ранги хокистарии нофармонтобе дошт; вале як пора ҳам абр дар осмон намудор набуд. Боди сахти ғарбӣ

гарду хокро аз роҳ ва заминҳои шудгор сутунвор баланд мебардошт, нуги дарахтони баландқомати зирфун ва тӯсро, ки дар боғ буданд, ҳам мекард ва баргҳое, ки аз онҳо мерехтанд, ба дуродур гирифта мебурд. Ман дар пеши тиреза менишастам ва бесаброна ба анҷом расидани ин тайёриҳоро мунтазир будам.

Замоне ки ҳама ба гирди мизи давра дар меҳмонхона ҷамъ омаданд, то ки дар лаҳзаи охирин чанде бо ҳамдигар як ҷо вақт гузаронанд, ба дили ман ҳеҷ наёмада буд, ки то чӣ андоза дақиқаи андӯҳоваре дар пеш аст. Фикрҳо ва андешаҳои тамоман бекора ва беҳудае дар каллаи ман меомад. Ман худ ба худам суол медодам: кадом аробакаш дар фойтун ва кадомаш дар аробаи чорчарха менишаста бошад? Бо падарам кӣ ҳамроҳ мерафта бошад ва бо Карл Иваныч кӣ? Ва аз чӣ сабаб маро мехоҳанд ҳатман бо гарданпеч ва бо чакмани пахтанок маҳкам бипечанд?

«Ман чӣ, лӯъбати нозуке ҳастам? шояд хунук хӯрда шах намешуда бошам. Чӣ хуб мешуд, ки ҳамаи ин гирудор ба зудӣ бартараф мешуд: менишастему равон мешудем».

— Руқъаи дар бораи либоси бачагон навишташударо ба кӣ фармоиш мекунед, бидиҳам? — гӯён Наталья Савишна, ки бо чашмони гирьяолуд аз дар даромад ва дар дасти худ он руқъаро дошт, ба модарам хитоб карда пурсид.

— Ба Николай бидиҳед, ва пас аз он биёед, ки бо бачагон хушбошӣ кунед, охир.

Кампирак чизе гуфтанӣ шуд, аммо якбора дар ҷои худ истода монд, рӯяшро бо рӯмолча пӯшонд ва дасташро афшонда аз хона баромада рафт. Ин ҳаракати ӯро ки дидам, дилам фишор хӯрд; вале бетоқатии ман дар рафтан аз ин эҳсос зӯртар буд, бинобар он ман тамоман хунсардона ба гуфтугузори модарам ва падарам гӯш дода нишастам. Онҳо дар бораи чизҳое сӯҳбат мекарданд, ки на инашон на онашонро он қадар ҳам ба худ ҷалб намекард: барои хона чӣ бояд харид. Ба князьдухтар Sophie ва Madame Julie чӣ бояд гуфт? ва оё роҳ хуб хоҳад гузашт?

Фока даромад ва бо худи ҳамон овозе, ки ҳар дафъа «хӯрок ҳозир аст» мегуфт, дар назди паҳлӯдарӣ истода овоз дод: «Аспҳо ҳозиранд». Ман дидам, ки модарам як қад парид ва аз шунидани ин хабар рангаш канд, гӯё ки барои ӯ хабари ногаҳонӣ расида бошад.

Ба Фока фармуданд, ки ҳамаи дарҳои хонаро бубандад. Барои ман ин кор бисьёр шоёни ханда ва дилхушӣ буд, «гӯё ки ҳамагӣ аз касе пинҳон шуда бошанд».

Ҳангоме ки ҳамагӣ нишастанд, Фока низ ба гӯшаи курсӣ нишаст; вале дар худи ҳамон оне, ки ӯ нишаст, дар ғижжос зад ва ҳама ба он нигоҳ карданд. Ба хона бесаришта Наталья Савишна даромад ва чашмонашро аз замин наканда дар наздикии даромадгоҳ ба ҳамон курсие, ки Фока нишаста буд, ҷой гирифт. Чунон ки алъон дар пеши чашми ман ҳаст, ман сари бемӯй, рӯи пурчини беҳаракати Фока ва қомати хамидаи меҳрубононаи кулӯтапӯшидаро, ки аз зери он мӯйҳои сафед намудор буданд, мебинам. Онҳо ҳар ду дар як курсӣ танг нишастаанд, ва ба ҳардуяшон ҳам нобоб ва носоз аст.

Ман ҳамон тур бепарво ва бетоқат будам. Даҳ сонияе, ки мо дарҳоро баста нишастем, ба назари ман як соати дуру дарозе намуд. Оқибат ҳамагӣ аз ҷо бархостанд ва хоҷ заданд ва бо ҳамдигар хушбошӣ кардан гирифтанд. Падарам модарамро оғӯш кард ва чанд дафъа ӯро бӯсид.

— Бас аст, дӯстаки ман,— гуфт падарам,— охир, на тамоман аз ҳамдигар ҷудо мешавем, ки.

— Ҳар чи ҳам бошад,— гуфт модарам бо овозе, ки аз гирья ларзон буд,— ҷудоӣ душвор аст!

Ман ин гуфтаи ӯро ки шунидам ва лабони ларзон ва чашмони пур аз сиришки ӯро ки дидам, ҳамаи он чи, ки дар андеша доштам, фаромӯшам шуд ва чунон ғамгин гаштам, ва диламро дард ва даҳшат чунон фаро гирифт, ки хостам беҳтар ин, ки аз он ҷо бигурезам, на ин ки бо ӯ хушбошӣ кунам. Ман дар ҳамин дақиқа фаҳмидам: ҳангоме ки ӯ падарамро оғӯш мекашидааст, кайҳо бо мо видоъ мекардааст.

Ӯ чандин бор гашта бар гашта Володяро бӯса мекард ва хоҷ мезад, ки акнун бояд ба ман рӯ меоварда бошад гуфта,— ман пеш мерафтам; вале ӯ боз ба такрор дуо мекард ва ӯро ба синааш мекашид. Оқибат ман низ ба оғӯши ӯ даромадам ва ба ӯ часпида гирья кардам, ва ғайр аз ғаму андӯҳи худ дигар чизеро наандешида гирья мекардам.

Ҳангоме ки мо ба аробаҳо нишастанӣ шуда равона гаштем, хидматгорон ба хушбошӣ пеш омада касро безор карданд. «Дастакотонро ба ман диҳед» гуфтанҳои онҳо, бӯсаҳои овоздори онҳо ба китфи мо ва бӯи равғани сари онҳо дар дили ман эҳсосеро ба ҷунбиш оварданд, ки он эҳсос ба димоғсӯхтагии касони тундмизоҷ наздик буд. Ҳангоме ки Наталья Савишна бо гирьяндагӣ бо ман видоъ мекард, дар зери таъсири чунин эҳсос, ман кулӯтаи ӯро бисьёр дилсардона бӯса кардам.

Инаш ҷои тааҷҷуб аст, ки ман алҳол чеҳраи ҳамаи хидматгоронро гӯё мушоҳида мекунам, чунон ки метавонам онҳоро бо ҳама тафсилоташ тасвир намоям; вале рӯй ва ҳолати модарам қатъиян аз хаёли ман дар гурез аст: шояд ин аз он ҷиҳат бошад, ки дар ҳамаи он муддат ман ҷуръат накардаам ба рангу рӯи ӯ бо диққат назар биафганам. Ба ман чунон меомад, ки агар ман ба ӯ нигоҳ мекардам, гаму андӯҳи худи ӯ ва ман боистӣ ба дараҷаи тоқатфарсое мерасид.

Ман пеш аз дигарон ба ароба худамро гирифтам ва дар нишемангоҳи ақиб будагӣ нишастам. Аз ақиби болопӯши баланд бардошташудаи ароба, ман чизеро дидан наметавонистам, вале як эҳсоси ғариза ба ман мегуфт, ки модарам ҳанӯз дар он ҷост.

«Боз ба ӯ нигоҳе кунам, ё не?.. Хуб, боз як дафъаи вопасин!» — гуфтам ман худ ба худ ва аз ароба ба тарафи баромадгоҳи хона худамро берун кашидам. Дар худи ҳамин лаҳза модарам бо ҳамон ранг андеша, аз тарафи муқобили ароба наздик омад ва номи маро гирифта садо кард. Аз паси сар овози ӯро шунида ман рӯи худамро ба ӯ гардондам, вале ин ҳаракат чунон ба суръат воқеъ шуда буд, ки сари ҳардуямон

ба ҳамдигар бархӯрд; ӯ андӯҳгинона табассуме кард ва маро дафъаи вопасин маҳкам-маҳкам бӯсид.

Ҳангоме ки мо чанд сажин дуртар рафтем, ман ҷуръат пайдо кардам, ки боз ба ӯ нигоҳ кунам. Шамол қарси кабудеро, ки ба сари ӯ печида буд, мебардошт; сарашро поин оварда ва рӯяшро бо дастонаш пӯшонда, ӯ оҳиста-оҳиста аз зинапояи даромади хона баланд мешуд. Фока ба ӯ ёрмандӣ мекард.

Падарам дар паҳлӯи ман нишаста буд ва чизе намегуфт; ман бошам, аз гирья гулӯгир шуда будам ва чизе гулӯямро чунон фишор медод, ки метарсидам, ки нафасам гардад... Ба роҳи калон ки баромадем, мо дидем, ки касе аз болоайвон истода рӯмоли сафеде меҷунбонад. Ман рӯмоли худамро ҷунбондан гирифтам ва ин ҳаракат ба ман андаке оромӣ овард. Ман ҳамчунон гирья мекардам ва он андеша, ки сиришки ман далели ҳассосии ман аст, ба ман лаззат мебахшид, ва хушҳолӣ меовард.

Як верст роҳро ки тай кардем, ман осудатар нишаста гирифтам ва бо диққати тамом сӯи чизе, ки дар пеши назарам буд, ба нигоҳ кардан сар кардам. Ман сағрии аспи шатакиро, ки аз тарафи ман медавид, медидам. Ин аспи хол-холи шатакӣ чӣ тур думашро ҳар тараф меҷунбонд, чӣ тур ӯ як пои худашро ба пои дигараш мерасонд, ва чӣ тур тозиёнаи бофтаи аробакаш ба он мерасид ва пойҳо баробар ба ҷастан сар мекарданд, ҳамааш намоён буд; медидам, ки чи тур тасмаи чармини пушти асп меҷаст ва дар он ҳалқаҳо бозӣ мекарданд ва ман то он ҷо нигоҳ кардам, ки ин чармбандҳо бо кафк пӯшида шуданд. Ман ба давру атроф нигоҳ мекардам: ба майдонҳои мавҷзада истодаи ҷавдори пухта, замини шудгор карда дам додагии тирагун, ки дар рӯяш ин ҷо-он ҷо поза, марди деҳқон, модиён бо куррааш намудор буд, ба аломатҳои роҳ, ки ҳар ҷо-ҳар ҷо барои донистани масофа нишонда буданд, ва ҳатто ба нишастгоҳи аробакашон ҳам нигоҳ мекардам, то бидонам, ки кадоми онҳо бо мо меравад; ва ҳанӯз рӯи ман аз сиришк хушк нашуда буд, ки хаёлоти ман аз модарам, ки эҳтимол абадан аз ӯ ҷудо шуда бошам, бисьёр дур рафта буданд. Вале ҳар кадоми хотирот маро ба андешаи ӯ меандохт.

Ман он замбӯруғро ба ёд овардам, ки дар арафаи сафарамон аз хиёбони дарахти тӯс ёфтам ва чи тур Любочка бо Катенька дар болои он, ки кадом яке аз онҳо онро канда гирад, бо ҳам кашмакаш карданд ва ба ёд овардам, ки онҳо чи тур ҳангоми хушбошӣ бо мо ба гирья даромаданд.

Ба онҳо дилам месӯзад! ба Наталья Савишна ҳам, ба дарахтистони тӯс ва ба Фока ҳам дилам месӯзад! Ҳатто, ба Мимии бадқаҳр ҳам дилам месӯзад. Ба ҳама чиз дилам месӯзад! Бечора модарам чӣ? Боз ба чашмонам об чарх зад, вале акнун ин ҳол на он қадар тӯл кашид.

Боби XV

БАЧАГӢ

Чӣ замони беҳрӯзӣ, чӣ хушбахтӣ ва бебозгаштаст даврони бачагӣ! Чӣ тур метавон хотироти он рӯзгорро дӯст надошт ва арҷуманд надонист? Ин хотирот маро аз нав тару тоза мекунанд ва рӯҳи маро баланд парвоз медиҳанд ва барои ман онҳо вазифаи сарчашмаи беҳтарин нашъаву кайфро адо мекунанд.

Аз даводавию хезкашӣ сер шуда гоҳе мешуд, ки ба пеши мизи чойхӯрӣ дар курсии баландпояи худ менишинӣ; ҳар чанд акнун вақт рафтааст ва ту пиёлаи шири худро бо қанд кайҳо хӯрда тамом кардай, хоб ҳам чашмони туро ба ҳам меорад, ҳамин тур ҳам бошад аз ҷоят наҷунбида, дар нишастан давом мекунӣ ва гӯш меандозӣ. Ва чигуна гӯш наандозӣ? Модар бо касе гап зада истодааст ва овози гапи ӯ чунон ширин ва чунон форам аст, ки... Танҳо худи ин овозҳо ба дили ман чунон бисьёр чизҳо мегӯянд, ки! Бо чашмони хоболуди хира шудаистода ман ба рӯю рухсорам ӯ бодиққат нигоҳ мекунам ва ногаҳон модарам хурд шудан гирифт, рӯи ӯ тугма барин шуда монд; бо ин ҳама он рӯю чеҳра чи ранге ки буд, ба ман ҳамон тур равшан намоён аст: инак дар назарам аст, ки ӯ ба ман назаре афканд ва лабханде кард. Ба ман ин ҳолати хурдтарак намудани ӯ бисьёр гуворост. Ман чашмони худамро боз ҳам бештар нимкоф мекунам ва ӯ

ба шакли ҳамон бачагоне медарояд, ки дар мардумаки чашм дида мешаванд; вале ман ки андаке меҷунбам, ин хаёлот вайрон мешуду мерафт. Ман чашмонамро боз тангтар мекунам ва ба ӯ рӯй меоварам, зӯр мезанам, ки он ҳолати гузаштаро боз баргардонам, ҳама беҳудааст.

Ман аз ҷоям бармехезам, пойҳоямро меғундорам ва ба болои кресло ба осудагӣ ҷой мегирам.

— Боз хобат мебарад, Николенька,— мегӯяд ба ман модарам,— хуб мешуд, ки ту ба боло мерафтӣ.

— Ман хоб карданӣ нестам, бибиҷон,— мегӯй дар ҷавоб ва хаёлоти нимрангу ширин пеши назаратро фаро мегиранд, хоби маҳками бачагона мижгони туро ба ҳам мепайвандад ва баъд аз дақиқае дар ғафлат ба хоб меравӣ ва, то ҳангоме ки туро бедор накунанд, бедор намешавӣ. Нимхобу нимбедор гоҳе эҳсос мекунӣ, ки дасти навозишкори касе ба ту мерасад; бо ҳамон як расиданаш онро мешиносӣ ва ҳанӯз хоболуд он дастҳоро ба худ мекашӣ ва ба лабҳои худ сахт ьа маҳкам мечаспонӣ.

Ҳамагӣ кайҳо ба ҳар тараф пароканда шудаанд; танҳо як шамъ дар меҳмонхона дар сӯхтан аст; модарам гуфтааст, ки ӯ худаш маро бедор хоҳад кард; инак ӯ дар креслое, ки ман хобидаам, нишаст ва бо дасти нағзакаки нозукаш мӯйҳои маро молид ва дар болои гӯшам овози ошнои форам танинандоз шуд:

— Бархез, ҷонаки ширини ман: вақти хоб шуд.

Аз нигоҳи лоуболонаи касе ӯ ибо намекунад: ӯ аз рехтани ҳама навозишҳо ва меҳрубонии худаш дар болои ман аз касе мулоҳиза намекунад. Ман аз ҷоям ҳаракат намекунам, вале боз ҳам маҳкамтар дасти ӯро мебӯсам.

— Бархез акнун, азизаки ман.

Ӯ бо дасти дигараш гардани маро фаро мегирад ва ангуштони ӯ тезу тунд дар ҷунбиш медароянд ва маро ғилғила мекунанд. Дар хона сукут ҳукмфармост ва андаке торикӣ ҳам ҳаст; асабҳои ман ба сабаби ғилғила ва бедор шудан барангехтаанд; бибиҷонам дар худи паҳлуи ман нишастааст; ӯ ба ман даст расонда истодааст; ман бӯи ӯро фаҳмида ва овози ӯро шунида

истодаам. Ҳамаи ин ҳол маро водор менамояд, ки аз ҷоям барҷаста хезам, гардани ӯро бо дастонам печонда гирам, сарамро ба синаи ӯ часпонам ва танг-танг нафас кашида ба ӯ бигӯям:

— Оҳ бибиҷони меҳрубонакам, ҷонони ман, ман туро чӣ қадар дӯст медорам!

Ӯ бо лабханди дилрабо ва ҳазини худ табассуме мекунад ва бо ду дасташ сари маро мегирад, маро аз пешониам мебӯсад ва ба рӯи зонуҳояш менишонад.

— Пас ту маро бисьёр дӯст медорӣ? — Ӯ андаке сукут мекунат ва баъд аз он мегӯяд: — Ҳушьёр бош, ҳамеша маро дӯст бидор, ҳеҷ гоҳ фаромӯш манамо. Агар бибиҷонат набошад, ту ӯро фаромӯш нахоҳӣ кард? фаромӯш нахоҳӣ кард, Николенька?

Ӯ боз меҳрангезтар маро мебӯсад.

— Бас аст! ин тур нагӯй, азизакам, ҷонакам,— гӯён фарьёд мезанам ман зонуҳои ӯро бӯсакунон ва оби дида — оби дидаи меҳрубонӣ ва хушҳолӣ аз чашмонам равон мешаванд.

Пас аз он, чунин мешуд, ки ба болохона меравӣ ва ҷомаи пахтанок дар бар пеши ақоним истода ҳангоме, ки мегӯӣ: «Худовандо, падар ва модаракамро биёмурз», чӣ эҳсоси аҷибе дар худ мушоҳида менамоӣ. Дар ҳангоми дуо ва муноҷотҳое, ки дафъаи нахустин лабҳои бачагонаи ман аз паси модари азизам адо мекарданд, муҳаббат ба ӯ ва муҳаббат ба худованд ба як тарзи аҷиб баҳам мепайваст.

Баъд аз намоз ҳамин тур мешуд, ки худатро ба кӯрпа мепечӣ; дар дилат як сабукӣ, як рӯшноӣ ва хурсандӣ ҷой мешавад; хаёле хаёли дигареро таъқиб мекунад,— вале онҳо боз чӣ хаёлҳоеанд? онҳо дастнорасанд, вале бо меҳру муҳаббати тоза ва соф ва бо умеди бахту саодати дурахшон моломоланд. Гоҳе мешуд, ки Карл Иванычро ва тақдиру қисмати талхи ӯро, он як нафар касеро, ки дар умри худ ман бадбахт мешинохтам, ба ёд меорам ва чунон ба ӯ ҳайфам меояд ва дилам месӯзад, ва чунон ӯро дӯст медорам, ки оби дида аз чашмонам равон мешаванд ва ба худ мегӯям: «Худоё, ба ӯ бахту саодат бидеҳ ва ба ман имкони ба ӯ ёрӣ расондан бидеҳ, ки ғаму андӯҳи ӯро

сабуктар кардан тавонам; ман ҳар васила ва асбоберо ҳозирам, ки барои бахту саодати ӯ қурбон кунам». Пас аз он бозичаи чинии дӯстдоштаам — харгӯшча ё сагчаро — ба кунҷаки болишти пар ҷой мекунам ва тамошо мекунам, барои ӯ дар он ҷо хобидан чӣ гуворо ва гарму нарм аст. Боз дуо ва муноҷот мекунам, ки худованд ба ҳамаи мардумон хушбахтӣ ато фармояд, то ки ҳамагӣ ризоманд бошанд ва то ки фардо барои гардиш ҳавои хубе шавад, ва ба паҳлуи дигаре бар мегардам, фикру хаёлотам ба ҳамдигар мепечанд, омехта мегарданд ва дар ҳолате, ки ҳанӯз оби дидаам дар рухсораам хушк нашудааст, осудаву ором ба хоб меравам.

Оё он тару тозагӣ, он беғамӣ ва он эҳтиёҷ ба меҳрубонӣ ва он қуввати имон, ки дар кӯдакӣ доро будӣ, боз як замоне хоҳанд баргашт? Чӣ соате метавонад беҳтар аз он бошад, ки хушҳолии маъсумона ва эҳтиёҷ ба меҳрубонии бепоён — дар ҳаёт ягона сару кори кас буда бошанд?

Он муноҷотҳои гарму ҷӯшон куҷост? куҷост он беҳтарин хислат — сиришкҳои риққат? Фариштаи тасаллоовар парзанон дармерасид, лабхандзанон ин сиришкҳоро пок мекард ва ба рӯи ҳаёлоти олуданашудаи кӯдакона омолу орзуҳои ширин меафшонд.

Магар зиндагонӣ ба рӯи дили ман он қадар асарҳои гаронбор гузоштааст, ки ин ваҷд ва ашкҳои пок аз ман умрбод дур шуданд? Магар аз онҳо танҳо хотирае мондаасту бас?

Боби XVI

АШЪОР

Қариб як моҳ пас аз он, ки мо ба Москва омадем, ман ба болохонаи модаркалонам дар назди мизи бузурге нишаста будам ва менавиштам; рӯ ба рӯи ман муаллими расм нишаста буд ва ба расми каллаи саллапечидаи турке, ки бо қалами сиёҳ кашида шуда буд, тасҳеҳи охирини худашро иҷро мекард. Володя гарданашро дароз карда аз паси муаллим истода буд

ва аз пушти китфи ӯ ба он нигоҳ мекард. Ин калла аввалин асари Володя буд, ки бо қалами сиёҳ кашидашуда буд, ва худи ҳамин рӯз, дар рӯзи муаккали[1] модаркалонам боистӣ ба ӯ тақдим мешуд.

— Магар дар ин ҷо шумо сояе намегузоред? — гуфт Володя ба муаллим, ба нӯки пои худ баланд шуда ва гардани туркро нишон дода.

— Не, лозим нест,— гуфт муаллим, ки қаламу хомаи наққоширо ба хезаи миз мегузошт,— акнун хуб аст ва шумо дигар ба ӯ даст назанед. Хӯш, Николенька,— илова кард ӯ аз ҷой бархоста ва ба шакли турк бо гӯшаи чашм нигоҳ карда,— ба мо акнун он асрорро боз кунед, бубинем, шумо ба модаркалонатон чӣ ҳадья пешкаш менамоед? Росташ, хуб мешуд, ки шумо низ сурати каллае мекашидед. Хайр, хуш бошед, азизон,— гӯён кулоҳ ва билеташро гирифта берун рафт.

Дар ҳамин лаҳза ман низ чунин андешидам, ки, агар сурати каллае мекашидед, беҳтар аз он чизе мешуд, ки алъон бар болои вай меҳнат мекунам. Чун моро огоҳ намуданд, ки ба зудӣ ҷашни солонаи номгузории модаркалон барпо хоҳад шуд ва ҳар кадоми мо бояд ҳадьяе барои ӯ омода намоем, ба сари ман чунин фикре омад, ки ба муносибати ин рӯз шеъре барои ӯ бинависам ва дар ҳамон соат ду мисрае бо қофия дуруст кардам ва ба умеди он будам, ки мисраъҳои дигарашро низ ба зудӣ бубандам. Ман қатъан дар хотир надорам, чӣ тур ба сари ман ин фикр омад, ки ба сари бача омадани он шигифтовар буд, вале ҳамон қадар дар ёдам мондааст, ки ин мулоҳиза бисьёр ба ман хуш омад ва ба ҳамаи пурсишҳое, ки дар бораи он пеш меомад, ман ҷавоб медодам, ки албатта ба модаркалон ҳадьяе хоҳам кард, вале ба ҳеҷ кас аз чӣ иборат будани онро нахоҳам гуфт.

Бар акси чашмдошти ман, ғайр аз ду мисрае, ки дар сари шавқ ба қалам оварда будам, пас аз он ҳар чи зӯр ҳам мезадам, дигар чизе навиштан наметаво-

---

[1] *Рӯзи муаккал* — дар миёни насрониён рӯзи ёдоварии яке аз авлиёст, ки он рӯз барои касе, ки номи он валиро дар вақти ғусли таъмид ба ӯ додаанд, ид ба шумор меравад.

нистам. Ман, он чи дар китобҳоямон аз ашъор буд, хондан гирифтам; вале на Дмитриев, на Державин ба ман ёрӣ нарасонданд — билъакс онҳо маро боз бештар ба беистеъдодиам қонеъ мекарданд. Медонистам, ки Карл Иваныч ашъори гуногун ба дафтар ҷамъоварӣ карданро дӯст медошт, бинобар он ба касе нафаҳмонда коғазҳои ӯро кофту-ков кардам, дар радифи шеърҳои олмонӣ як манзумаи русӣ дар он ҷо ба даст даровардам, гумон мекунам, ки ин порча аз қалами ӯ сар зада буд.

Ба хоним Л... Петровская 1828. 3 июни
Ба ёд оваред аз наздик,
Ба ёд оваред аз дур.
Ёд оваред ба мо,
Ҳанӯз аз имрӯз ва то ҳамешагӣ,
Ёд оваред боз то қабри маро
Чӣ қадар бовафоям ман дӯст доштанӣ.

Карл Мауер.

Ин шеър, ки бо хати хуби гирдае дар рӯи коғази нафиси почта навишта шуда буд, аз ҷиҳати он ки бо ҳиссиёти муассире пур буд, ба ман хуш омад; ман ҳамон лаҳза онро ёд кардам ва барои худ намуна гирифтанашро қарор додам. Акнун кор хеле ба осонӣ пеш мерафтагӣ шуд. Дар рӯзи ҷашни солона манзумае аз дувоздаҳ мисраъ ҳозир буд ва ман дар дарсхона дар паси миз нишаста, онро ба коғази мӯҳрадор рӯнавис мекардам.

Кайҳо ду тахта коғаз хароб карда шуд... на аз он ҷиҳат, ки ман баъзе ҷойҳои ашъорро дигар карданӣ шуда бошам: он ба ман бисьёр олӣ менамуд; вале аз сатри саввӯм сар карда охири онҳо ба сӯи боло то рафт бештар майл мекард, чунон ки аз дур ҳам аён мешуд, ки каҷ навишта шудааст ва нобоб аст.

Тахтаи саввӯм низ монанди дигаронаш ҳамчунон каҷ рафта буд; вале ман қарор додам, ки онро дигар рӯнавис накунам. Ман дар шеъри худ модаркалонамонро муборакбод мекардам ва барои ӯ умри дароз хостор шуда будам ва онро чунин ба поён мерасондам:

Бикӯшем, дилаш бардорем,
Ҳамчун модар дӯсташ дорем.

Гӯё ки бисьёр ҳам бад набуд, вале мисраи охирин гӯши маро як навъе озор медод.

— Ҳамчун модар дӯсташ дорем,— такрор мекардам ман дар зери лаб ва мегуфтам: — ба ҷои *модар* чӣ қофияи дигар биёбам? бозигар? роғи дар! — Эҳ, шудан мегирад, ҳар чӣ бошад ҳам, аз шеъри Карл Иваныч беҳтар-ки!

Ва ман мисраи охиринро ҳамон тур навиштам. Пас аз он дар хобгоҳ ман шеъри худамро бо овози баланд бо ҳаяҷон ва бо дастҷунбонӣ ва ишорат адо кардам. Мисраъҳо тамоман аз вазн орӣ буд, вале ман дар болои он таваққуф накардам, мисраи охирин аз дигаронаш бештар ва зӯртар ба ман мехалид. Ман ба рӯи тахти хоб нишастам ва ба фикр фурӯ рафтам...

«Барои чӣ ман: «*чун модар*» навиштам? модарам ки дар ин ҷо нест, бинобар он ӯро дар ин ҷо ба ёд овардан ҳам лозим набуд; дуруст аст, ман модаркалонамро дӯст медорам, эҳтиром мекунам, вале ҳар чи ҳам бошад, боз ин модар нест, дигар.... барои чӣ ман ин тур навиштам, барои чӣ ман дурӯғ бастам? Гирем, ки ин ашъор аст, вале бо вуҷуди он ин тур гуфтан лозим набуд».

Дар худи ҳамин лаҳза хайёт омад ва нимфракчаи навро овард.

— Хайр, ҳар чӣ шуд, шуд! — гуфтам ман бо бетоқатии зиёде ва шеърро бо қаҳр зери болишт ҷой кардам ва барои андоза гирифтани либоси москвагӣ давидам.

Либоси москвагӣ бисьёр хушоянд буд: нимфракҳои қаҳваранг бо тугмаҳои биринҷӣ ба андом часпон дӯхта шуда буд, на онҷунон ки дар деҳа барои мо медӯхтанд, калон шудани моро дар назар гирифта,— шалворчаҳои сиёҳ ҳам, ки борикак буданд, мушакҳои пойро аҷаб барҷаста намудор мекарданд ва ба рӯи мӯзаҳо хуб менишастанд.

«Оқибат, ман ҳам шалвори дар поёнаш бандакдори ҳақиқӣ мепӯшидагӣ шудам!» — гӯён аз шодӣ бехуд шуда будам ва аз ҳар тараф пои худро нигоҳ мекардам.— Ҳар чанд он либоси нав барои ман бисьёр танг ва ноҳинҷор буд, инро аз назари ҳама пинҳон медоштам, билъакс мегуфтам, ки он барои ман бисьёр соз-

вор аст ва агар ноҳинҷорие дар ин либос бошад, андаке фарохии он аст. Пас аз он ман дар пеши оина истода муддати дуру дароз мӯямро, ки бисьёр равған молида будам, шона кардам; вале ҳар чанд ки зӯр занам, кокули фарқи сари худро ҳамвор хобонда натавонистам: дар ҳамон лаҳзае, ки ман мехостам, нигоҳ кунам, он кокулча акнун ором мехобида бошад ё не ва шонаро аз рӯяш мебардоштам, медидам, ки он аз ҷояш бармехезад ва ба ҳар сӯй сар мекашад ва ба шаклу шамоили ман намуди аҷибу ғарибе медиҳад.

Карл Иваныч дар хонаи дигар либос мепӯшид ва барои ӯ аз дарсхона фраки нилӣ ва боз чанде пӯшоки сафед гирифта гузаштанд. Дар пеши даре, ки ба поён мебурд, овози яке аз ходимаҳои модаркалон шунида шуд; ман баромадам, то бидонам, ки ӯ чӣ лозим дошта бошад. Ӯ пешсинаи оҳарзадае дар даст дошт ва ба ман гуфт, ки онро барои Карл Иваныч овардааст ва, то ки онро дар соати муайян расонда тавонад, тамоми шаб нахобида онро шуста ҳозир кардааст. Ман он пешсинаро аз дасти ходима гирифтам, ки ба Карл Иваныч бирасонам ва пурсидам, ки модаркалон аз ҷои хоб хестааст, ё не.

— Ҳа, кайҳо... қаҳваро тановул фармуданд ва кашиши бузург ҳам омадааст. Оҳ, чӣ тур шумо олуфта шудаед,— гӯён бо лабханде илова намуд ӯ ба либоси нави тозаи ман нигоҳ карда.

Ин нукта задани ӯ маро сурх кард; ман ба як по чархе задам ва бо ангуштонам қарсос зада як хез кашида хостам бо ин ба ӯ нишон бидиҳам, ки ӯ ҳанӯз хуб намедонад, ки ман чӣ қадар ҳақиқатан олуфта ҳастам.

Ҳангоме ки пешсинаро барои Карл Иваныч овардам, он барои ӯ акнун дигар даркор набуд: ӯ кайҳо дигарашро пӯшида буд ва пеши оинаи хурдтараке, ки ба рӯи миз истода буд, хам шуда гарданбандашро, ки дар шакли гирехи навори бузург бастагӣ буд бо ду дасташ дошта месанҷид, ки занахи тоза тарошидааш ба он озодона даромада мебаромада бошад ё не. Ҳар тарафи либоси моро кашидаву соз карда ва аз Николай ҳамин тур кардани либоси худашро низ хоҳиш намуда, ӯ моро ба ҳузури модаркалон бурд. Барои

ман ба ёд овардан хандаовар аст, ки аз ҳар сеямон, ҳангоми аз зинапояҳо ба поён равон шуда истоданамон, чӣ қадар бисьёр бӯи равғани мӯй меомад.

Карл Иваныч ҷаъбае, ки худаш сохта буд, дар даст дошт, Володя — расм, ман бошам, ашъор доштам; дар забони ҳар кадоми мо он калимоти табриконае буд, ки боистӣ бо он ҳадьяҳоро пешкаш мекардем. Дар он лаҳзае ки Карл Иваныч дари залро боз мекард, кашиш абои худашро мепӯшид ва нахустин садои оғози дуохонӣ ва муноҷот баланд шуд.

Модаркалон кайҳо дар зал буд: бо пушти хамида ба такьягоҳи курсӣ такьякунон, дар пеши девор истода, бо ихлосу эътиқоди том машғули муноҷотхонӣ буд; дар паҳлуи ӯ падарам истода буд. Ӯ ба мо рӯй оварда ва лабханде зад, чун пай бурд, ки мо бесаришта ҳадьяҳои ҳозир кардаамонро ба пушти худамон пинҳон карданӣ мешавем ва барои ин ки касе моро набинад, дар дами дар истодаем. Ҳама таъсири ногаҳонӣ ба вуқӯъ омадани кордории мо, ки ба он умед баста будем, барбод рафт.

Ҳангоме ки ба салиб наздик мешудем, ман ногаҳон эҳсос намудам, ки дар зери таъсири вазнини муқоваматнопазири саргарангкунандаи шармгинӣ мондаам ва ба ман чунон меомад, ки ҳеҷ гоҳе ёрои тақдим кардани пешкаши худро нахоҳам дошт ва аз ин сабаб ба ақиби Карл Иваныч худамро гирифтам, ки ӯ дар он лаҳза бо камоли фасоҳат ва балоғат бо иборатороиҳо ҷаъбаи худашро аз дасти рост ба дасти чапаш гирифт ва онро ба он касе, ки ба шарафи ӯ ин маросим барпо шуда буд, супурд ва чанд қадаме ба ақиб рафт, то ки ҷои худро ба Володя бидиҳад. Модаркалон гӯё аз ҷаъбае, ки бо ҳошияҳои заррин ороста буд, бисьёр хурсанд шуда буд ва бо табассуми бисьёр меҳрубононае изҳори ташаккур намуд. Вале ҳамон қадар ба назар бар мехӯрд, ки ӯ намедонист, ин ҷаъбаро ба куҷо бигузорад ва, шояд аз ҳамин ҷиҳат бошад, ба падарам таклиф намуд, ки онро тамошо кунад, ки чӣ тур санъаткорона ва хушобутоб сохта шудааст.

Падарам ҷаъбаро аз ҳар тарафаш тамошо карда сер шуда, ба дасти кашиш дод, ки ин чиз ба ӯ низ гӯё бисьёр маъқул шуд: ӯ сарашро ҷунбонда бо тааҷҷуб

гоҳе ба ҷаъба, гоҳе ҳам ба он устоди санъаткоре, ки ин чизи аҷоибро сохта буд, нигоҳ мекард. Володя турки худашро тақдим кард ва ӯ низ аз ҳар сӯе ба таърифу таҳсини ҳама сазовор гашт. Навбати ман ҳам расид: модаркалон бо табассуми илтифоткоронае ба ман рӯй овард.

Он касоне, ки шармгиниро аз сар гузарондаанд, медонанд, ки ин ҳис бо нисбати мустақими замонӣ фузунӣ мегирад ва ҷасорат ба нисбати аксӣ нуқсон мепазирад, яъне ҳар қадар ки ин ҳолат тӯл мекашад, ҳамон қадар муқоваматнопазир мегардад ва ҷасорат ҳамон қадар камтар мешавад.

Ҷасорат ва муқовамати охирин ҳангоме маро тарк карданд, ки Карл Иваныч ва Володя тӯҳфаҳои худашонро пешкаш намуданд ва шармгинии ман ба мунтаҳои баланди худ расид: ман ҳис мекардам, ки чӣ тур хун аз дил ба сарам ҳамвора ҳуҷум меовард, чӣ тур чеҳраи ман аз ранге ба ранге мегашт ва дар пешонӣ ва биниам қатраҳои бузурги арақ намудор мегашт. Гӯшҳоям тафсида буд ва дар тамоми аъзои баданам ларзиш ва рутубат ҳис мекардам, аз як пой ба пои дигар мегузаштам ва аз ҷоям ҳаракат намекардам.

— Хуш, канӣ, Николенька, нишон бидеҳ, ки ту чӣ овардӣ, ҷаъба ё расме? — гуфт падарам ба ман. Чораи дигаре надоштам: бо дасти ларзон коғазпечи машъуми миҷиқшударо дароз кардам, вале овозам тамоман аз фармони ман берун рафта буд, бинобар он дар ҳузури модаркалонам хомӯшона рост истода мондам. Ман аз он андеша ҳеҷ ба худ намеомадам, ки дар ивази ҷаъба ё расме, ки ҳама аз ман интизор доштанд, аз тарафи ман як шеъре ба ҳузури ҷамъе хоҳанд хонд, ки ҳеҷ арзише надорад, ва дар он шеър ин ҷумлаи *ҳамчун модар* исбот хоҳад кард, ки ман ҳеҷ гоҳ модарамро дӯст намедоштаам ва имрӯз фаромӯшаш ҳам кардаам. Дар он лаҳзае, ки модаркалонам ба овози баланд шеъри маро хондан гирифта буд, ва гоҳе ҷоеро хонда натавониста дар нимаи мисраъ таваққуф мекард, то ки бо лабханде, ки дар он лаҳза ба ман тамасхуромез менамуд, ба сӯи падарам назаре афганад ва ҳангоме ки ӯ он гуфтаҳоро на чунон, ки ман мехостам, адо мекард ва аз бас нури чашмаш за-

иф буд, шеърро то охир нахонда коғазро ба падарам дароз кард ва аз ӯ хоҳиш кард, ки онро аз аввалаш сар карда то охираш аз дигар барои ӯ бихонад, дар он лаҳза азоб кашидани худамро ман чӣ тур ба иборат биёрам? Ба ман чунон менамуд, ки ӯ барои он ин тур кард, ки калимаҳои ноҳинҷор ва хати каҷу килеби маро хондан ба дилаш зад ва мехост, то ки падарам ҷумлаи охирини он шеърро, ки беҳиссии маро бисьёр равшан исбот мекард, худаш хонда бинад. Ман интизор мекашидам, ки падарам бо ин коғаз ба бинии ман мезанад ва мегӯяд: «Эй, бачаи нобакор, модаратро фаромӯш макун... ин аст мукофоти ту!», вале ҳеҷ яке аз ин корҳо воқеъ нашуд: билъакс, ҳангоме, ки ҳамаашро то охир хонда баромаданд, модаркалонам гуфт: «Charmant»[1] ва маро аз пешониам бӯсид.

Ҷаъба, расм ва шеър бо ҳамроҳи ду рӯмолчаи батист ва тамокудоне, ки дар рӯи он сурати модарам буд, дар як ҷо рӯи чорпоячаи креслои вольтерӣ ниҳода шуд, ки модаркалонам ҳамеша дар он менишаст.

— Князьхоним Варвара Ильинична ташриф овардаанд,— гӯён яке аз ду пешхидмати чорпаҳлӯе, ки дар ақиби аробаи модаркалон савор шуда мерафтанд, арз кард.

Модаркалонам андаке ба фикр фурӯ рафта ба сурате, ки дар тамокудони сангпуштӣ кандакорӣ шуда буд, назар дӯха менишаст ва чизе намегуфт.

— Иҷоза мефармоед, ки онҳоро даъват намоям, хоним! — гӯён такрор намуд пешхидмат.

Боби XVII

КНЯЗЬХОНИМ КОРНАКОВА

— Бифармоянд,— гуфт модаркалон ва дар кресло дурусттар нишаста гирифт.

Князьхоним зане чилу панҷсола буд, ҷуссааш хурд, бемадор, табъан камилтифот, тундмизоҷ, бо чашмчаҳои сабзи ба хокистарӣ моили дилнокаш, ки тарзи адои нигоҳи онҳо ба даҳонаки ғайритабиӣ дилнаво-

[1] «Бисьёр хуб»

зона ба ҳам кашидашудаи ӯ зид меомад. Аз зери кулоҳи махмалии бо парҳои шутурмурғ оростааш мӯи малланранги сурхтобаш намудор буд; дар арсаи рангу рӯи беморонааш, абрувон ва мижгонаш боз ҳам бештар камранг ва сурхча менамуд. Ба ҳамаи ин шаклу шамоили ӯ нигоҳ накарда, аз он ҷиҳат, ки ҳаракати ӯ бетакаллуфона буд, дастҳояш хурд-хурдак ва симояш бисьёр лоғар буд, қиёфати умумии ӯ як ранг ифодаи асилзодагӣ ва чусту чолокӣ дошт.

Князьхоним бисьёр гап мезад ва аз ҷиҳати сергапиаш, ӯ ба он тоифаи мардумон мансуб буд, ки ҳамеша он чунон суханронӣ менамоянд, гӯё касе ба онҳо эътироз мекарда бошад, ҳар чанд ҳеҷ кас ба онҳо ҳарфе нагӯяд ҳам: ӯ гоҳе овозашро баландтар мекард, гоҳе андак-андак онро паст мекард ва ногаҳон боз бо як шиддате ба гуфтор сар мекард ва ба ҳозироне, ки ба гуфтугӯ иштирок намекарданд, назаре афканда, гӯё мехост, бо ин нигоҳ гуфтаҳои худро қувват бидиҳад.

Ҳарчанд князьхоним дасти модаркалонро бӯсид, ва доимо ӯро ma bonne tante[1] гӯён хитоб мекард, ман чунон пай бурдам, ки модаркалонам аз ӯ норозӣ буд: ӯ ба як ранге абрувонашро боло мекард, чун ҳикояи онро мешунид, ки чаро князь Михайло, ҳар чанд бисьёр орзу дошта бошад ҳам, вале барои муборакбодӣ худаш омадан натавонистааст; ва ба гуфтори французии князьхоним ӯ ба русӣ ҷавоб дода калимаҳоро кашол карда гуфт:

— Ман бисьёр аз илтифоти шумо миннатдорам, азизам; аммо дар бораи он, ки князь Михайло худаш наёмад, чи ҷои гап аст... ӯ ҳамеша чунон серкор аст, ки ва ӯро бо ин ки ҳамроҳи пиразане нишинад, чӣ кайфияте даст медиҳад?

Ва ба князьхоним фурсати эътироз нагузошта боз ба гуфтораш давом намуд:

— Хӯш, бачагони шумо чӣ туранд, азизам?

— Шукри худо, ma tante[2], калон шуда гаштен, мехонанд, шӯхӣ мекунанд... хусусан Этьен — калони-

---

[1] холаҷони меҳрубонам

[2] холаҷонам,

ашон чунон густох шудааст, ки мондан гиред; ҳамин тур бошад ҳам, боақл аст — un garçon, qui promet[1]. Оё метавонед бовар кунед, mon cousin[2],— гӯён давом намуд ба падарам хитобкунон, зеро модаркалонам ба шунидани кирду кори бачагони князьхоним ҳеҷ рағбате изҳор накард, мехост набераҳои худашро таърифу тавсиф намояд ва аз он ҷиҳат буд, ки бо ҷиддият он шеъри навиштаи маро аз зери қуттича берун оварда ва печи онро низ кушодан гирифт,— оё метавонед бовар кунед, ки, mon cousin, ӯ ду-се рӯз пеш ҳунаре нишон дод...

Ва князьхоним ба сӯи падарам майл карда, гарму ҷӯшон чизеро ҳикоя кардан гирифт. Ҳикояеро, ки ман нашунидам, ба охир расонда, хандида сар дод ва ба рӯи падарам суоломез назаре афганда гуфт:

— Чӣ бачаест-а, mon cousin? Ӯро шаллоқ кардан лозим буд; вале ин кори ёфта баровардагиаш чунон оқилона ва ҷолиб аст, ки ман ӯро афв кардам, mon cousin.

Ва князьхоним нигоҳашро ба модаркалон баргардонда, ҳеҷ нагуфта ба табассуми худ давом мекард.

— Магар шумо бачагони худатонро *шаллоқ* ҳам мекунед, азизам? — гӯён модаркалонам пурсид, чунон ки абрувонашро хеле боло бардошта ва ба калимаи *шаллоқ* адои махсусе дода буд.

— Эҳ, ma bonne tante,— гӯён як нигоҳи босуръате ба сӯи падарам кард ва бо овози нарму фораме ҷавоб дод князьхоним,— ман медонам, ки шумо дар ин қазия чи фикр доред; вале шумо иҷозат бифармоед, ки ман як дар ин фикр бо шумо мухолифат намоям: чӣ қадар ки ман дар ин бора андешида бошам, чӣ қадар ки дар ин хусус мутолиа карда бошам ва чӣ андоза, ки бо дигарон машварат карда бошам, бо ҳамаи ин таҷриба чунон ба ман қаноат ҳосил кунондааст, ки ба бачагон ба тариқи тарсондан таъсир иҷро кардан зарурист. Барои он ки аз бача чизе бар меомадагӣ шавад, бояд ӯро тарсонд... магар ҳамин тур нест, mon

---

[1] бачаи умедбахш аст.

[2] писархола,

cousin? Je vous demande un peu [1], бачагон бештар аз шаллоқ аз чӣ метарсанд?

Бо ин сухан ӯ ба сӯи мо суоломезона нигоҳ кард ва, эътироф менамоям, ки дар он лаҳза ман дар вазъияти ногуворе мондам.

— Чизе ки мегуфта бошед ҳам, аммо писарбача то дувоздаҳсолагӣ, ҳатто то чордаҳсолагиаш ҳанӯз кӯдак аст; духтарбача — ин кори дигар аст.

«Чӣ хушбахтист, ки,— андешидам ман,— ман писари ӯ нестам».

— Ҳа, ин ки дуруст аст, азизам,— гуфт модаркалонам, ва коғазпече, ки дар он шеъри ман буд, гашта печонд ва ба зери қуттича ниҳод, гӯё акнун пас аз ин гуфтугӯҳо чунон мешумурд, ки князьхоним ба шунидани чунин асар лоиқ нест,— ин фармоиши шумо дуруст аст, вале фақат бигӯед, бубинам, пас аз ин ранг доругир, шумо чӣ тур метавонед аз фарзандонатон рафтори хуби боназокатро таваққӯъ дошта бошед?

Ин далелро ғайри қобили рад шумурда барои хотима додан ба ин гуфтугузор модаркалонам чунин изҳор кард:

— Хайр, бо ин ҳама, дар ин бора ҳар кас метавонад худаш роҳу равише дошта бошад.

Князьхоним ҷавоб намегуфт, вале илтифоткорона табассум мекард ва бо ин ифода менамуд, ки ӯ ин таассуби аҷобатангезро ба шахсе, ки ин қадар бисьёр эҳтиром мекунад, маъзур мешуморад.

— Хуб, охир, шумо маро бо ин ҷавонон шинос кунед,— гуфт ӯ ба тарафи мо нигоҳ карда ва меҳрубонона табассум намуда.

Мо аз ҷоямон рост шудем ва чашмонамонро ба рӯи князьхоним дӯхтем, вале намедонистем, чи бояд бикунем, ки шинос шуданамонро исбот мекарда бошад.

— Дасти князьхонимро бӯса кунед, охир,— гуфт падарамон.

— Ман аз шумоён хоҳиш мекунам, ки холаи пири худатонро дӯст бидоред,— мегуфт князьхоним ва мӯи Володяро бӯса мекард,— ҳар чанд ман барои шумо хеши дуре ҳастам, вале ман муносибати дӯстонаеро, ки дорем, ва на ҷиҳати дараҷаи хешовандиро ба

[1] Ман аз шумо суол мекунам,

ҳисоб мегирам,— илова кард ӯ ғолибан ба модаркалон ишора карда; аммо модаркалон, чунон ки буд, ҳамон тур аз ӯ норизоманд менамуд ва ҷавоб медод:

— Эй, азизам, магар дар ин замон инҳо хеш ҳисоб мешаванд?

— Ин як ҷавони доираи ашрофӣ хоҳад шуд,— гуфт падарам Володяро нишон дода,— ва ин бошад, шоир аст,— илова кард ӯ, ҳангоме ки ман дастаки хурди хушки князьхонимро мебӯсидам ва дар ин даст тозиёна ва дар зери тозиёна харак ва ғайра ба назарам бисьёр равшан ҷилва мекард.

— Кадомаш? — гуфта пурсид князьхоним, маро аз дастам нигоҳ дошта.

— Ҳамин хурдтараки кокулдор,— ҷавоб дод падарам, хушҳолона хандакунон.

«Кокули ман ба ӯ чӣ кард... магар дигар гапе набуд?» — гӯён андешидам ман ва ба кунҷак хазидам.

Ман дар бораи ҳусну зебоӣ фикрҳои аҷибу ғарибе доштам, ҳатто Карл Иванычро хушрӯтарини мардумони олам мепиндоштам; вале нағз медонистам, ки ман худам хушрӯй нестам ва дар ин хусус ҳеҷ хатое накарда будам; бинобар он маро ҳар киноя дар ҳаққи намуди зоҳирии ман бисьёр меранҷонд.

Ман бисьёр хуб дар хотир дорам, боре ҳангоми наҳорӣ, он замон ман шашсола будам — дар бораи сифати зоҳирии ман сухан мекарданд, модарам саъй мекард, ки чизи хушоянде дар рӯи ман биёбад, мегуфт, ки чашмони ман ҳушмандии маро нишон медиҳанд ва лабҳанди ман хушоянд аст ва дар охири кор ба далелҳои падарам ва ба он чӣ, ки маълум буд, таслим шуда маҷбур мешуд, ки ба баднамоии ман эътироф намояд; пас аз он, ҳангоме ки ман ӯро аз барои наҳорӣ миннатдорӣ мекардам, рухсори маро навозиш карда ба ман гуфт:

— Ту инро бидон, Николенька, туро аз сабаби чеҳраат, касе дӯст нахоҳад дошт; бинобар он ту бояд кӯшиш бикунӣ, ки боҳушу боақл ва бачаи раҳмдил бошӣ.

Ин сухан натанҳо маро ба хушрӯй набуданам қаноат ҳосил кунонд, балки боз ба он, ки ман албатта бачаи боақлу раҳмдил хоҳам шуд, савқ мекардагӣ шуд.

Бо ҳамаи ин гоҳе ба ман лаҳзаҳои ноумедӣ рӯй медод: ман мегуфтам, ки дар рӯи замин ба касе, ки мисли ман бинии фарох, лабҳои ғафс ва чашмони хокистарии хурдакак дорад, хушбахтӣ нахоҳад буд; ман аз худо хостор мешудам, ки мӯъҷиза бинмояд — моро ба як хушрӯе мубаддал гардонад ва ҳар чизе, ки дар ҳоли ҳозир доштам, ва он чизе, ки пас аз ин доро мешудам, ҳамаро барои додан ба як рӯи хуб розӣ будам.

Боби XVIII

КНЯЗЬ ИВАН ИВАНЫЧ

Князьхоним ки ашъорро шунид ва муаллифи онро таърифу тавсиф нисор намуд,— модаркалонам нармтар шуд ва бо ӯ ба французӣ сӯҳбат кардан сар кард ва ӯро *шумо*, *азизи ман* хитоб карданро тарк кард ва даъват намуд, ки бегоҳонӣ бо ҳамаи бачагонаш ба хонаи мо биёяд, ба ин князьхоним ҳам розӣ шуд ва боз андаке нишаста рафт.

Имрӯз барои муборакбодӣ ончунон меҳмонони зиёде омаданд, ки дар дами дар тамоми рӯз доимо чанд ароба меистод.

— Bonjour chére cousine [1],— гуфт яке аз меҳмонон ба хона даромада ва дасти модаркалонамро бӯсида.

Ин марде буд ба ҳафтод наздик, қоматбаланд, дар либоси ҳарбӣ бо эполетҳои бузург, аз зери гиребонаш сəлиби сафеди калоне намудор буд ва чеҳраи оромонаи кушодае дошт. Рафтори озодона ва соддаи ӯ маро ба ҳайрат андохт. Ҳар чанд танҳо дар пушти гарданаш мӯйҳои ками нимдоирае монда буд ва вазъияти лаби болои ӯ набудани дандонҳояшро исбот мекард, чеҳраи ӯ ҳанӯз беандоза зебо буд.

Князь Иван Иваныч дар охирҳои асри гузашта, ба шарафи мизоҷ ва табиати олиҷанобонааш ва хушандомӣ, ҷасорати шоёни таҳсин, аз оилаи ашроф ва пурқудрат буданаш, хусусан аз ҷиҳати он, ки бахт ба ӯ мусоадат карда буд, ҳанӯз аз авоини ҷавонӣ сар кар-

[1] — Ассалому алайкӯм, амакзодаи азизам,

да пешрафти хуберо ноил шуд. Ӯ ба хидмати худ давом дошт ва бисьёр барвақт ҳисси ҷоҳпарастии ӯ қаноат ҳосил кард, чунон ки барои ӯ аз он бештар чизе хостан лозим набуд. Аз рӯзҳои аввали ҷавониаш худашро чунон медошт, ки гӯё барои ғирифтани он мавқее, ки баъдҳо дар миёни тоифаи ашрофон барояш муқаддар шуда буд, аз ҳамон рӯзи аввал ҳозирӣ медида бошад; бинобар он ҳар чанд дар ҳаёти пуршукӯҳ ва ҷоҳпарастонааш, чунон ки барои ҳама рӯй медиҳад, ноомадҳо, навмедиҳо, ғаму андӯҳ ҳам рӯй медоданд, вале ӯ ҳеҷ гоҳ на дар мизоҷи оромонааш ва на ба тарзи олификриаш, на ба қоидаҳои асосии дину ахлоқ тағьир надода буд ва эҳтироми умумро на чандон аз ҷиҳати мавқеи пурифтихораш, балки бештар дар асоси истиқомат ва устувориаш ба даст оварда буд. Ӯ ақли бузургеро соҳиб набуд, вале ба шарофати мавқее, ки ба ӯ имкони аз боло ба гирудори ҷоҳпарастона назар афканданро медод, тарзи тафаккури ӯ баландпарвозона буд. Ӯ накӯкор ва ҳассос, вале дар муомила сард буд ва андаке ғурур дошт. Ин аз он ҷиҳат буд, ки чун дар ин гуна мавқее нишаста буд, ки метавонист барои бисьёр касон судманд бошад, бо сардии худ ӯ мекӯшид, аз хоҳишҳои бисьёр ва талаби мардуме, ки фақат аз нуфузи ӯ мехостанд истифода намоянд, худашро муҳофиза кунад. Ин сардӣ бо нозукмуомилагии илтифоткоронаи марди мансуб ба *ҷомеаи ашрофон* тарзи мулоимӣ мегирифт. Ӯ хуб таҳсилдида ва хушмутоила буд; вале ин дониши ӯ ба ҳамон дараҷаи маълумот таваққуф карда буд, ки дар ҷавонӣ, яъне дар охирҳои асри гузашта, онро ба даст дароварда буд. Он чи ки дар Франция аз фалсафа ва бадеиёт дар асри XVIII беҳтар ба шумор мерафт, хонда баромада буд, ҳамаи асарҳои хуби адабиёти франҷузиро дуруст, нағз медонист, чунон ки баъзе ҷоҳои Расин, Корнель, Боало, Мольер, Монтень, Фенелонро аксар иқтибос оварданро дӯст медошт ва метавонист: достонҳои асотириро хуб медонист, тарҷимаи франҷузии ёдгориҳои адабиёти қадимаро хуб хонда ва дониста буд, маълумоти кофӣ аз таърихи Сегюр гирифта буд; вале аз риёзиёт хабаре надошт, аз чор амал болотар нарафта буд, на аз физика ва на аз адабиёти

муосир хабар надошт: ӯ дар вақти муҳовара метавонист аз доираи одоб берун набаромада сукут намояд, ё ки як чанд ҷумла аз муҳокимаҳои умумӣ дар бораи Гёте, Шиллер ва Байрон бигӯяд, вале ҳеҷ гоҳ онҳоро нахонда буд. Бовуҷуди ин таҳсили классикии франсавӣ, ки имрӯз аз он намунаҳои бисьёр каме монда аст, забони ӯ дар муҳовара бисьёр сода буд ва содагии забони ӯ ҳам надонистани баъзе чизҳоро пинҳон менамуд ва ҳам як адои мулоим ва таҳаммулпазире изҳор мекард. Ӯ душмани беамони ҳар ранг оригиналнамоӣ буд ва мегуфт, ки ин ранг тафаррудфурӯшӣ яке аз найрангҳои мардумони бадоҳанг аст. Ӯ дар ҳар муҳите, ки зиндагӣ кунад, ҷамъият ва ҳамнишинон барои ӯ зарурӣ буданд; хоҳ дар Москва бошад, хоҳ дар хорича, ӯ дар байни ҷамоат мезист ва дар рӯзҳои муайяне ҳамаи шаҳрро дар хонаи худаш мепазируфт. Ӯ дар шаҳр ҳамон қадар нуфуз дошт, ки як варақаи даъватнома аз ӯ барои роҳ ёфтан дар ҳар меҳмонхона хидмати паспортро адо менамуд, хеле аз хонимҳои ҷавонаки хушандом бо камоли хоҳиш рухсорачаҳои арғувонии худашонро тақдим мекарданд ва ӯ низ онҳоро гӯё бо ҳисси падарона мебӯсид ва баъзеҳо, зоҳиран мардумони хеле олимартаба ва одамони дуруст, агар ба сӯҳбати ӯ мушарраф мешуданд, берун аз тасвир хурсанд мегаштанд.

Дар ин рӯзҳои охир барои князь акнун ин тур ашхосе, монанди модаркалонам, ки бо ӯ аз як доира буда ва як хел тарбия гирифта бошанд ва як ранг назаре дар корҳо дошта ва ҳамсоли ҳамдигар бошанд, кам монда буд; бинобар он ӯ аз ҳад зиёд қадри ин муносибати деринаи дӯстонаи бо модаркалонам доштаашро медонист ва ӯро ҳамеша бисьёр аҳтиром мекард.

Ман аз тамошои князь сер намешудам: эҳтиромоте ки ҳама — гирду пеш будагиҳо ба ӯ изҳор мекарданд, эполетҳои калон, хусусан хурсандии зиёде, ки модаркалонам аз дидани ӯ зоҳир кард ва он ки танҳо ӯ аз модаркалонам ибо намекард, тамоман озодона бо ӯ гуфту гузор мекард ва ҳатто ӯро ба ma cousine, гуфтан ҷуръат менамуд, ҳамаи ин рафтори ӯ дар дили ман низ нисбат ба ӯ ончунон эҳтиромоте тавлид намуданд,

ки он агар зиёдтар ҳам набошад, гӯё баробари эҳтиромоте, ки ба модаркалонам доштам, меомад. Ҳангоме ки ба ӯ ашъори маро нишон доданд, ӯ маро ба худ хонд ва гуфт:

— Кӣ медонад, ma cousine, шояд ӯ як Державини дигаре гардад.

Бо гуфтани ин сухан ӯ рухсораи маро чунон сахт пучида гирифт, ки агар ман фарьёд накашида бошам, фақат аз он ҷиҳат буд, ки ман инро навозиш шумурда будам.

Меҳмонҳо пароканда шуданд, падарам ва Володя берун баромаданд; дар меҳмонхона князь, модаркалонам ва ман мондем.

— Аз чӣ сабаб ин Наталья Николаевнаи азизи мо наёмад? — гӯён баъд аз андаке сукут князь Иван Иваныч ногаҳон пурсид.

— Ah! mon cher[1], — ҷавоб дод модаркалонам, андаке овозашро пасттар карда ва дасташро ба рӯи остини мундири ӯ ниҳода, — ӯ албатта ки меомад, ба шарте ки ӯ ихтиёри кардани кори мехостагиашро медошт. Ӯ ба ман навиштааст, к гӯё Pierre рафтанро таклиф намудааст, аммо худи ӯ онро рад кардааст, зеро имсол онҳо гӯё ҳеҷ мадохиле накардаанд; ва менависад: «илова бар он, ба ман имсол, бо ҳамаи оила ба Москва рафтан чӣ зарурат дорад. Любочка ҳанӯз бисьёр хурдсол аст; дар бораи писарбачагон, ки бо шумо як ҷо зист мекунанд, ман бештар хотирҷамъ ҳастам аз он, ки бо худам буда бошанд». Ҳамаи ин бисьёр хуб аст! — гӯён модаркалонам давом намуд бо чунон оҳанге, ки ошкоро исбот мекард, ҳамаи онро ӯ ҳеҷ гоҳе хуб намешуморад, — писарбачагонро кайҳо ин ҷо фиристодан лозим буд, то ки онҳо чизе ёд бигиранд ва ба рафту омади ҷамоати ашроф одат кунанд, вагарна дар деҳистон онҳоро чӣ тарбияе дода мешуд?.. охир калони онҳо ба сездаҳ қадам мондааст ва дигараш бошад, ба ёздаҳ даромадааст... Шумо шояд пай бурда бошед, ки, mon cousin, онҳо дар ин ҷо тамоман ваҳшӣ барин ба назар менамоянд... тариқи ба хона дохил шуданро ҳам намедонанд...

---

[1] — Оҳ! азизи ман,

— Ман ҳар чи ҳам бошад фаҳмида наметавонам,— гӯён ҷавоб дод князь,— аз чӣ сабабаст ин ҳама шикоят аз ихтилоли шароит?! Амлоки *шавҳараш* бисьёр хуб аст, худи Хабаровкаи Наташаро бошад, чунон мо дар айёми гузашта бо шумо дар он ҷо театрбозӣ мекардем, ман монанди панҷ панҷаи худам мешиносам, — амлоки бениҳоят хубест! ва ҳамеша бояд мадохили хубе меоварда бошад.

— Ман ба шумо чунон ки ба дӯсти ҳақиқӣ мегӯям,— гӯён модаркалонам бо ифодаи маҳзунонае сухани ӯро бурид,— ба ман чунон меояд, ки ҳамаи инҳо баҳонааст, барои он ки дили ӯ мехоҳад, дар ин ҷо худаш *танҳо* бошад, дар клубҳо рафту омад дошта бошад, зиёфатхӯрӣ ва боз худо медонад чи корҳо кунад; вале Наташа чизеро пай намебарад. Шумо оё ҳеҷ дар назар меоред, ки ӯ чӣ софияти фаришташӯёнае дорад,— ӯ ба *шавҳараш* бисьёр бовар мекунад. Ӯ ба занаш маъқул кунондааст, ки бачагонро ба Москва бурдан лозим аст, ва худи ӯ бошад, бо мураббияи беақл дар деҳистон бимонад,— ва ба ин гуфтаҳо вай бовар ҳам кардааст, агар ӯ ба занаш бигӯяд, ки бачагонро бояд шаллоқ зад, чунон ки бачагони худашро князьхоним Варвара Ильинична мезанад, чунон бидон, ки ӯ низ ба ин кор розӣ хоҳад шуд,— гуфт модаркалонам ва дар рӯи курсии худаш рӯяшро бо як адои нафратомезе гардонд.— Оре, дӯстам,— гӯён давом намуд модаркалонам баъд аз андаке таваққуф ба дасташ яке аз рӯмолчаҳояшро барои пок кардани оби дидааш, ки дар чеҳрааш намудор шуда буд, гирифта,— ман аксар чунин меандешам, ки ин *мард* на қадри он занро медонад ва на ӯро фаҳмида метавонад ва ин ки бо вуҷуди ҳама некукориҳо ва муҳаббат ба ӯ ва бо ҳама кӯшише, ки барои нишон надодани андӯҳи худаш мекунад,— ман бисьёр инро хуб медонам,— ӯ бо ин мард наметавонад хушбахт бошад; инро шумо дар ёд дошта бошед, агар ин мард на...

Модаркалонам рӯяшро бо румолча пӯшонд.

— Eh! ma bonne amie,[1]— гуфт князь гилаомезона,— ман мебинам, ки шумо аз пештара дида ҳеҷ бо-

[1] — Эҳ! дӯсти меҳрубони ман,

ақлтар нашудаед, ҳамеша аз ғамҳое, ки танҳо дар мухайили шумо ҳаст, гирья мекунед. Магар барои шумо ин айб нест? Ман ки *ӯро* хеле замонест мешиносам ва медонам, ки ӯ шавҳари эътинокор ва некӯкирдори хубест ва бештар аз ҳама ӯро мисли як одами олиҷаноб, un parfait honnête homme[1] мешиносам.

Гуфтугузореро, ки бояд ман намешунидам, бе ихтиёр гӯш дода, нӯг-нӯги по ва бо ташвишу андешаи зиёде аз хона берун рафтам.

Боби XIX

ИВИНҲО

— Володя! Володя! Ивинҳо! — гӯён фарьёд задам, ман, чун аз тиреза се бачаро дидам, ки дар ҷомаҳои кабуди танги чимдор бо гиребонҳои сагобӣ, ки аз паси мураббии ҷавони олуфтае аз пайраҳаи он сӯи кӯча ба тарафи мо мегузаштанд.

Ивинҳо бо мо хешӣ доштанд ва бо мо қариб ҳамсол меомаданд; аз омадани мо ба Москва дере нагузашта буд, ки мо бо онҳо шиносоӣ пайдо кардем ва ҳамдостон гаштем.

Ивини дуввӯм — Серёжа — бачаи сабзина ва ҷингиламӯй буд, ки бинии сахти каме боло баромада, лабҳои бисьёр тару тозаи сурх, ки қатори болои дандонҳои сафеди андак берун омадаро фақат гоҳе тамоман пӯшонда метавонистанд, чашмони кабуди ба сиёҳӣ моили бисьёр хуб ва адои чеҳраи фавқулодда шӯх дошт. Ӯ ҳеҷ гоҳ табассум намекард, вале ё бо қиёфаи тамоман ҷиддӣ менигарист, ё аз самими қалб хандаи ҷарангосии баланд мекард, ки беандоза ҷозибанок буд. Ҳусни ба худаш хосе, ки ӯ дошт, аз назари нахустин маро мафтун кард. Ман як тамоили ғайри қобили муқовамате нисбат ба ӯ ҳис кардам. Барои хушбахтии ман танҳо як назар дидани ӯ кифоят мекард; ва як вақте буд, ки ҳамаи қувваи рӯҳияи ман ба ҳамин муддао ва орзӯ побанд шуда буд; агар гоҳе се-чор рӯз ӯро надида мемондам, ман ӯро ёд мекардам ва маро ғусса мегирифт, ба ҳадде ки гирьям ме-

[1] комилан одами дурусткор

омад. Ҳамаи орзу ва хаёли ман, ҳам дар хоб, ҳам дар бедорӣ ӯ буд: ба хоб рафта орзӯ мекардам, ки ӯро дар хоб бубинам; чашмамро ки мепӯшидам, ӯро дар пеши назарам медидам ва ин хаёл мисли беҳтарин лаззат ба ман форам ва гуворо меомад. Ин эҳсосро ба ҳеҷ кас дар дуньё ба ошкор кардан дилам намешуд, ман ҳамчунон инро қимат мешумурдам. Шояд аз он сабаб, ки паёпай назари ба ӯ нигарондашудаи бетоқати ман ба дили ӯ зада бошад, ё ки фақат аз он ҷиҳат, ки ба ман ҳеҷ муҳаббате надошт, ӯ аз ман дида бо Володя бозӣ кардан ва гап заданро бештар дӯст медошт; вале ман бо ин ҳама аз ӯ розӣ будам, дигар орзӯе надоштам ва талабе намекардам ва ҳама чизро барои ӯ ба фидо кардан омода будам. Ба ғайри он ҷозибаи эҳтиросангезе, ки ӯ ба ман илқо мекард, ҳузури ӯ боз як ҳисси дигари аз онаш на камтаре ҳам дар дили ман бедор мекард, ки он тарси ранҷондани ӯ ва аз сабабе дили ӯро озор додан ва ба ӯ хуш наёмадан буд: шояд аз он ҷиҳат, ки рӯи ӯ адои мағруронае дошт, ё ки ба иллати он, ки ман қиёфати худро нописанд медонистам ва фазоили ҳусни дигаронро беш аз беш тақдир менамудам ё ки аз ҳама дурусттараш ба сабаби он, ки ин аломати инкорнопазири муҳаббат аст, ман нисбат ба ӯ ҳар қадар ки муҳаббат дошта бошам, ҳамон қадар ҳам аз ӯ тарс дар дил доштам. Дафъаи нахустин, ки Серёжа бо ман дар сухан даромад, ман аз ин саодати ғайри интизорӣ он чунон сару калобаи худамро гум кардам, ки рангам парид, сурх шудам ва ба ӯ ҷавобе гардондан натавонистам. Ӯ як одати баде дошт: ҳангоме ки ӯ ба андеша фурӯ мерафт, чашмонашро ба як нуқта медӯхт ва пай дар пай мижа ба ҳам мезад, дар ҳолате ки бинӣ ва абрувонашро мепаронд. Ҳама мегуфтанд ки ин одат ӯро баднамо мекунад, вале ман онро чунон хуш медидам, ки беихтиёрона худам ҳам ҳамон тур мекардагӣ шудам ва пас аз чанд рӯзе, ки ман бо ӯ шиносоӣ пайдо кардам, модаркалонам аз ман пурсид, ки «чашмонаг боз дарде надошта бошанд, ки онҳоро монанди бум пӯшида мекушой». Дар миёни мо ҳеҷ сухане дар бораи муҳаббат нарафта буд; вале ӯ нуфузи худашро дар болои ман ҳис карда буд, ва бешуурона, вале оми-

рона онро дар муносибатҳои бачагонаи мо, дар болои ман иҷро мекард; ман бошам, ҳар қадар, ки изҳор кардани он чиро, ки дар дилам буд, пеши худ хостор ҳам бошам, вале ба ошкор кардани он ҷуръат намекардам, зеро ки аз ӯ бисьёр метарсидам; ман кӯшиш мекардам, ки худамро беэътино нишон бидиҳам ва бе гарданпечӣ фармони ӯро мебурдам. Гоҳе таъсири ӯ ба ман гарон ва тоқатнопазир менамуд; вале аз зери бори он берун омадан дар ҳукми ман набуд.

Барои ман ба ёд овардани ин эҳсоси муҳаббати беғаразона ва беҳадду ҳудуд, ки изҳор нашуда монд ва сазовори ҳусни таваҷҷӯҳ нашуда мурду рафт, андӯҳовар аст.

Аҷаб аст, аз чӣ сабаб бошад, дар он овоне, ки ман хурд будам, кӯшиш мекардам, ки ба калонҳо монанд бошам, аммо аз он давроне, ки он рӯзгор аз ман гузашт, аксар дар дили ман хоҳише пайдо мешавад, ки ба бача монанд бошам. Бисьёр дафъаҳо ин орзу — ба хурдсолон монанд нашудан, дар муносибатҳои ман бо Серёжа он хоҳиши рози дил изҳор карданро монеъ гардидааст ва маро маҷбур кардааст, ки риёкорӣ пеша кунам. Ман на танҳо ӯро бӯса кардан наметавонистам, бо вуҷуди он, ки бисьёр ба он майл мекардам, дасти ӯро гирифтан, аз омадани ӯ хушҳолии худамро баён кардан ҳам наметавонистам, ҳатто ӯро Серёжа ҳам номидан наметавонистам, ҳамеша Сергей мегуфтам: дар миёни мо ҳамин тур расм шуда буд. Ҳар гуна изҳори ҳассосият кӯдакиро исбот менамуд ва ҳар касе, ки онро ба худ роҳ медод, ҳанӯз *бача* буд. Ҳанӯз аз он марҳалаҳои талхи тарбия, ки калонсолонро ба эҳтиёткорӣ ва камилтифотӣ дар муносибат бо якдигар мекашонад, нагузашта, мо худамонро аз лаззатҳои дилбастагии покизаи нозуки бачагона, ба сабаби он ки як орзуи аҷиби ба *бузургон* монанд шудан дар мо пайдо мешавад, маҳрум мекунем.

Ҳанӯз дар хонаи навкарон ман Ивинҳоро пешвоз гирифтам, бо онҳо салому алейк кардам ва дартоз ба хонаи модаркалон рафтам: ман ба ӯ омадани Ивинҳоро бо чунон адое маълум кардам, ки гӯё ин хабар ӯро тамоман саодатманд мекарда бошад. Пас

аз он аз Серёжа чашм наканда, аз паси ӯ ба меҳмонхона раҳсипор шудам ва ҳамаи ҳаракоти ӯро таъқиб менамудам. Дар он ҳангоме ки модаркалонам мегуфт, ки ӯ хеле калон шудааст ва ба ӯ нигоҳи нуфузкунандаи худашро дӯхта буд, ман ҳамон ҳисси тарсу умедеро, ки рассом дар бораи асари худаш ҳукми ҳаками мӯҳтарамро интизор дорад, аз сар мегузарондам.

Мураббии ҷавони Ивинҳо, Herr Frost, бо иҷозати модаркалонам ҳамроҳи мо ба боғча фуромад, дар болои хараки сабз нишаст, пояшро ба тарзи хеле зебо рӯи ҳам ниҳод ва дар миёни онҳо чӯбдасти қуббаи биринҷинокашро ҷой дода бо қиёфати касе, ки аз кардаҳояш хеле розӣ буда бошад, сигаре дуд кард.

Herr Frost олмонӣ буд, вале на аз он олмониҳое, ки Карл Иванычи некмаҳзари мо буд: аввалан ин, ки ӯ ба русӣ дуруст ва рост ҳарф мезад ва франсавиро медонист, гарчи хуб адо кардан наметавонист ва умуман дар байни мардумон ва хусусан дар байни занҳо эътибори бисьёр олимона дошт; сониян мӯйлаби сурхранге дошт, дар гарданпечи атласи сиёҳи худ як бандаки калони ёқутӣ дошт, ки нӯги он гарданпеч ба зери тасмаи китфаш халондагӣ буд, ва шалвори осмонии нимранги бандакдораш мавҷ мезад, саввӯмин, ӯ ҷавон буд ва намуди хушрӯи худписандона ва пойҳои пурмушаки ба назар намоёне дошт. Чунон менамуд, ки ӯ қадри ин дорояшро, ки аз ҳама охир номбар шуд, хуб медонист ва таъсири онро дар муносибати ҷинси зан ҷазбкунанда мешумурд ва шояд аз ҳамин ҷиҳат бошад, ки мекӯшид, пояшро аз ҳар ҷиҳат намудортар гузорад ва хоҳ рост истода, хоҳ нишаста бошад, мушакҳои пояшро меҷунбонд. Ин намунаи олмонии ҷавони русӣ буд, ки марди майдон ва хушдорбоз мехост бошад.

Дар боғча вақт бисьёр ба хушӣ мегузашт. Роҳзанбозӣ хеле дар авҷ буд; вале як ҳодиса кам монда буд корро вайрон кунад. Серёжа роҳзан буд: аз ақиби роҳгузарҳо давида ӯ пешпо хӯрд ва зонуяшро сахт ба дарахт зада гирифт ва ин зарб чунон бошиддат буд, ки ман гумон кардам, ӯ тамоман шикасту порапора шуд. Бо вуҷуди он ки ман шабгард будам ва вазифаи ман дастгир кардани ӯ буд, ба ӯ наздик шудам

ва аз роҳи дилсӯзӣ аз ӯ аҳволпурсӣ кардам, ки магар сахт дард мекунад. Серёжа ба ман хашм гирифт: муштҳояшро гиреҳ кард, пояшро ба замин кӯфт ва бо овозе, ки бисьёр сахт зарб хӯрданашро исбот мекард, ба рӯи ман фарьёд кашид:

— Хӯш, ин чӣ кор аст? Пас аз ин чӣ тур бозӣ метавонад давом намояд! Хӯш, ту чаро маро дастгир намекунӣ? чаро маро намегирӣ? — гӯён чандин мартаба такрор мекард ӯ ва ба Володя ва ба Ивини калонӣ бо гӯшаи чашм назар меафканд, ки онҳо роли роҳгузарҳоро бозӣ мекарданд, ва хез кашида аз пайраҳа медавиданд, ва ногаҳон чирросзанон бо хандаи баланд ба доштани онҳо давид.

Ин рафтори паҳлавононаи ӯ маро чи қадар мусаххар кард, тасвир кардан наметавонам: ба дарди тоқатфарсо эътибор надода ӯ натанҳо нагирист, балки дард кардани пояшро ҳам ҳеҷ ошкоро накарда, як лаҳза ҳам бозиро фаромӯш нанамуд.

Боз андак нагузашта, ҳангоме ки ба дастаи мо Илинька Грап ҳамроҳ шуд ва мо то наҳорӣ ба боло раҳсипор гаштем, Серёжа боз як коре кард, ки маро бештар тасхир кард ва ба ҳайрат андохт ва мардонагии тааҷҷубоваре ва мизоҷи мустаҳкаме доштанашро нишон дод.

Илинька Грап писари як камбағале аз табақаи хориҷа буд, ки замоне дар хидмати бобои ман будааст ва аз ҷиҳате аз ӯ миннатдорӣ доштааст ва акнун худашро мадъюни неъматҳои мо медонистааст, хеле зудзуд писарашро ба хонаи мо фиристоданро вазифаи худаш мешумурдааст. Агар ӯ мепиндошта бошад, ки шиносоӣ бо мо барои писараш як шарофатмандӣ ва дилхушӣ меоварда бошад, ӯ дар ин бора саҳви бузурге мекард, зеро мо натанҳо бо Илинька ҷӯрагӣ надоштем, балки ба ӯ фақат дар он дақиқаҳо назар меафкандем, ки мехоста бошем ба ӯ бихандем. Илинька Грап бачае буд сездаҳсола, лоғар, қадбаланд, рангпарида ва бо афту башараи ба парранда монанд, қиёфати софдилонаи мутеона дошт. Ӯ бисьёр фақирона либос пӯшида буд, вале бо вуҷуди он, ӯ ба мӯяш чунон равған молида буд, ки мо мегуфтем: дар рӯзи офтоб равғани ба сараш молида об шуда ба зери пироҳанаш

равон мегардад. Акнун, вақте ки ман ӯро ба ёд меоварам, ман ӯро бисьёр хидматгузор, хомӯш ва бачаи накӯкирдор меёбам; он замонҳо ӯ ба ман як махлуқи ҳақире менамуд, ки ҳеҷ ба дилсӯзӣ ва ҳатто ба ёдоварӣ кардан ҳам сазовор нест.

Ҳангоме ки роҳзанбозӣ ба поён расид, мо ба боло баромадем ва бо афту дарафтҳо ва бозиҳои варзишӣ назди ҳамдигар ба *ҳунарнамоӣ* кардан сар кардем. Илинька бо лабханди беҷуръатонаи ҳайратомезе ба мо нигоҳ мекард ва чун ба ӯ низ ҳамчунин корнамоӣ карданро таклиф мекардем, рад мекард ва мегуфт, ки ӯ ҳеҷ дармоне надорад. Серёжа аҷаб меҳрпарвар буд; ӯ курткаашро берун оварда — рӯю чашмони ӯ медурахшиданд,— ӯ муттасил ханда мекард ва шӯхиҳои нав ба нав меангехт: аз болои се курсӣ, ки қатор чида мешуданд, хез мезад ва сар то сари хона чархвор ҳаллоҷӣ мекард, дар болои ҷилдҳои луғати Татищев, ки барои ӯ хидмати пояро адо менамуданд, ва дар миёни хона чида шуда буданд, пояшро баланд карда рост меистод ва бо пойҳояш чунон ҳаракатҳои аҷибу ғарибе ба ҷо меовард, ки мо худамонро аз ханда нигоҳ дошта наметавонистем. Баъд аз ҳамин як ҳаракати охирин ӯ андаке ба фикр фурӯ рафт, чашмакӣ зад ва ногаҳон бо тамоми қиёфаи ҷиддӣ ба Илинька наздик омад: «Биёед, ҳамин корро карда бубинед; ба ростӣ, ин душвор нест». Грап дид, ки эътибори ҳама ба ӯ маътуф шудааст, сурх шуд ва бо садое, ки ба зӯр шунида мешуд, мегуфт, ки ӯ ҳеҷ гоҳ ин корро ба ҷо овардан наметавонад.

— Эҳ, ин чӣ кор, аз чӣ сабаб ӯ ҳеҷ ҳунаре нишон додан намехоҳад? Гӯё ки духтарбача бошад... албатта бояд ӯ ба сари худаш рост биистад!

Ва Серёжа аз дасти ӯ гирифт.

— Албатта, албатта ба сараш бояд гузошт! — гӯён мо ҳамагӣ фарьёд задем ва гирдогирди Илинькаро гирифтем, ки ӯ зоҳиран аз ин ҳаракати моён тарсида ва рангаш парида буд, ва аз дасти ӯ дошта ба тарафи китобҳои чида кашидем.

— Маро вогузоред, ман худам! Курткаамро медаронед! — гӯён фарьёд мезад он қурбонии бечора. Вале ин фарьёдҳои яъсу ноумедӣ моро боз бештар да-

лер мекард; мо аз ханда мемурдем; курткаи сабзи ӯ чок ба чокаш метаркид.

Володя ва Ивини калонӣ сари ӯро хам карда ба рӯи китобҳои луғат гузоштанд; ман ва Серёжа аз пойҳои борики бачаи бечора гирифтем, ҳол он ки ӯ пойҳояшро ба ҳар тараф мезад, эзорашро то ба зону бар задем ва бо қаҳқаҳаи баланд онҳоро боло бардоштем; Ивини хурдӣ мувозанаи бадани ӯро нигоҳ медошт.

Чунин воқеъ шуд, ки баъд аз қаҳқаҳаи баланд мо ҳамагӣ якбора хомӯш шудем ва дар хона чунон сукут барпо шуд, ки ба сахтӣ нафас кашидани Грапи бадбахт шунида мешуду бас. Дар ҳамин лаҳза ман чандон боварӣ надоштам, ки ҳама ин гирудори мо бисьёр хандаовар аст.

-- Инак, акнун офарин! — гуфт Серёжа ва бо дасташ ӯро навозиш карда зад.

Илинька хомӯш буд ва халос гаштанӣ шуда пояшро ба ҳар сӯ меандохт. Дар яке аз ин ҳаракатҳои ноумедона ӯ бо пошнааш ба чашми Серёжа чунон озорнок кӯфт, ки Серёжа ҳамон лаҳза пои ӯро аз даст гузошт, чашмашро, ки беихтиёрона ашк ҷорӣ буд, бо дасташ гирифт ва бо ҳамаи зӯраш Илинькаро такон дод. Ильинка, ки акнун ӯро ҳеҷ кас намедошт, мисли як чизи беҷон ба рӯи замин парчин шуда афтод ва аз ҳуҷуми гирья, фақат ҳамин қадар гуфтан тавонист:

— Аз чӣ сабаб шумоён маро азият мекунед?

Шаклу шамоили асафангези Илинькаи бечора бо чеҳраи гирьяолуд, бо мӯйҳои парешон ва эзори барзадагӣ, ки аз зери он соқи ношустаи чиркине намудор буд, моро ба ҳайрат андохт; ҳамаи мо хомӯш будем ва кӯшиш мекардем, ки зӯр ба зӯракӣ табассум намоем.

Аз ҳама пештар Серёжа ба худ омад.

— Инро бубинед, зан будааст ин, гирьёнчак,— гуфт ӯ бо пояш оҳиста ӯро такон дода,— бо ӯ ҳазл кардан ҳам мумкин не... Хайр, бас акнун... хезед.

— Ман ба шумо гуфтам, ки ту бачаи нобакорӣ,— бадқаҳрона гуфт Илинька ва рӯяшро ба тарафи дигар гардонда сахт гирья карда сар дод.

— Эҳ-ҳе! бо пошна кӯфтан ва боз дашном додан! — фарьёд зад Серёжа ва китоби луғатро гирифта ба болои сари он бечора, ки ҳеҷ дифоъ ҳам намекард ва фақат бо дастҳояш сарашро пӯшонда буд, ҳамла кард.

— Мана ба ту! мана ба ту!.. Ин ки ҳазлро намефаҳмида бошад, мепартоем ӯро... Меравем ба поён,— гуфт Серёжа ғайритабиӣ хандае карда.

Ман бо дилсӯзӣ ба он бечора, ки ба рӯи замин афтода буд ва рӯяшро миёни китобҳо пинҳон карда чунон гирья мекард, ки гӯё ҳамин замон аз фишори гирья, ки ӯро меларзонд, мемурда бошад, нигоҳ мекардам.

— Ҳой, Серёжа! — гуфтам ман ба ӯ,— ту чаро ин корро кардӣ?

— Э-э, баракалло!.. ман ки имрӯз поямро қариб шикаста будам, гирья накардам...

«Ҳа, ин дуруст аст,— гуфтам ман пеши худ,— Илинька як бачаи гирьёнчак, дигар ҳеҷ, Серёжа бошад, паҳлавон... ин чи ҷавони ҳузарб аст!..»

Он гоҳ ман ҳеҷ нафаҳмида будам, ки ин бечора эҳтимол на аз он ҷиҳат, ки баданаш дард мекард, мегириста бошад, балки аз он андеша, ки панҷ бачае, ки шояд ҳамаи онҳо ба ӯ хуш меомада бошанд, бе ҳеҷ иллате ба бад дидани ӯ ва пеш кардани ӯ аз назди худашон иттифоқ карда буданд.

Ман ба ҳеҷ ранге ин рафтори бераҳмонаи худамро эзоҳ кардан наметавонам. Чӣ тур шуд, ки ман ба пеши ӯ нарафтам ва ӯро тарафдорӣ накардам, дилашро набардоштам? Куҷо шуд он ҳисси дилсӯзӣ, ки гоҳе маро барои зоғбачае, ки аз лонааш берун меафтод ё сагбачае, ки мехостанд ба пушти девор партоянд, ё барои мурғе, ки ошпазбача барои шӯрбо пухтан мебурд, ба гирья меандохт?

Магар ин эҳсоси дилписанд ба иллати муҳаббат ба Серёжа кӯр шуда буд ва аз он иллат, ки дар назари ӯ ман ҳам ҳамон тур паҳлавон ва диловар намоям, аз ман дур шуда буд? Ин муҳаббат ва орзуе, ки шердил намудор гардам, он қадар як сифати писандида ҳам набуда аст-ки! он кору бор ягона доғҳои сиёҳе буданд, ки дар саҳифаҳои хотироти бачагии ман нақш бастаанд.

Боби XX

МЕҲМОНҲО ҶАМЪ МЕШАВАНД

Аз рӯи тараддуд ва бесариштагие, ки дар шарбатхона дида мешуд, аз рӯшноии равшане, ки дар назари ман ба он чизҳое, ки ман дар меҳмонхона дида будам ва медонистам, як тозагӣ ва дигаргунӣ ва намоиши идонаеро мебахшид, ва хусусан агар он иллатро ба назар гиред, ки Иван Иваныч дастаи мусиқии худашро беҳуда нафиристодааст, интизор мерафт, ки имшаб меҳмонҳои зиёде бояд биёянд.

Ба овози ҳар як аробае, ки аз наздики хона мегузашт, ман ба дами тиреза медавидам, кафи дастамро ба шақиқаам ва ба рӯи шиша ниҳода, бо кунҷковии бесаброна ба кӯча нигоҳ мекардам. Аз торикие, ки дар аввали ваҳла ҳама чизи дар паси тиреза бударо аз назар мепӯшонд, андак-андак чизҳо намоён мешуданд: дар рӯ ба рӯи ман дӯкончаи фонусдори кайҳо боз ба ман ошно, аз паҳлу — хонае, ки ду тирезаи равшан дар поён дошт, намудор буд, дар миёни роҳ, ягон *Ванькаи* аробакаш бо ду нафар саворишаш ё ки аробаи холӣ якка-якка қадамзанон ба хона бар мегашт; аммо инак аробае ба даромадгоҳ наздик шуд ва ман ба камоли итминон, ки онҳо Ивинҳо мебошанд, ки барвақттар омаданро ваъда карда буданд, барои онҳоро пешвоз гирифтан ба даҳлез медавам. Дар ҷои Ивинҳо, аз паси дасти навкаре, ки дарро кушод, ду нафар зан намудор шуданд: яке—калон, пальтои кабуди фарохе дар бар дошт, ки гиребонаш аз пӯсти самур буд, дигараш — хурдтарак, ба рӯмоли шоли сабз сар то по печида буд, чунон ки аз зери он пойҳои хурдтаракаш дар попӯши пашмин намудор мешуд. Ҳар чанд ман ба онҳо таъзим карданро барои худам воҷиб дониста будам, вале ба будани ман дар даҳлез эътиное накарда хурдтаракаш хомӯшона ба он бузург наздиктар рафта истод. Он зани бузург рӯмоле, ки сари он хурдиро тамоман печида буд, кушод, тугмаҳои пальтои ӯро низ боз кард ва ҳангоме, ки нӯкари дарбон ин пӯшокҳоро барои нигоҳдорӣ ги-

рифт ва попӯши пашминро ҳам аз пои ӯ берун кард, аз он вуҷуде, ки бо рӯмоли шол сар то по печида буд, як духтараки дувоздаҳсолаи хеле зебое баромад, ки пироҳани гиребонкушодаи кӯтоҳи хосагӣ, пойҷомаи сафед ва кафши хурдтараки сиёҳ дошт. Дар гардани сафедакаш як навори махмали сиёҳ буд; сараш тамоман пур аз мӯи ҷингилаи тиллоӣ буд, ки аз тарафи пеш ба рӯи бисьёр хуби ӯ зебо меомад ва аз пас ҳам бо китфи бараҳнааш хушоянд намудор мешуд, чунон ки агар ба ман касе, ҳатто худи Карл Иваныч ҳам мегуфт, ки ин мӯйҳо аз он сабаб ин қадар ҷингила задаанд, ки аз пагоҳ боз ба порчаҳои рӯзномаи «Московские ведомости» печида шуда буданд ва онҳоро бо оҳани сӯзон тафсонда ба ин ҳол дароварда буданд, ман бовар кардан наметавонистам. Чунон менамуд, ки он духтарак ҳамин тур бо мӯйҳои ҷингила аз модар таваллуд шудааст.

Хосияти ҳайратангези чеҳраи ӯ чашмони нимпӯшидаи барҷастаи аз ҳад зиёд бузурги ӯ буд, ки дар муқобили даҳони хурдтаракаш як тазоди аҷиб, вале дилписанде ташкил мекард. Лабонаш ба ҳам нишаста буданд, аммо чашмонаш чунон тури ҷиддӣ доштанд, ки аз қиёфати умумии чеҳраи ӯ лабханде умед кардан мумкин набуд ва агар табассуме аз он дида мешуд, ниҳоят дилрабо мебуд.

Ман кӯшидам, ки ба назари касе намоён нашавам ва ба дари зал хазида, худамро ба нодонӣ зада пасу пеш роҳ мегаштам, ки гӯё дар андеша фурӯ рафта ва хеҷ намедониста бошам, ки меҳмонҳо омадаанд. Ҳангоме ки меҳмонҳо то нимаи зал расиданд, ман гӯё ба худ омадам ва пойҳоямро ба ҳам зада таъзим карда ба онҳо эълон намудам, ки модаркалон дар меҳмонхона аст. Хоними Валахина, ки чеҳрааш бисьёр ба ман хуш омад, хусусан аз он ҷиҳат, ки дар рӯи ӯ бисьёр шабоҳат бо чеҳраи духтараш Сонечка ёфта будам, ба сӯи ман илтифоткорона сари худро ҳаракат дод.

Модаркалон чунон менамуд, ки аз дидани Сонечка бисьёр хушҳол шуда бошад: ӯро назди худ хонд ва яке аз зулфҳояшро, ки ба пешониаш меафтод, ҷо ба ҷо кард ва ба рӯи ӯ бо диққат нигоҳ карда истода,

гуфт: «Quelle charmante enfant!»[1] Сонечка табассум кард, сурх шуд ва чунон дилрабо гашт, ки ман ҳам ба ӯ нигоҳ карда сурх шудам.

— Ман умед мекунам, ки ту дар хонаи ман дилтанг нашавӣ, азизакам,— гуфт модаркалонам ба ӯ аз манаҳаш рӯи ӯро боло бардошта,— хоҳиш мекунам, ҳар чи бештар хурсандӣ ва рақсу бозӣ кунетон. Инак як хониму ду мард мавҷуд аст,— гӯён илова намуд ӯ ба хоним Валахина рӯй оварда ва ба ман дасти худашро расонда.

Ин қаробат ба ман чунон хушоянд шуд, ки боз як дафъа сурх шудам.

Зиёд шудани шармгинии худамро ҳис карда ва овози наздик шудани аробаи дигареро шунида, дур шуданро лозим донистам. Дар даҳлез ман князьхоним Корнаковаро бо як писару духтарони беҳадду ҳисобаш дарьёфтам. Духтарон ҳамагӣ монанди якдигар ба князьхоним шабоҳат доштанд ва хунук буданд; бинобар он ҳеҷ як аз онҳо диққати маро ба худ ҷалб нанамуд. Пальтоҳои васеашонро ва думҳои гарданпечашонро берун оварда онҳо якбора ҳамагӣ бо овози борике ҳарф задан гирифтанд ва ташвишкунон ба чизе, гӯё ба он ки онҳо ин қадар бисьёр ҳастанд, ханда мекарданд. Этьен бачае буд понздаҳсола, қоматбаланд, гӯштдор, бо қиёфати пажмурда, бо чашмони фурӯ рафтаи поёнаш кабудшуда ва ба синнаш назаран дастҳо ва пойҳои хеле бузург дошт; ӯ фаҳӯл буд ва овози нофорами ноҳамворе дошт, вале чунон менамуд, ки аз худаш бисьёр розиаст ва ба назари ман айнан ҳамон тур буд, ки бачаи шаллоҳхӯр бошад.

Мо дуру дароз муқобили ҳамдигар истодем, ва ҳарфе нагуфта бо диққат ба якдигар менигаристем; пас андаке ба ҳам наздиктар рафтем, шояд ҳамдигарро бӯса карданӣ ҳам шуда бошем, вале боз ба чашмони якдигар нигоҳ кардему чи шуд, ки аз ин фикрамон гаштем. Ҳангоме ки либосҳои ҳамаи хоҳарони ӯ аз пеши мо хаш-хаш карда, гузашта рафтанд, ба баҳонаи гап сар кардан, ман аз ӯ пурсидам, ки дар аробаи ҷой барои онҳо тангӣ накардааст.

[1] «Чӣ бачаи дилрабоест!»

— Намедонам,— ҷавоб дод ӯ беэътиноёна,— ман ки ҳеҷ гоҳ ба даруни ароба наменишинам, зеро дар ароба, ки нишастам, дили ман бе ҷо мешавад ва модарам инро медонад. Ҳангоме ки мо бегоҳонӣ ба ҷое рафтанӣ мешавем, ман ҳамеша паҳлуи аробакаш менишинам, он ҷо дилкушотар аст, ҳама ҷо менамояд, Филипп ҷилави аспҳоро ба ман медиҳад, ман меронам, гоҳе тозиёнаро низ ба даст мегирам. Ва ҳамин тур карда роҳгузарҳоро, медонед, гоҳе мешавад, ки,— гӯён илова намуд ӯ бо як дастҷунбонии гӯёе,— бисьёр нағз!

— Олимақом,— гуфт пешхидмат даромада,— Филипп пурсида истодааст: тозиёнаро шумо куҷо гузошта бошед?

— Яъне чӣ, куҷо кардам? Ман ки ба худаш додам.

— Ӯ мегӯяд, ки надодаед.

— Хуб, ин тур бошад, ба сутуни фонус овехтаам.

— Филипп мегӯяд, ки дар сутуни фонус ҳам нест, беҳтараш ин аст, ки шумо бигӯед: гирифтеду гум кардед, аммо Филипп аз пули худакаш ба касри ҳавасу бозии шумо подош хоҳад дод,— пешхидмати дар қаҳр шудагӣ торафт далеронатар ба суханаш давом кард.

Пешхидмат, ки марди мӯҳтарам ва туршрӯ барин менамуд, гӯё ғарму ҷӯшон тарафи Филиппро мегирифт ва мехост ҳар чи тур карда масъаларо равшан намояд. Бо ҳисси назокатпарварона беихтиёр гӯё чизеро намедида ва намешунида бошам, ман худамро ба тарафе кашидам; вале пешхидматоне, ки дар он миён ҳозир буданд, тамоман дигар навъ рафтор карданд: онҳо наздиктар қадам мениҳоданд ва ба ҳаракати он ходими пир бо таҳсину офарин менигаристанд.

— Хайр, гум карда бошам, гум кардагем-дигар,— гуфт Этьен аз эзоҳоти зиёдатӣ сар печида,— як тозиёна чанд пул меистад, ман худам пулашро медиҳам. Одамҳои ғалатӣ!..— гӯён илова кард ӯ ва ба ман наздик омада маро ба сӯи меҳмонхона кашид.

— Не, бубахшед, мирзо, чӣ тур шумо пулашро медиҳед? Медонам ман, чи тур аст ин. Ба Марья Васильевна акнун ҳашт моҳ аст, ки бист тин доданӣ ҳастед,

ба ман ҳам акнун гӯё ду сол мешавад, ки медиҳед, ба Петрушка ҳам...

— Хомӯш мешавӣ ё не! — гӯён фарьёд зад князи ҷавон дар ҳолате, ки аз ғазаб рангаш парида буд.— Ман, бубин, чи тур ҳамаи инро гуфта медиҳам..

— Ҳамаашро мегӯям, ҳамаашро мегӯям! — гуфт пешхидмат.— Ин нағз не, олимақом! — гӯён илова намуд ӯ бо як оҳанги обдоре дар он ҳангоме ки мо ба зал медаромадем, ва либосҳои кашидагӣ дар даст ба сӯи ҷомадон рафт.

— Ана инро тамошо кунед! — гӯён аз паси мо овози таҳсинкунандаи касе аз даҳлез шунида шуд.

Модаркалонам дар мавридҳои махсусе ҷамъу муфради ҷонишини шахси дуввӯмро бо оҳанги хосе адо карда, дар бораи мардум фикру мулоҳизоти худашро устодона ифода кардан метавонист. Ҳар чанд ки ӯ *шумову туро* мухолифи тариқи қабули омма ба кор мебурд, вале ин хитобҳо дар даҳони ӯ, як маънои дигар ба худ мегирифт. Ҳангоме ки князи ҷавон ба ӯ наздик омад, ӯ бо як чанд калимае ӯро хитоб кард, ки дар он ҷумлаҳо ӯро *шумо-шумо* мегуфт ва ба ӯ чунон нигоҳе бо адои беэътиноёнае кард, ки агар ман дар ҷои ин ҷавон мебудам, бакуллӣ худамро гум мекардам; вале Этьен, зоҳиран, на аз ин *навъ* бачагон буд: ӯ на танҳо ба расми қабули модаркалон эътиное накард, ҳатто ба худи ӯ ҳам эътиборе надод, балки як таъзими умумӣ ба тарафи ҳама ба ҷо овард, ки агар ин таъзим моҳирона набошад ҳам онро лоуболиёна номидан мешуд. Сонечка ҳамаи диққати маро ба худ кашида буд: ман дар хотир дорам, ҳангоме ки Володя, Этьен ва худи ман дар зал дар чунон мавқеъ рост истода сӯҳбат мекардем, ки аз он ҷо Сонечкаро дидан мумкин буд ва ӯ низ моро медид ва ҳамаи гуфтори моро мешунид, ман бо лаззат гап мезадам; ҳангоме ки дар миёни сӯҳбат, ҳарфи ба фикри худам зарифона ё ҷасуронае гуфтан рост меомад, ман онро баландтар адо мекардам ва ба тарафи дари меҳмонхона назар меафкандам; вақте ки мо ба ҷои дигар гузаштем, ки аз он ҷо на дидан ва на шунидани мо аз меҳмонхона мумкин намешуд, ман сокит меистодам ва дигар ҳеҷ лаззате аз гуфтугузор намегирифтам.

Меҳмонхона ва зал андак-андак бо меҳмонҳо пур мешуд; дар миёни онҳо, чунон ки дар ҳар мавриди шабнишиниҳои бачагона дида мешавад, чанд нафар бачаҳои калонсол ҳам буданд, ки фурсати хурсандӣ ва рақсро аз даст додан намехостанд, гӯё танҳо барои он ки ба бонуи хона нашъа ва кайфияте биёваранд.

Ҳангоме ки Ивинҳо омаданд, дар ҷои лаззат ва кайфе, ки ман одатан аз дидани Серёжа мегирифтам, як ногувории аҷибе дар бораи ӯ ҳис кардам, ки ӯ Сонечкаро хоҳад дид ва худашро ҳам ба ӯ нишон хоҳад дод.

Боби XXI

ТО МАЗУРКА

— Эҳе, зоҳиран, дар хонаи шумо рақс хоҳад шуд,— гуфт Серёжа, ҳангоме ки аз меҳмонхона мебаромад ва аз кисааш як ҷуфт дастпӯшаки мешии навро бароварда,— дастпӯшакро бояд пӯшид.

«Чӣ бояд кард? Мо ки дастпӯшак надорем» — гӯён андешидам ман,— бояд ба боло рафт ва ҷустуҷӯ кард».

Вале ҳар чанд ман ҳамаи ҷомадонҳоро кофта баромадам, фақат дар яке аз онҳо дастпӯшакҳои сабзи сафарии мо ва дар дигараш як дона дастпӯшаки мешӣ ёфтам, ки ба дарди ман даво намешуд: нахуст аз он ҷиҳат, ки бисьёр кӯҳна ва чиркин буд, дуввӯм ба-д-он сабаб, ки барои ман бисьёр калон ва аз ҳама муҳимтар аз он иллат, ки дар он ангушти миёна набуд, онро, зоҳиран, хеле замоне пеш аз ин Карл Иваныч барои ангушти дардкардааш бурида гирифта буд. Ман бо вуҷуди он, ин бақияи дастпӯшакро ба дасти худ пӯшидам ва бо диққати тамом ҳамон ҷои ангушти миёнаро аз назар мегузаронидам, ки ҳамеша сиёҳиолуд буд.

— Эҳ, агар Наталья Савишна ҳамин ҷо мешуд, ӯ албатта дастпӯшак ёфта медод. Дар ин аҳвол ба поён рафтан ҳам дуруст нест, зеро, агар аз ман пурсанд, ки чаро ба рақс иштирок намекунам, чӣ хоҳам гуфт? ва дар ин ҷо истодан ҳам бечост, зеро албатта маро хоҳанд ҷуст. Чӣ бояд кард? — мегуфтам ман дастҳоямро ба ҳар тараф ҷунбонда.

— Ту ин ҷо чӣ мекунӣ? — гуфт Володя, ки давида меомад,— бирав, хонимеро даъват намо... ҳозир шурӯъ мешавад.

— Володя,— гуфтам ман ба ӯ дастамро бо ду ангуште, ки ба даруни дастпӯшаки чиркин дароварда будам, нишон дода бо овозе, ки ҳолати наздик ба маъюсиро ифода мекард,— Володя, ту дар ин хусус фикре ҳам накардаӣ!

— Дар чӣ хусус? — гуфт ӯ бесаброна.— Ҳа! дар бораи дастпӯшак,— гӯён бепарвоёна илова кард, дасти маро ки дид,— оре, ҳақиқатан фикре накардаем; аз модаркалон бояд пурсид... ӯ чӣ хоҳад гуфт? — ва парвое накарда ба поён давид.

Хунсардие, ки ӯ дар хусуси аҳволи ба назари ман бисьёр муҳим менамудагӣ нишон дод, маро ором кард ва ман дастпӯшаки даридаи ба дасти чапам пӯшидаро тамоман фаромӯш карда ба меҳмонхона раҳсипор гаштам.

Эҳтиётькорона ба курсии модаркалонам наздик шуда ва оҳиста ба либоси ӯ даст расонда, пичир-пичиркунон ба ӯ гуфтам:

— Модаркалон! мо чӣ бояд бикунем? мо дастпӯшак надорем!

— Чӣ мегӯӣ, дӯсти ман?

— Мо дастпӯшак надорем,— гӯён такрор кардам ман, ба ӯ боз наздиктар шуда ва ҳар ду дастамро ба дастаки курсӣ гузошта.

— Ин чист?—гуфт ӯ ногаҳон аз дасти чапи ман гирифта.— Voyez, ma chére [1],— гӯён давом намуд ӯ ба тарафи хоними Валахина хитобкунон,—voyez comme ce jeune homme s'est fait élégant pour danser avec votre fille[2].

Модаркалон аз дастам сахт гирифта буд ва ба тури ҷиддӣ, аммо пурсишкорона ба ҳозирин нигоҳ мекард, то он замоне ки кунҷковии ҳамаи меҳмонон қаноат ҳосил карда ханда умумӣ шуд.

Ман бисьёр андӯҳгин мешудам, агар Серёжа маро

---

[1] — Ба ин нигоҳ кунед, азизам,

[2] бубинед, ин ҷавон барои бо духтари шумо рақс кардан чӣ тур худашро зеб додааст.

дар он ҳол ва вазъият медид, ки чи тур аз шарм пурчин шуда, беҳуда зӯр мезадам, дастамро аз ӯ халос кунам, вале дар ҳузури Сонечка, ки он қадар ба қаҳқаҳа даромада буд, ки сиришк дар чашмонаш намудор гашт ва ҳамаи ҷингилаҳояш дар атрофи рухсораи арғувонишудаи ӯ паҳн шуданд, ман ҳеҷ шарм намекардам. Ман дарьёфтам, ки хандаи ӯ бисьёр баланд ва табиӣ буд, то он ки тамасхуромез бошад; билъакс мо ки ба ҳамдигар нигоҳ карда ханда кардем, гӯё маро ба ӯ наздиктар кард. Воқеаи дастпӯшак гарчи метавонист барои ман на ба хубӣ анҷом пазирад, вале ба ман он фоидаеро овард, ки дар ҳузури ҷамъият — дар меҳмонхона озодона ҳаракат мекардагӣ шудам, ҳол он ки ҳамеша то он ҳангом дар миёни меҳмонҳо будан барои ман тарсовар менамуд. Аз он баъд ман дар зал ҳеҷ гуна шармгинӣ ҳис намекардагӣ шудам.

Азоби касоне, ки шармгинанд, аз ҷиҳати номаълум будани мулоҳизаест, ки дар бораи онҳо ба миён омадааст; чун ин мулоҳазот ба тарзи ошкоро ба миён гузошта шуд — ба кадом ранге ки бошад, он азоб ва азият барҳам мехӯрад.

Чи қадар хуш ва хуб буд ин Сонечка Валахина ҳангоме ки рӯ ба рӯи ман бо князи ҷавони бесалиқа кадрили франсавиро мерақсид! Ӯ чи қадар ширин лабханд мезад ҳангоми рақс, вақте ки дар шаклсозии chaîne»[1] дасташро ба ман медод! чи тур зебо, мувофиқи усул зулфҳои малларангаш дар сараш ҷасту хез мекарданд ва чи тур пойҳои хурдтаракаш ашколи «jeté-assemblé» ба соддагӣ адо мекард. Дар шаклсозии панҷӯм, ҳангоме ки хоними ман аз ман ба сӯи дигаре давида рафт ва ман зарби мақомро интизор кашида ба адо кардани қисмати рақси ягона ҳозирӣ медидам, Сонечка лабҳои худашро ба тури ҷиддӣ ба ҳам ҷамъ карда ба сӯи дигаре нигоҳ карда истод. Вале ӯ беҳуда аз ҷиҳати ман ба ваҳм афтода буд: ман ҷасурона chassé en avant, chassé en arrière, glissade[2]-ро ба ҷо овардам, ва ба ӯ ки наздик шудам, бо як ҳа-

[1] *Шен, жетэ-ассамбле* — ашкол дар рақс.
[2] *Шассе-ан-аван, шассе-ан-арьер, глиссад* — ашкол дар рақс.

ракати бозигарона дастпӯшаки ду ангушташ баромадаистодаро нишон додам. Ӯ бисьёр сахт қаҳқаҳа карда сар дод ва боз ҳам зеботар хурд-хурд қадам гузошта ба болои фарши хона гаштан гирифт. Боз дар ёд дорам, ҳангоме ки мо давра кардем ва ҳама дастҳои якдигарро гирифта будем, ӯ сарашро хам кард ва дасташро аз дасти ман набароварда, биниашро бо дастпӯшакаш хорид. Ҳамаи ин гӯё ки ҳозир шуда истода бошад, дар пеши чашми ман аст ва ман ҳанӯз он кадрильро аз «Духтари Дунай», ки дар зери овози он ҳамаи инҳо анҷом меёфт, мешунавам.

Кадрили дуввӯм ҳам расид ,ки ман бо Сонечка рақсидам. Дар паҳлӯи ӯ нишаста худамро бисьёр ноҳинҷор ҳис мекардам ва ҳеҷ намедонистам бо ӯ аз чӣ сухан гӯям. Ҳангоме ки хомӯшии ман бисьёр тӯл кашид, ман тарсидан гирифтам, ки мабодо ӯ маро гӯл ва нодон бишуморад ва бинобар он пеши худ қарор додам, ки ӯро аз ин залолат дар ҳаққи худам берун овардам. «Vous êtes une habitanle de Moscou? [1] — гуфтам ман ба ӯ ва пас аз он, ки ҷавоби мувофиқ гирифтам, давом намудам: — et moi, je n'ai encore jamais fréquenté la capitale»[2] — ва билхосса ба таъсири калимаи «fréquenter»[3] умед баста будам. Лекин ман ҳис кардам, ки ҳар чанд ин муқаддима бисьёр рангин ва дурахшон шуд ва далели хуб донистани ман забони франсавиро буд, лекин дар ҳамин тарз давом кунондани сӯҳбат ман ёрое надорам. Ҳанӯз навбати рақсидани мо ба зудӣ намерасид, аммо хомӯшӣ аз тоза сар шуд: ман бо ташвишу тараддуд ба ӯ нигоҳ мекардам, мехостам, бидонам, ки чи таъсире ба ӯ гузоштам, ва аз ӯ мадад меҷустам. «Шумо ин дастпӯшаки хандаоварро аз куҷо ёфтед?» — гӯён ӯ ногаҳон аз ман пурсид; ва ин пурсиш ба ман бисьёр лаззат ва сабукӣ овард. Ман ба ӯ гуфтам, ки дастпӯшак аз они Карл Иваныч буд ва дар бораи худи Карл Иваныч ҳатто як дараҷа тамасхуромез ҳам иборат рондам ва дар он хусус гап задам, ки чӣ қадар ӯ хандаовар ме-

---

[1] «Шумо доимо дар Москва истиқомат доред?»
[2] ман бошам, ҳанӯз ҳеҷ гоҳ пойтахтро зиёрат накардаам,
[3] «зиёрат кардан».

шавад, ҳангоме ки кулоҳи сурхашро аз сараш мегирад, ва чӣ тур ӯ рӯзе бо пальтои чиндори дарози сабзаш аз асп рост даруни лоёб афтода буд ва боз ҳамин барин гапҳо гуфтам. Гузаштани кадрильро нафаҳмида мондем. Ҳамаи ин бисьёр хуб буд; вале чаро ман дар бораи Карл Иваныч тамасхуромезона ҳарф задам? Ва магар ман ақидаи хуби Сонечкаро аз даст медодам, агар дар ҳузури ӯ Карл Иванычро бо ҳамон эҳтиром ва муҳаббате, ки ба ӯ доштам, тасвир мекардам?

Ҳангоме ки кадриль ба поён расид, Сонечка ба ман бо чунон адои дилпазире «merci»[1] гуфт, ки гӯё ман ҳақиқатан миннатдории ӯро сазовор шуда бошам. Хушҳолии ман аз ҳад гузашта буд, худамро аз хурсандӣ гум карда будам ва худамро худам намешинохтам: аз куҷо ин қадар ҷасорат, далерӣ, ҳатто густохӣ ба ман пайдо шуда буд? «Чизе нест, ки маро ба хиҷолат мегузошта бошад! — мегуфтам ман дар зал пасу пеш бепарвоёна қадам зада,— ман ба ҳамааш ҳозирам!».

Серёжа ба ман таклиф намуд, ки ба ӯ vis-á-vis[2] бошам. «Хуб,— гуфтам ман,— ҳар чанд ман хониме надорам, вале хоҳам ёфт». Ба тарафи зал чашм дӯхта дидам, ки ҳамаи хонимҳоро соҳибӣ карда будаанд, магар як духтари бузурге монда буда аст, ки дами дари меҳмонхона меистод. Як ҷавони қаддарозе ба ӯ наздик мерафт, ман чунон ҳукм кардам, ки ӯ мехоҳад ин духтаракро даъват кунад; он ҷавон фақат ду қадам аз ӯ дуртарак буд, ман бошам дар тарафи муқобили зал будам. Дар як чашм задан дар рӯи замини шаффофи хона хушнамоёна лағзишкунон, ҳамаи масофае, ки маро аз ӯ ҷудо мекард, парида гузаштам ва поямро ба ҳам кӯфта бо овози маҳкаме ӯро ба контрданс даъват намудам. Духтари калонсол ҳимоятгарона табассумкунон дасташро ба ман дод, лекин он марди ҷавон бехоним монд.

Ман он қадар ба қуввати худам боварӣ ҳосил карда будам, ки ҳатто ба ранҷиши он марди ҷавон эътиро-

---

[1] «ташаккур»
[2] рӯ ба рӯ

ное ҳам накардам; вале пас аз он огоҳ шудам, ки он ҷавон пурсидааст, ки он бачаи жӯлидамӯй, ки аз пеши ӯ давида гузаштааст ва аз худи зери бинии ӯ хонимро рабудааст, кист?

Боби XXII

МАЗУРКА

Он марди ҷавоне, ки ман хонимашро рабудам, мазуркаро бо ҳамраҳси нахустин адо мекард. Ӯ аз ҷояш дасти хонимашро дошта барҷаст ва дар ивази он ки «pas de Basques»[1]-ро иҷро намояд, чунон ки Мими ба мо таълим дода буд, фақат ба пеш давиду рафт; то кунҷ давида расиду бар ҷо истод, пойҳояшро аз ҳам кушода нигоҳ дошт, пошнаҳояшро кӯфт, баргашт ва хез кашида-хез кашида ба пеш давид.

Чун дар ин рақс ман хониме надоштам дар паси курсии баланди модаркалон нишаста будам ва тамошо мекардам.

«Ӯ чи кор карда истодааст? — мегуфтам ман пеши худ.— Ин охир на чунон аст, ки Мими ба мо таълим кардааст: ӯ ба мо мегуфт, ки мазуркаро ҳама дар нӯг-нӯги по хиромон-хиромон ва пойҳоро доиравор кушода мерақсанд; маълум мешавад, ки тамоман он тур набудааст. Инак Ивинҳо ҳам, Этьен ҳам, дигарон ҳам ҳама мерақсанд, вале «pas de Basques» намекунанд: Володяи мо ҳам ин тарзи тозаро қабул кард. Бад не!.. Сонечкаро тамошо кунед, чӣ нозанин аст?! инак ӯ рафт...» Ман беандоза хушҳол шуда будам.

Мазурка ба поён мерасид: чанде аз мардон ва занони куҳансол ба ҳузури модаркалон меомаданд, то ки хушбошӣ карда раванд; пешхидматон аз расидан ба рақскунандагон худдорӣ карда, эҳтиёткорона асбобҳоро ба хонаҳои ақиб мекашонданд; модаркалон зоҳиран хаста шуда буд, ки дили нохоҳам ва бисьёр кашол карда гап мезад; созандаҳо дафъаи сийӯм коҳилона ҳамон як оҳангро такрор мекарданд. Духтари калонсоле, ки ман бо ӯ рақсида будам, маро дид ва

[1] *Па-де-баск* — шакли қадимии па дар мазурка.

ғаддорона табассумкунон, шояд барои он бошад, ки бо он ҳаракат дили модаркалонро ба даст орад,— Сонечка ва боз аз князьдухтарони бисьёре якеро ба пеши ман овард. «Rose ou hortie?» [1]— гуфт ӯ ба ман нигоҳ карда.

— Ҳа, ту ҳамин ҷой! — гуфт модаркалон дар курсии худаш рӯяшро баргардонда.— Бирав, дӯстаки ман, бирав.

Ҳар чанд дар ин лаҳза ман бештар мехостам, сари худамро ба зери курсии модаркалон пинҳон кунам, на аз паси он берун бароям, вале рад кардан натавонистам, аз ҷоям бархостам ва гуфтам: «rose» [2] ва бечуръатона ба Сонечка нигоҳ кардам. Ман ҳанӯз ҳавосамро ҷамъ накарда будам, ки дасте дар дастпӯшаки сафед дар дасти ман ҷо гирифт ва князьдухтар бо табассуми дилрабое пеш даромад ва ҳеҷ дар хаёли он ҳам набуд, ки ман намедонистам пойҳои худамро чи тур ҳаракат бидиҳам.

Ман медонистам, ки «pas de Basques» ин ҷо беҷост, номуносиб аст ва иҷрои он тамоман метавонист маро шарманда кунад; вале садои ошнои мазурка ба сомеаи ман асар кард ва истиқомати маълумеро ба асабҳои сомеаи ман нишон дод, ки онҳо дар навбати худ ҳамон хабарро ба пойҳо супурданд ва ин узви охирин тамоман беихтиёрона ва ба ҳайрати ҳама ҳозирон паҳои муайяни доирашаклро хиромонхиромон нӯг-нӯги по анҷом додан гирифтанд. То он гоҳе ки мо рост мерафтем, кор ҳанӯз як навъе мерафт, вале дар баргаштан ман дидам, ки агар чораи корро набинам, албатта аз дигарҳо пеш хоҳам рафт. Аз ҳамин ранг ногуворӣ ҳазаркунон ман таваққуф кардам бо нияти он, ки ҳамон ранг *ашколро*, ки он марди ҷавон дар давраи нахустин карда буд, бисозам. Вале дар ҳамон лаҳза ки ман пойҳоямро аз ҳам ҷудо кардам ва хостам барҷаҳам, князьдухтарак тезу тунд дар гирди ман гашта баромад ва бо нигоҳи кунҷковонаи карахт ҳайрон шуда ба пойҳои ман назар дӯхта монд. Ин нигоҳ маро кушт. Ман он қадар *сғросема*

---

[1] «Гул ё газнаро (мехоҳӣ)?»
[2] «гул»

шудам, ки ба ҷои он, ки рақсро давом диҳам, дар ҷои худ по мезадам, чунон ки на ба оҳанг мувофиқ меомад, на ба чизи дигаре мемонд, ва, оқибат, тамоман дар ҷои худ рост мондам. Ҳамагӣ ба ман нигоҳ мекарданд: касе бо тааҷҷуб, дигаре бо кунҷковӣ, баъзе бо тамасхур, баъзе бо таассуф; танҳо модаркалонам бепарвоёна нигоҳ мекарду бас.

— Il ne fallait pas danser, si vous ne savez pas![1] — гуфт овози падарам дар худи болои гӯшам ва оҳиста маро тела дода, дасти хонимӣ маро гирифт ва бо ӯ ба тарзи қадим як давр бозӣ кард ва дар зери офаринҳои тамошогарон, духтаракро ба ҷои худаш овард. Мазурка ҳамон лаҳза ба охир расид.

— Худоё! аз чи сабаб ту маро ин қадар уқубат медиҳӣ!

. . . . . .

Ҳамагӣ ба ман ба назари ҳақорат хоҳанд нигарист ва ҳамеша дар назарҳо паст ва беэътибор хоҳам буд... барои ман ҳамаи роҳҳо баста шудааст: на дӯстӣ, на муҳаббат, на эҳтиром... ҳамагӣ барбод рафт! Аз чи сабаб Володя ба ман ишоратҳое мекард, ки ҳама онро медиданд, вале он ишоратҳо ба ман нотавонист роҳнамоӣ кунад? Барои чи ин князьдухтари нафратангез ба пойҳои ман ин тур назар афганд? Барои чи Сонечка... ӯ нозанинак; вале ба чи сабаб дар ин вақт ӯ табассум мекард? Барои чи падарам сурх шуд ва аз дасти ман гирифт? Магар ӯ низ аз сабаби ман ба хиҷолат афтода буд? Оҳ, ин ҳама даҳшатовар аст. Инак агар бибиҷонам ин ҷо ҳозир мебуд, ӯ аз ҷиҳати Николенькааш сурх намешуд... Ва хаёли ман аз паси он симои меҳрубон ба дуродур парвоз намуд. Ман он чаманзоре, ки дар пеши хонаамон буд, ва дарахтҳои зирфуни баландқомати боғамон, ҳавзи софу зулол, ки дар болои он фароштурукҳо парвоз мекунанд, осмони кабуде, ки дар он абрҳои шаффоф беҳаракат монда буданд, ғарамҳои бӯйдиҳандаи бедаро ва боз бисьёр хотираҳои дилкушои оромона ва осударо ба ёд меовардам ва ҳамаи онҳо аз пеши тасаввуроти пурташвиши ман мегузаштанд.

---

[1] — Намедониста бошӣ, бояд рақс намекардӣ!

Боби XXIII

ПАС АЗ МАЗУРКА

Он ҷавоне, ки дар давраи аввал рақс карда буд, вақти шомхӯрдан бо мо дар дастархони бачагона нишаст ва ба сӯи ман диққати махсус маътуф кард, агар ман баъд аз ҳамон қадар бадбахтие, ки бо ман рӯй дода буд, чизеро эҳсос карда метавонистам, иззати нафси маро хеле меболонд. Вале он мардаки ҷавон зоҳиран мехост коре карда маро ба хушҳолӣ андозад: ӯ бо ман шӯхӣ мекард, маро бачамард меномид ва чун касе аз бузургон сӯи мо назаре намеафганд, ӯ дар қадаҳи ман аз шишаҳои гуногун шароб мерехт ва албатта маро ба хӯрдан водор менамуд. Дар охири шомхӯрӣ, ҳангоме ки сарпешхидмат барои ман аз шишаи дар дастмол печидагии шампанский чорьяк қадаҳ рехт, он ҷавон исрор намуд, ки пиёлаи маро пур кунад ва маҷбур кард, ки ман ҳамаашро якбора боло кашам, баъд аз он ман як гармии фораме дар тамоми баданам ҳис кардам ва дар худ як дилбастагии махсусе ба ин ҳомии хушаҳволам дидам ва ба чизе баланд хандида сар додам.

Ногаҳон аз зал овози гросфатер [1] баромад ва ҳама аз сари дастархон хестан гирифтанд. Рафоқати мо бо он ҷавон ҳамон лаҳза тамом шуд: ӯ ба тарафи калонҳо рафт ва ман ба рафтан аз паси ӯ ҷуръат накарда бо кунҷковӣ ба назди Валахина омадам, ки гӯш бидиҳам, ӯ ба духтараш чи гуфта истодааст.

— Боз нимсоатак,— исроркорона мегуфт Сонечка.

— Росташ, мумкин не, азизам.

— Хайр, ба хотири ман, хоҳиш мекунам,— мегуфт духтарак нозкунон.

— Хуб, магар барои ту нағз мешавад, агар пагоҳ ман нотоб шавам? — гуфт хоним Валахина ва беэҳтиётӣ карда табассуме намуд.

— Ҳа, иҷозат додӣ! Хоҳем монд? — гуфт Сонечка ва аз хушҳолӣ ҷасту хез кард.

---

[1] *Гросфатер* — номи як хел рақси олмонӣ.

— Бо ту чи кунам? Бирав, бирақс... инак барои ту ҳамроҳ,— гуфт ӯ ва маро нишон дод.

Сонечка ба ман даст дод ва мо ба тарафи зал давидем.

Таъсири шароби нӯшида, ҳузур ва хушаҳволии Сонечка водор намуданд ногувориҳое, ки мазурка ба ман оварда буд, тамоман фаромӯш гардад. Ман бо пои худ найрангҳои аҷибу ғарибе месохтам; гоҳе ба тақлиди асп, пойҳоямро мағрурона бардошта, нимхезҳо мекашидам, гоҳе бо онҳо дар ҷои худ истода замин мекӯфтам, мисли гӯсфанде, ки ба саге ғазаб мекарда бошад, ва дар он ҳол аз таҳи дил қаҳқаҳа мезадам ва ҳеҷ андешае аз таъсири он ҳаракатҳои ман ба тамошобинон надоштам. Сонечка ҳам аз ханда намеистод: ӯ ба он механдид, ки мо дасти ҳамдигарро гирифта чарх мезадем, ба яке аз хоҷаҳои пир нигоҳ карда қаҳқаҳа мезад, ки ӯ оҳиста пояшро бардошта аз болои рӯмолчае меҷаҳид ва нишон медод, ки гӯё ин ҳаракат барои ӯ бисьёр ба душворӣ даст медода бошад, ва аз ханда мемурд, ҳангоме ки ман қариб то шифти хона меҷастам, то ки чолокии худамро нишон бидиҳам.

Аз кабинети модаркалон гузашта, ман дар оина ба худам нигоҳ кардам: рӯям пур аз арақ буд, мӯйҳоям парешон шуда, дастаҳои мӯ аз ҳарвақта бештар сих шуда буд; вале ваҷоҳати умумии чеҳраам чунон хушҳол, накӯ ва солим буд, ки худам ба худам хуш омадам.

«Агар ман ҳамеша ҳамин тур мебудам, чунон ки алъон ҳастам,— гуфтам худ ба худ — ман метавонистам ба дигарҳо хуш биёям».

Вале ҳангоме ки ман боз ба рӯи нозуки хонимии худам назар афгандам, дар он ғайр аз ифодаи хушҳолӣ, тандурустӣ ва оромӣ, ки дар чеҳраи худам ба ман хуш омада буд, он қадар зебоӣ ва ҳусну латофати дигаре буд, ки ман надоштам, ва аз ин иллат аз худ норозӣ шудам ва фаҳмидам, ки умед кардани ман ба мазҳари илтифоти чунин вуҷуди мӯъҷизосо шудан бисьёр нохирадмандонааст.

Ман умед надоштам, ки ӯ низ ба ман ҳамин ранг ҳиссиёт мепарварда бошад, ман онро намеандешидам

ҳам: рӯҳи ман бе он ҳам пур аз саодат буд. Ман намедонистам, ки дар ивази он ҳусни муҳаббате, ки рӯҳи маро бо хуррамӣ саршор намудааст, саодати аз он бештарро талаб карданам ва ғайр аз он хоҳише, ки ин ҳис аз ман ҳеҷ дур нагардад, чизи дигаре орзу намуданам мумкин бошад. Бе он ҳам ҳоли ман хуш буд. Дилам мисли кабӯтар метапид, хун пай дар пай ба он медавид ва гиристан мехостам.

Ҳангоме ки мо аз роҳрав, аз пеши мадони торик, ки дар зери зинапоя буд, мегузаштем, ман ба он нигоҳ карда ба худ гуфтам: «Он чи бахту саодат мебуд, ки агар мумкин мешуд, тамоми умр бо ӯ дар ҳамин мадони торик зиндагӣ мегузарондем! ва чи мешуд, ки касе намедонист, ки мо дар он ҷо зист мекунем».

— Магар рост нест, ки имрӯз вақт хеле ба хушӣ мегузарад? —гуфтам ман бо овози пасти ларзон ва қадамамро тезтар гузоштам, на аз он тарс, ки ман ин суханро гуфтам, балки аз ваҳми он суханҳое, ки ман нияти гуфтани онҳоро доштам.

— Оре... бисьёр! — гӯён ҷавоб дод ӯ, дар ҳолате ки сари хурдтаракашро бо меҳрубонии дилсафедона ба сӯи ман гардонд, чунон ки ман пас аз дидани он аз тарс боз истодам.

— Хусусан баъд аз таоми шом... Вале шумо агар медонистед, чи қадар ҳайфам меояд, ки (ман мехостам бигӯям: ба ман андӯҳовар аст, вале ҷуръат намекардам) шумо ба зудӣ хоҳед рафт ва мо дигар якдигарро нахоҳем дид.

— Аз чи сабаб дидан наметавонем? — гуфт ӯ ба нӯги попӯшчаи худаш чашм дӯхта ва бо ангуштони хурдаш аз болои қаторае, ки мо аз назди он раҳсипор будем, молида гузашта,—ҳар рӯзи сешанбе ва ҷумъа мо бо бибиҷонам ба Тверской меравем. Магар шумо ба гардиш намебароед?

— Албатта талаб хоҳем кард, ки дар рӯзи сешанбе моро рухсат бидиҳанд, агар надиҳанд ҳам, ман худам, бекулоҳ ҳам бошад, хоҳам рафт. Ман роҳро медонам.

— Медонед, чӣ? — гуфт якбора Сонечка,— ман ба баъзе бачагоне, ки ба хонаи мо меоянд, ҳамеша ту мегӯям; биёед бо шумо ҳам *ту-ту* гуфта ҳарф биза-

нем. Мехоҳӣ? — гӯён илова намуд ӯ сарашро ҷунбонда ва ба чашми ман рост нигоҳ карда.

Дар ин ҳангом мо ба зал медаромадем ва қисмати дигари пуршӯртари гросфатер низ сар мешуд.

— Биё...ед,— гуфтам ман, дар он замоне ки мусиқӣ ва ғавғои баланд овози маро метавонист пахш кунад.

— Биёед не, биё, *ту*,— гӯён ислоҳ намуд Сонечка ва хандида сар дод.

Гросфатер ба поён расид, вале ман ҳеҷ ҷумлае, ки *ту* дошта бошад, гуфтан натавонистам, бо вуҷуде ки чандин чунин ҷумлаҳое бофтам, ки ин ҷонишини шахси дуввӯм чанд бор метавонист дар он ҷой гирифта бошад. Дар ман ин ҷасорат ҳеҷ набуд. «Мехоҳӣ?», «биё, ту» гуфтанҳои ӯ дар гӯшҳои ман садо медод ва таъсири масткунандае дошт: ман ба ҷуз Сонечка касе ва чизеро намедидам. Медидам, ки зулфони ӯро чи ранг тартиб доданд, ба пушти гӯшаш ниҳоданд ва як қисмати пешонӣ ва чеҳраашро боз карданд, ки он қисматро ман ҳанӯз надида будам; ман медидам, ки чигуна ӯро ба рӯмоли шоли сабз чунон сар то сар печиданд, ки фақат нӯги биниаш намоён буд; ман мушоҳида кардам, ки агар ӯ бо ангуштакони гулобаш аз пеши даҳонаш равзани хурдакаке боз намекард, албатта нафасаш мегашт, ва ман инро ҳам дидам, ки аз паси модараш аз зинапояҳо фуромада истода, ба суръат рӯяшро сӯи мо гардонда сарашро ҷунбонд ва дар паси дар аз назарҳо пинҳон гашт.

Володя, Ивинҳо, он князи ҷавон, ман ва ҳамаи мо ба Сонечка ошиқ шуда будем ва дар рӯи зинапоя рост истода, ӯро бо чашмони худ гусел мекардем. Ба тарафи кӣ ӯ махсусан сарашро ҷунбонд, ман намедонам; вале дар он ҳангом қаноати маҳкам ҳосил карда будам, ки он барои ман буд.

Ҳангоми видоъ бо Ивинҳо ман бисьёр озодона, ҳатто хеле беилтифотона бо Серёжа ҳарф задам ва дасташро фушурдам. Агар ӯ фаҳмида бошад, ки аз имрӯз сар карда муҳаббати маро нисбат ба худаш ва фармонравоии худашро дар сари ман аз даст додааст, росташ ки албатта аз ин рӯ мутаассиф шуда буд,

ҳар чанд ки худашро тамоман ором ва бепарво нишон доданӣ мешуд.

Ман дафъаи нахустин буд, ки дар умри худам ба муҳаббат хиёнат варзида будам ва ҳамон тур дафъаи аввалин буд, ки ширинии ин ҳисро чашидам. Барои ман хуш омада буд, ки ҳисси кӯҳнашудаи садоқатеро, ки ба он одат карда будам, ба ҳусни тару тозаи ишқи асроромез ва номаълум иваз намоям. Илова бар он дар як они воҳид ҳам тарки муҳаббат кардан, ҳам дӯст доштан — яъне аз пештара ду дараҷа бештар дӯст доштан аст.

Боби XXIV

ДАР ҶОЙХОБ

«Чи тур ман Серёжаро ин қадар маҳкам ва ин қадар дуру-дароз метавонистам дӯст бидорам? — гӯён муҳокима мекардам ман дар он лаҳзае ки рӯи ҷойхоб дароз кашида будам.— Не! ӯ ҳеҷ гоҳ нафаҳмида буд ва ин ҳолро тақдир кардан наметавонист ва ба муҳаббати ман сазовор набуд... Сонечка бошад чӣ? ин чи махлуқи нозанинест! «Мехоҳӣ?», «навбати ту».

Ман рухсораи ӯро равшан пеши назар оварда, ба ҷои хоб ҷастам, сарамро ба кӯрпа печидам ва аз ҳар тарафаш онро ба дарун қат кардам ва он даме ки аз ҳеҷ ҷо кушодагӣ намонд, дароз кашидам ва дар ҳолате, ки гармии фораме ҳис мекардам ба хотираҳо ва хаёлҳои ширин фурӯ рафтам. Чашми беҳаракати худамро ба остари кӯрпа дӯхта, Сонечкаро ҳамчунон ки як соат пеш дида будам, равшан медидам; фикран бо ӯ сӯҳбат мекардам ва ин гуфту гузори ман, ҳар чанд маънӣ надошта бошад ҳам, лаззати беандозае ба ман мебахшид, зеро калимаҳои *ту, туро, бо ту, аз они ту* дар он мусоҳаба ҳамеша вомехӯрд.

— Ин хаёлот чунон равшан ва баръало буд, ки ман аз шиддати ҳаяҷони ширини он хобидан натавонистам ва дилам мехост ба каси дигаре ин саодати саршори худро изҳор намоям.

— Ҷонаки ман! — гуфтам ман бо овози қариб шунаво аз паҳлу ба паҳлуе баргашта.— Володя! ту хобидай?

— Не,— ҷавоб гуфт ӯ ба ман бо садои хоболуд,— буд?

— Ман ошиқ шудаам, Володя! ман сахт ошиқ шудаам ба Сонечка.

— Хайр, чӣ шудааст? — ҷавоб гуфт ӯ пояшро ёзонда истода.

— Оҳ, Володя, ту тасаввур ҳам кардан наметавонӣ, ки бо ман чӣ шуда истодааст... инак, ман ҳозир ба кӯрпа печида хобида будам ва чунон ӯро равшану ошкоро дидам ва бо ӯ сухан гуфтам, ки бисьёр ҳайратовар аст. Ва боз медонӣ, ки чист? Ҳангоме ки ман ёзидам ва ӯро фикр мекунам, худо медонад аз чӣ сабаб бошад, ки дар дилам як андӯҳе пайдо шудааст ва бисьёр гирья карданам меояд.

Володя аз ҷояш ҷунбид.

— Фақат ман як чизро дар дуньё орзу дорам,— давом намудам ман,— ин ҳам — ҳамеша бо ӯ бошам, ҳамеша ӯро бубинам ва дигар ҳеҷ орзӯе надорам. Ту чӣ? ту низ ошиқ шудаӣ? росташро бигӯй, Володя.

Аҷобаташ дар ин буд, ман мехостам, ки ҳама ба Сонечка ошиқ шуда бошанд ва ҳамагӣ дар бораи он сухан гӯянд.

— Ту чӣ кор дорӣ? — гуфт Володя ба ман рӯй оварда,— эҳтимол ошиқ шуда бошам.

— Ту хобидан намехоҳӣ, ту худатро ба хоб мезадӣ! — гӯён фарьёд задам ман, чун аз чашмони дурахшони ӯ пай бурдам, ки ӯ ҳеҷ хаёли хоб кардан ҳам надорад ва кӯрпаро ба як сӯ андохтам.— Биё, беҳтар ин аст, ки дар бораи ӯ гуфту гузор кунем. Магар рост нест, ки бисьёр нозанин аст?.. Ӯ чунон нозанин аст, ки агар ба ман бигӯяд: «Николаша! аз тиреза худатро ба замин андоз ё ки худатро ба оташ зан»... Инак, савганд мехӯрам! — гуфтам ман,— ҳозир худамро меандозам ва ба хурсандӣ ин корро мекунам. Оҳ, чи қадар дилрабост! — гӯён илова намудам ман дар ҳолате ки ӯро дар пешгоҳи назарам муҷассам мекардам ва то ки аз ин тасаввур дурусттар лаззат бибарам, чусту чолок ба паҳлӯи дигар баргаштам ва сарамро ба зери болишт ҷой кардам.— Бисьёр гирья кардан мехоҳам, Володя!

— Ин аблаҳро бинанд! — гуфт ӯ табассумкунон ва пас аз андаке сукут: —ман на ба мисли ту: ман чунин меандешам, ки агар мумкин мешуд, ман аввал бо ӯ паҳлу ба паҳлу менишастам ва гуфту гузор мекардам...

— Ҳа! пас ту ҳам ошиқ шудай? — гуфта сухани ӯро буридам ман.

— Пас аз он,— давом намуд Володя, меҳрубонона табассумкунон,— пас аз он ангуштҳои ӯро бӯса мезадам, чашмаконашро, лабонашро, биниашро, поякашро — ҳама ҷояшро бӯса мезадам...

— Беҳудагиро бубин! — фарьёд задам ман аз зери болишт.

— Ту ҳеҷ чизро намефаҳмӣ,— таҳқиромезона гуфт Володя.

— Не, ман мефаҳмам, вале ту намефаҳмӣ ва гапҳои беҳуда мезанӣ,— гуфтам ман бо оби чашм.

— Гирья акнун аз барои чӣ. Худи духтарча барин!

Боби XXV

НОМА

16 апрель, тақрибан шаш моҳ баъд аз он рӯзе, ки ман онро тасвир намудам, ҳангоме ки мо машғули дарс будем, падарам ба боло назди мо омад ва гуфт, ки имрӯз шабоҳангом, ҳамроҳи ӯ ба деҳа меравем. Аз шунидани ин хабар дар дили ман як халиш пайдо шуд ва андешаи ман ҳамон дам ба бибиҷонам рӯй овард.

Иллати ин ҳаракати ногаҳонӣ номаи зерин буд:

Петровское, 12 апрель.

«Ҳоли ҳозир, дар соати даҳи шаб, ман номаи арзандаи туро, ки саввӯми апрель навишта будӣ, гирифтам ва чунон, ки одати ҳамешагии ман аст, дар ҳамон соат ҷавоби номаро менависам. Федор онро ҳанӯз дишаб оварда будааст ва чун вақт рафта будааст, онро ба Мими имрӯз пагоҳонӣ додааст. Мими бошад, ба баҳонаи ин, ки ман нотоб ва парешонҳол будам, тамоми рӯз онро ба ман насупурдааст. Ман дар ҳақиқат андаке таб доштам ва росташро ба ту бигӯям, инак

акнун рӯзи чорӯм аст, ки андак бетоб ҳастам ва аз ҷой барнахостаам.

Хоҳиш мекунам, дӯсти азизам, натарс: ман худамро хеле хуб ҳис мекунам ва агар Иван Васильевич иҷоза бидиҳад, фикр мекунам, ки худи фардо аз ҷоям бармехезам.

Дар рӯзи ҷумъаи ҳафтаи гузашта ман бо бачагон савора ба гардиш рафтам; вале дар ҳамон мавқее, ки ба роҳи калон мебаромадем, наздики ҳамон пулчае, ки ҳамеша маро ба даҳшат меандохт, аспҳо дар лой ғӯтида монданд. Рӯз бисьёр хуб буд ва ман то бароварди ароба аз лой қадамзанон то роҳи калон пиёда рафтанӣ шудам. То калисо ки расидам, бисьёр монда шудам ва нишастам, ки андаке нафас рост кунам, то он даме ки мардум барои аз лой берун овардани ароба ҷамъ мешуданд, ним соат ҳам гузашт, ман андаке хунук хӯрдам, хусусан пойҳоям сардӣ ҳис карданд, чунки ман попӯши кафакиаш тунук пӯшида будам, аз онҳо нам гузашт. Пас аз наҳорӣ ман андаке фарошот ва таб ҳис кардам, вале чунон ки одат доштам, рост гаштан гирифтам ва пас аз чой бо Любочка чордаста ба пианино навохтан нишастам. (Ту акнун агар ӯро бубинӣ, ҳайрон мешавӣ: чи қадар пешрафт кардааст!) Вале ту тасаввур намой ҳайронии маро: ман пай бурдам, ки зарбро шумурдан наметавонам. Борҳо ман зарбро шумурданӣ шудам, вале ҳамеша мағзи ман мушавваш мешуд ва ман дар гӯшҳоям як сару садои аҷибе мешунидам. Ман мешумурдам: як, ду, се, пас ногаҳон: ҳашт понздаҳ ва, аз ҳама аҷибаш он, ки медидам, ғалат карда истодаам, вале ҳеҷ дуруст кардан наметавонистам. Оқибат Мими ба мадади ман расид ва ба зӯр маро ба бистар бурда хобонд. Инак ҳамин аст ҳисоботи муфассале ба ту дар иллати ғайритобии ман, ки худам ба он сабаб шудаам. Рӯзи дигар таби ман хеле зиёд буд ва Иван Васильичи пири меҳрубон омад; ӯ то имрӯз ҳамин ҷо истиқомат дорад, ва ваъда медиҳад, ки дар ҳамин наздикиҳо маро ба дуньёи равшан баромадан иҷоза хоҳад дод. Чи пирмарди камьёбест ин Иван Васильич! Ҳангоме ки ман таб доштам ва сафсатта мегуфтам, ӯ тамоми шаб чашм баҳам назада сари бистари ман нишаста баромад ва

дар ҳамин лаҳза ки медонад, ман ба ту коғаз менависам, бо бачагон дар хонаи истироҳат нишастааст ва ман аз хобгоҳам мешунавам, ки ба онҳо афсонаҳои олмонӣ мегӯяд ва онҳо аз ханда худашонро мекушанд.

La belle Flamande [1], чунон ки ту ӯро меномӣ, акнун ду ҳафта мешавад, ки ба ман меҳмон аст, зеро модараш ба ҷое барои меҳмонӣ рафтааст ва ин духтарак бо парасториҳояш меҳрубонии самимонаи худашро собит карда истодааст. Ӯ ҳама асрори ниҳонии дилашро ба ман мекушояд. Бо чеҳраи нозанин, дили некӯ ва ҷавониаш аз ӯ дар ҳар хусус як духтараки дилрабое метавонист барояд, агар ӯ дар дасти одами дурусте мебуд; вале дар он муҳите, ки ӯ зист мекунад, назар ба ҳикояҳояш, ин духтарак тамоман нобуд мешавад. Ба фикри ман чунин омад, ки агар ман худам ин қадар бачаи бисьёре намедоштам, ӯро ба худ мегирифтам ва бо ин кори хубе кардагӣ мешудам.

Любочка бо дасти худаш ба ту нома навиштанӣ шуд, вале акнун се тахта коғазро даронда партофт ва мегӯяд: «Ман медонам, ки падарам чи тур одами шӯх аст: агар мабодо ман хатое карда бошам, ӯ ба ҳама онро нишон хоҳад дод». Катенька чи тур ки буд, ҳамон тур дилрабост, Мими бошад ҳамон тур, ки буд, меҳрубон ва дилгиркунандааст.

Акнун ҷиддитар сухан кунем: ту ба ман менависӣ, ки корҳои ту ин зимистон нағз нестанд, бинобар он барои ту лозим аст, ки пулҳои Хабаровкаро бигирӣ. Ман ҳатто тааҷҷуб мекунам, ки ту дар ин бора чаро ризои маро мепурсӣ. Магар он чӣ ба ман тааллуқ дорад, ба ту низ тааллуқ надорад?

Ту он қадар дилсӯз ҳастӣ, ки, дӯсти меҳрубонам, аз т[illegible]рсӣ он ки маро ғамгин кунӣ, аҳволи ҳақиқии кору бори худатро аз ман пинҳон медорӣ; вале ман пай мебарам: эҳтимол ту бисьёр бохта бошӣ ва ман аз ин ҷиҳат, савганд мехӯрам, ки ҳеҷ озурдахотир нестам; бинобар он, агар ин кор бо ин муомила дуруст мешавад, хоҳиш мекунам, бисьёр андеша макун ва худатро беҳуда ранҷа мадор. Ман одат кардаам, ки

[1] Нозанини фламандӣ,

барои бачагон ба бурдҳои ту натанҳо умед накунам, балки, ту маро афв кун, ҳатто ба ҳамаи сарвату сомони ту низ чашмдорон набошам. Маро бурдҳои ту низ ҳамон қадар кам хурсанд мекунад, ки бохтҳои ту ғамгин кунад; маро фақат ҳирси бадбахтонаи ту ба бозӣ, ки маро аз дилбастагии пурназокати ту қисман маҳрум медорад, ғамгин мекунад ва маҷбур мекунад ба ту мисли ин суханҳои талхро бигӯям ва худо медонад, ки ба ман ин чизҳоро ба ту гуфтан чӣ қадар аламнок аст! Ман доимо аз ӯ мехоҳам, ки моро нигоҳ дорад... на аз фақирӣ (фақирӣ чист?), балки аз он, ки манфаати бачагони мо, ки ман маҷбур мегардам мудофиа намоям, бо манфаати моён бархӯрд кунанд. То имрӯз худованд оҳи маро шунидааст: ту аз он ҳад таҷовуз накардаӣ, ки дар натиҷаи он ба мо лозим ояд, ё сомонеро, ки акнун на ба мо, балки ба бачагонамон оид аст, қурбон намоем, ё ки... инро ба фикр гузарондан ҳам даҳшатовар аст, вале ин бадбахтии сахт ҳамеша моро таҳдид мекунад. Оре, ин балои азимест, ки барои ҳардуи мо худованд фиристодааст!

Ту ба ман дар хусуси бачагон менависӣ ва боз ба сари мубоҳисаи деринаи мо омадаӣ: аз ман хоҳиш мекунӣ, ки ман барои ба мактаб супурдани онҳо ризоӣ диҳам. Ту чӣ гуна будани эътиқоди маро ба тарзи тарбияи он ранг муассисаҳо медонӣ...

Намедонам, дӯсти меҳрубонам, ту ба фикри ман шарик хоҳӣ шуд ё не; вале дар ҳар сурат, аз ту ба зорӣ хоҳиш менамоям, ки ба ҳурмати муҳаббати ба ман доштаат ба ман ваъда бидиҳӣ, то замоне ки ман зинда ҳастам, ва баъд аз сари ман ҳам, агар худо моро аз ҳам ҷудо карданро муносиб бубинад, ин кор ҳеҷ гоҳе рӯй нахоҳад дод.

Ту ба ман менависӣ, ки барои хабардорӣ кардан ба корҳоямон ба ту лозим меояд, ки ба Петербург рафта биёӣ. Исои Масеҳ ёри ту бод, дӯстаки ман, бирав ва ба зудӣ баргардад. Ба ҳамаи мо бе ту будан бисьёр дилтангиовар аст! Баҳор аҷоиб мӯъҷизосост: дарҳо пешайвонро кайҳо кандем; роҳи гулхона чор рӯз пештар аз ин кайҳо тамоман хушк шуда буд, шафтолуҳо саросар гул кардаанд, фақат ҳар ҷо-ҳар ҷо барф мондааст у бас, фароштурукҳо омадаанд ва имрӯз Любоч-

ка шукуфаи нахустини баҳориро барои ман овард. Доктор мегӯяд, ки баъд аз ду-се рӯз ман тамоман тандуруст мегардам ва ба ман иҷоза мешавад, ки ҳавои тоза танаффус намоям ва офтоби апрельро бихӯрам. Хуш бош, рафиқи меҳрубони ман, на аз ҷиҳати нотобии ман ва на аз сабаби бохтубози худат нороҳат мабош; корҳоятро зудтар ба анҷом расон ва ҳамроҳи бачагон барои гузарондани тобистон назди мо биё. Ман нақшаҳои аҷибе дар бораи гузарондани тобистон кашидаам ва барои ба анҷом расондани он будани ту даркор асту бас».

Қисмати дигари нома бо франсавӣ дар порчаи коғази дигаре бо ҳарфҳои ба ҳам пайваста, бо қалами ноҳамвор навишта шуда буд, ки ман тарҷимаи онро айнан нақл мекунам.

«Бовар макун ба он чи, ки ман дар бораи нотобии худам навиштам; касе гумон намекунад, ки бемории ман он қадар ҷиддист. Ман ҳамин як чизро медонам, ки ман аз бистар дигар нахоҳам бархост. Як дамро ҳам аз даст надода зуд биё ва бачагонро биёр. Шояд ман боз як дафъа ба оғӯш кашидани ту бирасам ва бачагонро бубинам, бо онҳо видоъ намоям: ин орзуи охирини ман аст. Ман медонам, ки чи зарбаи сахте ба ту ворид меоварам; вале зуд ё дер, хоҳ аз ман ва хоҳ аз дигаре ту ин зарбаро албатта медидӣ; кӯшиш кунем, ки ба марҳамати илоҳӣ умедвор буда, бо қуввати қалб ин бадбахтиро таҳаммул намоем. Ба қазои ӯ ризо диҳем.

Мапиндор, ки он чи ман менависам, ҳазьён ва хаёлоти беморонааст; билъакс афкори ман дар ин лаҳза тамоман равшан аст ва ман тамоман ором ҳастам. Худатро ба умеди ин ки инҳо ҳамагӣ пешгӯиҳои дурӯғи номуайяни рӯҳи тарснок мебошанд, тасалло мадеҳ. Не, ин тур нест, ман ҳис мекунам, ман медонам,— ман инро медонам аз он ҷиҳат, ки худованд муносиб дидааст, ки ба ман инро бидононад — умри ман бисьёр кам мондааст.

Оё бо ин ба поён расидани зиндагонӣ, муҳаббати ман ба ту ва фарзандон низ ба поён хоҳад расид? Ман донистам, ки ин гайри мумкин аст. Дар ин лаҳза ҳисси ба шумо доштаам чунон пурзӯр аст, ки ман

наметавонам биандешам, он ҳиссе, ки бе он вуҷуду ҳастиро наметавонам идрок намоям, як замоне метавониста бошад тамоман маҳву нобуд гардад. Рӯҳи ман бе муҳаббат бар шумоён наметавонад мавҷудият дошта бошад: ва ман медонам, ки он то абад мавҷуд хоҳад буд, танҳо аз худи ҳамин чиҳат ҳам, ки инчунин ҳиссе монанди муҳаббати ман наметавонист дар дили ман пайдо гардад, агар рӯҳи ман як вақте барҳам мехӯрдагӣ бошад.

Ман дар миёни шумо нахоҳам буд; вале имони маҳкам дорам, ки муҳаббати ман ҳеҷ гоҳ аз шумоён ҷудо нахоҳад шуд ва ин фикр чунон барои дили ман хурсандиовар аст, ки ман орому бетарс расидани маргро интизор мекашам.

Ман осуда ва ором ҳастам ва худо медонад, ки ҳамеша ба марг ҳамчун гузаштан ба зиндагонии беҳтаре аз ин, ки дорам, нигоҳ мекардам ва мекунам; вале аз чист, ки сиришк ба ман ин қадар фишор меоварад?.. Фарзандонро аз модари маҳбуб чаро бояд ҷудо кард? Барои чӣ ин қадар зарбаи вазнини ногаҳонӣ ба ту бояд зад? Барои чи *ман* бимирам, дар ҳолате ки муҳаббати шумо ҳаётро барои ман беҳадду ҳудуд масъуд сохта буд?

Ҳар чи ризои муқаддаси ӯ бошад, ризои мо бо ӯст.

Ман аз дасти гирья бештар аз ин ёрои навиштан надорам. Эҳтимол дорад ман туро дидан ҳам натавонам. Миннатдорам аз ту, эй дӯсти бебаҳои ман, ба ҳамаи он бахту саодате, ки ту маро ба он дар ин ҳаёт дарбар гирифтӣ; ман дар он ҷо аз худованд хоҳам хост, ки туро аҷр бидиҳад. Хуш бош, дӯсти меҳрубонам; дар ёди худат нигоҳ дор, ки ман зинда нахоҳам буд, вале муҳаббати ман ҳеҷ гоҳ дар ҳеҷ мақоме аз ту дур нахоҳад монд. Хуш бимон Володя, фариштаи ман, хуш бимон, Веньямин — Николенькаи ман.

Магар онҳо як замоне маро фаромӯш хоҳанд кард?!»

Дар ин нома руқъаи франсавии Мими гузошта шуда буд, ки мазмунаш чунин аст:

«Ҳодисоти андӯҳоваре, ки ба он дилаш гувоҳӣ медиҳад ва дар бораи онҳо ба шумо мегӯяд, ба қавли доктор ҳам таъйид шуд. Дирӯз шабона ӯ ин мактубро

фавран ба фиристодан фармон дода буд. Ман дар он андеша, ки ӯ ин фармонро дар ҳолати бурдани таб дода бошад, то пагоҳи рӯз мавқуф доштам ва ҷуръат кардам, ки кушода бубинам. Дар ҳамон лаҳзае ки ман онро боз намудам, Наталья Николаевна аз ман пурсид, ки ман номаро чӣ кор кардам ва фармуд, ки агар ҳанӯз нафиристода бошам, онро бисӯзам. Ӯ ҳамагӣ дар бораи он ҳарф мезанад ва ба ман маъқул карданӣ мешавад, ки он ба шумоён бисьёр таъсири сахт хоҳад кард. Ин фаришtакор ки ҳанӯз моро тарк накардааст, агар дидан орзу дорад, омадани худатонро ба таъхир наандозед. Ин хати ноҳамвори маро афв намоед. Ман се шабонарӯз аст, ки нахобидаам. Шумо медонед, ки ман ӯро чӣ қадар дӯст медорам!».

Наталья Савишна, ки тамоми шаби ёздаҳӯми апрельро дар хобгоҳи модарам гузарондааст, ба ман ҳикоя карда буд, ки модарам қисмати аввали номаро ки навишта будааст, назди худаш ба рӯи миз ниҳодааст ва ба хоб рафтааст.

— Ман худам,— мегуфт Наталья Савишна,— росташ, ки дар рӯи кресло ба ғафлат рафтаам ва ҷуроб аз дастам афтодааст. Фақат дар миёни хобу бедорӣ ҳамон қадар ба гӯшам мерасид — соатҳои як буд,— ки гӯё ӯ гап мезада бошад; ман чашмамро кушодам, мебинам: ӯ, азизаки ман, дар рӯи бистар нишастааст, ҳамин тур дастонашро рӯиҳам гузоштааст ва оби чашмаш шашқатор равон аст. «Пас ҳамагӣ ба поён расид?» — танҳо ҳаминро гуфту рӯяшро бо дастонаш пӯшид.

Ман аз ҷоям ҷаста бархостам ва пурсидам: «Ба шумо чӣ шуд?».

— Оҳ, Наталья Савишна, агар шумо медонистед, ки ман киро ҳозир дидам.

Ҳар чанд ман пурсидам, дигар ӯ ба ман чизе нагуфт ва фақат фармуд, ки ман мизро наздики ӯ биёрам, боз чанд чизе навишт ва фармуд, ки дар ҳузури худаш номаро мӯҳр кунам ва ҳамон дам бифиристам. Пас аз он дигар аҳволаш торафт бадтар шудан гирифт.

Боби XXVI

ДАР ДЕҲА МОРО ЧӢ МУНТАЗИР БУД

Ҳаждаҳӯми апрель мо аз аробаи сафарӣ назди даромадгоҳи ҳавлии Петровское берун омадем. Аз Москва ки ҳаракат мекардем, падарам андешаманд буд, ва ҳангоме ки Володя аз ӯ пурсид: модарамон ки нотоб нест? ӯ ғамгинона ба ӯ нигарист ва хомӯшона сарашро ҷунбонд. Дар муддати сафар ӯ андаке ором шуд; вале ҳар қадар, ки ба хона наздиктар меомадем, чеҳраи ӯ торафт беш аз пеш маҳзунтар мешуд ва ҳангоме, ки аз аробa берун меомадем ва ӯ аз Фока, ки аз давидан дам дар гулӯяш гирифта буд, пурсид: «Наталья Николаевна куҷост?»., овозаш шиддат надошт ва дар чашмонаш сиришк буд. Пирмарди хушмаҳзар Фока, ниҳонӣ ба сӯи мо назаре афганда чашмонашро ба поён дӯхт ва, дари даҳлезро ки мекушод, рӯяшро ба тарафе гардонда ҷавоб дод:

— Рӯзи шашӯм аст, ки аз хобгоҳ берун ташриф намеоранд.

Милка, чунон ки ман баъдҳо фаҳмидам, аз ҳамон рӯзе, ки модарам дар худаш нороҳатӣ ҳис кардааст, аз нула хомӯш набудааст, чун падарамро дид, ба ӯ часпид — ба ӯ меҷаст, чингос мезад, дастҳои ӯро мелесид; вале ӯ онро тела дод ва ба меҳмонхона гузашт, аз он ҷо ба хонаи истироҳат раҳсипор шуд, ки аз он хона роҳ рост ба хобгоҳ мебурд. Ӯ ҳар қадар ки ба ин хона наздик мешуд, дар тамоми ҳаракати аъзои ӯ ташвиш ҳамон қадар намудортар мешуд, ба хонаи истироҳат ки даромад, нӯг-нӯги по мерафт, ба зӯр нафас мегирифт ва пеш аз он, ки қуфли дари бастаро ба даст бигирад, салиб кашид. Дар ин гоҳ аз роҳрав Мими, ки мӯйҳояш шона накарда ва чашмонаш гирьяолуд буд, давида баромад: «Вой! Петр Александрыч! — гуфт ӯ бо овози пичирроси, бо адои ноумедии тамом ва пас аз он, чун дид, ки падарам дастаи қуфлро тоб медиҳад, бо овози бисьёр паст илова кард: аз ин ҷо гузаштан мумкин нест, роҳ аз хонаи духтарон аст.

Оҳ, ҳамаи ин ҳодисот ба тасаввури бачагонаи ман, ки аз гувоҳии дил андӯҳи даҳшатовареро пеши худ медид, чи қадар гарон таъсир мекард!

Мо ба хонаи духтарон рафтем: дар роҳрав Акимҷиннӣ ба мо рӯ ба рӯ омад, ки доимо моро бо ҳаракатҳо ва кирдорҳои худ андармон мекард; вале дар ин лаҳза натанҳо ӯ ба ман аъҷубаи хандаовар наменамуд, балки ҳеҷ чиз мисли он намуди бемаънои бепарвоёнаи чеҳраи ӯ маро сахт мутаассир нанамуд. Дар хонаи духтарон, ду духтарак, ки машғули чи коре буданд, барои эҳтироми мо аз ҷояшон нимхез шуданд, аммо бо чунон қиёфати андӯҳгине, ки маро даҳшат фаро гирифт. Аз хонаи Мими ҳам ки гузаштем, падарам дари хобгоҳро боз кард ва мо даромадем. Ба тарафи рости даромад ду тиреза буд, ки бо рӯймолҳо пардапӯш шуда буд; дар пеши яке аз онҳо Наталья Савишна ба болои биниаш айнак монда ҷуроб бофта нишаста буд. Ӯ моро набӯсид, чунон ки ҳамеша одат дошт, фақат аз ҷояш андак бархост, аз паси айнак ба мо нигоҳе кард ва оби чашмаш жолавор рехтан гирифт. Ба ман хуш наёмад, ки ҳар кадоми онҳо ба муҷарради дидани мо ба гирья медаромаданд, гарчи пеш аз он дар ҳолати осудагӣ буданд.

Дар паҳлуи чапи дар чиғҳо ва дар паси чиғ — тахти хоб, миз ва шкафчаи пур аз дору ва креслои бузурге истода буд, ки дар болои он доктор пинак мерафт; дар наздики тахти хоб як духтараки бисьёр хушрӯи малламӯи ҷавоне меистод, яктаҳи сафеди пагоҳонӣ пӯшида, ва андаке остинҳояшро барзада буд ва ба сари модарам, ки дар ин лаҳза ҳанӯз ба ман намудор набуд, ях мегузошт.

Ин духтарак ҳамон la belle Flamande буд, ки дар бораи ӯ модарам навишта буд, ва ӯ дар оянда дар зиндагонии ҳамаи аҳли хонадони мо нақши муҳиммеро мебозид. Дар он лаҳзае ки мо дохил шудем, ӯ як дасташро аз сари модарам бардошт, ва чин-чини яктаҳашро дуруст кард ва оҳиста зери лаб гуфт: «Беҳуш аст».

Ман дар ин лаҳза дар андӯҳи сахте монда будам, вале беихтиёрона ҳамаи хурду резаи воқеотро пай мебурдам. Хона қариб торик ва гарм буд, бӯи наъно,

атр, бобуна ва қатраи Гофман ҳамагӣ якҷоя меомад. Ин бӯй чунон маро мутаассир кард, ки натанҳо вақте ки он ба димоғам мерасад, балки ҳар замоне ки ман танҳо онро ба хотир меорам, хаёл ва тасаввуротам ҳамон лаҳза маро ба он хонаи торики дамдодагӣ мебарад ва ҳамаи ҳодисоти хурду резаи он дақиқаи мудҳишро пеши назарам меорад.

Чашмони модарам боз буд, вале ӯ чизеро намедид... Оҳ, ман ҳеҷ гоҳ ин нигоҳи тарсоварро фаромӯш намекунам! Дар он нигоҳ он қадар азоб намудор буд, ки!..

Моро аз он ҷо берун бурданд.

Баъд, ҳангоме ки ман Наталья Савишнаро аз дақиқаҳои вопасини модарам пурсон шудам, ӯ чунин гуфт:

— Ҳангоме ки шуморо берун бурданд, ӯ боз бисьёр ба худ печид, бардору зан кард, азизаки ман, гӯё ки чизе инҷояшро фишор медода бошад; пас аз он сарашро аз болин фуровард чунон ором ва осуда ба хоб рафт, ки гӯё фариштаи осмонӣ бошад. Ман ҳамин тур ба берун баромадам, ки бубинам, чаро нӯшиданӣ намеоранд, ва даромадам, ки кайҳо, он дилбанди ман, ҳамаи он чи дар гирду пешаш буд, ҳар сӯ парокандааст ва падаратонро ба худ ишоракунон мехонад; падаратон ба сари ӯ хам мешавад, вале акнун маълум, ки дармони чизе гуфтан ҳам ба ӯ намондааст: фақат даҳонакашро боз мекунад, ва боз оҳ кашидан мегирад: «Худоё! худовандо! Бачагонро, бачагонро!» Ман хостам, ки барои овардани шумо бидавам, аммо Иван Васильич маро нагузошт: «Ин ӯро боз бештар ба ташвиш меандозад, беҳтар аст, ки наёянд». Пас аз он фақат дасташро мебардошту поин меовард. Ва ӯ бо ин ҳаракат чӣ мехост бигӯяд, худо медонад. Ман чунон фикр мекунам, ки ӯ бо ин ҳаракат дар ҳаққи шумо ғоибона дуо мекард; ҳа, ҳамин тур гӯё худо нахост, ки (дар лаҳзаи охиринаш) ба бачагонаш назар биафганад. Пас аз он ӯ андаке аз ҷояш баланд шуд, азизаки ман, ва дастаконашро инак ҳамин тур кард, ва ногаҳон ба сухан даромад, вале бо чунин овозе, ки ман ҳатто ба ёд овардан ҳам наметавонам: «Рӯҳулқудс, онҳоро вома-

гузор!..» Дар ҳамин вақт дард ба дили ӯ расида буд, аз чашмонаш маълум мешуд, ки ӯ чӣ қадар азоб кашида истодааст, бечора; ба рӯи болин афтод, рӯиҷоро бо дандонаш гирифт; оби дидааш, дадаҷонам, ҳамон тур шашқатор.

— Хуб, баъд чӣ шуд? — пурсидам ман.

Наталья Савишна дигар ёрои ҳарф задан надошт: рӯяшро гардонд ва сахт гирья карда сар дод.

Модарам сахт азоб кашида тамом шудааст.

Боби XXVII

АНДӮҲ

Рӯзи дигараш аввали шаб ман хостам, ки боз як дафъа ӯро бубинам; ҳисси тарси беихтиёронаро аз худам дур карда, оҳиста дарро кушодам ва нуг-нуги по ба зал даромадам.

Дар миёнаи хона, рӯи миз тобут истода буд ва дар атрофи он, дар шамъдонҳои баланди нуқрагин шамъҳои гулкарда дида мешуд; дар кунҷаки дури хона дьячок[1] нишаста буд ва бо садои пасти якранг забур мехонд.

Ман дар пеши дар истодам ва нигоҳ мекардам; вале чашмони ман чунон гирьяолуд ва ҳавосам чунон парешон буд, ки ман чизеро равшан дида наметавонистам; ҳама чиз ба як тарзи аҷибе ба ҳам омехта менамуд: рӯшной, порчаҳои зардӯзӣ, махмал, шамъдонҳои калон, болишти гулобии тӯрдӯхтагӣ, тоҷи гул, кулӯтаи навордор ва боз чизи дигари шаффофе, ки ранги мумӣ дошт, ҳама махлут мешуд. Ман болои курсӣ баромадам, то ки рӯи ӯро бубинам; вале дар ҳамон ҷое, ки рӯи ӯ буд, боз дар пеши чашмам ҳамон чизи шаффофи зарди паст омаду истод. Ман бовар кардан наметавонистам, ки ин чеҳраи ӯ бошад. Ман ба рӯи ӯ бо диққат нигоҳ кардан гирифтам ва андакандак симои ба ман азизи ошноро шинохтам. Чун қаноат ҳосил кардам, ки ин модарам аст, ман аз даҳшат ба худ ларзидам; вале аз чӣ сабаб чашмони пӯшидааш ин қадар фурӯ рафтаанд? ин паридарангии тар-

[1] *Дьячок* — ходими калисост, ки дараҷаи кашишӣ надорад.

совар аз чист, ва дар яке аз рухсораҳо дар зери пӯсти шаффоф лаккаи сиёҳранге аз чи сабаб пайдо шудааст? Адои умумии чеҳра чаро инқадар ҷиддӣ ва номеҳрубон аст? Аз чист ки ин қадар лабҳо рангпаридаанд, ин қадар хушнамо ва ин қадар бошукӯҳ баҳам омадаанд ва аз чист, ки як сукунати осмонӣ ифода менамояд, чунон ки аз дидани он ба тахтапушт ва мӯйҳои сарам ларзаи сарде медавад?..

Ман менигаристам ва ҳис мекардам, ки як қувваи номаълуми ғайри қобили муқовамат чашми маро ба ин рангу рӯи беҳаёт мекашид. Ман аз ӯ чашми худро намекандам ва хаёлоти ман манзараҳои пур аз гули ҳаёт ва бахту саодатро пеши чашмам меовард. Ман фаромӯш карда будам, ки он колбуди мурда, ки дар пеши назарам хобидааст ва ман ба сӯи он ҳеҷ чизро нафаҳмида назар дӯхтаам, гӯё чизе бошад, ки бо хотироти ман ҳеҷ алоқае надошта бошад, ҳамон худи *ӯст*. Ман ӯро гоҳ ба ҳоле, гоҳ дар ҳолати дигаре пеши чашм меовардам: зинда, хушаҳвол, хандон; пас аз он якбора нуқтае, ки дар рӯи рангпарида нигоҳи маро ба худаш мекашид, маро ба ҳайрат меандохт: ҳақиқати даҳшатовар ба ёдам меомад ва ман меларзидам, вале аз нигоҳ кардан боз намеистодам. Ва боз аз сари нав хаёлот ҷои ҳақиқатро ишғол менамуд ва боз дафъаи дигар дарьёфт кардани ҳоли ҳақиқӣ хаёлотро хароб мекард. Оқибат дар хаёлот хастагӣ рӯй дод, ва аз фиреб додани ман даст кашид; идроки ҳоли ҳақиқӣ низ аз миён рафт ва ман тамоман дар фаромӯшӣ афтодам. Намедонам ман чи қадар муддате дар он ҳол будам ва намедонам он чи ҳолате буд; ҳамин қадар медонам, ки як муддате эҳсоси ҳастии худамро аз даст додам ва як нашъаи бисьёр баланди ғайри қобили эзоҳи хушоянд ва ғамолудеро аз сар мегузарондам.

Шояд ба олами беҳтар парвоз намуда, рӯҳи нозанини ӯ маҳзунона ба сӯи ин оламе, ки дар он моро гузошта рафтааст, нигоҳ карда бошад; шояд ӯ ғаму андӯҳи маро дида дилаш сӯхта бошад ва бо пару боли муҳаббат, бо табассуми осмонии меҳрангез ба замин поин омада бошад, то ки маро тасаллӣ бидиҳад ва дар ҳаққи ман дуои хайр бикунад.

Овози дар баромад ва дьячоки навбатдор ба хона дохил шуд. Ин садо маро ҳушьёр кард ва фикри нахустине, ки дар сари ман пайдо шуд, он буд: чун ман гирья намекунам ва дар рӯи курсӣ бо вазъияте истодаам, ки ҳеҷ ифодаи таассур намекунад, дьячоки дуохон маро метавонад як бачаи беҳис бишуморад, ки ё аз барои ҳайфаш омадан ё аз ҷиҳати кунҷковӣ ба курсӣ баромадааст: ман дарҳол хоҷ кашидам, таъзим ба ҷо овардам ва гирья карда сар додам.

Акнун таассуроти худамро ба ёд оварда ман чунин дарёфтам, ки ҳамон як дақиқаи аз худ бехабар мондани ман андӯҳи ҳақиқӣ будааст бас. Пеш аз гӯрондану пас аз он ман аз гирья боз наистодам ва ғамгин будам, вале ин ғамгиниро ба ёд оварданам шармовар аст, зеро ба он доимо як ҳисси худнамоӣ омехта будааст: гоҳ хоҳиши он ки худамро беш аз дигарон ғамгинтар нишон бидиҳам ва гоҳ ташвиши он, ки ба дигарон чи таъсире гузоштаам ва гоҳе кунҷковии бемуддаои муайяне, ки маҷбур мекунад кулӯтаи Мими ё чеҳраҳои ҳозиринро тамошо кунам. Ман аз худ нафрат мекардам, барои ин ки як андӯҳи холис дар худ намепарвардам ва кӯшиш мекардам, ки дигар ҳама эҳсосотамро пардапӯш намоям; аз ин сабаб андӯҳи ман ғайритабиӣ буд ва самимона намешуд. Илова бар он, ман медонистам, ки бадбахтам, ва аз ин як навъ лаззате мебурдам, кӯшиш мекардам, ки дар худам шуури бадбахтиро бедор намоям ва ин ҳисси худбинона бештар аз дигаронаш дар дилам андӯҳи ҳақиқиро хомӯш мекард.

Чунон ки ҳамеша пас аз андӯҳи сахте воқеъ мегардад, ман ин шабро бо хоби сахт ва ором гузаронда, бо сиришкҳои хушкида ва асабҳои осуда бедор гаштам. Дар соати даҳ моро ба маросими ҷаноза, ки пеш аз баровардани тобут барпо мешуд, даъват намуданд. Хона аз ходимону деҳқононе, ки ҳамагӣ гирьён буданд ва бо хонимашон барои видоъ омада буданд, пуропур буд. Дар вақти намозхонӣ ман хуб гирья мекардам, хоҷ мезадам ва сар ба замин фуруд меовардам, вале дар замири худ машғули ибодат набудам ва хеле хунсард будам; аз он дар ташвиш будам, ки нимфракчаи наве, ки ба ман пӯшонда бу-

данд, зери бағалҳоямро фишор медод, дар фикри ман он буд, ки зонуи шолворамро бисьёр гардолуд насозам ва ба ҳозирон дуздида нигоҳ мекардам. Падарам ба саргаҳи тобут бо ранги мисли қарс сап-сафед рост истода буд ва бо кӯшиши намоёне аз гирья худдорӣ мекард. Қаду қоматӣ баланду болояш дар фраки сиёҳ, рӯи рангпаридаи возеҳ, ва ҳаракати мисли ҳамешагӣ солоронаи хушадои ӯ дар он лаҳзаҳое, ки хоҷ мезад, ва дасташро ба замин расонда таъзим ба ҷо меовард, аз дасти кашиш шамъро мегирифт ё ба тобут наздик мешуд, фавқулодда ҷолиб буд; вале намедонам аз чӣ сабаб буд, он ки ӯ дар чунин лаҳза метавонад ин ранг назарраб бошад, ба ман хуш намеомад. Мими ба девор такья зада буд ва чунон менамуд, ки ба зӯр ба сари по истодааст; либоси ӯ ғиҷим шуда ва паролуд буд, кулӯтааш ба сӯе каҷ шуда; чашмони варам кардааш сурх буданд, сараш меларзид; ӯ аз навҳаи дилхарош бознамеистод, ва дам ба дам рӯяшро бо дастонаш ва рӯмолча мепӯшид. Ба ман чунон меомад, ки ӯ барои он ин тур мекунад, ки рӯяшро гоҳ-гоҳе аз назари ҳозирин пӯшида, дар он ҳангом аз гирьяи сохта андаке биосояд ва дам бигирад. Ман ба хотир овардам, ӯ ба падарам дар арафаи ин воқеа гуфта буд, ки марги модарам барои ӯ чунон зарбати сахтест, ки ӯ умед надорад аз ӯҳдаи таҳаммули ин бор баромада метавониста бошад, ин ҳоила ӯро аз ҳама чиз маҳрум кардааст, зеро ин фариштa (ӯ модарамро ҳамин тур меномид) дар арафаи худи ин марг, ӯро фаромӯш накарда буд ва орзӯи тамоман таъмин кардани ояндаи ӯ ва Катенькаро изҳор карда буд. Ӯ ҳангоме ки ин қазияро ҳикоя менамуд, сиришкҳои талх мерехт ва шояд ҳам эҳсоси гаму андӯҳи ӯ ҳақиқӣ бошад, аммо он қадар ҳам холис ва мумтозона набуд. Любочка бошад, дар либоси сиёҳе, ки ба он аломати азо дӯхта шудааст, аз оби дида тамоман тар шуда, сарашро ҳам кардааст ва гоҳ-гоҳе ба тобут назар меафканд ва чеҳраи ӯ дар ин лаҳза тарси бачагонаро ифода мекунаду бас. Катенька наздики модараш истода буд ва ҳар чанд чеҳрааш ғамзада буд, вале бо он ҳама, ҳамчунон ки ҳамеша дошт, арғувониранг буд. Мизоҷ ва табиати ку-

шодаи Володя, дар ғаму андӯҳ ҳам кушодагӣ дошт: ӯ гоҳе андешамандона чашмашро ба чизе беҳаракат дӯхта рост меистод ва баъзан ногаҳонӣ даҳонаш кач шудан мегирифт ва ӯ шитобкорона хоҷ мезад ва таъзим ба ҷо меовард. Ҳама бегонагоне, ки дар ҷаноза ҳузур ба ҳам расонида буданд, барои ман нофорам меомаданд. Ҷумлаҳои тасалликоронае, ки онҳо ба падарам изҳор менамуданд, ки барои марҳума дар он ҷо беҳтар хоҳад буд ва ин ки ӯ на барои ин дунёё офарида шуда буд,— маро меранҷонданд.

Онҳо барои гирья кардан ва ҳарф задан дар бораи ӯ чӣ ҳаққе доштанд? Баъзе аз онҳо дар бораи мо сухан ронда, моро *ятим* меномиданд. Гӯё бе гуфтани онҳо касе намедониста бошад, ки бачагонеро, ки модар надоранд, ҳамин тур меноманд! Гӯё барои эшон хушоянд мерасид, ки ба мо ин номро нахуст мегузоранд, мисли он ки одатан, духтареро, ки тоза арӯс шудааст, нахустин бор ба madame[1] номидан шитоб мекунанд.

Дар кунҷи дури зал, дар пушти дари кушодаи шарбатхона қариб пинҳон шуда, як пиразани мӯйсафеди қоматаш хамида ба зону меистод. Ду дасташро ба ҳам баста, чашмонашро ба осмон бардошта, ӯ гирья намекард, вале машғули ибодат буд. Рӯҳи ӯ ба худованд рӯй оварда буд, ӯ аз худованд дархост мекард, ки ӯро бо он касе, ки дар дунёё аз ҳама бештар дӯст медошт, бипайвандад ва итминон дошт, ки ба зудӣ ин кор ба вуқӯъ хоҳад пайваст.

«Ин аст он касе, ки ҳақиқатан ӯро дӯст медошт!» — андешидам ман ва аз кирдори худам шармам омад.

Дуои ҷаноза ба поён расид; рӯи марҳума боз буд ва ҳамаи ҳозирон, ба ғайр аз моён, яке аз паси дигаре ба тобут наздик меомаданд ва бӯса мезаданд.

Яке аз вопасинҳо як деҳқонзане барои видоъ бо марҳума наздик шуд, ки дар даст як духтарчаи панҷсолаи хушрӯяк дошт, кӣ медонад, ӯ ин духтарчаро барои чӣ дар ин ҷо оварда бошад. Дар ин лаҳза ногаҳон рӯмолчаи таршудаам аз дастам афтод ва ман мехостам онро аз замин баргирам; вале дар ҳамон лаҳ-

[1] хоним.

зае ки ман хам шуда будам, як овози ҳавлноки гӯшхароше шунида шуд, ки агар сад сол ҳам ман боз умр бубинам, онро фаромӯш нахоҳам кард ва ҳар боре ки онро ба ёд орам, ҳамеша ба тамоми баданам ларзаи сарде хоҳад давад. Ман сарамро бардоштам — наздики тобут болои сандалича ҳамон деҳқонзанак духтарчаро, ки дастакҳои хурдтаракашро ба ҳар сӯ меандохт ва рӯи тарсидаашро ба ақиб гардонда чашмони аз косахонааш баромадаро ба чеҳраи марҳума дӯхта буд ва бо садои даҳшатноке бошиддат фарьёд мезад, ба зӯр рӯи дасташ нигоҳ медошт. Ман бо овозе фарьёд кашидам, ки гумон мекунам аз он садое ҳам, ки ба ман ин қадар таъсир карда буд, ҳавлноктар буд, ва аз хона берун давидам.

Фақат дар ҳамин лаҳза ман фаҳмидам, он бӯи вазнине, ки бо бӯи бухур махлут шуда хонаро пур кардааст, аз куҷо сар мезанад; ва он андеша, ки чеҳрае, ки чанд рӯзаке аз ин пештар бо ҳусну тароват пур буд ва ман аз ҳама бештар дар ин олам дӯсташ медоштам, сабаби сар задани даҳшат мешуд, гӯё дафъаи аввал буд, ки ба ман ҳақиқати талхро аён кард ва рӯҳи маро бо навмедӣ печид.

Боби XXVIII

ХОТИРОТИ АНДӮҲОВАРИ ОХИРИН

Модарам акнун вуҷуд надошт, вале зиндагонии мо ҳамон туре, ки буд, давом мекард: мо дар ҳамон соат ва дар ҳамон хонаҳои пешина ба хоб мерафтем ва бармехестем, чои пагоҳонӣ ва шабона, наҳорӣ, шохмӯрӣ — ҳамагӣ дар ҳамон соатҳои муқаррарӣ анҷом меёфт; миз ва курсиҳо ҳам дар ҳамон ҷои худашон меистоданд; чизе дар хонаву дар тарзи зиндагонии мо дигар нашуда буд; фақат ӯ набуду бас...

Ба ман чунин меомад, ки пас аз ин гуна бадбахтӣ ҳама чиз бояд тағьир пайдо намояд; тарзи муқаррарии ҳаёт ва зиндагонӣ, ки мо мебурдем, ба ман чунин меомад, ки нисбат ба хотири ӯ як навъ тавҳин буд ва набудани ӯро баръало ба ёд меовард.

Пеш аз гӯронидан, пас аз наҳорӣ хоб карданам омад ва ман ба хонаи Наталья Савишна рафтам, ба хаёли он ки дар ҷои хоби ӯ, дар бистари пари нарм, дар зери кӯрпа роҳат кунам. Ҳангоме ки ман ба хонаи ӯ даромадам, Наталья Савишна дар ҷойгаҳи худаш хобида буд ва шояд ҳам хобаш бурда бошад буд; шарфаи пои маро шунида ӯ аз ҷояш нимхез шуд. Рӯмоли пашминеро, ки сару рӯяшро аз магас пӯшонда буд, дур кард, кулӯтаашро дуруст кард ва дар канори тахти хоб биншаст.

Аз баски пеш аз ин ҳам бисьёр воқеъ мешуд, ки пас аз наҳорӣ ман ба хонаи ӯ барои хобидан меомадам, ӯ донист, ки ман барои чӣ омадаам, ва аз ҷояш андаке бархоста ба ман гуфт:

— Ҳа, шояд аз барои истироҳат кардан омада бошед, азизаки ман? дароз кашед.

— Чӣ гуфта истодаед шумо, Наталья Савишна? — гуфтам ман, аз дасти ӯ дошта,— ман на аз барои хоб омадаам... ман ҳамин тӯр омадаам... худи шумо ҳам ки монда шудаед, беҳтар он аст, ки худатон дароз кашед.

— Не, дадаҷон, ман кайҳо аз хоб сер шудам,— гуфт ӯ ба ман (ман медонистам, ки ӯ се шабонарӯз аст, ки нахобидааст).— Эй, ҳоло вақти хоб кардан ҳам нест,— гӯён илова кард ӯ бо оҳи сарде.

Ман мехостам дар бораи он бадбахтие, ки ба сарамон омада буд, бо Наталья Савишна гуфтугӯ намоям; ман садоқат ва муҳаббати ӯро медонистам, бинобар он бо ӯ нишаста гирья кардан барои ман роҳатовар мешуд.

— Наталья Савишна,— гуфтам ман андаке сукут карда ва дар рӯи ҷойхоб созгорона нишаста,— шумо ҳамин тур пеш меояд гуфта ҳеҷ меандешидед?

Пиразан ба сӯи ман бо ҳайрат ва кунҷковӣ назар афканд, эҳтимол, намефаҳмида бошад, ки ман чаро аз ӯ инро мепурсам.

— Кӣ ин тур мешуд гуфта меандешид? — гӯён такрор намудам ман.

— Оҳ, дадаҷони ман,— гуфт ӯ дар ҳолате, ки ба сӯи ман назаре бениҳоят дилсӯзонае афганд,— на танҳо гумон кардан, балки ҳанӯз ҳам ман инро фикр

кардан наметавонам. Хуб, охир, ба мани кампир, кайҳо вақти устухонҳои худамро ба осудагӣ супурдан омадааст; аммо бубин, ки чи рӯзҳое ба сарам омад: хоҷаи бузург — бобои шумоёнро, худо раҳматаш кунад, князь Николай Михайловичро, ду бародари онҳоро, хоҳарам Аннушкаро, ҳамаашонро гӯрондам, ҳамаи онҳо аз ман ҷавонтар буданд, дадаҷони ман, инак, аз шӯри гуноҳи ман будааст, ки акнун аз ин ҳам пас мондам. Ризои поки илоҳист! Барои он худованд инро низ гирифт, ки муносиби ӯ буд, барои ӯ накӯкорон дар он ҷо ҳам лозиманд.

Ин фикри оддӣ маро ба худ мафтун кард ва ман ба Наталья Савишна наздиктар нишастам. Ӯ дастҳои худашро ба синааш рӯйҳам ниҳод ва ба боло нигоҳ кард; чашмони фурӯрафта ва намноки ӯ як андӯҳи азим, вале осудаеро ифода менамуданд. Ӯ умеди комил дошт, ки худованд ӯро на он қадар дур дар фироқи он зоте, ки тамоми қудрати муҳаббати ӯ ба он нигаронда шуда буд, хоҳад дошт.

— Ҳа, дадаҷони ман, магар аз он вақте ки ман ӯро парастории мекардам, парпеч мекардам ва ӯ маро Наша меномид, бисьёр замоне гузаштааст. Гоҳе мешуд, ки ба сӯи ман давон меомад, бо дастчаҳояш маро оғӯш мекард ва бӯса задан мегирифт ва мегуфт:

— Нашики ман, хушрӯяки ман, мурғҷони ман ту.

Ва гоҳе мешуд, ки ман шӯхӣ мекардам ва мегуфтам:

— Не, модарҷон, ин гапи шумо дурӯғ аст, шумо маро дӯст намедоред. Нигоҳ карда истед, ҳоло ки калонтар шудед, хонадор шуда меравед ва Нашаи худатонро фаромӯш мекунед.— Ӯ он замон дар андеша меафтод.— Не,— мегуфт,— ман беҳтар он ки хонадор намешавам, агар Нашаро бо худам бурда намешуда бошад; ман Нашаро ҳеҷ гоҳ партофта намеравам.— Бубин, чӣ тур ба ман нигоҳ накарда партофта рафт. Оҳ, чӣ қадар маро дӯст медошт он марҳума! Эҳ, росташро гӯям, киро ӯ дӯст намедошт! Ҳа, дадаҷон, бибиҷонатонро шумо набояд фаромӯш кунед; ин одам набуд, фариштаи осмонӣ буд. Рӯҳи ӯ, ки дар салтанати малакутӣ ҷой гирифт, дар он ҷо

низ ӯ шуморо дӯст хоҳад дошт, дар он ҷо низ ӯ ба шумо нигоҳ карда хушҳол хоҳад шуд.

— Шумо аз чӣ сабаб дар салтанати малакутӣ ки ҷой гирифт, мегӯед Наталья Савишна? — пурсидам ман,— ман гумон мекунам, ки ӯ ҳозир ҳам кайҳо дар ҳамон ҷост.

— Не, дадаҷон,— гуфт Наталья Савишна овозашро андаке пасттар карда ва дар тахти хоб ба ман наздиктар нишаста,— ҳоло рӯҳи ӯ дар ҳамин ҷост.

Ва ӯ ба боло ишора кард. Ӯ акнун қариб пичирпичир карда ва бо чунон эҳсосе ва эътиқоде ҳарф мезад, ки ман беихтиёрона чашмонамро ба боло дӯхтам ва ба кунгураи девор нигоҳ кардам ва чизе дар он ҷо меҷустам.

— Пеш аз он ки рӯҳи боимон ба биҳишт медарояд, ӯ боз чил рӯз уқубат аз сар мегузаронад, дадаҷони ман,— чил рӯз, ва метавонад дар хонаи худ бошад...

Ӯ ҳамин тур боз дуру дароз сухан кард ва чунон бо соддагӣ ва эътиқод ҳарф мезад, ки гӯё чизҳои бисьёр оддиро мегуфта бошад, ки худаш онҳоро мушоҳида карда ва дар бораи он чизҳо гӯё андак ҳам шубҳае ба дили касе намеомада бошад. Ман дам фурӯ кашида ба ҳарфҳои ӯ гӯш медодам ва ҳар чанд гуфтаҳои ӯро дуруст намефаҳмидам, вале тамоман ба ӯ бовар мекардам.

— Ҳа, дадаҷон, ҳоло ӯ дар ҳамин ҷост ва ба мо нигоҳ мекунад ва шояд ба он чӣ мо мегӯем, гӯш медода бошад,— гӯён Наталья Савишна суханашро тамом кард.

Ва сарашро поин карда хомӯш монд. Барои ӯ рӯмолча даркор шуд, ки оби чашмашро пок намояд; ӯ аз ҷояш бархост, ба рӯи ман рост нигоҳ кард ва бо садои аз ҳаяҷон ларзони худ гуфт:

— Бо ин маро худованд чанд зинапоя ба худаш наздиктар бурд. Барои ман ин ҷо чӣ мондааст? барои кӣ ман бояд зист намоям? киро дӯст бидорам?

— Магар моро шумо дӯст намедоред? — гуфтам ман бо гила ва ба зӯр аз гирья худдорӣ карда.

— Худо худаш медонад, ки чи қадар ман шумоёнро дӯст медорам, азизакони ман, вале он чунон, ки

ман ӯро дӯст медоштам, каси дигарро дӯст надоштаам ва наметавонам дӯст бидорам.

Ӯ дигар ёрои сухан кардан надошт, аз ман рӯяшро гардонд ва баланд гирья карда сар дод.

Акнун ман хаёли хобидан надоштам; мо рӯ ба рӯи ҳамдигар хомӯш нишаста будем ва мегиристем.

Фока ба хона даромад; аҳволи моро дида ва, шояд моро ба ташвиш андохтан нахоста бошад, ҳеҷ чиз нагуфта, ҳаросон нигоҳ карда, дар пеши дар бозистод.

— Ба ту чӣ даркор, Фокаша? — гӯён пурсид Наталья Савишна, бо рӯмол рӯяшро пок карда.

— Мавиз якуним қадоқ, қанд — чор қадоқ ва сӯки сарачинӣ — се қадоқ барои оши худой.

— Ҳозир, ҳозир, дадаҷон,— гуфт Наталья Савишна ва бесаришта тамоку бӯй кашид ва бо қадамҳои хурд-хурди тунду тез ба сӯи сандуқ раҳсипор шуд. Осори вопасини андӯҳ, ки ба сабаби гуфтугузори мо ба вуҷуд омада буд, ҳангоме ки ӯ машғули вазифаи худ шуд ва онро бисьёр муҳим мешумурд, тамоман барҳам хӯрд.

— Барои чӣ чор қадоқ? — мегуфт ӯ, ғур-ғуркунон, қандро берун оварда ва дар тарозу баркашида истода,— сею ним қадоқаш ҳам кифоя мекунад.

Ва аз тарозу чанд лӯнда қандро пас гирифт.

— Ин чи кор аст, ки худи дирӯз ҳашт қадоқ сӯк дода будаму боз талаб мекунанд! Ту ҳарчи мехоҳӣ бикун, Фока Демидыч, вале ман сӯк намедиҳам. Ин Ванька хурсанд, ки акнун хона дар ташвиш афтодааст: ӯ гумон мекунад, шояд нафаҳмида монанд. Не, ман ба исрофи моли хоҷагон роҳ намедиҳам. Ин гапи куҷо, ҳашт қадоқ?

— Чӣ бояд кард? Ӯ мегӯяд, ки ҳамааш сарф шудааст.

— Хайр, ана, бигир! Майлаш гирад!

Ин аз ҳиссиёти дилсӯзонае, ки ӯ ҳангоми бо ман ҳарф задан дошт, ба як сергапӣ ва ҳисобдории мӯшикофона гузаштани ӯ маро он вақт дар ҳайрат андохта буд. Баъдҳо чун дар ин бора ман муҳокима мерондам, фаҳмидам, ки ба он ҳолати рӯҳияе, ки ӯ дошт, нигоҳ накарда дар ӯ ҳамон қадар қуввати қал-

бй мавҷуд будааст, ки ба вазифаи худаш давом бидиҳад ва кашиши одат ӯро ба машғулиятҳои муқаррарӣ ҷазб мекардааст. Ғаму ғусса чунон ба ӯ таъсир карда буд, ки ӯ ёрои машғул будан бо корҳои майдачуйда доштанашро ба пинҳон кардан эҳтиёҷ надошт; ӯ эҳтимол ҳатто фаҳмидан натавонад буд, ки ин фикр чи тур ба хаёл меомада бошад.

Худнамоӣ ҳиссест, ки бо андӯҳи ҳақиқӣ мувофиқат надорад, бо вуҷуди ин, ин ҳис чунон ба табиати инсонӣ пайвастааст, ки бисьёр кам тасодуф мешавад, андӯҳи сахттарин ҳам онро битавонад дур андозад. Худнамоӣ дар овони ғаму ғусса бо хоҳиши ё андӯҳгин ё ки бадбахт намудан ё бо хоҳиши суботнок нишон додан ифода мегардад; ва ин орзуҳои ночиз, ки мо ба онҳо эътироф наменамоем ва ҳол он ки онҳо ҳеҷ гоҳ—ҳатто дар овони ғаму андӯҳи сахт ҳам—аз мо дурӣ намегузинанд, ба қувват, қимат ва софияти ғам коҳиш медиҳанд. Наталья Савишна бошад бо бадбахтие, ки ба ӯ расида буд, чунон ҳаросон шуда буд, ки дар рӯҳи ӯ ҳеҷ орзуву ҳавасе намонда буд ва ӯ фақат аз рӯи одати муқаррарии худ рӯз мегузаронд.

Ба Фока озуқаи талабшударо дода ва ба ӯ дар хусуси санбӯсае, ки барои зиёфати рӯҳониён боист мепухтанд, ёдоварӣ намуда ӯро гусел кард, ҷуробро гирифт ва боз дар паҳлуи ман нишаст.

Гуфтугузори мо боз дар ҳамон бора сар гирифт ва мо боз гирья кардем ва боз оби дидаҳоро пок кардем.

Сӯҳбати мо бо Наталья Савишна ҳар рӯз такрор мешуд: гирьяи бесадои ӯ ва суханҳои диндоронаи оромонаи ӯ ба ман лаззат ва сабукӣ мебахшиданд.

Вале дере нагузашт, ки моро аз ҳамдигар ҷудо карданд: пас аз се рӯзи ҷаноза мо бо ҳамаи хонавода ба Москва кӯчидем ва барои ман чунон муқаддар шуда буд, ки дигар бор ӯро набинам.

Модаркалони мо хабари мудҳишро ба муҷарради омадани мо гирифт ва андӯҳи ӯ бисьёр азим буд. Моро ба ҳузури ӯ намегузоштанд, зеро як ҳафтаи комил ӯ аз ҳуд рафта буд, докторҳо аз ҳаёти ӯ дар хавф афтода буданд, хусусан ки ӯ натанҳо ҳеҷ давоеро қабул намекард, бо касе ҳарф ҳам намезад, хоб на-

мерафт, ҳеҷ хӯроке ҳам намехӯрд. Ӯ гоҳе дар хонаи худаш дар рӯи кресло танҳо нишаста ногаҳон ханда мекард, пас бе оби дида мегирист, рагкашӣ ба ӯ ориз мешуд ва бо садои бениҳоят баланд дод зада суханҳои бемаъно ва ё даҳшатовар мегуфт. Ин андӯҳи нахустини сахте буд, ки ба ӯ зарбат зада буд ва ӯ дар ин ғам дили худро бохта буд. Ба ӯ лозим буд, ки дар ин бадбахтӣ касеро муқассир намояд, бинобар он ӯ суханҳои даҳшатовар мегуфт, касеро бо қуввати беаноза таҳдид мекард, аз кресло ҷаста бармехост, бо қадамҳои тунду тез рӯи хона мегашт ва пас аз он беҳуш меафтод.

Як бор ман ба хонаи ӯ даромадам: ӯ, чунон ки ҳамеша буд, дар креслои худаш менишаст ва чунон менамуд, ки орому осудааст; вале нигоҳи ӯ маро ҳаросон кард. Чашмони ӯ бисьёр калон кушодагӣ буданд, вале нигоҳаш номуайян ва кунд: ӯ рост ба сӯи ман назар медӯхт, вале, зоҳиран маро намедид. Лабони ӯ ба оҳистагӣ табассум кардан гирифтанд ва ӯ бо садои муассир ва мулоиме ба сухан гуфтан даромад: «Биё ин ҷо, дӯстаки ман, биё, фариштаи ман». Ман гумон кардам, ки ӯ ба ман хитоб мекунад ва ба ӯ наздиктар рафтам, вале ӯ ба ман нигоҳ намекард. «Эҳ, агар ту медонистӣ, ки чи қадар ман озор мекашидам, ҷони ман, ва акнун шодам, ки ту омадӣ...» Ман фаҳмидам, ки ӯ тасаввури дидани модарамро мекардааст ва дар ҷои худ истодам. «Аммо ба ман мегуфтанд, ки ту нестӣ,— гӯён давом менамуд ӯ абрувонашро гирех дода,— чӣ беҳуда будааст! Магар ту пеш аз ман метавонӣ бимирӣ?» — ва ӯ бо хандаи маҷнунонаи даҳшатоваре қаҳқаҳ зада сар дод.

Танҳо мардумоне, ки қобилияти сахт дӯст доштанро дошта бошанд, метавонанд сахт ғам хӯранд; вале ҳамон эҳтиёҷи дӯстдоштан хидмати муқовамат кардан ба ғаму андӯҳро адо менамояд, ва ба онҳо шафобахш мегардад. Аз ин аст, ки табиати маънавии инсонӣ аз табиати ҷисмонии ӯ устувортар аст. Ғам ҳеҷ гоҳ кушган наметавонад.

Пас аз ҳафтае модаркалон гирья карда метавонистагӣ шуд ва аҳволаш беҳтар гашт. Нахустин фик-

ре, ки пас аз ба худ омаданаш дар ӯ пайдо шуд, мо будем, ва муҳаббати ӯ ба мо афзуд. Мо аз креслои ӯ дур намерафтем; ӯ оҳиста мегирист, дар бораи модарам сӯҳбат мекард ва моро меҳрубонона навозиш менамуд.

Ҳеҷ кас ба ғаму андӯҳи модаркалон нигоҳ карда чунин фикреро ба худ роҳ намедод, ки ӯ андӯҳи худашро муболиға карда қасдан зиёд нишон медода бошад, ва ифодаи ин ғаму дард пурзӯр ва муассир буд; вале, ман намедонам чаро, ба Наталья Савишна бештар ҳамдардӣ мекардам ва то имрӯз ман қаноат дорам, ки ҳеҷ кас мисли ин махлуқи меҳрангез ва содадил он қадар аз таҳти дил ва беғубор модарамро дӯст намедошт ва дилсӯзи ӯ набуд.

Бо марги модарам барои ман даврони бахтьёрии бачагӣ ба поён расид ва овони тоза — овони навҷавонӣ сар шуд; вале чун хотироте дар бораи Наталья Савишна, ки дигар ман ӯро надидам, ва чун ӯ таъсири пурзӯр ва некӯ ба рафтору кирдори ман ва инкишофи эҳсосоти ман дошт, ҳамагӣ ба он даврони аввалин оид аст, акнун якчанд калима дар бораи ӯ ва вафоти ӯ мегӯям.

Пас аз сафари мо, чунон ки баъдҳо мардумоне, ки дар деҳа монда буданд, ба ман ҳикоя карданд, ӯ аз бемашғулиятӣ бисьёр дилтангӣ мекашидааст. Ҳарчанд ҳама сандуққо ҳанӯз дар дасти ӯ буд ва ӯ онҳоро кофту-ков мекардаст ва чизҳои дар онҳо будагиро аз ҷое ба ҷое гирифта мечидааст, шамол медодааст, таҳ мекардааст, вале барои ӯ ҷои он ғулғула ва даву ғеҷи хонаву ҳавлии деҳагии хоҷагон, ки бо соҳибонаш пур буда ва ӯ аз овони кӯдакӣ ба ғалоғулаи он одат карда буд, холӣ будааст. Ғаму андӯҳ, дигаргунии тарзи зиндагонӣ ва аз миён рафтани кору ташвишу тараддудҳо зуд боиси пайдо шудани бемории пирӣ, ки ба он омодагӣ дошт, шудааст. Аз вафоти модарам як соли тамом ки гузаштааст, ӯ гирифтори нохушии истисқо шудааст ва бистарӣ гардидааст.

Ба фикри ман, барои Наталья Савишна зиндагонӣ сахт буд ва дар ҳавлии калони деҳаи Петровское бе хешу табор, бе ёру дӯст дар танҳоӣ мурдан аз он ҳам душвортар шуд. Дар ҳавлӣ ҳама Наталья Савиш-

наро дӯст медоштанд ва эҳтиром мекарданд; вале ӯ бо ҳеҷ яке аз онҳо дӯстӣ намекард ва бо ин ифтихор менамуд. Ӯ чунон мешумурд, ки дар мансабе, ки ӯ дошт, яъне иқтисоди рӯзгорро ба даст дошта истода, эътимоди хоҷагони худашро доро буда ва ҳамин қадар сандуққои қатор-қатори пур аз молу манол дар фармон дошта бо каси дигаре дӯстӣ доштан, ҳатман ӯро ба рӯйбинӣ ва саҳланкории чиноиткорона мекашонад; аз ин сабаб ё ки аз он сабабе, ки бо хидматгорони дигар ҳеҷ муносибати муштараке надошт, ӯ аз ҳамаашон дурӣ меҷуст ва мегуфт, ки ӯро дар ин ҳавлӣ хешу таборе ва ёру наздике нест ва ба молу давлати хоҷагонаш ба ҳеҷ касе роҳи дастбурд намедиҳад.

Ҳиссиёти худашро ба худованд бо муноҷотҳои гарм маъруф дошта, дар он ба худаш тасаллӣ меҷуст ва меёфт; вале гоҳо дар лаҳзаҳои заъф ва бетобӣ, ки ҳамаи мо гирифтор ба онҳо ҳастем, ҳангоме ки барои инсон аз гирья ва аз ҳамдардии як махлуқи зинда тасаллии беҳтаре муяссар намегардад, ӯ сагбачаи худро ба рӯи рахти хобаш мениҳод (ки ин саг чашмони зардашро ба ӯ дӯхта дасташро мелесид), ба ӯ сухан мегуфт ва онро навозишкунон бесадо мегирист. Ҳангоме ки сагча ҳузнангезона нӯла мекашид, ӯ ба ором кардани он мекӯшид ва мегуфт: «Басаст, ман бе ту ҳам медонам, ки базудӣ мемирам».

Аз мурданаш як моҳ пештарак аз сандуқаш суфи сафед, докаи сафед ва навори гулобӣ берун овард; бо мадади ходимааш барои худаш либоси сафед дӯхт, кулӯта тайёр кард ва тамоми хурду резаҳое, ки бояд дар ҷанозаи ӯ анҷом диҳанд, ҳамаро фармон дод. Сандуққои хоҷагонашро низ аз чашм гузаронд ва бо вузӯҳи тамом рӯихат карда ба гумоштадухтараки дигар супурд; пас аз он ду куртаи абрешимӣ, рӯмоли шоли қадима, ки як замоне модаркалон ба ӯ пешкаш карда буд, берун овард, мундири ҳарбии бобоям, ки зардӯзӣ шуда буд ва ба ӯ бахшида буданд, аз сандуқ баровард. Ба сабаби эҳтиёткории ӯ дӯхт ва зинатҳои он бакуллӣ тару тоза ва моҳуташ аз куя дар амон монда буд.

Пеш аз мурданаш ӯ хоҳиш кард, ки яке аз ин либосҳоро — гулобиашро — ба Володя бидиҳанд, ки

либоси хонагӣ ё камзӯл барои ӯ дуруст кунанд, дигарашро, ки чорхона буд, ба ман барои ҳамон ранг пӯшок ба кор баранд; рӯмоли шолро бошад ба Любочка бидиҳанд. Мундирро ба он яке аз моён, ки пештар аз дигаре ба дараҷаи офицерӣ мерасад, васият намуд. Ҳамаи амволи боқимондааш ва пулашро ба ғайр аз чил сӯм, ки барои масорифи ҷанозааш ва худоиҳояш тахсис дода буд, ба ихтиёри бародараш гузошт. Бародараш, ки кайҳо ба озодӣ рухсат шуда буд, дар яке аз вилоятҳои дурдаст як ҳаёти пурфисқу фуҷур мегузаронд; бинобар он дар даврони зиндагиаш Наталья Савишна бо ӯ ҳеҷ муносибат ва алоқае намекард.

Ҳангоме ки бародари Наталья Савишна барои ба даст овардани мерос омада дидааст, ки ҳамаи сару сомони марҳума аз биступанҷ сӯм пул иборат будааст, ӯ ба ин бовар накардааст, ва гуфтааст, пиразане, ки шаст сол дар хонаи давлатманде зистааст, ва ҳама асбобу анҷоми он хонаро дар даст доштааст ва дар ҳамаи умри худаш бахилона рӯз гузарондааст ва дар болои ҳар порча латтае меларзидааст, имкон надорад, ки чизе пас аз худ вонагузошта бошад. Вале дар ҳақиқат ин ҳамин тур буд.

Наталья Савишна ду моҳ бо нотобии худаш азоб кашидааст ва ин азобро бо сабру тоқати насрониёнаи ҳақиқӣ ба сар бурдааст: шикояте, ғилае накардааст ва ҳамеша бо одати худаш худоро ёд мекардааст. Як соат пеш аз ҷон доданаш тавба кардааст, муновала ба ҷо овардааст ва равғанмолӣ кардааст.

Аз ҳамаи ҳамзистонаш аз барои пасту баланд гуфтаҳояш узрхоҳӣ кардааст ва аз мураббии рӯҳонии худаш падар Василий хоҳиш кардааст, ба ҳамаи моён изҳор намояд, ки ӯ дар ивази меҳрубониҳои мо чӣ тур миннатдорӣ карданашро намедонад, ва хоҳиш мекунад, ки агар мабодо аз нодонӣ ва ғафлат касеро аз моён озоре ва андӯҳе расонда бошад, афв намоянд, вале «ҳеҷ гоҳ дузд набудааст ва метавонад бигӯяд, ки аз ресмони хоҷагонаш ҳам истифода накардааст». Ин як хислате буд, ки ӯ дар худ қадри онро медонист.

Либосеро, ки пеш ҳозир карда монда буд, дар бар карда, кулӯтаашро пӯшида, ба болишт такья зада то охирин дамаш аз сӯҳбат кардан бо кашиш боз намондааст ва ба ёд овардааст, ки барои бечорагон чизе нагузоштааст, аз кисааш даҳ сӯм бароварда ба кашиш супурдааст, ки дар калисо ба фақирон тақсим намояд; пас аз он хоҷ задааст, дароз кашидааст ва вопасин дафъа номи худовандро ба забон ронда бо лабханди хушҳолона оҳе кашидааст.

Ӯ ҳаётро бе ҳеҷ ҳайфу таассуф видоъ кардааст ва аз марг натарсида онро ҳамчун як неъмат қабул намудааст. Гар чи ин суханро бисьёр такрор менамоянд, вале чи қадар кам дар ҳақиқат воқеъ мегардад! Наталья Савишна метавонист аз марг натарсад, зеро ӯ бо имон ва эътиқоди маҳкам ва фармоишоти инҷилро бачо оварда ҷон месупурд. Тамоми ҳаёти ӯ соф ва беғаш буд, муҳаббаташ беғаразона ва фидокорона буд.

Чи ҷои гуфтугӯст, агар имони ӯ олитар метавонист бошад, ҳаёти ӯ ба ғояҳои баланд маътуф шуда метавонист; магар ин рӯҳи пок аз ин ҷиҳат ба муҳаббат ва тааҷҷуб камтар лаёқат касб менамояд?

Ӯ дар ин ҳаёт беҳтарин ва бузургтарин корро ба анҷом расонидааст, ки бе ҳасрату хавф ҷон супурдааст.

Ӯро мувофиқи хоҳиши худаш дар наздикии калисое, ки дар он қабри модарам буд, гӯронданд. Он пуштае, ки бо гиёҳҳои газна ва мушхор пӯшидааст ва дар зери он ӯ хуфтааст, бо панҷараи сиёҳе иҳота шудааст, ва ман ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунам, ки аз калисо ба сӯи он панҷара биравам ва таъзими заминӣ ба он ба ҷо биёварам.

Гоҳе ман сокитона дар миёни калисо ва панҷараи сиёҳ рост меистам. Дар дили ман ногаҳон хотироти фишороваре сар мезанад. Ба сарам чунин фикр меояд: магар қазову қадар ин ду вуҷудро бо ман барои он вобаста кардааст, ки ҳамеша маҷбур намояд, дили ман барои онҳо дар таассуф бошад?..

НАВЧАВОНИЙ



Боби I

САФАРИ ДУР

Боз аз сари нав ба таки дарвозахонаи ҳавлии Петровское ду аробаро овардаанд: яке аз онҳо каретаест, ки дар он Мими, Катенька, Любочка, ходима ва ба болои харакаи аробакаш *худи* гумошта Яков хоҳанд нишаст. Дигараш аробаи чорчархаест, ки дар он мо бо Володя ва ходими тозае, ки дар ҳамин наздикиҳо аз оброк гирифтаанд ва Василий ном дорад, савор хоҳем шуд.

Падарам, ки пас аз чанд рӯзе баъд аз мо бояд ба Москва биёяд, бекулоҳ дар пеши дарвозахона истодааст ва ба тарафи тирезаи аробаҳо хоҷ мезанад.

«Хайр, Масеҳ ёри шумо! ҳаракат кунед!» Яков ва аробакашон (мо бо аробаи худамон меравем) кулоҳҳояшонро аз сарашон бармедоранд ва хоҷ мезананд. «Чу, чу, бо ёрии худованд!» Нишастгоҳҳои аробаҳо дар роҳи ноҳамвор ба ҷасту хез медароянд ва дарахтҳои тӯси хиёбони бузург яке аз паси дигаре аз паҳлуи мо давида мегузаранд. Ман ҳеҷ андӯҳе ҳис намекунам; нигоҳи ҳуши ман на ба он чизҳое таваҷҷӯҳ дорад, ки ман ин ҷо мегузорам, балки таваҷҷӯҳи ман ба он аст, ки дар интизори ман мебошад. Ҳар қадаре, ки мо аз чизҳое, ки бо хотироти вазнине алоқа доранд ва то ҳол хаёлоти маро ба худ машғул медоштанд, дуртар мешавем, он хотирот қуввати таъсири худашонро андак-андак аз даст медиҳанд ва зуд ҷои худашонро ба эҳсосоти хушҳолонаи идроки ҳаёти

пур аз шавқу завқу тару тозагӣ ва умедвориҳо месупорад.

Барои ман ба хурсандӣ тан додан ҳанӯз як навъ шармоварона буд, вале он чоррӯза саёҳати мо, агар ба хурсандӣ нагузашта бошад ҳам, чунон дилкушо ва хуб буд, ки хеле кам воқеъ шудааст, ки ман чанд рӯзеро ин тур гузаронда бошам. Дар пеши назари ман на хонаи дарбастаи бибиҷонам намудор буд, ки аз пеши он наларзида гузаштан барои ман имкон надошт ва на рояли қуфлзадае вуҷуд дошт, ки на танҳо ба он наздик намеомаданд, балки бо як тарсу ваҳм ба сӯи он нигоҳ мекарданд, ва на либоси мотам (ҳамаи мо пӯшоки соддаи сафарӣ дар бар карда будем), на он чизҳое, ки каси аз даст рафтаи дигар ёфта намешудагиро ба хотири ман бисьёр равшан ҷилва медод ва маро маҷбур менамуд, ки аз ҳар навъ зуҳуроти зиндагӣ худдорӣ намоям, то ки мабодо хотираи *ӯро* биранҷонам. Дар ин ҷо баръакс манзара ва чизҳои хушнамуди тоза ба тоза диққати маро ба худ ҷалб менамуд ва андармон мекард ва табиати баҳорӣ ба рӯҳи ман чунон ҳиссиёти форам ва хуррамиоваре мебахшид, ки ман ба ҳоли ҳозираам розӣ ва аз ояндаи пурнур умедвор мегаштам.

Пагоҳони барвақт, чунон ки мардумон ҳамеша дар мансаби тоза кӯшиш мекунанд, Василий бераҳмона ва аз андоза зиёд боғайратона кӯрпаро мекашид ва таъкид мекард, ки вақти ҳаракат кардан шудааст ва ҳама чиз ҳозир аст. Ҳар қадар дасту поятро ғун кунӣ ҳам, ҳила созӣ ва ғазабнок шавӣ ҳам, то ки боз чорьяк соате хоби ширини пагоҳониро дарозтар кунӣ, аммо дар чеҳраи қатъӣ ва омиронаи Василий мушоҳида менамоӣ, ки ӯ гузашт нахоҳад кард ва ҳозир аст, ки боз бист дафъа кӯрпаи туро бикашад, аз он ҷиҳат аз ҷои хоб ҷаста бармехезӣ ва барои дасту рӯй шустан ба берун медавӣ.

Дар даҳлез кайҳо самоворе дар ҷӯш аст, ки Митькаи саис мисли харчанг сурх шуда онро пуф мекунад; берун намнок ва меғолуд аст, гӯё ки бухор аз поруи бӯйнок баланд мешуда бошад; офтоб қисми шарқии осмон ва бомҳои пахолини айвонҳои фарохро, ки

давро-даври ҳавлиро фаро гирифтааст ва аз шабнаме, ки дар рӯи онҳо рехтааст, медурахшад, бо нури софи хушҳолонааш равшан кардааст. Дар зери онҳо аспҳои мо намоёнанд, ки пеши охурҳояшон баста шудаанд ва хӯрок хӯрдани мунтазами онҳо шунида мешавад. Як Жучка ном саги сермӯй, ки пеш аз баромадани офтоб ба тӯдаи хушки пору такья карда пинак рафта хобида мондааст, танбалона пойҳояшро дароз мекунад, думашро меҷунбонад ва хурд-хурдак хез кашида ба дигар тарафи ҳавлӣ равон мегардад. Соҳибаи пуртараддуди ҳавлӣ дарвозаи ғижжосиро мекушояд, говҳои ба андеша фурӯрафтаро ба кӯча пеш мекунад, ки он ҷо кайҳо овози пой ва баъос задани гову гӯсолаҳои пода шунида мешавад, ва бо ҳамсояи хоболуди худаш як ду калима гуфтугӯ мекунад. Филипп остинҳои куртаашро барзада, бо чарх сатилро аз чоҳи амиқ берун мекашад, оби соф ба ҳар тараф пош мехӯрад, онро ба охури чӯбин, ки кайҳо дар гирду пеши он мурғобиҳои нав аз хоб бедор шудагӣ ҷамъ омада дар кӯлмак оббозӣ мекунанд, мерезад; ва ман бо нишот ба рӯи Филипп, ки риши калони паҳн дорад, ва ба рагҳои ғафс ва мушакҳои барҷастаи ӯ, ки дар рӯи дасти лучи пурқувваташ ҳангоми ҳаракат кардан намоён мегарданд, нигоҳ мекунам.

Дар паси таворае, ки Мими бо духтаракон мехобид ва мо аз паси он шабоҳангом сӯҳбат мекардем, ҷунбу-ҷӯле ҳувайдост. Маша бо чизҳои гуногуне, ки бо домани пироҳанаш аз назари кунҷковонаи мо пинҳон кардан мехоҳад, пай дар пай аз паҳлуи мо давида мегузарад ва оқибат дар кушода шуда моро ба чой даъват мекунанд.

Василий, дар такопӯи ғайрати зиёдатӣ, пай дар ҳам ба хона давида медарояд, гоҳе ин, гоҳе он чизро гирифта мебарорад, ба мо чашмакӣ мезанад ва бо ҳар лаҳне аз Марья Ивановна илтимос мекунад, ки барвақттар ба рафтан ҳаракат карда шавад. Аспҳо ба ароба бастагӣ ва бетоқатии худашонро нишон дода, гоҳ-гоҳе бо зангӯлаҳояшон овоз мебароранд; ҷомадонҳо, сандуқҳо, қуттӣ ва қуттичаҳо боз аз нав ҷой карда мешаванд, ва мо дар ҷойҳои худ қарор мегирем. Вале ҳамеша мо дар ивази нишастгоҳ анбӯҳи чизу чо-

раҳоро мушоҳида менамоем ва ҳеҷ фаҳмидан наметавонем, ки ин қадар чизу чораро дирӯз чи тур ҷо гиронда будаанд ва мо дар куҷо хоҳем нишаст; хусусан як чойқуттии чӯби чормағзӣ бо сарпӯши сегӯша, ки ба аробаи мо дароз карданд ва дар зери ман ниҳоданд, маро бисьёр оташин кард. Вале Василий мегӯяд, ки ин худ ба худ ҷой мегирад ва ман маҷбурам, ки ба ӯ бовар кунам.

Офтоб худи ҳамин лаҳза ба болои абре, ки сар то сари машриқро пӯшида буд, баланд шудааст ва ба ҳамаи гирду атроф бо рӯшноии ороми фараҳангез партавафшон аст. Ҳамаи атрофи ман чунон хушнамост ва замири маро низ ҳамчунон роҳат ва сабукӣ фаро гирифта аст, ки... Роҳи фарохи пайгумгашта мисли широза дар пеши назар печу тоб хӯрда дар миёни саҳрои хушкидаи гандумпоя ва кабудии аз шабнам ҷилодор тамом шуда меравад; ҳар ҷо-ҳар ҷо дар паҳлуи роҳ дарахти беди ғамгине ё дарахти тӯси ҷавоне бо баргҳои резаи часпакаш вомехӯрад, ки сояи беҳаракати дарозашро ба асари лойолуди чархи ароба ва алафи резаи сабзи роҳ меандозад... Садои якоҳанги чарххои ароба ва зангӯлаҳо замзамаи чӯрҳоро, ки дар худи наздикии роҳ дар парвозанд, наметавонад паст кунад. Бӯи моҳути куяхӯрда, бӯи чанг ва боз кадом як туршие, ки аробаи мо бо он ихтисос дошт, ба накҳати пагоҳонӣ ғарқ гашта буд ва ман дар рӯҳи худ як бетоқатии хушҳолона ҳис мекардам ва орзуе дар дилам бедор шуда буд, ки коре бикунам; ин нишонаи нашъаи ҳақиқӣ буд.

Ман дар корвонсарой ба ибодати худро анҷом додан фурсат пайдо карда натавониста будам; вале чун на як дафъа пай бурдаам, дар рӯзе, ки бо иллате ин маросимро фаромӯш мекунам, бо ман ҳамеша як тасодуфи ногуворе рӯй медиҳад, ман мекӯшам, ки ин хатои худамро ислоҳ намоям: кулоҳамро аз сар мегирам, ба як кунҷаки ароба рӯй меорам, дуоҳоро мехонам ва дар зери курткаам чунон хоҷ мезанам, ки касе онро пай набарад ва набинад. Вале ҳазорон чизи гуногун ҳуши маро ба худ мекашад ва машғул мекунад ва ман дар ҳолати парешонӣ як калимаи дуоро гашта бар гашта такрор мекунам.

Инак дар пайраҳаи пиёдагарде, ки дар паҳлуи роҳ дароз шуда меравад, як чанд шамоиле ба назар бармехӯранд, ки оҳиста-оҳиста рафта истодаанд: инҳо занҳои обида ва зоҳидаанд. Сари онҳо бо рӯмолҳои чиркин печидааст, дар пушташон кӯлбор аз пӯстлохи хаданг, пойҳояшон бо пойтобаҳои чиркини дарида печидааст ва попӯши пӯстлохии вазнине пӯшидаанд. Онҳо асояшонро мунтазамона ҳаракат кунонда ва нимнигоҳе ба мо карда оҳиста-оҳиста бо қадамҳои вазнин аз паси ҳамдигар роҳ мераванд ва маро ин суолҳо ба худ машғул менамояд: онҳо куҷо ва барои чӣ мераванд? сайру сафари эшон чи қадар тӯл мекашида бошад? ва сояи дарозе, ки онҳо ба рӯи роҳ меандозанд, кай ба сояи дарахти бед, ки онҳо аз паҳлуяш бояд бигузаранд, хоҳад пайваст. Инак аробаи чораспаи почта дар рӯ ба рӯи мо дартоз меояд. Чеҳраҳое, ки ду сония дар масофати дуоршинӣ ба мо бо табрикот ва кунҷковона нигоҳ мекарданд, гузашта рафтанд ва як навъ аҷоиб менамояд, ки ин чеҳраҳо бо ман ҳеҷ сару коре надоранд ва эҳтимол онҳоро пас аз ин дигар ҳеҷ гоҳ набинам.

Инак, аз канори роҳ ду аспи жӯлидамӯи арақине дар зери юғ, ки шотуҳои ресмониашон ба гарданашон партофта шудааст, медаванд, аз ақиб аспе равон аст, ки дар гарданаш фалака баста шудааст ва дар сари дӯшаш зангӯлачае гоҳ-гоҳе садо медиҳад, ба болои он аробакаши ҷавони телпаки пашминашро ба як гӯшаш кач карда пӯшидагӣ пойҳои дарозашро, ки мӯзаи калон дорад, аз ду тарафи асп овезон карда савор шудааст ва суруди дарозхонишеро мехонад. Чеҳра ва ҳолату вазъияти зоҳирии ӯ ончунон нашъаи танбалонаи бепарвоёнаро ифода менамояд, ки ба назари ман баландтарин хушбахтӣ аробакаш будан ва дар гашти кор савора омадан ва сурудани навоҳои маҳзунона аст. Он ҷо дуртар, дар паси ҷарӣ дар заминаи осмони кабуди камранг боми сабзи калисои деҳа намоён аст; он ҷост деҳ ва боми сурхранги ҳавлии хоҷагон ва боғи сабзу хуррами онҳо. Дар он ҳавлӣ кӣ мезиста бошад? Дар он ҳавлӣ магар бачагон, падар, модар, муаллим бошанд? Чи мешавад, ки мо

ба он ҷо биравӗм ва бо соҳибони он шинос шавем? Инак корвони дурудароз бо борҳои вазнине меояд, ки дар ҳар аробааш се аспи фарбеҳу калонҷусса баста шудааст, ва мо маҷбурем аз як тарафи онҳо давр зада гузашта равем. «Чӣ мебаред?» гӯён Василий аз нахустин аробакаш мепурсад. Ин аробакаш, ки пойҳои калонашро аз канори ароба овезон кардааст ва тозиёнаашро дар боло ҷавлон медиҳад, бо нигоҳи бемаънои худ дурудароз моро таъқиб мекунад ва он гоҳ ҷавоб медиҳад, ки онро шунидан ҳам мумкин намешавад. «Чӣ боре мебаред?» гӯён Василий ба аробаи дигаре мурочиат менамояд, ки ронандаи он дар зери каппаи бо кандир пӯшидагӣ худро гирифта ёзидааст. Сари малламӯе бо рӯи сурхранге ва риши зарде як лаҳза худашро аз зери каппа берун меоварад ва ба аробаи мо як назари ҳақоратомезонаи бепарвоёна меафканад ва боз дар зери он худашро мекашад,— ва ба ман чунин фикре меояд, ки ин аробакашҳо зоҳиран намедонанд, мо кистем ва аз куҷо меоем ва куҷо меравем?..

Қариб яку ним соат ман ба мушоҳидоти гуногун мустағриқ гашта ба рақамҳои каҷу килеби нишони санги роҳ эътибор накардаам. Вале инак офтоб сару пушти маро сахттар сӯзонда истодааст ва роҳ чанголуд шудан гирифта сарпӯши сегӯшаи қуттии чой маро аз ҳад зиёд нороҳат мекардагӣ шуда истода аст, ман чанд дафъа вазъияти нишасти худро тағьир додам; ба ман гармӣ гузашта истодааст ва ҳоли ман носозгор ва дилам танг шуда истодааст. Акнун ҳамеша назари ман ба нишони сангҳои роҳ дӯхта шудааст, рақамҳои онҳоро нигоҳ мекунаму бас; ман ба тарзи гуногун ҳисоб мекунам, ки кай мо бояд ба истгоҳ бирасем. «Дувоздаҳ чақрим, сеяки сию шаш аст, аммо то Липец чилу як аст, бинобар он мо акнун аз се як ҳисса ва боз чи қадари роҳро тай кардаем?» ва монанди инҳо...

— Василий,— мегӯям ман, ҳангоме ки пай мебарам, ӯ дар хараки ронандагӣ нишаста пинак рафта истодааст,— маро ба он ҷо ҷой бидеҳ, азизам.— Василий розӣ мешавад. Мо ҷойҳои худамонро иваз мекунем ва ӯ дар ҳамон лаҳза ба хуррок кашидан сар мекунад ва чунон паҳн шуда ба хоб меравад, ки

акнун дар болои ароба барои каси дигар ҷое наменомонад; вале дар пешгоҳи назари ман аз баландие, ки ман онро ишғол намудаам, манзараи бисьёр фораме: чор аспи мо, Дьячок, Неручинская, Аптекарь, Левая, ки ба шоту баста шуда буд,— ҳамаашон бо тамоми хурду резаи ҳолу аҳволашон аз ҷониби ман таҳқиқ ва омӯхта шудааст, кушода мешавад.

— Аз чист, ки имрӯз Дьячок дар шатаки рост аст ва на дар чап, Филипп? — гӯён андаке беҷуръатона мепурсам ман.

— Дьячок?

— Неручинская бошад, ҳеҷ бор накашида рафта истодааст,— мегӯям ман.

— Дьячокро дар чап бастан дуруст нест,— мегӯяд Филипп ба мулоҳизаи охирини ман эътибор надода,— ин он ранг аспе нест, ки дар тарафи чап шатак кунанд. Дар чап чунон асперо бояд банданд, ки асп барин бошад, аммо ин он тур асп нест.

Ва Филипп бо ҳамин суханҳо ба тарафи рост хам мегардад ва ҷилавро бо тамоми қувват сахт ҷунбонда ба думу пойҳои Дьячоки бечора бо тозиёна задан мегирад ва инро бо як тарзи махсус аз поён ба амал меорад, бо вуҷуди он ки Дьячок бо ҳамаи қувваташ мекӯшад ва тамоми аробаро мекашад, Филипп ин кори худашро он замон бас мекунад, ки ба худаш хастагӣ ҳис менамояд ва эҳтиёҷи дам гирифтан мебинад ва кулоҳи дар сараш бисьёр хуб ва маҳкам ва якпаҳлу нишастаашро ба паҳлуи дигар гузаронданро лозим меёбад. Ман аз ҳамин фурсати босаодат истифода мекунам ва хоҳиш менамоям, ки рондани аробаро каме ба ман вогузорад. Филипп нахуст як ҷилавро ба ман медиҳад, пас аз он яки дигарашро; оқибат ҳар шаш ҷилав ва тозиёна ба дасти ман мегузарад ва ман тамоман хушбахт мегардам. Ман кӯшиш менамоям, ки ба ҳар туре Филиппро тақлид намоям ва аз ӯ мепурсам, ки ин тур хуб аст? вале дар охир чунин пеш меояд, ки ӯ аз ман норизоманд мемонад: мегӯяд, ки онаш бисьёр бор мекашад ва инаш ҳеҷ чизе намекашад, оринҷашро аз паси синаи ман медарорад ва аз ман ҷилавҳоро пас мегирад. Гармии ҳаво торафт фу-

зунӣ мегирад, абрпораҳои баррамонанд торафт пурбодтар мешаванд ва монанди пуффакҳои собун болоболо мераванд, ба ҳамдигар мепайванданд ва ранги сояи хокистарии сиёҳтобе ба худ мегиранд. Аз равзани карета дасте бо шиша ва бастае дароз мешавад; Василий бо як чобукии ҳайратангезе ҳангоми роҳрафта истодани ароба аз нишастгоҳ ҷаста мефурояд ва барои мо кулчаҳо ва квас меорад.

Дар нишебиҳои рост фуромадагӣ мо аз ароба берун меоем ва гоҳе, кӣ пеш мегузарад гӯён то пул давон-давон меравем ва дар ин ҳангом Василий ва Яков чархҳои каретаро ба ақиб кашида аз ду тараф аробаро бо дастони худашон нигоҳдорӣ мекунанд, гӯё агар ароба меафтодагӣ шуда монад, онҳо ёрои нигоҳ доштани онро медошта бошанд. Пас аз он бо иҷозати Мими, ман ё Володя ба карета савор мешавем, аммо Любочка ё ки Катенька ба аробаи мо менишинанд. Ин тағьири макон барои духтарон бисьёр хуш меояд ва онҳо ҳақ доранд бигӯянд, ки дар аробаи кушода вақт хеле хуштар мегузарад. Гоҳе дар гармо, ҳангоме ки аз зери дарахтзоре мегузарем, аробаи мо аз карета ақибтар мемонад ва мо навдаҳои сабз шикаста гирифта дар аробаи худамон чайла дуруст мекунем. Чайлаи роҳраванда бо тамоми суръат давон-давон ба карета расида мегирад ва Любочка дар ин ҳол бо тамоми овози аз гӯш гузарандааш чиррос мезанад, ки ӯ ин кори худро дар ҳар мавриде, ки барои ӯ лаззати бисьёре мебахшида бошад, такрор карданро ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунад.

Аммо, ин аст деҳае, ки он ҷо мо наҳорӣ хоҳем хӯрд ва истироҳат хоҳем кард. Инак кайҳо бӯи деҳистон, бӯи дуд, равғани ароба, кулчаҳои ҳалқашакл ҳам омада истодааст ва овози гуфтугӯ, садои қадамзанӣ ва чархи ароба низ шунида мешавад. Зангӯлачаҳо акнун на ончунон ҷиринғос мезананд, ки дар саҳрои бедару девор буданд ва аз ҳар ду тараф кулбаҳои деҳқонон ба назар бармехӯрад, ки бомҳояшон бо хас пӯшидагист ва даромадгоҳашон бо тахтаҳои гулкорӣ зинат дода шудааст, тирезаҳои хурд-хурдакашон тахтапӯшҳои сурху сабз дорад, ки аз баъзеи он-

ҳо чеҳраи занҳои ҳангоматалаб барои тамошо берун меояд. Инак писаракону духтаракони деҳқонон тани бакурта; онҳо чашмашонро калон кушода дасташонро ёзонда беҳаракат дар як ҷо мондаанд ё ки ба суръати тамом бо пойчаҳои лучашон ба чангу хок ғутида ба ишоратҳои таҳдидомезонаи Филипп нигоҳ накарда аз паси ароба медаванд ва мехоҳанд ба рӯи ҷомадонҳое, ки дар паси ароба баста шудааст, биншинанд. Инак дарбонҳои сурхмӯй аз ҳар ду тараф ба сӯи аробаи мо медаванд ва бо ҳарфҳои хушоянд ва ишоратҳо яке аз паси дигаре мехоҳанд, ки мусофиронро ба тарафи худ бикашонанд. Так! Так! Дарвозаҳо ғижжос мезананд, чӯбе ки шотуҳои ресмониро ба ҳам мепайвандад, ба ходаҳои дарвоза банд шуда-банд шуда мегузарад ва мо ба ҳавлӣ дохил мешавем. Чор соат фурсати осудагӣ ва озодӣ дар фармони мост!

Боби II

РАЪДУ БАРҚ

Офтоб ба сӯи мағриб майлон мекард ва бо партави якьёна хобидааш гардану рухсораи маро тоқатфарсо месӯзонд; ба канораҳои сӯзону тафсони ароба даст расондан имкон надошт; гарду хоки ғализе аз роҳ боло мерафт ва ҳаворо пур мекард. Андаке ҳам шамол набуд, ки онро пароканда намояд. Дар пеши рӯи мо дар як масофати наздик, нишастгоҳи гарду хоколуди карета якоҳангона ғалт мехӯрд, ки аз паси он гоҳе тозиёнаашро ҳаракат додани рохандa, кулоҳи ӯ, телпаки Яков намоён мешуд. Ман намедонистам чи кор кунам: на рӯи аз гарду хок сиёҳшудаи Володя, ки дар паҳлуи ман пинак мерафт, на ҷунбидани тахтапушти Филипп, на сояи дарози аробаи мо, ки аз паси мо якьёна медавид, маро ба худ машғул намекарданд. Ҳамаи зеҳни ман ба сангҳои чақрим нишондиҳанда банд буд, ки ман онҳоро аз дур медидам, ва абрҳоеро тамошо мекардам, ки аз ин пештарак сар то сари осмон пароканда буданд ва акнун як ҳайати шумхабаронаи сояи сиёҳеро гириф-

та ба тарзи як пораи калони абри сиёҳ ҷамъ меомаданд. Гоҳ-гоҳе тундари дуродуре садо медод. Ин ҳолат бештар аз ҳама маро барои зудтар расидан ба манзилгоҳ бетоқаттар мекунад. Раъду барқ ба ман ҳисси бисьёр вазнини тасвирнопазири андӯҳу тарс меовард.

Ба деҳаи наздик боз дақ чақрим мондааст, аммо абри нофармонранги сиёҳтоби бузурге, худо медонад, аз куҷо пайдо шуда, бенасиму шамоле, вале тезу тунд ба сӯи мо меомад. Офтоб, ки ҳанӯз бо абр пӯшида нашудааст, ба ҳайъати сиёҳ ва пораҳои дароз шуда рафтаи хокистарранги то уфуқ расидаи он нури дурахшони худашро мепошад. Гоҳ-гоҳе дар уфуқ барқ медурахшад ва ғулғулаи пасте ба гӯш мерасад, ки андак-андак қувват мегирад, наздик меояд ва ба тараққо-туруққи канда-канда мубаддал мегардад ва ҳама сар то сари осмонро фаро мегирад. Василий аз нишастгоҳ боло мешавад ва каппаи аробаро мебардорад; ронандагон чакманҳои худро ба бар мекашанд ва дар ҳар зарбати тундар кулоҳашонро аз сар гирифта хоҷ мезананд; аспҳо гӯшашонро сих мекунанд, паррaҳои биниашонро мехезонанд, гӯё бӯи ҳавои тозаеро, ки аз абрҳои наздикоянда мевазад, ба дарун мекашида бошанд ва аробаро дар роҳи пургарду хок тезтар давидан мегирад. Маро ваҳму тарс фаро мегирад ва ҳис мекунам, ки чӣ гуна хуни ман дар рагҳоям бо суръаттар ҷорӣ мешавад. Вале абрҳои пеш будагӣ инак офтобро кайҳо пӯшонда истодаанд; инак хуршед вопасинбор намоён шуд, тарафи торики даҳшатноки уфуқро як равшан карду пас пинҳон гашт. Ҳама гирду атроф якбора ранги дигаре гирифт ва тираю торик шуд. Инак бешазоре, ки пуропур аз дарахти кабуда буд, ба ларза даромад; баргҳо як навъ рангу пирояи сафеди хирае ба худ мепазиранд, чунонки дар заминаи нилуфарии абр барҷаста намоён мегарданд, чапак мезананд ва садо медиҳанд; нӯги дарахтҳои калони тӯс ба хаму рост шудан шурӯъ мекунад ва дастаҳои хушки алаф аз ин бари роҳ ба сӯи дигар мепаранд. Досаку фаршу турукҳои синасафед, гӯё ба қасди он, ки моро аз роҳ боз доранд, дар гирду пеши аробаи мо парвоз меку-

нанд ва аз худи зери синаву дӯши аспҳо мегузаранд; зоғчаҳо бо болу пари паҳну парешон дар шамол ба тарзе якпаҳлӯ парвоз мекунанд. Канорҳои пешгири чармине, ки мо бо он худамонро печондаем, бардошта шудан мегиранд ва латмаҳои намноки шамолро ба мо мегузаронад ва болҳошонро фарох ёзонда ба нишастгоҳи ароба худро мезананд. Дурахш, гӯё аз худи ароба мебаромада бошад, дидаро хира мекунад ва дар як чашм задан моҳути хокистарӣ, широзаи он ва шамоили дар кунҷак ҷо шудаи Володяро равшан мекунад. Дар ҳамон лаҳза, дар худи болои сар ғулғулаи боазамате барпо мегардад, ки гӯё бо хати печони манорашакл болову баланд бардошта шуда ва фароху фарохтар мешуда бошад, андак-андак пурзӯртар мешавад ва ба тараққоси каркунанда мубаддал мегардад, ки беихтиёрона инсонро ҳаросон мекунад ва нафасро дар гулӯ мегирад.

Қаҳри худованд! Чӣ қадар нафосати афзуне дар ин андешаи омиёна пайдост!

Чарҳҳои ароба торафт тезтар ҳаракат мекунанд. Аз тахтапушти Василий ва Филипп, ки бесаброна лаҷомҳоро меҷунбонад, ман пай мебарам, ки онҳо низ меҳаросанд. Ароба ба тундӣ ба сӯи пастӣ раҳ мепаймояд ва дар рӯи пули тахтагин тақар-туқур мекунад; ман метарсам, ки аз ҷо ҷунбам, ва ҳар лаҳза мунтазири ҳалоки ҳамаамон мебошам.

Так! так! чӯбе, ки арғамчини шотуро ба ҳам мепайваст, канда шуд ва мо бо вуҷуди зарбатҳои пай дар паи гӯшкаркунанда маҷбурем дар рӯи пул аз роҳ бозистем.

Сарамро ба канори ароба такья дода бо дилтангию тангнафасии навмедона ҳаракати ангуштҳои сиёҳи ғафси Филиппро таъқиб менамоям, ки ҳалқаи гиреҳро ба оҳистагӣ мепечад ва аспи шатакиро бо кафи дасти худ ва дастаи тозиёна тела дода бандакҳоро бо якдигар баробар мекунад.

Ҳар қадар ки раъду барқ шиддат мегирад, ҳамон қадар ҳисси андӯҳу тарсу ваҳм дар дили ман афзунӣ мегиранд, вале дар ҳангоме ки дақиқаи боазамати сукут пеш аз сар шудани раъду барқ омад, ин ҳис ба чунон мақоме расид, ки агар боз як чорьяки соат ҳа-

мин тур давом мекард, ман қаноат доштам, ки аз ҳаяҷон мемурдам. Дар худи ҳамин он аз зери пул ногаҳон, бо як пироҳани чиркини сӯрох-сӯрох, як махлуқи одамсуробе, бо рӯи варамкардаи маҳрум аз шуур, бо каллаи тарошидаи бараҳнаи ба ҳар тараф ғалтхӯранда, бо пойҳои кажи бемушак намоён шуд ва як пораи бадани ялаққосии сурхранге, ки дар ҷои даст дошт, рост ба сӯи ароба дароз мекард.

— Бобоҷон! Дар роҳи худо, ба бенаво! — гӯён овози сӯзноке садо медиҳад ва гадой бо ҳар калима хоҷ мезанад ва то миён хам шуда таъзим мекунад.

Он ҳисси даҳшати сардеро, ки ҷони маро фаро гирифта буд, наметавонам таъбир намоям. Ларза ба мӯи сарам медавид, аммо чашмони ман аз тарсу ваҳм бешуурона ба гадой дӯхта шуда буданд...

Василий, ки дар роҳ худоӣ дода меомад, ҳоло ба Филипп дар бораи маҳкамтар бастани тирҳои ароба панд медиҳад, ва пас аз он ки ҳама корҳо ҷо ба ҷо шуд ва Филипп ҷилавҳоро ба даст гирифта ба нишастгоҳи ароба баромада нишаст, он гоҳ аз кисаи паҳлуиаш чизе ба даст оварданӣ мешавад. Лекин дар худи ҳамон лаҳзае ки ҳаракат кардем, дурахши чашмбарандае дар як он тамоми нишебиро бо равшании оташниҳоди худаш пур кард ва аспҳоро ба истодан водор намуд ва бе андак фосилае бо худ чунон тараққоси сахти тундарро овард, ки гӯё ҳамаи сақфи осмон болои сари мо мерехта бошад. Шамол боз зӯртар мешавад: ёлу думи аспҳо, шинели Василий ва канори пешгир — ҳама ба як сӯ мавҷ мезананд ва аз шиддати бод худашонро музтарибона ба ҳаракат меандозанд. Ба рӯи каппаи чармини ароба чакраи бузурги борон афтод... дигаре, саввӯмӣ, чорӯмӣ ва якбора гӯё касе болои сари мо нақора задан гирифт ва ҳамаи атрофи мо аз овози якоҳанги шар-шари борон пур шуд. Аз тарзи ҳаракати оринҷи Василий ман пай мебарам, ки ӯ ҳамиёнашро кушода истода аст; гадой ба хоҷ задан ва таъзим кардан давом намуда дар худи паҳлуи чархҳои ароба медавад, чунон ки андак мемонад ароба ӯро пахш кунад. «Хайр кун аз барои масеҳ», оқибат пули сиёҳ аз паҳлуи мо парида мегузарад ва он махлуқи нотавон дар жандаи нах ба нах тар шуда,

ки ба аъзои лоғари ӯ часпида аст, аз шамол калавида ҳаросон дар миёнаи роҳ мемонад ва аз назари ман ғоиб мегардад.

Борони кач, ки шамоли тез онро пеш мекард, гӯё аз сатил мерехт; аз тахтапушти Василий, ки либоси фризӣ пӯшида буд, селоб ба кӯлмаки оби тирае, ки дар пешгир ҷамъ шуда буд, мерехт. Гарду хоке, ки аз селоб нахуст лӯнда-лӯнда шуда буд, ба лои обакӣ мубаддал шуд, ки чархҳои ароба онро хамир мекард, дакка хӯрдани ароба камтар шуд ва аз раҳҳои бо чархҳои ароба пайдо шудаи хок, ҷӯйҳои лоёб равон гаштанд. Дурахш фарохтар ва камрангтар равшанӣ медод ва тараққоси тундар акнун дар зери шар-шари якоҳанги борон на ончунон гӯшхарош буд.

Инак акнун борон резатар меғардад; абри сиёҳ ба абрҳои мавҷнок тақсим шуда мегирад ва дар ҳамон нуқтае, ки бояд дар он ҷо офтоб бошад, равшан шудан мегирад, ва аз магзи канораҳои хокистарии сафедтоби абрҳо як тикка осмони лоҷувардӣ намудор мешавад. Пас аз дақиқае партави камҷасорати офтоб акнун бар рӯи лоёбҳои роҳ ва ба торҳои резаи рост ояндаи бороне, ки гӯё аз ғарбел мерехта бошад, метофт ва ба рӯи алафи шусташудаи дурахшон ҷилва медод. Абри сиёҳ ҳамчунон саҳни муқобили осмонро гирифтааст, валекин ман акнун аз он наметарсам. Ман акнун ҳисси берун аз таъбири хушҳолӣ ва умеди ҳаёт ба худ мепарварам, ки ба зудӣ ҷои ҳисси вазнини тарсу ваҳмро ишғол менамояд. Монанди табиати тоза, ботароват ва хушҳолгашта руҳи ман низ лабханд мезанад. Василий гиребони шинелашро ақиб мепартояд, кулоҳашро аз сар мегирад ва онро меафшонад; Володя пешгирро ба як сӯ меандозад; ман аз ароба сарамро берун мебарорам ва ҳарисона ҳавои хушбӯи тару тозаро ба дарун дам мекашам. Нишастгоҳи аробакаш, ки тоза шуста шудааст ва барқ мезанад, бо ҷомадонҳо ва қуттиҳои бар болои боми карета ҷой гирифта дар пеши назарҳо ғалт мехӯрад, пушти асп, тасмаҳо, лаҷомҳо, оҳани чархи ароба — ҳамагӣ тар шудаанд ва дар зери шунаҳи офтоб, гӯё лок зада бошанд, дар тобишанд. Аз як сӯи роҳ — дашти бепоёни тирамоҳи-

корӣ то уфуқ монанди қолини соя афтода паҳн шуда рафтааст, ки ҳар ҷо-ҳар ҷо бо ҷариҳои хурду реза бурида шудааст, ва хоки намноку сабзаҳояш ҷило медиҳад, аз сӯи дигар кабудазор, ки паттаҳои чормағз ва черёмуха онро фаро гирифта аст ,гӯё аз он, ки дар хушбахтии зиёде мустағриқ бошад, ҳаракате намекунад ва қатраҳои шаффофи боронро аз шохаҳои шуста шудааш ба оҳистагӣ ба рӯи баргҳои хушкидаи порсола мерезад. Ҷӯрҳои кокулдор бо хониши хушҳолона аз ҳар сӯ баланд парвоз мекунанд ва басуръат поин меоянд; дар паттаҳои таршуда ҳаракат ва ҷунбиши мурғакони реза шунида мешавад ва аз миёнаи дарахтзор садои хониши мурғи ку-ку баръало мерасад. Ин бӯю атри беша пас аз раъду барқи баҳорӣ, ки аз дарахти тӯс, аз бунафша, аз барги нимпӯсида, замбуруғ ва черёмуха мевазад, ончунон нашъапарвар ва масткунанда аст, ки ман дар ароба ором нишастан наметавонам ва аз зинапояи он худамро ба замин меандозам ва ба сӯи паттазор медавам ва бо вуҷуде, ки қатраҳои дар онҳо нишастаи борон ба сарам мерезад, шохчаҳои тари шукуфтаи черёмухаро меканам ва ба рӯю рухсораи худ бо онҳо мезанам ва аз бӯи мӯъҷизосои онҳо лаззат мебарам. Ба часпидани лойпораҳои бузург ба мӯзаам ҳеҷ аҳамият надода, ҳар чанд кайҳо ҷуробҳоям тар шудаанд, ба лой шалпос зада ба даричаи карета медавам:

— Любочка! Катенька! — гӯён фарьёд мезанам ман ва чанд шоха аз черёмухаро ба онҳо дароз карда мегӯям,— бубин, чӣ хуб аст!

Духтаракон чиррос мезананд, ӯҳ мегӯянд, Мими фарьёд мезанад, ки ман дуртар равам, вагарна маро албатта ароба пахш хоҳад кард.

— Охир, онро бӯй кун, мебинӣ чӣ атр медиҳад! — мегӯям ба онҳо.

Боби III

НАЗАРИ ТОЗА

Катенька дар ароба паҳлуи ман нишаста буд ва сараки нағзакаки худашро ҳам карда, андешамандона ба роҳи пургарду хоке, ки дар зери чархи ароба медавид, нигоҳ мекард. Ман хомӯшона ба ӯ нигоҳ

мекардам ва ба он адои ғайри тифлонае, ки дафъаи нахустин дар рухсораи арғувонии ӯ тасодуф мекардам, ҳайрон мешудам.

— Инак мо ҳамин замон ба Москва мерасем,— гуфтам ман,— ту чӣ меандешӣ, чӣ тур аст он?

— Намедонам,— ҷавоб медод ӯ дили нохоҳам.

— Хайр, ҳар чи ҳам бошад, ту чӣ гумон мекунӣ, аз Серпухов калонтар аст ё не?..

— Чӣ?

— Не, ҳеҷ чиз.

Вале бо ҳамон ҳисси ғаризе, ки инсон метавонад хаёлот ва фикри дигареро пай барад ва он хидмати сарриштаи сӯҳбатро метавонад адо намояд, Катенька фаҳмид, ки беилтифотии ӯ барои ман озорбахш аст; ӯ сарашро боло бардошт ва ба ман муроҷиат намуд:

— Падарат ба шумо гуфта буд, ки мо дар хонаи модаркалон хоҳем зист?

— Гуфта буд, модаркалон тамоман бо мо будан мехоҳад.

— Ва ҳамаи мо он ҷо хоҳем буд?

— Албатта; мо дар нимаи табақаи болоӣ ва шумо дар нимаи дигаре; падарам бошад, дар хонаи паҳлу будагӣ; наҳориро бошад, ҳамагӣ дар як ҷо, дар поён дар ҳузури модаркалон хоҳем хӯрд.

— Модарам мегӯяд, ки модаркалон бисьёр одами зобитанок — бадқаҳр аст?

— Н-е-е! Ин фақат дар аввал ҳамин тур менамояд. Ӯ зобитанок аст, вале ҳеҷ бадқаҳр нест; баръакс бисьёр нармдил, хушаҳвол. Агар ту медидӣ, чи базме, ки дар солгарди ӯ барпо шуда буд!

— Ҳар чӣ ҳам бошад, ман аз ӯ метарсам; ҳоло худо медонад, мо ҳам...

Катенька баногоҳ хомӯш шуд ва боз ба фикр фурӯ рафт.

— Чӣ-ӣ? — пурсидам ман бо ташвиш.

— Ҳеҷ чиз не, ман ҳамин тур.

— Не, ту чизе гуфтӣ: «худо медонад...»

— Ҳа, ту гуфтӣ, ки чӣ базме дар хонаи модаркалон барпо шуда буд.

— Вале афсӯс, ки шумо дар он ҷо набудед; меҳмонҳо бисьёр буданд, гӯё ҳазор кас буд. Мусиқӣ, генералҳо, ман ҳам рақс кардам... Катенька! — гуфтам ман якбора дар миёнаи ҳикояи тасвирии худам таваққуф намуда,— ту гӯш намекунӣ?

— Не, гӯшам ба туст, ту гуфтӣ, ки рақс кардаӣ.

— Аз чӣ сабаб ту ин қадар пакар ва афсурдаӣ?

— Ҳамеша хушҳол шудан намегирӣ, ки.

— Не, ту аз ҳангоме ки мо аз Москва омадем, хеле дигаргун шудаӣ. Росташро бигӯй,— гӯён илова кардам ман бо як қатъият ба сӯи ӯ рӯй оварда,— ту аз чӣ сабаб як навъ дигар шудаӣ?

— Магар ман дигар хел шудаам? — гуфт Катенька бо як зиндадилӣ, ки нишон медод, гуфтаи ман тавоҷҷӯҳи ӯро ҷалб намуда буд.— Ман ҳеҷ дигар хел нашудаам.

— Не, ту акнун на он хел ҳастӣ, ки пештар будӣ,— гӯён давом намудам ман,— пештар чунон буд, ки ту ба ҳар кор бо мо ҳамроҳ будӣ ва моро мисли азони худӣ мешумурдӣ ва дӯст медоштӣ, чунон ки мо туро дӯст медорем, вале акнун ту як тури ҷиддӣ гирифтаӣ ва аз мо дурӣ меҷӯӣ...

— Не, ҳеҷ ин тур нест...

— Не, мон, ман суханамро тамом кунам,— гӯён сухани ӯро буридам ва акнун як эҳтизозе дар бинии худ ҳис мекардам, ки ин ҳол ҳамеша пеш аз он зоҳир мешуд, ки дар чашмонам замони андешаҳои пинҳонии чанд гоҳе изҳор накардаро берун андохтанӣ шуданам об чарх занад.— Ту аз мо худатро дур мекашӣ ва доимо бо Мими сӯҳбат мекунӣ, чунон менамояд, ки моро писанд намекарда бошӣ.

— Ҳа, охир ҳамеша як хел мондан мумкин нест, ки; ягон вақт, охир, дигар шудан ҳам зарур аст,— мегуфт Катенька, ки агар суханро бамавқеъ ёфта ҷавоб гардондан натавонад, одати ҳамин тур як навъ зарурати ҷибрияро баҳона овардан дошт.

Ман дар хотир дорам, чунон ки рӯзе бо Любочка ҷанг карда буд ва Любочка ӯро *духтараки беақл* номида буд, ӯ дар ҷавоб: на ҳамагӣ боақл мешаванд, беақл шудан ҳам даркор аст, гуфта буд; вале маро

ин ҷавоб, ки ягон вақт дигар шудан ҳам лозим мешавад, қонеъ накард, бинобар он ман пурсишро давом кунондам:

— Ин барои чӣ лозим аст?

— Охир, мо ҳамеша дар як ҷо зист нахоҳем кард, ки,— ҷавоб мегуфт Катенька, андаке сурх шуда ва ба тахтапушти Филипп чашми худашро сахт дӯхта,— модарам дар ҳузури марҳума бибиҷони шумо метавонист зист намояд, зеро ӯ дӯсти модарам буд; вале бо графхоним, ки мегӯянд, бисьёр бадқаҳр аст, худо медонад, мувофиқат хоҳанд кард ё не? Ғайр аз он ҳам, як вақте аз ҳамдигар ҷудо хоҳем гашт: шумо доро ҳастед — шумо Петровское доред, мо фақирон ем,— бибиҷонам чизе надорад.

Шумо доро — мо нодор: ин калимаҳо ва мафҳумҳое, ки бо ин калимаҳо пайвастаанд, ба ман хеле таъҷубовар намуд. Нодорҳо дар мулоҳизаи онзамонии ман метавонистанд фақат гадойҳо ва деҳқонон буда бошанд ва ин нодорӣ ва бечорагиро бо Катяи ин қадар нағзу хушандоми нозанин ҳамоҳанг кардан ҳеҷ наметавонистам. Ба ман чунин меомад, ки Мими ва Катенька чун то ин замон бо мо мезиста буданд, ҳамон ранг пас аз ин низ бо мо хоҳанд зист ва он чи, ки ҳаст, баробар ва бо ҳам хоҳанд дид. Ин ҳол дигар ранг шудан имкон ҳам надошт. Акнун ҳазор ранг фикру мулоҳизаҳои тозаи номуайяне дар бораи вазъияти танҳой ва бекасии онҳо дар сари ман падид омад ва ман чунон шарм доштам, ки мо доро ҳастем ва онҳо нодоранд ва аз он андеша ман сурх шудам, чунон ки ҷасорат намекардам, ба рӯи Катенька нигоҳ кунам.

«Мо доро ва онҳо нодор бошанд, чӣ? — меандешидам ман,— чӣ тур аз ин ҳол лузуми ҷудой пеш меомада бошад? Чаро мо чизе, ки дорем, бо ҳам тақсим накунем?» Вале ман мефаҳмидам, ки бо Катенька дар ин бора гуфтугӯ кардан салоҳ нест ва намедонам чӣ тур як ғаризаи амалӣ бар зидди ин муҳокимаи мантиқӣ ба ман мегуфт, ки ҳақ дар тарафи ӯст ва мулоҳизаи худро бо ӯ дар миён гузоштан бемавқеъ аст.

— Магар дар ҳақиқат ту аз назди мо хоҳӣ рафт? — гӯён пурсидам ман, — чӣ тур мо аз якдигар ҷудо зист мекунем?

— Чӣ бояд кард, барои худи ман ҳам ин сахт аст; фақат агар ин воқеъ гардад, ман медонам, чӣ кор бикунам...

— Артистка... беҳудагӣ!.. — гуфта сар додам ман, зеро медонистам, ки артистка шудан ҳамеша орзӯи дӯстдоштаи ӯ буд.

— Не, дар овони хурдӣ ман ҳамин тур мегуфтам...

— Хӯш, пас ту чӣ хоҳӣ кард?

— Ба сӯмеа хоҳам рафт ва дар ҳамон ҷо зист хоҳам кард ва дар либоси сиёҳ хоҳам гашт ва кулоҳи махмалӣ хоҳам пӯшид.

Катенька гирья карда сар дод.

Оё шумо, эй хонанда, дар даврони муайяни ҳаёти худатон ногаҳон пай бурда бошед, ки назари шумо дар бораи чизҳо бакуллӣ тағьир ёфтааст, гӯё тамоми чизҳое, ки то он замон дидаед, якбора як паҳлуи дигари ношиносашонро ба шумо гардонда бошанд? Ҳамин тур тағьири маънавӣ дафъаи нахустин дар овони сайру сафари мо дар ман падид омад, ки ман инро оғози навҷавонии худ мешуморам.

Дар ман дафъаи нахустин фикри равшан падид омад, ки на танҳо мо, яъне хонадони мо, дар олам зист мекунем ва на ҳамаи манофеъ дар атрофи мо давр мезанад, балки дигар ҳаёте низ дар атрофи мо мавҷуд аст, ва мардумоне ҳастанд, ки ба мо робитае надоранд, ғами моро намехӯранд ва ҳатто аз мавҷудияти мо хабаре ҳам надоранд. Бешубҳа ман пеш аз ин ҳам инро медонистам; вале на он тур медонистам, ки имрӯз ба ман аён шуд, ин тур фаҳм намекардам, эҳсос намекардам.

Фикр аз як роҳи муайяне гузашта шакли қаноат ва эътиқодро ба худ мегирад ва бештар бакуллӣ бидуни интизор, берун аз он роҳҳое меравад, ки ақлҳои дигар барои онҷунон эътиқодро ҳосил кардан тай мекунанд. Гуфтугузор бо Катенька, ки маро бисьёр мутаассир карда буд ва дар бораи ҳаёти ояндаи ӯ маро водор карда буд, ки дурусттар андеша кунам, барои ман ҳамин гуна роҳ буд. Ҳангоме ки ман ба деҳа ва

шаҳрҳое, ки мо аз онҳо мегузаштем, назар меафкандам, хонаҳоеро медидам, ки дар ҳар кадомашон ақаллан ҳамин тур хонадонҳои монанди худи мо мезистанд, занҳо, бачагонеро мушоҳида мекардам, ки бо кунҷковии онӣ ба аробаи мо нигоҳ мекарданд ва абадӣ аз чашми мо ғоиб мешуданд, ба дӯкондорҳо ва деҳқононе менигаристам, ки на танҳо ба мо таъзим намекарданд, чунонки ман дар Петровское одат кардаам, ҳатто ба сӯи мо назаре афканданро низ лоиқ намешумурданд, ба сари ман дафъаи нахустин буд, ки чунин пурсиш омад: онҳо чӣ шуғле доранд, агар дар бораи мо кӯшише надошта бошанд? Ва аз ин пурсиш дигаронаш падид омаданд: онҳо чӣ тур ва бо чӣ зиндагонӣ мекунанд, бачагонашонро чӣ тур тарбия мекунанд, онҳоро оё мехононанд, ба бозӣ кардан иҷоза медиҳанд ва ба чӣ ранг ҷазо медиҳанд? ва монанди инҳо...

Боби IV

ДАР МОСКВА

Ба Москва омадем ва тағьир ёфтани назари ман ба чизҳо, ба одамҳо ва муносибати ман ба онҳо боз равшантар шуд.

Дар мулоқоти нахустин бо модаркалон, ҳангоме ки ман рӯи пурчини лоғар ва дидагони берӯҳи ӯро дидам, ҳисси эҳтироми итоаткорона ва тарсе, ки нисбат ба ӯ доштам, ба дилсӯзӣ мубаддал гашт; ва ҳангоме ки ӯ бо рӯи худаш ба сари Любочка афтода гирья карда сар дод, гӯё дар пеши назари ӯ, колбуди беҷони духтари дӯстдоштааш буда бошад, ҳисси дилсӯзии дар дили ман низ ба муҳаббат табдил ёфт. Барои ман мушоҳида кардан андӯҳи ӯро дар вақти мулоқот бо мо ногувор омад; ман мефаҳмидам, ки мо худамон дар назари ӯ ноҷизем ва барои ӯ фақат чун хотираҳои гузашта арзиш дорем ва ман дар ҳар бӯсае, ки рухсораи маро ба он мепӯшид, танҳо як маънӣ медидам: ӯ нест, ӯ мурдааст, ман ӯро дигар нахоҳам дид!

Падарам, ки дар Москва қариб ҳеҷ бо мо машғул намешуд ва ҳамеша бо чеҳраи пурташвишу тараддуд, танҳо дар вақти наҳорӣ дар сюртуки сиёҳ ё фрак пеши мо меомад,— ҳамроҳи гиребонҳои бузурги берун

баровардаи пироҳанаш, либосҳои хонапӯшӣ, саркорон ва гумоштагон ва рафту омадҳояш ба хирманҷою шикор дар назари ман қадру қиматашро хеле аз даст дода буд. Карл Иваныч, ки модаркалон ӯро *амаки* меномид, ва худо медонад, ки ӯ ногаҳон аз чи сабаб сари бемӯи мӯҳтарами ба ман ошнои худашро бо мӯи сохтаи сурхранге, ки қариб дар худи миёнаҷои сараш фарқи ресмонӣ дошт, иваз карда барои ман чунон аҷиб ва хандаовар намуд, ки ман мутаҳайир гаштам, чи тур шуда буд, ки то ҳол ман инро пай набурда будаам.

Миёни мову духтаракон низ як монеаи ниҳонӣ падид омад; онҳо ва мо ҳар кадомамон худамон розҳои ниҳонӣ доштем; гӯё ки онҳо бо доманҳои рӯз аз рӯз дарозтар шуда истодаашон дар пеши мо фахр мекарданд ва мо низ дар навбати худ ба онҳо бо шалворҳои худҳомон, ки дар зери по бандак дошт, меболидем. Мими бошад, дар якшанбеи нахустин, ба наҳорӣ бо чунон либоси пуршукӯҳе ва бо чунон навори паҳнаке бар сар берун омад, ки акнун худи ҳамин вақт маълум шуда буд, ки мо дар деҳа нестем ва аз ин пас ҳамаи гирудор дигар хоҳад гашт.

Боби V

БАРОДАРИ БУЗУРГ

Ман фақат як солу чанд моҳе аз Володя хурдтар будам; мо ҳамеша якҷо мехондем, якҷо бозӣ мекардем ва бо ҳам калон шудем. Миёни мо фарқ намегузоштанд, ки ин калон аст ва он хурд; вале дар худи ҳамин овоне, ки ман зикр мекунам, ман ба фаҳмидан сар кардам, ки Володя ба ман рафиқи ҳамсол, ҳамтамоюлот ва ҳамқобилият нест. Ба ман ҳатто чунин менамуд, ки худи Володя низ бартарии худашро мефаҳмад ва ба он ифтихор ҳам мекунад. Ин эътиқод ва қаноати ман шояд ҳам ки қаноати козиба бошад буд, вале дар ҳар ҷангу ҷидол бо ӯ иззати нафси ман, ки коҳиш медид, инро ба ман талқин мекард. Ӯ дар ҳар ҷиҳат: дар тафриҳот, дар таҳсил, дар низоъҳо ва дар рафтору кирдор аз ман баландтар меистод ва ҳамаи

ин маро аз ӯ дуртар мекард ва маро водор менамуд, ки як азоби дарунии номафҳуме бикашам. Ҳангоме ки барои Володя дафъаи аввалин пироҳани голландии чиндор дуруст карданд, агар ман рӯи рост мегуфтам, ки ҳамин тур пироҳан надоштан барои ман андӯҳовар аст, ман боварӣ дорам, ки дилам холӣ мешуд ва он гоҳ ҳар дафъае, ки ӯ гиребончаҳои он куртаро дуруст ва соз мекард, ба ман чунон наменамуд, ки ӯ инро маҳз барои таҳқири ман мекарда бошад.

Маро бештар аз ҳама он азият мекард, ки Володя баъзан, ба гумонам, ин эҳсоси маро мефаҳмад, вале мекӯшад, ки онро аз ман пинҳон дорад.

Он муносибатҳои беҳарфу савти асроромезро, ки дар лабхандҳои нимнамоён, дар ҳаракат ё нигоҳе миёни бошандагони як хонадон: миёни бародарон, дӯстон, зану шавҳар, хоҷагон ва ходимон, хусусан дар он ҳоле, ки ин ашхос дар миёни худашон на ҳамеша муомилоти кушоду равшан дошта бошанд, ҳувайдо мегардад, кӣ мушоҳида накардааст. Чандин афкору орзуҳои ногуфта, тарсу ваҳм аз ошкор шудани асрор аст, ки дар як нигоҳи тасодуфӣ, ҳангоме ки бечуръатона ва музтарибона чашмони шумо ба якдигар бармехӯранд, ифода карда мешавад!

Аммо мумкин аст, ки ҳассосияти аз ҳад зиёди ман ва бештар ба таҳлили воқеот тамоил доштанам, дар ин бора маро ба ғалат меандохта бошад; мумкин аст, ки Володя ҳеҷ гоҳ аз он чӣ, ки ман эҳсос мекардам, хабар надошта бошад. Ӯ зудҷӯш, дилсафед ва дар тамоилоташ бедавом буд. Ба чизҳои бисьёр гуногун дил баста, ба онҳо маҳкам аз ҷону дил мечаспид.

Воқеъ мешуд, ки гоҳе дар дили ӯ ҳавас ба суратҳо ва нақшҳо пайдо мешуд: худаш ба сурат кашидан сар мекард, ба ҳамаи пулаш расмҳо мехарид, аз муаллими расм, аз падар, аз модаркалон дархост мекард; гоҳе ба чизҳое ҳавас пайдо мекард, ки аз тамоми ҳавлӣ ҷамъ карда оварда рӯи мизашро ба онҳо зинат медод; гоҳе ба романҳо ҳавасгор мешуд, ки пинҳонӣ ба даст меовард ва шабҳою рӯзҳо мехонд... Ман беихтиёрона ба ҳавасҳои ӯ иштиғол меварзидам; вале он қадар ғурур доштам, ки роҳи ӯро таъқиб намоям ва ҳанӯз хур-

дӣ мекардам ва соҳиби иродаи мустақил набудам, ки як роҳи тозае барои худам бигирам. Вале ман ба ҳеҷ кори ӯ рашк намебурдам, ба ғайр аз табиати хушу хуррам ва олиҷанобонаи самимонаи Володя, ки билхосса дар ҳангоми ҷангу ҷидол дар миёни мо зоҳир мешуд. Ман медидам, ки ӯ дар он ҳолат бисьёр хуб рафтор менамояд, вале ман аз тақлид кардан ба ӯ оҷиз будам.

Рӯзе дар вақти авҷи ҳавасу ҳирси ӯ ба чизҳо, ман ба мизи ӯ наздик омадам ва шишачаи ҳаррангаи холиро надониста шикастам.

— Ба ту кӣ гуфт, ки ба чизҳои ман даст ковӣ? — гуфт Володя ба хона даромада, чун дид, ки тартибу таносуби чизҳои рӯи мизро ман вайрон карда будам.— Куҷост он шиша? албатта ту...

— Надониста онро ғалтондам ва он шикаст, хайр чӣ шудааст?

— Меҳрубонӣ кун, ҳеҷ гоҳ ба чизҳои ман даст нарасон,— гуфт ӯ ва шикастаҳои шишаро баҳам оварда соз карданӣ шуда ба онҳо бо назари аламу андӯҳ нигоҳ мекард...

— Хоҳиш мекунам, *бисьёр дӯғ назан,*— ҷавоб гуфтам ман.— Шикастам, хайр, шикастам; чӣ ҷои гуфтугӯст!

Ва ман табассум кардам, ҳар чанд ҳеҷ табассум кардан намехостам.

— Дуруст аст, барои ту чизе нест, вале барои ман *чизаст,*— гӯён давом намуд Володя ва китфашро он чунон ҷунбонд, ки ин ҳаракатро аз падарам ба ирс дарьёфта буд.— Шикастаасту боз ханда ҳам мекунад, *бачаи* нобакор!

— Ман бача; аммо ту калони беақл.

— Хоҳиши бо ту ҷанг кардан надорам,— гуфт Володя ва оҳиста маро тела дод,— бирав.

— Тела надеҳ!

— Бирав мегӯям!

— Ман ба ту мегӯям, тела надеҳ!

Володя аз дасти ман дошт ва хост маро аз миз дуртар бикашад; вале ман акнун аз ҳад зиёд оташин шуда будам: аз пояи миз гирифтам ва онро чаппа кар-

дам. «Мана набошад!» ва ҳама зебу зиннатҳои чинӣ ва булӯрӣ бо ҷарангос ба замин рехт.

— Бачаи нобакори манфур!..— гӯён фарьёд кашид Володя ва мекӯшид, ки чизҳои ба замин рехтаистодаро нигоҳ дорад.

«Ана, акнун миёни ҳардуямон бакуллӣ вайрон шуд,— гуфта пеши худ андешидам ман, ҳангоме ки аз хона берун мешудам,— мо як умрӣ акнун ҷангӣ шудем».

То бегоҳонӣ мо бо якдигар гап назадем; ман худамро гунаҳкор мешумурдам ва метарсидам, ки ба ӯ назар афганам ва тамоми рӯз натавонистам машғули коре бишавам; Володя бошад баръакс хуб мехонд ва мисли ҳамешагӣ пас аз наҳорӣ бо духтаракон сӯҳбат мекард ва механдид.

Муаллим ки дарсро тамом кард, ман аз хона берун мебаромадам: барои ман тарсовар, носозвор ва шармовар буд, ки бо бародарам танҳо як ҷо бимонам. Пас аз дарси бегоҳонии таърих, ман дафтарҳоямро бардоштам ва рӯ ба дар равон гаштам. Ҳангоме ки аз паҳлӯи Володя мегузаштам, ҳарчанд дилам мехост ба ӯ наздик биравам ва бо ӯ оштӣ намоям, ман кӯшидам рӯямро турш карда бадқаҳрона ба ӯ нигоҳ кунам. Володя дар ин лаҳза сарашро боло бардошт ва бо лабханди ҳалимонаи тамасхуромез, ки базӯр намоён буд, ҷасурона ба ман нигоҳ кард. Чашмони мо ба ҳам вохӯрданд ва ман фаҳмидам, ки ӯ фикри маро дарьёфтааст ва онро, ки ман фикри ӯро фаҳмидаам, низ пай бурда истодааст; вале як эҳсоси ғайри қобили муқовамате маро водор намуд, ки рӯи худамро аз ӯ бигардонам.

— Николенька! — гуфт ӯ ба ман бо садои оддии тамоман ором,— бас аст қаҳр карда гаштан. Маро бубахш, агар ман туро озоре расонда бошам.

Ва ӯ дасташро ба ман дароз кард.

Ба ман чунон омад, ки гӯё чизе аз поён ба боло бардошта шуда синаи маро фишор додан гирифт ва нафаси маро танг мекард; вале ин ҳол фақат як лаҳза давом намуд: дар чашмони ман сиришк падидор гашт ва ҳоли ман сабуктар шуд.

— Бубахш ма...ро, Вол...дя! — гуфтам ман дасти ӯро фишурда истода.

Аммо Володя ба ман нигоҳ мекард ва ғӯё ҳеҷ намефаҳмид, ки аз чи сабаб дар чашмони ман сиришк падидор гаштааст...

Боби VI

МАША

Аммо ҳеҷ як аз тағьироте, ки дар назари ман нисбат ба чизҳо пайдо шуд, ба худи ман мисли он дигаргуние ҳайратангез набуд, ки дар натиҷаи он ман ба яке аз ходимаҳоямон на чун ба хидматгорзан, балки чун ба *зане* менигаристагӣ шудам, ки як дараҷа осудагӣ ва саодати ман вобаста ба ӯ буда бошад.

Аз он замоне, ки ман худамро ёд дорам, Машаро низ дар хонаи худамон дар ёд дорам ва ҳеҷ гоҳ то ба он ҳодисае, ки назари маро дар бораи ӯ тағьир дод, ва дар он бора ҳозир гуфтан мехоҳам, ман ба ӯ ҳеҷ як аҳамияте надода будам. Маша як биступанҷ соле дошт, ҳангоме ки ман чордаҳ сол доштам; ӯ бисьёр зебо буд; вале ман аз тасвир кардани ӯ метарсам, метарсам, ки тасаввуроти ман боз дар пеши назари ман як симои дилрабо ва фиребандаеро, ки дар хаёли ман дар овони эҳтирос таҷассум ёфта буд, пеш орад. То ки хатое накунам, ҳамин қадар мегӯям, ки ӯ аз ҳад зиёд сафед, аз ҳар ҷиҳат ба камол расида ва зани ҳақиқӣ буд; ман бошам, чордаҳ сол доштам.

Дар яке аз он дақиқаҳое, ки китоби дарсиро ба даст гирифта, дар рӯи хона бо кӯшиши қадам задан фақат болои тарқишҳои тахтафарши хона гардиш мекунӣ ё бо сурудани қадом яке аз оҳангҳои номутаносиб, ё ки бо молидани сиёҳӣ ба канори миз, ё ки дар бораи маъноияш фикре накарда бо такрор кардани яке аз гуфторҳо машғул мешавӣ,— хулоса дар яке аз он дақиқаҳое, ки ақл аз кор даст мекашад ва хаёлот боло гирифта таассурот меҷӯяд, дар ҳамин тур вақте ман аз дарсхона берун рафтам ва бе ҳеҷ муддаое ба майдончаи зина фуруд омадам.

Касе кафш дар пой аз роҳи дигари зина боло мебаромад. Албатта ман кӣ будани ин одамро донистанӣ шудам, вале ба ногоҳ садои пой хомӯш шуд ва ман овози Машаро шунидам: «Эҳ, монеде, шумо чӣ шӯхӣ мекунед, як Мария Ивановна омада монанд, магар хуб мешавад?»

«Намебиёяд,— гуфт овози Володя пичирросзанон ва дар паи ин чизе ба ҷунбиш омад, гӯё Володя мехост ӯро нигоҳ дорад.

— Хӯш, шумо дастатонро куҷо дароз карда истодед. Бе шарм!» — ва Маша бо сарбанди ба як сӯ кашида шудааш, ки аз зери он гардани сафеди фарбеҳ намудор буд, аз паҳлӯи ман давида гузашта рафт.

Ин кашфиёт то чӣ дараҷа маро ба ҳайрат андохт, таъбир кардан наметавонам, аммо ин ҳисси ҳайрат ба зудӣ ҷои худро ба хайрхоҳӣ нисбат ба ҳаракати Володя супурд: акнун маро худи ин муомилаи Володя ба ҳайрат намеандохт, аммо он чиз маро ба ҳайрат андохта буд, чигуна ӯ донистааст, ки ин тур рафтор лаззатбахш аст. Ва маро беихтиёр хоҳиши ба ӯ тақлид кардан пайдо шуд.

Ман гоҳе соатҳои дароз дар майдонча бе ҳеҷ муддаое вақт мегузарондам ва бо диққати тамом ба ҳар ҳаракате, ки дар боло пайдо мешуд, гӯш медодам; вале ҳеҷ гоҳ худамро маҷбур кардан наметавонистам, ки ба Володя тақлид намоям, ҳар чанд ин орзу дар ман аз ҳар чӣ, ки дар дуньё ҳаст, бештар буд. Гоҳе дар паси дар пинҳон гашта бо ҳисси гарони рашку ҳасаде кашмакашеро, ки аз хонаи ходимагон шунида мешуд, гӯш мекардам ва ба дилам мегузашт, вазъияти ман чӣ мешуда бошад, агар ман ба боло бароям ва чунон ки Володя карда буд, бихоҳам Машаро бӯса кунам? Ҳангоме ки ӯ аз ман пурсад, ман чӣ мехоҳам, ман ба ӯ бо ин бинии фарох, бо теппакокули барҷаста истодаи худам, ба ӯ чӣ мегуфта бошам? Гоҳе ман мешунидам, ки Маша ба Володя мегуфт: «Ин чӣ бало буд! шумо чӣ ба ман ин тур мечаспед, равед аз ин ҷо, шӯхӣ накунед... аз барои чӣ Николай Петрович ҳеҷ гоҳ ин ҷо намеояд ва бемазагӣ намекунад...» Ӯ намедонист, ки Николай Петрович дар ҳамин лаҳза дар зери зина нишастааст ва ҳар чи дар олам аст, ба до-

дан ҳозир аст дар ивази он, ки дар ҷои Володяи шӯх бошад.

Ман табиатан шармгин будам, аммо ин ҳоли ман аз он қаноат, ки дар баднамоии худ пайдо карда будам, бештар шуда буд. Ва ман қаноат ҳосил кардаам, ки ҳеҷ чиз он қадар таъсири ғолибонае ба рафтори одамӣ надорад, чун шамоили зоҳирии ӯ ва на чандон худи зоҳири ӯ, ки қаноат ва боварии ӯ ба ҷозибадор будан ё набудани он.

Ман бисьёр соҳиби иззати нафс будам, то ки ба вазъияти худ одат намоям, ба сони рӯбоҳ худамро ба он тасаллӣ медодам, ки ангур ҳанӯз хом аст, яъне кӯшиш мекардам, ки ба ҳамаи лаззатҳое, ки ба шарафи намуди зоҳирии дилрабо ва дилкаш ба даст меомад ва дар назари ман Володя аз онҳо манфиатбардор буд ва аз ин сабаб ман аз самими қалб ба ӯ ҳасад мебурдам, бо назари ҳақорат бингарам, ва ҳамаи қувваи оқилона ва хаёлоти худамро ба амал медаровардам, ки аз танҳоии мағрурона лаззат бигирам.

Боби VII

СОЧМА

— Вай, худое, борут!..— гӯён фарьёд кашид Мими аз ҳаяҷон дамаш гулӯгир шуда.— Шумо чӣ кор карда истодаед? Шумо хонаро оташ задан мехоҳед, ҳамаи моро несту нобуд карданӣ ҳастед...

Ва бо як адои таъбирнопазири матонати рӯҳӣ Мими ба ҳама фармуд, ки дур шавем ва худаш бо қадамҳои бузурги қатъӣ ба назди сочмаи дар замин пошхӯрдагӣ омад ва хатареро, ки аз таркидани ногаҳонии он ба вуҷуд хоҳад омад, писанд накарда онро поймол кардан гирифт. Ҳангоме ки ба назари ӯ хатар акнун бартараф шуд, Михейро садо кард ва ба ӯ фармуд, ки ҳамаи он *сочмаро* ба ҷои дуртар биандозад, балки беҳтар аз ҳама ба об партояд ва мағрурона кулӯтаашро такон дода ба сӯи меҳмонхона раҳсипор гашт. «Ба онҳо бисьёр хуб нигоҳубин мекунанд, ҳеҷ ҷои гап нест»,— зери лаб ғур-ғуркунон мегуфт ӯ.

Ҳангоме ки падарам аз хонаи худаш омад ва мо ҳамроҳи ӯ ба ҳузури модаркалон рафтем, Мими кайҳо дар хонаи ӯ назди тиреза нишаста буд ва бо як адои асроромези расмиёнае ба паҳлуи дар нигоҳи таҳдидомезона мекард. Дар дасти ӯ, даруни чанд қабат коғаз чизе печондагӣ буд. Ман пай бурдам, ки ин сочма аст ва модаркалон акнун аз ҳама чиз огоҳ шуда аст.

Ба ҷуз Мими дар хонаи модаркалон боз ходимае буд, Гаша ном дошт, ва аз чеҳраи ғазаболуди супсурхшудаи ӯ ҳувайдо мешуд, ки бисьёр мушаввашхотир буд ва доктор Блюменталь, мардаки доғи нағзакдори хурдакак, низ дар он ҷо ҳузур дошт, ки Гашаро бо чашму сар ишораҳои асроромези сулҳпарварона мекард ва тасаллӣ доданӣ мешуд.

Худи модаркалон андаке ба як паҳлу нишаста буд ва қартаҳои бозиро ба шакли *Сайёҳ* мечид, ки ин ҳамеша ба номусоидии аҳволи рӯҳияаш далолат мекард.

— Шумо ҳоло худатонро чӣ тур ҳис мекунед, модарҷон? нағз хоб кардед? — гӯён пурсид падарам, эҳтиромкорона дасти ӯро бӯсида.

— Бисьёр хуб, меҳрубони ман; шумо шояд донед, ки ман ҳамеша бисьёр тандуруст ҳастам,— гӯён ҷавоб дод модаркалон бо чунон оҳанге, ки гӯё суоли падар бисьёр нобаҷо ва ҳақоратомезона буда бошад.— Хӯш, шумо ба ман рӯмолчаи тоза доданӣ ҳастед? — давом намуд ӯ ба Гаша мурочиат карда.

— Ман ба шумо додам,— ҷавоб гуфт Гаша ва рӯмолчаи батисти мисли барф сафеде, ки ба рӯи дастаи кресло ниҳода шуда буд, нишон дод.

— Ин латтакӯҳнаи чиркинро бигиред ва ба ман тозаашро бидиҳед, азизам.

Гаша ба сандуқи рахт наздик рафт, қуттиашро кашид ва онро чунон сахту маҳкам баст, ки шишаҳои тирезаи хона ба ларза омаданд. Модаркалон ба ҳамаи моён таҳдидомезона назар афганд ва тамоми ҳаракати ходимаро бо диққат таъқиб кардан гирифт. Ҳангоме ки ӯ ба назарам худи ҳамон рӯмолчаро ба ӯ дод, модаркалон гуфт:

— Шумо акнун кай барои ман тамоку кӯфта медиҳед, меҳрубони ман?

— Вақт пайдо кунам, кӯфта медиҳам.

— Шумо чӣ гуфтед?

— Ҳозир мекӯбам.

— Агар шумо ба ман хидмат карданро намехоста бошед, меҳрубони ман, инро ба ман мегуфтед, ман шуморо кайҳо ҷавоб медодам.

— Ҷавоб диҳед ҳам, гирья намекунам,— зери лаб ғур-гур карда гуфт бо овози паст ходима.

Дар ҳамин ҳангом доктор ба сӯи ӯ чашмаке заданӣ шуд; вале ӯ чунон бадқаҳрона ва бо қатъият ба тарафи доктор назар афканд, ки ӯ ҳамон лаҳза чашмонашро ба поён дӯхт ва бо калиди соаташ машғули бозӣ шуд.

— Мебинед, меҳрубонам,— гуфт модаркалон ба падарам муроҷиат карда, ҳангоме ки Гаша ғур-ғуркунон аз хона берун мерафт,— дар хонаи худам бо ман чӣ тарз муомила менамоянд?

— Иҷозат бифармоед, модарҷон, ман худам барои шумо тамоку кӯфта диҳам,— гуфт падарам, гӯё ки аз ин муроҷиати ногаҳонии модаркалон дар ҳолати душворе афтода бошад.

— Не, не, ташаккур мекунам: ӯ аз он сабаб ин қадар бадмуомала аст, ки медонад, ба ҷуз ӯ каси дигар, он чунон ки ман дӯст дорам, наметавонад тамоку тайёр намояд. Шумо магар медонед, азизам,— гӯён давом намуд модаркалон пас аз дақиқае хомӯшӣ,— бачагони шумо имрӯз кам монда буд, ки хонаро оташ зананд?

Падарам бо кунҷковии эҳтиромкоронае ба модаркалон нигоҳ мекард.

— Ҳа, онҳо ана бо чи чизҳо бозӣ мекунанд. Ба эшон нишон диҳед,— гуфт ӯ ба Мими рӯй оварда.

Падарам сочмаро ба даст гирифт ва худашро аз табассум нигоҳ доштан натавонист.

— Охир, ин сочма аст, модарҷон,— гуфт ӯ,— ин тамоман бехатар аст.

— Аз шумо бисьёр миннатдорам, азизам, ки шумо маро ёд медиҳед, вале ман акнун хеле солхӯрдаам...

— Асаб, асаб! — пичиррос зад доктор.

Ва падарам дар ҳамон он ба мо муроҷиат намуд:

— Шумо инро аз куҷо гирифтед? ва чӣ тур шумо ҷуръат кардед бо ин чизҳо бозӣ кунед?

— Аз онҳо ҷои пурсидан нест, аз *амакияшон* пурсидан лозим аст,— гуфт модаркалон калимаи *амакиро* бо як адои ҳақоратомезона талаффуз карда,— ӯ чӣ тур ба инҳо назорат мекунад?

— Вольдемар гуфт, ки худи Карл Иваныч ин *борутро* ба ӯ додааст,— илова кард Мими.

— Инак мебинед, чӣ тур ӯ нағз аст,— гӯён давом намуд модаркалон,— ва дар куҷост худи ин *амакӣ*, номаш чӣ буд? онро бифиристед ин ҷо.

— Ман ӯро рухсат додаам, ки ба меҳмонӣ равад,— гуфт падарам.

— Ин баҳона шуда наметавонад. Ӯ бояд ҳамеша ин ҷо ҳозир буда бошад. Бачагон азони ман нестанд, они шумо ҳастанд. Ман ҳаққи ба шумо маслиҳат додан надорам, зеро шумо аз ман оқилтаред,— гӯён давом намуд модаркалон,— вале ба назарам чунин меояд, ки барои онҳо замони як мураббии дигар гирифтан расидааст, на *амакӣ*, на деҳқони олмонӣ даст гирифтан. Ҳа, як деҳқони нодонро, ки ба онҳо чизе таълим додан наметавонад, ба ҷуз рафтори нолоиқ ва сурудҳои тиролӣ. Ман аз шумо суол менамоям, магар сурудҳои тиролӣ ёд гирифтан барои бачагон бисьёр зарур аст? Хайр, *акнун* касе нест, ки дар ин бора бияндешад ва шумо ҳар чи, ки мехоҳед, метавонед кунед.

Калимаи «акнун» чунин маънӣ дошт: ҳангоме ки онҳо модар надоранд, бинобар он ин калима дар дили модаркалон хотироти аламнок бедор кард,— ӯ чашмонашро ба тамокудони суратнок поин афганд ва ба андеша фурӯ рафт.

— Ман хеле вақт аст, ки дар ин бора фикр мекунам,— фавран гуфт падарам,— ва бо шумо мехостам дар ин бора маслиҳат намоям, модарҷон: St-Jérôme-ро, ки алҳол ба онҳо бо билет дарс медиҳад, даъват намоем чӣ тур мешавад?

— Бисьёр хуб мекунӣ, дӯсти ман,— гуфт модаркалон акнун на ба он садои норизомандӣ, ки пештар дошт.— St-Jérôme ҳар чи бошад як gouverneur[1] аст, ки

[1] мураббӣ

медонад des enfants de bonne maison[1] чи тарз парастор̄ намояд ва як menin-и оддӣ, *амакӣ* нест, ки фақат бачагонро ба гардиш бурданро донаду бас.

— Ман худи фардо бо ӯ гапзанон мекунам,— гуфт падарам.

Ва дар ҳақиқат, баъди ду рӯзи ин гуфту гузор Карл Иваныч ҷои худашро ба ҷавони олуфтаи французи супурд.

Боби VIII

САРГУЗАШТИ КАРЛ ИВАНЫЧ

Аввали шаби арафаи он рӯзе, ки мебоист Карл Иваныч ба ҳамешагӣ аз мо биравад, ӯ дар ҷомаи пахтанок ва кулоҳи сурхаш, дар паҳлуи тахти хобаш истода ба рӯи ҷомадонаш хам шуда, чизу чораи худашро дар он бо диққат ҷо ба ҷо мекард.

Муомилаи Карл Иваныч бо моён дар ин рӯзҳои охир як дараҷа сардтар шуда буд: гӯё ӯ аз ҳар ранг муносибат бо мо худдорӣ менамуд. Ҳоло ҳам, ҳангоме ки ман ба хона даромадам, ӯ ба ман зери чашмӣ нигоҳ кард ва боз ба кори худ машғул шуд. Ман дар ҷои хоби худам дароз кашидам, аммо Карл Иваныч, ки пештар ин корро ба шиддат манъ мекард, дигар ба ман чизе нагуфт ва андешаи он, ки аз ин пас ӯ моро на ҷанг хоҳад кард ва на ба корҳои нодурусти мо монеъ хоҳад шуд ва акнун ӯро бо мо ҳеҷ сару коре намондааст, ба ман ҷудоии дар пешистодаро ошкор ёдоварӣ намуд. Маро андӯҳе фаро гирифт, ки ӯ акнун моро дӯст намедорад, ва ман мехостам, ки ин ҳиссиётро ба ӯ вонамоям.

— Иҷозат бидиҳед, Карл Иваныч, ман ба шумо ёрмандӣ расонам,— гуфтам ман ва ба ӯ наздик рафтам.

Карл Иваныч ба ман назаре афканд ва боз рӯяшро гардонд, вале дар назари яклаҳзагии ӯ, ки ба сӯи ман афканда буд, на бепарвоие, ки сард шудани муҳаб-

[1] фарзандони хонадони ашрофро

бати ӯро ба ман нишон медод, балки андӯҳи самимии ҷиддиро мушоҳида намудам.

— Худованд ҳамаро мебинад, ҳамаро медонад ва коре, ки мешавад, ба иродаи ӯ мешавад,— гуфт ӯ қоматашро рост гирифта ва оҳи сарде кашида.— Ҳа, Николенька,— гӯён давом намуд ӯ, чун дид, ки ман бо як адои дилсӯзии самимона ба сӯи ӯ менигарам,— қисмати ман аз ҳамон овони кӯдакӣ сар карда, ҳамин ранг бадбахтӣ будааст, то тахтаи тобут ҳамин тур меравад. Ба ман ҳамеша ба некиҳое, ки ба мардумон кардаам, бо бадӣ аҷр додаанд ва аҷри ман на дар ин ҷо, балки аз он ҷо хоҳад буд,— гуфт ӯ ба осмон ишора карда.— Агар шумо саргузашти маро медонистед ва он чиро, ки ман дар зиндагӣ дидаам, хабар медоштед!.. Ман мӯзадӯз будам, сарбоз будам, ман *гуреза* будам, ман фабрикант будам, ман омӯзгор будам ва акнун ман сифр шудаам! Ва ба мани дар роҳ монда сарпаноҳе нест, ки дар сояи он ҷой бигирам,— суханашро ҳамин тарз ба поён расонд ва чашмонашро баста дар креслои худаш фурӯ нишаст.

Дидам, ки Карл Иваныч дар он ҳолати рӯҳияи риққатоваре воқеъ аст, ки дар он ҳолат ба ҳеҷ шунаванда эътино наварзида, худ ба худ андешаҳои ниҳониашро мегӯяд, ман аз чеҳраи меҳрубононаи ӯ чашм наканда, ба рӯи тахти хоби худ нишастам.

— Шумо бача нестед, шумо фаҳмидан метавонед. Ман ба шумо саргузашти худамро мегӯям ва он чи, ки дар рӯзгори худ дидаам, ба шумо баён мекунам. Замоне хоҳад омад, ки шумо дӯсти деринаи худатонро, ки шуморо бисьёр дӯст медошт, ёд хоҳед кард, бачагон!..

Карл Иваныч бо оринҷаш ба чорпоячае, ки дар паҳлуи ӯ буд, такья кард ва тамокуе бӯй карда чашмонашро ба осмон дӯхта бо ҳамон овози ғафси якоҳангу хосе, ки одатан бо он ба мо имло мегуфт, ҳикояи худашро чунин оғоз намуд:

— *Ман ҳанӯз дар раҳми модар сиёҳбахт будаам!*— гуфт ӯ бо забони вайрони русӣ.— Das Unglück verfolgte mich schon im Schosse meiner Mutter! — бо ҳиссиёти бештаре такрор кард ӯ.

Чун Карл Иваныч на як дафъа ва танҳо бо як тартиб ва таъбир ва доимо бо як оҳанги тағьир намеёфтагӣ, саргузашти худашро баъдҳо ба ман ҳикоя карда буд, ман умед мекунам, ки онро лафз ба лафз битавонам нақл бинамоям: албатта хатоҳои забонӣ, ки хонанда аз ҷумлаи нахустини ӯ ҳукм карда метавонад, дар ин ҷо такрор нахоҳад шуд. Ин саргузашт оё дар ҳақиқат ҳикояи ҳоли ӯ ё ҳосилоти хаёлоти ӯ будааст, ки дар ҳаёти ба танҳой дар хонаи мо гузарондааш, ба вуҷуд омадааст ва ӯ худ низ аз бисьёр такрор кардан ба онҳо бовар мекардагӣ шудааст, ё ки воқеаҳои ҳаётии худашро, бо ҳодисаҳои хаёлӣ зинат додааст — ман ҳанӯз ин қадарашро ҳал карда натавонистам. Аз як ҷиҳат бо як ҳарорати баланде, бо як тартиби мунтазам, ҳикоя карданаш, ки аломати рост будани онҳост, нишон медод, ки ҷои шакку шубҳа ба воқеӣ будани он наемонад; аз ҷиҳати дигар, аз бас зебоиҳои шоирона дар он саргузашт бисьёр ривоя мешуд, ҳамин иборапардозиҳо боиси шубҳа мегашт.

«Дар раги ман хуни асилзодагони графҳои фон Зомерблат равон аст! In meinen Adern fliesst das edle Blut des Grafen von Sommerblat! Ман шаш ҳафта пас аз ақд ба дуньё омадаам. Шавҳари модари ман (ман ӯро падарҷон мегуфтам) иҷорагири граф Зомерблат буд. Ӯ гуноҳи модари маро фаромӯш кардан наметавонист ва маро дӯст намедошт. Ман як додари хурдсол, ки номаш Johann[1] буд ва ду хоҳар доштам; вале ман дар хонадони худамон бегона будам! Ich war ein Fremder in meiner eigenen Familie! Ҳар замоне ки Johann ягон кори нобаҷое мекард, падарам мегуфт: «Аз дасти ин Карл барои ман як дам оромӣ нахоҳад буд!», маро ҷанг мекарданд ва ҷазо медоданд. Ҳангоме ки хоҳарон дар миёни худашон қаҳрӣ мешуданд, падарам мегуфт: «Карл ҳеҷ гоҳ бачаи гап гӯш мекардагӣ намешавад!», маро ҷанг мекарданд ва ҷазо медоданд. Танҳо модараки дилсӯзи ман маро дӯст медошт ва навозиш менамуд. Аксар ӯ мегуфт: «Карл! ин ҷо биёед, ба хонаи ман», ва ӯ оҳиста маро бӯса мекард. «Бечора, бечора Карл!» — мегуфт ӯ,—

[1] Йоҳан

ҳеҷ кас туро дӯст намедорад, вале ман туро ба ҳеҷ як дигаре иваз намекунам. Модаракат аз ту фақат як хоҳише дорад,— мегуфт ӯ ба ман,— нағз хон ва ҳамеша одами бовиҷдон бош, худованд туро падруд нахоҳад кард! Trachte nur ein ehrlicher Deutscher zu werden — sagte sie — und der liebe Gott wird dich nicht verlassen!» Ман бошам, ҳамеша кӯшиш мекардам. Замоне ки соли ман аз чордаҳ гузашт ва ман лаёқати ба муновала рафтан пайдо кардам, модарҷони ман ба падарам гуфт: «Карл акнун бачаи калон шуда мондааст, Густав; ӯро чӣ бояд бикунем?» ва падарам ҷавоб дод: «Ман намедонам». Онгоҳ модаракам гуфт: «Ӯро ба шаҳр ба ҷаноби Шульц медиҳем, бигузор мӯзадӯз шавад!» ва падарам гуфт: «Хуб», und mein Vater sagte «gut». Шаш солу ҳафт моҳ ман дар шаҳр дар хидмати устои мӯзадӯз будам ва ӯ маро дӯст медошт. Ӯ мегуфт: «Карл коркуни хубест, ва ба наздикӣ ӯ ба ман Geselle [1] мегардад!», аммо чи бояд кард, ҳар чи дилат хост, на он мешавад, ҳар чи худо хост, ҳамон мешавад... дар соли 1796 Conscription[2] муқаррар шуда буд ва ҳама касоне, ки аз ҳаждаҳсола то бисту яксола қобили хидмати сарбозӣ буданд, мебоист, ба шаҳр гирд оянд.

Падарам ва додарам Johann ба шаҳр омаданд ва ҳамагӣ бо ҳам ба Loos[3] кашидан омадем, кӣ бояд Soldat шавад ва кӣ бояд Soldat нашавад. Johann қуръаи бад бардошт — ӯ бояд Soldat бишавад, ман қуръаи нек бардоштам — ман набояд Soldat бишавам. Ва падар гуфт: «Ман як писар доштам ва акнун бояд аз ӯ ҳам ҷудо гардам! Ich hatte einen einzigen Sohn und von diesem muss ich mich trennen!»

Ман аз дасти ӯ гирифтам ва гуфтам: «Аз чӣ сабаб шумо ин тур гуфтед, падарҷон? Биёед ин ҷо, ман ба шумо чизе мегӯям». Ва падар бо ман омад. Падар омад ва мо дар қаҳвахона дар паси мизи хурдаке нишастем. «Ба мо ду Bierkrug» [4] бидиҳед,— гуфтам ман

---

[1] халфа
[2] сарбозгирӣ
[3] қуръа
[4] қадаҳ оби ҷав

ва барои мо оварданд. Мо як стаканӣ нӯшидем ва додарам Johann низ нӯшид.

— Падарҷон! — гуфтам ман,— ин тур нагӯед, ки «ман як писар доштам ва аз он низ бояд ҷудо шавам», дили ман, ки инро мешунавад, мехоҳад аз ҷояш *бадар* равад. Додарам Johann ба аскарӣ нахоҳад рафт — ман Soldat мешавам!.. Карл дар ин ҷо ба касе лозим нест, Карл Soldat хоҳад шуд.

— Шумо одами бовиҷдон ҳастед, Карл Иваныч! — гуфт ба ман падар ва маро бӯсид. Du bist ein braver Bursche! — sagte mir mein Vater und küsste mich.

Ва ман Soldat будам!»

Боби IX

ДАВОМИ ГУЗАШТА

«Он замон, замони хатарнок буд, Николенька,— давом намуд Карл Иваныч,— он замон Наполеон буд. Ӯ мехост Германияро истило кунад ва мо ватани худамонро то як қатра хунамон мудофиа менамудем! und wir vertheidigten unser Vaterland bis auf den letzten Tropfen Blut!

Ман дар ҷабҳаи Ульм будам, дар Аустерлиц будам! ман дар ҷабҳаи Ваграм будам! ich war bei Wagram!»

— Магар шумо низ ҷанг кардаед? — гуфта пурсидам ман, дар ҳолате ки мутаҳайирона ба ӯ менигаристам.— Магар шумо низ одамонро куштаед?

Карл Иваныч дарҳол маро дар ин бора ором кард.

«Як бор Grenadir-и француз аз дастаи худаш боз монд ва дар роҳ афтод. Ман бо туфанг давида рафтам ва хостам, ки ба ӯ сарнайзаро бихалонам, aber der Franzose warf sein Gewehr und rief pardon [1], ва ман ӯро сар додам!

Дар ҷабҳаи Ваграм Наполеон моро ба ҷазирае ронд ва чунон муҳосира кард, ки ҳеҷ роҳи халос на-

---

[1] вале француз туфанги худашро партофт ва афв пурсид,

буд. Се шабонарӯз мо хӯрокворӣ надоштем ва то ба зонуякамон дар об истода будем. Наполеони бадкор моро на мегирифт, на сар медод! und der Bösewicht Napoleon wollte uns nicht gefangen nehmen und auch nicht freilassen!

Дар рӯзи чорӯм, шукри худо, ки моро ба асорат гирифтанд ва ба қалъа бурданд. Ман шалвори кабуд ва мундири моҳутии хуб, понздаҳ талер пул ва соати нуқра доштам, ки бахшиши падарам буд. Soldat-и франсавӣ ҳамаашро аз ман рабуд. Ба хушбахтии ман се червонс ҳам доштам, ки модаракам дар зери нимтанаам дӯхта буд. Онҳоро касе ёфтан натавонист!

Дар қалъа ман дуру дароз мондан нахостам ва гурехтанӣ шудам. Як мартаба, дар иди бузург, ман ба сержанте, ки аз болои мо назорат мекард, гуфтам: «Ҷаноби сержант, имрӯз иди бузург аст, ман мехоҳам онро ёд кунам. Хоҳиш мекунам ду шиша мадер биёред, ва мо бо шумо онро мехӯрем». Ва сержант «Хуб» гуфт. Чун сержант мадер оварда ва мо якпиёлагӣ хӯрдем, ман аз дасти ӯ гирифтам ва гуфтам: «Ҷаноби сержант, шояд шумо падару модар дошта бошед?..» Ӯ гуфт: «Ҳаст, ҷаноби Мауер...» «Падару модари ман, — гуфтам ман, ҳашт сол аст, маро надидаанд ва намедонанд, ки ман зиндаам ё ки устухонҳои ман кайҳо дар замини намнок хобидааст. Эй, ҷаноби сержант! ман ду червонс дорам, ки дар зери нимтанаам дӯхта шудааст, онҳоро бигиред ва маро сар диҳед. Хайрхоҳи ман бошед ва модараки ман тамоми умр дар ҳаққи шумо ба худованд дуо хоҳад кард».

Сержант як пиёла мадера нӯшид ва гуфт: «Ҷаноби Мауер, бисьёр дилам ба шумо месӯзад ва шуморо бисьёр дӯст медорам, лекин шумо асир ҳастед ва ман Soldat!» Ман дасти ӯро фишурдам ва гуфтам: «Ҷаноби сержант!» Ich drückte ihm die Hand und sagte: «Herr Sergeant!»

Ва сержант гуфт: «Шумо марди фақир ҳастед, ман аз шумо чизе намеситонам, вале ба шумо ёрӣ мерасонам. Ҳангоме ки ман ба хоб меравам, барои сарбозон як сатил арақ бихаред, онҳо ба хоб хоҳанд рафт. Ман ба шумо нигоҳ намекунам».

Ӯ бисьёр каси раҳмдил буд. Ман як сатил арақ харидам, чун Soldat маст шуданд, ман мӯзаамро пӯшидам, шинели кӯҳнаамро пӯшидам ва оҳиста аз дар баромадам. Ман ба сӯи хандақ рафтам ва ба он ҷастанӣ шудам, лекин он ҷо об будааст ва ман либоси охирини худамро хароб кардан нахостам: ба тарафи дарвоза рафтам.

Посбон бо туфанг auf und ab[1] мегашт ва ба ман нигоҳ мекард. «Qui vive?» — sagte er auf einmal[2], ва ман хомӯш мондам. «Qui vive?» — sagte er zum zweiten Mal[3], ва ман хомӯш мондам. «Qui vive?» — sagte er zum dritten Mal[4], *ва ман гурехтам. Ман худамро дар об андохтам, ба канори дигар баромадам ва гурехтам.* Ich sprang in's Wasser, kletterte auf die andere Seite und machte mich aus dem Staube.

Тамоми шаб бо роҳ гурехтам, вале ҳангоме ки рӯз сафед шуд, тарсидам, ки маро нашиносанд ва ба даруни ҷавдори баланде пинҳон шудам. Дар он ҷо ман ба ду зону даромадам, дастҳоямро баҳам бастам ва худои осмониро шукр кардам, ки маро наҷот ато кард ва бо дили ором ба хоб рафтам. Ich dankte dem allmächtigen Gott für Seine Barmherzigkeit und mit beruhigtem Gefühl schlief ich ein.

Ман шабонгоҳ бедор шудам ва ба роҳ афтодам. Ногаҳон як аробаи дарози олмонӣ бо ду аспи сиёҳи мушкин ба ман расида гирифт. Дар ароба як каси хушлибос нишаста буд, чубуқча мекашид ва ба сӯи ман нигоҳ мекард. Ман оҳистатар роҳ рафтам, то ки ароба аз ман гузашта равад, вале ман оҳистатар роҳ мерафтам, ароба ҳам оҳиста мерафт, ва он одам ба ман нигоҳ мекард; ман зудтар мерафтам, ароба низ тезтар мерафт, ва одам ба ман нигоҳ мекард. Ман дар сари роҳ нишастам; он кас аробаашро нигоҳ дошт ва ба ман нигоҳ мекард. «Ҷавон,— хитоб намуд ӯ,— шумо куҷо меравед дар ин бегоҳонӣ?» Ман гуфтам. «Ман ба Франкфурт меравам».— Биншинед ба аро-

---

[1] пасу пеш
[2] «Кӣ меояд» — гӯён пурсид ӯ ногаҳон,
[3] «Кӣ меояд?» — пурсид ӯ дафъаи дуввӯм,
[4] «Кӣ меояд?» — пурсид ӯ дафъаи саввӯм,

баи ман, ҷой ҳаст, ман шуморо то он ҷо хоҳам расонд... Ин чист, ки шумо бо худ чизе надоред, риши шумо нотарошида ва либоси шумо гилолудаст?» — гуфт ӯ ба ман ҳангоме ки ман ба аробааш нишастам. «Ман одами бечора ҳастам,— ман гуфтам,— мехоҳам дар *фабрик* ба кор дохил шавам; либоси ман лойолуд аз он аст, ки ман дар роҳ афтодам».— «Шумо росташро намегӯед ҷавон,— гуфт ӯ ба ман,— роҳ ҳоло хушк аст».

Ва ман сукут кардам.

— Шумо ба ман росташро бигӯед,— гуфт ба ман он одами нек,— шумо кистед ва аз куҷо меоед? Чеҳраи шумо ба ман гуворо омадааст, агар шумо одами бовиҷдон бошед, ман ба шумо ёрӣ мерасонам.

Ва ман ҳамаашро ба ӯ гуфта додам. Ӯ гуфт: «Бисьёр хуб, ҷавон, ба фабрики арғамчинбофии ман меравем. Ман ба шумо кор, либос, пул медиҳам ва шумо дар хонаи ман зистан мегиред».

Ва ман гуфтам: «Бисьёр хуб».

Мо ба фабрикаи арғамчинбофӣ расидем ва одами нек ба занаш гуфт: «Ин ҷавон бачаест, ки барои мудофиаи ватанаш ҷангидааст ва аз асорат гурехтааст; ӯ на хона дорад, на либос ва на нон. Ӯ дар хонаи ман хоҳад зист. Барои ӯ либоси тоза бидиҳед ва шиками ӯро сер кунед».

Ман якуним сол дар фабрикаи арғамчинбофӣ зистам ва соҳибкори ман маро чунон дӯст дошт, ки ба ман иҷозати рафтан додан намехост. Ҳоли ман ҳам хуб буд. Ман он гоҳ марди соҳибҷамоле будам, ман ҷавон будам, қомати баланд, чашми кабуд, бинии румӣ доштам... ва madame L... (ман номи ӯро бурдан наметавонам), зани соҳибкори ман, зани ҷавонаки нағзакаке буд. Ва ӯ маро дӯст дошт.

Ҳангоме ки ӯ маро *медид,* ба ман *гуфт:* «Ҷаноби Мауер, шуморо бибиҷонатон чӣ тур меномад?» Ман гуфтам: «Karlchen».

Ва ӯ гуфт: «Karlchen! дар паҳлуи ман нишинед».

Ман наздики ӯ нишастам, ӯ ба ман гуфт: «Karlchen! маро бибӯсед».

Ман ӯро бӯсидам ва ӯ гуфт: «Karlchen! ман шумо-

ро чунон дӯст медорам, ки дигар тоқат надорам, ва ӯ бо тамоми баданаш ларзид».

Дар ин ҷо Карл Иваныч як фосилаи дарозе сукут кард ва чашми кабуди меҳрубононааш роғ-роғ шуд ва сарашро андаке ҷунбонда чунон табассум ҷенамуд, ки мардум дар зери хотираҳои хушоянд, ҳамон тур табассум мекунанд.

«Ҳа,—гӯён сар кард ӯ, дар курсӣ дурусттар нишаста гирифта ва ҷомаашро ба баданаш печонда,— ман бисьёр хубу баде аз сар гузаронидаам дар ҳаёти худ; вале ин шоҳиди ман аст,— гуфт ӯ ва ба сурати дар карбос ироқидӯзӣ кардашудаи Исо, ки дар болои тахти хобаш овезон буд, нишон дод,— ҳеҷ яке наметавонад бигӯяд, ки Карл Иваныч одами бевиҷдон буд! Ман нахостам дар ивази некиҳое ки ҷаноби L... ба ман кард, ҳақношиносӣ кунам, ва ман аз он ҷо гурехтанӣ шудам. Шабонгоҳ, ҳангоме ки ҳамагӣ ба хоб рафтанд, ман ба соҳибкори худам коғазе навиштам ва онро дар рӯи мизи хонаи худам ниҳодам, либосамро ва се талер пул гирифтам ва оҳиста ба кӯча баромадам. Касе маро надид ва ман ба роҳ афтодам».

Боби X

ДАВОМ

«Ман нӯҳ сол буд, ки бибиҷонамро надида будам ва намедонистам, ки ӯ зиндааст ё устухонҳояш кайҳо дар замини намнок ҷой гирифтаанд. Ман ба сӯи ватани худ раҳсипор гаштам. Ҳангоме ки ба шаҳр расидам, пурсидам, Густав Мауер, ки иҷорадори граф Зомерблат буд, дар куҷо зиндагӣ мекунад? Ва ба ман гуфтанд: «Граф Зомерблат мурдааст ва Густав Мауер дар кӯчаи калон зиндагӣ мекунад ва дӯкони *ликёр* дорад». Ман жилети нави худамро пӯшидам, сюртуки нағз, ки ҳадьяи фабрикант буд, дар бар кардам, мӯи сарамро дуруст шона кардам ва ба тарафи дӯкони ликёрфурӯшии падар рафтам. Хоҳарам Mariechen дар дӯкон нишаста буд ва аз ман пурсид, ки чӣ даркор аст? Ман гуфтам: «Як пиёла ликёр хӯрдан мумкин аст? ва ӯ гуфт: «Vater! ин ҷавон як пиёла ликёр мехоҳад». Ва падар гуфт: «Ба ҷавон як пиёла ликёр бидеҳ».

Ман назди мизча нишастам, пиёлаи ликёри худамро менӯшидам, чубуқаки худамро мекашидам ва ба сӯи падарам, Mariechen ва Johann, ки он дам ба дӯкон даромада буд, нигоҳ мекардам. Дар миёнаи сӯҳбат падарам ба ман гуфт: «Шояд шумо медониста бошед, ҷавон, лашкари мо ҳозир дар куҷо меистода бошад?» Ман гуфтам: «Ман худам аз *лашкар* меоям ва он дар назди Wien истодааст».— «Писари мо Soldat шуда рафта буд,— гуфт падарам,— ва инак акнун нӯҳ сол аст, ба мо коғаз наменависад ва мо намедонем, ки ӯ зиндааст ё мурда. Зани ман ҳамеша барои ӯ гирья мекунад...» Ман чубуқи худамро мекашидам ва гуфтам: «Номи писари шумо чӣ буд ва дар куҷо хидмат мекард? шояд ман ӯро бишиносам...» — «Ӯро Карл Мауер меномиданд ва ӯ дар дастаи аскарони Маҷористон хидмат мекард»,— гуфт падари ман. «Ӯ қоматбаланд аст ва марди зебоест, монанди шумо»,— гуфт хоҳарам Mariechen. Ман гуфтам: «Ман медонам Karl-и шуморо!».— «Amalia! sagte auf einmal mein Vater[1],— ин ҷо биёед, дар ин ҷо ҷавоне ҳаст ва ӯ Karl-и моро мешиносад!» *Ва модари меҳрубонаки ман аз паси дари пешгоҳ берун меояд. Ман ҳамон лаҳза ӯро шинохтам. «Шумо Karl-и моро мешиносед!» — гуфт ӯ ва ба ман нигоҳ кард ва рангаш канда ва тамоми баданаш ла...р...зид!* «Оре, ман ӯро дидаам»,— гуфтам ман ва натавонистам, ки чашмонамро ба сӯи ӯ нигаронам; дили ман *ҷастан* мехост. «Karl-и ман зиндааст! — гуфт модаракам.— Худоро шукр! Дар куҷост, азизи ман Karl? Ман осуда ҷон медодам, агар боз як дафъа ба рӯи писари маҳбуби худам назар меафгандам; вале худо инро нахоста истодааст»,— гуфт *ӯ* ва гирья карда сар дод... *Ман тоқат оварда натавонистам...* «Модарҷон! — гуфтам ман,— ман Karl-и шумо ҳастам!» ва *ӯ дар дасти ман афтод...*»

Карл Иваныч чашмонашро барбаст ва лабони ӯ ларзиданд.

«Mutter! — sagte ich,— ich bin ihr Sohn, ich bin ihr Karl! und sie stürzte mir in die Arme»[2],— гӯён так-

[1] — Амалия! — гуфт ногаҳон падарам,

[2] «Модарҷон! — гуфтам ман,— ман писари шумо ҳастам, Карли шумо! — ва ӯ худро ба оғуши ман андохт»,

рор намуд ӯ андаке ором ёфта ва сиришкдонаҳои бузургашро, ки ба рухсорааш равон буданд, пок карда.

«Вале худо нахоста будааст, ки умри ман дар диёри худам ба охир расад. Ба ман бадбахтӣ дар азал навишташуда буда аст! das Unglück verfolgte mich überall!..[1] Ман дар диёри худам фақат се моҳ зистам. Дар яке аз якшанбеҳо ман дар қаҳвахона будам, як коса оби ҷав харидам, чубуқи худамро мекашидам ва бо ошноҳои худам дар бораи Politik[2], дар бораи императори Франц ва дар хусуси Napoleon, дар бораи ҷанг сӯҳбат мекардам ва ҳар кас фикри худашро баён мекард. Дар наздикии мо як мардаки ношиносе, ки Ueberrock[3]-и хокистарранг дошт, нишаста буд, қаҳва мехӯрд, чубуқ мекашид ва бо мо гап намезад. Er rauchte sein Pfeifchen und schwieg still. Ҳангоме ки Nachtwächter[4] соат даҳ шудааст, гӯён фарьёд зад, ман шляпаи худамро гирифтам, пул додам ва ба хона рафтам. Дар нимаи шаб касе дарро кӯфт. Ман бедор шудам ва гуфтам: «Кист дар он ҷо?»—«Macht auf»[5]. Ман гуфтам: «Бигӯед, ки шумо кистед, ман боз мекунам». Ich sagte: «Sagt, wer ihr seid, und ich werde aufmachen».—«Macht auf im Namen des Gesetzes!»[6]— гуфт ӯ аз паси дар. Ва ман боз кардам. Ду Soldat бо туфангҳояшон дар дами дар истода буданд ва он бегонае, ки Ueberrock-и хокистарранг дошт ва дар қаҳвахона наздики мо нишаста буд, ба хона даромад. Ӯ ҷосус будааст!.. Es war ein Spion!.. «Биёед ҳамроҳи ман!» — гуфт ҷосус. «Хуб» гуфтам ман... Ман мӯзаам und Pantalon[7] пӯшидам, камарбандамро бастам ва дар рӯи хона қадам мезадам. Дили ман ҷӯш мезад; ман гуфтам: «Ӯ марди нобакор аст!» Ҳангоме ки ман ба деворе, ки шамшери ман дар он ҷо овезон буд, наздик шудам, онро ногаҳон гирифтам ва гуфтам: «*Ту ҷосус ҳастӣ; мудофиа кун худатро!*» Du bist ein Spion, vert-

---

[1] бахти сиёҳ ҳамеша аз паси ман равон буд!..
[2] сиёсат,
[3] сюртук
[4] шабгард
[5] «Дарро боз кунед!»
[6] «Дарро боз кунед, ба номи қонун ҳарф мезанам!»
[7] ва шолвор

heidige dich!». Ich gab ein Hieb[1] ба тарафи рост, ein Hieb ба тарафи чап ва *яке ба сараш. Ҷосус афтод!* Ман ҷомадон ва пулро гирифтам ва аз тиреза худамро берун андохтам. Ich nahm meinen Mantelsack und Beutel und sprang zum Fenster hinaus. Ich kam nach Ems[2]; дар он ҷо ман бо *енерал Сазин* шинос шудам. Ӯ маро дӯст дошт ва аз сафир барои ман паспорт дуруст карда гирифт ва маро ҳамроҳи худаш ба Россия овард, то ки бачагонашро биёмӯзам. Ҳангоме ки *енерал Сазин* мурд, бибиҷони шумоён маро ба худ талаб кард. Ӯ гуфт: «Карл Иваныч! ман бачагони худамро ба шумо месупорам, шумо онҳоро дӯст доред ва ман ҳеҷ гоҳ шуморо аз худам ҷудо намекунам, ман пиронсолии шуморо таъмин мекунам». Акнун ӯ нест ва ҳамаи он ваъдаҳо фаромӯш шудааст. Дар мукофоти хидмати бистсолаи худам, акнун ман дар ин пиронсолӣ ба кӯча бояд бароям ва як тикка нони хушк ба даст биёрам... *Худо ҳамин мебинад ва ҳамин медонад, ҳамин ҳар чи худо хоҳад, ҳамон мешавад, вале ба шумо, бачагон, ҳайфам меояд!»...* — гӯён Карл Иваныч суханашро тамом кард ва аз дастам маро ба сӯи худ кашид ва аз сарам бӯсид.

Боби XI

БАҲОИ ЯК

Пас аз ба поён расидани азои яксола модаркалон як дараҷа аз ғаму андӯҳе, ки ӯро зарбати сахт зада буд, раҳоӣ ёфт ва гоҳ-гоҳе ба меҳмон пазируфтан шурӯъ кард, билхосса бачагони ҳамсоли моро аз писарон ва духтарон дар хонаи худ қабул мекардагӣ шуда буд.

Дар рӯзи валодати Любочка, 13-ми декабрь, ҳанӯз пеш аз наҳорӣ князхоним Корнакова бо духтаронаш, Валахина бо Сонечка, Иленька Грап ва ду додари хурдтараки Ивинҳо ба меҳмонии мо омаданд.

Кайҳо овози гапу ханда ва тохту тоз аз поён, аз ҷое, ки ин ҷамъият гирд омада буд, ба гӯши мо ме-

[1] Ман як зарбате задам.
[2] Ман ба Эмс омадам;

расид. Вале мо пеш аз тамом шудани дарсҳои пагоҳониамон наметавонистем ба онҳо ҳамроҳӣ кунем. Дар ҷадвали дарсамон, ки дар дарсхона овехта буданд, чунин навишта шуда буд; Lundi, de 2 á 3, Maître d'Histoire et de Géographie[1]; ва мо пеш аз он, ки озод шавем, боистӣ он Maître d'Histoire-ро нигарон мешудем, дарсашро гӯш мекардем ва гусел мекардем. Акнун бист дақиқа аз ду гузашта буд, вале аз муаллими таърих на дарак буд ва на ӯ дар ҳамон роҳе ҳам, ки боист меомад, намудор буд, ва ман ба он кӯча бо тамоми орзуи наёмадани ӯ нигоҳ мекардам.

— Зоҳиран, Лебедев имрӯз намеояд,— гуфт Володя, як дақиқа аз китоби Смарагдов, ки аз рӯи он китоб дарсашро ҳозир мекард, сарашро бардошта.

— Худо ҳамин тур кунад, ҳамин тур шавад... набошад ман ҳеҷ чиз намедонам... лекин гӯё ӯ омада истодааст,— гӯён бо садои ғамангезе илова намудам ман.

Володя аз ҷояш бархост ва ба тиреза наздик омад.

— На, ин ӯ нест, ин кадом як *хоҷаест,*— гуфт ӯ.— Боз андаке то соати дую ним мунтазир бошем,— илова намуд ӯ хамьёзае кашида ва дар ҳамон ҳол фарқи сарашро хорид, ки одатан ӯ ҳамеша, ҳангоми аз машғулият андаке дам гирифтан ин корро мекард.— Дар дую ним ҳам ки наёмад, он замон ба St.-Jérôme гуфта метавонем, ки вақти ғундоштани дафтарҳо расидааст.

— Чӣ ҳавсалаи омадану рафтан до-о-ра-д,— гуфта ман ҳамон тур хамьёза кашидам ва китоби Кайдановро, ки бо ду даст дошта будам, болои сарам бардошта мечунбондам.

Аз бекорӣ ман ҳамон ҷои китобро, ки вазифа дода шуда буд, кушодам ва хондан гирифтам. Вазифа бисьёр ва душвор буд ва ман чизе аз он намедонистам ва медидам, ки акнун фурсати чизе аз худ кардан надорам, илова бар он дар ҳолати ташвишу изтиробе будам, ки дар он вазъият албатта дар бораи чизе диққати худро ҷамъ овардан имкон надошт.

---

[1] Рӯзи душанбе аз соати 2 то 3 муаллими таърих ва ҷуғрофиё.

Аз барои дарси гузаштаи таърих, ки ба ман аз ҳама бештар дилгиркунанда ва душвор менамуд, Лебедев аз ман ба St.-Jérôme шикоят карда буд ва дар дафтари дараҷаҳо ба ман ду гузошт, ки ин бисьёр бад ба шумор мерафт. St.-Jérôme ба ман ҳамон вақт гуфта буд, ки агар дар дарси оянда низ аз се кам бигирам, ҷазои сахте хоҳам дид. Ва инак ҳамин ҳоло дарси оянда расида буд ва эътироф намоям, ки ман сахт дар тарс будам.

Ман чунон машғули такрор ба такрор хондани дарси барои ман ношинос шуда монда будаам, ки дар даҳлез овози кашида шудани калошро шунида ногаҳон як қад паридам. Ман рӯямро баргардондан замон дар дами дар чеҳраи доғи обиланоки барои ман номарғуб ва қиёфати хеле ошнои номавзуни муаллим дар тан фраке, ки тугмаҳои олимонааш гузаронда шудагӣ буд, намудор гашт.

Муаллим кулоҳашро бо мулули тамом ба пеши тиреза ва дафтарҳоро ба рӯи миз гузошт, домани фракашро бо ду дасташ кушод ва кашола кард (гӯё ки ин бисьёр зарур бошад) вазнин-вазнин нафас гирифта дар ҷои худаш гузашта нишаст.

— Хӯш, ҷанобон,— гуфт ӯ ду дасти арақинашро ба ҳамдигар молида,— биёед, нахуст чизе, ки дар дарси гузашта гуфта будем, аз назар гузаронем, пас аз он ман кӯшиш менамоям, ки шуморо ба воқеаҳои минбаъдаи асри миёна ошно кунам.

Ин иборат чунон маъно дошт, ки дарси гузаштаро гуфта диҳед.

Дар он замоне, ки Володя бо далерии ба касони мавзӯъро хуб медонистагӣ хос ҷавоби озодона медод, ман бе ҳеҷ муддаое ба сари зинапоя баромадам ва чун ба поён рафтан барои ман имкон надошт, ба майдончаи зина омаданамро худам ҳам надониста мондам. Лекин дар худи ҳамон лаҳзае, ки мехостам, дар тамошогоҳи ҳамешагии худ — дар паси дар ҷой гузинам, Мими, ки доимо асбоби бадбахтии ман мешуд, ба ман рӯй ба рӯй баромада монд. «Шумо ин ҷо ҳастед?» — гуфт ӯ ба ман назари таҳдидомезонае афканда ва ба дари духтархонаҳо нигоҳ карда боз ба ман назар дӯхт.

Ман худамро аз ҳар тараф муқассир ҳис мекардам,— ҳам аз он ҷиҳат, ки дар дарсхона набудам ва ҳам аз он ҷиҳат, ки дар чунин ҷои нобаҷо воқеъ будам, бинобарон сукут мекардам ва сарамро хам карда тамоман як вазъияти тавбакорона гирифта будам.

— Не, акнун инаш дигар ба ҳеҷ кор монанд не!— гуфт Мими.— Шумо ин ҷо чӣ мекардед? — Ман хомӯш будам.— Не, ин кор ин тур намемонад,— такрор мекард ӯ, дар ҳолате, ки бо ангуштонаш панҷараи зинапояро мезад,— ман ҳамаашро ба графхоним мегӯям.

Акнун панҷ дақиқа кам се буд, ки ман ба дарсхона баргаштам. Муаллим гӯё будану набудани маро пай набурда бошад, дарси ояндаро ба Володя талқин мекард. Ҳангоме ки ӯ эзоҳоти худашро ба поён расонд ва дафтарҳояшро ғундоштан гирифт, ва Володя ҳам ба хонаи дигар баромад, ки билет биёрад, дар дили ман хушҳолӣ пайдо шуд, ки дарс ба охир расидааст ва маро фаромӯш кардаанд. Вале ногаҳон муаллим бо ним лабханди бадманишона ба ман рӯ овард:

— Умедворам, ки шумо дарсатонро тайёр кардаед,— гуфт ӯ, дастонашро ба ҳам молида истода.

— Тайёр кардаам,— гуфтам ман.

— Андак заҳмате ба худ гирифта, аз ҳарби аҳли салиб, ки Людовики Муқаддас сардорӣ кардааст, чизе барои ман бигӯед,— гуфт ӯ дар рӯи курсӣ алвонҷ хӯрда ва андешамандона ба зери пои худаш нигоҳ карда.— Нахуст шумо ба ман бигӯед, аз чӣ сабаб буд, ки подшоҳи Франция ба худаш салиб гирифт,— гуфт ӯ абрувонашро баланд бардошта ва бо ангушташ ба сиёҳидон ишора карда,— пас аз он хусусиятҳои умумии ин ҷангро ба ман эзоҳ кунед,— илова кард ӯ ва бо дасти худ чунон ҳаракате ба ҷо овард, ки гӯё чизеро дошта гирифтанӣ бошад,— ва дар охир таъсири ин муҳорибаро ба ҷамъи давлатҳои Европа умуман,— гуфт ӯ ва ба тарафи чапи миз бо дафтарҳо кӯфт,— ва ба давлати Франция хусусан, эзоҳ намоед,— гӯён суханашро тамом кард ӯ ба тарафи рости миз кӯфта ва сарашро низ ба ҳамон тараф хам кардаистода.

Ман чанд дафъа оби даҳонамро фурӯ додам, сурфа карда гирифтам, сарамро ба як сӯ хам кардам ва

ба сукут рафтам. Пас аз он қалами дар рӯи миз хобидаро гирифтам ва пари онро мекандам ва ҳама хомӯш будам.

— Лутфан қаламро ин ҷо бидиҳед,— гуфт муаллим дасташро ба ман дароз карда.— Вай даркор шуда мемонад. Хӯш.

— Людо... кар... Людовики Муқаддас... як... як... як... подшоҳи некӯкор ва боақл буд...

— Кӣ гуфтед?

— Подшоҳ. Ӯ ба Байтулмуқаддас рафтанӣ шуд ва *идораи ҳукуматро* ба модараш *супурд*.

— Ӯро чӣ меномиданд?

— Б... б... ланка.

— Чӣ гуфтед? буланка?[1]

Ман як ранг каҷукилеб ва носозкорона лабханд кардам.

— Хӯш, боз ягон чиз намедониста бошед? — гуфт ӯ бо заҳрханде.

Бадтар аз ин чи мешуд, сурфае кардам ва ҳар чи, ки ба сарам меомад, дурӯғу рост гуфтан гирифтам. Муаллим хомӯш буд ва бо пари қаламе, ки аз ман гирифта буд, гарду чанги рӯи мизро мерӯфт ва бо диққат ба паҳлӯи гӯши ман чашм дӯхта буд ва такрор мекард: «Хуб, бисьёр хуб». Ман ҳис мекардам, ки чизеро намедонам ва иборатронии ман ҳам на чунон буд, ки мебоист, ва барои ман он ҳол бисьёр аламовар буд, ки муаллим маро аз сухан боз намедорад ва ислоҳ намекунад.

— Аз чӣ сабаб ӯ ба Байтулмуқаддас рафтанӣ шуд? — гуфт ӯ сухани маро такроркунон.

— Барои он ки, аз ҷиҳати... ба иллати он ки...

Ман тамоман саросема шудам ва дигар калимае ҳам ба забон наронда ва чунон ҳис кардам, ки агар ин муаллими бадкирдор як соли дароз ҳам сукут варзад ва суоломезона ба ман назар дӯзад, ман дигар ба як калима ҳам гуфтан, як овоз баровардан ҳам ёро надорам. Муаллим як — се дақиқае ба ман нигоҳ карда нишаст, пас ба ногоҳ дар чеҳраи худ ифодаи андӯҳи

[1] Лақаби аспи саманди ёлу думаш сиёҳ.

гаронборе зоҳир кард ва бо садои муассире ба Володя, ки дар ин лаҳза ба хона даромад, гуфт:

— Дафтарро ба ман дароз кунед, ки дараҷа бигузорам.

Володя ба ӯ дафтарро дароз кард ва билетро оҳиста ба назди ӯ ниҳод.

Муаллим дафтарро боз кард ва қаламро эҳтиёткорона ба сиёҳӣ тар карда бо хати хуб барои Володя дар ҷадвали пешрафтҳо ва кирдорҳо панҷ навишт. Пас аз он қаламро дар рӯи ҷадвале, ки дараҷаҳои ман навишта мешуд, нигоҳ дошта, ба сӯи ман як нигоҳе кард, сиёҳиро аз қалам як афшонд ва ба фикр фурӯ рафт.

Ногаҳон дасти ӯ як ҳаракате кард, ки ба зӯр пай бурда мешуд, ва дар ҷадвал як шакли зебои ададӣ як бо як нуқта ҳувайдо гашт; боз як ҳаракати дигаре ва дар ҷадвали кирдорҳо низ дигар рақами як ва як нуқта намудор гашт.

Дафтари дараҷагузориро бо эҳтиёт пӯшонда, муаллим аз ҷой бархост ва ба сӯи дар равон шуд, гӯё нигоҳи маро, ки дар он ифодаи ноумедӣ, илтиҷо ва гила намудор буд, намедида бошад.

— Михаил Ларионич! — гуфтам ман.

— Не,— гуфт ӯ, ки чӣ гуфтани маро фаҳмида буд,— ин тур хондан мумкин нест. Ман муфт пул гирифтан намехоҳам.

Муаллим калошҳояшро пӯшид, шинели камлотиашро дар бар кард ва бо камоли эҳтиёт гарданпечашро баст. Гӯё пас аз он чи, ки бо ман воқеъ шуда буд, боз машғули коре шудан мумкин мешуда бошад? Барои ӯ як ҳаракати қалам, аммо барои ман бадбахтии бузурге!

— Дарс тамом шуд? — гӯён пурсид St.-Jérôme ба хона даромада.

— Оре.

— Муаллим аз шумо розист?

— Оре,— гуфт Володя.

— Шумо чанд гирифтед?

— Панҷ.

— Nicolas чӣ?

Ман хомӯш будам.

— Гӯё чор гирифта бошад,— гуфт Володя.

Ӯ мефаҳмид, ки маро ҳеҷ набошад дар ин як рӯз наҷот додан лозим аст. Бигзор ҷазо диҳанд, вале на дар чунин як рӯзе, ки меҳмонҳо ҳастанд.

— Voyons, messieurs[1] (St.-Jérôme одат дошт, ки дар ҳар калима voyons кор фармояд)! faites votre toilette et descendons[2].

Боби XII

КАЛИДЧА

Акнун мо поён фуромада бо ҳамаи меҳмонон салому алейк карда будем, ки моро ба наҳорӣ даъват намуданд. Падарам бисьёр хушҳол буд (ӯ ин рӯзҳо бурд дошт), ба Любочка як даст асбоби нуқрагини қиматбаҳо инъом кард ва дар ҳангоми наҳорӣ ба ёдаш омад, ки дар хонааш ғайр аз ин, боз як қуттичаи ширинӣ меандохтагӣ ҳам мондааст, ки аз барои соҳиби ин ҷашни солона ҳозир карда буд.

— Аз хидматгорро фиристодан беҳтар ин аст, ки ту бирав, Коко,— гуфт ӯ ба ман.— Калидҳо дар рӯи мизи бузург даруни гӯшмоҳӣ, медонӣ?.. Онҳоро бигир ва бо калиди аз ҳама калонтараш қуттии дуввӯмро аз тарафи рост боз кун. Дар он ҷо қуттичае хоҳӣ ёфт ва ширинҳои дар коғаз печида ҳам ҳаст, ҳамаашро ин ҷо биёр.

— Барои ту сигар ҳам биёрам? — гуфта пурсидам ман, чун медонистам, ки ӯ ҳамеша баъд аз наҳорӣ барои он мефиристод.

— Биёр, ва ҳуш дор, ки ба чизи дигаре он ҷо даст назанӣ! — ӯ аз ақиб ба ман гуфт.

Калидҳоро ки дар ҷои таъиншуда ёфта акнун мехостам, он қуттиро боз кунам, вале маро хоҳиши фаҳмидани он боздошт, ки калидчаи дар он миён овезон будагӣ кадом чизро мекушода бошад.

Дар рӯи миз дар миёнаи ҳазорон чизҳои гуногун навдики қатора, портфели дӯхтагӣ бо қуфлаки овезон истода буд ва ман хостам бубинам, ки он калидча

[1] — Хуб, канӣ, ҷанобон!

[2] либосҳои тоза пӯшед ва ба поён биёед.

ба ин рост меояд ё не. Таҷриба комилан бомуваффақият баромад, портфель кушода шуд ва ман дар он як тӯда коғаз ёфтам. Ҳисси кунҷковӣ бо чунон қатъияте ба ман раъй медод, ки бинам, инҳо чи коғазест ва ман садои вичдонро ба гӯш кардан фурсат наёфта, ба дидани он коғазҳое, ки дар портфель буданд, машғул шудам...

. . . . . .

Ҳисси кӯдаконаи эҳтироми бе чуну чаро нисбат ба ҳама калонсолон ва хусусан ба падар, дар ман чунон маҳкам буд, ки ақли ман бешуурона аз он чи, ки бо чашми худ медидам, натиҷа бароварданро қабул намекард. Ман ҳис мекардам, ки падарам боист дар олами тамоман хоси хубу хуши барои ман аз ақл берун ва дастнорасе мезист, ки ба асрори зиндагонии ӯ нуфуз кардан аз тарафи ман як гуноҳи азим нисбат ба муқаддасот шумурда мешуд.

Бинобар он ин кашфиёти қариб ногаҳонии ман, ки дар портфель карда будам, ҳеҷ як мафҳуми муайяне барои ман нагузошта буд, ғайр аз он ҳисси тирае, ки ман як ҳаракати нолоиқе кардам. Ман шарм кардам ва худро нороҳат ҳис мекардам.

Дар зери таъсири ин эҳсос ман хостам, ки ҳарчи зудтар портфельро бубандам, вале гӯё барои ман муқаддар шуда буд, ки дар чунин як рӯзи фаромӯшнашуданӣ ҳар гуна бадбахтиҳоро аз сар гузаронам: калидро, ки ба сӯрохи қуфл даровардам, онро на ба он сӯ, ки боист мегардондам, тоб додаам; дар гумони он, ки қуфл бастааст, ман калидро берун кашидаам ва,— чӣ бинам,— дар дасти ман фақат дастаи калид монда буду бас. Беҳуда ман кӯшиш мекардам, ки онро бо он нимаи калид, ки дар даруни қуфл мондааст, пайваст намоям, ва ба воситаи ягон найранги сеҳромезона онро аз он ҷо берун оварам; акнун боист ба он фикри мудҳише тан медодам, ки ман боз ҷиноияти дигаре кардаам, ки худи ҳамон замон, ки падарам ба хонааш баргашт, ошкор хоҳад шуд.

Шикояти Мими, дараҷаи як гирифтанам ва калидча! Аз ин бадтар чӣ метавонист барои ман пеш биёяд!

Модаркалон — ба сабаби шикояти Мими, St.-Jérôme аз барои дараҷаи як гирифтанам, падарам — аз ҷиҳати калидча... ва ҳамаи инҳо аз худи бегоҳонии ҳамин рӯз дер намонда, ба сари ман хоҳад омад.

— Бо ман чӣ ҳол рӯй хоҳад дод?! О-о-ҳ! Ман чӣ кардам?! — мегуфтам ман ба овози баланд дар ҳолате, ки дар рӯи қолини нарми кабинет қадам мезадам.— Эҳ! — гуфтам ман худ ба худ, ширинӣ ва сигарро ба даст гирифта,— *шудани мешаваду ғусса ба мо мемонад...*— Ва ба хона давидам.

Ин ҳадиси ҷабрӣ, ки дар кӯдакӣ аз Николай шунида будам, дар рӯзҳои душвори ҳаёт ба ман як таъсири хуб медод, муваққатан ҳам бошад осудагӣ меовард. Дар зал, ки медаромадам, як дараҷа мушавваш будам ва як ҳолати ғайритабиӣ доштам, вале бисьёр дилшод ва хушҳол.

Боби XIII

БЕВАФО

Пас аз наҳорӣ petits jeux[1] сар шуд, ки ман дар онҳо фаъолона иштирок намудам. «Мушу гурба» ки мебозидем, чи тур шуд, ки ман нисозвор давида ба мураббияи Корнаковҳо, ки бо мо ҳамроҳ бозӣ мекард, бархӯрдам ва надониста пироҳани ӯро зер кардам ва онро даррондам. Дидам, ки ба ҳамаи духтарон, хусусан ба Сонечка бо чеҳраи андӯҳгин рафтани мураббия ба хонаи ходимаҳо барои дӯхтани домани пироҳанаш бисьёр нашъаовар буд, ман боз як дафъа хостам, ки ба онҳо ин лаззатро бичашонам. Дар натиҷаи ҳамин ранг нияти хайрхоҳона, мураббия ки ба хона баргашта омад, ман давродаври ӯ ҳаллос зада давидан гирифтам ва ин ҳаракатро то он ҷо давом додам, ки фурсати муносиб даст дод, то бо пошнаи худам ба домани пироҳани ӯ по ниҳодам ва даррондам. Сонечка ва княздухтаракон аз ханда худашонро ба зӯр нигоҳ медоштанд, ки ин иззати нафси маро бисьёр форам меболонд; вале St.-Jérôme зоҳиран найрангбозиҳои маро пай бурда буд, ки назди ман омад ва

[1] бозиҳои хонагӣ

абрувонашро чин кард (ки ман ин кирдори ӯро бисьёр бад медидам) ва гуфт: чунин бар меояд, ки хушҳолии ман на ба хубӣ ин қадар боло гирифтааст ва агар ман андаке худдорӣ накунам, он гоҳ ӯ ба иду ҷашн нигоҳ накарда, маро ба пушаймон шудан маҷбур хоҳад кард.

Вале ман дар ҳолати авҷи эҳсосоти одаме будам, ки беш аз он чи, ки дар ҳамьён дорад, бохта бошад ва метарсида бошад, ки рӯйхати бохтаҳои худро сарҳисоб бигирад ва қартаҳои худашро, дигар аз бурдани худ ҳеҷ умед накарда ба кор меандохта бошад ва фақат барои он, ки ба худаш фурсати андешиданро вонадиҳад, бозӣ мекарда бошад. Ман лабханди густохонае кардам ва аз ӯ дур рафтам.

Пас аз «мушу гурба» яке аз моён бозие сар кард, ки гӯё онро мо *Lange Nase*[1] меномидем. Бозӣ иборат аз он буд, ки ду саф курсӣ яке муқобили дигаре ниҳода мешуд, духтарон ва писаракон ба ду гурӯҳ тақсим мегаштанд ва бо навбат яке дигареро интихоб мекард.

Князьдухтараки хурдӣ ҳар дафъа Ивини хурдиро интихоб мекард, Катенька ё Володя, ё Иленькаро интихоб менамуд, Сонечка бошад ҳар дафъа Серёжаро мегирифт ва ҳар гоҳе, ки Серёжа рафта рӯ ба рӯи ӯ ҷой мегирифт, ҳеҷ шарм ҳам намекард, ки ман аз ин бисьёр дар ҳайрат будам. Ӯ бо овози форами садоноки худаш ханда мекард ва ба тарафи ӯ бо сари худ ишоракунон нишон медод, ки ӯ дарьёфтааст. Маро бошад, касе интихоб намекард. Ман мефаҳмидам, ки аз ҳамаи *боҳимондаи* зиёдатӣ мебошам ва дар бораи ман ҳар дафъа боист мегуфтанд: «*Боз кӣ монд?*» — «*Ҳа, Николенька; хайр инак ту ӯро бигир*» ва аз ин ҳол иззати нафсам ҳақорат медид. Бинобар он ҳангоме ки навбати баромадан ба ман мерасид, ман ё ба хоҳарам, ё ба яке аз княздухтарҳои баднамо мерафтам ва бадбахтона ҳеҷ гоҳ хато намекардам. Сонечка бошад, гӯё чунон бо Серёжа Ивин машғул буд, ки ман дар ҳисоби ӯ ҳеҷ намедаромадам. Намедонам ба чи асосе дар дили худам ӯро *бевафо* мехондам, зеро ӯ ба ман ҳеҷ гоҳ ваъда надода буд, ки на

[1] Бинии дароз.

Серёжаро, балки маро интихоб намояд; вале ман тамоман қаноат ҳосил карда будам, ки ӯ бо ман бисьёр бадрафторӣ карда истодааст.

Пас аз бозӣ ман дидам, ки *бевафое*, ки ман ба ӯ бо назари ҳақорат нигоҳ мекардам ва бо ин ҳама аз ӯ наметавонистам чашм биканам, бо Серёжа ва Катенька ба гӯшае рафтанд ва дар чи борае ба пинҳонӣ гуфтугузор мекарданд. Дар паси пианино барои кашфи асрори онҳо пинҳон шуда истода ман инро дидам: Катенька аз ду гӯшаи рӯмолчаи батист гирифта бо он монанди парда сари Серёжа ва Сонечкаро пӯшонда меистод. «Не, шумо бохтед, акнун ҳисобро баробар кунед!» — мегуфт Серёжа. Сонечка дастаҳояшро поин андохта мисли айбдоре пеши ӯ меистод ва сурх шуда мегуфт: «Не ман набохтаам, магар ҳамин тур нест, mademoiselle Catherine?» — «Ман ростиро дӯст медорам,— гӯён ҷавоб медод Катенька,— гаравро бохтӣ, ma chère».

Катенька ин калимаҳоро гуфта тамом кардан замон Серёжа хам шуд ва Сонечкаро бӯсид. Ҳамин тур рӯирост лабҳои арғувонии ӯро бӯсиду гирифт. Ва Сонечка хандида сар дод, гӯё ин ҳеҷ чизе набуда бошад ва гӯё ин бисьёр хурсандиовар бошад. Чӣ даҳшатовар аст!!! *Эй бевафои маккора!*

Боби XIV

ТИРАГИИ АҚЛ

Ман ба ногоҳ ба ҳар чи, ки умуман мансуб ба ҷинси зан бошад, махсусан ба Сонечка нафрат ҳис кардам; ман ба худам талқин мекардам, ки дар ин бозиҳо чизи хурсандиоваре нест ва онҳо фақат ба *духтарон* муносиб асту бас ва дар дили ман аз ҳад зиёд хоҳиши арбадае, кори диловаронае кардан пайдо шуд, ки ҳамаро ба тааҷҷуб ва ҳайрат андозад. Мавқеъ бисьёр дер накашида расид.

St.-Jérôme дар бораи коре бо Мими гапзанон кард ва аз хона баромад; овози қадамзании ӯ аввалан дар болои зинапояҳо ва пас аз он бар болои сари мо шунида шуд, ки ба сӯи дарсхона мерафт. Дар сари ман чунин фикр пайдо шуд, ки Мими ба ӯ гуфта аст, ки

маро дар вақти дарс дар куҷо дидааст, ва ӯ барои нигоҳ кардан ба дафтари дараҷаҳо рафт. Ман дар ин лаҳза боварии қавӣ доштам, ки дар дили St.-Jérôme ғайр аз ҷазо додани ман нияти дигаре нест. Ман дар ҷое хонда будам, ки бачагон аз дувоздаҳ то чордаҳсолагӣ, яъне дар овони синну соли ба навҷавонӣ гузаштан ба оташ задан ва ҳатто ба куштан ҳам бисьёр моил ҳастанд. Навҷавонии худамро, хусусан он ҳолати рӯҳияе, ки дар ин рӯзи манҳус доштам, ба ёд оварда, ман равшан ва ошкор имкон доштани ҷинояти бисьёр даҳшатовареро мефаҳмидам, ки албатта бе ҳеҷ ғараз ва ғояе,— вале фақат *ҳамин тур*, аз ҷиҳати ҳангоматалабӣ ва аз эҳтиёҷи бешуурона ба фаъолият нишон додан содир мешуд. Дақиқаҳое мешаванд, гоҳе истиқбол ба назари инсон чунон торик меояд, ки ӯ метарсад ба он назари худашро мутаваҷҷеҳ намояд, дар худаш фаъолияти ақлро қатъ мекунад ва кӯшиш мекунад, ба худ чунон қаноат диҳад, ки гӯё ояндае барои ӯ нахоҳад буд ва гузаштае ҳам набудааст. Дар чунин дақиқаҳо, ки ақлу идрок ҳар гуна ҳаракати иродаро муҳокима намекунад ва муҳаррики ягонаи ҳаётӣ ғаризаҳои нафсонӣ мегардаду бас, ман чунон меандешам, ки бача бештар аз бетаҷрибагӣ дар овоне, ки ба чунин аҳвол моил аст, беандаке таҳаммул ва ҳарос, бо табассуми ҳангоматалабона, дар зери хонаи худаш, ки он ҷо бародаронаш, падару модараш, ки онҳоро дӯст медорад, хобидаанд, оташ мезанад ва месӯзад. Дар зери таъсири ҳамин фуқдони шуур, ки қариб парешонист, як деҳқонбачаи ҳафдаҳсола дар назди рафчае, ки болояш падари пири ӯ рӯ ба поён хобида буд, дами табари тоза чархдошташударо аз назар гузаронда истода, ба ногоҳ табарро ба ӯ ҳавола мекунад ва бо кунҷковии карахтона машғули тамошои рафтани хун аз гардани бурида мегардад; дар зери таъсири ҳамчунин фуқдони шуур ва кунҷковии ғаризе инсон аз истодан ба канори партгоҳе ва андешидан, ки худашро кас ба он партояд чӣ мешуда бошад, лаззат мебарад; ё таппончаи пуркардаро ба пешонӣ ниҳода фикр мекунад, ки камонакро пахш кунам, оё чӣ мешуда бошад? ё ки ба яке аз шахсҳои обрӯманде, ки ҳамаи ҷамъият ба ӯ эҳтироми тамал-

луқкорона менамоянд, нигоҳ карда истода меандешад: агар кас биравад пеши ӯ, аз биниаш бигирад ва бигӯяд: «Канӣ азизам, биравем», оё чӣ мешуда бошад?

Ҳангоме ки St.-Jérôme ба поён фуромад ва ба ман гуфт, ки ман имрӯз ҳақ надорам дар ин ҷо бошам, чунки рафтори ношоиста кардаам ва бисьёр бад дарс хондаам, бояд, ки ман ҳамин дам ба боло биравам, ман дар зери таъсири ҳамин ранг ҳаяҷони дарунӣ ва фуқдони идрок ба ӯ забонамро нишон додам ва гуфтам, ки ман аз ин ҷо намеравам.

Дар дақиқаи нахустин St.-Jérôme аз ҳайрату ғазаб ба ман чизе гуфтан натавонист.

— C'est bien[1],— гуфт ӯ аз паси ман давида,— ман чанд дафъа ба шумо ваъда дода будам, ки ҷазо хоҳам дод, аммо модаркалон мехост шуморо аз онҳо халос бикунад; вале акнун мебинам, ки бе шаллоқ шуморо ба итоат даровардан имкон надорад ва акнун шумо ба он сазовор гаштаед.

Ӯ инро чунон ба овози баланд гуфт, ки ҳамагӣ суҳани ӯро шуниданд. Хун бо зӯри аз андоза беруне дар дили ман ҳуҷум овард; ман ҳис мекардам, ки дилам чи гуна сахт мезанад, чи тур ранг аз чеҳраи ман дар гурехтан аст ва чи тур беихтиёрона лабҳои ман ба ларза медароянд. Ман бояд дар ин лаҳза даҳшатангез гашта бошам, зеро St.-Jérôme аз нигоҳи ман ҳазаркунон тунду тез ба пеши ман омад ва аз дастам дошт; вале ҳамин ки ман расидани дасти ӯро ба худам ҳис кардам, ҳолам чунон бад шуд, ки худамро аз ғазаб гум карда, дастамро аз ӯ кашида гирифтам ва бо тамоми зӯри кӯдаконаи худ ӯро задам.

— Ба ту чӣ шуд? — гуфт Володя ба ман наздик омада, чун бо ҳаросу тааҷҷуб ҳаракати маро дида буд.

— Маро ба ҳоли худ бигузор! — фарьёд задам ман ба ӯ дар миёни ашку об.— Ҳеҷ яке аз шумо маро дӯст намедоред ва намефаҳмед, ки ман чӣ қадар бадбахт ҳастам! Ҳамаи шумо бад ва нафратоваред,— илова намудам ман, бо ҳаяҷони беандоза ба ҳамаи ҷамъият хитоб карда.

[1] — Хеле хуб,

Вале дар ин ҳангом St.-Jérôme бо чеҳраи қатъӣ ва ранги парида боз аз сари нав ба ман наздик омад ва ҳанӯз ман ба мудофиа ҳозир нашуда кайҳо бо як ҳаракати пурзӯре ҳар ду дасти маро гӯё дар шиканҷа гирифт ва маро ба сӯе кашола карда бурд. Сари ман аз ҳаяҷон чарх зад; ҳамин қадар дар ёд дорам, ки ман то вақте ки ҳанӯз қувват доштам, аз ҳад зиёд сару зонуҳоямро ба ҳарсӯ мезадам; ёдам меояд, ки биниам чанд дафъа ба рони касе бармехӯрд ва ба даҳонам домани касе медаромад ва дар атрофам пои касе буданро ҳис мекардам, бӯи гарду хок ва violette[1] низ ба димоғам меомад, ки бо он St.-Jérôme худашро атролуд мекард.

Пас аз панҷ дақиқае аз болои ман дари мадон баста шуд.

— Василь! — гуфт ӯ бо садои нафратангез ва музаффарона,— химчаҳоро биёр . . . . . .

Боби XV

ХАЁЛОТ

Магар дар он замон ман метавонистам фикр кунам, ки пас аз ҳамаи ин бадбахтиҳое, ки ба сари ман омадааст, боз зинда хоҳам монд ва боз замоне хоҳад расид, ки ман он воқеаро оромона ба ёд оварда метавониста бошам?..

Он чиро, ки карда будам, ба ёд оварда ман наметавонистам тасаввур намоям, ки бо ман чи хоҳад шуд; вале номуайян ҳис мекардам, ки тамоман нобуд шуда рафтам.

Нахуст дар поён ва дар гирду пеши ман сукути тамом ҳукмфармо буд, ё ки эҳтимол ба ман аз ҳаяҷони бисьёр бошиддати дарунӣ ҳамин тур намудор бошад, вале андак-андак овозҳои гуногунро мешунидагӣ шудам. Василий аз поён омаду ба пеши тиреза ҷорубмонанд чизеро партофта хамьёзае кашид ва ба болои сандуқ дароз кашид. Дар поён овози баланди Август Антоныч шунида мешуд (бояд ӯ дар бораи ман чизе мегуфта бошад), пас аз он овозҳои бачагон, пас

[1] бунафша

аз он ханда, тохту тоз ва баъд аз чанд дақиқа, дар хона ҳама дар ҳаракату ҳоли қадимии худаш бозгашт ва гӯё касе намедонист ва намеандешид, ки ман дар мадони торик нишастаам.

Ман гирья намекардам, вале чизи ғароне монанди санг дар дили ман бор шуда буд. Фикрҳо ва хаёлҳо бо тамоми суръат дар тасаввури мушавваши ман омада мерафтанд; вале хотираи бадбахтие, ки ба ман расида буд, дам ба дам силсилаи аҷибу ғариби онҳоро аз ҳам мепошид ва ман боз аз сари нав ба роҳравҳои печ дар печи сарбаста дохил мешудам, ки онҳо аз номуайяниии пешоянди ман ва навмедию ҳарос пуранд.

Гоҳе ба ман чунон менамуд, ки иллати номаълуме барои бемуҳаббатӣ, ҳатто нафрати умум нисбат ба ман бояд бошад. (Дар он замон ман маҳкам қаноат ҳосил карда будам, ки аз модаркалон сар карда то Филиппи аробакаш ҳамагӣ маро бад мебинанд ва аз ранҷбурданҳои ман лаззат мегиранд.) «Ман бояд писари модарам ва падарам набошам ва на барадари Володя, балки як ятими сиёҳбахти дар роҳ афтодае бошам, ки аз рӯи шафқат маро гирифтаанд»,— мегӯям ман худ ба худ ва ин фикри нобаҷо ба ман на танҳо як навъ хидмати тасаллии андӯҳоваре мекунад, балки ҳақиқатан ҳам рост ва дуруст менамудагӣ мешавад. Барои ман он андеша хуррамиовар аст, ки ман сиёҳбахтам на аз он рӯ, ки ман айбдор ва муқассир ҳастам, балки аз он ҷиҳат, ки аз аввали умр сар карда, сарнавишти ман ҳамин тур будааст ва қисмати ман ба сарнавишти Карл Иванычи бадбахт бисьёр монанд аст.

«Вале ин розро аз ин пас ҳам аз ман нуҳуфта доштан чӣ лозим аст, ҳол он ки худи ман кайҳо ба он нуфуз кардам?— мегӯям ман худ ба худ,— худи фардо ман ба ҳузури падарам хоҳам рафт ва хоҳам гуфт: «Падар! ту беҳуда аз ман сирри валодати маро пинҳон нигоҳ медори; ман онро медонам». Ӯ хоҳад гуфт: «Чӣ бояд кард, дӯстам, дер ё зуд ту ин ҳақиқатро албатта мефаҳмидӣ,— ту писари ман нестӣ, вале ман туро ба фарзандӣ гирифта будам ва агар ту лаҳзати муҳаббати маро ба даст овардан дошта бошӣ, ман туро ҳеҷ гоҳ тарк нахоҳам кард»; ва ман ба ӯ хо-

ҳам гуфт: «Падар, ҳарчанд ман ҳақ надорам, ки туро ин тур биномам, вале ман онро акнун дафъаи вопасин ба кор мебарам, ман ҳамеша туро дӯст медоштам ва дӯст хоҳам дошт ва хайрхоҳи ман буданатро ман ҳаргиз фаромӯш нахоҳам кард, вале аз ин пас дар хонаи ту мондан наметавонам. Дар ин хона касе маро дӯст намедорад ва St.-Jérôme бошад, қасам ёд кардааст, ки маро ҳалок кунад. Ё ман, ё ӯ хонаи туро бояд тарк намоем, зеро ман дар гирудори худам ҷавобгар нестам, ин мардакро ман он қадар бад мебинам, ки ӯро ба ҳар кор кардан ҳозирастам. Ман ӯро мекушам»,— ҳамин тур бояд гуфт: «Падар, ман ӯро хоҳам кушт». Падарам аз ман дархост мекунад, вале ман даст меафшонам ва ба ӯ мегӯям: «Не, дӯсти ман, хайрхоҳи ман, мо дар як ҷо наметавонем умр ба сар барем, маро рухсат бидеҳ» — ва ман ӯро оғӯш хоҳам гирифт ва ба ӯ намедонам аз чӣ ҷиҳат ба забони франсавӣ хоҳам гуфт: «Oh mon pére, oh mon bienfaiteur, donne moi pour la derniére fois ta bénédiction et que la volonté de dieu soit faite!» [1] Ва ман дар рӯи сандуқи мадони торик нишаста, аз ин фикрҳо ҳой-ҳой гирья мекунам. Локин баногоҳ ҷазои шармоваре, ки маро мунтазир аст, ба ёдам мерасад ва ҳақиқати воқеӣ пеши назарам бо тамоми равшаниаш ҷилвагар мешавад ва хаёлоти ман ҳамон лаҳза барҳам мехӯрад.

Гоҳо ман боз худамро дар озодӣ, берун аз хонаи худамон ҳис мекардам. Ман ба сипоҳигарӣ дохил мешавам ва ба ҷанг меравам. Аз ҳар сӯе душманҳо ба ман ҳамла меоранд, ман шамшер мекашам ва аз онҳо якеро мекушам ва бо ҳамлаи дигаре — дигареро ва саввӯмиро. Оқибат аз бетобии маҷрӯҳӣ ва мондагӣ ба рӯи замин меғалтам ва фарьёд мезанам: «Зафар!» Генерал пеши ман меояд ва мепурсад: «Куҷост он наҷотдиҳандаи мо?» Ба ӯ маро нишон медиҳанд, ӯ ба гардани ман худашро меандозад ва бо сиришки хурсандӣ фарьёд мезанад: «Зафар!» Ман сиҳат меёбам ва дастамро бо латтаи сиёҳ печонда, дар хиёбони Тверской сайру гашт мекунам. Ман ге-

[1] «Оҳ, падарам, оҳ хайрхоҳам, ба ман охирин фотеҳаи худатро бидеҳ ва хости худо ҳар чӣ бошад, ҳамон шавад!»

ҳам акнун ба чунон фикр омада истодаам, ки шумо лаёқати фаҳмидани рафтори наҷибонаро надоред ва барои шумо васоити дигари паст зарураст... Ҳозир ӯзрхоҳӣ кун,— илова кард ӯ бо оҳанги қатъии омирона St.-Jérôme-ро нишон дода,— мешунавӣ?

Ман ба он сӯе, ки дасти модаркалон нишон медод, нигоҳ кардам ва сюртуки St.-Jérôme, ки ба назарам афтод, рӯямро гардондам, аз ҷоям наҷунбидам ва боз ҳис кардам, ки дилам аз ҳол меравад.

— Ҳа, чӣ шуд? магар шумо намешунавед, ки ман чӣ мегӯям?

Тамоми аъзои баданам меларзид, вале ман аз ҷои худ ҳаракат намекардам.

— Коко! — гуфт модаркалон, гӯё азоби даруниеро, ки ман мекашидам, пай бурда.— Коко,— гуфт ӯ бо садои на он қадар омирона, балки меҳрубонона,— магар ин туӣ?

— Модаркалон! ман аз ӯ маъзарат нахоҳам пурсид, ҳеҷ гоҳе,— гуфтам ман ва якбора хомӯш шудам, зеро ҳис кардам, ки агар боз як калима ҳам ба забон оварам, дигар маҷоли нигоҳ доштанам оби дидаро, ки маро танг мекард, намемонад.

— Ман ба ту амр мекунам, аз ту илтимос мекунам. Ту чӣ карда истодаӣ?

— Ман... ман... на... мехоҳам... ман наметавонам,— гуфтам ман ва гирьяи дар сина нигоҳ дошташуда, ки ҷамъ шуда буд, якбора ҳамаи банду бастҳоеро, ки онро нигоҳ медоштанд, вайрон кард ва бо як ҷараёни беандоза пурзӯре рехтан гирифт.

— C'est ainsi que vous obéissez á votre seconde mére, c'est ainsi que vous reconnaissez ses bontés[1],— гуфт St.-Jérôme бо садои фаҷеона — á genoux![2]

— Худоё, агар модараш инро медид! — гуфт модаркалонам аз ман рӯй гардонда ва ашкҳоеро, ки дар чашмонаш намудор шуда буданд, пок карда.— Агар ӯ ин ҳолро медид... хуб шуд, ки надида рафт. Ӯ ҳеҷ гоҳ тоқати дидани ин манзараро намедошт, ба ин ғам тоб оварда наметавонист.

[1] Шумо ҳамин тариқа ба модари дуввӯминатон итоат меварзед, ба некиҳои ӯ шумо ҳамин тур мукофот медиҳед.

[2] зону занед!

Ва модаркалон то рафт пурзӯртар гирья кардан гирифт. Ман низ гирья мекардам, вале ҳеҷ фикри маъзаратхоҳӣ надоштам.

— Tranquillisez-vous au nom du ciel, m-me la comtesse[1],— мегуфт St.-Jérôme.

Вале модаркалон акнун ба ҳарфи ӯ гӯш намедод, ӯ рӯяшро бо дасташ пӯшонда буд ва гирьяи ӯ ба зудӣ ба ҳолати ҳиқ-ҳиқ ва ғаш мубаддал гашт. Ба хона бо чеҳраҳои тарснок Мими ва Гаша даромада омаданд, бӯи кадом хел спирт омадагӣ барин шуд ва сар то сари ҳавлиро таку даву пичир-пичир фаро гирифт.

— Корнамоии худатонро тамошо кунед,— гуфт St.-Jérôme ҳангоме ки маро ба боло мебурд.

«Худовандо, ман чӣ коре кардам! Ман чӣ қадар ҷинояткори сахте ҳастам!».

Ҳамон даме ки St.-Jérôme ба ман гуфт, ки ба хонаи худам биравам ва худаш ба поён рафт,— ман чӣ кор карда истоданамро ҳеҷ фикр накарда, аз зинапояи калон, ки ба кӯча мебурд, давида фуромадан гирифтам.

Ман магар аз хона тамоман гурехта рафтан мехостам, ё худамро ба об андохтанӣ будам, дар хотир надорам; ҳамин қадар медонам, ки рӯямро бо дастонам пӯшонда, то ки касеро набинам, ман аз зина давида фуромада рафтан гирифтам.

— Ту куҷо? —гуфта пурсид ногаҳон аз ман як овози ошное.— Худи ту ба ман ҳозир даркор будӣ, азизам.

Ман хостам, ки аз паҳлуи ӯ давида гузарам, вале падарам аз дастам дошт ва бо ҷиддият гуфт:

— Биё, бо ман биравем, азизам! Ту чӣ тур ҷуръат кардӣ, ки дар кабинети ман ба портфель даст расонӣ,— гуфт ӯ маро ки бо худ ба хонаи хурди истироҳат мекашид.— А? чӣ сукут мекунӣ? а? — илова кард ӯ аз гӯшам гирифта.

— Ман айбдор ҳастам,— гуфтам ман,— ман худам намедонам, ки ба ман чӣ шуд?

— Ҳа, намедонӣ, ки ба ту чӣ шуд, намедонӣ, намедонӣ, намедонӣ, намедонӣ,— такрор мекард, ӯ бо

---

[1] Ба ҳурмати худо ором шавед, графхоним.

ҳар калимае, ки мегуфт, гӯшамро кашида-кашида,— баъд аз ин ҳам бинии худатро ба ҳар ҷой механонӣ? а? а?

Ҳар чанд дарди сахте дар гӯшҳоям ҳис мекардам, ман гирья намекардам, балки як эҳсоси форами рӯҳӣ дар худ мушоҳида мекардам. Ҳамон даме ки падарам гӯши маро сар дод, ман дасти ӯро гирифтам ва гирья-кунон онро бо бӯса пӯшондам.

— Бизан маро, боз,— мегуфтам ба ӯ дар миёни оби чашм,— сахттар зан, дард мекардагӣ зан, ман нобакор, ман бад, ман як одами бадбахтам!

— Ба ту чӣ шуд? — гуфт ӯ, ба оҳистагӣ маро аз худ дур карда.

— Не, не ман намеравам,— гуфтам ман ба сюртуки ӯ часпида.— Маро ҳама бад мебинанд, ман инро медонам, лекин ба ҳурмати худо, ту ба ман гӯш бидеҳ, маро мудофиа кун, ё аз хона бирон. Ман бо ӯ зистан наметавонам, ӯ ба ҳар роҳе маро ҳақорат карданӣ мешавад, ба ман амр мекунад, ки дар пеши пои ӯ ба зону биистам, маро задан мехоҳад. Ман инро бардошта наметавонам, ман акнун хурд нестам, ман ба ин тоқат надорам, ман мемирам, ман худамро мекушам. Ӯ ба модаркалонам гуфтааст, ки ман нобакорам; ӯ акнун бемор аст, ӯ аз боиси ман мемирад, ман... бо... ӯ... ба ҳурмати худо, бизан, ...аз чӣ сабаб... азоб... медиҳанд.

Оби чашм маро аз гулӯ гирифта буд, ман ба рӯи диван нишастам, ёрои сухан гуфтан дигар надоштам, бо сари худ ба зонуи ӯ афтодам ва он чунон гирьяе мекардам, ки ба назарам, бояд ҳамон лаҳза мемурдам.

— Барои чӣ гирья мекунӣ, лӯндача? — гуфт падарам бо дилсӯзӣ ба рӯи ман хам шуда.

— Ӯ ситамгори ман... золим... мемирам... ҳеҷ кас маро дӯст намедорад! — ба зӯр ҳаминро гуфта тавонистам ман ва раги дасту поям кашидан гирифт.

Падарам маро ба рӯи дасташ гирифта ба хонаи хоб бурд. Ман ба хоб рафтам.

Ҳангоме ки ман аз хоб бедор шудам, бисьёр бевақт шуда буд, шамъаке наздики тахти хоби ман месӯхт, дар хонаи ман доктори хонадони мо, Мими ва Любочка нишаста буданд. Аз чеҳраи онҳо пай бурда

мешуд, ки онҳо метарсиданд, ки ман мабодо бемор шуда бошам. Ман бошам, худамро пас аз хоби дувоздаҳсоата чунон нағз ва сабук ҳис мекардам, ки агар ба ман барҳам задани боварии қатъии онҳо, ки гӯё ман сахт бемор ҳастам, ногувор намеомад, ҳамон лаҳза аз ҷои хоб бармеҷастам.

Боби XVII

НАФРАТ

Оре, ин ҳисси нафрати ҳақиқӣ буд, на он нафрате, ки дар бораи он дар романҳо менависанд ва ман ба он боварӣ надорам, на он нафрате, ки гӯё аз бадӣ кардан ба инсон лаззат мебурда бошанд, балки ҳамон хел нафрате буд, ки ба шумо нисбат ба касе, ки лаёқати сазовори эҳтироми шумо шуданро дошта бошад, безории амоннопазире талқин менамояд ва аз он ба назари шумо мӯй, гардан, рафтор, садои овоз ва ҳамаи узв-узви ӯ, ҳама ҳаракатҳои ӯ манфур менамояд, вале бо ин ҳама шуморо бо як ҷозибаи ниҳонӣ ба сӯи ӯ мекашад ва бо як диққаткории нороҳатона шуморо ба таъқиб намудани кордориҳои ӯ маҷбур менамояд. Ман нисбат ба St.-Jérôme ҳамин ҳисро мепарвардам.

St.-Jérôme дар хонаи мо акнун яку ним сол буд, ки мезист. Ин мардро хунсардона муҳокима намуда, ман акнун дарьёфт мекунам, ки ӯ франҷузи хубе буд, вале франҷузи дараҷаи аъло. Ӯ марди беақл набуд, дуруст ва хуб таҳсил дида буд, вазифаи худашро нисбат ба мо аз рӯи виҷдон анҷом медод, вале ӯ ҳамаи он хосияти бо тамоми ҳамватанони худ муштаракро, ки ба табиату мизоҷи русӣ мухолиф буда аз худбинии сабукрӯҳона, ҷоҳпарастӣ, густохӣ ва худбоварии ҷоҳилона иборат аст, доро буд. Ҳамаи ин хосиятҳо ба ман хуш намеомад. Ошкорост, ки модаркалонам дар бораи ҷазои ҷисмонӣ назари худашро ки ба ӯ баён карда буд, ӯ моро наметавонист бизанад; вале бо ин ҳама ӯ бисьёр вақтҳо, хусусан маро, бо химча задан таҳдид мекард ва ин калимаи fouetter [1]-ро (як навъ fou-

[1] задан

atter гуфта) бо чунон оҳанге ва чунон нафратангезона адо мекард, ки гӯё маро задан ба ӯ лаззати беандоза меоварда бошад.

Ман аз дарди ҷазо ҳеҷ наметарсидам, онро ҳеҷ надида будам, вале як ҳамин андеша, ки St.-Jérôme метавонад маро занад, маро ба як ҳолати сахти рӯҳафтодагӣ ва ғазаб меандохт.

Воқеъ мешуд, ки Карл Иваныч дар ҳолати дилгир шуданаш шахсан маро бо ҷадвал ё ки бо тасмаи камарбанд ҷазо медод; вале ман инҳоро бе ҳеҷ дарду алам ба ёд меоварам. Ҳатто дар овоне, ки ман аз он ҳикоя мекунам (ҳангоме ки ман чордаҳ сол доштам), агар Карл Иваныч маро мезад ҳам, ман ба зарбу лати ӯ хунсардона тоб меовардам. Карл Иванычро ман дӯст медоштам, ман ӯро аз он замонҳое, ки худамро ба ёд дорам, медонистам ва одат карда будам, ки ӯро яке аз аъзои хонадони худамон бишуморам; вале St.-Jérôme марди мутакаббири худписанде буд, ки ман нисбат ба ӯ ҳеҷ эҳсоси хубе надоштам, ба ҷуз он эҳтироми ғайриихтиёрӣ, ки ҳамаи *бузургон* ба ман онро талқин менамуданд. Карл Иваныч як пирмарди хандаоваре, ки *амакии* соддае буд, ки ман аз ҷону дил дӯсташ медоштам, вале бо ҳамаи он мувофиқи он фаҳме, ки дар он овони кӯдакӣ дар бораи вазъияти иҷтимоӣ доштам, ӯро аз худам паст мешумурдам.

St.-Jérôme бошад, баръакс марди бомаълумот, як ҷавони зебои олуфта буд, ки кӯшиш мекард, бо дигарон ҳампой намояд. Карл Иваныч моёнро ҳамеша хунсардона сарзаниш мекард ва ҷазо медод, зоҳиран ӯ чунон мешумурд, ки ин кор агарчи зарурист, вале як вазифаи ногуворест. St.-Jérôme бошад, баръакс, бо мақоми мураббӣ оростани худашро дӯст медошт; чунон маълум мешуд, ҳангоме ки ӯ моро ҷазо медод, инро бештар барои кайфу нашъаи худаш мекард, на ин ки барои манфиати мо. Ӯ ба бузургии худаш мафтун буд. Ҷумлаҳои пуробутоби франсавие, ки ӯ ҳиҷои охирини калимаҳоро бо як задаҳои сахт, бо accent circonflе адо мекард, барои ман чунон нафратангез меомаданд, ки аз баёни он оҷизам. Карл Иваныч дарқаҳр ки шуд, мегуфт: «Мазҳакабозӣ, бачаи шӯх, пашшаи шампанӣ». St.-Jérôme моро бо калима-

ҳои mauvais sujet, vilain, garnement[1] ва ғайра меномид, ки иззати нафси маро ҳақорат мекард.

Карл Иваныч моро рӯ ба кунҷак ба зону мешинонд ва ҷазо аз дарду ранҷи ҷисмонӣ, ки аз ин вазъият ба вуҷуд меомад, иборат буд; St.-Jerôme синаашро рост мегирифт ва ишорати киборонае карда бо овози фаҷеъе фарьёд мезад: «A genoux, mauvais sujet!» ва моро мефармуд, ки ба пеши худаш зону бизанем ва афв талабем. Ин ҷо ҷазо иборат аз таҳқир буд.

Маро ҷазо намедоданд ва ҳатто ҳеҷ кас аз он чи, ки бо ман воқеъ шуд, ба ёд ҳам намеовард; вале ман он чи, ки аз сар гузаронда будам: маъюси, шарм, ҳарос ва нафрате, ки дар ин ду руз парварда будам, наметавонистам фаромӯш намоям. Ҳарчанд аз он рӯз сар карда St.-Jérôme, чунонки зоҳир мешуд, аз ман даст шуста буд ва тақрибан бо ман ҳеҷ машғул намегашт, вале ман ба бепарвоёна нигоҳ кардан ба ӯ одат карда наметавонистам. Ҳар дафъа, ҳангоме ки тасодуфан чашмони мо бо ҳам бармехӯрданд, ба ман чунон менамуд, ки дар нигоҳи ман нисбат ба ӯ як хусумати ошкоро ҳувайдо буд ва ман ба як вазъияти бепарвоёна гирифтан кӯшиш мекардам, вале он гоҳ ба ман чунон меомад, ки ӯ низ ин сохтакории маро пай мебурд, ман сурх мешудам ва тамоман аз ӯ рӯй мегардондам.

Хулоса, барои ман бо ӯ ҳар муомилае, ки бошад, кардан бениҳоят душвор меомадагӣ шуда буд.

Боби XVIII

ХОНАИ ХОДИМАГОН

Ман худамро то рафт танҳотар ҳис мекардагӣ шудам ва дилхушии асосии ман дар танҳоӣ ба фикр фурӯ рафтан ва тамошогарӣ буд. Дар бораи чизҳое, ки ман фикр мекардам, дар фасли оянда гуфта медиҳам; майдони тамошои ман бошад, беш аз ҳама ҷо хонаи ходимагон буд, ки он ҷо ишқу муҳаббати пуртаъсире ба вуқӯъ мепайваст ва маро ба худ хеле банд мекард.

[1] нобакор, разил

Қаҳрамони ин роман, худ ба худ маълум аст, ки Маша буд. Ӯ Васильро дӯст дошта буд, ки ин мард ӯро ҳанӯз замоне, ки духтарак дар озодӣ мезист, мешинохта аст ва дар ҳамон даврон ваъда дода будааст, ки ӯро ба занӣ хоҳад гирифт. Тақдир, ки онҳоро панҷ сол пеш аз ҳам ҷудо карда буд, боз дар хонаи модаркалон ҳардуяшонро ба ҳам овард, вале дар миёнаи онҳо як монеае ба вуҷуд оварда буд, ки ин монеа Николай (амаки Маша) буда, издивоҷи додарзодааш ва Васильро шунидан ҳам намехост ва ӯро як мардаки *номуносиби худсар* меномид.

Василий, ки пеш аз ин дар муомилоташ он қадар гарм набуд ва бепарвотар менамуд, аз сабаби ин монеа Машаро сахт дӯст медоштагӣ шуд ва он чунон, ки дарзии хидматгори дарӣ хона бо пироҳани гулоб ва мӯи равғанкарда он ранг ошиқӣ карда метавониста бошад, ишқ меварзидагӣ шуд.

Ҳарчанд зуҳуроти ишқи ӯ хеле аҷиб ва номулоим буд, (масалан, ҳангоме ки Машаро дучор мегашт, ӯ ҳамеша кӯшиш мекард, ки ба ӯ озор расонад: ӯро мепучид, ё бо кафаш мезад, ё ӯро чунон мефушурд, ки духтарак ба зӯр нафасашро рост мекард), вале худи ишқи ӯ самимӣ буд, ин ҳол аз ҳамин корҳои ӯ маълум мешуд: аз он замоне ки Николай ба додани Маша ба зании ӯ ба куллӣ мухолифат кард, Василий аз ғам худашро *ба шаробхӯрӣ андохт,* аз майхона ба майхона мегаштагӣ шуд, арбада мекардагӣ шуд, хулоса чунон бадрафторӣ мекардагӣ шуд, ки борҳо дар ҳабсхонаи полиция ба ҷазоҳои шармовар гирифтор гашт. Вале ин кору кирдору натиҷаҳои он гӯё дар назари Маша хидмати шоиста менамуд ва муҳаббати ӯро нисбат ба Василий меафзуд. Ҳангоме ки Василий дар *ҳаҳбас нигоҳ дошта мешуд*, Маша рӯзи дароз чашмонашро хушк накарда мегирист, аз бадии бахти худаш ба Гаша (ки ба корҳои ошиқу маъшуқи сиёҳбахт ҳамеша ҳамдардӣ мекард) шикоят менамуд, ва дашному шаллоқи амакашро ба назар нагирифта, пинҳонӣ ба дидани Василий ба ҷои боздошт шудаи ӯ медавид ва дӯсташро тасаллӣ медод.

Аз ҷамъияте, ки ман шуморо ба он дохил менамоям, напарҳезед, хонанда. Агар дар дили шумо торҳои

муҳаббат ва ҳамдардӣ суст нашуда бошанд, он гоҳ дар хонаи ходимагон низ садоҳое ёфт мешавад, ки дили шумо ба он ҳамоҳангӣ хоҳад кард. Ба ман ҳамсафар будан дар ин роҳ ба шумо хоҳ писанд ояд, хоҳ не, ман ба суфачаи зинапоя меравам, ки аз он ҷо ҳамаи он чи дар хонаи ходимагон воқеъ мешавад, дидан муяссар мегардад. Инак ҷои хобе, ки дар болои он уту, зочаи коғазии биниаш шикаста, тос, дастшӯй хобидааст; инак тиреза ва дар пеши он як порча муми сиёҳ, як калоба абрешим, бодиринги кабуди як тарафаш газидагӣ, қуттии конфет бетартиб афтодагӣ ва инак мизи сурхи калон, ки дар рӯи он дар болои чоки нав сар кардагӣ, хишти рӯяш бо чит дӯхташуда хобидааст ва дар паси он миз ӯ нишастааст ва либоси гулоби канабӣ, ки ман дӯст медорам, пӯшида қарси кабуд ба сар печидааст, ки аз ҳама бештар диққати маро ба худаш ҷалб менамояд. Ӯ машғули дӯхтан аст ва гоҳе барои бо сӯзан хоридани сараш ё барои дуруст кардани шамъ аз дӯхтан боз меистад, ман бошам, ба ӯ менигарам ва фикр мекунам: «Аз чӣ сабаб аст, ки ӯ бо ин чашмони кабуди равшанаш ва мӯи миллаи ғафси зардаш ва синаи баландаш дар хонадони ашроф ба дунъё наомадааст? Дар меҳмонхона бо кулоҳи навори гулобдор ва яктаҳи пуштигулии абрешимӣ, на чунон ки Мими дорад, балки он чунон не, ки ман дар хиёбони Тверской дидаам, пӯшида нишастан чи қадар ба ӯ зебо меомад. Ӯ дар чанбарак гулдӯзӣ мекард ва ман аз оина ӯро тамошо мекардам ва ҳар чи ки дилаш мехост, барои ӯ ба ҷо меовардам; либос пӯшиданӣ мешуд, худам ба ӯ мепӯшондам, хӯрок хӯрданӣ мешуд, худам ба ӯ меовардам...»

Чи чеҳраи майзада ва шаклу шамоили нафратоваре дорад ин Василий бо сюртуки танг, ки аз рӯи куртаи гулоби чиркини берун афканда пӯшидааст! Дар ҳар ҳаракати бадани ӯ, дар ҳар кадом хами пушти ӯ, ба ман чунон меояд, ки ман бешакку шубҳа нишонаҳои ҷазои манфурро мебинам, ки ӯ ба онҳо дучор шудааст...

— Ҳа, Вася? боз,— гуфт Маша сӯзанро ба болишт халонда ва сарашро ба сӯи Василий, ки даромада меомад, набардошта.

— Чӣ мешуд? магар аз ӯ ҳеҷ кори хубе мебарояд,— гӯён ҷавоб дод Василий,— кошкӣ ба ягон фикр меомад; вагарна ман ба куллӣ аз кор афтодаам, ҳамин тур бе ҳеҷ иллате ва ҳамааш барои ӯ.

— Чой хӯрдан мехоҳед? — гуфт Надежда, ходимаи дигаре.

— Итоаткорона миннатдорӣ мекунам. Охир, аз барои чӣ маро бад мебинад ин дузд, амаки ту, аз барои чӣ? аз барои он, ки либосҳои дуруст дорам, аз барои карру фаре, ки дорам, аз барои рафтори хиромонам. Як гап. Эҳ! — гуфт Василий ва дасташро афшонда суханашро хотима дод.

— Итоаткор будан даркор,— гуфт Маша ресморо газида истода,— шумо бошед, ҳама ин тур...

— Дигар тобу тоқатам намонда аст, ана ҳамин!

Дар ин ҳангом аз хонаи модаркалонам садои дар ва овози ғур-ғури Гаша, ки аз зина баромада меомад, шунида шуд.

— Биёву ин ҷо дилашро ёб, вақто ки худаш намедонад, чӣ мехоҳад... *зиндагии* лаънатии бандиёна! Чӣ мешуд, ки як, худоё биёмурз гуноҳи маро,— зери лаб гуфт ӯ дастонашро ҳаракат дода.

— Эҳтиромоти ман ба Агафья Михайловна,— гуфт Василий дар пешвози ӯ аз ҷояш нимхез шуда.

— Эҳ, моне! Ба эҳтироми ту фурсат нест,— гуфт ӯ таҳдидомезона ба Василий нигоҳ карда,— чаро ин ҷо меой? магар ба назди духтарон омаду рафт кардани мардон дуруст аст...

— Саломатии шуморо донистанӣ шуда,— Василий беҷуръатона ҷавоб гуфт.

— Ба зудӣ мурда меравам, ҳамин аст саломатии ман,— гуфт боз бештар қаҳрнок шуда ва бо тамоми даҳонаш фарьёд зад Агафья Михайловна.

Василий хандида сар дод.

— Ин ҷо ҷои ханда нест, рав ки гуфтам, ба роҳат рафтан гир! — Ана бинед мурдорро, ин ҳам зан гирифтанӣ, нобакор! — Канӣ пеш даро, равон шав!

Ва Агафья Михайловна пойҳояшро ба замин кӯфта ба хонаи худаш гузашта чунон дарашро сахт пӯшонд, ки шишаҳои тиреза ба ларза даромаданд.

Аз паси девор боз чанд гоҳ овози дашном ва нафрини ҳама ва ҳамагӣ ва лаънатхонӣ ба зиндагии худаш шунида мешуд, ӯ чизу чораашро ҳар сӯ мепартофт ва гурбаи дӯстдоштаашро аз гӯшҳояш мекашид; оқибат дар нимкоф шуд ва аз он гурбаи аз думаш партофта шуда фарьёдзанон парида баромад.

— Зоҳиран, барои чойхӯрӣ дафъаи дигар омадан даркор,— гуфт Василий гӯшакӣ карда.— Хайр, то дидан хуш бошед.

— Чизе нест,— гуфт Надежда чашмакзанон,— ман ҳозир меравам ба самовор нигоҳ мекунам.

— Ҳа, акнун ман корро яктарафа мекунам,— гӯён давом намуд Василий ба Маша наздиктар нишаста, ҳангоме ки Надежда аз хона баромад,— ё рост пеши графхоним меравам ва мегӯям: «ин тур-ин тур», ё ки акнун... ҳамаашро партофта мегурезам, меравам ба ягон гӯшаи дуньё, ба худо.

— Ман чи тур мемонам...

— Фақат ба ту дилам месӯзад, вагарна каа...й...ҳо... сари ман дар озодӣ буд, ба худо, ба худо.

— Ту чаро куртаҳоятро намеорӣ, ки бишӯям, Вася,— гуфт Маша пас аз андаке хомӯшӣ,— охир, бубин, сип-сиёҳ шудааст,— илова кард ӯ аз гиребони Василий гирифта.

Дар ин ҳангом аз поён овози зангӯлаи модаркалонам шунида шуд ва Гаша аз хонааш баромад.

— Эҳ, бадзот, аз ӯ чӣ мехоҳӣ? — гуфт Гаша Василийро ба дар тела дода, ҳангоме ки Василий ӯро дида аз ҷояш бесаришта бархост.— Духтаракро то ба ин ҳол андохтӣ, боз ӯро танг мекунӣ, аз афташ ба оби дидааш нигоҳ кунӣ, хурсанд мешавӣ, беҳаё. Дафъ шав аз ин ҷо. Қадаматро дар ин ҷо магузор. Чӣ хубие дар ӯ дидай? — гӯён давом намуд ӯ ба Маша хитобан.— Туро магар аз барои ӯ амакат кам шаллоқ кард? Не, ҳама якраҳагӣ: ба ғайр аз Василий Грусков ба дигар касе намерасам, мегӯяд. Беақл!

— Ҳа, ба ҳеҷ каси дигар намерасам, дигар касеро дӯст намедорам, маро аз барои ӯ кушӣ ҳам,— гуфт Маша, баногоҳ оби дидаашро ҷорӣ карда.

Ман дуру-дароз ба Маша нигоҳ кардам, ки дар болои сандуқ дароз кашида, оби чашмашро бо нуки

рӯмолаш пок мекард ва бо ҳар роҳе кӯшиш мекардам, ки назари худамро дар бораи Василий тағьир диҳам, то он нуқтаи назареро биёбам, ки ӯро ба назари Маша ин қадар ҷозиб ва дилпазир месохт. Вале бо вуҷуди он ки ман аз самими қалб ба андӯҳи ӯ ҳамдардӣ мекардам, ҳеҷ натавонистам бирасам, ки Маша барин як махлуқи ба назари ман ин қадар дилрабо чи тур метавонист Василийро дӯст бидорад.

«Ҳангоме ки ман бузург мешавам,— пеши худ муҳокима мекардам ман ба боло ба хонаи худ баргашта,— деҳаи Петровское ба ман мерасад ва инҳо — Василий ва Маша мамлуки ман мегарданд. Ман дар кабинет нишаста тамоку хоҳам кашид. Маша уту дар даст ба тарафи ошхона хоҳад рафт. Ман хоҳам гуфт: «Машаро ба назди ман гуфта монед». Ӯ хоҳад омад ва дар хона касе нахоҳад буд... Ногаҳон Василий аз дар медарояд ва Машаро, ки мебинад: «Сари ман бар бод рафт!» мегӯяд ва Маша ҳам гирья карда сар медиҳад; ман бошам, мегӯям: «Василий, ман медонам, ки ту ӯро дӯст медорӣ ва ӯ туро дӯст медорад, биё бигир ин ҳазор сӯмро ва бо ӯ хонадор шав ва худо шуморо хушбахт намояд», ва худам ба хонаи истироҳат гузашта меравам. Дар миёни афкору хаёлоти бешуморе, ки ҳеҷ асаре нагузошта аз фикру андешаи ман мегузаранд, он қабиле ҳам ҳастанд, ки огарду чӯяки муассире мегузоранд: он чунон ки гоҳе ҳақиқати ҳоли худи андешаро аз ёд бароварда. ёд мекунӣ, ки дар сар чизи хубе омада буд ва асари он афкорро ҳис мекуни ва кӯшиш менамоӣ, ки онро боз аз сари нав зинда кунӣ. Ҳамин ранг асари жарфе дар рӯҳи ман андешаи қурбон кардани эҳсосоти худ ба манфиати хушбахтии Маша, ки онро фақат дар ҳамхонагӣ бо Василий метавонист ёбад, гузошта буд.

Боби XIX

НАВҶАВОНӢ

Маҳбубтарин ва доимитарин чизҳои тафаккуроти ман дар овони навҷавониам, чиҳо будааст,— агар гӯям, эҳтимол ба он бовар накунанд, зеро онҳо бисьёр бо синну соли ман ва шаъни ман номувофиқ ва но-

муносиб буданд. Вале дар назари ман, номувофиқатӣ миёни шаъни инсон ва фаъолияти рӯҳии ӯ дурусттарин аломати ҳақиқат аст.

Дар муддати як соле, ки ҳаёти рӯҳии ман дар танҳоӣ ва таваҷҷӯҳ ба замири худ мегузашт, ҳамаи масъалаҳои назарӣ монанди вазифаи инсон, ҳаёти оянда, абадияти рӯҳ кайҳо маро машғул мекарданд; ва ақли заифи бачагонаи ман, бо ҳама гармии бетаҷрибагӣ мехост он масъалаҳоеро ҳал кунад, ки пешниҳод кардани онҳо он дараҷаи олиест, ки ақли инсон метавонад ба он бирасад, аммо ҳал кардани онҳо барои ӯ мақдур намебошад.

Ба ман чунин меояд, ки ақли инсонӣ дар ҳар фарди он, дар даврони такомулаш он роҳеро тай мекунад, ки тамоми як насли инсонӣ ба ҳамон тариқ нашъу намо намоянд, ва фикрҳое ки дар асоси назарияҳои фалсафии гуногун гузошта шудааст, қисмҳои ҷудонашавандаи ақлу идрок мебошад; вале ҳамин қадар ҳаст, ки инсон онҳоро пеш аз каму беш хабар ёфтанаш аз мавҷудияти назарияҳои фалсафӣ тааққул кардааст.

Ин фикрҳо ба ақли ман чунон равшан ва ба тарзи ҳайратангез намудор мешуданд, ки ман ҳатто онҳоро мехостам ба ҳаёт татбиқ намоям ба андешаи он, ки гӯё ман *нахустин касе ҳастам*, ин ҳақиқатҳои фоидаанок ва бузургро кашф кардаам.

Боре ба сари ман он андеша омад, ки бахту саодат на ба иллати асбобҳои хориҷӣ ба вуҷуд меояд, балки аз ҷиҳати муносибати мо нисбат ба онҳо пайдо мегардад ва инсоне, ки ба озор кашидан одат кардааст, наметавонад бадбахт гардад ва барои он, ки худамро ба кору меҳнат одат кунонам, ҳар чанд бисьёр озорнок ҳам бошад, то панҷ дақиқа дастамро рост боло карда дар он китоби луғати Татищевро бардошта меистодам, ё ки дар мадон медаромадам ва бо арғамчин ба пушти бараҳнаи худам чунон сахт мезадам, ки беихтиёр дар чашмонам ашк намудор мегашт.

Бори дигар дар мулоҳизаи ман ногаҳон чунин фикре омад, ки марг ҳамеша мунтазири ман аст ва ҳар ону ҳар дақиқа ман метавонам бимирам ва худам ҳам нафаҳмида чунон ки ҳанӯз он ҳақиқати ошкорро

мардумон низ идрок кардан натавонистаанд, ба чунин қарор омадам, ки инсон то ояндаро аз ёдаш набарорад ва ба ҳоли ҳозир машғул нагардад, масъуд шудан наметавонад. — ва дар зери таъсири ин андеша ман як се рӯз дарсро тарк карда машғул ба он шудам, ки дар рӯи рахти хоб дароз кашида аз хондани роман лаззат мебурдам ва ба охирин маблағе, ки доштам, кулчаҳо ва ширинии бо ангубин парварда харида мехӯрдам.

Як дафъа дар пеши лавҳаи сиёҳ истода дар рӯи он бо бӯр шаклҳои гуногун тасвир мекардам ва ногаҳон аз омадани як фикре дар ҳайрат афтодам: аз чӣ сабаб таносуби андом барои чашм гуворо меояд? таносуб яъне чӣ? Ин эҳсоси фитрист, ҷавоб мегуфтам ман ба худ. Асосу асли он чист? Магар дар ҳама чиз дар олам таносуб мавҷуд аст? Баръакс, инак ҳаёт, — гуфтам ман ва дар рӯи лавҳа як шакли байзагӣ кашидам. — Пас аз ин зиндагонӣ рӯҳи инсонӣ ба абадият мегузарад; инак абадият — ва ман аз як тарафи шакли байзагӣ хате то мунтаҳои лавҳа кашидам. Аз чӣ сабаб аз тарафи дигараш ин навъ хате нест? Оре, дар ҳақиқат, абадият фақат аз як ҷиҳат чи тур метавонад мавҷуд бошад, шояд мо пеш аз ин зиндагонӣ низ мавҷуд буда бошем, ҳар чанд ёди онро фаромӯш кардаем.

Ин тарз муҳокима, ки барои ман бисьёр тоза ва нав менамуд ва алоқаи онро ҳоло ба зӯр метавонам ба даст дароварам, ба ман бисьёр хуш омад ва ман як варақ коғаз гирифта хостам, ки онро навишта таҳрир намоям, вале дар ин лаҳза ба сарам он қадар фикрҳои бисьёре ҳуҷум овард, ки ман маҷбур шудам аз ҷоям бархезам ва дар хона пасу пеш қадам бизанам. Ҳангоме ки ман ба тиреза наздик шудам, назари диққати маро аспи обкашоне ба худ ҷалб намуд, ки дар ин лаҳза аробакаш онро ба ароба мебаст ва ҳамаи андешаи ман мутаваҷҷеҳи ҳалли ин масъала гашт: рӯҳи ин асп баъд аз мурданаш ба кадом одаме ё ба кадом ҳайвоне мегузашта бошад? Дар ин ҳангом Володя, ки аз хона мегузашт, дид, ки ман дар бораи чизе ба фикру андеша фурӯ рафтаам, табассуме кард ва ҳамин лабханд кифоя буд, ки ман бифаҳмам, он чи, ки ман меандешам, ҳамагӣ беҳуда ва афсона буду бас.

Ман ин ҳодисаи дар ёд мондаи худамро ҳикоят кардам, то ба хонанда бифаҳмонам, ки фикрроиҳои ман чӣ ранг будааст.

Вале ман ба ҳеҷ яке аз ҷараёнҳои фалсафӣ, чунон ки ба ҷараёни шаккокӣ бошад, дилбохта набудам, ва ин фалсафа замоне қариб маро ба девонагӣ расонда буд. Ман тасаввур ва хаёл мекардам, ки ба ғайр аз ман ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз дар олам мавҷуд нест, ин ашьё — ашьё нестанд, балки шамоилҳое ҳастанд, ки ҳангоми мутаваҷҷеҳ шудани ман ба онҳо мавҷудият пайдо мекунанд ва чун ҳангоме ки ман дар бораи онҳо аз фикр кардан боз меистам, ин шамоилҳо ҳамон лаҳза пайгум мешаванд. Хулоса, онгоҳ ман бо Шеллинг ҳамдостон ва ҳамфикр шуда будам, ки на худи ашьё, балки муносибати ман ба онҳо вуҷуд дорад. Лаҳзаҳое мешуданд, ки ман дар таъсири ин *ғояи доимӣ* то он дараҷаи ҷунун мерасидам, ки гоҳе зуд рӯямро гардонда ба ақиб назар меафгандам ба умеди он, ки ғафлатан дар он ҷое, ки худам набошам, холигӣ (néant)-ро дарьёфт кунам.

Нотавон, ночиз як фанари фаъолияти рӯҳонист ақли одам!

Ақли заифи ман ношикофтаниро наметавонист бишикофад, дар такопӯи зӯраш намерасидагӣ ақидаҳоеро, ки барои бахту саодати ҳаёти худам ҳеҷ гоҳе мебоист ба онҳо даст намезадам, яке аз паси дигаре аз даст медод.

Аз ҳамаи ин такопӯи душвори рӯҳӣ ман ба ҷуз найрангбозиҳои ақлӣ, ки қувваи иродаи маро аз тобу тавон афтонд, ва одати таҳлил ва тадқиқи рӯҳияи доимӣ, ки таровати ҳиссиёт ва сароҳати тааққулро ба бод дода буд, дигар чизе ба даст надаровардам.

Истеъдоди ба воситаи шуур ва идрок дар дақиқаҳои муайян фаро гирифта тавонистани инсон аҳволи рӯҳияро, ва ба дасти хотирот супурда тавонистани ӯ онҳоро боиси ба вуҷуд омадани фикрҳои таҷридӣ мегардад. Тамоили ман ба муҳокимаҳои таҷридӣ он чунон ба тарзи гайри табиӣ шуури маро инкишоф дода буд, ки ман бисьёр вақтҳо дар бораи як чизи бисьёр оддӣ фикр карда истода ба як силсилаи таҳлилҳои саргуми фикрҳои худам гирифтор мешудам.

онгоҳ аз худи он масъала, ки маро машғул медошт, дур мешудам ва фақат андешаи ман ба он машғул мешуд, ки ман чӣ меандешидам. Ҳангоме ки ман аз худам: дар бораи чӣ меандешам? гӯён мепурсидам, чунин ҷавоб мегуфтам: ман меандешам аз он, ки ман чи меандешам. Акнун дар бораи чӣ меандешам? Акнун ман меандешам, ки ман меандешам дар бораи он, ки ман чӣ меандешам ва ҳоказо. Сари калобаи афкорам нопадид мешуд...

Аммо кашфиёти фалсафӣ, ки ман мекардам, ба иззати нафси ман фавқулъодда писанд меомад: ман аксар худамро як шахси бузург тасаввур менамудам, ки ба манфиати инсоният ҳақиқатҳои тозае мекушода бошад ва ба дигар махлуқот бо шуури мағруронаи ҳамияти худ менигаристам; валекин аҷобот дар ин ҷост, ки бо ин махлуқот ки рӯ ба рӯ мешудам, дар пеши ҳар кадоми онҳо метарсидам ва ҳар чи қадар, ки худамро дар назари худ баландтар мениҳодам, ҳамон қадар ҳам дар пеши дигарон ба нишон додани ҳамияти худам камтар ҷасорат ҳис мекардам, балки ҳатто аз сабаби ҳар як калимаи оддии худам, ҳар як ҳаракатам ба шарм накардан одат ҳам кардан наметавонистам.

Боби XX

ВОЛОДЯ

Оре, чи қадар ки ман дар навиштани ҳолати ин давраи ҳаёти худам пештар меравам, ҳамон қадар кори ман душвортар ва вазнинтар мегардад. Дар миёни хотироти ин даврон дақиқаҳои он эҳсосоти гарме, ки ба оғози зиндагонии ман муттасил нур мепошид, камтар меёбам. Дилам беихтиёр мехоҳад, ки ин саҳрои навҷавониро зудтар тай намоям ва ба он овони хушбахтӣ бирасам, ки боз аз сари нав бо ҳиссиёти дӯстии наҷибонаи ҳақиқатан латифу гарму равшани худаш, охири ин синну солро афрӯхта ва ба даврони нахустини ҷавонии пур аз зебоии тоза асос гузошта буд.

Ман аз паси хотираҳоям қадам ба қадам нахоҳам рафт, вале дар бораи муҳимтарин марҳалаҳои он давра, ки то он ҷо ҳикояти худамро расондаам, як назари босуръате хоҳам афганд, ва то он ҷо хоҳам бирасонд, ки бо як одами фавқулоддае, ки таъсири бисьёр олӣ ва қатъӣ ба хулқ ва хати ҳаракати ман иҷро кардааст, ошноӣ ва наздикӣ пайдо кардаам.

Володя дар ҳамин рӯзҳо ба дорулфунун дохил хоҳад шуд, акнун барои ӯ муаллимҳо алоҳида омада мераванд ва ман бо рашк ва бо эҳтироми беихтиёрона ғӯш медиҳам, ки чи тур ӯ чобукона ба рӯи лавҳаи сиёҳ бо бӯр тақ-тақ карда, дар бораи функция, синус, координатҳо ва монанди инҳо баҳс мекунад, ки ба назари ман таъбирҳои баланди дастнораси ҳакимона менамояд. Вале инак дар яке аз якшанбеҳо, пас аз наҳорӣ, дар хонаи модаркалонам ҳамаи муаллимҳо ва ду профессор ҷамъ омада дар ҳузури падарам ва чанде аз меҳмонон як машқи имтиҳони дорулфунунро гузаронданд, ки дар он маърака ба хурсандии беандозаи модаркалонам, Володя дониши фавқулоддаи худашро нишон дод. Ба ман ҳам дар он рӯз чанд суоле аз баъзе дарсҳо доданд, вале ман бад ҷавоб додам ва профессорҳо гӯё дар ҳузури модаркалонам надонистани маро хаспӯш карданӣ шуданд, ки ин гиру дори онҳо маро боз бештар хиҷолатзада мекард. Вале онҳо ба ман чандон эътибор ҳам намедиҳанд: ман фақат понздаҳ сол дорам, пас то имтиҳон боз як сол мемонад. Володя фақат дар наҳорӣ ба поён меояд ва тамоми рӯзҳо, ҳатто шабҳои дароз дар боло машғули хондан аст ва ин машғулияти ӯ на иҷборист, балки бо тамоми рағбат ва хоҳиши ӯ давом мекунад. Ӯ фавқулодда соҳиби иззати нафс аст ва мехоҳад, ки имтиҳонро на ба тарзи миёна, балки ба дараҷаи аъло бисупорад.

Инак рӯзи имтиҳони нахустин расид. Володя фраки кабуд пӯшид, ки тугмаҳои биринҷӣ дошт, соати тилло овехт, мӯзаҳои локӣ ба по кард; фойтуни падарамро ба дами дар оварданд; Николай инак пешгирро ба як сӯ мекунад, Володя бо St.-Jérôme ба дорулфунун раҳсипор мегарданд. Духтаракон, хусусан Катенька бо шодмонӣ ва чеҳраҳои барафрӯхта аз тиреза ба қомати мавзуни Володя, ки дар фойтун ни-

шаста истодааст, менигаранд, падарам мегӯяд: «Худо дуруст кунад, худо диҳад», модаркалонам бошад, кашолон-кашол ба дами тиреза низ омадааст ва ашк дар чашмон ба сӯи Володя то он ҳангоме хоҷ мезанад, ки фойтун дар паси кунҷи тангкӯча пинҳон мегардад ва дар зери лаб чизе мехонад.

Володя баргашта омад. Ҳамагӣ бо бесабрӣ аз ӯ мепурсанд: «Чӣ тур? хуб? чанд?» вале аз худи чеҳраи хушҳолонаи ӯ намудор аст, ки хуб аст. Володя панҷ гирифтааст. Дар рӯзи дигар низ бо ҳамон орзуҳо ва бо ҳамон тарсу ваҳм ӯро гусел мекунанд, бо ҳамон бесабрӣ ва хурсандӣ пешвоз мегиранд. Ҳамин тур нӯҳ рӯз мегузарад. Рӯзи даҳӯми вопасин ва душвортарини имтиҳонҳо — дарси диёнат дар пеш аст, ҳамагӣ дар дами тиреза ва бо бесабрии рӯзафзун ӯро чашмдоронанд. Кайҳо соат ду шудааст, лекин Володя нест.

— Ой худоё! Худоё!!! онҳо!!! онҳо!! — гӯён фарьёд мекашад Любочка рӯяшро ба шиша часпонда истода.

Ҳақиқатан ҳам дар фойтун дар паҳлуи St.-Jérôme Володя нишастааст, вале акнун на дар фраки кабуд ва кулоҳи хокистарӣ, балки дар мундири донишҷӯён бо гиребони дӯхтаи кабуд, дар кулоҳи сегӯша ва шамшери канораш заррин дар паҳлу.

— Оҳ, агар, ту зинда мебудӣ, чӣ мешуд! — фарьёд мезанад модаркалон Володяро мундир дар тан дида ва аз худ меравад.

Володя бо чеҳраи дурахшон ба даҳлез давон медарояд, маро, Любочкаро, Мимиро ва Катенькаро мебӯсад ва оғӯш мегирад, ва Катенька то баногӯш сурх мешавад. Володя аз хушҳолӣ худашро намешиносад. Ва ӯ чӣ қадар хушнамост дар ин мундир! Гиребони кабуд ба мӯйлабчаи навхези сиёҳаш ҳам чӣ қадар хуб муносиб афтодааст! Ва ӯ чӣ қадар камари борики мавзун ва рафтори олиҷанобона дорад! Дар ин рӯзи фарамӯшнашаванда ҳамагӣ дар хонаи модаркалонамон таом мехӯрданд ва ҳама чеҳраҳо аз масрурӣ медурахшад; дар ҳангоми наҳорӣ, дар вақти ширинӣ хӯрдан сарпешхидмат бо шаъну шукӯҳ ва чеҳраи хушҳол шишаи дар дастмол печидаи шампанскиро меоварад. Модаркалонам, дафъаи нахустин аст,

ки пас аз вафоти модарам шампански мехӯрад ва тамоми қадаҳро то охир ба сар мекашад, Володяро муборакбод менамояд ва боз аз хурсандӣ ба ӯ нигоҳ карда гирьён мешавад. Володя акнун якка дар аробаи махсуси худаш аз хона ҳаракат менамояд, *дар хонаи худаш* меҳмонҳояшро пазирой мекунад, тамоку мекашад, ба базмҳо меравад ва ҳатто ман худам дидам, ки ӯ боре дар хонаи худаш бо ошноҳояш ду шиша шампански хӯрда буд ва онҳо дар вақти бардоштани пиёла номи кадом як шахсҳои маҳҳулро мебурданд ва дар бораи он, ки le fond de la bouteille[1] ба навбати кӣ хоҳад омад, муноқаша доштанд. Ӯ бо ин ҳама мунтазаман дар хона наҳорӣ мехӯрад ва пас аз наҳорӣ дар хонаи истироҳат менишинад ва дар чи хусус бошад, ҳамеша асроромезона бо Катенька сӯҳбат дорад; вале он қадар, ки ман шунида тавонистаам,— чун ба гуфтугузорашон иштирок намекардам,— онҳо аз мардон ва заноне, ки қаҳрамонҳои романҳои хондагиашон буданд, баҳс мекунанд, дар бораи рашку ишқ ҳарф мезананд; ва ман ҳеҷ наметавонам бифаҳмам, ки онҳо аз ин гуфтугузорҳо чӣ лаззате мебурда бошанд ва намедонам барои чӣ онҳо он чунон асроромезона табассум мекунанд ва гарму ҷӯшон мубоҳиса мебаранд.

Умуман ман чунон пай мебарам, ки миёни Катенька ва Володя ба ҷуз дӯстии мафҳуми миёни рафиқони бачагӣ, як навъ муносибати аҷибу ғарибе ҳаст, ки онҳоро аз мо дур месозад ва миёни худашон асорангезона пайванд медиҳад.

Боби XXI

КАТЕНЬКА ВА ЛЮБОЧКА

Катенька шонздаҳ сол дорад, ӯ қад кашидааст; андоми бесалиқа, шармгинӣ ва ҳаракатҳои ноҳинҷоронае, ки махсуси духтарон дар синну соли гузаштан аз бачагӣ ба ҷавонӣ мебошад, акнун ҷои худашонро ба таровати мутаносибона ба зебоии гулҳои навшукуфта вогузор намудаанд; вале ӯ дигар нашудааст.

[1] таги шиша

Ҳамон чашмони обиранг ва нигоҳи хандон ва ҳамон бинии рост ба пешонӣ кашидашуда бо парраҳои сахт ва даҳонаш бо ҳамон лабханди фурӯзон, ҳамон чаҳча дар рухсораҳои арғувонии шаффоф, ҳамон дастчаҳои сафед... ва ба ӯ, намедонам аз чӣ сабаб мисли пеш ҳамон номи духтараки *тозекак* хеле мувофиқ меояд. Чизи тозае, ки дар ӯ пайдо шудааст, мӯи миллаи ғуллии зардаст, ки мисли калонҳо овезон карда мегардад ва синаи барҷастаи хурдтараке, ки намудор шудани он ӯро ҳам хушҳолӣ мебахшад, ҳам шармнок мекунад.

Ҳар чанд Любочка ҳамеша ҳамроҳи ӯ бузург шудааст ва тарбия гирифтааст, бо он ҳама аз ӯ дар ҳар ҷиҳат фарқ мекунад.

Любочка қоматбаланд нест, аз сабаби он, ки бемории англисиро аз сар гузарондааст, пойҳои ӯ ҳанӯз мурғобивор аст ва миёнаш хеле бадсуроб. Дар ҳамаи андоми ӯ чизи хубе, ки дорад, чашмонаш аст ва ин чашмон ҳақиқатан ҳам хубанд — бузург, сиёҳ ва чунон адои дилрабоёнаи ғайри муайяни солорона ва соддаворе доранд, ки онҳоро нодида ангоштан ғайри мумкин аст. Любочка дар ҳама кораш соддавор ва табиист; Катенька бошад, гӯё мехоҳад ба касе монанд бошад. Любочка ҳамеша рост нигоҳ мекунад ва гоҳе ба касе чашмони сиёҳи бузурги худашро дӯхта, онҳоро чунон дуру дароз аз он намеканад, ки аз ин рӯ ӯро сарзаниш мекунанд ва мегӯянд, ки ин ҳаракати ӯ беадабона аст, Катенька баръакс, мижгонашро поин меандозад, чашмашро нимроғ мекунад ва мегӯяд, ки ӯ кӯтоҳбин аст, ҳол он ки ман нағз медонам, ӯ бисьёр хуб мебинад. Любочка дар ҳузури дигарон нозу нуз карданро дӯст намедорад, агар касе ӯро дар ҳузури дигарон бӯса кунад, қаҳру димоғ карда мегӯяд, ки ин хел *муомилаҳои нозукона*ро дӯст надорад; Катенька баръакс, дар ҳузури меҳмонҳо бо Мими бисьёр нозукмуомила мешавад, ва бо яке аз духтарон ҳамоғӯш шуда дар зал рафту ой карданро дӯст медорад. Любочка бисьёр серхандааст ва гоҳе дар ҷӯши ханда дастҳояшро ба ҳар сӯ афганда дар рӯи хона медавад; Катенька бошад, вақте ки ба ханда сар мекунад, даҳонашро бо рӯмол ё бо даст мегирад. Любочка ҳамеша

рост менишинад ва ҳангоми роҳ рафтан дастҳояшро овезон мекунад, Катенька сарашро андаке кач карда ва дастҳояшро ба ҳам баста мегардад. Любочка ҳар вақте ки бо як марди калон сӯҳбат кардан ба ӯ муяссар шавад, аз ҳад зиёд хурсанд мегардад ва мегӯяд, ки ӯ албатта як шавҳари гусар хоҳад кард; Катенька мегӯяд, ки ҳамаи мардон ба ӯ нофораманд ва ӯ ҳеч гоҳ шавҳар нахоҳад кард ва ҳангоме ки марде бо ӯ сухан мегӯяд, тамоман дигаргун мешавад, гӯё аз чизе метарсида бошад. Любочка ҳамеша аз Мими норозист, ки ӯро маҳкам бо синабанду миёнбандҳо мепечанд ва мегӯяд, ки «нафас кашидан наметавонад», ва хӯрок хӯрданро дӯст медорад. Катенька бошад, баръакс бисьёр мешавад, ки ангушташро ба зери гӯшае аз либосаш тиққонда ба мо нишон медиҳад, ки он пӯшок барои ӯ чӣ қадар фарох аст ва хӯрокро хеле кам мехӯрад. Любочка сурати каллачаҳоро кашиданро дӯст дорад; Катенька бошад, фақат гулҳо ва шабпаракҳоро мекашад. Любочка мақомҳои Фильдро ва баъзе оҳангҳои Бетховенро хуб барчаста менавозад; Катенька навохтани тағьирҳо ва вальсҳоро дӯст медорад, суръати усулро суст мекунад, пардаҳои пианиноро сахт мекӯбад, дам ба дам рикоб (фашанг)-и пианиноро пахш мекунад, ва пеш аз он, ки чизеро ба навохтан сар кунад, бо ҳиссиёт се аккордро бо усули *arpeggio* мегирад...

Вале Катенька ба назари онзамонии ман бештар ба калонсолон мемонад ва аз он ҷиҳат ба ман бештар хуш меояд.

Боби XXII

ПАДАР

Падарам аз он замоне, ки Володя ба дорулфунун дохил шуд, бисьёр хурсанд аст ва бештар аз пеш ба хонаи модаркалон ба наҳорӣ хӯрдан меояд. Аммо сабаби хушҳолии ӯ, чунон ки ман аз Николай фаҳмидам, он будааст, ки ӯ дар ин рӯзҳои охир хеле бисьёр бурд кардааст. Гоҳе ҳам чунон воқеъ мешавад, ки ӯ шабоҳангом, пеш аз рафтан ба клуб назди мо медарояд, дар назди фортепиано менишинад, моро ба гир-

ди худаш меғундорад ва бо мӯзаи мӯлоими худ (ӯ пошнаҳои сахтро хуш надорад ва ҳеҷ гоҳ он чунон попӯшҳо намепӯшад) пой кӯбон сурудҳои лӯлиёнро мехонад. Ва он гоҳ хушҳолии хандаовари духтари дӯстдоштааш Любочкаро, ки худи ӯ низ падарро парастиш менамояд, дидан тамошо дорад. Гоҳе ӯ ба дарсҳои ман меояд ва ба тури ҷиддӣ дарс ҷавоб додани маро гӯш медиҳад ва аз ислоҳ карданӣ шуданаш баъзе калимаҳоро мебинам, ки он чиро, ки ба ман таълим медиҳанд, худаш хуб намедонад. Гоҳе, вақте ки модаркалон бесабаб ба ҳама оташи ғазаб мепошад ва ғур-ғур мекунад, ӯ оҳиста чашмак мезанад ва ба мо ишораҳо менамояд. «Оҳ, чиҳо ки ба сари *мо* наёмад, бачаҳо»,— мегӯяд ӯ пас аз он. Умуман ӯ андак-андак дар назари ман аз он баландии дастнорасе, ки хаёли бачагонаи ман ӯро он ҷо мениҳод, поин фуромада истода аст. Ман бо ҳамон ҳисси самимонаи муҳаббат ва эҳтиром дасти бузурги сафеди ӯро мебӯсам, вале акнун ба худам иҷозат медиҳам, ки дар ҳаққи ӯ баъзе андешаҳо бинамоям ва кирдори ӯро муохаза кунам, ва дар дилам беихтиёр чунон фикрҳое хутур мекунанд, ки онҳо маро метарсонанд. Ҳеҷ гоҳ он лаҳзаеро, ки дар ман ин тур бисьёр андешаҳо оварда ва ба ман озори рӯҳӣ расонда буд, фаромӯш кардан наметавонам.

Як рӯз бегоҳонӣ ӯ дар фраки сиёҳ, бо жилети сафед ба меҳмонхона дохил шуд, ки Володяро бо худ дар базме бубарад; Володя дар ин лаҳза дар хонаи худаш ба либоспӯши машғул буд. Модаркалон дар хобгоҳаш мунтазир буд, ки Володя биёяд ва худашро ба ӯ нишон бидиҳад (одати ӯ чунин буд, ки ҳар дафъа пеш аз рафтани Володя ба базме, ӯро пеши худ мехонд, ҳар тарафи ӯро аз назар мегузаронд, дар ҳаққи ӯ дуо мекард ва панду насиҳат медод). Дар зале, ки як чароғ месӯхт, Мими бо Катенька пасу пеш рафтуой мекарданд, Любочка бошад, дар назди рояль нишаста буд ва концерти дуввӯми Фильдро такрор мекард, ки маҳбубтарин нағмаи модарам буд.

Ҳеҷ гоҳ дар ҳеҷ кас шабоҳати хонаводагӣ ин қадар равшан, чунон ки миёни хоҳарам ва бибиҷонам буд, надидаам. Ин шабоҳат на дар чеҳра, на дар ан-

дом буд, вале дар як чизе, ки ба зӯр ҳис карда мешуд: дар дастҳо, дар рафтор, хусусан дар овоз ва боз дар як чанд адоҳо. Ҳангоме ки Любочка ба ғазаб меомад ва мегуфт: «тамоми умр намегузоранд», ин калимаи *тамоми умр*, ки модарам низ гуфтани ҳаминро одат дошт, ӯ чунон адо мекард, ки гӯё модарамро мешунида бошам, як навъ кашол карда мегуфт: та-а-моми умр; вале ин шабоҳати фавқулоддаи ӯ дар фортепиано навохтан ва ҳамаи гирудори ӯ дар ин ҳангом ҳувайдо мешуд: ӯ либосашро мисли модарам соз мекард, ҳамон тур варақҳои китобро бо дасти чапаш аз боло мегардонд, ҳамон тур ҳангоме ки ягон навои душвор ба зудӣ даст надиҳад, бо сӯзу гудоз дандонаҳои пианиноро бо мушташ мекӯфт, ва мегуфт: «эҳ, худои ман!» ва ҳамон ранг назокати дастнорас ва барҷаста навохтан, ки он чунон танҳо Фильд навохта метавонист, ва ин хеле хуб jeu perlé[1] номида шудааст ва дилрабоии онро сару садои пианинонавозони навбаромад натавонистааст фаромӯш кунонад, тамоман ба модарам шабоҳат дошт.

Падарам ба хона бо қадамҳои босуръати хурд-хурд даромад ва ба Любочка, ки ӯро дида аз навохтан боз монда буд, наздик шуд.

— Не, навохтан гир, Любочка, навохтан гир,— гуфт ӯ Любочкаро ба ҷояш нишонда,— ту медонӣ, ки ман чӣ қадар шунидани навохтани туро дӯст медорам.

Любочка ба навохтан давом менамуд, падарам бошад хеле замоне ба дасташ такьякунон рӯ ба рӯи ӯ менишаст; пас аз он зуд китфашро такон дода аз ҷояш бархост ва дар хона ба қадам задан сар кард. Ба рояль наздик омада ӯ ҳар дафъа таваққуф мекард ва дуру дароз бо диққат ба Любочка назар медӯхт. Аз ҳаракатҳо ва рафтори ӯ ман пай бурдам, ки ӯ ба ҳаяҷон омада аст. Ӯ дар зал якчанд мартаба рафтуой карда, дар паси курсии Любочка таваққуф намуда сари сиёҳи ӯро бӯсид, пас аз он чобукона баргашта боз ба гардиши худ давом намуд. Ҳангоме ки Любочка оҳангро тамом навохта шуда ба назди ӯ рафта пурсид, ки «хуб буд?» ӯ сокитона сари ӯро гирифт ва ӯро

---

[1] бозии марҷонӣ

аз пешонию чашмонаш бо чунон муҳаббат бӯса кардан гирифт, ки ман пеш аз ин ҳеҷ ин тур надида будам.

— Оҳ, худои ман! ту гирья мекунӣ! — гуфт ногаҳон Любочка аз дасташ занҷири соати ӯро вогузошта ва чашмони калони ҳайратзадаашро ба рӯи ӯ дӯхта.— Маро маъзур дор, падарҷон, ман тамоман фаромӯш карда будам, ки ин *маҳоми бибиҷонам* буд.

— Не, дӯсти ман, бештар бинавоз,— гуфт ӯ бо овозе, ки аз ҳаяҷон меларзид,— агар ту медонистӣ, ки бо ту гиристан чӣ қадар ба ман лаззатбахш аст...

Ӯ боз як дафъа ӯро бӯса кард ва изтироби дарунии худашро нигоҳ доштанӣ шуда, китфашро такон дода-такон дода ба сӯи даре, ки аз роҳрав ба хонаи Володя мебурд, равон шуд.

— Вольдемар! ту кай ҳозир мешавӣ? — гӯён фарьёд зад ӯ дар миёнаи роҳрав истода. Дар ин ҳангом аз паҳлӯи ӯ ходима Машша мегузашт, ки хоҷаашро дида, сарашро хам кард ва ӯро аз дуртар давр зада гузаштанӣ шуд. Ӯ Машаро аз роҳ боз дошт.

— Ту бошӣ, рӯз то рӯз зеботар шуда истодай,— гуфт ба тарафи ӯ хам шудаистода.

Маша сурх шуд ва сарашро боз бештар хам кард.

— Иҷозат диҳед,— гуфт ӯ пичирросзанон.

— Вольдемар, чӣ кардӣ, зуд мешавӣ? — гӯён такрор кард падарам ва ҳангоме ки Маша аз паҳлӯи ӯ гузашта рафт ва ӯ маро дида монд, китфашро такон дод ва сурфа кард.

Ман падарамро дӯст медорам, вале ақли инсонӣ ва дилаш ҳар кадом мустақил зиндагӣ доранд ва ақл бисьёр вақтҳо фикрҳое ба худ роҳ медиҳад, ки ҳиссиётро таҳқир менамояд ва барои он номафҳум ва дурушт мебошад. Чунин фикрҳо ба сари ман меоянд, агарчанде ки ман онҳоро аз худ дур кардан мехоҳам...

Боби XXIII

МОДАРКАЛОН

Модаркалон рӯз ба рӯз нотавонтар мегардад; садои зангӯлаи ӯ, овози ғур-гури Гаша ва тараққоси пӯшида, кушода шудани дар аз хонаи ӯ бештар шуни-

да мешавад ва акнун ӯ моро на дар кабинет, на дар рӯи креслои волтерӣ, балки дар хобгоҳ, дар болои ҷои-хоби баланд ва болинҳои атрофаш тӯрдӯзӣ шудагӣ пазирой мекунад. Ман ҳангоми мулоқот бо ӯ дар дасташ варами зарди пастро, ки ҷило медиҳад, мушоҳида мекунам ва аз хонаи ӯ як бӯи гароне ба машомам мерасад, ки панҷ сол пештар аз хонаи бибиҷонам низ омада буд. Доктор рӯзе се дафъа ба хонаи ӯ меояд ва кайҳо чанд дафъа машварат тартиб ёфта буд. Вале мизоҷ ва муомилаи мағрурона ва такаллуфкоронаи ӯ бо ҳама аҳли хона ва хусусан бо падарам ҳеҷ тағьир наёфтааст; ӯ чунон ки буд, ҳамон тур калимаҳоро кашол мекунад, абрувонашро баланд мебардорад ва мегӯяд: «меҳрубони ман».

Аммо инак акнун чанд рӯз аст, ки моро ба назди ӯ намегузоранд ва рӯзе пагоҳонӣ St.-Jérôme дар вақти дарс ба ман таклиф кард, ки бо Любочка ва Катенька савора ба гардиш биравем. Ҳарчанд, ки ба чана савор шудаистода мебинам, ки кӯчае, ки дар пеши тирезаҳои модаркалон аст, бо пахолу хошок пӯшонда шудааст, ва як чанд каси ҷомаҳои дароз пӯшида дар пеши дарвозаи мо истодаанд, вале боз ҳам сарфаҳм намеравам, аз чи сабаб ин тур бе вақту соат моро ба гардиш мефиристода бошанд. Дар ин рӯз ҳамеша дар давоми гардиш, ман ва Любочка, аз чи сабаб бошад, ки бисьёр хушҳолем, чунон ки ҳар ҳодисаи хурд, ҳар калима, ҳар ҳаракат моро ба ханда водор менамояд.

Дастифурӯш дастгоҳашро маҳкам дошта аз роҳ давида мегузарад ва мо ханда мекунем. Ванькаи жӯлидалибос дар тоз нӯги яккаҷилавҳоро дар ҳаво ҳаракат дода ба чанаи мо расида мегирад ва мо қаҳ-қаҳ мезанем. Нӯги тозиёнаи Филипп дар қӯшқораки чана дармонд, ӯ рӯяшро гардонда «э-эҳ» мегӯяд ва мо аз ханда мемирем. Мими бо қиёфати норизоёна мегӯяд, ки фақат касоне бесабаб механданд, ки *аҳл* надоранд, ва Любочка ба зӯр худашро аз ханда нигоҳ дошта сурх мешавад ва зеричашмӣ ба ман нигоҳ мекунад. Чашмони мо ба ҳам вомехӯранд ва мо бо чунон хандаи баланд қоҳ-қоҳ мезанем, ки ба чашмонамон сиришк пур мешавад ва мо худамонро аз хандае, ки гу-

лӯямонро гирифта аст, нигоҳ доштан наметавонем. Акнун андаке мо осуда шуда будем, ки ман ба сӯи Любочка менигарам ва калимаи машрутиро, ки дар миёни мо ҳамин чандрӯзе расм шудааст ва ҳамеша ба мо ханда меовард, ба ӯ мегӯям, боз мо ба ханда сар мекунем.

Баргашта ба хона ки наздик мешудем, ман даҳонамро боз мекунам, ки ба Любочка ягон кирдори хандаоваре карда нишон диҳам, дар ин лаҳза чашми ман ба сарпӯши сиёҳи тобут меафтад, ки ба нимаи табақаи дари даромади мо такья додаанд ва даҳони ман дар ҳамон ҳолати каҷии худ мемонад.

— Votre grande-mére est morte![1] — мегӯяд. St.-Jérôme бо чеҳраи рангпарида ба пешвози мо баромада.

Ҳамаи он вақте ки колбуди модаркалон дар хона меистод, ман воҳимаи сахти маргро ҳис мекунам, яъне ҷасади мурда баръало ва ногуворона ба ман ёдоварӣ мекунад, ки ман бояд рӯзе бимирам, ин эҳсосро, аз чи сабаб бошад, ки одат кардаанд, бо ғуссаву андӯҳ иштибоҳ намоянд. Дили ман ба модаркалонам намесӯзад ва гумон намекунам, ки касе барои ӯ самимона афсӯс мехӯрда бошад. Ҳар чанд хона аз касоне, ки барои таъзиядорӣ омаданд, пур аст, касе ба марги ӯ намесӯзад, магар як тане, ки андӯҳи беамони ӯ маро дар ҳайрат меандозад. Ин кас ҳамон ходима Гаша аст. Ӯ ба чортоқи хона меравад, дарро аз дарун мебандад, дам нагирифта гирья мекунад, худашро нафрин менамояд, мӯйҳояшро меканад, панд ва дилдории касеро гӯш намедиҳад ва мегӯяд, ки пас аз рафтани бонуи маҳбубаш ғайр аз марг дигар тасаллӣ барои ӯ намондааст.

Боз такрор мекунам: ғайри эҳтимолӣ будан дар корҳои ҳиссӣ дурусттарин аломати ҳақиқат аст.

Модаркалон кайҳо рафтааст, вале ҳанӯз дар хонаи мо ёди ӯ боқӣ мондааст ва гуфтугузори гуногун дар бораи ӯ меравад. Ин гуфтугӯҳо бештар ба корҳои васияти ӯ оид аст, ки дар арафаи вафоташ кардааст ва онро ҳанӯз касе ғайр аз васии ӯ, князь Иван Иваныч намедонад. Дар миёнаи хидматгорҳои модаркалонам

---

[1] — Модаркалонатон аз олам рафтааст!

ман як навъ ташвишу тараддуд мушоҳида мекунам, аксар суханҳое мешунавам дар бораи он, ки кадом одамҳо ба дасти кӣ хоҳад расид ва, эътироф менамоям, бо хушҳолӣ фикр мекунам, ки мо мерос хоҳем гирифт.

Пас аз шаш ҳафта Николай — рӯзномаи доимии хабарҳои тозаи хонаи мо, ба ман ҳикоят мекунад, ки модаркалон ҳамаи милкашро ба Любочка вогузор кардааст ва то шавҳар кардани ӯ, васояти онро на ба ӯҳдаи падарам, балки ба ӯҳдаи Иван Иваныч вогузор намудааст.

Боби XXIV

МАН

То ба дорулфунун даромадани ман, акнун фақат чанд моҳе мондааст. Ман хуб мехонам. На танҳо нотарсона омадани муаллимҳоро интизор мекашам, балки як дараҷа аз дарс хондан лаззат ҳам мебарам.

Дарсҳоеро, ки хуб ёд гирифтаам, равшан ва ҳатто нағз гуфта додан ба ман хурсандӣ меоварад. Ман ба факультети риёзиёт тайёрӣ мебинам ва ин интихоб, росташро гӯям, аз тарафи ман фақат аз он ҷиҳат шудааст, ки калимаҳои синус, тангенс, дифференциал, интеграл ва ҳамин тур таъбирҳо бисьёр ба гӯшам мулоим ва форам меояд.

Қомати ман аз Володя хеле кӯтоҳтар аст, китфҳоям фарох ва гӯштин, худ пештара барин баднамо ва пештара барин аз ин ҷиҳат азият мекашам. Ман кӯшиш мекунам, ки худамро оригинал — ғайри муқаррар нишон диҳам. Як чизе, ки маро тасаллӣ медиҳад, ҳамон аст, ки рӯзе падарам дар бораи ман гуфта буд, ки ман *башараи оҳилона* дорам ва ман тамоман ба ин нукта бовар мекунам.

St.-Jérôme аз ман розист, маро тавсиф мекунад ва ман на ин ки аз ӯ нафрат дошта бошам, ҳатто ҳангоме ки гоҳе ӯ мегӯяд, ки бо он *истеъдод ва ақлу фаросате, хи ман дорам*, фалон кореро анҷом надодан айб аст, ба ман чунон менамояд, ки ман ӯро дӯст ҳам медорам.

Хонаи ходимагонро кайҳост, ки дигар тамошо намекунам, ман аз пинҳон шудан дар паси дар шарм медорам, ва ғайр аз он, қаноате, ки дар бораи муҳаббати Маша ба Василий пайдо кардам, эътироф менамоям, ки ҳарорати маро андаке сард кардааст. Аз ин ишқи бадфарҷом хонадор шудани Василий, ки худи ман ба илтимоси ӯ аз падарам иҷозат талаб кардам, маро ба куллӣ наҷот медиҳад.

Ҳангоме ки *арӯсу домод* бо ширинихои дар лаълӣ ниҳодашуда ба ҳузури падарам барои миннатдорӣ аз ӯ меоянд, ва Маша ҳам дар кулӯтае бо наворҳои кабудранг, аз барои чизе ҳамаи моро миннатдорӣ мекунад ва ҳар кадоми моро аз китф мебӯсад, ба машоми ман фақат бӯи равғани гулобранг аз мӯи ӯ мерасаду бас ва дар дили худ ҳаяҷоне ҳис намекунам.

Умуман, андак-андак ман аз ноқисиҳои навҷавонӣ ба наҷот ёфтан сар мекунам, фақат як чизи асосӣ аз ин мустасност, ки он ҳам бошад, майлу ҳавас ба андешаҳои дуру дароз аст, ва ин майл гӯё муқаддар аст, ки дар зиндагӣ бисьёр зиёнҳо барои ман пеш орад.

Боби XXV

ОШНОҲОИ ВОЛОДЯ

Ҳар чанд дар маҳфили ошноҳои Володя ман нақше бозӣ мекардам, ки аз он иззати нафсам таҳқир медид, бо вуҷуди он ҳангоме ки ӯ меҳмон дошт, ман дар хонаи ӯ нишастан ва сокитона гирудори онҳоро тамошо карданро дӯст медоштам. Бештар аз ҳама ба назди Володя адъютант Дубков ва донишҷӯй князь Нехлюдов меомаданд. Дубков сияҳҷурда, хурдтараки чандир, як ҷавони акнун на он қадар навхоста буда андаке кӯтоҳпой бошад ҳам, баднамо набуд ва ҳамеша хушаҳвол буд. Ӯ яке аз ҳамон тур мардумони маҳдуде буд, ки бештар аз ҳамон ҷиҳати маҳдудияташон форам меомаданд, зеро қобилияти ҳартарафа дидани ҳар чизро надоранд ва касонеанд, ки доимо саргарманд. Муҳокимаҳои ин ранг мардумон ҳамеша

яктарафа ва хато мешавад, вале доимо самимӣ ва шавқовар мебошад. Ҳатто худбинии маҳдуди онҳо низ, аз чӣ сабаб аст, ки қобили афв ва хушоянд аст. Ба ҷуз он барои Володя ва ман Дубков ду баробар бештар зебоӣ дошт — қиёфати зоҳирии ҷанговарона ва хусусан бузургии синну сол, ки онро хурдсолон, аз чӣ ҷиҳат бошад, бо мафҳуми одами дуруст будан (comme il faut) ба махлут кардан одат доранд, зеро ки он дурустӣ дар он синну сол пурқимат ба шумор меравад. Ҳар чи ҳам бошад, Дубков дар ҳақиқат, чунон ки мегӯянд, «un homme comme il faut» буд. Як чизе, ки барои ман нофорам меомад, ҳамон буд, ки гӯё Володя дар пеши ӯ аз ҳаракатҳои тамоман безарари ман ва аз ҳама бештар аз хурдсолии ман хиҷолат мекашид.

Нехлюдов баднамо буд: чашмони хурди хокистарӣ, пешонии танги барҷаста, дарозии ғайри мутаносиби пову дастро намуди хуб номидан намешуд. Чизи хубе, ки ӯ дошт, қаду қомати бисьёр баланд, ранги латифи рӯй ва дандонҳои зебо. Вале аз чашмони танги дурахшон ва табассуме, ки тағьирьёбанда буд ва гоҳе вазъи ҷиддӣ, гоҳе як ҳолати бачагонаи ғайри муайян дошт, ин чеҳра он чунон як вазъи ба худаш хос ва пурфаъолияте мегирифт, ки онро аз назар андохтан мумкин намешуд.

Ӯ, чунон менамуд, ки бисьёр пуршарм буд, зеро ҳар як чизи хурдтараке ӯро то гӯшҳояш сурх мекард; вале шармгинии ӯ ба они ман шабоҳат надошт. Чи қадар ки бештар ӯ сурх мешуд, чеҳраи ӯ ҳамон қадар қатъият нишон медод. Гӯё ӯ аз ҷиҳати заъфи худаш, ба худаш газаб мекарда бошад.

Ҳарчанд чунон менамуд, ки ӯ ба Дубков ва Володя ҷӯрагӣ дошт, вале маълум буд, ки ӯро бо онҳо фақат тасодуф пайвастааст. Роҳу равиши онҳо тамоман гуногун буд: Володя ва Дубков гӯё аз ҳар чизе, ки ба муҳокимаи ҷиддӣ ва эҳсосот шабоҳат дошт, метарсиданд; Нехлюдов, баръакс, бисьёр пурғайрат буд ва ба истеҳзоҳо нигоҳ накарда бештар ба муҳокимаҳои масъалаҳои фалсафӣ ва эҳсосот худашро меандохт. Володя ва Дубков аз маҳбубаҳое, ки дӯст медоштанд, сӯҳбат мекарданд (ва онҳо дар як он ба чанд кас

ошиқ буданд ва он касҳоеро, ки якешон дӯст медоштанд, они дигар ҳам бо ҳамонҳо муҳаббат меварзиданд); Нехлюдов баръакс, ҳангоме ки ба ишқварзии ӯ бо як *сурхмӯяк* ишора мекарданд, ҷиддан дар газаб мешуд.

Володя ва Дубков бисьёр вақтҳо ба худашон иҷозат медоданд, ки ба хешовандонашон дӯстдорона писханд кунанд; Нехлюдовро баръакс, агар ба холааш, ки ӯ парастишвор дӯст медошт, нуктагирӣ кунанд, бисьёр ба ғазаб овардан мумкин мешуд. Володя ва Дубков баъд аз таоми шом бе Нехлюдов ба ҷое мерафтанд ва ӯро *духтараки шармгин* меномиданд...

Князь Нехлюдов аз рӯзи нахуст бо гуфтор ва намуди зоҳириаш маро ба ҳайрат андохт. Вале ҳар чанд ман ба рафтор ва кирдори ӯ бо худам ҳамоҳангӣ меёфтам, ё ки шояд фақат аз ҳамин ҷиҳат бошад, он ҳиссиёте, ки ӯ ҳангоми дафъаи нахустин ӯро дидаанам ба ман талқин менамуд, чандон дӯстона набуд.

Нигоҳи босуръат, овози маҳкам, намуди мутакаббиронааш ба ман хуш намеомаданд, вале беш аз ҳама ба ман тамоман бепарво нигаристани ӯ намефорид. Аксар дар ҳангоми сӯҳбат ман бисьёр ба ӯ мухолифат карданӣ мешудам; ба ҷазои такаббураш мехостам ӯро дар мубоҳаса мағлуб намоям ва исбот кунам, ки ҳар чанд ӯ ба ман ҳеҷ эътибор кардан намехоҳад, аммо ман ҳам ақл дорам. Лекин шармгинӣ маро аз ин кор боз медошт.

Боби XXVI

МУҲОКАМОТ

Ҳангоме ки ман бо одати худам, баъд аз фароғи дарси бегоҳӣ ба хонаи Володя дохил шудам, ӯ бо пойҳояш ба рӯи диван баромада дароз кашида буд ва ба дасташ такьякунон кадом як романи франсавиро мехонд. Ӯ як сонияе сарашро бардошт, то ки ба ман нигоҳ кунад, ва боз ба хондан саргарм шуд, ин ҳаракати содда ва табиӣ буд, вале маро ба сурх шудан водор кард. Ба ман чунон намуд, ки дар нигоҳи ӯ пурсише буд, ки чаро ба ин ҷо омадам ва босуръат

хам кардани сараш аз хоҳиши пинҳон кардани маънои он нигоҳ буд. Ин майли маъно баровардан аз ҳар ҳаракати содда ва оддӣ яке аз хосиятҳои ман буд дар он синну сол. Ман ба миз наздик омадам ва китоберо гирифтам; ва пеш аз он, ки ба хондан шурӯъ намоям, ба дилам гузашт, ки ин чи хандаовар ҳолатест, ки мо тамоми рӯз ҳамдигарро надидаему бо якдигар ҳеҷ гап намезанем.

— Чӣ, ту имрӯз бегоҳонӣ дар хона хоҳӣ буд?

— Намедонам, чӣ буд?

— Ҳамин тур,— гуфтам ман ва дидам, ки гап қӯр намегирад, китобро гирифта ба хондан сар кардам.

Бисьёр аҷиб аст, ки мо ҳардуямон бо Володя метавонистем, соатҳои дароз бо ҳам бошем ва ҳеҷ сухане дар миёни мо набошад, аммо чунон ки каси дигаре дар ҳузури мо пайдо мешуд, он кас ҳатто хомӯш бинишинад ҳам, дар миёни мо метавонист гуфтугузори гуногун ва шавқангез ба вуҷуд ояд. Мо ҳис мекардем, ки якдигарамонро аз ҳад зиёд хуб медонем. Лекин ҳамдигарро бисьёр хуб донистан ҳам, бисьёр кам донистан ҳам ба қаробат ва наздикӣ монеъ мегардад.

— Володя дар хона аст?— аз даҳлез овози Дубков шунида шуд.

— Дар хона,— гуфт Володя пояшро поин оварда ва китобашро ба рӯи миз ниҳода.

Дубков ва Нехлюдов дар шинель ва кулоҳ ба хона даромаданд.

— Чӣ мегӯй, Володя, ба театр меравем?

— Не, ман вақт надорам,— мегуфт Володя сурх шуда.

— Эй, ана гап! — биё равем, хоҳиш мекунам.

— Охир, ман билет ҳам надорам.

— Билет чӣ қадар ки хоҳӣ, дар даромадгоҳ ҳаст.

— Андаке сабр кун, ман ҳозир меоям,— гӯён номуайян ҷавоб дод Володя ва китфашро такон дода аз хона баромад.

Ман медонистам, ки Володя ба он театре, ки Дубков ӯро даъват менамуд, рафтанро бисьёр мехост; ӯ аз он ҷиҳат рад мекард, ки пул надошт, ва ӯ берун

баромад аз барои он, ки аз сарпешхидмат панҷ сӯм қарз биситонад, то гирифтани моҳонаи оянда.

— Салом, *дипломат!* — гуфт Дубков ба ман даст дароз карда.

Ошноҳои Володя маро *дипломат* меномиданд, зеро рӯзе пас аз наҳорӣ дар хонаи марҳума модаркалон будем, ки ӯ дар ҳузури онҳо дар бораи ояндаи моён сӯҳбат карда истода гуфта буд, ки Володя сипоҳӣ мешавад ва маро бошад, ӯ мехоҳад бубинад, ки *дипломат* шудаам, фраки сиёҳ пӯшида ва мӯямро ба тарзи à la coq ороиш дода мегардам, ки дар назари ӯ инҳо аз зарурияти унвони дипломатӣ буд.

— Куҷо рафт Володя? — гӯён пурсид аз ман Нехлюдов.

— Намедонам,— ҷавоб додам ман ва аз он андеша, ки онҳо албатта пай бурдаанд, барои чи Володя баромада рафт, сурх шудам.

— Эҳтимол пул надошта бошад! рост аст? А! *дипломат!* — илова кард ӯ лабхандӣ маро эзоҳкунон.— Ман ҳам пул надорам, ту чӣ, пул дорӣ, Дубков?

— Бубинем,— гуфт Дубков, ҳамиёнашро аз кисаш бароварда ва дар он чанд пули майдаро бо диққат, бо ангуштҳои кӯтоҳаш даст-даст карда истода,— инак панҷтинӣ, инак даҳтинӣ ва дигар пуфф! — гуфт ӯ бо дастҳояш ҳаракати хандаоваре карда.

Дар ин ҳангом Володя ба хона даромада омад.

— Ҳа, чӣ шуд, меравем?

— Не.

— Ту чӣ қадар хандаоварӣ! — гуфт Нехлюдов.— Чаро намегӯӣ, ки пул надорӣ. Агар майл дорӣ, билети маро бигир.

— Ту худат чӣ мекунӣ?

— Ӯ ба ложаи духтарони амакаш меравад,— гуфт Дубков.

— Не, ман ҳеҷ намеравам.

— Аз чӣ сабаб?

— Аз он сабаб, ки ту медонӣ, ман дар ложа нишастанро дӯст надорам.

— Чаро?

— Дӯст надорам, барои ман носозвор аст.

— Боз ҳамон гапи кӯҳна! ман намефаҳмам, аз чӣ сабаб барои ту дар он ҷое, ки ҳамагӣ ба омадани ту хурсанд мешаванд, носозвор меояд. Ин кори ту хандаовар аст, mon cher[1].

— Чӣ бояд кард, si je suis timide![2] Ман боварӣ дорам, ки ту дар умри худат сурх нашудай, ман бошам ҳар дақиқа, аз ҳар чизи беҳуда! — гуфт ӯ дар худи ҳамин ҳол низ сурх шуда.

— Savez vous d'où vient votre timidité?.. d'un excés d'amour propre, mon cher[3],— гуфт Дубков бо оҳанги ҳимоятгарона.

— Чаро excés d'amour propre бошад!— гӯён ҷавоб дод Нехлюдов, ки сахт дилаш ранҷида буд.— Баръакс, ман шармгинам аз он ҷиҳат, ки дар дили ман amour propre бисьёр кам аст; ба ман чунон меояд, ки бо ман якҷо будан ногувор аст, дилгиркунанда аст... аз ин...

— Либосҳоятро бипӯш, охир, Володя! — гуфт Дубков аз китфи ӯ дошта ва аз дӯши ӯ сюртукашро кашида истода.— Игнат, рахти хоҷаро биёр!

— Аз он боис бисьёр ба ман воқеъ мешавад...— гӯён давом менамуд Нехлюдов.

Вале Дубков акнун ӯро гӯш намедод. «Трала-ла, та-ра-ра-ла-ла»,— гӯён ӯ оҳангеро сурудан гирифт.

— Ту ҳанӯз халос нашудай,— гуфт Нехлюдов,— ман ба ту исбот мекунам, ки шармгинӣ ҳеҷ аз бисьёрии иззати нафс намеояд.

— Агар бо мо биёй, исбот мекунӣ.

— Ман гуфтам, ки намеравам.

— Хайр набошад, ин ҷо бимон ва ба *дипломат* собит кун; мо ки омадем, ӯ ба мо гуфта медиҳад.

— Албатта исбот мекунам,— гӯён эътироз менамуд Нехлюдов бо якраҳагии бачагонае,— фақат зудтар баргардед.

— Шумо чӣ меандешед: магар ман нафси худро азиз медорам? — гуфт ӯ ба ман наздик нишаста.

Ҳар чанд дар ин хусус дар сари ман як фикри

---

[1] азизам.

[2] агар ман шармгин бошам!

[3] — Шумо медонед, ин шармгинии шумо аз куҷост? аз зиёдатии иззати нафс, азизам.

муайяне ҳосил шуда буд, бо ин ҳама аз ин муроҷиати ногаҳонӣ ба ман тарсе ориз шуд, ки ман ба ӯ дарҳол ҷавоб дода натавонистам.

— Ман гумон мекунам, ки ҳамин тур,— гуфтам ман ва ҳис мекардам, аз он фикр, ки он мавқее, ки *боақл* буданамро исбот намоям, акнун омад, овози ман меларзид ва рӯи маро сурхӣ мегирифт.— Ман чунин фикр мекунам, ки ҳама кас соҳиби иззати нафс аст ва ҳар коре, ки инсон мекунад,— ҳамагӣ аз ҳамин иззати нафс аст.

— Хӯш, дар назари шумо, иззати нафс чӣ чиз аст? — гуфт Нехлюдов як дараҷа писхандкунон, чунон ки ба назари ман намуд.

— Иззати нафс,— гуфтам ман,— қаноати он аст, ки ман беҳтар ва оқилтар аз дигарон ҳастам!

— Хӯш, чӣ тур ҳама метавонанд дар ин қаноат дошта бошанд?

— Акнун ман намедонам, ин аз рӯи инсоф аст, ё не, фақат ҳеҷ кас, ғайр аз ман, инро эътироф наменамояд; ман қаноат ҳосил кардаам, ки ман аз ҳамаи аҳли олам оқилтарам ва боварӣ дорам, ки худи шумо низ дар ҳамин ақидаед.

— Не, ман аввал дар ҳаққи худам мегӯям, касонеро дидаам, ки онҳоро оқилтар аз худ донистаам,— гуфт Нехлюдов.

— Наметавонад ин тур бошад,— гӯён ҷавоб гуфтам ман бо қаноати комил.

— Магар шумо дар ҳақиқат ҳамин тур меандешед? — гуфт Нехлюдов бодиққат ба ман нигоҳ кардаистода.

— Ҷиддан,— гӯён ҷавоб додам ман.

Ва дар ҳамин лаҳза ба сарам фикре омад, ки дарҳол гуфтам.

— Ман инро исбот менамоям. Аз чӣ боис мо худамонро аз дигарон бештар дӯст медорем?.. Аз он ҷиҳат, ки мо худамонро аз дигарон беҳтар мешуморем, худамонро лоиқтар ва муносибтар ба дӯст доштан медонем, Агар мо дигаронро аз худамон беҳтар медонистем, дар он ҳол мебоист мо онҳоро бештар аз худамон дӯст медошта будем ва ин ҳол ҳеҷ дида нашудааст. Агар ҳамин тур бошад ҳам, ҳақ дар

ҷониби ман аст,— илова намудам ман бо лабханда беихтиёронаи худписандона.

Нехлюдов дақиқае сокит монд.

— Инак ман ҳеҷ гоҳ гумон намекардам, ки шумо ин қадар боақл ҳастед!— гуфт ӯ ба ман бо чунон табассуми ҳалимона ва меҳрубонона, ки якбора ба ман ҳамин тур намуд, ки ман фавқулодда бахтьёрам.

Тавсиф ва мадҳ кардан на фақат ба дили одамизод, балки ба қувваи оқилаи ӯ низ ин ранг таъсири зӯр дорад, ва аз ин боис буд, ки ман худамро аз пештара дида оқилтар медидагӣ шудам ва фикрҳо пай дар пай бо як суръати фавқулодда ба сари ман омадан гирифтанд. Аз иззати нафс мо ба ишқ гузаштанамонро нафаҳмида мондем ва гуфтугузор дар ин мавзӯъ бепоён менамуд. Ҳар чанд ин гуфтугӯҳои мо метавонист барои шунавандаи бегонае бисьёр бемаънӣ намояд,— чунки онҳо бисьёр номуайян ва яктарафа буданд — барои мо онҳо бисьёр аҳамият ва қимат доштанд. Рӯҳи ҳардуямон он чунон оҳанге дошт, ки андак таконе ба яке аз торҳои ҳар як тараф сабаби садо додани они дигар мешуд. Мо аз ин ҳамоҳангии торҳои гуногун, ки мо дар гуфтугӯямон ба онҳо мудохала мекардем, лаззат мебурдем. Ба мо чунон меомад, ки барои ифода кардан ба ҳамдигар он фикрҳоеро, ки мехоҳанд берун ҷилвагар шаванд, сухан ва калимаҳо кифоя намекарда бошанд.

Боби XXVII

ОҒОЗИ ДӮСТӢ

Аз ҳамон замон сар карда миёни ману Дмитрий Нехлюдов як муносибати аҷибу ғариб, лекин бисьёр дилнишине ба вуҷуд омад. Дар ҳузури дигарон ӯ ба ман қариб ки ҳеҷ эътино намекард; аммо ҳамин ки мо ҳардуямон танҳо мемондем, дар як гӯшаи созворе ҷой мегирифтем ва муҳокимаи худамонро давом медодем, ҳарчи ҳаст фаромӯш мекардем ва намедонистем, ки вақт чи тур мегузарад.

Мо аз ҳаёти оянда, аз саноеи нафиса, аз кор, аз издивоҷ, аз тарбияи бачагон сӯҳбат мекардем ва ҳеҷ ба фикрамон намеомад, ки он чи мо дар ин мавзӯъҳо мегӯем, ҳамагӣ гизофу беҳудааст. Ин фикр ба дили мо ҳеҷ намеомад ба он сабаб, ки он чи мо мегуфтем, беҳудагӯиҳои дилнишин ва оқилона буданд; зеро дар ҷавонӣ ҳар чи ҳам бошад ақлро инсон қимате медиҳад ва ба он эътимод дорад. Дар ҷавонӣ ҳама қувваҳои рӯҳи инсонӣ ба оянда нигарон мебошад ва ин оянда дар зери таъсири умед ва орзуҳое, ки на аз рӯи таҷрибакории гузашта, балки бо тасаввуроти бахту саодат чунон шакли гуногуни зинда ва ҷозибадор ба худ мегиранд, ки фақат як худи хаёли бахту саодати ояндаро фаҳмидани касе ва ба он шарик шуданаш як бахтиёрии ҳақиқии ин давра ба шумор меравад. Дар мубоҳасаҳои метафизикӣ, ки яке аз муҳимтарин мавзӯи гуфтугӯҳои мо буданд, ман он дақиқаҳоеро дӯст медоштам, ки фикри инсонӣ зуд-зуд паёпай пеш рафтан мегирад ва ҳамагӣ ба сӯи назариёт ва маънавиёт парвоз менамояд ва оқибат то ба он мақоми торике мерасад, ки кас маҷоли таъбир намудани онҳоро намеёбад ва гоҳе матлаберо гуфтанӣ шуда, тамоман чизи дигаре гуфта мемонад. Ман он дақиқаро дӯст медоштам, ки дар олами тафаккурот боло рафтан гирифта, ногаҳон кас ҳама номаҳдуд будани онро мефаҳмад ва мебинад, ки дигар болотар рафтан мумкин нест.

Боре дар рӯзҳои иди масленица[1] Нехлюдов чунон саргарми лазатҳои гуногун буд, ки рӯзе чанд дафъа ба хонаи мо биёяд ҳам, вале бо ман ҳеҷ сӯҳбат намекард ва ин ҳаракати ӯ чунон маро дилозурда кард, ки боз аз сари нав ӯ ба ман мутакаббир, мағрур ва як одами дилнокаш менамудагӣ шуд. Ман мунтазири он мавқее будам, ки ба ӯ нишон бидиҳам, ба дӯстии ӯ бо худам ҳеҷ қимат намедиҳам ва ба ӯ чандон дилбастагие надорам.

Дар дафъаи аввале, ки баъд аз иди масленица ӯ боз аз нав бо ман сӯҳбат карданӣ шуд, ман ба ӯ гуф-

[1] Ҳафтаи охирини пеш аз рӯзаи калони насрониён, ки дар давомаш чалпакхӯрӣ мекарданд.

там, ки ман бояд дарси худро ҳозир намоям ва ба боло раҳсипор шудам: вале пас аз чорьяк соате, касе дари дарсхонаро боз кард, ва Нехлюдов ба назди ман омад.

— Ман ба кори шумо монеъ шудам? — пурсид ӯ аз ман.

— Не,— гуфтам ман, ҳар чанд мехостам, бигӯям, ки ман ҳақиқатан кор дорам.

— Хӯш, чӣ шуд, ки шумо аз хонаи Володя баромада рафтед? Охир, мо бо шумо чандест сӯҳбат накардаем. Вале ман чунон одат кардаам, ки гӯё ба ман чизе намерасад.

Қаҳри ман дар ҳамон дам гузашту рафт ва Дмитрий дар назари ман боз ҳамон каси хубу меҳрубон шуда монд.

— Шумо шояд медониста бошед, аз барои чӣ ман аз он ҷо рафтам? — гуфтам ман.

— Шояд,— ҷавоб дод ӯ ба ман наздиктар нишаста истода, вале агарчи ман андаке пай бурда бошам ҳам, аз чӣ сабаб будани онро гуфта наметавонам, шумо метавонед,— гуфт ӯ.

— Ман ба шумо мегӯям: ман аз он ҷиҳат рафтам, ки аз шумо дар қаҳр шуда будам... дар қаҳр не, балки аз шумо дилам монда буд. Росташ ҳамин, ки ман ҳамеша дар тарс мебошам, ки шумо маро ба сабаби хурдсолиам ҳақир мешуморед.

— Медонед, аз чӣ боис мо бо шумо ин тур наздик шудем,— гуфт ӯ бо як нигоҳи самимона ва оқилона ба эътирофи ман ҷавоб гуфта истода,— аз чӣ сабаб аст, ки ман шуморо аз он касоне, ки ба онҳо бештар шиносой, бештар ҳамфикрӣ дорам, бештар дӯст медорам? Ман ҳозир инро дурусттар дарьёфт кардам. Шумо як хосияти аҷиб ва камьёбе доред, ки кушоду равшан фикратонро мегӯед.

— Оре, ман ҳамеша он чиро мегӯям, ки гуфтани он барои ман шармовар аст,— гӯён суханашро тасдиқ кардам ман,— вале ба он касоне, ки ман боварӣ дошта бошам.

— Оре, барои он ки ба касе боварӣ ҳосил кунед, бо ӯ бояд дӯсти наздик бошед, вале мо ҳанӯз бо шумо дӯст нестем, Nicolas; шумо дар хотир доред, мо рӯзе

дар бораи дӯстӣ сухан гуфта будем: барои он ки дӯсти ҳақиқӣ шавем, бояд ба якдигар эътимоди комил дошта бошем.

— Эътимод кардан ба он, ки агар ман ба шумо чизе бигӯям, шумо ба каси дигаре намегӯед,— гуфтам ман.— Охир, маълум аст, ки фикрҳои муҳимтар аз ҳама ва аҷоиб ҳамонҳост, ки мо ҳеҷ гоҳ ба ҳамдигарамон намегӯем.

— Ва чӣ фикрҳои баде! Чунон фикрҳои номуносибе, ки агар мо медонистем, ки онҳоро эътироф намудан ва ба касе гуфтан лозим меояд, ҳеҷ гоҳе онҳо ҷасорат намекарданд, ки ба сари мо биёянд.

— Шумо медонед, чӣ фикре ба ман омад, Nicolas, — гӯён илова кард, ӯ аз курсӣ бархоста ва бо лабханд дастонашро ба ҳам молида истода.— Биёед, инро ба *амал дароварем,* хоҳед дид, ки ин барои ҳардуямон ҳам чи қадар судовар буда аст: ба ҳамдигар қавл медиҳем, ки ҳеҷ чизро аз якдигар ҷого накунем. Мо ба ин восита ҳамдигарро беҳтар хоҳем шинохт ва шарм нахоҳем кард; ва барои он, ки аз бегонагон натарсем, аҳд мекунем, ки дар бораи якдигарамон ба *ҳеҷ кас чизе намегӯем.* Биёед, ҳамин тур мекунем.

— Биеёд,— гуфтам ман.

Ва мо дар ҳақиқат *ҳамин тур кардем.* Аз ин чӣ баромад, баъд мегӯям.

Карр гуфтааст, ки дар ҳар дилбандӣ ду ҷиҳат ҳаст: яке дӯст медорад, дигаре иҷоза медиҳад, ки ӯро дӯст доранд, яке бӯса мекунад, дигаре рухсораи худашро ба ӯ медорад. Ин гуфтор ҳақиқатан дуруст аст; дар ин дӯстии мо низ ҳамин тур шуд, ман бӯса мекардам, Дмитрий бошад рухсораашро ба ман медошт; вале ӯ низ ҳозир буд, ки маро бӯса кунад. Мо ҳамдигарро баробар дӯст медоштем, зеро мо якдигарро мешинохтем ва қадру қиммати якдигарро медонистем; вале ин монеъ намешуд, ки ӯ ба ман таъсир иҷро намояд ва ман ба ӯ тобеъ шавам.

Худ аз худ маълум аст, ки дар зери таъсири Нехлюдов ман беихтиёрона роҳу равиши ӯро пазируфтам, ки ин иборат буд аз парастишкорона эҳтиром намудани ғояи некукорӣ ва эътиқод доштан ба ин, ки вазифаи инсонӣ ҳамеша ба сӯи камолот боло раф-

тан аст. Он гоҳ ислоҳ намудани олами инсонӣ ва нест кардани ҳама нуқсонҳо ва бадбахтиҳои одамизод осон менамуд,— ислоҳ кардани нафси худ, худро бо некукориҳо оростан ва ба бахту саодат расидан бисьёр осон ва сабук меомад.

Аммо, ҳарчи бошад, худо медонад, ки ин хаёлоти чавонӣ ҳақиқатан хандаовар буданд ё на, ва айби кӣ буд, ки онҳоро ба амал овардан мумкин нашуд?..

Боби I

МАН ЧИРО ОҒОЗИ ҶАВОНӢ МЕШУМОРАМ

Ман гуфтам, ки дӯстии ман бо Дмитрий барои ман як назари тозае кушод ба ҳаёт, ба ғояи он ва муносибат ба зиндагонӣ. Моҳияти ин назар дар он қаноат буд, ки вазифаи инсонӣ ба сӯи камолоти маънавӣ рафтан аст ва ин такомул осон аст, имконпазир аст ва сармадист. Вале то ҳол ман аз кашфиёти фикрҳои тозае, ки аз ин эътиқод сар мезад, ва аз нақшакашиҳои аҷибу ғариби ахлоқии пурфаъолияти оянда лаззат мебурдам, аммо зиндагонии ман ба ҳамон тарзи пештара бо машғулоти хурду резаи саргум ва беҳуда сипарӣ мешуд.

Он фикрҳои хайрхоҳона, ки мо дар мубоҳисаҳо бо дӯсти ҷонаҷони ман Дмитрий, бо *Митяи аҷоиб*, ки гоҳе ман ӯро дар зери лаб чунин меномидам, дида мебаромадем, ҳанӯз фақат ба ақли ман писанд меомаданд, на ба ҳиссиёти ман. Вале замоне расид, ки ин фикрҳо бо чунон қуввати тару тозаи инкишофи рӯҳӣ, ба дили ман мегузаштанд, ки ман тарсидам аз он андеша, ки чи қадар рӯзгорро ман беҳуда ба сар бурдаам ва дар ҳамон лаҳза он хоҳиш дар дили ман падид омад, ки ин андеша ва фикрҳоро ба зиндагонӣ татбиқ намоям ва чунон ният кардам, ки дигар ҳеҷ гоҳ он равишро тағьир надиҳам.

Ва ҳамин замонро ман оғози *ҷавонӣ* мешуморам. Дар он ҳангом синни шонздаҳ дар ман сипарӣ мешуд. Муаллимҳо назди ман омаду рафт мекарданд,

St.-Jérôme ба хондани ман назорат мекард ва ман ночор ва бе ҳеҷ рағбат ба дорулфунун ҳозирӣ медидам. Машғулоти ман берун аз дарс инҳо буд: дар танҳоӣ ба фикру хаёлҳои беробита ғарқ мешудам, варзиш мекардам, то ки зӯрманди ягона дар дуньё гардам, хона ба хона бе ҳеҷ муддао ва андешае мегаштам ва хусусан дар роҳрави хонаи ходимагон қадам мезадам ва дар оина ба худам менигаристам, ки аз ин тамошо ҳамеша бо эҳсосоти вазнини ноумедӣ ва ҳатто нафратангез дур мешудам. Намуди зоҳирии ман, акнун қаноат ҳосил мекардам, чунон баднамо буд, ки ҳатто ман худамро бо тасаллиҳои оддӣ низ, чунон ки дар ин мавқеъҳо меояд, наметавонистам таскин бидиҳам. Ман наметавонистам бигӯям, ки ман чеҳраи барҷаста ва возеҳадо, оқилона ё ки олиҷанобона дошта бошам. Чеҳраи ман ҳеҷ навъ аломати барҷастае надошт: тарҳи рӯям бисьёр оддӣ, дағал ва баднамо буд; чашмҳо хурд, хокистарранг, хусусан дар он лаҳзаҳое, ки ман дар оина нигоҳ мекардам, аз оқилона дида, беақлонатар менамуд. Мардонагӣ бошад, боз ҳам камтар буд: ҳар чанд қаду қомати ман кӯтоҳ набуд ва тавоноиям ба синну солам мувофиқ буд, ҳамаи хату нақши чеҳраи ман мулоим, суст ва номуайян буд. Аз олиҷанобӣ ҳам асаре набуд; баръакс, рӯи ман чун чеҳраи деҳқонони оддӣ буд ва мисли онҳо пою дастҳои калон доштам, ки он замон ин ба назарам бисьёр шармовар менамуд.

Боби II

БАҲОР

Дар он сол, ки ман ба дорулфунун дохил шудам, иди муқаддаси пасха дертар, дар моҳи апрель омада буд, чунон ки имтиҳонҳо дар айёми Фома таъин шуда буданд, дар рӯзҳои маслубияти Масеҳ бошад, ман боист ҳам рӯза мегирифтам, ҳам ба имтиҳонам тамоман ҳозирӣ медидам.

Ҳаво пас аз барфи тар, ки онро Карл Иваныч «*писар аз паси падар омадааст*» меномид, акнун се рӯз буд, ки ором, гарм ва кушода буд. Дар кӯчаҳо пораи

барфе дида намешуд, хамири лой ба роҳи намноки дурахшон ва ба ҷӯйҳои тезрав мубаддал гашт. Аз бомҳо акнун дар вақти офтоб қатраҳои охирини барфҳои обшуда мерехтанд, дар гулзорчаи пеши хона ба дарахтҳо муғчаҳо медамиданд, дар саҳни ҳавлӣ пайраҳаи хушк пайдо шуда буд, ба тарафи аспхона, дар паҳлуи порутӯдаи яхбаста ва дар гирду пеши даромадгоҳ, миёнаи сангҳо алафи ушна месабзид. Ин ҳамон даврони махсуси баҳорон буд, ки ба рӯҳи одамизод аз ҳама бештар таъсир мекунад: офтоби равшани дурахшони форам, ки сӯзон нест, ҷӯйчаҳо ва ҷойҳои нав барфаш об шудагӣ, таровати хушбӯе дар ҳаво ва осмони кабуди паст бо абрҳои дарози шаффоф. Намедонам аз чи сабаб аст, вале ба ман чунин меояд, ки ин давраи нахустини ба дунъё омадани баҳор дар шаҳри калон боз бештар ва зӯртар ба рӯҳи инсон асарноктар аст,— кас камтар мушоҳида менамояд, вале бештар ҳис мекунад. Ман дар назди тирезае, ки офтоби пагоҳонӣ аз миёнаи чорчӯбаҳои дуқабата нури гардолуди худашро ба замини дарсхонаи ман, ки беандоза ба дилам зада буд, мепошид, истода будам ва дар рӯи лавҳаи сиёҳ кадом як муодалаи ҷабрии дуру дарозеро ҳал мекардам. Дар як дастам «Китоби ҷабри» даридаи нарм шудаи Франкёр буд ва дар дасти дигарам як порча бӯр доштам, ки бо он кайҳо ҳарду дастам, рӯям ва оринҷи нимфракчаамро сафед карда будам. Николай пешгир пӯшида, остин барзада, бо анбӯр хамираҳои тирезаҳоро, ки дар тарафи гулзорчаи пеши хона кушода мешуданд, меканд ва мехҳои чорчӯбаҳоро аз ҷой бар меовард. Машғулоти ӯ ва овозе, ки аз ин кор ба гӯшам мерасид, диққати маро ба худ банд мекард. Илова бар он дар он ҳангом ман як ҳолати рӯҳияти бад ва норизоманд доштам. Кори ман ҳеҷ пеш намерафт: ман дар аввали амали тарҳ хатое карда будаам, ки ҳамаро аз аввал сар кардан лозим меомад, бӯрро ман ду дафъа аз дастам афтондам, ҳис мекардам, ки рӯю дастҳоям олудаанд, исфанҷ дар куҷо гум шуда рафтааст, зарбаҳое, ки Николай мезад, ба асабҳои ман бисьёр сахт мерасид. Ман мехостам, дар қаҳр шавам ва ғур-ғур кунам; ман бӯр ва «Ҷабрро» бадар андохтам ва дар хона қадам

задан гирифтам. Лекин ба ёдам омад, ки ҳоли ҳозир «Чоршанбеи маслубияти Масеҳ» аст, мо бояд имрӯз маросими тавба иҷро намоем ва бояд худро аз ҳар бадӣ нигоҳ дошт; ва ногаҳон дар дили ман як ҳолати хоси ҳилми рӯҳӣ пайдо шуд ва ба сӯи Николай рафтам.

— Ба ман бидеҳ, ман ба ту ёрмандӣ кунам, Николай,— гуфтам ман дар ҳолате, ки мекӯшидам ба овози худ адои мулоимат ва ҳилм бидиҳам; ва он андеша, ки ман хуб коре мекунам, ки қаҳри худамро забт мекунам ва ба ӯ ёрмандӣ мерасонам, боз ҳам дар ман ҳолати мулоимат ва ҳилмро бештар намуд.

Хамираи тирезаҳо канда партофта шуд, мехҳо гардонда шуданд; вале ҳар чанд Николай чорчӯбаҳоро мехост аз ҷояш биканад, наметавонист ва зӯраш намерасид.

«Акнун агар чорчӯба ҳамон даме, ки ман онро ҳамроҳи ӯ мекашам, аз ҷояш барояд,— гӯён мулоҳиза намудам ман,— кор кардан гуноҳ аст ва набояд машғули кор шуд». Чорчӯба якьёна шуду баромад.

— Инро ба куҷо бурдан даркор аст?

— Иҷозат бидиҳед, ман худам ҷо ба ҷо мекунам,— ҷавоб дод Николай, зоҳиран тааҷҷубкунон ва гӯё аз кӯшиши ман норозӣ шуда,— набояд онҳоро бетартиб гузошт, дар мадон онҳо ҳама бо тартиби рақам чида шудаанд.

— Ман онро дониста дар ҷои худаш мениҳам, гуфтам ман чорчӯбаро бардошта истода.

Ба ман чунон меомад, ки агар мадон аз ин ҷо ду чақрим дуртар мешуд ва чорчӯба ҳам ду баробар вазн медошт, ман бисьёр шод мешудам. Ман ин хидматро барои Николай ба ҷо оварда истода, бисьёр монда шудан мехостам. Ҳангоме ки ман баргашта омадам, дидам, ки хиштҳо ва тӯдаи намакпораҳо рӯи тахтаи пеши тиреза гузошта шуда буданд ва Николай бо ҷорӯби пар регу магасҳои хоболудро аз тирезаи кушодагӣ берун рӯфта мепартофт. Ҳавои тозаи хушбӯй кайҳо ба хона даромада онро пур карда буд. Аз тиреза ғул-ғулаи шаҳр ва чириқ-чириқи гунҷишкон аз гулзори пеши хона шунида мешуд.

Ҳамаи чизҳо бисьёр равшан шуда буданд, хона хушу хуррам шуда буд, насими форами баҳорӣ варақҳои китоби «Ҷабри» маро ва мӯи сари Николайро меҷунбонд. Ман ба тиреза наздик рафтам, рӯи тахтаи пеши он нишастам, ба тарафи гулзор хам шудам ва ба андеша фурӯ рафтам.

Як ҳисси барои ман навзуҳури бисьёр пурзӯри форам ва гуворо ногаҳон ба рӯҳи ман нуфуз кард. Замини намнок, ки ҳар ҷо-ҳар ҷои он сабзаҳои навхези сӯзанмонанд бо танаи зардрангашон намудор буданд ва чӯйчаҳое, ки дар офтоб медурахшиданд, ва дар онҳо кулӯх ва чӯбпораҳо печ хӯрда мерафтанд, навдаҳои сурхрангшудаи ёсуман бо муғчаҳои дамидаашон, ки дар назди тиреза меҷунбиданд; чириқ-чириқи пуртакопӯи мурғакон, ки дар ҳамин патта пару бол мезаданд, девори сиёҳранге, ки дар рӯи он ҳанӯз рутубати барфи навобшуда намудор аст ва аз ҳама болотар — ин ҳавои намноки бӯйдиҳанда ва офтоби хушу хуррам ба ман равшан ва ошкоро аз як чизи тозаи дилрабо хабар медоданд, ки ҳар чанд ман наметавонам онро чунон, ки ба ман менамуда буд, таъбир намоям, аммо кӯшиш менамоям, чунон ки ман онро ҳис мекардам, тасвир намоям,— ҳамаи ин чизҳои мазкур дар бораи ҳусну тароват, бахту саодат ва накӯкорӣ ҳикоя мекарданд, ҳамаи инҳо мегуфтанд, ки ҳам ин ва ҳам он барои ман осон ва имконпазир аст ва ҳар кадоми инҳо бе они дигар наметавонад бошад, ҳатто ҳамин ҳусну хубӣ, бахту иқбол, накӯкорӣ — ҳама як чиз ҳастанду бас. Ман худ ба худ мегуфтам: «Ман чи тур инро пештар намефаҳмидаам, пеш ман чи қадар аблаҳ ва нодон будаам, чи тур ман дар гузашта хушбахт метавонистаам бошам, ва чи тур дар оянда хубу хушбахт метавонам гардам! Ман бояд зудтар, худи ҳозир одами дигаре гардам, ва ба дигар ранг зистан сар кунам». Ба ин нигоҳ накарда, ман боз муддати дарозе дар дами тиреза менишастам, хаёлпарастӣ менамудам ва коре намекардам. Барои шумо магар ҳеҷ пеш омадааст, ки дар тобистон рӯзона дар ҳавои абрноки боронӣ хоб карда бошед ва дар замони ғуруб бедор шуда, чашм боз намуда аз паси пардаи катонӣ, ки дар чоргӯшаи тиреза аз расидани

насим дам карда худашро ба тахтаи зери тиреза химчавор мекӯбад, тарафи нофармонранги хиёбони пурсояи дарахти зирфунро, ки дар зери борон тар шудааст, ва пайраҳаи нами даруни боғро, ки аз партави равшани уреб барқ мезанад, дида бошед ва ногаҳон аз тарафи боғ садои пурҷӯшу хурӯши хушҳолонаи паррандагон ба гӯшатон расида бошад ва ҳашаротеро, ки дар пеши тиреза дар парвозанд ва дар нури офтоб медурахшанд, тамошо карда бошед, бӯи ҳавои пас аз бороиро ҳис карда пеши худ: «Магар айб, нест, ки ҳамин тур бегоҳониро бо хоб ба ғафлат гузарондаам» — гуфта андешида бошед ва саросемавор аз ҷо барҷаста бошед, то ки берун рафта аз ҳаёт лаззат бубаред ва баҳра бардоред? Агар ба шумо ҳамин ҳол рӯй дода бошад, инак ҳамин намунааст аз он эҳсосоти пурзӯре, ки ман дар ин ҳангом аз сар мегузарондам.

Боби III

ХАЁЛОТ

«Имрӯз ман маросими тавба ва истигфор иҷро мекунам ва аз ҳамаи гуноҳон пок мегардам,— гӯён меандешидам ман,— ва дигар акнун ҳеҷ гоҳ гуноҳе намекунам... (дар ин лаҳза ман ҳамаи гуноҳҳое, ки бештар аз дигаронаш маро озор медод, ба хотир овардам). Ҳар якшанбе албатта ба калисо хоҳам рафт, ва баъд аз омадан аз он ҷо боз як соат инҷил хоҳам хонд, пас, аз он *сафедакҳое,* ки баъд аз даромадан ба дорулфунун ҳар моҳ хоҳам гирифт, ду ним сӯмашро (аз даҳ якашро) ба бенавоён хоҳам дод, чунон ки касе инро пай набарад: ин садақаро на ба гадойҳо хоҳам дод, балки чунон бенавоёнеро, ятимаке ё пиразанеро хоҳам ёфт, ки касе онҳоро намедониста бошад.

Хонаи ман алоҳида мешавад (ин, зоҳиран, хонаи St.-Jérôme хоҳад буд), ва онро худам ба дасти худ рӯфтурӯб хоҳам кард ва он ҷоро бисьёр тоза хоҳам нигоҳ дошт; хидматгорро барои худам ба кор нахоҳам ангехт. Ӯ ҳам ки мисли ман одамизод аст. Пас

ҳар рӯз ба дорулфунун пиёда хоҳам рафт ва агар ба ман аробае диҳанд, онро мефурӯшам ва пули онро низ барои бенавоён хоҳам нигоҳ дошт, ва ҳамаро ҳарф ба ҳарф иҷро хоҳам кард (чӣ будани ин «ҳамаро» дар он вақт ман наметавонистам бигӯям, вале ин «ҳамаи» ҳаёти оқилона, накӯкорона ва покро хуб идрок менамудам ва ҳис мекардам). Дарсҳоро ҳозир хоҳам кард ва ҳатто пеш аз вақт онҳоро аз назар хоҳам гузаронд, чунон ки дар ҳамон курси якӯм, пешқадам хоҳам буд ва рисолаи илмӣ хоҳам навишт; дар курси дуввӯм ҳамаро пешакӣ хоҳам донист ва маро рост ба курси саввӯм хоҳанд гузаронд, чунон ки ман дар ҳаждаҳсолагӣ давраи таҳсилоти худро бо ду нишони тилло ба итмом хоҳам расонд ва номзади якӯми илмӣ хоҳам шуд, пас аз он имтиҳони магистрӣ ва докторӣ хоҳам дод ва донишманди ягона дар Россия... ҳатто дар Европа хоҳам гашт... Хӯш, пас аз он чӣ? — пурсидам ман аз худам ва дар ин мавқеъ ба ёд овардам, ки ин хаёлот ҳама ғурур асту гуноҳ, ки худи ҳамин бегоҳонӣ ба мураббии рӯҳонӣ бояд гуфт ва боз ба оғози муҳокамот баргаштам: — Барои ҳозирӣ дидан ба дарсҳо ба Воробьевы горы пиёда хоҳам рафт; дар он ҷо дар зери дарахте ҷое барои худ интихоб хоҳам кард ва дарс хоҳам хонд; гоҳе бо худам пораи панир ё санбӯсае аз дӯкони Педотти ё чизи дигаре хоҳам гирифт. Андаке истироҳат хоҳам кард ва пас аз он ягон китоби нағз хоҳам хонд ё манзараҳои хуб хоҳам кашид ё ки ягон асбоби мусиқӣ хоҳам навохт (албатта най навохтанро хоҳам омӯхт). Баъд он *духтарак* низ ба Воробьевы горы барои гардиш хоҳад омад, ва як вақт ба назди ман хоҳад омад ва аз ман хоҳад пурсид, ки ман кистам? Ман ба тарафи ӯ ҳамин тур маҳзунона нигоҳ карда хоҳам гуфт, ки ман писари як кашише ҳастам ва фақат дар ҳамин ҷо, ки тамоман танҳои зор ҳастам, хушбахтам. Ӯ дасти худашро ба ман дароз карда чизе хоҳад гуфт ва дар паҳлуи ман хоҳад нишаст. Ҳамин тур ҳар рӯз мо ба ҳамон ҷо хоҳем омад, дӯст хоҳем шуд ва ман ӯро хоҳам бӯсид... Не, инаш хуб нест. Баръакс, аз худи ҳамин рӯз сар карда ман дигар ба занҳо нигоҳ нахоҳам кард. Ҳеҷ гоҳ, ҳеҷ гоҳ ба хонаи ходимагон нахоҳам рафт,

ҳатто кӯшиш хоҳам кард, ки аз пеши дари онҳо нагузарам; ва пас аз се сол, ки аз зери васоят берун шудам, албатта зан хоҳам гирифт. Ҳар қадар ки мумкин аст, бештар ҳаракат хоҳам кард, ҳар рӯз варзиш хоҳам кард, чунон ки дар синни биступанҷсолагӣ ман аз Раппо зӯртар хоҳам шуд. Рӯзи нахустин дастро рост карда, санги нимпудиро панҷ дақиқа хоҳам нигоҳ дошт, рӯзи дигараш — бисту як қадоқ, рӯзи саввӯм — бисту ду қадоқ ва ҳамчунон то ба ҳадде, ки чор пудро дар ҳар даст хоҳам гирифт, ба дараҷае ки дар ҳавлии худамон аз ҳамаи хидматгорон зӯртар хоҳам буд; ва агар ногаҳон касе маро ҳақорат кунад ё ки ба *он духтарак* беҳурматӣ кунад, ман ҳамин тур ӯро аз гиребонаш хоҳам гирифт ва бо як даст ба қадри як газ ё ду газ аз замин болотар хоҳам бардошт ва фақат каме нигоҳ хоҳам дошт, то қуввати маро бифаҳмад ва боз ба замин хоҳам ниҳод; лекин ин кор ҳам хуб нест; не, бад нест, ман ки ба ӯ ҳеҷ бадӣ намекунам, фақат исбот менамоям, ки ман...»

Хайр, маро айб накунанд, ки хаёлоти ҷавонии ман монанди хаёлоти давраи кӯдакӣ ва навҷавонии ман бачагона аст. Ман қаноат дорам, ки агар барои ман сарнавишт чунон бошад, ки то пиронсолагӣ бирасам ва ҳикояти ман синну соли маро расида гирад, ман дар ҳамон ҳафтодсолагӣ низ, пиронасар, ҳамин тур бачагона, чунон ки алъон дорам, хаёлот хоҳам дошт. Дар бораи ягон Марияи нозанин ва зебо хаёлбофӣ хоҳам кард, ки мани пири бедандонро дӯст хоҳад дошт, чунон ки ӯ Мазепаро дӯст дошта буд ва хоҳам андешид, ки писараки камақли ман ба ногоҳ бо тасодуфи фавқулоддае ба мақоми вазорат хоҳад расид, ё хаёле хоҳам кард, ки ногаҳон бисьёр миллион пул ба дастам хоҳад афтод. Ман қаноат дорам, ки ҳеҷ одамизоде ва синну соле ёфт намешавад, ки аз ин қобилияти хаёлбофии тасаллиовари накӯкорона маҳрум бошад.

Вале, хусусияти умумии имконнопазирӣ, яъне фусункории хаёлот мустасно, хаёлоти ҳар як шахс ва ҳар синну сол хусусияти ба худ хосеро доро мебошад. Дар он давроне ки ман онро ҳудуди навҷавонӣ ва оғо-

зи ҷавонӣ мешуморам, асоси хаёлоти ман чор навъ ҳис буд: муҳаббат ба ӯ, ба зане, ки қувваи хаёл пеши назари ман муҷассам мекард ва дар бораи ӯ ҳамеша ба як маъно хаёл мепарастидам ва ҳар дақиқа интизор будам, ки дар ҷое ӯро вохӯрам, Ин ӯ — андаке Сонечка, камтарак Маша, зани Василий буд, ҳангоме ки дар тағора ҷомашӯӣ мекард, ва андаке зане буд, ки дар гардани сафедаш шаддаи марворид дошт ва хеле замон пештар ӯро ман дар театр дар ложаи наздики худамон дида будам. Ҳисси дигари ман муҳаббати муҳаббат буд. Дили ман мехост, ки ҳама маро бишиносанд, ва дӯст доранд. Дили ман мехост, номи ман Николай Иртеньев аст, бигӯям ва боист ҳамагӣ аз шунидани ин хабар дар ҳайрат уфтанд ва гирди маро бигиранд ва барои кадом як коре, ки ман анҷом додаам, ба ман изҳори миннатдорӣ кунанд. Ҳисси саввӯми ман — умеди бахту саодати аз одату андоза беруни ҷоҳпарастона буд, ки бисьёр шадид ва маҳкам буда, то ба ҳадди ҷунун мерасид. Ман чунон қаноат доштам, ки бисьёр ба зудӣ дар натиҷаи ягон тасодуфи фавқулоддае, ба ногоҳ доротарин ва машҳуртарин одами тамоми дуньё мегардам ва аз ин сабаб ҳамеша дар як ҳолати пуризтироби интизорӣ будам, ки як хушбахтии афсункорона рӯй хоҳад дод. Ман ҳамеша интизор мекашидам, ки инак ба ҳамин зудӣ коре сар мешавад ва ман ба он чи ки дили одамизод бихоҳад, мерасам, ва ҳамеша дар ҳама ҷо дар шитофтан будам, дар гумони он, ки ин воқеаи бузург ҳоли ҳозир дар он ҷое, ки ман нестам, *сар мешавад*. Ҳисси чаҳорӯм ва аз ҳама бузургтараш ин буд, ки ман аз худам нафрат ва истиғфор мекардам, вале ин чунон истиғфоре буд, ки бо умедвории сахт ба хушбахтӣ ба ҳам омехта буда аз ин ҷиҳат ҳеҷ андӯҳеро намедонист. Ба ман чунин меомад, ки аз он чи, ки гузаштааст, ҷудо шуданам ҳамчунон осон ва табиист, ончиро, ки буда ва ғузашта аст, дигаргун кардан саҳл аст, ва ҳаёти худро бо ҳамаи алоқаҳояш аз тоза сар кардан мумкин аст, ки гузашта ба он фишоре наоварад ва маро ба худ набандад. Ман ҳатто аз нафрат кардан ба гузашта низ лаззат мебурдам ва мехостам онро аз будааш ҳам тиратар ваториктар бубинам.

Доираи хотироти гузашта ҳар қадар ки ториктар бошад, аз даруни он нуқтаи шаффофи покизаи замони ҳозира ҳамон қадар равшантар намудор гашта, ояндаи ҳафтранг бештар ривоҷ мегирифт. Ҳамин садои истиғфор ва хоҳиши зӯри ба камолот рафтан бузургтарин ҳисси тозае буд, ки дар он овози инкишофи ман дили маро фаро гирифта буд ва ҳамон буд, ки асоси назари тозае ба худам, ба мардум ва ба олами худованд гузошт. Ин овози хуши дилнавоз борҳо, аз ҳамон рӯзҳо сар карда дар ҳамон овони андӯҳнок, ки рӯҳ бесару садо ба дурӯғу ғизофи зиндагонӣ ва фаҳш таслим мешуд, ногаҳон ҷасурона ба муқобили ҳар ботил сар мебардошт ва гузаштаро ғаразкорона фош мекард ва нуқтаи равшани ҳақиқатро нишон медод ва дӯст доштани онро таълим мекард ва накӯиҳо ва саодати ояндаро ваъда медод — ин овози хуши дилнавоз! Магар ту, рӯзе меояд, ки аз танин андохтан боз хоҳӣ монд?

Боби IV

ДОИРАИ ОИЛАИ МО

Падарам дар ин баҳор ба хона кам меомад. Вале ҳангоме ки меомад, бисьёр хушҳол буд, дар фортепьяно нағмаҳои дилнишини худашро менавохт ва чашмонаш адои аз андоза берун навозишкорона мегирифт ва дар бораи ҳар кадомамон ва Мими шӯхиҳо мебофт, монанди он, ки чи тур шаҳзодаи гурҷӣ Мимиро ҳангоми сайру гашт дида бошад ва чунон ӯро ошиқ шуда бошад, ки ба синод барои ҷудо шудан аз занаш ариза дода бошад ва ё ки гӯё маро ба сафири Вена ноиб таъин мекарда бошанд, ва инҳоро ба мо бо чеҳраи ҷиддӣ мегуфт; Катенькаро бо тортанакҳо, ки ӯ аз онҳо дар ҳарос буд, метарсонд; бо ошноҳои мо Дубков ва Нехлюдов бо меҳрубонӣ муомила менамуд ва дам нагирифта ба мо ва ба меҳмонҳо аз нақшаҳои соли ояндаи худаш гап мезад. Ҳар чанд ин нақшаҳои кору бори ӯ ҳар рӯз ранги дигаре ба худ мегирифтанд ва яке ба дигаре мухолиф буданд, онҳо чунон шавқангез буданд, ки мо онҳоро бо ҳавас гӯш медодем ва Любочка чашм ба ҳам назада ба даҳони

падарам нигоҳ мекард, то ки як калимаашро ҳам нашунида намонад. Гоҳе нақша чунин дармеомад, ки моёнро дар Москва дар дорулфунун бигузорад ва худаш Любочкаро гирифта дусола ба Италия биравад, гоҳе чунон, ки дар Қрим, дар соҳили ҷанубӣ як мулке бихарад ва ҳар сол дар тобистон ба он ҷо биравад, гоҳе чунон, ки бо ҳамаи хонавода ба Петербург бикӯчад ва монанди инҳо. Вале ғайр аз хушҳолии аз ҳад зиёд дар падарам вақтҳои охир як дигаргунӣ ҳам пайдо шуда буд, ки маро бисьёр ба ҳайрат меандохт. Ӯ барои худаш либосҳои навзуҳур — фраки зайтунӣ, шалворҳои тозабуриши бандакдор ва бекеши дарозе, ки бисьёр ба ӯ мезебид, дӯзонд ва аксар, ҳангоме ки ӯ ба меҳмонӣ мерафт, аз ӯ бӯи хуши атр меомад, хусусан, вақте ки ӯ ба хонаи хониме мерафт, ки дар бораи ӯ Мими сухане бе оҳувоҳ кашидан намегуфт ва бо он ваҷоҳате, ки дар он чеҳра ҳамин ҳарфҳо хонда мешуд: «Ятимҳои бечора! Ҳирси бадфарҷом! Хуб шуд, ки *ӯ* акнун нест», ва монанди инҳо. Азбаски худи падарам дар бораи корҳои бурду бохташ ба мо чизе намегуфт, ман аз Николай шунидам, ки ӯ дар ин зимистон бисьёр хуб бозӣ кардааст; ӯ як маблағи бисьёр калоне бурдааст ва пулашро ба фоида гузоштааст ва аз баҳор акнун дигар хоҳиши бозӣ кардан надоштааст. Зоҳиран аз ин ки худдорӣ натавонад кард, мехост зудтар ба деҳа баргардад. Ӯ ҳатто ба дохил шудани ман ба дорулфунун нигарон нашуда бевосита пас аз пасха бо духтаракон ба Петровское баргаштанӣ ҳам шуда истодааст, ки мо бо Володя ба онҷо баъд бояд биравем.

Володя тамоми муддати ин зимистон то худи баҳорон аз Дубков ҷудо намешуд, (бо Дмитрий бошад, онҳо то рафт аз ҳамдигар сард мешуданд). Бузургтарин дилхушии онҳо, он чунон ки ман аз гуфтугузори эшон пай бурдаам, муттасил аз он иборат будааст, ки ҳамеша машғули нӯшидани шампански будаанд ва бо ҳам дар чана нишаста ба сайру гардиш мерафтаанд ва аз таги тирезаи духтараке, ки гӯё ҳар ду якбора онро дӯст дошта буданд, мегузаштанд ва рӯ ба рӯ истода акнун на дар базмҳои бачагона, балки дар базмҳои ҳақиқӣ мерақсиданд. Ҳар чанд ман ва

Володя ҳамдигарамонро дӯст медоштем, ин вазъияти охирин моро аз ҳам бисьёр ҷудо мекард. Миёни бачае, ки барои ӯ муаллим ба дарс додан меояд ва касе, ки дар базмҳои калон рақс мекунад, мо бисьёр фарқ ҳис мекардем, то ки ба ҳамдигар фикру андешаҳои худро арза дорем. Катенька акнун хеле бузург шуда буд ва бисьёр роман мехонд ва андешаи он, ки ӯ ба зудӣ метавонад шавҳар кунад, акнун ба ман бисьёр ҳам ба шӯхӣ монанд наменамуд; вале ҳар чанд ки Володя бузург буд, онҳо ба ҳам унс намегирифтанд ва ҳатто зоҳиран ҳар ду тараф якдигарро ба назари ҳақорат медиданд. Умуман, ҳангоме ки Катенька дар хона танҳо мемонд, ӯро ғайр аз романҳо чизи дигаре саргарм намекард ва ӯ бештар вақтҳо дилтанг мешуд; ҳангоме ки мардҳои бегона ҳузур медоштанд, ӯ хеле пурҷӯшу хурӯш ва меҳрубон мешуд ва бо чашмонаш коре меқард, ки ман дигар ҳеҷ фаҳмида наметавонистам, ки ӯ бо ин ҳаракаташ чӣ мехоста бошад, изҳор намояд. Баъдҳо, фақат ҳангоме ки дар миёни гуфтугузор аз худи ӯ шунида мондам, ки ягона нозу шӯхие, ки барои духтарон иҷозат дода шудааст, ин нозу шӯхии чашмон асту бас, аз он пас андаке тавонистам ба худ ин ҳаракатҳои аҷибу ғариби ғайритабииро маъное бидиҳам, ки онҳо барои дигарон зоҳиран ҳеҷ ҷои тааҷҷуб набуданд. Любочка ҳам акнун куртаҳои қариб дароз пӯшида мегаштагӣ шуда монд, чунон ки акнун пойҳои мурғобивори ӯ қариб наменамудагӣ шуданд, вале ӯ ҳамон тур пештара барин тирьёнчак буд. Акнун ӯ дигар орзӯи ба гусар ба шавҳар баромаданро намекард, балки ба хонанда ё ки созанда баромаданӣ буд ва бо ҳамин ғараз ба мусиқӣ ёд гирифтан кӯшиш менамуд. St.-Jérôme, ки медонист то анҷоми имтиҳонҳои ман дар хонаи мо мемонаду бас, барои худаш дар хонаи як граф коре пайдо карда буд, аз ҳамон замон сар карда ба аҳли хонаводаи мо як навъ ба назари ҳақорат менигаристагӣ шуда монд. Ӯ дар хона кам мешуд, ба папирос кашидан сар карда буд, ки ин кор дар он рӯзҳо аз олуфтагиҳои бузург ба шумор мерафт, ва доимо варақаи коғазе ба лаб гузошта оҳангҳои шӯх ҳуштак мекашид. Мими рӯз ба рӯз андӯҳгинтар ва ғамгинтар мешуд ва гӯё, аз ҳан-

ғазе нишон дод, ки ҳамаи гуноҳи худашро дар он навишта буд; ман гуфтам, ки ин кори бисьёр хуб аст, вале боз ҳам аз ин беҳтар мешуд, ки ҳама гуноҳҳо дар дили худи кас навишта шавад, «ҳамаи ин ҳанӯз на он аст, ки бояд бошад» мегуфтам ман.

— Аз чӣ сабаб, охир? — гӯён пурсид Любочка.

— Хайр, ин ҳам хуб аст; ту маро фаҳмида наметавонӣ,— гуфта ман ба боло ба хонаи худам рафтам ва ба St.-Jérôme барои дарс ҳозир кардан меравам гуфтам, вале худам зотан ба нияти он рафтам, ки то маросими истиғфор, ки якуним соат ба он мондааст, барои худам як дастури кордорӣ дуруст кунам, ки дар тамоми умрам вазифаи худамро ва кору бори худамро муайян карда бошам, ғояи зиндагонии худамро дар коғаз сабт намоям, ки аз он роҳу равиш набаромада, ҳамеша онро таъқиб намоям.

Боби V

ДАСТУР

Ман як варақ коғаз ба даст овардам ва хостам, ки аз ҳама пештар дастури вазифа ва машғулиятҳоро барои соли оянда тарҳ намоям. Коғазро рахкашӣ кардан лозим буд. Чун барои ин кор ҷадвал дар хонаи ман ёфт нашуд, барои ин кор китоби луғати лотиниро ба кор бурдам. Ба ҷуз он ки ман ба дарозии китоби луғат хат кашида ва баъд китобро ақиб ҷунбонда дидам, ки дар ҷои рах як кӯли дарози сиёҳӣ сохтаам,— боз маълум шуд, ки китоби луғат ба ҳамаи бари коғаз қад намедодааст ва хат дар кунҷаки нарми он хам шудааст. Ман коғази дигаре гирифтам ва китобро аз ҷой ба ҷое кӯчонда, ба зӯр рах кашидам. Машғулиятҳои худамро ба се навъ: ба вазифаҳое, ки ба худам, ба наздиконам ва ба худованд тааллуқ доранд, тақсим намуда, қисми нахустинашро ба навиштан сар кардам, вале онҳо чунон бисьёр, чунон гуногун, чунон қисматҳои зиёде доштаанд, ки лозим меомад пеш аз дигарон «Дастури Зиндагонӣ» навишта пас аз он ба ҷадвали он гузашта шавад. Ман ин

варақ коғаз гирифтам, аз онҳо дафтар дӯхтам ва дар болояш «Дастури Зиндагонӣ» навиштам. Ин ду калима чунон кач ва ноҳамвор навишта шуда буд, ки ман дар бораи онҳо дуру дароз андешидам: аз дигар нависам, чӣ шавад? Ва ба ҷадвали дарида ва ин сарлавҳаи баднамо нигоҳ карда муддати дароз озор мекашидам. Чаро ҳамааш дар дили ман бисьёр хуб, муайян ва равшан аст, вале ба рӯи коғаз ва, умуман, дар зиндагӣ, ҳангоме ки ман мехоҳам аз он чизҳое ки меандешам, чизеро ба амал бигузорам, ин қадар баднамо мебарояд?..

— Мураббии рӯҳонӣ ташриф оварданд, бифармоед ба поён барои шунидани расм ва қоидаҳо,— Николай омада арз кард.

Ман дафтарро дар қуттии миз пинҳон намудам, ба оина нигоҳ кардам, мӯи сарамро ба боло шона кардам, ки ба фикри худам ин ба ман як қиёфати андешамандона мебахшид, ва ба хонаи истироҳат фуруд омадам, ки дар он ҷо кайҳо миз ороста шуда шамоили муқаддас ва шамъҳои афрӯхта гузошта шуда буд. Падарам аз дари дигар дар як замон бо ман дохил шуд. Мураббии рӯҳонӣ, роҳиби мӯйсафед, бо чеҳраи ҷиддии пиронсола дар ҳаққи падарам дуо кард. Падарам дасти на он қадар бузурги фарохи хушки ӯро бӯсид, ман ҳам чунон кардам.

— Вольдемарро садо кунед,— гуфт падарам.— Ӯ куҷост? Хайр, монед, ӯ ки дар дорулфунун рӯза мегирад.

— Ӯ бо князь машғули дарс ҳозир кардан аст,— гуфт Катенька ва ба Любочка нигоҳ кард. Любочка ногаҳон, аз чӣ сабаб бошад, сурх шуд, абрувонашро чин зад, чунон вонамуд, ки дарде бар ӯ ориз шуда бошад ва аз хона берун рафт. Ман ҳам аз паи ӯ берун баромадам. Ӯ дар меҳмонхона истод ва дар рӯи коғазаш чизе боз бо қалам навишт.

— Чӣ, боз гуноҳи тозае кардӣ? — пурсидам ман.

— Не, чизе нест, ҳамин тур,— ҷавоб дод ӯ сурх шуда.

Дар ин лаҳза дар даҳлез овози Дмитрий шунида шуд, ки бо Володя хушбошӣ мекард.

— Ҳама чиз ба ту васваса будааст, дигар,— гуфт Катенька ба хона даромада истода ва ба Любочка муроҷиат карда.

Ман сарфаҳм намерафтам, ки ба хоҳарам чӣ воқеа рӯй додааст: ӯ чунон шарм карда буд, ки дар чашмонаш сиришк ҳуҷум овард, шарми ӯ то он ҳад расида буд, ки ӯ аз худаш ва аз Катенька, ки гӯё ӯро барангехтанӣ шуда киноя зада буд, дар қаҳр шуд.

— Як *хориҷӣ* буданат маълум аст (ҳеҷ чиз мисли ин унвони хориҷӣ ба Катенька сахт намерасид, бинобар он Любочка ӯро чунин номид),— дар мавқеи ин тур асороме,— давом намуд ӯ бо садое, ки оҳанги бовиқорона дошт,— ту қасдан ҳоли маро ба изтироб меандозӣ... ту бояд мефаҳмидӣ... ин шӯхӣ нест, охир...

— Медонӣ, Николенька, ӯ чӣ навиштааст? — гуфт Катенька, аз *хориҷӣ* номида шуданаш ранҷида,— ӯ навиштааст, ки...

— Ман ҳеҷ гумон намекардам, ки ту ин қадар кинапарвар бошӣ,— гуфт Любочка, тамоман пургирья шуда аз мо дур рафта истода: — дар ин чунин соат ва қасдан як умр одамро ба гуноҳ меҷӯлонад. Ман ба эҳсосот ва сӯзу гудози ту кордор нестам, ки.

Боби VI

ИСТИҒФОР

Бо ҳамин ва ҳамин тур муҳокимаҳои парешон ман ба хонаи истироҳат баргаштам, ки ҳамагӣ дар он ҷо ҷамъ омада будаанд ва мураббии рӯҳонӣ низ аз ҷой бархоста, ба хондани дуои пеш аз маросими истиғфор омодагӣ мекард. Вале ҳангоме ки дар миёнаи сукути умумӣ овози барҷастаи босалобати роҳиб, ки муноҷот мехонд, баланд шуд, хусусан дар он вақте ки ӯ ин калимотро адо мекард: *ҳамаи айбу тақсироти худатонро бе ҳеҷ шарму ибо ва баҳонаҷӯиҳо хушоед ва рӯҳи шумо дар ҳузури худованд пок хоҳад шуд ва агар чизеро пинҳон кунед ва нагӯед, бисьёр гуноҳ хоҳед дошт*,— дар дили ман ҳолати изтироби эҳтиром-

коронае, ки пагоҳонӣ вақти ин маросими асрорангези мустақбалро дар андеша оварданам дар ман пайдо шуда буд, баргашта омад. Ман ҳатто аз идроки ин ҳол лаззат мебурдам ва кӯшиш мекардам, ки инро нигоҳ дорам ва ҳамаи дигар хутуроти қалбиро, ки ба ман ворид мешуд, бозгошта худамро маҷбур мекардам, ки аз чизе тарсам.

Нахуст барои истиғфор падарам рафт. Ӯ дар хонаи модаркалонам дуру дароз монд ва дар ҳамаи ин муддат дар хонаи истироҳат мо ҳамагӣ хомӯш менишастем, ё ки пичир-пичиркунон гуфтугӯ мекардем, ки аз паси падарамон, кӣ хоҳад рафт. Оқибат боз аз паси дар овози роҳиб, ки дуо мехонд, ва садои пои падарам шунида шуд. Дар ғиҷиррос зад ва ӯ бо одати худаш сурфакунон китфҳояшро афшонда, ва ба рӯи касе аз моён нигоҳ накарда аз он ҷо берун омад.

— Хӯш, акнун ту даро, Люба, ҳушьёр бош, ҳамаашро бигӯй. Ту, охир, дар ин ҷо гунаҳгори азим ҳастӣ,— гуфт падарам хушҳолона аз рухсораи ӯ пучида гирифта.

Любочка сафед шуд, сурх шуд, рӯихати навиштаашро аз зери пешгираш бароварда боз ҳамон ҷо пинҳон кард ва сарашро хам карда, гӯё ки аз боло зарбаеро интизор мекашида бошад, гарданашро андаке кӯтоҳ карда ба сӯи дар рафт. Ӯ дар он ҷо чандон дуру дароз намонд, вале ҳангоми берун омаданаш китфонаш аз таъсири гирья такон мехӯрданд.

Оқибат пас аз Катенькаи нозанин, ки табассумкунон аз дар баромад, навбати ман ҳам расид. Ман бо ҳамон тарсу ваҳми кунду карахтона ва бо хоҳиши қасдан дар худ зиёд ва афзун сохтани ин тарсу ваҳм ба хонаи нимторик дохил шудам. Мураббии рӯҳонӣ дар назди лавҳи баланде истода буд ва ба оҳистагӣ рӯяшро сӯи ман гардонд.

Ман аз панҷ дақиқа бештар дар хонаи модаркалон намондам, вале аз он ҷо бахтьёр ва масъуд берун омадам ва бо эътиқоде, ки дар он замон доштам, тамоман пок ва бегуноҳ ва рӯҳан аз дигар таваллуд ёфта одами нав шуда будам. Ҳар чанд сару сози зиндагонии кӯҳна, ҳамон хонаҳо, ҳамон асбобу ускунаи хона, ҳамон шаклу шамоили худам (дили ман мехост, ки

шакли зоҳирии ман низ монанди замири ботиниам, ки ман ба дигар шудани он эътиқод доштам, дигар шавад) бар ман як ҳайрати ногуворе ангехта буд, ба он аҳвол нигоҳ накарда, дар ин нашъа ва кайфияти рӯҳии хушу хуррам давом намудам, то ҳамон даме ки ба ҷои хоб дароз кашидам.

Ман дар ҳолате, ки ҳама гуноҳҳо ва тақсироти худамро, ки аз онҳо акнун наҷот ёфта будам, дар пеши назар оварда акнун ба хоб мерафтам, ногаҳон як гуноҳи шармоваре ба ёдам омад, ки дар маросими истиғфор пинҳон дошта будам. Калимоти муноҷот ва дуои пеш аз истиғфор ба ёди ман омаданд ва муттасил дар гӯши ман садо медоданд. Ҳамаи оромӣ ва осудагии ман якбора барбод рафт. «Агар пинҳон бидоред, бисьёр гуноҳ хоҳед дошт...» ҳамеша шунида мешуд ва ман худамро чунон гунаҳгори азим медидам, ки барои ман ҳеҷ ҷазои босазое мавҷуд набуд. Муддати дароз ман аз як паҳлӯ ба паҳлӯи дигар мегаштам ва аҳволи худамро андеша мекардам ва дам ба дам ғазаби илоҳиро интизор мекашидам ва ҳатто марги муфоҷотро чашм медоштам, ки ин фикр маро дар даҳшати ваҳшатнамун андохта буд. Вале ногаҳон дар сари ман як фикри хушбахтонае падидор гашт: сари пагоҳон ба савмаа ба ҳузури мураббии рӯҳонӣ рафтан ва аз сари нав маросими тавба ва истиғфор гузарондан,— ва дар асари ин андеша ман осуда ва ором шудам.

Боби VII

РАФТАН БА САВМАА

Ман аз тарси ин, ки мабодо пагоҳонӣ дар хоб бимонам, шабона чанд дафъа аз хоб бедор шудам ва соат шаш нашуда кайҳо бар по бархоста будам. Тирезаҳо акнун андак равшан шуда истода буд. Ман либосҳои худамро дарбар кардам ва мӯзаро, ки ҳамон тур ғиҷим ва тоза накардагӣ дар назди рахти хобам афтода буд,— зеро ҳанӯз Николай фурсати ғундоштани онҳоро пайдо накарда буд, пӯшидам ва ҳамчунон намоз нахонда, шустушӯ накарда, дафъаи нахустин дар умри худ танҳо ба кӯча баромадам.

Дар тарафи муқобили кӯча аз паси боми сабзи ҳавлии калоне шафақи сармозадаи меғолуд сурхӣ мезад. Аз сармои хеле сахти пагоҳонии баҳоррӯя лою гил ва ҷӯйҳо ях баста буд, зери по ништар мехалид ва рӯю дастҳоям сӯзиш мекард. Дар тангкӯчаи худамон ҳанӯз як аробаи кирой ҳам набуд, ки ман метавониста бошам барои зуд рафта омадан онро киро кунам. Фақат чанд аробаи пурбор паси ҳам аз кӯчаи Арбат мегузаштанд ва ду коргари хишткор низ гапзанон аз канори роҳ гузашта рафтанд. Як ҳазор қадам ки роҳ рафтам, мардумон ва заноне, ки сабат дар даст ба бозор мерафтанд, дучор шудан гирифтанд; аробаҳои чалакдор барои об гирифтан мерафтанд; санбӯсафурӯш ба чорроҳа баромад; як нонвойхона кушода шуд ва дар дами Дарвозаи Арбат як аробакаш, пирмарде, ки хобаш рабуда буд ва дар рӯи аробаи фарсурдашуда — дарида ва жӯлидаи пиназадаи кабудранге ба ҳар тараф мекалавид, дучор шуд. Ӯ эҳтимол хоболуд бошад, ки барои рафта омадан ба савмаа аз ман бист тин дархост кард, вале ба ногоҳ ҳушаш ба ҷоящ омад ва дар ҳамон лаҳзае, ки ман мехостам, савор шавам, аспашро бо нӯги ҷилаваш маҳмез дод ва кам монда буд, ки аз ман дур гардад. «Аспро хӯрок додан даркор аст! хоҷа, намешавад»,— гуфт ӯ ғурғуркунон.

Ман ба зӯр ӯро боздоштам ва ба ӯ ваъдаи ду бисттиниро додам. Ӯ аспашро боздошт, бо диққат ба ман нигоҳ кард ва гуфт: «Биншин, хоҷа». Эътироф менамоям, ман андаке аз он хавф кардам, ки ӯ маро ба ягон гӯшаи хилват бибарад ва луч бикунад. Аз гиребони чакмани даридаи ӯ гирифта будам, ки савор шавам, гардани бисьёр пурчини ӯ дар болои тахтапушти ҳам шудааш гӯё ҳазинона луч шуд ва ман ба нишастгоҳи шалақи кабудранг нишаста гирифтам ва мо бо кӯчаи Воздвиженка шилиқ-шилиқкунон ба роҳ даромадем. Дар овони роҳ ман диққат кардам, ки такьягоҳи ароба бо порчаи сабзе кашида шуда буд, ки чакмани худи аробакаш ҳам аз ҳамон порча буд; ҳамин ҳол, намедонам аз чӣ сабаб бошад, маро ором кард ва дигар акнун ман наметарсидам, ки аробакаш

маро ба пасткӯчаи хилват бурда ғорат мекарда бошад.

Офтоб кайҳо хеле баланд баромада, гунбази калисоҳоро зарафшонӣ менамуд, ки мо ба савмаа расидем. Дар сояравҳо ҳанӯз сармо буд, вале дар тамоми роҳ оби лойолуд бо суръати тез дар ҷӯйҳо равон мешуд, ва асп аз даруни лойоб шалап-шалап карда мерафт. Аз панҷараи савмаа дарун даромада, аз нахустин касе, ки ман дидам, пурсидам, ки бо кадом роҳ ман назди мураббии рӯҳонӣ биравам.

— Ин аст ҳуҷраи ӯ,— гӯён роҳибе, ки аз роҳ мегузашт як дақиқа таваққуфе карда ба хонаи хурдакаке, ки даромадгоҳаш намоён буд, ишора кард.

— Бисьёр миннатдорам аз шумо,— гуфтам ман.

Вале роҳибоне, ки паи якдигар аз калисо мебаромаданд, ва ба ман нигоҳ мекарданд, дар бораи ман чӣ андешида бошанд? Ман на калон будам ва на бача; рӯи ман ношуста, мӯйҳоям шона накардагӣ, либосам гарду пашмолуд, мӯзаҳоям тоза накардагӣ ва боз лойолуд буд. Роҳибоне, ки ба ман нигоҳ мекарданд, маро ба кадом табақаи мардум мансуб мекарда бошанд? Онҳо бошанд, ба сӯи ман бодиққат менигаристанд. Бо вуҷуди ин ман ба ҳамон сӯе, ки роҳиби ҷавон нишон дода буд, раҳсипор будам.

Пирамарде бо либоси сиёҳ ва абрӯи сермӯи сафед, дар пайраҳаи борике, ки ба тарафи ҳуҷраҳо мебурд, ба ман рӯ бар ӯ омада аз ман пурсид, ки ман чӣ коре дорам?

Як лаҳза дар дили ман хоҳише пайдо шуд, ки дар ҷавоби ӯ «ҳеҷ чиз» гӯям, ба ақиб гурезам, ба ароба нишинам ва ба хона баргардам, вале бо вуҷуди абрӯи баҳам кашидаи пирмард, чеҳраи ӯ эътимод илқо менамуд. Ман ба ӯ гуфтам, ки ба ман мураббии рӯҳониро дидан лозим аст ва номи ӯро гирифтам.

— Биёед, *хоҷабача,* ман шуморо мебарам,— гуфт ӯ аз роҳаш баргашта ва, зоҳиран, аҳволи маро ҳамон дам пай бурда буд, ки гуфт: — Падар дар намози пагоҳонианд, ба зудӣ ташриф меоранд.

Ӯ дарро боз кард ва аз айвону даҳлези тоза ва озодае, аз болои пойандози катонӣ маро ба ҳуҷра бурд.

— Ана дар ҳамин ҷо мунтазир бошед,— гуфт ӯ

ба ман меҳрубонона бо адо ва ифодаи оромдиҳандае ва худаш берун рафт.

Ҳуҷрае, ки ман дар он будам, хеле хурд буд, ва лекин мунтазам ва мураттаб буд. Асбоб ва ускунаи он аз як мизчае, ки бо мушаммаъ пӯшида буд, ки дар миёнаи ду тирезаи дутабақа ҷой гирифта ва дар пеши тирезаҳо ду гулдон бо гули шамъдонӣ гузошта шуда буд, аз лавҳачае бо уқнум ва чароғе, ки дар пеши он овезон буд, аз як кресло ва ду сандалича иборат буд. Дар гӯшае соати деворӣ овехта шуда буд, ки овезаи мисини бо занҷир кашида шуда дошт ва бар рӯи минои соат нақшҳои гул буд; дар таворае, ки онро бо шифти хона чӯбҳои бо оҳак сафед кардашуда мепайвастанд, (ки дар паси он гӯё тахти хоб ҷой гирифта буд) ду ҷӯбба ба мех овезон буд.

Тирезаҳо ба тарафи як девори сафеде, ки дар масофаи ду газ воқеъ буд, боз мешуданд. Дар миёнаи онҳо ва девор як буттаи хурди ёсуман менамуд. Ҳеҷ овозе аз берун ба ин хона намеомад, чунон ки дар ин хомӯшӣ зарби мунтазам ва форами раққосаки соат садои баланд барин менамуд. Ҳамчунон ки ман дар ин гӯшаи хомӯш танҳо мондам, ногаҳон ҳамаи фикрҳое, ки пештар доштам, ва хотираҳои ман аз сарам бадар рафтанд, гӯё, ки абадан онҳо вуҷуд надошта буданд, ва ман дар як андешаи форами таъбирнопазире мустағриқ гаштам. Ин ҷуббаи пахтагии зардшудаи остараш фарсуда, ин муқоваҳои чармини сиёҳи хӯрдашудаи китобҳо, ки бандакҳои мисин доштанд, ин гулҳои рангашон сабзи хира, ки бо диққат ба хокашон об пошидаанд ва баргҳошонро шустаанд, ва хусусан ин овози раққосак, ки якоҳангона ба фосилаи муайяне мезанад,— ба ман бо сароҳати тамом аз як ҳаёти тозае, ки ман то ҳол аз он хабаре надоштам, аз ҳаёте, ки як ҳолати танҳоӣ, муноҷотхониҳо ва саодати орому сокит дошт, хабар медод...

«Моҳҳо ва солҳо мегузаранд,— меандешидам ман, — ӯ ҳамеша танҳо, ӯ ҳамеша ором, ӯ доимо ҳис мекунад, ки виҷдони ӯ пок аст ва дуояш ба даргоҳи ҳақ мустаҷоб». Як ним соат ман дар рӯи курсӣ нишаста мондам ва кӯшиш мекардам аз ҷоям наҷунбам ва баланд нафас нагирам, то ки мувозинати садоҳоро, ки ба

ман ин қадар чизи бисьёр мегуфт, вайрон накунам. Раққосаки соат бошад, ҳамон тур, ки буд, ба тарафи рост — баландтар, ба тарафи чап пасттар зарб мезад.

Боби VIII

ИСТИҒФОРИ ДУВВУМ

Қадамҳои мураббии рӯҳонӣ маро аз ин тафаккурот ҷудо карданд.

— Салому алайкум,— гуфт ӯ бо дастҳояш мӯи сафедашро дуруст карда истода.— Ба шумо чӣ лозим?

Ман аз ӯ дархост кардам, ки дар ҳаққи ман дуо намояд ва ба ихлоси тамом дасти зардранги на он қадар бузурги ӯро бӯсидам.

Ҳангоме, ки ман ба ӯ илтимоси худамро баён намудам, ӯ ба ман чизе нагуфт, ба уқнумҳо наздик рафт ва маросими истиғфорро оғоз кард.

Вақте ки маросими истиғфор ва тавба тамом шуд ва ман ҳаёро як сӯ гузошта, ҳар чи ки дар дилам буд, гуфтам, ӯ дасти худашро ба сари ман ниҳод ва бо овози садодиҳанда ва оҳистаи худаш гуфт: «Фазлу иноятӣ худованд, писари ман, бар ту шомил гардад ва ӯ дар дили ту имон ва ҳилму таслимро пойдор ва устувор нигоҳ дорад. Омин!»

Ман тамоман хушбахт шуда будам, сиришки хушбахтӣ ба гулӯи ман ҳуҷум меовард; ман чинҳои ҷуббаи моҳутии нарми ӯро бӯсидам ва сарамро бардоштам. Чеҳраи роҳиб тамоман ором буд.

Ман ҳис мекардам, ки аз эҳсоси таассур лаззат мебарам ва аз тарси ин, ки ин таассурро аз даст бидиҳам, зуд бо мураббӣ хушбошӣ кардам ва, то ки парешонӣ дар ман наёяд, ба ҳеҷ тараф нигоҳ накарда аз қатора берун баромадам ва боз аз сари нав ба аробаи шалақи раҳ-раҳ нишастам. Лекин зарбу лати ароба, чизҳои ранго-ранге, ки аз пеши назарам мегузаштанд, ба зудӣ ин ҳисро аз ман дур карданд; ва акнун дар ин ҳангом ман меандешидам, ки албатта ҳоли ҳозир мураббии рӯҳонии ман чунин фикр мекунад, ки монанди ман ҷавони рӯҳаш пок ва покизаро дар

ҳаёти умри худаш ҳеҷ дучор нашудааст ва баъд аз ин ҳам нахоҳад дид ва ҳатто, ин ки ин тур касҳо нестанд. Ман дар ин фикр қаноат доштам; ва ин қаноат дар ман чунон як хушҳолӣ ба вуҷуд овард, ки эҳтиёҷи ба каси дигар гуфтани ин аҳвол пайдо шуд.

Ман бисьёр мехостам, бо касе сухан гӯям, чун касе ғайр аз аробакаш дар наздикӣ набуд, ман ба ӯ хитоб намудам.

— Чӣ, ман магар бисьёр дер кардам? — гӯён пурсидам аз ӯ.

— Ҳа, хеле рафтед, ҳол он ки кайҳо вақти хӯрок додани асп расидааст, охир ман аробакаши *шабона* ҳастам,— ҷавоб мегуфт пирмард, ки акнун зоҳиран аз намудани офтоб нисбат ба пештарааш андак чеҳрааш кушода шуда буд.

— Аммо ба ман чунин омад, ки ҳамааш як дақиқа фурсат гузаштааст,— гуфтам ман.— Магар медонӣ, ки ман аз чӣ сабаб ба савмаа омада будам? — илова намудам дар ҳолате, ки ба ҷои фурӯ рафтаи нишастгоҳи ароба наздиктар ба аробакаши пир нишаста гирифтам.

— Моро ба инҳо чӣ кор? Куҷое, ки кироягир мегӯяд, мо ҳамон ҷо мебарем,— гӯён ҷавоб дод ӯ.

— Хайр, ҳар чи ҳам бошад, ту чӣ фикр мекунӣ? — гӯён ба пурсиш давом намудам ман.

— Эҳтимол барои харидани гӯрхона омада бошед,— гуфт ӯ.

— Не, бародар, медонӣ, ман барои чӣ омада будам?

— Намедонам, хоҷа,— такрор намуд ӯ.

Овози аробакаш ба ман чунон мулоим ва дилнишин омад, ки барои ибрати ӯ сабаби омаданамро, ҳатто он эҳсосоте, ки дар дили ман пайдо шуда буд, ҳамаашро низ ба ӯ гуфтанӣ шудам.

— Мехоҳӣ, ман ба ту гуфта диҳам? Ҳа, ту мебинӣ, ки...

Ва ман ба ӯ ҳамаашро ҳикоя кардам ва тамоми эҳсосоти хуби худамро ба ӯ шарҳ додам. Ман ҳатто акнун низ ин кори худамро ба ёд биёрам, сурх мешавам.

— Ҳамин тур,— гуфт аробакаш нобоварона.

Ва дуру дароз пас аз он сукут кард ва наҷунбида нишаст,— фақат гоҳ-гоҳе домани чакманашро соз мекард, ки ҳамеша аз зери пои шалвори раҳ-раҳ ва мӯзаи калон пӯшидааш, ки дар таъсири бардору зани ароба меҷунбид, берун меҷаст. Ва ман акнун дар он фикр будам, ки ӯ низ дар ҳаққи ман ҳамонро меандешад, ки мураббии рӯҳонӣ андешида буд,— яъне ин тур ҷавони хубе мисли ман дигар дар ҷаҳон нест; вале ӯ ногаҳон ба ман рӯй овард:

— Хайр, ҳар чи ки бошад, ин кори шумо, кори хӯҷагон аст.

— Чӣ? — пурсидам ман.

— Кор, кори хоҷагон аст,— такрор кард ӯ бо лабони бедандонаш, шаф-шафкунон.

«Не, ӯ маро фаҳмида натавонист»,— андешидам ман ва дигар то ба хона расидан ба ӯ чизе ҳам нагуфтам.

Ҳарчанд он эҳсоси таассур ва ихлос дар дили ман боқӣ намонда бошад ҳам, худписандӣ аз он ки ман инҳоро дар худ эҳсос менамудам, дар ҳамаи роҳ бо ман ҳанӯз ҳамроҳ буд, гарчанде, ки дар пеши назари ман, дар зери ҷилои офтоби равшан, дар кӯчаву кӯй мардумони рангоранг ҷилва мекарданд; вале ҳамон замоне ки ба хона расидам, ин эҳсос тамоман барҳам хӯрд. Ман дуто бистинӣ надоштам, ки ба аробакаш бидиҳам. Сарпешхидмат Гаврило, ки ман аз ӯ кайҳо қарздор шуда будам, акнун дигар ба ман қарз намедод. Аробакаш, ки ду дафъа барои пул ба даст овардан дар саҳни ҳавлӣ давида гузаштани маро дида буд, зоҳиран пай бурда буд, ки ман аз чӣ боис медавам, аз аробааш поин омад ва ҳар чанд табъан ба назари ман хеле одами мулоим намуда бошад ҳам, ба ман шунавонданӣ шуда ҳарфҳои тунду талх гуфтан гирифт, ки чи тур одамони фиребгари қалобе мешаванд, ки ароба киро мекунанду пас муздашро намедиҳанд!

Дар ҳавлӣ ҳанӯз ҳамагӣ дар хоб буданд, барои ҳамин ба ҷуз ходимон, аз каси дигаре ман наметавонистам қарз бигирам. Оқибат Василий баъд аз ба виҷдонам қасам ёд карданам, ки ба он қасам ҳеҷ боварӣ надошт (ин аз ваҷоҳати вай мафҳум мешуд), вале

фақат аз он боис, ки маро дӯст медошт ва ба хотири он хидмате, ки ман ба ӯ карда будам, аз ҳисоби ман ба аробакаш пул дод. Ҳамин тур, он эҳсосот аз ман монанди дуд парвоз карду рафт. Ҳангоме ки ман барои ҳамроҳи дигарон ба калисо рафтан ва ба муновала иштирок намудан либос пӯшиданӣ шудам, дидам, ки либоси ман дӯхта нашуда будааст ва онро пӯшидан мумкин нест, ман гуноҳи бисьёре кардам. Либоси дигаре пӯшида дар ҳолате, ки изтироб ва ташвиши фикрӣ доштам ва ба куллӣ ба тамоилоти хуби худам эътимодам намонда буд, ба муновала рафтам.

Боби IX

МАН БА ИМТИҲОН ЧИ ТУР ТАЙЁРӢ МЕДИДАМ

Рӯзи панҷшанбеи Ҳафтаи муқаддас падарам, хоҳарам ва Мими бо Катенька ба деҳа раҳсипор гаштанд, чунон ки дар ҳамаи хонаву ҳавлии калони модаркалонам фақат Володя, ман ва St.-Jérôme мондем. Он ҳолати рӯҳӣ, ки дар рӯзи истиғфор ва тавба ва рафта омаданам ба савмаа дар дили ман буд, тамоман рафт ва аз худаш фақат як хотираи мубҳам, гарчи дилпазире, монда бошад ҳам, торафт аз асари таассуроти тозаи зиндагонии озодона гум мешуд.

Дафтаре, ки унвони *Дастури Ҳаёт* дошт, низ бо дафтарҳои мусаввадаи мактабӣ пинҳон карда шуд. Ҳарчанд мулоҳизаи имконият доштан ба дуруст кардани дастур аз барои ҳама гирудори зиндагӣ ва зиндагонӣ, ки доимо хидмати роҳнамоиро адо менамуда бошад, ба ман гуворо меомад, бисьёр содда ва бисьёр бузургвор менамуд ва ман ҳам мехостам онро ба ҳаёт татбиқ намоям, бо вуҷуди он гӯё боз ман фаромӯш намудам, ки онро акнун дар ҳамин ҳоли ҳозир мебоист мекардам, ва инро дониста истода ҳар рӯз ин корро ба рӯзи дигар вогузор менамудам. Фақат як нукта ба ман тасаллӣ медод: ҳар фикре, ки алъон ба сари ман меомад, ба яке аз моддаҳои дастурам бисьёр хуб мувофақат мекард: ё ба моддае, ки дар бораи муносибат ба хешу ақрабо, ё ба худам, ё ба худованд оид буд. «Инак ҳамон вақт ман инро ва боз

бисьёр фикрҳое, ки дар ҳамин мавзӯъ ба дилам хоҳанд гузашт, дар он ҷо қайд мекунам», — мегуфтам ман худ ба худ. Алҳол ман аз худам аксар мепурсам: кадом замон ман беҳтар ва аз хато дуртар будаам: он рӯзҳое, ки ба қодири мутлақ будани ақлу идроки инсонӣ боварӣ доштам, ё ки акнун, дар ин лаҳзаҳое, ки иқтидори комил шуданро аз даст дода ба қудрат ва аҳамияти ақлу идроки одамӣ шубҳа мекардагӣ шудаам? — ва наметавонам ба худам ҷавоби мусбате бидиҳам.

Озод будани худро идрок намудан ва он эҳсоси баҳории интизор бурдан ба чизе, ки дар он бора ман гуфта будам, маро то он дараҷа ба шӯру ҳаяҷон оварда буд, ки қатъиян инон ва ихтиёри маро аз даст рабуда буд ва дар зери таъсири он акнун ман ба имтиҳон бисьёр бад ҳозирӣ медидам. Воқеъ мешуд, ки пагоҳонӣ дар дарсхона машғули хондан мешавӣ ва медонӣ, ки бояд кор бикунӣ ва ҳозирӣ бубинӣ, зеро рӯзи оянда аз он дарсе, ки ҳанӯз ду маъъалае аз он тамоман нахондагӣ ва аз назар нагузарондагӣ истодааст, имтиҳон бояд бидиҳӣ, вале дар ин ҳангом аз тиреза як бӯи баҳорӣ мевазад ва ба ту чунин меояд, ки ҳамин алъон бояд ту чизеро ба хотир биёварӣ, дастҳо худ ба худ беихтиёр китобро фурӯ мегузоранд, пойҳоят худ ба худ ба ҳаракат медароянд ва пасу пеш рафтан мегиранд ва, дар сар гӯё касе фанарро пахш карда машинаро ба роҳ андохта бошад, сарат чунон сабук мешавад ва ҳолати табиӣ мегирад, ба осонӣ бисьёр фикру хаёлҳои гуногун ва рангоранги хушҳолона омадан мегиранд, ки ба зӯр ҷилваи онҳоро пай бурда метавонию бас. Як соат, ду соат дар ҳамин минвол мегузарад ва ту огоҳ намешавӣ. Ё ки ҳамчунон бо китоб менишинӣ ва як навъ карда хотири худатро ба он чи, ки мехонӣ, ҷамъ мекунӣ, ногаҳон аз роҳрав овози пои зане ва хиш-хиши садои либоси ӯро мешунавӣ,— ҳамон дам он чизе, ки мехондӣ, аз ёдат бадар меравад ва наметавонӣ, ки дар ҷои худ ором бинишинӣ, ҳар чанд хуб медонӣ, ки аз роҳрав ғайр аз ҳамон ходимаи пири модаркалонам Гаша каси дигаре наметавонад бигузарад. «Хӯш, агар ин ба ногоҳ

он духтарак бошад?— ба дилат мегузарад,— хуб, агар он аҳволот, ки ман интизор мекашам, ҳамин лаҳза сар мешуда бошад ва ман фурсатро аз даст бидиҳам?»— ва якбора ба роҳрав давида мебарой, мебинӣ, ки ин ҳақиқатан ҳам Гаша будааст; вале пас аз ин ҳодиса, замони бисьёр дуру дароз фикру хаёли худатро ғундошта натавониста нишаста мемонӣ. Фанар пахш карда шудааст ва боз бесаранҷомии беандоза ҳамаро фаро гирифтааст. Ё ки аввали шаб, танҳо бо шамъи равғанӣ дар хонаи худ нишастай; ба ногоҳ дар муддати як сонияе, барои ин, ки гули шамъро бигирӣ, ё ки дар рӯи курсӣ созвортар бинишинӣ, аз китоб чашматро меканӣ ва мебинӣ, ки ҳама ҷо дар гӯшаҳои хона торикӣ ва сиёҳӣ мавҷ мезанад ва гӯш медиҳӣ, ки дар ҳама ҷои хона ва ҳавлӣ сукут ҳукмфармост,— боз имкон надорад, ки таваққуф накунӣ, ва ба ин сукут ва хомӯшӣ гӯш наандозӣ ва ба ин зулмати дари ба хонаи торик кушода шудагӣ нигоҳ накунӣ, дуру дароз дар як вазъияти беҳиссу ҳаракат намонӣ, ё ки ба поён наравӣ ва дар ҳамаи хонаҳои холӣ гашту гузор карда набарой. Бисьёр мешуд, ки ман дуру дароз шабонаҳо дар зал ба ҳеҷ кас нанамуда менишастам ва ба овози «булбул» гӯш медодам, ки Гаша дар зали калон дар рӯшноии шамъи равғанӣ дар танҳой бо ду ангушташ дар фортепиано менавохт. Дар равшании моҳтоб бошад, ман ҳеҷ наметавонистам аз ҷои хоб барнахезам ва ба пеши тирезаи боғча дароз накашам ва ба боми мунаввари ҳавлии Шапошников, ба қадди мавзуни манораи калисои худамон, ба сояи шабонаи девор ва буттае, ки дар пайраҳаи боғча афтодааст, чашм надӯзам, чунон дуру дароз нанишинам, ки пас аз он фақат дар соатҳои даҳи рӯз ба зӯр аз хоб бедор шавам.

Агар муаллимҳо назди ман омаду рафт намекарданд, агар St.-Jérôme гоҳ-гоҳе хоҳу нохоҳ, иззати нафси маро таҳрик наменамуд ва аз ҳама муҳимтар, агар дар дили ман он хоҳиш , ки дар назари дӯстам Нехлюдов ҷавони қобил намоям, яъне, имтиҳонамро ба дараҷаи аъло бидиҳам, ки ин кор дар назари ӯ бисьёр кори муҳимме буд,— агар ин андешаҳо ва монеаҳо

намешуд, он гоҳ баҳору озодӣ коре мекард, ки ман ҳатто ҳамаи он чи, ки аз донишу илм дар бар карда будам, фаромӯш мекардам, ва ҳеҷ гоҳ имтиҳон дода наметавонистам.

Боби X

ИМТИҲОН АЗ ТАЪРИХ

16 апрель ман дафъаи нахустин, дар зери сарпарастии St.-Jérôme ба зали калони дорулфунун даромадам. Мо ҳамроҳи ӯ дар фойтуни хеле зебо ва оро додагиамон савор шуда омадем. Ман дар умрам дафъаи нахустин фрак пӯшида будам, ва ҳамаи либосу рахтам, ҳатто пироҳан, ҷуробҳо — ҳамагӣ сар то по нав ва нағз буданд. Ҳангоме ки дарбон дар поён аз ман шинельро кашида гирифт ва ман дар ҳузури ӯ бо ҳамаи зебоии либос намудор гаштам, ман ҳатто аз он, ки ин қадар назаррабо ҳастам, каме шарм кардам. Вале ҳамон дам, ки ман ба зали равшани тахтачафарш, ки аз мардум пуропур буд, дохил шудам ва садҳо ҷавононро дидам, ки дар либоси мактабӣ ва фрак ҳастанд ва баъзе аз онҳо бепарвоёна ба ман нигоҳ карданд ва дар пешгоҳи он ҷо профессорҳои солор ва бошукӯҳро мушоҳида намудам, ки бетакаллуфона дар гирду пеши мизҳо рафтуой мекарданд ва дар кресловҳои васеъ менишастанд, дар ҳамон лаҳза аз он андеша, ки ба ман назраи диққати дигарон мутаваҷҷеҳ хоҳад буд, сарфи назар намудам ва адои чеҳраи ман, ки дар хона ва ҳатто дар даҳлез гӯё ифодаи таассуф аз он дошт, ки мухолифи ирода ва хоҳиши худам ин қадар олиҷаноб ва ба назар намоён мебошам, якбора бо адои ваҳму тарси азиме ва рӯҳафтодагӣ мубаддал гашт. Ман ҳатто ба ҳадди ифроти дигаре афтодам ва бисьёр хурсанд ҳам шудам аз ин, ки дар яке аз рафҳои наздик ба ман як шахси ҳанӯз на он қадар пир, вале кайҳо қариб тамоман мӯйсафедеро, ки дуртар аз дигарон менишаст ва бисьёр либоси баду чиркин пӯшида буд, дидам. Ман дарҳол назди ӯ нишастам ва ба ранги рӯи имтиҳондиҳандагон нигоҳ карда дар бораи онҳо мулоҳиза кардан гириф-

там. Дар ин миён шаклу шамоили гуногун бисьёр буд, вале мувофиқи фаҳму идроки онрӯзаи ман, ҳамаи онҳоро ба се қисм ҷудо кардан мумкин менамуд.

Дар он миён касоне буданд, ки мисли ман бо мураббӣ ё ки бо падаронашон ба имтиҳон омада буданд, дар он шумора Ивини хурдӣ бо Фрости ба ман шинос ва Илинька Грап бо падари пираш буданд. Ҳамаи ин гуна касон манаҳи пашмин доштанд ва пироҳанашон намоён буд, боадаб менишастанд, китобҳо ва дафтарҳое, ки бо худашон оварда буданд, намекушоданд ва бо тарсу ваҳми намоён ба профессорҳо ва мизҳои имтиҳон назар меафганданд. Қисми дигари имтиҳоншавандагон, ҷавонҳое буданд, ки либоси расмии мактабӣ доштанд, ва хеле аз онҳо кайҳо ришашонро метарошиданд. Инҳо бештар миёни худашон шинос буданд ва бо ҳам ба овози баланд гуфтугӯ мекарданд, профессорҳоро бо ном ва куният ном мегирифтанд, дар худи ҳамин ҷо масъалаҳои имтиҳониро ҳозир мекарданд, дафтарҳоро ба якдигарашон доду гирифт мекарданд, аз болои рафҳо мегузаштанд, аз даҳлез санбӯсаҳо, нони равғанмолида меоварданд ва дар ҳамин ҷо, фақат андаке сарашонро баробари раф хам карда мехӯрданд. Ва дар охир қисми саввӯми имтиҳоншавандагон, ки ҳар чанд ин қабилҳо кам буданд, тамоман кӯҳансол, фрак пӯшидагӣ, вале бештарини инҳо сюртукпӯш буданд ва пироҳанашон наменамуд. Ин қисм худашонро ба куллӣ бо ҷиддият нигоҳ медоштанд, ҷудогона менишастанд ва қиёфати бисьёр тирае доштанд. Он касе, ки маро тасаллӣ мебахшид аз он ҷиҳат, ки гӯё бадтар аз ман либос пӯшида буд, аз ҳамин табақа буд. Ӯ ба ду дасташ такья зада буд ва аз миёни ангуштонаш мӯйҳои парешони сафедӣ афтодааш ҷаста баромада буданд, ӯ китоб мехонд ва лаҳзае ба сӯи ман бо чашмони дурахшонаш нохайрхоҳона назар афганд, қаҳролудона рӯяшро турш кард ва илова бар он ба тарафи ман оринҷи ислиқии худашро гузошт, то ки ман ба ӯ наздиктар натавонам бинишинам. Донишҷӯёни мактабӣ баръакс бисьёр улфатпазир буданд ва ман аз онҳо андаке метарсидам. Яке аз онҳо ба дасти ман китобашро тиқ-

қонда гуфт: «Инро ба он кас бидиҳед»; дигаре аз пеши ман гузашта истода гуфт: «азизам, канӣ ба ман роҳ диҳед»; саввӯмӣ аз болои раф гузашта истода ба китфи ман такья дод, гӯё ман нимкат бошам. Ҳамаи ин гирудорҳо барои ман ҳаракати бемаънӣ менамуд ва нофорам буд; ман худамро аз онҳо хеле болотар мешумурдам ва чунон мепиндоштам, ки онҳо набояд ба ман ин тур бетакаллуфона гирифту гир менамуданд. Оқибат ном ба ном ба даъват кардан шурӯъ намуданд; донишҷӯён ҷасурона берун меомаданд ва бештарин нағз ҷавоб медоданд, хушҳолона бармегаштанд; онҳое, ки ба гурӯҳи мо мансуб буданд, бештар тарсу ваҳм мекашиданд, ва ба назарам, ҷавоб доданашон ҳам сусттар буд. Аз куҳансолон баъзеҳошон бисьёр хуб ҷавоб медоданд, дигаронашон бисьёр бад. Ҳангоме, ки Семёнов гуфта ҷеғ заданд, ҳамсояи ман, ки мӯи сафед ва чашмони дурахшон дошт, маро ноҳамворона тела дода аз болои пойҳои ман гузашт ва ба сӯи миз равон шуд. Чунон ки аз ваҷоҳати профессорҳо намудор мешуд, ӯ бисьёр хуб ва ҷасурона ҷавоб медод. Ба ҷои худаш ки баргашт, ба ӯ чи баҳо доданашонро напурсида оромона дафтарҳояшро гирифта берун рафт. Кайҳо чанд бор ман аз шунидани овозе, ки номҳоро мегирифт, ларзида будам, вале дар рӯихат аз рӯи алифбо ҳанӯз навбати ман наёмада буд, ҳар чанд кайҳо номҳои бо ҳарфи «К» сар мешудагӣ даъват мешуданд. «Иконин ва Теньев»,— гӯён ногаҳон аз сӯи профессорҳо овоз баромад. Ба тахтапушти ман ва мӯи сарам сармо давид.

— Киро садо карданд? Бартеньев кист? — гӯён пурсу ҷӯ дар гирду пеши ман сар шуд.

— Иконин бирав, туро меҷӯянд, пас ин Бартеньев кист? Морденьев? ман намешиносам, кӣ бошад, ҷавоб бидиҳад,— гуфт як донишҷӯи баландқомати сурхинарӯй, ки дар паси ман истода буд.

— Шуморо,— гуфт St.-Jérôme.

— Номи ман Иртеньев аст,— гуфтам ман ба он донишҷӯи сурхинарӯй,— магар Иртеньевро ном бурданд?

— Ҳа, чаро шумо намеравед?.. Бинед, чӣ олуфтаест! — гӯён илова намуд ӯ на чандон баланд, вале чунон ки ман аз пушти раф баромада истода гуфтори ӯро шунидам. Пеш-пеши ман Иконин мерафт, ӯ ҷавоне буд, ки тахминан биступанҷ сол дошт ва ба табақаи саввӯм, ба калонсолон мансуб буд. Дар бари ӯ фраки зайтунии танге буд, гарданбанди нилобии атлас баста буд, ки аз рӯи он аз тарафи пушт мӯйсари дарози маллаи бисьёр бо эҳтиёт á la[1] деҳқонон шона кардашудае овезон буд. Ман ба қиёфаи зоҳирии ӯ ҳанӯз дар ҳангоми болои раф нишастанаш диққат карда будам. Ӯ баднамо набуд, хушсӯҳбат буд, ва маро хусусан мӯйҳои сурхе, ки дар гулӯи ӯ рӯида буд, ва аз ин ҳам зиёдтар кирдори аҷибе, ки ӯ дошт, ҳайрон мекард,— ӯ дам ба дам тугмаи жилеташро мекушод ва аз зери пироҳанаш синаашро мехорид.

Ба назди он мизе, ки ман бо ҳамроҳии Иконин наздик шудем, се профессор нишаста буданд; ҳеҷ кадоми эшон ба таъзими мо ҷавоб надоданд. Профессори ҷавон билетҳоро монанди дастаи қарта ба ҳам меомехт, профессори дигаре, ки дар рӯи фракаш нишони ситора дошт, ба рӯи донишомӯзе таваҷҷӯҳ дошт, ки тезу тунд дар бораи Карли Бузург чизе мегуфт ва дар ҳар калимааш «оқибат» гӯён илова мекард ва пирмарди саввӯмӣ, ки айнак дошт, сарашро хам карда ба тарафи мо аз болои айнак назар дӯхт ва ба билетҳо ишора кард. Ман чунон ҳис кардам, ки нигоҳи ӯ ба ман ва Иконин якҷоя мутаваҷҷеҳ шуда буд ва дар моён чизе ба ӯ нофорам ва номулоим намуда буд (мумкин аст, ки мӯйҳои сурхи Иконин бошад), зеро ӯ ба ҳардуи мо нигоҳ карда ишорати бесабронае кард, ки мо зудтар билет бигирем. Ман озурдахотир ва ҳақоратдида шуда будам, аз он сабаб ки аввалан касе ба таъзими мо ҷавоб нагуфт, дуввӯм он ки гӯё маро бо Иконин дар як радифи *имтиҳондиҳандагон* ҳисоб карда ва аз ҷиҳати мӯйҳои сурхи Иконин дар бораи ман низ як фикри қаблӣ ҳосил карда буданд. Ман нотарсона билет гирифтам ва ба ҷавоб гуфтан ҳозир шудам; вале профессор бо ҷаш-

[1] ба тақлиди

монаш ба тарафи Иконин ишора кард. Ман билетамро хонда дидам: он ба ман ошно буд ва ман оромона навбати худамро нигарон шуда он чӣ, ки дар пеши назари ман ба вуқӯъ меомад, тамошо мекардам. Иконин ҳеҷ воҳима намекашид ва ҳатто, гуфта метавонам, ки бисьёр ҷасурона, гӯё бо тамоми паҳлӯяш барои билет гирифтан пеш рафт, мӯйҳояшро афшонд ва он чи навишта шуда буд, чӯсту чолок хонд. Ӯ мехост, чунон ки ба назари ман намуд, даҳонашро барои ҷавоб бикушояд, ногаҳон профессори нишони ситоранок донишомӯзро бо таҳсину офаринҳо рухсат дода ба сӯи ӯ нигоҳ кард. Иконин гӯё чизеро ба ёд овард ва таваққуф намуд. Сукути умумӣ як-ду дақиқае давом кард.

— Хӯш,— гуфт профессори айнакӣ.

Иконин даҳонашро боз кард ва боз баст.

— Охир шумо танҳо нестед; лутфан ҷавоб бидиҳед, ё не? — гуфт профессори ҷавон, вале Иконин ба ӯ нигоҳ ҳам накард. Ӯ ба билет бо диққат нигоҳ кард ва калимае ҳам нагуфт. Профессори айнакӣ ҳам бо айнак, ҳам аз болои айнак, ҳам бе айнак нигоҳ кард, зеро ӯ дар ин муддат айнакашро аз чашмаш гирифта, бо диққати тамом тоза кард ва боз аз дигар ба ҷояш ҳам овехт. Иконин ҳеҷ сухане ба забон наёвард. Ногаҳон табассуме дар рӯи ӯ дурахшид, ӯ мӯйҳояшро афшонд ва боз бо тамоми паҳлӯяш ба тарафи миз баргашт, билетро ниҳод, як-як ба ҳама профессорон, пас аз он ба ман нигоҳ кард, худашро баргардонд ва бо қадамҳои далерона дастҳояшро ҷунбонда ба тарафи рафҳо баргашт. Профессорҳо ба якдигарашон нигоҳе карда монданд.

— Нағз, азизакам! — гуфт профессори ҷавон,— бо харҷи худ хонданист!

Ман ба миз наздик шудам, вале профессорҳо миёни худашон пичир-пичиркунон ҳарф мезаданд, гӯё ҳеҷ яке аз онҳо ҳозир будани маро ҳис намекарда бошанд. Дар он ҳангом ман тамоман қаноат ҳосил карда будам ба ин, ки гӯё ҳамаи профессорҳо машғули ин нукта буданд, ки оё ман имтиҳон дода метавониста бошам ва оё хуб метавониста бошам аз имтиҳон гузарам ва онҳо фақат барои муҳобот нишон додан,

чунон вонамуд мекунанд, ки гӯё ин ба онҳо аҳамияте надошта бошад ва гӯё маро намедида бошанд.

Ҳангоме ки профессори айнакӣ бепарвоёна ба ман таваҷҷӯҳ кард, ки ман ҷавоб бидиҳам, ба чашмони ӯ нигоҳ карда ман андаке ба ҷои вай ҳаё кардам, ки ӯ ин қадар риёкорона бо ман рафтор менамояд ва аз он рӯ дар аввали ҷавоб андаке суханамро гум кардам; вале баъд кор ҳама сабуктар ва сабуктар шудан гирифт ва чун пурсиш аз таърихи Россия буд ва ман онро ба дараҷаи аъло медонистам, ҷавоби ман ба дурахшонӣ анҷом ёфт ва ман то ба он дараҷа шавқ гирифтам, ки барои ба профессорҳо нишон додан, ки ман Иконин нестам ва маро бо ӯ иштибоҳ накунанд, таклиф намудам, ки боз билети дигаре бигирам; вале профессор сарашро ҷунбонда: «Хуб» гуфт ва дар дафтар чизе қайд кард. Ба тарафи рафҳо ки баргашта омадам, ҳамон дам аз донишҷӯён, ки худо медонад аз куҷо ҳамаро дониста буданд, фаҳмидам, ки ба ман панҷ гузоштаанд.

Боби XI

ИМТИҲОН АЗ РИЁЗИЁТ

Дар имтиҳонҳои оянда, ғайр аз Грап, ки ман шиносоии ӯро ба худам муносиб намедидам ва Ивин, ки, намедонам аз чӣ сабаб бошад, аз ман мегурехт, акнун ман ошноҳои тозаи бисьёре доштам. Баъзе аз онҳо кайҳо бо ман салому алек мекардагӣ шуда буданд. Иконин ҳатто маро дида хурсанд шуд ва ба ман гуфт, ки ӯ таърихро аз сари нав имтиҳон хоҳад дод ва боз гуфт, ки профессори таърих ба ӯ аз соли гузашта буғз дорад, ки он вақт ҳам дар имтиҳон ӯро *ғалтондааст*. Семёнов, ки бо ман ҳамроҳ ба як факултет, ба факултети риёзиёт дохил шуданӣ буд, то охирҳои имтиҳон аз ҳама худашро дуртар медошт, танҳо хомӯшона ба дастҳояш такьякунон ва ангуштонашро ба мӯи сафедаш халонда менишаст ва хеле хуб имтиҳон медод. Ӯ дар байни имтиҳондиҳандагон дуввӯмин буд; ҷои якӯмро як донишҷӯи гимназияи якӯм ишғол мекард. Ин як ҷавони қоматбаланди лоғари сияҳҷурда

буда, бисьёр ранги парида дошт ва рухсораашро бо галстуки сиёҳ баста буд ва дар пешониаш доначаҳо дошт. Дастҳояш бисьёр лоғару сурх буданд ва бисьёр ангуштони дароз доштанд ва нохунҳояш чунон хоидагӣ буд, ки нӯги ангуштонашро бо ресмон кашида бастагӣ барин менамуданд. Ҳамаи ин ба назари ман нағз менамуд ва гӯё аломату нишонҳои *гимназисти дараҷаи аввал* бояд ҳамин тур бошад буд. Ӯ бо ҳама чунин гуфтугузор менамуд, ки дигарон кунанд ва ҳатто ман ҳам ба ӯ шинос шудам, вале бо ин ҳама ба ман чунон меомад, ки дар рафтори ӯ, ҳаракати лабонаш ва чашмонаш чизи фавқулоддае ва *ҷозибадоре* буд.

Ба имтиҳони риёзиёт ман аз ҳамешагӣ барвақттар омадам. Ман ин риштаи фанро хуб медонистам, вале аз ҷабр ду масъалае буд, ки барои ман номаълум монда буд ва онро ман аз муаллим пинҳон дошта будам. Чунон ки алъон дар хотир дорам, инҳо назарияи иттиҳод ва биноми Ньютон буд. Ман дар рафи охирин нишаста будам ва ин ду масъалаи барои ман номаълумро дида мебаромадам; вале аз бас дар хонаи пурғалоғула машғули хондан шуданро одат накарда будам ва вақт ҳам танг буд, ки ман инро хуб ҳис мекардам, наметавонистам он чӣ, ки мехондам, дуруст дар бар намоям.

— Ана ӯ ин ҷост, биё ин ҷо, Нехлюдов,— гӯён овози ба ман ошнои Володя шунида шуд.

Ман рӯямро гардондам ва бародарам ва Дмитрийро дидам, ки бо тугмаҳои кушодагии сюртукашон, даст партофта ба сӯи ман аз байни рафҳо гузашта меомаданд. Аз намуди онҳо маълум буд, ки онҳо донишҷӯйҳои курси дуввӯм буданд ва худашонро дар дорулфунун чун дар хонаи худ ҳис мекарданд. Як худи ҳамон тугмаҳои кушодагии сюртуки онҳо нисбат ба мо нав дохил мешудагиҳо ҳақоратро ифода мекард ва мо нав дохил мешудагиҳоро ба рашк бурдан ва эҳтиром кардани онҳо водор менамуд. Барои ман бисьёр боиси ифтихор буд, ки ҳамаи гирду пеш будагиҳо медиданд, ман бо ду донишҷӯи курси дуввӯм шиносӣ дорам ва ман зудтар аз ҷоям ба истиқболи онҳо бархостам.

Володя ҳатто аз изҳори эҳсоси афзалияти худаш худдорӣ карда натавониста гуфт:

— Эҳ, бечора, ҳанӯз ту имтиҳон надодай?

— Не.

— Ту чӣ мехонӣ? Магар тайёр накардай?

— Бале, ду масъаларо хуб ҳозир накардаам, ин ҷоро намефаҳмам.

— Чӣ? Инро? — гуфт Володя ва барои ман бином Ньютонро ба эзоҳ додан шурӯъ кард ва чунон босуръат ва муғлақ онро тақрир мекард, ки ӯ дар чашмони ман аломати нобоварӣ нисбат ба дониши худ дида ба Дмитрий нигоҳ кард ва дар чашмони ӯ низ ҳамон эҳсосро гӯё мушоҳида намуда буд, ки аз ин сурх шуд ва бо вуҷуди он чизҳое мегуфт, ки ман ҳеҷ сарфаҳм намерафтам.

— Не, биист, Володя, ман бо ӯ андаке ин масъаларо аз назар гузаронам, агар вақт бошад, — гуфт Дмитрий, дар ҳолате ки ба тарафи мизи профессорҳо нигоҳ мекард ва ба назди ман нишаст.

Ман дар ҳамин лаҳза пай бурдам, ки дӯстам дар ҳамон ҳолати рӯҳияи худписандонаи ҳалимонаи худаш аст, ки ҳамеша дар ҳангоми аз худаш ризоманд будан дар ӯ пайдо мешуд ва хусусан ин ҳолати ӯро ман дӯст медоштам. Чун риёзиётро ӯ хуб медонист ва масъаларо бисьёр равшан тақрир менамуд, чунон возеҳ бо ман онро гузашт, ки то ҳол дар ёдам мондааст. Ҳамон даме ки ӯ бо ман тақрирашро ба охир мерасонд, St.-Jérôme бо пичирроси баланд гуфт: «A vous, Nicolas!»[1] ва ҳанӯз он як масъалаи барои ман номаълум мондаро гузашта натавониста ман аз паи Иконин аз пушти рафча берун баромадам. Ман ба мизе наздик омадам, ки дар назди он ду профессор нишаста буданд ва донишҷӯе дар пеши лавҳаи сиёҳ истода буд. Донишҷӯй ҷасурона кадом як формуларо кор карда мебароварда ва овози зарб хӯрда шикастани бӯр шунида мешуд ва ба навиштан давом мекард, ҳар чанд кайҳо профессор «Кифоя аст» гуфта ба моён билет гирифтанро амр карда буд. «Оҳ, агар назарияи иттиҳод баромада монад, чӣ мешавад!» — гӯён андешидам ман

[1] Шуморо, Николенька!

ва бо ангуштони ларзон аз дастаи нарми коғазҳои бурида билетро мекашидам. Иконин бо ҳамон ҳаракати ҷасуронае, ки дар имтиҳони пештара дошт, бо тамоми паҳлӯяш хам шуда интихоб накарда, билети рӯйбударо гирифт ва ба он нигоҳ карда, бадқаҳрона пешониашро чин кард.

— Ҳамеша ҳамин турҳош вомехӯранд! — гӯён ғурғур кард ӯ.

Ман ба билети худам нигоҳ кардам.

Вой, ин чӣ бало буд! ҳамон назарияи иттиҳод!..

— Билети шумо чист? — гӯён пурсид Иконин.

Ман ба ӯ нишон додам.

— Инро ман медонам,— гуфт ӯ.

— Иваз кардан майл доред?

— Не, фарқ надорад, ман ҳис мекунам, ки аҳволи рӯҳия хароб аст,— ҳаминро зери лаб гуфтан замон профессор моёнро ба назди тахта даъват намуд.

«Ана, акнун ҳама барбод шуд! — гӯён андешидам ман.— Ба ҷои имтиҳони бисьёр хуб, ки ман умед доштам бидиҳам, аз Иконин ҳам бадтар абадан ба расвой дучор хоҳам шуд». Вале ногаҳон Иконин дар ҳузури худи профессор ба ман рӯй овард ва аз дасти ман билетро даррабуд ва ба ман билети худашро дод. Ман ба билет нигоҳ кардам. Он биноми Ньютон буд.

Профессор марди пир набуд, одаме буд хушсимо, хусусан қисмати поёни пешониаш, ки бисьёр барҷаста буд, қиёфати оқилонае ба ӯ медод.

— Ин чӣ корест, шумо чаро билетҳоятонро миёни худ иваз кардед, ҷанобон? — гуфт ӯ.

— Не, ин вай худаш билеташро барои дидани ман дода буд, ҷаноби профессор,— гӯён ҳозирҷавобӣ кард Иконин ва боз ҳам иборати *ҷаноби профессор* сухани охирине буд, ки ӯ дар ин ҷо адо намуд; ва боз ӯ аз паҳлуи ман гузашта истода ба сӯи профессорҳо ва ман нигоҳ карда табассуме намуд, китфонашро боло кашид ва қиёфаташ гӯё чунин мегуфт:

— Боке надорад, бародар! (Ман баъд донистам, ки Иконин соли саввӯм будааст, ки ба имтиҳони вурудӣ меомадааст.)

Ман ки он масъаларо худи ҳамин дам аз назар гузаронда будам, ҷавоби бисьёр нағз додам,— профес-

сор ҳатто ба ман гуфт, ки аз он чи ки талаб кардан мумкин аст, беҳтар ҷавоб додӣ ва дараҷаи панҷ гузошт.

Боби XII

ИМТИҲОНИ ЗАБОНИ ЛОТИНӢ

То рӯзи имтиҳони забони лотинӣ корҳо дуруст мерафт. Донишҷӯи занахбастагӣ якӯм буд, Семёнов — дуввӯм, ман саввӯм будам. Ман ҳатто ба ғурур кардан шурӯъ намудам ва ҷиддан меандешидам, бо вуҷуди ин ки солам хурд аст, ман ҳам ҳазл нестам.

Ҳанӯз аз имтиҳони нахустин сар карда ҳамагӣ бо ташвишу изтироб дар бораи профессори забони лотинӣ гуфтугӯ доштанд, ки гӯё як одами ваҳшӣ буда аз нобуд шудани ҷавонон, хусусан аз касоне, ки ба харҷи худашон таҳсил мекунанд, лаззат мебурда бошад, ва як хосияти ин профессор гӯё чунин будааст, ки ҳамеша ё ба забони юнонӣ ё лотинӣ гап мезадааст. St-Jérôme, ки муаллими забони лотинии ман буд, ба ман дилдорӣ медод ва ба худи ман ҳам чунин менамуд, ки аз Цицерон чанд чиз ва аз Гораций чанд қасидаро ки бе дидани луғат тарҷима карда метавонистам ва Цумптро ки бисьёр хуб медонистам, ман аз дигарон бадтар ҳозирӣ надошта будам. Вале кор баръакс баромад. Ҳамаи пагоҳирӯзӣ ҳамин як чиз шунида мешуд, ки аз ман пештар ба имтиҳон даромадагон ҳама афтодаанд: ба яке сифр гузоштааст, ба дигаре,— як ва боз дигареро нафринпошӣ кардааст ва хостааст, пеш карда фиристонад ва ғайра, ва ҳоказо. Фақат Семёнов ва он донишомӯзи якӯм ҳамешагӣ барин осуда берун омаданд ва ҳар кадоме панҷ гирифта баргаштанд. Ман бошам, ҳангоме ки маро бо Иконин назди мизи хурде даъват карданд, ки дар он ҷо профессори даҳшатангез як худаш танҳо нишаста буд, бадбахтиро пеш аз вақт ҳис кардам. Профессори даҳшатангез як одами хурдакаки лоғари зард буд, ки мӯйсари дарози равғанӣ ва як чеҳраи андешамандона дошт.

Ӯ ба Иконин китоби нутқҳои Цицеронро дод ва фармуд, ки онро тарҷима кунад.

Иконин натанҳо хонд, балки бо ёрии профессор, ки гоҳ-гоҳе ба ӯ луқма медод, чанд сатре тарҷима ҳам карда дод, ки ин маро бисьёр дар тааҷҷуб гузошт. Ман дар пеши ин тур рақиби беқувват, баландии худамро ҳис карда, аз табассум худдорӣ кардан наметавонистам ва ҳангоме ки кор ба таҳлили калимоти он нутқҳо оид шуду Иконин пештара барин ба ҳамон сукуту хомӯшии одатии худаш ғӯтида рафт, ман ҳатто як қадар ҳақоратомезона табассум кардам. Ман бо ин табассуми хирадмандона ва андаке тамасхуромезона мехостам, ки ба профессор хуш биёям, вале кор ранги дигар гирифт.

— Шумо шояд беҳтар донед, ки табассум мекунед,— гуфт ба ман профессор ба забони вайрони русӣ,— мебинем. Хӯш, шумо бигӯед.

Баъдҳо ман фаҳмидам, ки профессори забони лотинӣ Иконинро ҳимоя мекардааст ва ҳатто Иконин дар хонаи ӯ мезистааст. Ман дар ҳамон лаҳза ба суолоти ӯ аз наҳв, ки ба Иконин дода шуда буд, ҷавоб гуфтам, вале чеҳраи профессор як адои андӯҳгинона гирифт ва ӯ рӯяшро аз ман баргардонд.

— Хуб, навбати шумо ҳам хоҳад омад, мебинем, шумо чи тур медонед,— гуфт ӯ ба ман нигоҳ накарда ва ба Иконин дар бораи чизе, ки аз ӯ мепурсид, ба эзоҳот додан сар кард.

— Биравед,— гуфт ӯ ва ман медидам, ки дар дафтари дараҷот ба Иконин баҳои чор гузошт. «Хуб, ӯ он қадар, ки мегуфтанд, сахтгир нест»,— андешидам ман. Пас аз рафтани Иконин як панҷ дақиқаи тамом, ки ба ман панҷ соат намуд, профессор китобҳоро ҷо ба ҷо мекард, билетҳоро ба тартиб меандохт, бинӣ меафшонд, креслоҳоро соз мекард, ба рӯи онҳо дароз паҳн шуда менишаст, ба зал, ба ҳар тараф ва ҳама ҷо нигоҳ мекард, фақат ба сӯи ман назаре намеафганд. Вале ҳама ин сохтакориҳо ба ӯ кам менамуд, ки китобро кушод ва чунон вонамуд мекард, ки онро мехонда бошад, гӯё ман ҳеҷ дар ин ҷо набошам. Ман наздиктар омадам ва сурфа кардам.

— Ҳа! ҳоло шумо ҳастед? Хӯш, чизе тарҷима ку-

нед,— гуфт ӯ ва ба ман китоберо дароз кард,— не, ин не, беҳтараш инро. — Ӯ китоби Горацийро варақ зад ва ҳамон ҷояшро кушод, ки ба назари ман, ҳеҷ кас ҳеҷ гоҳ он ҷоро тарҷима кардан наметавонист.

— Ман инро ҳозир накардаам,— гуфтам ман.

— Ҳа, шумо мехоҳед, он чиро, ки ҳифз кардаед, ҷавоб бидиҳед,— хеле хуб. Не, инро тарҷима кунед.

Ман навъе карда ба маъноях расида истода будам, вале профессор ба ҳар кадом нигоҳи суоломези ман сарашро меҷунбонд ва оҳ мекашид ва фақат дар ҷавоб «не» мегуфт. Оқибат ӯ китобро чунон асабонӣ бо суръат пӯшонд, ки дар миёнаи варақҳои китоб ангушташ монд; онро бадқаҳрона аз он ҷо берун кашида ба ман аз сарфу наҳв як билет кашида дод ва ба кресло худашро такья дода бо як қиёфати машъумона сокит нишастан гирифт. Ман мехостам ба ӯ ҷавоб додан гирам, вале вазъияти чеҳраи ӯ забони маро барбаст ва ҳар он чи, ки ман мегуфтам, ба ман чунон меомад, ки нодуруст аст.

— Ин тур нест, ин тур нест, ба куллӣ ин тур нест,— гуфта сар дод ӯ ногаҳон бо ҳамон талаффузи ногувораш, дар ҳолате ки бо суръат вазъияти худашро тағьир медод, ба миз бо оринҷ такья мекард ва ангуштарини тиллояшро, ки дар ангушти лоғари дасти чапаш сабукборона меистод, бозӣ мекард.— Барои ба мактаби олӣ даромадан ин тур ҳозирӣ намебинанд, ҷанобон; шумо ҳама мехоҳед мундири гиребонкабуд пӯшида гардед; рӯйрӯякӣ ёд мегиреду гумон мекунед, ки шумо донишҷӯй метавонед шудан; не ҷанобон, бояд дарсҳоро дуруст ҳозир кард ва ғайра, ва ғайра.

Дар ҳамаи ин муддате, ки ба лаҳҷаи вайронаш ин тур нутқ эрод менамуд, ман бо як диққати кунду карахтонае ба чашми ба замин дӯхташудаи ӯ менигаристам. Дар аввали ваҳла аз ин андеша, ки ҷои саввӯмро нахоҳам ишғол намуд, маро маъюсӣ фаро гирифт, пас аз он тарсидам, ки ба куллӣ имтиҳон додан натавонам ва дар охир идроки беадолатие, ки ба вуқӯъ омад, ва эҳсоси он, ки иззати нафси ман ба ҳақорат бармехӯрд ва ман бемавқеъ таъну зиллат мекашидам низ ҳамроҳ шуд; дар болои он нафрати ман нисбат ба профессор, ки дар назари ман аз одамони comme il

faut набуд,— ман инро ба нохунҳои кӯтоҳ, сахт ва гирдаки ӯ нигоҳ карда кашф намудам,— ин эҳсосоти маро боз бештар оташ медод ва онро боз заҳрогинтар месохт. Ба ман назар дӯхта ва лабҳои ларзону чашмони пуроби маро дида, бояд ӯ ташвиш ва изтироби маро ба хоҳиши баҳоро баландтар кунондан вобаста карда бошад, ки гӯё аз дилсӯзӣ ба ман ва илова бар он дар ҳузури як профессори дигаре, ки дар ин ҳангом ба мо наздик омада буд, гуфт:

— Хайр, ман ба шумо баҳои гузаранда медиҳам, (ин ду гуфтан буд) ҳарчанд шумо ба он сазовор нестед, вале ин фақат аз ҷиҳати риоя ба ҷавонии шумо ва ба умеди он, ки шумо дар дорулфунун акнун ин тур бемулоҳизагиҳо нахоҳед кард.

Ҷумлаи охирини ӯ, ки дар ҳузури профессори бегона гуфта шуда буд ва ӯ низ ба ман ҳамчунон нигоҳ мекард, ки гӯё мегуфт: «Ҳа, дидед, ҷавон, корҳо чӣ тур аст!» — маро тамоман дар хиҷолат гузошт. Дақиқае ҳам шуд, ки пеши чашми маро меғ гирифт: профессори даҳшатангез бо мизе, ки назди он нишаста буд, ба назари ман чунон намуд, ки гӯё бисьёр ба дуродур рафта буд ва дар сари ман як фикри ваҳшиёна бо тамоми вузӯҳи якҷонибааш хутур кард: «Чӣ мешавад, агар?.. он чӣ натиҷа хоҳад дод?» Вале ман ин амалро, намедонам, аз чӣ сабаб буд, ки иҷро накардам, балки баръакс бешуурона, як навъ эҳтиромкорона ба ҳарду профессор таъзим кардам ва андаке табассумкунон, ки гӯё ба табассуми Иконин шабоҳат дошт, аз миз дур шудам.

Ин беадолатӣ дар он овон ба ман чунон таъсири сахте карда буд, ки агар ман дар гирудори худам озод мебудам, дигар ба имтиҳон додан намерафтам. Ман ҳисси шӯҳратпарастии худамро тамом аз даст дода будам. (Акнун ба дараҷаи саввӯмро доро будан ҷои умед бастан набуд) ва имтиҳонҳои дигарамро бе ҳеҷ саъю кӯшиш ва тараддуду ташвиш мегузарондагӣ шудам. Ҳосили ҷамъи дараҷаҳои ман бо вуҷуди он аз чор бештар буд, вале ин дигар маро ба худ ҷалб намекард; ман худам пеши худ ҳукм кардам ва ба худ равшан ва ошкоро собит намудам, ки барои дар мақоми

якӯм будан саъю кӯшиш кардан кори аблаҳонааст ва ҳатто аз mauvais genre[1] пеш меояд, балки бояд чунон рафтор ва гирудор дошт, ки на он қадар бад, на ҳам мисли Володя он чунон хуб бояд буд, миёнаро бояд нигоҳ дошт. Ман ҳамин равишро дар оянда дар дорулфунун низ риоя карданӣ будам, ҳар чанд дар ин маврид дафъаи аввал мешуд, ки ман бо дӯстам ҳамфикрӣ намекардам ва бо ӯ мухолифат меварзидам.

Ман пас аз ин фақат дар бораи мундир, дар бораи кулоҳи сегӯша, аробаи хусусӣ, хонаи танҳоии худ ва аз ҳама бештар дар бораи озодии шахсӣ фикр мекардаму бас.

Боби XIII

МАН КАЛОН

Ҳарчи ҳам бошад ин фикрҳо низ як дилрабоӣ доштанд.

8 моҳи май аз имтиҳони вопасин, ки аз дарси диёнат буд, баргашта омада яке шогирдпешаи Розановро, ки ба ман шинос буд, дар хона пайдо кардам, ки бача аз ин пештар ҳам аз моҳути сиёҳи ҷилодор мундир ва сюртуки кӯк карда шударо ба ман оварда бо бӯри сафед ҷойҳои камбудиашро нишон зада рафта буд ва акнун либоси тамоман дӯхташударо бо тугмаҳои дурахшони заррини коғазпеч оварда буд.

Ин либосро дар бар намуда ва ҳарчанд St-Jérôme ба ман мегуфт, ки тахтапушти сюртукаш андаке чин мезанад, ҳамаро бисьёр ба ҷо пазируфта, бо як табассуми худписандонае, ки ба куллӣ беихтиёрона дар чеҳраи ман мешукуфт, ба поён хиромидам ва ба сӯи Володя рафтам, дар ҳолате ки нигоҳи дар ҳавлӣ будагиҳоро эҳсос менамудам, вале чунон вонамуд мекардам, ки аз даҳлез ва роҳрав ба сӯи ман бо ҳавас ва эҳтирос чашм дӯхтани онҳоро пай намебарам. Ҳангоме ки ман дар зал будам, Гаврилои сарпешхидмат

---

[1] завқи ғайри солим

аз паси ман давида омад, муборакбод кард ва бо фармони падарам чор дона коғази сафед ба дастам дод ва гуфт: боз бино ба фармоиши падар, аз имрӯз сар карда аробакаш Кузьма, аробаи дучарха ва аспи қаҳваранг Красавчик тамоман дар ихтиёри ман мебошанд. Ман аз ин хушбахтии қариб ғайричашмдошт чунон хурсанд шудам, ки худамро дар пеши Гаврило натавонистам бепарвотар нишон бидиҳам, ва як дараҷа сари калобаамро гум карда ва нафасам тангӣ карда чизе, ки нахуст ба дилам гузашт, гуфта мондам, ки гӯё ин буд: «Красавчик савории хеле хубест». Ба каллаҳое, ки аз дару даричаҳои даҳлез ва роҳрав берун омада бар ман нигоҳ мекарданд, назар афганда дигар тоқат оварда натавониста бо либоси нав ва зарандуд аз зал давон-давон гузашта рафтам. Дар он ҳангоме ки ман ба хонаи Володя медаромадам, аз паси сарам овози Дубков ва Нехлюдов шунида шуд, ки барои муборакбодии ман омада буданд ва таклиф мекарданд, ки ба ҷое барои наҳорӣ хӯрдан биравем ва ба шарафи дохил шудани ман ба дорулфунун шампански бинӯшем. Дмитрий ба ман гуфт, ки ӯ ҳар чанд шампански хӯрданро дӯст надорад, имрӯз бо мо хоҳад рафт, то ки барои бо ман ба *ту-ту* гузаштан бинӯшад; Дубков гуфт, ки ман, чун аст, ки умуман ба полковник монандам; Володя бошад, маро муборакбод накард ва ҳамин тур хеле бо сардӣ гуфт, ки акнун мо метавонем пасфардо ба деҳа биравем. Ҳамин тур ба назар меомад, ки ҳар чанд ӯ аз дохил шудани ман ба дорулфунун хурсанд ҳам бошад, он чиҳат, ки ман ҳам акнун мисли ӯ калон шудаам, андаке барои ӯ нофорам меояд. St.-Jérôme низ, ки пеши мо омада буд, бо як оҳанги мутантани пуробутоб гуфт, ки акнун вазифаи ӯ ба анҷом расидааст ва ӯ намедонад, ки онро хуб адо кардааст ё бад, вале ӯ он чи, ки аз дасташ меомадааст, ба ҷо овардааст ва акнун фардо ба хидмати графи худ хоҳад гузашт. Дар ҷавоби ҳамаи он чи, ки ба ман мегуфтанд, ман эҳсос мекардам, ки мухолифи иродаам дар чеҳраам як табассуми ширини бахтёронаи камтар соддалавҳонаи худписандона мешукуфт ва пай мебурдам, ки ин табассум ҳатто дар

қиёфати дигароне ҳам, ки бо ман гуфтугузор мекарданд, низ инъикос менамуд.

Инак акнун барои ман рӯзе омад, ки мураббӣ аз сарам бардошта шуд, акнун ман аробаи махсусро доро шудаам, исми ман дар рӯйхати донишомӯзон чоп шудааст ва акнун ман шамшер дар ҳамоил дорам ва посбонҳои шаҳр метавонанд гоҳе ба ман саломи низомӣ бидиҳанд... ман акнун бузург шудаам, гӯё хушбахтам.

Наҳориро мо дар соати панҷ дар меҳмонхонаи Яр хӯрданӣ шудем; аммо чун Володя назди Дубков рафт, Дмитрий ҳам бошад, бо одати худаш — ман то ними рӯз як коре дорам,— гуфта, дар куҷое ғоиб шуд, ман ду соат вақтеро, ки дар ихтиёр доштам, метавонистам, чунон ки дилам хоҳад, гузаронам. Замони дуру дарозе ман хона ба хона гаштам ва дар ҳар оинае ба худам нигоҳ мекардам, гоҳе тугмаҳои сюртукамро гузаронда, гоҳе тамоман кушода ва гоҳе танҳо як тугмаи болоиашро гузаронда медидам ва ҳамаи онҳо ба ман хушнамо меомад. Пас аз он ҳар чанд худамро аз бисьёр хурсанд нишон додан шармам меомад, бо вуҷуди он худдорӣ карда натавонистам ва ба аспхона, ба аробахона рафтам, Красавчикро, Кузьмаро дидам, аробаро тамошо кардам, баъд аз он баргаштам ва хона ба хона гашта боз ба оинаҳо нигоҳ мекардам ва пуле, ки дар киса доштам, мешумурдам ва ҳамон тур табассуми масъудона менамудам. Вале як соат ҳам нагузашта, аз он ки касе маро дар ин ҳоли хушнамо тамошо намекунад, ман дар худам як дилтангӣ ё таассуф эҳсос кардам, ва аз он ҷиҳат хоҳиши ҳаракат кардан ва фаъолият дар ман падидор гашт. Дар натиҷаи ҳамин андеша ман фармон додам, ки аробаро банданд ва тасмим гирифтам, барои ман аз ҳама беҳтар ин аст, ки ба Кузнецкий мост биравам ва харид кунам.

Дар ёди ман омад, ки Володя дар вақти ба дорулфунун дохил шуданаш, сурати аспҳое, ки Виктор Адам кашида буд, тамоку ва чубуқ харида буд, ва ман ҳам ҳамин тур карданро лозим донистам.

Дар зери нигоҳҳои аз ҳар сӯ ба ман мутаваҷҷеҳ гашта, ва дар зери ҷилваи шуои офтоби тобон, ки ба

тугмаҳои ман ва нишони пешонии кулоҳ ва шамшери ман метобид, ба Кузнецкий мост омадам ва дар пеши дӯкони сурат ва лавҳафурӯшии Дациаро истодам. Ба ҳар сӯ назар афганда ман ба он дӯкон даромадам. Ман нахостам, ки сурати аспҳои В. Адамро бихарам, то ки маро ба тақлиди бӯзинавор ба Володя таъна назананд, аммо аз ҷиҳати он, ки ман ба фурӯшандаи дидадарои он дӯкон боиси ташвиш ва тараддуд шуда будам, шарм дошта кӯшидам, ки ҳарчи зудтар як чизе интихоб кунам, ва сурати сари як занеро, ки бо обуранги ғайри шаффофе кашида шуда буд ва дар пеши тиреза меистод, гирифтам ва барои он бист сӯм додам. Ҳар чанд аз дӯкон бист сӯм харид карда будам, ба ман чунон шармовар ва айб менамуд, ки бо ҳамин чизҳои беҳуда ду нафар фурӯшандаи хушлибосро ташвиш дода будам, ва илова бар он ба ман чунон менамуд, ки онҳо ба сӯи ман бо назари беэътиной нигоҳ мекунанд. Хостам ба онҳо нишон бидиҳам, ки ман кистам ва ба як чизаки нуқрагин, ки дар зери шиша буд, мутаваҷҷеҳ шудам ва чун донистам, ки ин porte-crayon [1] буда аст, ки ҳаждаҳ сӯм нарх доштааст, хоҳиш кардам, ки онро ба коғаз печанд ва пулашро додам ва боз аз он ҷо фаҳмидам, ки дар дӯкони паҳлу будагӣ чубуққои нағз ва тамоку ба даст доровардан мумкин аст, боадабона ба ҳарду фурӯшанда таъзимкунон, зери бағалам суратро гирифта ба кӯча баромадам. Дар дӯкони ҳамсоягӣ, ки дар лавҳаи эълони он сурати ҳабашии сигар кашидаистодагӣ нақш карда шуда буд, ман аз хоҳиши он, ки ба ҳеҷ кас тақлид накарда бошам, на тамокуи Жуков, балки тамокуи султонӣ ва чубуқи истамбулӣ ва боз ду чубуқи гулобӣ ва зирфунӣ харидам. Аз дӯкон ки берун омада ба тарафи ароба мерафтам, Семёновро дидам, ки дар сюртуки расмии идоравӣ сарашро хам карда бо қадамҳои тезу тунд ба роҳ мерафт. Ба ман ногувор буд, ки ӯ маро нашинохт. Ман бо овози хеле баланд ба аробакаши худам гуфтам: «Биё!» ва ба ароба нишаста ба Семёнов расида гирифтам.

---

[1] даста барои қалам

— Салому алайкум,— гуфтам ман ба ӯ.

— Эҳтиромоти ман,— ҷавоб дод ӯ ва ба роҳи худ давом мекард.

— Чаро шумо мундир дарбар накардаед? — гӯён пурсидам ман аз ӯ.

Семёнов таваққуф кард, чашмонашро андаке нимкоф кард ва дандонҳои сафедашро нишон дода, гӯё ки ба шӯълаи офтоб нигоҳ кардан барои ӯ озорбахш бошад, аммо махсус аз он ҷиҳат, ки нисбат ба ароба ва мундири ман беэътиноии худашро нишон бидиҳад, хомӯшона ба ман назаре афканд ва ба роҳи худ рафт.

Аз Кузнецкий мост ман ба ширинифурӯшии дар Тверской буда даромадам ва гарчи чунон вонамуд карданӣ мешудам, ки маро дар ин дӯкон танҳо рӯзномаҳо ҷолиби диққатанд, вале худдорӣ карда натавониста, санбӯсаҳои қандинро яке аз паси дигаре хӯрдан гирифтам. Ҳар чанд дар ҳузури як марде, ки аз паси рӯзнома ба сӯи ман бо кунҷковӣ гоҳ-гоҳ менигарист, ҳиҷолат мекашидам, бо вуҷуди он бо суръати тамом аз ҳар гуна санбӯсае, ки дар дӯкон мавҷуд буд, ҳашто хӯрдам.

Ба хона ки баргаштам, ман андаке дар меъдаам сӯзише ҳис кардам; вале ба он аҳамияте надода ба тамошо кардани харидҳоям шурӯъ кардам, ки аз он миён сурати калла ба ман чунон хуш наёмад, ки ман онро на танҳо ба чорчӯба кашида дар хонаи худ наовехтам, чунон ки Володя карда буд, балки дар пушти сандуқи либос маҳкамтар пинҳон намудам, ки касе онро дар он ҷо дидан наметавонист. Porte-crayon низ дар хона ба ман хуш наёмад; ман онро дар сандуқи миз ниҳодам ва худамро чунон тасаллӣ медодам, ки ин чизи нуқрагин аст, қиматбаҳост ва барои донишомӯз чизи муфид аст. Асбоби дудкаширо ман ҳамон соат ба кор бурданӣ ва таҷриба карданӣ шудам.

Як коғазпечи чорьякиро кушода, чубуқи истамбулиро бо тамокуи сурхи зардтоби нозук буридашудаи султонӣ пуропур кардам ва ба рӯи он қави оташзадаеро ниҳодам ва дар миёни ангуштони миёна ва

бинсир гузоштам (ин вазъияти даст ба ман бисьёр хуш меомад) ва дуд фурӯ бурдан гирифтам.

Бӯи тамоку бисьёр форам буд, вале дар даҳон талхӣ мекард ва роҳи нафасро мегирифт. Аммо дандон ба дандон монда ман дуру дароз дуд ба дарун мекашидам ва ба ҳалқа партофтан таҷриба мекардам ва қуллоб мезадам. Дар андак муддате хона пур аз абри дуди кабуд шуд ва чубуқ хиррос задан гирифт, тамокуи сӯзон ба паридан сар кард, дар даҳон бошад, ман талхӣ ҳис мекардам ва сарам андаке мегашт. Ман хостам, ки акнун аз ин машғулот даст бардорам ва танҳо чубуқ дар даҳон гирифта истода ба оина бингарам, ки ба тааҷҷуб ва ҳайратам калавида рафтам; хона мечархид ва базӯр ба оина наздик шуда дидам, ки ранги рӯи ман мисли суфи сафед кандааст. Ба болои диван худамро партофтан замон чунон як дилбеҷой ва бемадорӣ ҳис кардам, ки дар ман тасаввури он пайдо шуд, ки чубуқ ва тамоку барои ман марговар аст ва ба ман чунон намуд, ки ман ҳозир мемурда бошам. Ман ҷиддан тарсидам ва хостам, ки акнун хидматгоронро ба ёрмандӣ талаб намоям ва аз паи доктор бифиристам.

Аммо ин тарсу ваҳм бисьёр дароз накашид. Ман зуд пай бурдам, ки ин аз чӣ боис будааст, ва бо сардарди сахте, бетобу тавон дар рӯи диван дуру дароз ёзида хобида мондам ва бо диққати карахтона ба сурати рӯи коғазпечи чорьякии тамоку, ки нақши нишони Бостонжогло буд, ба чубуқе, ки дар рӯи замини хона афтода буд, ба нимсӯхтаҳои тамоку ва бақия мондаҳои санбӯсаҳо чашм медӯхтам ва бо афсӯсу надомат меандешидам: «Чунон менамояд, ки ман ҳанӯз он қадар бузург нестам, ки монанди дигарон тамоку кашида тавонам ва эҳтимол мисли дигарон чубуқро дар байни ангуштони миёна ва бинсир нигоҳ дошта қуллоб кашида дудро аз миёни мӯйлабҳои малларанг берун овардан ба ман насиб ва муқаддар набошад».

Дмитрий дар соати панҷ барои гирифта бурдани ман омада маро дар ҳамин ҳоли ногувор ёфт. Вале як истакон об хӯрда ҳамон замон ман қариб тамоман ба ҳол омадам ва ҳамроҳи ӯ барои рафтан муҳайё гаштам.

— Ин чӣ орзуи тамоку кашидан омадааст ба шумо,— гуфт ӯ ба аломатҳои тамокукашии ман нигоҳ карда.— Инҳо ҳама корҳои беҳуда ва исрофи пул аст. Ман ба худ қавл додаам, ки тамоку накашам... Хайр, бояд зудтар биравем, боз Дубковро ҳам даромада гирифтан лозим аст.

Боби XIV

ВОЛОДЯ ВА ДУБКОВ ЧӢ МАШҒУЛИЯТ ДОШТАНД

Ҳамон замоне ки Дмитрий ба хонаи ман даромад, аз чеҳраи ӯ, аз рафтораш ва аз ҳаракатҳои махсусе, ки дар овони нобаҷоии аҳволи рӯҳияаш бо чашмакзаданаш ва афташро кач карда гардан ҷунбонданаш, ки гӯё барои созвор кардани гарданбанд бошад, мекард, ман пай бурдам, ки ӯ дар ҳолати рӯҳияи гарданшахии дилсардонаи худаш аст, ки гоҳ-гоҳе ӯро аз ҷиҳати аз худ розӣ набуданаш фаро мегирифт ва ин аҳволи ӯ ҳамеша дилбастагии маро нисбат ба ӯ сард мекард. Дар рӯзҳои охир ман акнун табиат ва мизоҷи дӯстамро дар зери муояна мегирифтам ва муохаза мекардам, аммо дӯстии мо дар натиҷаи ин кори ман ҳеҷ тағьир наёфта буд: ин дӯстӣ ҳанӯз чунон тоза ва пурқувват буд, ки аз кадом сӯ ки ман ба Дмитрий менигаристам, наметавонистам дар ӯ камол ва пухтагӣ набинам. Дар ӯ ду шахсияти ба якдигар мухолиф мавҷуд буд, ки ҳардуи онҳо низ ба ман хуш меомад. Яке аз онҳо, ки ман онро гарму ҷӯшон дӯст медоштам, накӯкор, меҳрубон, ҳалим ва хушаҳвол буд, ки худаш ҳам идроки ин хосиятҳои дилнишинашро мекард. Ҳангоме ки ӯ дар ин аҳволи рӯҳия буд, ҳамаи қиёфати зоҳирии ӯ, садои овозаш, ҳамаи ҳаракатҳояш гӯё чунин мегуфтанд: «Ман ҳалим ва накӯкор ҳастам, лаззат мебарам аз ин, ки ман чунин ҳалим ва нек ҳастам, ва шумо метавонед ин хосиятҳоро дар ман мушоҳида намоед». Шахсияти дигарашро, ки ман акнун андак-андак ба донистан ва пай бурдан сар карда будам ва дар пешгоҳи азамати ӯ сар фурӯ меовардам, шахсияте буд беилтифот ва дар ҳаққи худаш ва дигарон мушкилпи-

санд, мағрур, то ба дараҷаи мутаассибӣ диндор ва дар ахлоқ бисьёр хурдагир. Дар ин лаҳза ӯ дар ҳолати рӯҳияи ҳамин шахси дуввӯмӣ буд.

Бо кушодагӯие, ки яке аз шароити муомилоти мо буд, ҳангоме ки мо дар ароба нишастем, ман ба ӯ гуфтам, ки дар ин рӯзи хушбахтонаи ман ӯро дар ин ҳоли вазнини ногувори рӯҳӣ дидан барои ман озордиҳанда аст.

— Албатта чизе мизоҷи шуморо тағьир дода аст; чӣ сабаб аст, ки онро шумо ба ман намегӯед? — гуфта пурсидам ман.

— Николенька! — гӯён шитоб накарда ҷавоб дод ӯ дар ҳолате, ки сарашро асабикорона ба як тараф мегардонд ва чашмак мезад.— Ман ки ба шумо қавл додаам ҳеҷ чизро аз шумо пинҳон надорам, шумо ҳеҷ баҳона надоред ба он, ки дар ман як дарундорӣ гумон баред. Ҳамеша дар як ҳолат будан мумкин нест, агар чизе боиси парешонӣ ва ҳаросонии ман шуда бошад ҳам, ман худам чӣ будани онро намедонам.

«Ин чи тур табиат ва мизоҷи софдилона ва покизаест, ки касро дар ҳайрат мегузорад»,— гӯён андешидам ман ва дигар ба гуфтугузор сар накардам.

Мо дар ҳолати хомӯшӣ ба хонаи Дубков омада расидем. Хонаи Дубков аз андоза берун хуб ва нағз буд ё ки ба ман ҳамин тур ҷилва намуда буд. Дар ҳама ҷояш қолинҳо, суратҳо, коғазҳои пуррангубори деворӣ, расмҳои одамҳо, пардаҳо, курсиҳои дастадори кач, креслоҳои вольтерӣ, дар деворҳо туфанг ва тапончаҳо, кисаҳои гулдӯзӣ шуда ва чи навъе каллаҳои ҳайвоноти ваҳшии аз коғаз буридагӣ овезон буд. Ин хонаро ки дидам, он гоҳ фаҳмидам, ки Володя дар оро додани хонаи худаш ба кӣ тақлид мекардааст. Мо Дубков ва Володяро машғули қартабозӣ ёфтем. Як марди ба ман ношинос (аз вазъияти соддааш, як каси на он қадар қобили арзиш ба назар меомад) назди миз нишаста буд ва ба бозӣ бисьёр бодиққат нигоҳ мекард. Худи Дубков бошад, ҷомаи абрешимӣ ва попӯши нарм пӯшида буд. Володя бесюртук, рӯбарӯи ӯ дар диван нишаста буд ва аз ваҷоҳати нохушнудонааш, аз бозӣ чашмашро канда як ламҳа ба мо назар афкандаанаш ва аз чеҳраи сурх шудааш бисьёр саргарми бо-

зӣ буданаш мушоҳида мешуд. Маро ки дид, ӯ боз ҳам бештар сурх шуд.

— Хӯш, навбати тавзеъ кардани туст,— гуфт ӯ ба Дубков. Ман фаҳмидам, ки барои ӯ ногувор меомад, ки ман қартабозии ӯро дидам. Вале дар қиёфаи ӯ ҳеҷ ранг хиҷолат намудор набуд, ва ӯ гӯё ба ман мегуфт: «Ҳа, бозӣ мекунам ва ту ба ин кори ман тааҷҷуб мекунӣ, зеро ту ҳанӯз хурдсол ҳастӣ. Ин на кори бадест, балки дар ин синну соли мо ҳатто чунин бояд».

Ман ҳамон лаҳза инро эҳсос намудам ва фаҳмидам.

Аммо Дубков бошад, қартаро тавзеъ накарда, аз ҷояш бархост ва дастони моро фушурд, бинишонд ва моро ба тамоку кашидан даъват намуд, ки мо аз он сар печидем.

— Ҳамин тур ана ҳамин дипломати мо муқассири ҷашнаст,— гуфт Дубков.— Ба худо, ки ба полковник бисьёр шабоҳат дорад.

— Ҳм! — гӯён ғурунгӣ кардам ман, боз дар ҳолате ки дар чеҳраам табассуми худписандонаи соддалавҳонаро, ки шукуфа мезад, ҳис мекардам.

Он чунон, ки як бачаи шонздаҳсола як адъютанти бистуҳафтсолаеро, ки бисьёр хуб рақс кардан метавонад, бо французӣ ҳарф мезанад ва ҳар чанд дар дилаш хурдсолии маро ҳақир мешуморад, вале инро гӯё ба пинҳон намудан кӯшиш мекунад, ва дар ҳаққи ӯ ҳамаи калонҳо: бисьёр як ҷавони дурусткор аст, мегӯянд, эҳтиром карда тавонад, ман Дубковро ҳамчунон эҳтиром менамудам.

Ҳарчанде ки ман ӯро эҳтиром мегузоридам, дар ҳамаи муддати шиносоии моён, худо медонад, ки аз чӣ боис бошад, ба чашмони ӯ нигоҳ кардан барои ман душвор ва носозвор меомад. Ва баъдҳо ба ман чунон маълум шуд, ки аз барои ман ба чашмони се навъ одам нигаристан сахт ва душвор меомадааст: яке аз онҳо он навъ касоне, ки аз ман хеле бадтар бошанд, дигар — ононе, ки аз ман хеле беҳтар бошанд ва саввӯмӣ — касоне ки ба ҳамдигар наметавониста бошем он чиро, ки мо ҳар дуямон медонем, бигӯем. Шояд Дубков беҳтар аз ман бошад буд, мумкин аст, ки аз ман бадтар ҳам бошад, вале ғолибан, он чунон буд, ки

ӯ бисьёр дурӯғ мегуфт, вале худаш ба ин эътироф намекард ва ман ин заъфи мизоҷро дар ӯ пай бурда будам, вале албатта ман ҷуръат намекардам, ки инро ба у бигуям.

— Боз як шоҳбозӣ кунем,— гуфт Володя, монанди падарам китфашро такон дода ва қартаро баҳам омехта истода.

— Ин қадар мечақад! — гуфт Дубков. — Баъд бозиро анҷом медиҳем. Хайр, майлаш, боз якеро бибозем, биёр.

Дар он ҳангоме ки онҳо машғули бозӣ буданд, ман ба дасти онҳо диққат мекардам. Володя як дасти калони зебое дошт; кушодагии ангушти калон ва хам хӯрдани дигаронаш, ҳангоме ки қартаро дар даст нигоҳ медошт, чунон ба дасти падарам монанд буд, ки як муддат ба ман чунон менамуд, ки Володя қасдан дасташро дар чунин вазъият нигоҳ медорад, то ин ки ба калонҳо монанд шавад; вале ба чеҳраи ӯ нигариста медидам, ки ӯ дар ин ҳол ғайр аз бозӣ хаёли дигар чизро надорад. Дастҳои Дубков бошад хурд, сергӯшт, ба дарун хам шудагӣ, бисьёр чобук ва ангуштонаш нарм буд; онҳо аз ҳамон тур дастҳо буданд, ки дар онҳо ангуштарӣ мениҳанд ва он дастҳо ба он қисм мардумон тааллуқ дорад, ки бештар ба корҳои дастӣ майлу рағбат доранд ва чизҳои зеборо дӯст медоранд.

Эҳтимол дорад Володя бозиро бохта бошад, зеро он марде, ки ба қартаи ӯ дар даст дошта нигоҳ мекард, чунон изҳори ақида намуд, ки ба Владимир Петрович бадбахтии сахте рӯй дод, ва ин замон Дубков портфели худашро гирифта дар он ҷо чизе қайд намуд ва онро ба Володя нишон дода гуфт: «Дуруст аст?»

— «Дуруст аст!» — гуфт Володя бо бедиққатии сохтакорона ба дафтарчаи ёддошт назаре афканда. — Акнун меравем.

Володя Дубковро ва Дмитрий маро дар аробаи худаш нишонда бурд.

— Онҳо чӣ бозӣ мекарданд? — гӯён ман аз Дмитрий пурсидам.

— Пикетбозӣ мекарданд. Як бозии аблаҳонаест ва умуман бозӣ кори аҳмақона аст.

— Онҳо ба маблағи калон бозӣ мекунанд?

— Калон не, лекин ҳарчи ҳам бошад хуб нест.

— Шумо бозӣ намекунед?

— Не, ман қавл додам, ки бозӣ накунам; аммо Дубков наметавонад касеро набурда истад.

— Охир ин аз ҷониби ӯ ҳаракати хуб нест, ки — гуфтам ман.— Маълум мешавад, ки Володя аз ӯ дар ин бозӣ сусттар будааст?

— Албатта хуб нест, вале дар ин кор он қадар бадие ҳам нест. Дубков бозӣ карданро дӯст медорад ва бозиро ҳам медонад, бо ин ҳама ӯ одами хеле хубест.

— Не, ман ҳеҷ гумон ҳам намекардам, ки...— гуфтам ман.

— Оре, дар бораи ӯ як андешаи баде ҳам кардан номумкин аст, зеро ки ӯ дар ҳақиқат одами бисьёр нағз аст. Ва ман ӯро бисьёр дӯст медорам ва ҳамеша дӯст хоҳам дошт, ҳар чанд ӯ баъзе ҷиҳатҳои заиф ҳам дорад.

Намедонам аз чӣ сабаб бошад, Дмитрий ки бисьёр гарму ҷӯшон ба Дубков тарафдорӣ кард, ба ман чунон намуд, ки ӯ Дубковро акнун дигар дӯст намедорад ва ӯро эҳтиром намегузорад, вале аз ҷиҳати якравӣ ва аз тарси он, ки ӯро дар дӯстии бемудовамат ба қалам бидиҳанд, худаш ба ин эътироф намекунад. Ӯ аз он зумра касоне буд, ки дӯстони худашонро якумрӣ дӯст медоранд, на аз он ҷиҳат, ки ин дӯстон ҳамеша ба онҳо хушоянд ҳастанд, балки аз он ҷиҳат, ки агарчанде аз рӯи хатокорӣ ҳам бошад як дафъа дӯстӣ бо касе баста бошанд, онро тарк кардан дар назари эшон бешарафӣ шумурда мешавад.

Боби XV

МАРО МУБОРАКБОД МЕКУНАНД

Дубков ва Володя дар меҳмонхонаи Яр ҳамаро бо ному лақаб медонистанд ва аз дарбон сар карда то соҳибхона ҳамагӣ ба онҳо эҳтироми бузурге иброз мекарданд. Барои мо ҳамон лаҳза як хонаи махсусе

муайян карданд ва як наҳории аҷибе оварданд, ки аз рӯи номнависи франсавӣ онро Дубков интихоб намуда буд. Сӯрохии яхбастаи шампански, ки ман ба сӯяш то тавонам бепарвоёна нигоҳ карданӣ мешудам, кайҳо омода буд. Ҳар чанд Дубков бо расму одати худаш воқеаҳои аҷибе, ки гӯё ҳақиқат доштанд, ҳикоят мекард,— дар он миён ӯ мегуфт, ки модаркалонаш чи тур аз туфанги пилтагӣ се нафар роҳзанеро, ки ба ӯ ҳуҷум оварда буданд, куштааст, (дар ин миён ман сурх шудам ва чашмамро ба поён дӯхта аз ӯ рӯямро гардондам),— ва ҳар чанд Володя, зоҳиран ҳар дафъае, ки ман чизе гуфтан мехостам, дар ҳарос меафтод (ва ҳамааш албатта тамоман беҳуда буд, зеро он қадар, ки дар хотир дорам, ҳеҷ чизи шармоваре нагуфтам), бо вуҷуди ҳамаи ин наҳорӣ бисьёр гуворо ва хушу хуррам сипарӣ шуд. Ҳангоме ки шампанскиро оварданд, ҳамагӣ маро муборакбод карданд ва ман бо Дубков ва Дмитрий даст аз болои дасташон гузаронда барои «ту-ту» гуфтан нӯшидам ва бо онҳо бӯсобӯс кардам. Чун ман намедонистам, ки шишаи шампански ба кӣ оид аст (чунон ки баъд ба ман фаҳмонданд, он умумӣ будааст) ва ман мехостам дӯстонамро бо пули худам зиёфат кунам ва аз он рӯ дам ба дам дар киссаам пуламро даст мезадам, оҳиста даҳ сӯм когаз баровардам ва аз ходимон касеро ба худ хондам ва ба ӯ пулро додам ва зергӯшӣ, вале чунон ки албатта ҳама мешуниданд, зеро ҳамагӣ хомӯшона ба ман менигаристанд, ба ӯ гуфтам, ки ӯ *меҳрубон шуда боз нимшишача шампанский биёрад*. Володя чунон сурх шуд ва чунон китфашро такон дода истода ба сӯи ман ва ба дигарон бо тарсу ваҳм нигоҳ кардан гирифт, ки ман хатое карданамро пай бурдам, вале нимшишачаро оварданд ва мо онро ба завқи тамом нӯш кардем. Ҳанӯз ҳам ба назар чунон омада истода буд, ки хурсандӣ аз ҳад зиёд аст. Дубков дам нагирифта дурӯғ мебофт ва Володя ҳам чунон латифаҳои хандаовар ва чунон ба хубӣ ҳикоя мекард, ки ман ҳеҷ гоҳ аз ӯ ин қадар умед намекардам ва мо бисьёр механдидем. Хосияти хандаангезии чизҳое, ки онҳо, яъне Володя ва Дубков мегуфтанд, дар тақлид ва муболиға варзидан дар мавзӯи яке аз латифаҳо буд, ки гӯё яке мепурсид:

«Шумо магар дар хориҷа рафта будаед?» ва дигаре ҷавоб медод: «Не, ман нарафтаам вале бародарам ғижжак менавозад». Онҳо дар ин шӯҳӣ ва бозии хандаангези бемаъно то ба ҳадди камол расида буданд, ки акнун худи латифаро чуни ривоят менамуданд: «Бародарам низ ҳеҷ гоҳе ғижжак наменавохт». Дар ҳар пурсише онҳо ба якдигар бо ҳамон ранг ҷавоб мегуфтанд ва гоҳе бе ҳеҷ пурсиш ва суоле ду чизи ҳеҷ ба ҳам ночаспонро ба якдигар мепайвастанд ва чизҳои бемаъниро бо ҷиддият адо мекарданд ва ин бисьёр хандаовар мебаромад. Ман андак-андак ба сирри он сарфаҳм рафтан гирифтам ва мехостам мисли онҳо чизҳои хандаовар бигӯям, вале ҳангоме ки ман ҳарф мезадам, ҳамаи онҳо бо ваҳму тарс ба ман нигоҳ мекарданд ё ки кӯшиш менамуданд, ки ба ман нигоҳ накунанд, ва латифаи ман бенамак баромад. Дубков гуфт «Бародари дипломат, дурӯғро аз ҳад гузарондӣ», вале аз таъсири шампански ва маҷлиси калонҳо нашъаи ман чунон баланд буд, ки ин танбеҳ маро фақат андак харошиду бас. Як худи Дмитрий ҳар чанд бо мо баробар нӯшида бошад ҳам, дар ҳолати ҷиддият ва виқор боқӣ монда буд, ки хурсандии умумиро камтар ҷилвагар мекард.

— Хӯш, азизон, гӯш диҳед,— гуфт Дубков,— пас аз наҳорӣ дипломатро охир бояд ба даст гирифт. Магар ба дидани *хола* намеравем, дар он ҷо мо бо дипломат ҳарчи мехоҳем, мекунем.

— Нехлюдов ки бо мо нахоҳад рафт,— гуфт Володя.

— Хушахлоқи бадҳазм! ту, хушахлоқи бадҳазм! — гуфт Дубков ба ӯ таваҷҷӯҳкунон. — Биравем бо ҳам, хоҳӣ дид, ки ин холаҷони мо бонуи хеле хубест.

— На танҳо худам намеравам, балки ӯро низ бо шумо намегузорам биравад,— гӯён ҷавоб медод Дмитрий сурх шуда истода.

— Киро? дипломатро? Худи ту, дипломат, охир рафтанӣ ҳастӣ, ки? Нигоҳ кун, чун номи холаҷонро шунид, чи қадар шукуфта шуд ва хушҳол гашт.

— На ин ки ӯро намегузорам биравад,— давом намуд Дмитрий аз ҷояш бархоста ва дар рӯи хона па-

су пеш қадам зада истода ва ба ман нигоҳ накарда,— ман ба ӯ маслиҳат намебинам ва намехоҳам, ки ӯ бо шумо биравад. Ӯ акнун бача нест, агар бихоҳад, ӯ бе шумо танҳо худаш метавонад биравад. Ба ту, Дубков, ин ҳаракат бояд айб бошад; ин коре, ки ту мекунӣ, магар бад нест, мехоҳӣ, ки дигарон низ чунин кунанд.

— Чӣ бадӣ ҳаст, дар ин, ки,— гуфт Дубков, дар ҳолате ки ба сӯи Володя чашмак мезад,— ман ҳамаи шуморо дар манзили холаҷон ба як пиёла чой хӯрдан даъват менамоям? Хайр, акнун рафтани мо ба ту ки хуш намеомада бошад, моро бубахш: мо бо Володя меравем. Володя ту меравӣ?

— Ҳм,-ҳм! — гӯён Володя ҷавоби мусбат дод.— Он ҷо як сар мехалонем ва пас ба хонаи ман бармегардем ва пикетро давом медиҳем.

— Ту чӣ мегӯӣ, майл дорӣ, ба онҳо ҳамроҳ биравӣ ё не? — гуфт Дмитрий ба ман наздик омада.

— Не, — гуфтам ман ва дар диван андаке ҷой холӣ кардам, ки ӯ биншинад ва ӯ он ҷо дар паҳлуи ман нишаст.— Ман худам ҳам майл надорам, ҳол он ки агар ту маслиҳат намебинӣ, ман ҳеҷ гоҳе нахоҳам рафт.

— Не,— илова кардам пас аз он,— ман нодуруст мегӯям, ки бо онҳо рафтанро дилам намехоҳад; вале ман хурсандам, ки намеравам.

— Ин хеле хуб аст,— гуфт ӯ,— ҳар туре, ки дили худат мехоҳад, ҳамон тур бизеҳ ва дар усули нақораи ҳеҷ кас рақс макун, беҳтараш ҳамин аст.

Иҷ мубоҳасаи кӯтоҳ ва мухтасар натанҳо кайфу нашъаи моро парешон накард, балки онро дуболо намуд. Дмитрий ногаҳон ба ҳолати ҳалимонаи дӯстдоштаи ман даромад. Имтиёз намудани атвори хубу хуш, чунон ки баъдҳо ман борҳо санҷидаам, ба ӯ ҳамин тур таъсири дилписанде месохтааст. Акнун дар ин дам ӯ аз худаш розӣ буд, ки тавонист маро мудофаа намояд. Ӯ бисьёр хушҳол шуд ва болид, боз як шиша шампански талаб кард (ки ин мухолифи мароми ӯ буд), ва ба хонаи мо як марди бегонаеро низ даъват намуд ва ӯро шароб нӯшондан гирифт, суруди Gaudeamus igitur-ро мехонд ва дархост менамуд, ки дигарон низ онро такрор намоянд, ва таклиф кард, ки

ба Сокольники ба гардиши саворӣ биравем, аммо ба ин таклиф Дубков ҷавоб дод, ки ин қадараш аз ҳад зиёд мағлуби ҳиссиёт шудан аст.

— Биёед, имрӯз хушҳолӣ кунем,— мегуфт Дмитрий табассумкунон: — ба шарафи дохил шудани ӯ ба дорулфунун имрӯз ман дафъаи нахустин он қадар шароб мехӯрам, ки маст шавам, хайр майлаш.— Ин хушҳолӣ як навъ аҷобаткорона ба ӯ мезебид. Ӯ дар ин ҳангом ба мураббӣ ё падари меҳрубоне мемонд, ки аз фарзандони худаш розӣ бошад, бо ҳама шӯхӣ мекард ва хуш мебаромад ва мехост ҳамаро хурсанд кунад ва бо ин рафтор исбот намояд, ки дар доираи ахлоқу одоб, пок ва покизагиро нигоҳдошта истода ҳам хушҳолӣ кардан мумкин аст; аммо ба ин нигоҳ накарда, ҳам ба ман, ҳам ба дигарон гӯё ин хушаҳволии ғайри мунтазир бисьёр муассир воқеъ шуда буд, хусусан ки ба ҳар кадоми мо қариб нимшишагӣ шампански исобат мекард.

Дар ҳамин аҳволи рӯҳияи мулоим ва форам ман ба хонаи калон баромадам, то ки папиросеро, ки Дубков ба ман дода буд, оташ бикунам.

Ҳангоме ки ман аз ҷоям баланд шудам, ман пай бурдам, ки сарам андаке чарх мезанад, пойҳоям ва дастҳоям дуруст ҳаракат мекарданд, ба шарте ки ман дар бораи онҳо бо диққат фикр намоям. Вагарна пойҳоям ба ҳар тараф мерафтанд, дастҳоям бошанд ҳаракатҳои гуногун мекарданд. Ман ҳама диққат ва эътибори худамро ба ин узвҳоям мутаваҷҷеҳ сохтам, ба дастҳоям фармудам, ки баланд шаванд, тугмаҳоямро гузаронанд ва мӯи сарамро ба тартиб андозанд (вале аҷаб аст, ки онҳо оринҷамро бисьёр баланд бардоштанд), ба пойҳоям амр намудам, ки ба тарафи дар бираванд ва онҳо итоат намуданд, лекин як навъ ё ки бисьёр маҳкам мерафтанд ё бисьёр нозук меҷунбиданд, хусусан пои чапам ҳамеша мехост нуг-нуги по ҳаракат намояд. Як овоз ба ман фарьёд зад: «Ту куҷо меравӣ? шамъ хоҳанд овард». Ман пай бурдам, ки ин овоз ба Володя мутааллиқ буд ва ман аз ин овозро шинохтанам, кайф мекардам, вале дар ҷавоби ӯ андак лабханде задаму рафтан гирифтам.

Боби XVI

НИЗОЪ

Дар хонаи калон дар паси мизи хурдаке як марди кӯтоҳқади чорпаҳлуе бо мӯйлаби сурхчатоб нишаста буд ва чизе мехӯрд. Дар радифи ӯ як марди сияҳчурдаи бемӯйлаб менишаст. Онҳо ба франсавӣ сӯҳбат мекарданд. Назар афкандани онҳо маро андаке ба ташвиш андохт, вале ҳар чи ҳам бошад ман папиросро аз шамъе, ки дар назди онҳо буд, даргиронданӣ шудам. Ба ҳар тараф назар афканда мерафтам, то ки нигоҳи онҳо ба ман барнахӯрад, ва ба миз наздик омада папиросро оташ кардан гирифтам. Ҳангоме ки папирос оташ гирифт, ман худдорӣ карда натавониста ба марде, ки хӯрок мехӯрд, нигоҳ кардам. Чашмони хокистарии ӯ ба ман бодиққат ва нохайрхоҳона мутаваҷҷеҳ буданд. Дар ҳамон лаҳзае, ки ман мехостам аз он ҷо баргардам, мӯйлаби сурхчатоби ӯ ба ҳаракат омад ва ӯ бо забони франсавӣ гуфт:

— Ман дӯст надорам, ки ҳангоми хӯрок хӯрданам дар ҳузури ман дуд кунанд, олиҷаноб.

Ман чизи номафҳуме дар зери лаб гуфтам.

— Оре, дӯст надорам,— гӯён он марди мӯйлабӣ сахтгирона давом намуд, дар ҳолате ки ба тарафи мардаки бемӯйлаб назари босуръатона меафканд, гӯё бо ин нигоҳи худ мехост таваҷҷӯҳи он мардро ҷалб намояд ва нишон бидиҳад, ки маро чи тур танбеҳ хоҳад кард: — дӯст надорам, олиҷаноб, он касонеро ҳам, ки назокатро риоя намекунанд ва ба зери бинии шумо омада дуд мекунанд, ин тур касҳоро низ дӯст надорам.— Дар ҳамон лаҳза ман фаҳмидам, ки ин мард маро сарзаниш карда истодааст, вале дар дақиқаи аввал ба ман чунин омад, ки ман дар назди ӯ бисьёр тақсиркор мебошам.

— Ман напиндоштам, ки ин ба шумо халал мерасонда бошад,— гуфтам ман.

— Ҳа, шумо напиндоштед, ки беодоб ҳастед, вале ман пиндоштам,— гӯён фарьёд кард он мард.

— Шумо чӣ ҳақ доред, ки овоз баланд кунед? — гуфтам ман дар ҳолате ки ҳис мекардам, ӯ маро нафрин менамояд ва кам-кам дар қаҳр мешудам.

— Ҳамин ҳақро дорам, ки ман ҳеҷ гоҳ иҷозат намедиҳам нисбат ба ман беэътиноёна рафтор намоянд ва ҳамеша шумо барин зӯраворҳоро ба ҷои худашон менишонам. Ном ва кунияти шумо чист, олиҷаноб? ва дар кучо истиқомат доред?

Ман бисьёр дар қаҳр шуда будам, лабҳоям меларзиданд ва нафас дар гулӯям тангӣ мекард. Вале ҳарчи ҳам бошад ман худамро муқассир мешумурдам, зеро бисьёр шампански хӯрда будам, ва ба ин мард ҳеҷ дурустӣ накардам, балки баръакс лабҳои ман бисьёр итоаткорона ба ӯ номамро гуфт ва ҷои истиқоматамонро нишон дод.

— Фамилияи ман Колпиков аст, олиҷаноб, ва шумо аз ин пас баодобтар бошед. Мо бо шумо боз дучор хоҳем гашт (vous aurez de mes nouvelles), — гӯён сухани худашро ба поён расонд, зеро ҳамаи ин гуфтугузор ба забони франсавӣ радду бадал шуда буд.

Ман фақат: «Бисьёр хурсандам», гуфтам ва ба овозам то ба ҳадде кӯшиш мекардам, ки адои қатъӣ бидиҳам ва рӯямро аз ӯ гардонда, бо папиросе, ки акнун хомӯш шуда монда буд, ба хонаи худамон баргаштам.

Ман дар бораи он чи, ки пеш омада буд, на ба бародарам ва на ба ҷӯраҳоям чизе нагуфтам, хусусан ки онҳо бо як мубоҳисаи гарме дар миёни худашон машғул буданд ва якка дар кунҷе ҷой гирифта он қазияи аҷибро муҳокима мекардам. Калимаҳои «Шумо беодобед, олиҷаноб» (un mal élevé, monsieur) ҳамон тур, ки буд, дар гӯшам садо медод ва то рафт маро оташинтар мекард. Хумори ман тамоман рафъ шуд. Ҳангоме ки ман дар ин хусус чи ранг рафтор кардаамро муҳокима мекардам, ногаҳон ба ман чунон андешаи даҳшатангезе пайдо шуд, ки ман монанди як одами тарсончак ҳаракат кардаам. «Ӯ чӣ ҳақ дошт, ки ба ман ҳуҷум кунад? Аз чӣ сабаб ӯ ба ман ҳамин тур ба тарзи содда нагуфт, ки ин ба ӯ халал мерасонад? Аз ин бармеояд, ки ӯ тақсиркор аст? Аз чӣ боис, вақте ки ӯ гуфт, ки гӯё ман беодоб будаам, ман ба ӯ нагуфтам: беодоб, олиҷанобо, он касест, ки ба худ иҷозаи нотарошидагиро медиҳад? – ё ки ман ба ӯ чаро фарьёд назадам: *хомӯш бошед*! — ин ки бисьёр хуб

мешуд; аз чӣ боис ман ӯро ба дуэль даъват накардам? Не! ман ҳеҷ яке аз ин корҳоро накардам, вале чун як тарсончаки разил ҳақоратро фурӯ бурдам». Ин калимаҳои «Шумо беодоб ҳастед, олиҷаноб!» муттасил дар гӯши ман ҳамон ранг харошанда садо медод. «Не, инро ин тур гузоштан дуруст нест»,— андешидам ман ва аз ҷоям бо қатъияти тамом бархостам, ки ба назди ин мард биравам ва як ҳарфи сахти ноҳамворе бигӯям ва ҳатто, агар даст диҳад, ӯро бо шамъдон ба каллааш бикӯбам. Ман бо лаззату нашъаи тамом аз ин нияти охирин меандешидам, вале на он қадар бе тарсу ҳарос ба хонаи калон боз аз нав даромадам. Хушбахтона ҷаноби Колпиков кайҳо рафта будааст, танҳо як пешхидмате дар он ҷо буд ва мизро гирду ғун мекард. Дар дили ман хоҳиши он падидор шуд, ки ба он пешхидмат аз ин воқеа ҳикоят кунам ва ҳеҷ муқассир набудани худамро ба ӯ баён намоям, вале намедонам аз чӣ сабаб буд, ки аз фикрам баргаштам ва бо димоғсӯхтагии аз ҳад афзун ба хонаи худамон омадам.

— Ба ин дипломати мо чӣ воқеа рӯй додааст? — гуфт Дубков. — Ӯ зоҳиран алъон тақдири Европаро ҳал менамояд.

— Эҳ, маро ба ҳоли худам бигузор,— гуфтам ман ба ӯ туршрӯёна ва рӯямро гардондам. Баъд аз ин, ман дар хона пасу пеш қадам зада истода аз чӣ сабаб бошад, дар он андеша афтодам, ки ин Дубков ҳеҷ каси хубе нест. «Ва ин доим шӯхӣ кардан ва ин унвони «дипломат» чист — дар ин ҳеҷ як таъбири навозишкоронае нест. Кори ӯ ҳамин аст, ки Володяро доимо дар бозиҳо бибарад ва ё ки назди кадом як холачае рафту ой кунад... Ва дар ӯ ҳеҷ ҳолати дилписанде намудор нест. Ҳар чи ӯ мегӯяд, дурӯғбофист ё ки як бемаънигаристу бас ва ҳамеша мехоҳад тамасхур бикунад. Ба ман чунин меояд, ки ӯ ҳамин тур як мардаки аблаҳест ва илова бар он одами баде низ мебошад». Бо ҳамин тур андешаҳо ман як панҷ дақиқаро гузарондам ва дар ҳаққи ӯ то рафт бештар як эҳсоси душманӣ дар худ мушоҳида менамудам. Дубков бошад, дар ин лаҳза ба ман ҳеҷ эътиное намекард ва ин

рафтори ӯ боз маро бештар дар қаҳр мекард. Ман ҳатто аз Володя ва Дмитрий ҳам дар қаҳр мешудам, ки чаро онҳо бо ӯ гуфтугузор менамоянд.

— Медонед, чӣ, азизон? дипломатро бояд ба об андохт,— гуфт ногаҳон Дубков ва ба ман табассумкунон нигоҳе кард, ки ба назари ман тамасхуромез ва ҳатто хиёнаткорона намуд,— вагарна ҳоли ӯ бад шуда истодааст! Қасам ба худо, ки кори ӯ хароб аст!

— Худи шуморо ҳам бояд ба об андохт, худи шумо бадастед,— гӯён ҷавоб гуфтам ман кинаомезона табассумкунон ва дар ин мавқеъ фаромӯш карда будам, ки ман ӯро ба «ту» хонда будам.

Ин ҷавоб эҳтимол Дубковро ба ҳайрат андохта бошад, валекин бепарвоёна аз ман рӯи худро тофта бо Володя ва Дмитрий машғули гуфтугузори худ шуду рафт.

Ман ба гуфтугузори онҳо шарик шудан хостам, вале ҳис мекардам, ки ҳеҷ ёрои сохтакорӣ кардан надорам, боз ба гӯшаи худ баргашта омадам ва дар он ҷо то рафтанамон, нишаста мондам.

Ҳангоме ки пулҳои харочот дода шуд ва шинель пӯшидан гирифтем, Дубков ба Дмитрий рӯй оварда:

— Хӯш, Орест ва Пилад ба куҷо раҳсипор мешаванд? чунон бармеояд, ки ба хона бармегарданд, то ки аз *ишқу муҳаббат* сӯҳбат кунанд; кори мо дуруст аст: ба дидани холачаи азизамон меравем,— ин кор аз дӯстии туршмазаи шумо беҳтар аст.

— Шумо чӣ тур метавонед, дар бораи мо гап занед, истеҳзо кунед? — гуфта сар додам ман ногаҳон, дар ҳолате ки бисьёр ба ӯ наздик омада будам ва дастҳоямро баланд ҳаракат медодам,— шумо чӣ тур метавонед ба эҳсосоте, ки худатон онро намефаҳмед, бихандед? Ман ба шумо дар ин кор иҷозат намедиҳам. Хомӯш бошед! — гӯён фарьёд задам ман, дар ҳолате ки аз ҳаяҷон нафас дар гулӯям мегирифт худам хомӯш гаштам, зеро пас аз он чӣ гуфтанамро худам намедонистам. Дубков нахуст ҳайрон шуд; пас аз он хост, ки табассум кунад ва инро ба шӯхӣ ҳамл намояд, вале дар охир тарсид ва чашмонашро поён кард, ки ман дар ҳайрат ва тааҷҷуб мондам.

— Ман на ба шумо, на ба эҳсосоти шумоён ҳеҷ ханда намекунам, ман фақат ҳамин тур бе ҳеҷ ғараз мегӯям,— гуфт ӯ номуайян.

— Ана ҳамин тур! — фарьёд задам ман, вале дар ҳамин лаҳза аз ҳаракати худам шармам омад ва чун чеҳраи сурхи дар ташвиш афтодаи Дубков озори сахте мекашид, ба ӯ дилам сӯхт.

— Ба ту чӣ шуд? — гуфтанд якбора ҳам Володя, ҳам Дмитрий,— ҳеҷ кас туро ранҷонданӣ нашудааст.

— Не, ӯ маро мехост ҳақорат бикунад.

— Чи тур марди бебокест ин додари ту,— гуфт Дубков дар ҳолате, ки аз дар берун мерафт ва аз ин сабаб, агар ман чизе гӯям ҳам, ӯ дигар шунидан наметавонист.

Эҳтимол ман аз паи ӯ давида расида мегирифтам ва ба ӯ боз як чанд сухани дуруште мегуфтам, вале дар ҳамин лаҳза ҳамон пешхидмате, ки дар мавқеи воқеаи бо Колпиков гузаштагӣ ҳозир буд, шинели маро ба дӯшам андохт ва ҳамин шуд, ки ман дарҳол ба худ омадам ва ором шудам, валекин дар ҳузури Дмитрий худамро то ба ин ҳадде оташин нишон медодам, ки инро мавқеъ талаб мекард, то ки ин ба якборагӣ ором шудани ман дар назари ӯ аҷиб наёяд. Дар рӯзи дигар мо бо Дубков дар хонаи Володя дучор омадем ва ин ҳодисаро ёдовар нашудем, вале, ба якдигар «шумо-шумо» мегуфтагӣ шуда мондем ва ба чашми якдигар нигоҳ карданамон боз душвортар меомадагӣ шуд.

Хотираи низоъ бо Колпиков, ки на дар рӯзи дигари он воқеа ва на баъд аз он дигар ба ман de ses nouvelles [1] надод, солҳои дароз бисьёр равшан ва аз ҳад зиёд ба ман вазнин меомадагӣ шуда монд. Боз панҷ сол баъд аз он воқеа ҳам ҳар дафъае, ки он ҳақорати беҷавоб мондаро ба ёд меовардам, ман як қад мепаридам ва фарьёд мекашидам ва худамро худписандона тасаллӣ медодам, ки чи тур ҷасурона бо Дубков муомила карда будам. Фақат баъд аз хеле замоне ман ба ин кор тамоман ба назари дигар нигоҳ мекардагӣ шудам ва аз низоъ бо Колпиков бо як тарзи лаззати хандаоваре ёд мекардам ва дар бораи рафтори ху-

[1] хабаре аз худ

дам бо Дубков бошад, таассуф мекардам ва истиғфор менамудам, ки чаро ин *марди софдилро* ранҷондам.

Ҳангоме ки ман дар худи ҳамон рӯз, воқеаи дар миёни ману Колпиков рӯйдодаро ба Дмитрий ҳикоя кардам ва қиёфати ӯро бо тафсилоташ барои ӯ тасвир намудам, ӯ аз ҳад зиёд дар тааҷҷуб афтод.

— Эй, ин худи ҳамон аст! — гуфт ӯ. — Ту метавонӣ тасаввур кунӣ, ки ин як одами нобакор ва қаллобу фиребгари машҳур аст, сифати аз ҳама асосиаш ин аст, ки бисьёр тарсончак аст ва аз ҷиҳати он ки як торсакӣ аз касе хӯрда буд ва бо он кас нахоста буд кашмакаш кунад, ҷӯраҳояш аз полк ӯро берун кардаанд. Ин ҷасорат дар ӯ аз куҷо омадааст? — гӯён илова намуд ӯ бо як табассуми хайрхоҳонае ба сӯи ман нигоҳ карда. — Ӯ боз дигар чизе ғайр аз ҳамин «беодоб» нагуфтааст-ки!

— Не,— ҷавоб гуфтам ман сурх шуда.

— Хуб нест, хайр зарар надорад! — гӯён Дмитрий маро тасаллӣ медод.

Аммо танҳо пас аз муддати бисьёре дар ин бора ман оромона муҳокима намуда дар он тахмин ва натиҷае, ки ба ростӣ ва дурустӣ наздиктар аст, расидам, ки Колпиков пас аз чанд сол дидааст, ки ба ман дарафтодан мумкин аст, ва дар ҳузури он мардаки бемӯйлаб аз ман интиқоми он торсакии хӯрдаашро гирифтааст, чунон ки ман дарҳол аз Дубкови бегуноҳ интиқоми «беодоб» гуфтани ӯро гирифта будам.

Боби XVII

МАН БА ДИДУ БОЗДИД РАФТАНӢ

Рӯзи дигар ки аз хоб бедор шудам, андешаи нахустини ман дар бораи саргузашт бо Колпиков буд; ман боз уллос кашидам, дар рӯи хона давидам, вале аз дастам чӣ меомад; ғайр аз он имрӯз рӯзи охирин буд, ки ман дар Москва мегузарондам ва боист бо фармоиши падарам ба дидани он касоне мерафтам, ки худи падарам рӯйхати онҳоро навишта дода буд. Ғамхории падарам нисбат ба мо на он қадар дар бо-

раи таҳсил ва тарбияи ахлоқии мо буд, балки бештар дар бораи рафту омад ва одоби муошарат бо табақаи аъёну ашроф буд. Дар рӯи коғаз бо хати каҷукилеби тундутези ӯ навишта шуда буд: 1. ба ҳузури князь Иван Иванович *албатта*, 2. ба ҳузури Ивинҳо *албатта*. 3. ба назди князь Михайло, 4. ба назди князьхоним Нехлюдова ва ба назди Валахина, агар фурсат бошад. Ва маълум аст, ки ба назди мутаваллӣ, ба назди ректори дорулфунун ва ба назди профессорҳо.

Зиёратҳои дар охири ин рӯйхат дарҷшударо Дмитрий маслиҳат надонист ва гуфт, ки инҳо натанҳо лузуме надорад, балки нобаҷо ҳам ҳаст, аммо дигаронашро худи ҳамин рӯз бояд ба ҷо овард. Аз инҳо рафтан назди ҳамон ду каси нахустин, ки дар пеши онҳо калимаи *албатта* қайд шуда буд, маро ба ташвиш меандохт. Князь Иван Иваныч генерал-аншеф, пирмарди доро ва танҳо буд; пас бояд мани донишҷӯи шонздаҳсола, бо ин шахс муносибати бевосита медоштам, ки, ман ҳис мекардам, ин барои ман ифтихорангез наметавонист шавад. Ивинҳо низ аз сарватмандон буданд ва падари эшон як генерали маъмурии мутакаббире буд, ки фақат як мартаба дар овони зиндагии модаркалонам дар хонаи мо омада буд. Пас аз вафоти модаркалон ман чунон пай мебурдам, ки Ивини хурдӣ худашро аз мо дур мекашид ва гӯё калонгирӣ мекард. Калониаш бошад, чунон ки ман шунида будам, таҳсили худашро дар мактаби ҳуқуқшиносӣ ба поён расондааст ва акнун дар Петербург машғули маъмурият аст; дуввӯмӣ Сергей, ки як замон ман парастиш мекардам, низ дар Петербург як кадети ғафс шуда буд, ки дар Пажеский корпус дар таҳсил давом дошт.

Ман дар овони ҷавонӣ бо касоне, ки худашонро аз ман болотар мешумурданд, муносибат доштанро натанҳо дӯст намедоштам, балки бо ҳамин ранг мардум рафтуой карданро душвор ва токатфарсо меёфтам, зеро аз он метарсидам, ки маро мабодо таҳқир кунанд ва инчунин мебоист ман доимо тамоми қувваи ақли худро ҷамъ кунам, то ки мустақилии худро ба онҳо нишон бидиҳам. Аммо қисми охирини фармони падарро ба ҷо наёварам ҳам, бо иҷро кардани қисми аввал уз-

ри онро дархост кардан лозим буд. Ман дар хона қадам мезадам ва либосу кулоҳу шамшерро, ки дар рӯи курсиҳо паҳн шуда буд, тамошо мекардам ва акнун мехостам берун биравам, ки барои табрики ман пирмард Грап омад ва бо худаш Илинькаро овард. Грапи калонӣ як олмонии рус шудагӣ буд, аз андоза берун ғализ, хушомадгӯй ва бештарини вақт шермаст; ӯ бештар ба хонаи мо аз барои чизе дархост кардан меомад ва падарам ӯро бо худаш дар кабинет менишонд, вале дар миёни мо дар сари дастархон ӯро намеоварданд. Тамаллуқ ва тамаъкории ӯ бо як хел хушфеълӣ ва хӯгирифтагӣ ба хонадони мо чунон пайваст буд, ки ҳама гӯё дилбастагии ӯро нисбат ба ҳамаи мо як арзандагии бузурги ӯ мешумурданд, вале ман, аз чӣ сабаб бошад, ки ӯро дӯст намедоштам ва ҳангоме ки ӯ ҳарф мезад, дар ҷои ӯ ман шарм мекардам.

Ман аз омадани ин меҳмонҳо бисьёр норозӣ будам ва ин норизоии худамро намехостам пинҳон дорам. Ба Илинька ман чунон ба тарзи ҳавобаландона нигоҳ кардан одат кардаам ва ӯ низ чунон дар ин муомилот ба мо ҳақ додааст, ки ӯро низ мисли худам донишҷӯй дидан бар ман чанде ногувор меомад. Ба ман чунон меомад, ки худи ӯ низ аз ин баробарӣ бо ман қадаре шарм мекард. Ман онҳоро ба сардӣ пазируфтам ва мулоқот кардам, онҳоро ба нишастан даъват ҳам накардам, зеро инро ба худ айб медонистам ва чунон мешумурдам, ки бе даъват ҳам онҳо худашон ин корро метавонанд бикунанд ва фармудам, ки аробаро бубанданд. Илинька як ҷавони хушхулқ, бовиҷдон ва хеле боақл буд, вале аз он қабилҳо буд, ки бачаи зиёндор мегӯянд; аҳволи рӯҳияи ӯ муттасил тағьир меёфт ва ин ҳол дар ӯ гӯё бе ҳеҷ сабабу иллат рӯй медод: ё гирьёнчакӣ, ё серхандагӣ, ё аз барои ҳар як чизи беаҳамияте дилмондагӣ; ва акнун дар ин дам, чунон менамуд, ки дар ҳамин ҳолати рӯҳияи охирин буд. Ӯ ба ман чизе намегуфт ва ба падараш бо қаҳру ғазаб нигоҳ мекард ва танҳо ҳар гоҳе, ки ба ӯ хитоб менамуданд, зӯр ба зӯракӣ ва итоаткорона табассум мекард, ки дар паси он табассум акнун эҳсосоти ху-

дашро, хусусан дар пеши мо аз барои падараш шуда шарм доштанашро ба пинҳон доштан одат карда буд.

— Ҳамин тур аст, Николай Петрович,— мегуфт пирмард ба ман, ҳангоме ки ман либос мепӯшидам, аз ақиби ман гашта истода ва дар миёни ангуштони ғафсаш тамокудони нуқрагини модаркалонам ҳадя кардаро эҳтиромкорона оҳиста-оҳиста гардонда истода,— ҳамон дам ки ман аз писарам донистам, шумо бисьёр аъло имтиҳонро анҷом додед,— охир, соҳиби ақли расо будани шумо ки ба ҳама маълум аст,— дарҳол барои муборакбодӣ давидам, азизам; охир, ман шуморо дар рӯи китфҳоям бардошта гаштаам ва худо ҳозир асту медонад, ки ман ҳамаи шуморо мисли фарзандони худам дӯст медорам ва Илинькаи ман ҳам дархост мекард, ки ба хидмати шумоён биёяд. Ӯ низ ба шумо одат кардааст.

Илинька дар ин ҳангом сокитона дар пеши тиреза нишаста гӯё кулоҳи сегӯшаи маро тамошо мекард ва оҳиста чизе дар зери лаб бадқаҳрона ғур-ғуркунон гуфт.

— Хӯш, ман мехостам аз шумо бипурсам, Николай Петрович,— гӯён давом намуд пирмард,— Илюшаи ман чи тур имтиҳон дод? Ӯ мегуфт, ки бо шумо ҳамроҳ хоҳад буд, акнун ҳар чи бошад ҳам, шумо аз ӯ хабардорӣ кунед, ӯро аз назар наяндозед, маслиҳат бидиҳед.

— Ҳа, ӯ бисьёр хуб имтиҳон дод,— гуфтам ман ба Илинька нигоҳ карда ва ӯ нигоҳи маро ба сӯи худаш ҳис карда сурх шуд ва аз лабҷунбонӣ боз истод.

— Оё мумкин аст, ки ӯ ҳамин як рӯзак бо шумо бошад? — гуфт пирмард бо як табассуми беҷуръатонае, ки гӯё ӯ аз ман бисьёр метарсида бошад ва ҳар қадар, ки ман меҷунбидам, ӯ дар чунон масофаи наздике дар гирду пеши ман мегашт, ки бӯи тамоку ва шароб аз ӯ ҳамеша ба ман омада меистод, зеро онҷунон бо ин бӯй мағз-мағзи ӯ пур шуда буд. Ман дар қаҳр будам, ки ӯ маро дар як вазъияти риёкоронае нисбат ба писараш гузошта буд ва аз он ҷиҳат, ки диққати маро аз чунон кори дар он ваҳла барои ман муҳимме, ки иборат аз либоспӯшӣ буд, боз медошт, ва хусусан ин бӯи мутааффин, ки маро таъқиб менамуд,

чунон маро мушавваш карда буд, ки ман ба ӯ бисьёр бо сардӣ ғуфтам: ман бо Илинька наметавонам бошам, зеро тамоми рӯз ман дар хона нахоҳам буд.

— Шумо мехостед ба назди хоҳаратон биравед, охир, падарҷон, — ғуфт Илинька табассумкунон ва ба ман нигоҳ накарда, — ман ҳам кор дорам. — Боз бештар кайфам парид ва шарм доштам ва барои он, ки таъсири ин маъзарати худамро барҳам диҳам ва сабуктар кунам, шитоб намудам бо хабари он, ки ман дар хона наметавонам бошам, зеро бояд ба ҳузури *князь* Иван Иваныч биравам, *князьхоним* Корнаковаро рафта бубинам ва ба хонаи Ивин — ҳамон касе, ки акнун як мақоми муҳимме ишғол менамояд, биравам ва эҳтимол дар хонаи *князьхоним* Нехлюдова наҳорӣ бихӯрам. Ба ман чунин меомад, чун онҳо шунаванд, ки ман назди чи гуна одамони бузург рафтаниам, аз ман даст хоҳанд кашид. Ҳангоме ки онҳо баромада рафтанӣ шуданд, ман Илинькаро даъват намудам, ки вақти дигаре биёяд; вале Илинька чизе зери лаб ғуррид ва таабссуми зӯрбазӯракӣ кард. Маълум буд, ки аз ин пас ӯ ба хонаи ман қадамашро нахоҳад гузошт.

Дар паи онҳо ман ба зиёратҳо рафтам. Володяро, ки ман ҳанӯз пагоҳонӣ хоҳиш намуда будам бо ҳам биравем, то ки барои ман ба танҳоӣ рафтан он қадар ҳам носозвор набошад, ба баҳонаи ин, ки дар як *аробача* бо ҳам рафтани ду *бародар* ба назарҳо аз ҳад зиёд ҳиссиётпарварона хоҳад намуд, таклифи маро рад намуд.

Боби XVIII

ВАЛАХИНҲО

Ҳамин тур ман танҳо раҳсипор гаштам. Аввал ман дар ҳузури Валахина, ки дар ҳамин музофот дар мавзеи Сивцев Вражек буд, рафтам. Ман акнун се сол мешуд, ки Сонечкаро надида будам, ва маълум аст, ки муҳаббат ва ишқи ман нисбат ба ӯ акнун кайҳо даргузар шуда буд, вале дар дили ман ҳанӯз хотироти

пуртаъсири тару тозаи муҳаббати бачагонаи сипаришуда боқӣ мондааст. Ман дар ин муддати се сол гоҳе ӯро бо чунон сӯзу гудоз ва сароҳат ёдоварӣ кардаам, ки сиришк аз дидагон рехтаам ва ба ҳоле омадаам, ки аз тоза ба ӯ дилдода бошам, аммо ин ҳол бештар аз чанд дақиқае давом нанамудааст ва зуд-зуд ҳам боз ба ман барнагаштааст.

Ман медонистам, ки Сонечка бо модараш ба хориҷа рафта буд ва дар он ҷо тақрибан ду сол гузаронда буданд ва мегуфтанд, ки дар он ҷоҳо аробаи онҳо афтода будааст ва шишаи шикастаи он рӯи Сонечкаро аз ду-се ҷо бурида ва харошида будааст, ки аз ин боис гӯё ӯ акнун бисьёр баднамо шуда будааст. Ман дар муддати роҳ ҳамон Сонечкаи қадимиро баръало ба ёд меовардам ва меандешидам, ки акнун ман ба чи ҳоле ӯро дучор хоҳам кард. Дар натиҷаи он ки муддати ду сол ӯ дар хориҷа будааст, ман намедонам аз чи сабаб бошад, чунин тасаввур менамудам, ки ӯ бояд бисьёр баландқомат, бо камари зебо, ҷиддӣ ва бовиқор, вале бисьёр дилписанд шуда бошад. Тасаввуроти ман ӯро бо чеҳраи аз ҷароҳат ва харошҳо безебшуда наметавонист пеши назар орад; ман аз ҷое дар бораи ошиқи дилдодае, ки пас аз баднамо шудани маъшуқааш дар натиҷаи доғи нағзак боз ба ӯ вафодор монда будааст, шунида будам, барои ҳамин кӯшиш мекардам, биандешам, ки Сонечкаро дӯст медорам, то ки бо ин рафтори худ нисбат ба ӯ арзише пайдо карда бошам, ки бо вуҷуди харош ва ҷароҳатҳо вафодор мондаам. Умуман, ҳангоме ки ман ба хонаи Валахинҳо наздик мешудам, албатта ошиқ набудам, вале китоби хотироти ишқу муҳаббати қадимаро варақ зада ба ишқбозӣ хуб тайёр ва омода шуда будам ва бисьёр дилам мехост, ки ҳамин тур шавад; хусусан, ки акнун кайҳо боз дар пеши ҳамаи дӯстҳои ошиқ ва маъшуқ шудаи худ ман аз барои ин, ки аз онҳо пас монда будам, шарм медоштам.

Валахинҳо дар хонаи чӯбкории мӯъҷази тозекаке мезистанд, ки даромадгоҳи он аз даруни ҳавлӣ буд. Дарвозаро ба овози зангӯлача, ки дар он рӯзҳо дар Москва ҳанӯз хеле камьёб буд, як бачаи хурдтараки либоси тоза пушидагӣ боз кард. Ӯ ба ман наметаво-

нист ё намехост бигӯяд, ки соҳибони хона дар манзиланд ё не, ва маро дар даҳлези торике танҳо гузошта худаш ба як раҳрави боз ҳам ториктаре давида рафт.

Ман як фурсати дуру дарозе дар ҳамин хонаи тангу торик мондам, ки дар он ғайр аз дари даромад ва роҳрав боз як дари бастае ҳам буд ва ман дар он ҷо нишаста қисман ба торикии ин хона мутаҳайир мешудам ва қисман боз гумон мекардам, ки хонаи касоне, ки дар хориҷа рафта меоянд, бояд ҳамин тур бошад. Пас аз як панҷ дақиқае, дар аз тарафи зал ба воситаи ҳамон бача кушода шуд ва ӯ маро ба меҳмонхонаи покизае, ки он қадар бошукӯҳ набуд, бурд ва ба ҳамон хона паё паи ман Сонечка ҳам даромада омад.

Ӯ ҳафтдаҳ сол дошт, ӯ бисьёр лоғар ва ранги рӯи зардтоби беморона дошт ва қадаш хеле паст буд. Харошу тарош дар чеҳрааш ҳеҷ намудор набуд, вале чашмони барҷастаи бисьёр зебо ва лабханди хушҳолонаи ҷилодори хушмизоҷонааш ҳамон буд, ки ман дар хурдсолӣ дида ва дӯст дошта будам. Ман ӯро ҳеҷ дар ин шаклу шамоил интизор набудам ва аз он сабаб дарҳол он эҳсосотеро, ки дар роҳ мехостам ба ҳузураш тақдим намоям, натавонистам ба ӯ изҳор кунам. Ӯ дасташро ба сӯи ман ба тарзи одоби англисҳо дароз кард, ки ин равиш ҳам мисли зангӯла овехтан дар дарвозаҳо, дар он замон камьёб буд, дасти маро самимона фишурд ва маро дар наздики худаш ба рӯи диван нишонд.

— Оҳ, ман чи қадар хурсанд шудам аз ин, ки шуморо дидам, азизам Nicolas,— гуфт ӯ бо хурсандии чунон самимона ба рӯи ман нигоҳкунон, ки дар ҷумлаи «азизам Nicolas» як оҳанги дӯстона, на ҳимоятгарона ҳис кардам. Ӯ ба рағми ҳайрат ва тааҷҷуби ман, пас аз он ки ба хориҷа рафта омадааст, дар муомилоташ боз ҳам содатар, хушрафтортар ва аз пештара дида хешовандонатар шудааст. Ман ду асари хароше наздики бинӣ ва дар болои абрувонаш пай бурдам, вале чашмони афсункор ва лабхандҳо ҳамон буд, ки ман дар хотир доштам, ва ба ҳамон тарзи қадим медурахшид.

— Шумо чӣ қадар дигар шудаед! — гуфт ӯ.— Тамоман калон шуда мондед. Хайр, ман чӣ тур шудаам?

— Оҳ, ман шуморо ҳеҷ шинохтан наметавонистам,— ҷавоб гуфтам ман, ҳарчанд худам дар ҳамин лаҳза меандешидам, ки ман ҳамеша ӯро шинохтан метавонистам. Ман боз худамро дар ҳамон ҳолати хушу хуррами форигболӣ ҳис мекардам, ки панҷ сол аз ин пеш бо ӯ дар базми модаркалон рақси гросфатерро иҷро карда будам.

— Чӣ мегӯед, ман бисьёр баднамо шудаам? — гӯён пурсид ӯ сарашро афшонда.

— Не ҳеҷ ин тур нест; андак қад кашидаед, бузургтар шудаед,— гӯён шитоб кардам ман ба ҷавоб гуфтан,— балки баръакс... ва ҳатто...

— Хайр, ҳар чи бошад ҳам майлаш,— он бозию рақсҳое, ки мекардем, ба ёд доред? St.-Jérôme, madame Dorat? (Ман ҳеҷ як madame Dorat-ро ба хотир оварда наметавонистам; ӯ зоҳиран бо лаззату нашъаи хотироти бачагона саргарм шуда, ҳамаашро баҳам омехта буд.) — Оҳ, чӣ замонҳои хубе буд,— гӯён давом намуд ӯ ва ҳамон табассум, балки беҳтар аз он, ки ман дар хотир доштам, намудор шуд ва пеши назарам ҳамон чашмон медурахшиданд. Дар он муддате, ки ӯ сухан мегуфт, ман фурсат ёфта будам, дар бораи вазъияте, ки ман алъон доштам, биандешам ва дар дили худам қарор додам, ки ман мафтуни ӯ ҳастам. Ҳамон лаҳзае, ки ман ба чунин ҳукм омадам, он ҳолати рӯҳияи форигболонаи бахтьёронаи ман тум шуд ва як пардаи меғи тирае ҳамаро фаро гирифт,— ҳатто чашмон ва табассуми ӯро низ пӯшонд ва дар ман, аз чӣ буд, ки шарму ҳаёе пайдо шуд, ман сурх шудам ва тавони гуфторро аз даст додам.

— Акнун замонҳо дигар аст,— гӯён давом намуд ӯ оҳе кашида ва абрувонашро каме боло бардошта,— ҳама аз пештар хеле бадтар шудааст ва моён низ бадтар шудаем, ҳамин тур нест, Nicolas?

Ман ба ӯ ҷавоб дода наметавонистам ва ба рӯяш сокитона нигоҳ мекардам.

— Акнун ҳамаи он Ивинҳо, Корнаковҳо дар куҷоанд? Дар ёд доред? — гӯён давом менамуд ӯ дар ҳолате, ки як дараҷа кунҷковона ба рӯи сурхшуда ва

тарсидаи ман назар меафганд.— Чи замонҳои хубе буд!

Боз ҳам ман натавонистам ҷавобе бигӯям.

Аз ин вазъияти мушкил, муваққатан ҳам бошад, омадани Валахинаи пиразан маро наҷот дод. Ман аз ҷо бархостам, таъзим намудам ва боз аз сари нав ёрои сухан гуфтан ба ман пайдо шуд; аммо ба ҷои он бо омадани модараш дар Сонечка як тағьирот ва дигаргунии аҷибе рӯй дод. Ҳамаи хушҳолӣ ва хешовандигарии ӯ якбора гум шуд, ҳатто лабхандаш ҳам ранги дигар гирифт ва ногаҳон, қадду қомати ӯ мустасно, ҳамон як хонимдухтари аз хориҷа омадагӣ шуда монд, ки ман дар тасаввур ва хаёли худ ӯро ончунон медидам. Зоҳиран, аз барои ин ранг дигар шуда мондан ҳеҷ боисе дар миён набуд, зеро модараш ҳамин тур, ки буд, форам табассум мекард ва дар ҳамаи ҳаракат ва сукуноташ ҳамчунон ҳилм ва назокат намудор мешуд, ки дар қадим дошт. Валахина бар креслои бузург нишаста ба ман дар паҳлуи худаш ҷой нишон дод. Ба духтараш ӯ чизе ба забони англисӣ гуфт ва Сонечка дарҳол аз хона берун рафт, ки ин ба ман боз бештар сабукӣ овард. Валахина аз аҳволи хешовандон пурсучӯй кард, дар бораи падарам ва бародарам ҷӯё шуд ва пас аз он аз рӯзи сиёҳе, ки ба сараш омадааст, аз даст додани шавҳарашро ҳикоя кард ва оҳибат чун дид, ки акнун дигар бо ман мавзӯи гуфтанӣ намонд, ба сӯи ман сокитона нигоҳ кард, гӯё ки мегуфт: «Агар ту акнун аз ҷоят бархезӣ ва таъзиме кунию биравӣ, бисьёр кори хуб кардагӣ мешавӣ, азизи ман», вале дар ман аҷаб ҳолате рӯй дод. Сонечка бо кори дастдӯзии худаш даромада омад ва ба кунҷаки дигари хона чунон ҷой гирифта нишаст, ки ман назар афгандани ӯро дар худам ҳис мекардам. Дар он фурсате, ки Валахина аз саргузашти пурмусибати худаш ҳикоя мекард, ба ёди ман омад, ки ман ҳақиқатан ошиқ шудаам ва чунон андешидам, ки эҳтимол модар низ инро пай бурда бошад, ва аз ин сабаб боз дар ман шармгинӣ рӯй дод ва ин ҳис чунон пурзӯр буд, ки ман маҷоли ба ҳоли табиӣ ҷунбондани ҳеҷ узверо дар худ намеёфтам. Ман

медонистам, барои он ки аз ҷоям бархезам ва биравам, бояд биандешам, ки поямро дар куҷо биниҳам ва сарамро чи тур нигоҳ дорам, дастамро чи кунам; хулоса, ман худамро чунон ҳис мекардам, ки дирӯз ҳангоми ним шиша шампански хӯрдан ҳис карда будам. Ман чунин пешбинӣ мекардам, ҳамаи ин амалиётро ба ҷо овардан аз дастам намеояд, бинобар он аз ҷоям бархоста *наметавонистам* ва дар ҳақиқат ҳам бархоста *наметавонистам.* Валахина зоҳиран ба рӯи ҳамчун моҳут сурхи ман нигоҳ карда ва аз ҷо наҷунбидани маро дида дар тааҷҷуб афтода буд; вале ман дар он қарор омадам, ки дар ҳамин вазъияти бемаъно нишастанам беҳтар аз он аст, ки ягон ҳаракати беҷое дар бархостан ва рафтан аз ман сар бизанад. Дар ҳамин ҳол ман хеле замоне нишаста мондам, дар умеди он, ки шояд як тасодуфи берун аз чашмдошт маро аз ин вазъият халосӣ бахшад. Ин мавқеи муносиб ба ҳамин восита ба даст омад, ки як марди ҷавони назарногир бо рафтори одами аз они худӣ ба хона даромад ва ба ман таъзими эҳтиромкоронае ба ҷо овард. Валахина аз ҷояш бархост ва узр овард, ки ӯро лозим аст бо homme d'affaires[1] гуфтугузор намояд ва ба ман нигоҳи ҳайратомезе кард, ки гӯё мегуфт: «агар шумо як қарн ва аср нишастанӣ бошед, ман шуморо аз ин хона пеш нахоҳам кард». Ман як навъ ба худ зӯр оварда аз ҷоям бархостам, вале дар ин ҳол дигар ёрои таъзим ба ҷо овардан дар ман намонда буд ва дар вакти баромадан, нигоҳи дилсӯзонаи модар ва духтар ки маро таъқиб менамуд, аз тарси он, ки мабодо пои ман ба қолине, ки дар зери по густурда буд, напечад ва дарнамонад, ба курсие пешипо хӯрдам, ки ҳеҷ дар сари роҳи ман наистода буд. Вале дар ҳавои тоза чанд бор китф афшондам ва чунон баланд овозе баровардам, ки ҳатто Кузьма чанд дафъа пурсид: «Чӣ фармудед», он гоҳ ин эҳсос аз ман дур шуд ва ман дар хусуси ишқу муҳаббати худам нисбат ба Сонечка ва дар бораи муносибати ӯ бо модараш, ки дар назари ман якдараҷа ҳайратангез намуда буд, оромона фикр кардан гирифтам. Баъдҳо ки ман дар ин

[1] гумошта

бора фикру мулоҳизаи худамро ба падарам ҳикоя кардам ва гуфтам, ки миёни духтару модар як навъ муносибати нохушоянде дида мешавад, ӯ гуфт:

— Оре, ӯ духтарашро бо сахтдастӣ ва бахилиаш азият мекунад ва бисьёр шоёни ҳайрат аст,— гӯён илова намуд бо ҳиссиёти пурзӯртар аз оне, ки нисбат ба хешованд доштан мумкин бошад.— Чӣ қадар зани меҳрубону нозанину хубе буд! Ман фаҳмида наметавонам, ки ӯ чаро ин қадар дигаргун шуда мондааст. Ту дар он ҷо як котибшавандаеро дучор нашудӣ? Ва ин чӣ кирдори аҷибест барои хоними русе, ки ба худаш котиб нигоҳ дорад? — гуфт ӯ дар ҳолате, ки ғазаболудона аз ман дуртар мерафт.

— Дидам,— гуфтам ман.

— Чӣ тур ӯ, ҳеҷ набошад, хушандом аст?

— Не, ҳеҷ хушсурат нест.

— Ҳеҷ намефаҳмам,— гуфт падарам ва бадқаҳрона китфашро боло кашид ва сурфа кард.

«Инак ман ошиқ шудаам»,— гӯён меандешидам ман, вақте ки дар ароба равона будам.

Боби XIX

КОРНАКОВҲО

Акнун ман бояд дар болои роҳ ба назди Корнаковҳо мерафтам. Онҳо дар Арбат дар табақаи дуввуми хонаи калоне мезистанд. Зинапоя бисьёр бошукӯҳ ва покиза бошад ҳам, он қадар ороста набуд. Дар ҳама ҷо пойандозҳои раҳ-раҳ бо симҳои гафси мисини бисьёр тоза карда шудагӣ часпондагӣ буд, вале на гулу на оинае вуҷуд надошт. Зале, ки фаршаш мусаффо ва ҷилодор буд, ва ман аз он гузашта ба меҳмонхона даромадам, ҳамчунон бисьёр озода, бо диққат ва бо сардӣ оро дода шуда буд, ҳама чиз медурахшид, ва ончунон ба назар меомад, ки бисьёр маҳкам сохта шудааст, гарчи чандон нав набуд, аммо ҳеҷ туна лавҳаю сурате, пардае, ҳеҷ гуна асбоби ороиш дар ҳеҷ ҷо дида намешуд. Чанд нафар князьдухтар дар меҳмонхона нишаста буданд. Онҳо чунон боадабона ва бе ҳеҷ

машғулияте нишаста буданд, ки зуд пай бурда мешуд, агар дар хона меҳмон намебуд, ин тур наменишастанд.

— Модарам ҳозир мебиёянд,— гуфт бузургтарини онҳо ба ман наздиктар нишаста. Як чорьяк соате ин князьдухтар маро чунон озодона ва устодона бо гап саргарм кард, ки як нафас ҳам риштаи сухан бурида нашуд. Вале бисьёр ҳам ошкоро мушоҳида мешуд, ки ӯ маро машғул доштанист ва аз ин боис ӯ ба ман хуш наёмад. Ӯ дар миёни сухан ба ман ҳикоя кард, ки бародарашон Степан, ки ӯро онҳо *Этьен* меномиданд ва ӯро як-ду сол пештар ба Мактаби юнкерҳо супурда буданд, акнун ба мақоми офицерӣ бардошта шудааст. Ҳангоме ки ӯ дар бораи бародараш ҳарф мезад ва хусусан ҳангоме ки берозигии модарашон ба сафи гусарҳо дохил шудани ӯро мегуфт, ин духтарак ба чеҳрааш қиёфати тарсу ваҳме гирифт ва ҳамаи князьдухтаракони ҷавоне, ки дар он ҷо хомӯш нишаста буданд, низ ҳамин қиёфатро ба худ мегирифтанд; ҳангоме ки ӯ дар бораи вафоти модаркалон ҳарф мезад, ӯ чеҳраи худро андӯҳгин месохт ва ҳамаи князьдухтаракони хурдӣ низ ҳамон корро карданд; ҳангоме ки ӯ ба ёд меовард, чи тур ман St.-Jérôme-ро зада будам ва маро аз миёни базм берун бурданд, ӯ ханда кард ва дандонҳои кирмхӯрдаашро нишон дод ва ҳамаи духтаракон низ хандиданд ва дандонҳои кирмхӯрдаашонро нишон доданд.

Худи князьхоним даромада омад; ҳамон зани хурдакак ва қоқ бо чашмони даванда ва бо ҳамон одати дар вақти бо шумо сухан гуфтан, ба касони дигар нитоҳ кардан. Ӯ аз дасти ман гирифт ва дасти худашро бардошта ба лабони ман наздик овард, то ки ман онро бибӯсам, вагарна ман инро шояд зарур надониста ба ҷо наёварам буд.

— Ман чи қадар аз дидани шумо хурсанд шудам,— гуфт ӯ бо ҳамон одати пургӯии худаш, ба духтаронаш назаре афканда.— Оҳ, ӯ чи қадар ба модараш монанд аст. Дуруст нест, Lise?

Lise гуфт, ки дуруст аст, ҳар чанд ман яқинан медонам, ки дар ман ҳеҷ монандӣ бо бибиҷонам нест.

— Инак бинед, шумо акнун чи тур, калон ҳам шуда мондед! Этьени ман ҳам, шумо ки дар хотир до-

ред, ӯ ба шумо хеш, амакбача мешавад... не, амакбача не, чӣ мешавад, Lise? модарам Варвара Дмитриевна, духтари Дмитрий Николаевич мешавад, модаркалони шумо бошад Наталья Николаевна аст.

— Ин тур бошад, инҳо набераҳои ду амакбача мешаванд, модарҷон, — гуфт духтари калони князьхоним.

— Эҳ, ту ҳамаашро ғалат карда истодай,— бадқаҳрона ба ӯ фарьёд зада гуфт модараш,— ҳеҷ амакбачазода не, балки issus de germains [1],— инак шумо бо Этьенҷони ман ҳамин тур бародар мебошед. Ӯ акнун офицер аст, медонед? Фақат ҳамин қадараш чандон хуб нест, ки ӯ акнун сарви озод аст. Шумо навҷавононро бояд дар даст дошт, ва боз чи маҳкам!.. Шумо аз ман ба ғазаб наёед, аз холаи пиратон, ман ростащро мегӯям; ман Этьенро сахт нигоҳдорӣ мекардам, боварӣ дорам, ки ҳамин тур нигоҳдорӣ кардан ҳам даркор аст.

— Ҳа, дидед, мо чи тур бо ҳамдигар хешовандем, — гӯён давом намуд ӯ: — князь Иван Иваныч тағоии зоидаи ман ва ба модари шумо низ тағой буд, маълум мешавад, ки мо бо модари шумо холабача будаем, не холабачазода, ҳа ҳамин тур, хайр, шумо ба ман бигӯед, шумо дар хонаи *князь* Иван рафта будед, дӯстам?

Ман гуфтам, ки ҳанӯз нарафтаам, вале ҳамин рӯз хоҳам рафт.

— Оҳ, магар ин равост! — гуфт ӯ бо ҳаяҷон.— Шумо бояд нахустин он касро зиёрат мекардед. Охир, шумо медонед, ки *князь* Иван ба шумо мисли падар мешавад. Ӯ фарзанд надорад. Аз ин бармеояд, ки ворисони ӯ фақат шумо ҳастеду фарзандони ман. Шумо бояд ӯро эҳтиром намоед, ҳам аз ҷиҳати синну сол, ҳам аз ҷиҳати ҷоҳу мансаб ва ҳам аз ҳар ҷиҳат. Ман медонам, шумо ҷавонони ин замона акнун ба хешовандӣ эътибор намекунед ва куҳансолонро дӯст намедоред; вале шумо ба гапи ман гӯш диҳед, ба ин холаи пири худатон, зеро ман шуморо дӯст медорам,

---

[1] касоне, ки бобоҳояшон ба якдигар амакбача бошанд

модари шуморо низ дӯст медоштам ва модаркалони шуморо низ бисьёр, бисьёр дӯст медоштам ва эҳтиром мекардам. Не, шумо албатта он ҷо биравед, албатта биравед.

Ман гуфтам, ки албатта ба он ҷо хоҳам рафт ва чун акнун муддати зиёрати ман, ба фикрам, ба қадри кифоя тӯл кашида буд, ман аз ҷой бархостам, ки биравам, аммо ӯ маро нигоҳ дошт.

— Не, як дақиқа сабр кунед. Падари шумо куҷост, Lise? ӯро ин ҷо садо кунед. Ӯ аз дидани шумо бисьёр хурсанд хоҳад шуд, — тӯён ба ман рӯй оварда давом намуд ӯ.

Баъд аз як-ду дақиқае, дар ҳақиқат князь Михайло даромада омад. Ин як марди на он қадар қоматбаланд, вале чорпаҳлу буд, ки хеле дилнокаш либос пӯшида буд, рӯяш нотарошидагӣ ва дар чеҳрааш як навъ адои бепарвоёнае дошт, ки ҳатто ба назар беақл менамуд. Ӯ аз дидани ман ҳеҷ хурсанд набуд, дар ҳар сурат хурсандии худро изҳор накард. Вале князьхоним, ки гӯё шавҳараш аз ӯ метарсид, ба вай гуфт:

— Магар дуруст нест, ки Вольдемар (ӯ гӯё номи маро фаромӯш карда буд) ба модараш шабоҳат дорад? — ва бо чашмонаш чунон ҳаракате ба ҷо оварад, ки князь эҳтимол аз он пай бурда бошад, ки ӯ чӣ мехоҳад, ба ман наздик омада бехоҳиш ва ҳатто норизомандона рӯи нотарошидаи худашро ба ман дароз кард, ки ман боист онро бӯса мезадам.

— Ту ҳанӯз либосатро дар бар накардаӣ, ҳол он ки ба ту рафтан лозим аст,— ҳамон лаҳза баъд аз ин князьхоним бо чунон шиддату қаҳр ба ӯ гап зад, ки эҳтимол ин маром ва одати ӯ бошад дар муомила бо аҳли хонааш: — боз мехоҳӣ, ки аз ту дар қаҳр шаванд, боз мехоҳӣ, ки дигаронро ба муқобили худ барангезонӣ.

— Алъон, алъон, модарҷон, — гуфт князь Михайло ва аз хона баромад. Ман ҳам таъзим кардам ва баромадам.

Ман дафъаи нахустин буд, ки мешунидам, мо вориси князь Иван Иваныч мебошем, ва ин хабар ба ман таъсири ногуворе кард.

Боби XX

ИВИНҲО

Ба ман андешидан аз он зиёрате, ки боист мекардам, боз гаронтар шуд. Вале пеш аз он ки ба ҳузури князь биравам, боист дар роҳ ба хонаи Ивинҳо сар халонам. Онҳо дар Тверская дар хонаи бисьёр калони зебое мезистанд. Ман ба даромадгоҳе, ки дарбоне гурз дар даст назди он истода буд, на бе ваҳму тарсе дохил шудам.

Ман аз ӯ пурсидам — дар хонаанд?

— Шумо киро мехоҳед? Писари генерал дар хона мебошад,— гуфт дарбон ба ман.

— Худи генерал чӣ? — пурсидам ман ҷасурона.

— Бояд гузориш дод. Чӣ мефармоед? — гуфт дарбон ва занг зад. Пои пешхидмат дар попӯшҳои бандакдор дар дами зинапоя намудор гашт. Ман намедонам аз чи бошад, чунон ба воҳима афтодам, ки ба пешхидмат гуфтам, ба генерал гузориш надиҳад ва ман пеш аз дидани генерал аввал назди писари генерал медароям. Ҳангоме ки ман бо он зинапояи васеи калон боло мерафтам, ба ман чунон намуд, ки ман бисьёр хурд шудаам (ин на дар маънои маҷозӣ, балки дар ҳақиқат чунин буд). Ҳангоме ки аробаи ман ба даромадгоҳи бузург наздик расида буд, ҳамон ранг эҳсос низ дар ман рӯй дода буд: ба ман чунин омад, ки ҳам ароба, ҳам аробакаш, ҳам асп — ҳамааш хурд шуда монданд. Ҳангоме ки ман ба хонаи писари генерал даромадам, ӯ дар рӯи диван дароз кашида, дар пешаш китобе кушода дошт ва хобаш бурда буд. Мураббии ӯ ҷ. Фрост, ки ҳанӯз дар хонаи онҳо монда буд, аз паи ман бо рафтори шермардонаи худ даромад ва шогирдашро бедор кард. Ивин аз дидани ман он қадар хушҳолӣ изҳор накард ва ман дидам, ки ӯ бо ман гап зада истода ба абрувони ман нигоҳ мекунад. Ҳар чанд ӯ бисьёр боназокат буд, вале ба ман чунон омад, ки ӯ низ монанди князьдухтар фақат барои маро машғул доштан гап мезанаду бас, ва ба ман ҳеҷ ранге майли хотир надошт ва ба шиносой ва ошноии ман дар ӯ ҳеҷ эҳтиёҷ набуд, зеро, эҳтимол ӯ ошно ва ёру дӯстони

дигаре дошта бошад. Ҳамаи инро ман бештар аз он сабаб пай бурдам ва фаҳмидам, ки ӯ ба абрувони ман нигоҳ мекард. Хулоса, муносибат ва муомилаи ӯ бо ман, ҳарчанд ба ин эътироф намудан барои ман ногувор аст, он чунон буд, ки муносибат ва муомилаи ман бо Илинька. Ман ба ҳолати рӯҳияи асабоният омада истода будам, ҳар нигоҳи ӯро дар айни вақти парвозаш дошта мегирифтам ва ҳангоме ки нигоҳи ӯ бо нигоҳи Фрост бармехӯрд, ба он чунин маънӣ медодам: «Ӯ аз чӣ боис ба хонаи мо омад?»

Андаке бо ман гапзанон карда, Ивин гуфт, ки падару модари ӯ дар хонаанд; пурсид ки магар ман майл надорам, ҳамроҳи ӯ ба дидори онҳо биравам.

— Ҳозир ман либосамро мепӯшам,— гӯён илова кард ӯ, ҳангоме ки ба дигар хона мебаромад, ҳарчанд дар хонаи худаш ҳам ӯ либоси хуб дар бар дошт: сюртуки наву жилети сафед пӯшида буд. Пас аз чанд дақиқае ӯ мундир пӯшида, ҳамаи тугмаҳояшро гузаронда омад ва мо ҳамроҳ ба поён фуромадем. Меҳмонхонаҳои қаторе, ки мо аз онҳо гузаштем, ҳамагӣ бисьёр бузург, баланд ва гӯё хеле бошукӯҳона ороста шуда буданд ва дар он ҷо чизҳое буд аз мармар, аз тилло бо дока печондашуда ва оинадор. Ивина бо мо дар як вақт аз дари дигар ба хонаи хурдтараки дар ақиби меҳмонхона будагӣ даромад. Ӯ маро бисьёр дӯстона ва хешовандона пазируфт, дар паҳлӯи худ нишонд ва бо меҳрубонӣ аз аҳволи ҳамаи хонадони мо пурсупос кард.

Ивинаро, ки ман аз ин пештар як-ду дафъа як назар дида будам, ва акнун ӯро бо диққат мулоҳиза намудам, бисьёр ба ман хуш омад. Ӯ қоматбаланд, лоғар, бисьёр сафед буд ва доимо андӯҳгин ва беқувват менамуд. Лабханди ӯ ғамгинона, вале бе андоза меҳрубонона буд; чашмонаш калон, малул ва андак кашидагӣ дошт, ки ба ӯ як адои боз бештар ғамангез ва дилкаше медод. Ӯ на ин ки пушташро хам карда менишаст, балки бо ҳамаи вуҷудаш фурӯнишастагӣ буд ва ҳамаи ҳаракатҳояш суқуткунанда буд. Ӯ суст ва ланҷона ҳарф мезад, вале садои овозаш ва тарзи адои норавшани ҳарфҳои *р* ва *л* бисьёр форам меомад. Ӯ маро машғул намедошт. Он ҷавобҳое, ки ман аз аҳ-

воли хешовандони худам мегуфтам, эҳтимол дар дили ӯ ҳаваси андӯҳовареро бедор мекарда бошанд, ӯ гӯё ба ман гӯш андохта, рӯзгори хуби гузаштаро ба ёд меовард. Писари ӯ ба куҷое баромад, ӯ як-ду дақиқае ба ман нигоҳ кард ва ногаҳон гирья карда сар дод. Ман дар пеши ӯ нишаста будам ва ҳеҷ намедонистам, ки ба ӯ чӣ бигӯям ва чӣ кунам. Ӯ ба ман нигоҳ накарда ба гиристан давом намуд. Нахуст дили ман ба ҳоли ӯ сӯхт ва пас аз он ман чунин фикр кардам: «Магар ӯро тасаллӣ ва дилбардорӣ кардан лозим набуда бошад, ва инро чӣ тур бояд кард?», ва, дар охир, аз ин ки ӯ маро дар чунин ҳолати ногуворе андохт, қаҳрам омад. «Магар ман ин қадар қиёфати асафангезе дорам? — гӯён меандешидам ман,— ё ки магар ӯ ин ҳаракатро қасдан мекунад то ки бидонад, ман ба ӯ чӣ гуна рафтор хоҳам кард?»

«Рафтан акнун дар ин вазъият нобаҷост,— гӯё ман аз сиришку гирьяи ӯ мегурехта бошам»,— гӯён ба андешидан давом намудам. Ман дар рӯи курсӣ ба сӯе худамро гардондам, то ки аз ҳузури худам ва дар ин ҷо буданам ӯро хабардор намоям.

— Оҳ, ман чӣ қадар беақлам! — гуфт ба ман як назаре афканда ва табассум карданӣ шуда: — гоҳе рӯзҳое мешавад, ки бе ҳеҷ иллате гирья мекунӣ.

Ӯ дар рӯи диван дар наздики худаш рӯймолчаашро ҷустуҷӯ кардан гирифт ва ногаҳон боз шиддатноктар гирья карда сар дод.

— Оҳ худоё! ин чи қадар хандаовар аст, ки ман ин қадар гирья мекунам. Ман модари шуморо чунон дӯст медоштам, мо чунон дӯст... будем, ки... ва...

Ӯ рӯймолчаашро ёфт, рӯяшро бо он пӯшонд ва гирья кардан гирифт. Боз ҳамон вазъияти носоз ва ногувор барои ман баргашта бисьёр дароз кашид. Аз ин ҳол қаҳри ман омада буд, ва боз бештар ба ҳоли ӯ дилам месӯхт. Оби дидаи ӯ самимона менамуд ва дар дили ман чунон мегузашт, ки ӯ на он қадар барои модари ман мегирист, балки ӯ аз он мегирист, ки акнун рӯзи худи ӯ на он қадар хуб мегузашт ва як вақте, он замонҳои гузашта хеле аз ин беҳтар буд. Намедонам ин ҳол боз чи қадар давом мекард, агар Ивини хурдӣ ба хона намедаромад ва намегуфт, ки Ивини

пирмард ӯро талаб мекунад. Ӯ аз ҷой бархост ва акнун мехост биравад, ки худи Ивин даромада омад. Ин мардаки хурд ва маҳками мӯйсафед бо абрувони сермӯи сиёҳ, бо мӯйсари тамоман сафеди кӯтоҳ бурида шуда буд ва даҳонаш адои ҷиддӣ ва сахте дошт.

Ман бархостам ва таъзим кардам, вале Ивин, ки дар синаи фраки сабзаш се нишони ситора дошт, натанҳо ба таъзим ва саломи ман ҷавоб надод, ҳатто ба ман қариб нигоҳе ҳам накард, ва ман ногаҳон чунон ҳис кардам, ки ман одам нестам ва чизе ҳастам, ки ба диққат ва эътибор ҳеҷ арзиш надорам — монанди курсӣ, тиреза ё ки, агар одам ҳам бошам, ҳамон қабил одаме мебошам, ки аз курсӣ ё тиреза фарқе надорам.

— Шумо ҳанӯз ба графхоним чизе нанавиштед, меҳрубони ман,— гуфт ӯ ба занаш бо забони франсавӣ, бо адои хунсардона, вале қатъии чеҳра.

— Хуш бошед, monsieur Irteneff [1],— гуфт ба ман Ивина, ногаҳон сарашро мутакаббирона такон дода ва ҳамчунон ба тарзи писараш ба абрувони ман нигоҳ карда. Ман боз як дафъа ба ӯ ва ба шавҳараш таъзим кардам ва боз ҳам таъзими ман ба Ивини пир ҳамон тур таъсир кард, ки даричаро боз кардан ё бастан мекарда бошад. Вале донишҷӯй Ивин маро то дарвоза гусел кард ва дар роҳ ба ман ҳикоя кард, ки ӯ ба дорулфununи Петербург мегузарад, чун ки падараш дар он ҷо мансаберо соҳиб шудааст, (ӯ ба ман номи кадом як мансаби бисьёр калонро гирифт).

«Хайр, акнун падарам чизе ки хоҳад, вале, қадами ман дигар дар ин ҷо ҳеҷ гоҳ нахоҳад расид,— зери лаб гуфтам ман худ ба худам, он ҳангоме ки ба ароба менишастам,— ин гирьёнчак ба ман нигоҳ карда гирья мекунад, гӯё ки ман як бадбахте бошам, Ивини хук бошад, ҳеҷ алек намегирад; ман ба ӯ нишон хоҳам дод...» Ман чи ранг ба ӯ нишон хоҳам дод, худам ҳеҷ намедонистам, вале ин сухан ҳамин тур дар омади гап гуфта шуда буд.

Баъдҳо, дафъаҳои бисьёр ба ман насиҳати падарро гӯш додан лозим буд, ки мегуфт: ин шиносоиро «ри-

[1] ҷаноби Иртеньев,

воҷ додан» лозим аст, ту ҳақ надорӣ аз Ивин барин марде, ки чунин мақомро дорост, талаб намой, ки бо ту барин бачае сару кор дошта бошад; вале ман хеле муддати дуру дарозе ба гапи худ истодам.

Боби XXI

КНЯЗЬ ИВАН ИВАНЫЧ

«Хуб, акнун зиёрати охирин аст, дар Никитский», — гуфтам ман ба Кузьма ва мо аробаро ба сӯи хонаи князь Иван Иваныч давондем.

Чанд зиёрат ва мулоқотро аз сар гузаронда, ман дар худ одатан худбоварӣ пайдо мекардам ва акнун гӯё ба хонаи князь бо рӯҳи ором наздик шуда истода будам, ки ногаҳон сухани князьхоним Корнакова ба хотирам омад, ки гӯё ман ворис будаам; ба гайр аз он дар дами даромад ду аробаро дидам ва тарсу ваҳми пештара маро фаро гирифт.

Дар дили ман чунин ҳиссе пайдо шуд, ки ҳам дарбоне, ки дарро ба рӯи ман боз кард, ҳам пешхидмате, ки аз китфи ман шинельро гирифт ва се хониму ду ҷанобоне, ки дар меҳмонхона дидам, хусусан худи Иван Иваныч, ки ба рӯи диван бо сюртуки ғайриҳарбӣ дар тан нишаста буд, ҳама ба ман чун ба ворис, ва аз ҳамин ҷиҳат ба назарам меомад, ки ҳамаи онҳо ба ман бо назари нохайрхоҳона нигоҳ мекарда бошанд. Князь бо ман бисьёр навозишкор буд, маро бӯса кард, яъне дар муддати як сония ба рухсораи ман лабони сарди хушки нармии худашро ниҳод, аз машғулиятҳои ман, аз нақшаҳои оянда пурсу ҷӯ карда ба ман ҳазлу шӯхӣ кард, пурсид, ки ман ҳоло ҳам шеър менависам ё не, чунон ки дар ҷашни солонаи модаркалон навишта будам, ва гуфт, ки имрӯз ман ба наҳорӣ хӯрдан назди ӯ биёям. Вале ҳар чи қадар ки ӯ ба ман меҳрубонӣ ва навозиш мекард, ҳамон қадар бештар ба ман чунон менамуд, ки ӯ маро навозиш мекунад, фақат аз он ҷиҳат, ки намехоҳад нишон бидиҳад, ки ин ворис будани ман ба ӯ чи қадар ногувор аст. Аз дандонҳои сохта, ки даҳонашро пур карда буданд, ӯ одате пайдо карда буд, ки дар вақти чизе гуфтан лаби бо-

лояшро ба сӯи биниаш мебардошт ва як овози сабуки биниболокаширо мебароварда, гӯё ки ин лабро ба сӯрохи биниҳояш мекашида бошад, ва дар ин лаҳзае ки ӯ ин корро мекард, ба ман чунон менамуд, ки ӯ пеши худ мегуфт: «Бача, бача, бе ту ҳам ман медонам, ки ту ворис ҳастӣ, ворис» ва ғайра.

Ҳангоме ки мо бача будем, князь Иван Иванычро бобо мегуфтем, вале акнун дар сифати ворис, забони ман намегашт, ки ӯро «бобо» биномам; чунон ки яке аз ин ҷо будагиҳо мегуфт, ӯро «олимақом» номидан ба ман таҳқиромез менамуд ва аз ин ҷиҳат дар ҳамаи муддати мулоқот ман кӯшиш мекардам, ӯро бо ҳеҷ ном наномам. Лекин аз ҳама бештар он князьдухтари пире, ки дар он хона мезист ва ӯ низ ворис ба шумор мерафт, маро хиҷил мекард. Дар ҳамаи муддати хӯрдани наҳорӣ, ки он князьдухтар дар паҳлӯи ман менишаст ва бо ман гуфтугузор намекард, ман чунон мешумурдам, аз ҳамин боис аст, ки ман ҳам монанди ӯ вориси князь мебошам ва худи князь низ ба он сӯи миз, ки мо нишастаем, нигоҳ намекунад аз ҳамин ҷиҳат, ки мо — ман ва князьдухтар — ворис ҳастем ва аз ин рӯ ба назари ӯ нафратовар менамоем.

— Ҳа, ту бовар намекунӣ, ки чи тур барои ман ногувор буд,— гуфтам ман дар ҳамон рӯз бегоҳонӣ ба Дмитрий дар орзӯи худситоӣ дар назди ӯ ба он ҳисси нафрат, ки аз андешаи ворис буданам маро фаро гирифта буд (ба ман чунон меомад, ки ин ҳиссиёт бисьёр хуб аст),— ба ман имрӯз ин ду соате, ки дар хонаи князь будам, чи қадар ногувор буд. Ӯ бисьёр одами хубест ва нисбат ба ман навозишкор буд,— мегуфтам ман ва мехостам зимнан ба дӯстам бифаҳмонам, ки ҳамаи инҳоро на барои он мегӯям, ки дар ҳузури князь ман худамро ҳақир меёфтам,— аммо,— давом менамудам ман,— он андешае, ки метавонистанд ба ман ҳамчун ба он князьдухтар нигоҳ кунанд, ки дар хонаи ӯ истиқомат дорад ва дар ҳузури ӯ сифлагӣ мекунад, ин чи қадар андешаи даҳшатовар аст. Ӯ бисьёр пирмарди аҷоиб аст ва бо ҳама бисьёр меҳрубон ва боназокат рафтор мекунад, бо вуҷуди он чи тур ӯ ба ин князьдухтар *беилтифотӣ* мекунад, дидан

озорбахшаст. Ин пули манфур ҳамаи алоқаҳоро барбод мекунад!

— Медонӣ, ман чунон фикр мекунам, ки бисьёр хуб мешуд, агар равшан ва ошкоро бо князь гуфтугӯ кунам,— мегуфтам ман,— ба ӯ бигӯям, ки ман худи ӯро эҳтиром мекунам, вале дар бораи мироси ӯ намеандешам ва аз ӯ хоҳиш менамоям, ки чизе барои ман боқӣ нагузорад ва инро ҳам илова кунам, ки фақат бо ҳамин шароит ман метавонам ба хонаи ӯ рафту ой намоям.— Дмитрий аз он чизе, ки ман ба ӯ гуфтам, хандида нафиристод; баръакс, ӯ ба андеша фурӯ рафт ва пас аз чанд дақиқае хомӯшӣ ба ман гуфт:

— Медонӣ чӣ? Ту нодуруст мегӯй. Ё ки ту набояд ҳеҷ биандешӣ, ки дар ҳаққи ту ҳамчунон фикру рафторе мекунанд, ки бо кадом як князьдухтари шумо мекарда бошанд, ё ки, агар ту ин тур тахмин мекарда бошӣ, ин тахминатро давом бидеҳ, яъне дар он маъно, ки ту медонӣ, туро низ мисли ин князьдухтар мешуморанд, вале ин андешаҳо аз ту чунон дур аст, ки ту онҳоро писанд ҳам намекунӣ ва ба онҳо такья карда ҳеҷ амале пеш нахоҳӣ гирифт. Ту тахмин кун, ки онҳо чунин тахмин мекунанд, ки инро тахмин мекунӣ... вале, кӯтоҳ бигӯям,— илова намуд ӯ дар ҳолате, ки ҳис кард, дар муҳокимоти худаш сари риштаро гум карда истодааст,— беҳтар ин аст, ки ҳеҷ дар ин бора тахмин накунӣ.

Дӯстам тамоман дуруст мегуфт; фақат баъдҳо хеле дертар ман бо таҷрибаи ҳаёт ва зиндагонӣ ба ҳамин қаноат омадам, ки дар бораи бисьёр чизҳое, ки бо кас бисьёр олиҷанобона менамоянд, фикр кардан чи қадар зарарнок аст ва бештар аз он ба забон овардан ва гуфтани онҳо зарарноктар аст; ман қаноат ҳосил кардам, ки онҳоро ҳар кас абадӣ дар дил бояд аз ҳама пинҳон нигоҳ дорад ва инро ҳам баъдҳо донистам, ки бисьёр вақтҳо гуфтаҳои олиҷанобона бо аъмоли олиҷанобона камтар мувофиқат менамоянд. Ман ба ин фикр қаноат ҳосил кардаам: чун аз худи ҳамин як боис, ки он нияти хуб ба забон оварда шуд ва гуфта шуд, ба амал овардани он ният душвор, балки бисьёр мешавад, ки маҳол мегардад. Вале аз изҳор намудани ниятҳои олӣ ва худписандонаи айёми ҷавонӣ, ки дар

дил чӯш мезанад, чи тур метавон худро нигоҳ дошт? Фақат баъд аз ҳеле гузаштан онҳоро ба ёд меоварӣ ва аз онҳо ҳайфат меояд, мисли он ки ғунчаи гулеро, ки ҳанӯз нашукуфтааст, худдорӣ карда натавониста канда мегирӣ, ва дар ҳамон ҳоли ғунчагиаш онро дар рӯи замин пажмурда ва помол дида таассуф мекунӣ.

Ман ки алъон ба дӯстам Дмитрий гуфта будам, ки пул муносибати мардумонро бо якдигар вайрон мекунад, дар рӯзи дигар, дар вақте ки мехостем ба деҳа сафар кунем, чун дидам, ки ҳамаи пулҳоямро ба ҳар гуна суратҳо ва асбобҳои дудкашӣ харҷ карда будаам, аз ӯ биступанҷ сӯми коғаз, ки ӯ ба ман пешниҳод карда буд, барои масорифи роҳ гирифтам ва пас аз он бисьёр вақтҳо аз ӯ қарздор монда будам.

Боби XXII

ГУФТУГУЗОРИ САМИМОНА БО ДӮСТАМ

Гуфтугузори кунунии мо дар фойтун дар роҳи Кунцево воқеъ шуд. Дмитрий маслиҳат надод, ки ман пагоҳонӣ барои дидани модараш биравам, ва пас аз наҳорӣ омад, ки маро барои тамоми бегоҳонӣ ҳатто барои шабро он ҷо гузарондан ба бӯстонсарой, ки хонаводаи онҳо дар онҷо мезистанд, бибарад. Фақат ҳангоме ки мо аз шаҳр берун шудем ва кӯчаҳои лойолуди ранго-ранг ва тақар-туқури гӯшхароши тоқатфарсои сангфарши кӯча тағьир ёфт ва ба намоиши фарохи дашт ва садои нарми хишир-хишири чарҳҳои ароба дар роҳи гарду хоколуд мубаддал шуд ва ҳавои хушбӯи баҳорон ва фарохии атроф аз ҳар сӯ маро фаро гирифтанд, фақат дар ҳамон вақт ман аз таассуроти тозаи гуногун ва идроки расидан ба озодӣ, ки дар ин ду рӯз маро тамоман фаро гирифта буд, андаке ба худ омадам. Дмитрий хушулфатӣ мекард ва ҳалим буд, гарданбандашро бо сараш дуруст намекард, чашмакҳои асабонӣ намезад ва чашмонашро нимпӯш намекард; ман аз изҳор карданам он эҳсосоти нағибонаро ба ӯ розӣ будам ва чунон мешумурдам, ки дар ивази ин ӯ он муомилаи шармовареро, ки дар воқеаи бо Колпиков аз ман содир шуда буд, тамоман даргу-

зашт ва аз он боис акнун дигар маро ба назари ҳақорат наменигарад ва мо бисьёр дӯстона дар хусуси хеле чизҳои дар дил нигоҳдоштаи худамон, ки дар ҳар ҷо ва ҳар мавқеъ аз онҳо зикр кардан намешавад, бо ҳам гуфтугузор намудем. Дмитрий дар бораи хоноводаи худашон, ки ман ҳанӯз намедонистам, ба ман ҳикояҳо кард, дар бораи модар, хола, хоҳараш ва дар бораи он касе, ки Володя ва Дубков ӯро маъшуқаи дӯсти ман медонистанд ва онро ба лақаби *сурхмӯяк* меномиданд, бисьёр чизҳо гуфт. Дар бораи модараш ӯ бо як чанд таъбири мутантани каме сард ҳарф зад, гӯё ҳар гуна эътирози ба ин мавзӯъ мешудагиро пешгирӣ карданӣ мешуд; дар бораи холааш бо шаъфи аз ҳад афзун, вале гузаштқорона ҳикоя мекард; дар бораи хоҳараш хеле кам мегуфт, гӯё аз ман шарм мекард, ки дар он хусус чизе бигӯяд; вале дар бораи *сурхмӯяк*, ки номи ҳақиқиаш Любовь Сергеевна буда, як духтари солаш гузаштагӣ буд ва бо як алоқаи хешовандӣ дар хонаи Нехлюдовҳо мезист, бо шавқу завқ ҳикоя мекард.

— Ҳа, ӯ духтараки аҷоибест,— мегуфт ӯ андаке шармгинона сурх шуда, вале бо ин ҳама ҷасурона ба чашми ман нигоҳ карда истода: — ӯ акнун духтари ҷавон нест, балки гуфта мешавад, ки пирдухтар аст ва шаклу шамоилаш ҳеҷ зебоӣ надорад, лекин дӯст доштани ҳусни зоҳирӣ чи кори аблаҳона ва бемаъноест!— ин чунон аблаҳона аст, ки ман онро ҳеҷ фаҳмидан наметавонам (ва инро ӯ бо чунон адое мегуфт, ки гӯё ногаҳонӣ дар ҳамин лаҳза ин ҳақиқати тамоман нав ва фавқулоддаро кашф карда бошад), аммо ин тур рӯҳи пок, дили соф ва кордориҳо... ман боварӣ дорам, ки монанди ин духтареро дар миёни ҷамъияти ҳозира нахоҳӣ ёфт (намедонам, Дмитрий ин одати дар ин замона чизи хуб бисьёр камьёб аст, гуфтанро аз кӣ ёд гирифта бошад, аммо такрор кардани ин таъбирро ӯ бисьёр дӯст медошт ва ин гуфтор чи тур буд, ки ба ӯ мезебид).

— Фақат ман метарсам,— гӯён давом намуд ӯ оромона ҳамаи он касонеро, ки ҳусни зоҳириро дӯст медоштанд, ба як қалам несту нобуд карда,— ман метарсам, ки ту ӯро нахоҳӣ фаҳмид ва дар ин фурсатҳои

наздик ту ӯро нахоҳӣ шинохт: ӯ хеле хоксор ва ҳатто дарундор аст, он сифатҳои хубу зебои худашро нишон додан намехоҳад. Инак бибиҷонам, ки ту ӯро хоҳи дид, бисьёр зани боақли хубест,— ӯ Любовь Сергеевнаро солҳои дароз аст, ки мешиносад, аммо ӯро фаҳмида наметавонад ва намехоҳад бифаҳмад. Ман ҳатто дирӯз... ман ба ту мегӯям, ки аз чи сабаб, ҳангоме ки ту аз ман мепурсидӣ, кайфам дар ҷояш набуд. Се рӯз пештар Любовь Сергеевна хост, ки ман бо ӯ ба дидори Иван Яковлевич биравам,— ту шояд дар бораи ин Иван Яковлевич шунида бошӣ, ки гӯё ӯ девона аст, ҳол он ки дар ҳақиқат бисьёр одами хуб аст. Любовь Сергеевна бисьёр одами диндор аст ва ба ту бояд инро гуфт, ки ӯ Иван Яковлевичро бисьёр хуб мефаҳмад. Ӯ зуд-зуд ба дидори ӯ рафта меистад, бо ӯ сӯҳбат мекунад ва ба ӯ он чи, ки аз касби дасти худаш дарьёфт кардааст, месупорад, ки ӯ ба бенавоён бидиҳад. Ӯ зани аҷоибест, худат мебинӣ. Инак ман ҳамроҳи ӯ назди Иван Яковлевич рафта будам ва аз Любовь Сергеевна бисьёр миннатдорам, ки ин тур одами хуби қиматбаҳоро дидаам. Бибиҷонам бошад, инро ҳеҷ фаҳмидан намехоҳад ва дар ин муомилот хурофот ва мавҳумотпарастиро мебинад. Ва дирӯз миёни ману бибиҷонам дар умрам нахустин бор мубоҳиса рӯй дод ва бисьёр ҳам гарму ҷӯшон,— хулоса кард ӯ дар ҳолате, ки як ҳаракати ларзоне бо гардани худ мекард, гӯё ҳамон эҳсосеро, ки ҳангоми ин мубоҳиса ӯро фаро гирифта буд, ба ёд меовард бошад.

— Хӯш, ту акнун чӣ фикр мекунӣ? яъне чи тур, ҳангоме ки тасаввур менамой, аз ин чӣ мебарояд... ё ҳангоме ки шумо миёни худатон дар бораи ин, ки ин муҳаббат ва дӯстии шумо чӣ оқибате хоҳад овард, чӣ меандешед? — гуфта пурсидам ман бо орзӯи он, ки ӯро аз хотироти ногувори мубоҳисааш берун бубарам.

— Ту мепурсӣ, ки ман бо ӯ издивоҷ хоҳам кард ё на? — гӯён пурсид аз ман ӯ дар ҳолате, ки сурх мешуд, вале бо ҷасорат ба сӯи ман баргашта ва ба рӯи ман нигоҳ карда истода.

«Хайр чӣ зарареро дорад,— андешидам ман, худамро таскин дода истода,— ин ҳеҷ боке надорад, мо ҳар-

дуямон ду *одами калони* ба ҳамдигар дӯст ҳастем, дар фойтун нишаста рафта истодем ва дар бораи ҳаёт ва зиндагонии ояндаи худамон муҳокима ва гуфтугӯ мекунем. Ба ҳар кас ҳам акнун ба ин гуфтугузори мо нигоҳ кардан ва гӯш додан марғуб ва писанд меомад».

— Чаро накунам? — гӯён давом намуд ӯ пас аз ҷавоби мусбати ман,— маълум аст, ки мақсад ва ғояи ман ҳам мисли ҳар каси хирадманд ҳамин аст, ки он қадар хушбахт ва хуб бошам, ки ин дар доираи имкон мебошад; ва бо ӯ, ҳангоме ки ман тамоман ба сари худ мустақил мегардам, агар ӯ инро бихоҳад, ман бо ӯ нисбатан бо дигар, хушрӯйтарини олам, хушбахттар ва беҳтар зиндагонӣ хоҳам кард.

Машғули ҳамин ранг гуфтугузорҳо шуда мо надонистем, ки чи тур ба Кунцево наздик расида мондем,— ва онро ҳам нафаҳмида монда будем, ки чи тур рӯи осмонро абр пӯшидааст ва ҳаво боронӣ шудааст. Офтоб акнун на он қадар баланд, дар тарафи рост, дар болои дарахтҳои солхӯрдаи боғистони Кунцево истода буд ва нимаи чанбари сурхи барроқ бо абри хокистарии на он қадар шаффоф пӯшида шуда буд; аз нимаи дигари он зарраҳои нури оташин пош хӯрда пора-пора шуда меҷастанд ва дарахтони пири боғро, ки бо қуллаҳои пуршоху барги сабзи худашон дар қисмати софи равшани осмони лоҷувардӣ беҳаракат медурахшиданд, бисьёр равшан мекарданд. Ҷило ва равшании ин гӯшаи осмон ба абри вазнини нофармонранг, ки дар пеши назари мо дар рӯи дарахтҳои тӯси ҷавоне, ки дар уфуқ намудор буданд, хобидааст, бисьёр зиддият нишон медод.

Андаке дар тарафи рост, аз паси паттаҳо ва дарахтҳо акнун бомҳои рангоранги хонаҳои боготӣ намудор буданд, ки баъзе аз онҳо шуои офтоби тобонро инъикос месохтанд ва як қисматашон табиат ва мизоҷи маҳзунонаи тарафи дигари осмонро ба худ гирифта буданд. Дар тарафи чап дар поён ҳавзи бе ҳаракат кабудча метофт, ки гирдо-гирди онро қаторбедҳои сабзи нимранг печида гирифта дар саҳни беҷилои гӯё дамидааш аксандоз мешуданд. Дар паси

ҳавз дар нишебӣ як парча замини шудгоршудаи сиёҳ паҳн шуда буд ва хатти рост кашидашудаи сабзи баланди рош, ки онро бурида гузаштааст, ба дуро-дур рафта, ба уфуқи пурраъду барқи сурбиранг такья мезанад. Аз ду паҳлуи роҳи нармхок, ки дар он фойтун мавзунона алвонҷ мехӯрд, ҷавдори шира гирифтаи сабз акнун дар баъзе ҷойҳо ба шонабастан шурӯъ мекард. Дар ҳаво тамоман оромӣ ҳукмфармо буд ва бӯи тозагӣ ва тароват мевазид. Шоху баргҳои кабуди дарахтҳо ва гандумпояи сабз — ҳама беҳаракат ва аз андоза берун тару тоза ва дурахшон буданд. Чунон меомад, ки ҳар донаи барг, ҳар неши алаф ба сари худ ҳаёти комили хушбахтона ба сар мебурда бошад. Дар наздикии роҳ ман як пайраҳаи сиёҳтоберо дидам, дар миёни ҷавдори сабзи сиёҳтоб, ки акнун қадашон аз чорьяк бештар баланд шуда буд, печида мерафт ва ин пайраҳа, аз чи боис буд, ки деҳаи худамонро бисьёр ба ёд меовард, ва ба воситаи як муносибат ва тадоии аҷоиби фикру андешаҳо, Сонечка ва он, ки ман ӯро дӯст медорам, бисьёр равшан ба хотирам расид.

Бо вуҷуди ҳамаи ин дӯстӣ бо Дмитрий ва дилсафедии ӯ, ки ба ман лаззат мебахшид, ман дар ин лаҳза дар бораи эҳсосот ва ниятҳои ӯ нисбат ба Любовь Сергеевна дигар чизе донистан намехостам, вале мутлақан дар бораи муҳаббат ва ишқи худам нисбат ба Сонечка мехостам бигӯям, ки ин ишқи ман, ба ман чунин меомад, ки аз ишқи ӯ баландтар ва барҷастатар буд. Вале, намедонам аз чӣ сабаб буд, ки ба рост ва кушода гуфтани хаёлоти худам ҷасорат намекардам, ки агар ман бо Сонечка издивоҷ намоям ва дар деҳа зиндагонӣ кунем ва соҳиби фарзандони хурд шавем, ки онҳо дар рӯи замин гавак кашида ташта маро падар меноманд, чи тур хуб мешавад, ва ман чи қадар хурсанд хоҳам шуд, ҳангоме ки Дмитрий бо ҳамсари худаш Любовь Сергеевна дар либоси роҳ пеши ман биёяд... Ман ҳеҷ кадом аз ин хаёлотро ба ӯ нагуфтам ва дар ҷои ҳамаи ин ба ӯ офтоби ғуруб кунандаро нишон дода: «Дмитрий, бубин чӣ қадар зебост!» гуфтаму мондам.

Дмитрий ба ман чизе нагуфту гӯё аз он норизоманд буд, ки дар ҷавоби рози дил гуфтани ӯ, ки эҳти-

мол изҳор кардани он ба ӯ хеле душвор бошад, ман назари диққати ӯро ба манзараи табиат ҷалб намуда будам, ва ҳол он ки ба тамошои он ӯ ҳеҷ шавқ надошт. Намуди табиат ба ӯ нисбат ба ман тамоман ба ранги дигар асар мекард: он ба ӯ на он қадар аз ҷиҳати зебоияш, балки аз ҷиҳати машғулкунанда буданаш асар мекард; ӯ онро бештар аз роҳи ақл дӯст медошт, на аз роҳи эҳсосот.

— Ман бисьёр хушбахтам,— гуфтам ман ба ӯ дар паи ин, ҳарчанде ки ӯ гӯё бо фикрҳо ва андешаҳои худаш саргарм буд ва ба шунидани он чизе, ки ман метавонистам бигӯям, шавқе надошт. — Ман ки охир як вақте ба ту гуфта будам, дар хотират меояд, дар бораи духтараке, ки ман ҳанӯз дар овони кӯдакӣ ба ӯ дил дода будам, ман ӯро имрӯз мулоқот намудам,— гӯён бо ҳарорат давом мекардам ба гуфтори худам,— ва акнун ман чунон ҳис мекунам, ки тамоман ба ӯ ошиқ шудаам...

Ва ҳар чанд дар чеҳраи ӯ беэътиноӣ давом дошт, ман дар бораи муҳаббат ва ишқи худам ва нақшаҳое, ки дар бораи хушбахтии хонадорӣ дар хаёли худам тарҳ мекардам, ба ӯ ҳикоя кардан гирифтам. Ва аҷобаташ дар ин буд, ҳамин ки ман бо тафсилот, аз зӯрии эҳсосоти худ ба ӯ ҳикоя карда додам, дидам, ки ин эҳсосот дар ман мекост.

Мо ба хиёбони тӯсзор, ки ба бӯстонсаро мебурд, даромадему ҳамон замон борон сар шуд. Вале он моро тар накард. Ман омадани боронро аз он донистам, ки чанд қатраи он ба рӯю бинӣ ва дасти ман чакид ва чизе бар рӯи баргҳои навхези шираноки дарахтони тӯс шитир-шитир кард, ки ин дарахтон шохаҳои ҷингилаи худашонро беҳаракат овезон карда буданд ва аз бӯи пурзӯре, ки хиёбонро пур мекард, чунон менамуд, ки онҳо ин қатраҳои шаффофу покизаро бо лаззати том ба худ мепазируфтанд. Мо аз ароба берун баромадем, то ки давон-давон зудтар аз боғ ба хона расида гирем. Вале дар худи даромадгоҳи хона чор хонимро дучор шудем, ки дутои онҳо дар даст кор ва яке аз онҳо китоб дошт, дигараш бо як сагбачае аз тарафи муқобил бо қадамҳои босуръат меомад. Дмитрий дар худи ҳамин ҷо маро ба модараш, хоҳа-

раш, холааш ва Любовь Сергеевна муаррафӣ кард. Як сония онҳо таваққуф варзиданд, аммо борон ҳама бештар омадан гирифт.

— Биравем ба айвон, дар он ҷо ту ӯро боз як дафъа ба мо муаррафӣ хоҳӣ кард,— гуфт он зане, ки ман ӯро модари Дмитрий пиндошта будам, ва мо ҳамроҳи хонимҳо ба зинапоя баромадем.

Боби XXIII

НЕХЛЮДОВҲО

Дар лаҳзаи нахустин аз ҳамаи ин гурӯҳ бештар аз дигарон Любовь Сергеевна маро ҳайрон кард, ки дар дасти худ болонкаеро[1] бардошта, аз паси ҳама кафшҳои бофтаи ғафс дар пой аз зинапоя мебаромад ва як-ду дафъа андаке таваққуф карда истода, ақиб гашта ба ман бодиққат нигоҳ кард ва бевосита пас аз он сагбачаашро бӯсид. Ӯ бисьёр ситорахунук буд; сурхмӯй, лоғари қадкӯтоҳи андаке каҷпаҳлу. Боз як кирдоре, ки ин рӯи хуноки ӯро хунуктар мекард, ин буд, ки ӯ фарқашро аз як тараф кушода мӯяшро ба тарзи хеле ғарибе шона зада буд (ин яке аз он ороиш доданҳои мӯй буд, ки занҳои тоссар барои худ ёфта мебароранд). Ҳарчанд ман ба дили дӯстам рафта зӯр мезадам, ки дар ин зан ягон ҷиҳати хубе биёбам, аммо намеёфтам. Ҳатто чашмони қаҳваранги ӯ, ки ҳарчанд хушфеълии ӯро ифода мекарданд, бисьёр хурд, беҷило ва тамоман бад буданд; ҳатто дастҳо, ки муайянкунандаи хислати одамӣ мебошанд, ҳарчанд бузург набуданд, ва шакли нозеб надоштанд, аммо сурх ва шахшӯл буданд.

Ҳангоме ки ман аз паи онҳо ба айвон даромадам — ғайр аз Варенька — хоҳари Дмитрий, ки фақат ба ман бо чашмони калони хокистарии пурранги худ нигоҳ карда монд, ҳар кадом аз хонимҳо пеш аз он, ки корҳои худро ба даст мегирифтанд, ба ман чанд сухане гуфтанд, Варенька бошад ба овози баланд ки-

[1] *Болонка* — як ҷинс саги хурди мӯйдарози хонагӣ.

тоберо, ки дар рӯи зонуҳояш ангуштонашро дар он дароварда нигоҳ медошт, ба хондан сар кард.

Князьхоним Марья Ивановна аз зани чилсолае буд, ки қомати баланди мавзун дошт. Агар марғӯлаҳои мӯи мошу биринҷи ӯро, ки аз зери кулӯтааш баромада намоён шуда истода буданд, ба назар гирад, ба ӯ аз ин зиёдтар ҳам додан мумкин буд, вале аз намуди бисьёр тару тозаи чеҳраи беандоза нозуки бечинаш, хусусан аз дурахши хушҳолонаи зиндаи чашмони калон-калонаш хеле ҷавонтар ба назар меомад. Чашмони ӯ қаҳваранг ва бисьёр калон буданд; лабҳояш бисьёр борик ва андак ҷиддият ифода мекарданд; биниаш хеле рост буд ва андаке ба чап майл дошт; дастҳои беангуштаринаш калон, қариб мисли дасти мардҳо буд ва ангуштҳои бисьёр зебои дароз дошт. Ӯ дар тан куртаи нилобии гиребонбаста дошт, ки камари мавзуни ҳанӯз ҷавононаи ӯро маҳкам печида гирифта буд — гӯё ӯ андоми худашро намоиш медод. Ӯ аз андоза берун рост менишаст ва куртае медӯхт. Ҳангоме ки ман ба айвон даромадам, ӯ аз дастам гирифта, маро ба тарафи худаш кашид, гӯё мехост маро дурусттар бубинад, ва ба сӯи ман бо ҳамон тарзи нигоҳи сарди кушодае, ки писари ӯ дошт, нигоҳ карда гуфт, ки ӯ маро хеле замонест, ки аз рӯи ҳикояҳои Дмитрий мешиносад ва ба ҷиҳати дурусттар бо онҳо шинос шудан таклиф мекунад, ки як шабонарӯз ба онҳо меҳмон бимонам.

— Ҳарчи дилатон мехоҳад, бикунед, аз мо ҳеҷ ибою мулоҳиза накунед, чунон ки мо низ аз шумо ҳеҷ ибо нахоҳем кард,— гардиш кунед, китоб хонед, гӯш диҳед ё ки хоб кунед, агар ин шуморо бештар хурсанд мекарда бошад,— гӯён илова намуд ӯ.

Софья Ивановна пирдухтар ва хоҳари хурдии князьхоним буд, вале дар намуд ӯ калонсолтар ба назар меомад. Ӯ ҳамон тур як устухонбандии пуропуре дошт, ки фақат дар пирдухтарони сергӯшти кӯтоҳқомати корсет мепушидагӣ дида мешуд. Чунон менамуд, ки ҳамаи саломатӣ ва тандурустии ӯ ба тарафи болои танаш бо чунон қуввату зӯре ҳуҷум овардааст, ки ҳар дақиқа тарси он буд,ки ӯро гӯё аз гулӯ

гирифта мекушта бошад. Дастҳои кӯтоҳи ғафси ӯ поёнтар аз миён ба ҳамдигар намерасиданд ва ҷои таранг кашида шудаи либосашро ӯ худаш дигар дидан наметавонист.

Ҳарчанд князьхоним Марья Ивановна сияҳмӯй ва сиёҳчашм буд, ва Софья Ивановна бошад малламӯй ва чашмони ҷаввол ва илова бар он осмониранги ором дошт (агарчи ин бисьёр камьёб аст ва нодиран дучор мешавад), дар миёни ин хоҳарон як монандии оилавӣ мавҷуд буд; ҳамон адо, ҳамон бинӣ, ҳамон лабҳо; фақат дар Софья Ивановна ҳам бинӣ ва ҳам лабҳо ғафстар буданд ва ҳангоми табассум ба тарафи рост моилтар мешуданд, дар князьхоним бошад, ба тарафи чап майл доштанд. Софья Ивановна назар ба либосу оро додани мӯи сараш ҳанӯз гӯё худро ҷавон метарошид ва марғӯлаҳои сафеди мӯяшро, агар медошт, ба назар намудор намекард. Нигоҳи ӯ ва гирудораш ба ман дар ваҳлаи аввал бисьёр мутакаббирона намуд ва маро ба ташвиш андохт; бо князьхоним бошад, баръакс ман худамро бисьёр озод ҳис кардан гирифтам. Шояд ин ғафсӣ ва як дараҷа монандӣ бо сурати Екатеринаи Бузург, ки ман дар ӯ дидам, ба ман муассир воқеъ гардида бошад ва дар чашми ман ӯро мутакаббир нишон дода бошад; вале ҳангоме ки ӯ ба ман чашм дӯхта нигоҳ карда истода гуфт: «Дӯстони дӯсти мо—дӯстони мо мебошанд», ман тамоман ҷуръатамро бохтам. Ман танҳо дар ҳамон оне, ки ӯ ин суханро гуфта сукут кард ва даҳонашро кушода як оҳи сард кашид, ба худ омадам ва ногаҳон фикри худамро дар ҳаққи ӯ тағьир додам. Бояд аз фарбеҳӣ бошад, ки пас аз чанд калима гуфтан, як нафаси дароз кашидан ба ӯ одат шуда буд, ки дар он ҳангом ӯ андаке даҳонашро боз мекард ва чашмони осмонии бузургашро андаке ба боло мекашид. Дар ин одат, аз чи бошад, як ифодаи хушфеълии ҷозибадоре буд, ки дар паи ин нафас кашидани амиқ тарсу ваҳми ман нисбат ба ӯ тамоман бартараф шуд ва ҳатто худаш ба ман бисьёр хуш омад. Чашмони ӯ бисьёр дилрабо буданд, овози ӯ хушсадо ва форам, ҳатто хутути аз андоза берун доиравии андомаш дар он овони ҷавонии ман аз ҳусну зебой холӣ наменамуд.

Любовь Сергеевна ба сифати дӯсти дӯсти ман (чунон ки ман меангоштам) боист дар ҳамин лаҳза ба ман чизе бисьёр дӯстона ва самимона мегуфт ва ӯ ба ман дуру дароз сокитона нигоҳ кард, гӯё дар ҳолати дудилагӣ буд ва ба худ меандешид: он чи, ки ба ман гуфтанӣ шудааст, магар аз ҳад зиёд дӯстона намешуда бошад; вале ӯ ин сукутро фақат барои он бурид, ки бипурсад, ман дар кадом шӯъба ҳастам. Пас аз он ӯ боз дуру дароз ба ман чашм дӯхт, гӯё намедонист, он сухани самимонаи дӯстонаро бигӯяд ё нагӯяд; ва ман ин андешаи ӯро пай бурда бо ифодаи чеҳраи худ хоҳиш мекардам, ки ҳамаашро ба ман бигӯяд, вале ӯ гуфт: «Мегӯянд, ки имрӯзҳо дар дорулфунун бо илм кам машғул мешаванд» ва сагчааш Сюзеткаро ба сӯи худаш хонд.

Любовь Сергеевна тамоми ин шаб чунин суханҳое мегуфт, ки на ба мавқеъ мувофиқ ва на яке бо дигаре муносиб меомад; вале ман ба Дмитрий чунон эътиқод доштам, ва ӯ тамоми ин шаб, чунон ба таваҷҷӯҳи комил гоҳ ба ман гоҳе ба ӯ бо он ифодае нигоҳ мекард, ки гӯё «хуб, чи тур аст?» гуфта мепурсид, ва ман ,чунон ки аксар воқеъ мегардад, агар чи дар дилам қаноат ҳосил карда будам, ки дар Любовь Сергеевна чизе қобили аҳамият нест, бо вуҷуди ин ман аз баён кардани он ҳатто дар пеши худам ҳам бисьёр дур будам.

Оқибат, шахси вопасини ин хонадон — Варенька як духтараки бисьёр фарбеҳи шонздаҳсола буд.

Фақат чашмони калони хокистарии пурранг, ки адои хушҳолӣ ва бодиққатии оромонаро доро буданд, ва ба чашмони холааш аз андоза берун шабоҳат доштаанд, миллаи бисьёр дарози бӯраш ва дастҳои бисьёр нозуки зебояш хубиҳои ӯ буду бас.

— Шояд, барои шумо аз нимааш шунидан завқовар намебуда бошад, monsieur Nicolas,— гуфт ба ман Софья Ивановна хушфеълона оҳ кашида ва порчаҳои либосеро, ки медӯхт, гардонда истода.

Хониш дар ин лаҳза бурида шуд, зеро Дмитрий аз хона ба ҷое берун баромада рафта буд.

— Ё ки мумкин аст, шумо «Роброй»-ро кайҳо хонда бошед?

Дар он овон аз худи ҳамон як боис, ки акнун мундири донишҷӯй дар бар доштам, бо одамоне, ки бо ман чандон шинос набуданд, ба ҳар пурсиши оддӣ ман вазифаи худ медонистам, ки албатта бояд ҷавоби бисьёр *оҳилона* ва *обнорасида* бидиҳам ва ҷавоби кӯтоҳи муайяне ба мисоли: оре, не, дилгиркунанда аст, хушҳолонааст ва ғайра истеъмол карданро бисьёр айб ва ба худам номуносиб мешумурдам. Ба шалвари нави навзуҳури худам ва тугмаҳои пурҷилои сюртук назаре афканда ҷавоб гуфтам, ки ман «Роброй»-ро нахондаам, вале онро шунидан барои ман бисьёр завқовар аст, зеро ман китобро аз миёнааш сар карда хонданро нисбат ба он, ки аз аввалаш бихонам, бештар дӯст медорам.

— Ду боло ҳавасангезтар мешавад, вақте ки худат пай барӣ, чиҳо шуда гузаштааст ва боз чиҳо хоҳад шуд,— гӯён илова намудам ман ва худписандона табассум кардам.

Князьхоним хандида сар дод, ба ман чунон намуд, ки ин ханда ғайритабиӣ ва сохта буд (баъдҳо ман донистам, ки ӯ дигар хел ханда надоштааст).

— Дар воқеъ ин шояд дуруст ҳам бошад,— гуфт ӯ.— Хӯш, шумо ин ҷо муддати зиёде хоҳед буд, Nicolas? Шумо аз ман намеранҷед, ки ман шуморо бе monsieur хитоб мекунам? Шумо кай меравед?

— Намедонам, шояд ҳам фардо биравем ва шояд ҳам чанде ин ҷо бимонем,— гӯён ҷавоб додам ман, намедонам, аз чи сабаб бошад, ҳар чанд мо албатта мебоист худи фардо ҳаракат мекардем.

— Дили ман мехост, ки шумо ин ҷо бошед, ҳам барои худатон ҳам барои Дмитрии ман,— изҳор кард князьхоним, ба ҷои дуродуре нигоҳ карда истода,— дар синну солҳои шумо дӯстӣ чизи хубест.

Ман ҳис кардам, ки ҳамагӣ ба ман мутаваҷҷеҳ буданд ва интизор доштанд, ки ман чӣ мегуфта бошам, ҳар чанд Варенька чунин вонамуд мекард, ки гӯё кори холаашро тамошо мекарда бошад; ман ҳис мекардам, ки аз ман як навъ имтиҳоне мегиранд ва ман хостам, чунон худамро нишон бидиҳам, ки ба манфаати ман бошад.

— Оре, барои ман,— гуфтам,— дӯстӣ бо Дмитрий судовар аст, вале ман наметавонам ба ӯ судовар бошам: ӯ ҳазор бор аз ман беҳтар аст. (Дмитрий ин сухани маро наметавонист бишнавад, вагарна ман метарсидам, ки ӯ самимона набудани сухани маро пай мебурд.)

Князьхоним боз ҳамон тур ғайри табий, вале барои худаш табий хандид.

— Хуб, агар гуфтаҳои ӯро шунавед,— гуфт ӯ,— ҳамин тур c'est vous qui êtes un petit monstre de perfection [1].

«Monstre de perfection — ин бисьёр хуб аст, инро бояд дар хотир дошт»,— гӯён дар дил гузарондам ман.

— Хайр, зимнан, сарфи назар аз шумо, ӯ дар ин кор устод аст,— гӯён давом намуд ӯ андак овозашро пасттар карда (ки ин кори ӯ ба ман бисьёр форам омад) ва бо чашмонаш ба сӯи Любовь Сергеевна ишоракунон: — ӯ дар ин *холаи бечора* (онҳо Любовь Сергеевнаро чунин меномиданд), ки ман ӯро ҳамроҳи ҳамин Сюзеткааш бист сол аст, ки медонам ва мешиносам, чунон камолоте кашф намудааст, ки ман ҳеҷ гумоне ҳам накардаам, ки он чизҳо дар ӯ бошад... Варя бигӯ, ба ман як истакон об бидиҳанд,— гӯён илова намуд ӯ ва боз ба дуродур назар афганд, гӯё пеши худ чунон меандешид, ки ҳанӯз шояд вақту соати он нарасида бошад ё ки ҳеҷ лозим набошад, ки ба ман асрори муносибатҳои хонаводагиро фош намояд.— Не беҳтар аст, ки *ӯ* биравад. Ӯ ки ҳеҷ коре намекунад, ту ба хондани китобат давом кун. Биравед, дӯстам, рост аз дар берун бароед, понздаҳ қадам пеш равед ва бистед ва ба овози баланд: «Пётр, барои Марья Ивановна як истакон об бо ях бидеҳ» бигӯед,— гуфт ӯ ба ман ва боз ба оҳистагӣ бо ҳамон тарзи ғайри табий ханда кард.

«Албатта ӯ дар бораи ман мехоҳад гуфтугузоре кунад,— гӯён андешидам ман, ҳангоме ки аз дар берун мерафтам,— шояд ӯ гуфтан мехоста бошад, ӯ пай

---

[1] ин шумо деви хурдтараки камолот ҳастед.

бурда аст, ки ман бисьёр ҷавони хирадманде ҳастам». Ман ҳанӯз понздаҳ қадам нарафта будам, ки Софья Ивановнаи фарбеҳ нафасаш дар гулӯяш гирифта бошад ҳам, бо қадамҳои босуръат ва сабук ба ман расида гирифт.

— Merci, mon cher [1], — гуфт ӯ, — ман худам ҳамон ҷо рафта истодаам, худам ба ӯ мегӯям.

Боби XXIV

ИШҚ

Чунон ки ман баъдҳо донистам, Софья Ивановна яке аз занҳои миёнсоли камьёбе буд, ки барои зиндагонии хонаводагӣ ба дуньё омада буданду аммо қазову қадар онҳоро аз ин саодат маҳрум намуда буд ва онҳо аз боиси ин маҳрумият, ҳама захираи ишқу муҳаббате, ки барои парвариши шавҳару фарзандон ин қадар муддати дуру дароз дар дилҳояшон ҷой гирифта буд, нашъунамо меёфт ва устувор мегашт, ногаҳон ба баъзе баргузидагонашон мутаваҷҷеҳ месозанд. Ва ин захираи муҳаббату меҳрубонӣ дар ин гуна пирдухтарон чунон фаровон ва бепоён мебошад, ки ин баргузидагон ва дилнишинон ҳар қадар бисьёр ҳам бошанд, боз афзунӣ мекунад ва онҳо он барзиёдиҳои меҳрубонии худро ба дигар касоне, ки дар гирду пеши онҳо ҳастанд, ба ҳамаи мардумони неку баде, ки дар зиндагонии ҳаррӯза ба онҳо бар мехӯранд, маътуф месозанд.

Се навъ муҳаббат ҳаст:

1) Муҳаббати зебо,
2) Муҳаббати фидокорона ва
3) Муҳаббати фаъолона.

Ман на аз муҳаббат ва ишқи ҷавонписаре ба духтари ҷавоне баҳс меронам ва баръакс; ман аз ин нозукравиҳо метарсам ва ман дар ҳаёт чунон камбахт будаам, ки дар чунин муҳаббате ман ҳеҷ гоҳ як шарора ҳам ростӣ ва дурустӣ надидаам, фақат дурӯғ

[1] — Миннатпазирам, азизам,

дидаам, ки дар он ҳиссиётпарастӣ, муносибати заношӯй, пул, хоҳиши пайванд шудан ё озод шудан аз халоиқ ва ин ранг доругирҳо ин эҳсосро чунон баҳам мепечанд, ки чӣ будани онро сарфаҳм рафтан ҳам мумкин нашуда мемонад. Ман аз муҳаббат ба касе сухан мегӯям, ки вобаста ба зиёдӣ ё камии тавоноии рӯҳӣ ба яке, ба як чанд ё ба бисьёр парварда мешавад, дар бораи муҳаббат ба модар, ба падар, ба бародар, ба фарзандон, ба рафиқ, ба дугона, ба ҳамватанон,— яъне аз муҳаббат ба одамизод баҳс мекунам.

Муҳаббати зебо иборат аст аз муҳаббат ба худи зебоии он эҳсос ва ифодаи он. Барои касоне, ки ин чунин дӯст медоранд,— он чизи дӯстдоштаи эшон ба эшон бисьёр хушоянд аст ба қадре, ки барои онҳо он эҳсоси форамро бедор мекунанд, ки аз идрок ва ифодаи он онҳо лаззат мебаранд. Касоне ки бо ишқ ва муҳаббати зебо метавонанд дӯстдорӣ кунанд, аз муқобили билмисл парво надоранд, чун инро шароите мешуморанд, ки ба зебоӣ ва лаззати ҳиссиёт таъсире надорад. Ин ранг одамон зуд-зуд он мавриди таваҷҷӯҳи муҳаббат ва ишқи худашонро тағьир медиҳанд, зеро ғояи асосии онҳо он аст, ки ин эҳсоси муҳаббат дар онҳо ҳамеша бедор бошад. Барои он ки ин эҳсоси форам доим дар онҳо бардавом бошад, онҳо ҳамеша муҳаббати худашонро бо таъбирҳои зебо ҳам ба он касе, ки дӯсташ медоранд, ва ҳам ба касоне, ки ба он эҳсосот сару коре надорад, изҳор менамоянд. Дар ин ватани мо, мардумони табақаи маъруф, ки ба тарзи *зебо* дӯст медоранд, натанҳо ба ҳама дар бораи муҳаббати худашон ҳикоя мекунанд, балки дар бораи он албатта ба забони франсавӣ ҳасби ҳол менамоянд. Гуфтан ҳам хандаовару ҳам ҳайратовар аст, вале ман қаноат ҳосил кардаам, ки дар он табақа ва синфи маъруф хусусан дар миёни занҳо бисьёр касоне буданд ва ҳанӯз ҳам бисьёранд, ки дар онҳо муҳаббат нисбат ба дӯстонашон, ба шавҳаронашон, фарзандонашон ҳамон ҳисса нобуд мешуд ва барҳам мехурд, агар ба онҳо ба забони франсавӣ изҳор кардани муҳаббати худашонро манъ мекарданд.

Навъи дуввӯми муҳаббат — *ишқи фидокорона*, иборат аз муҳаббат ва гирудори худро фидо кардан

барои шахси маҳбуб аст ва дар ин ишқбозӣ ошиқ кор̌е надорад, ки ин фидошуданҳо барои он маҳбубаш хуб аст ё бад. «Ҳеҷ гуна ногуворӣ нест, ки ба иҷрои он нисбат ба худам муҳайё набошам, барои он ки ба ҳамаи аҳли олам ва ба худи ӯ исботи садоқати худро намоям». Ин аст формулаи ин ранг муҳаббат. Касоне, ки ин ранг дӯстдорӣ мекунанд, ҳеҷ гоҳ ба муқобили билмисл боварӣ надоранд (зеро барои касе, ки маро намефаҳмад, худро фидо намудан боз ҳам шоистатар аст), ин ранг шахсҳо ҳамеша дардманд мебошанд, ки ин ҳол боз қимати қурбониҳоро баландтар мебардорад; инҳо бештар бовафоанд, зеро барои эшон барбод кардани қимати он фидоигариҳое, ки дар роҳи маҳбубашон нишон додаанд, бисьёр душвор аст; ҳамеша аз барои исбот кардани садоқати худашон нисбат ба ӯ ба мурдан омодаанд, вале аз далел ва исботҳои хурду резаи рӯзмарра, ки дар он ҷӯшу хурӯши аз худ гузаштан чандон вуҷуд надорад, парво намекунанд. Барои эшон аҳамияте надорад, ки шумо оё хуб хӯрок хӯрдед, назғ хоб кардед, шумо хушҳолед, тандурустед ё не, онҳо барои орому осоиши шумо ҳеҷ чорае намебинанд, агарчи ҳамаи инҳо аз дасташон меомада бошад ҳам; аммо дар зери тир истодан, худро ба об андохтан, дар оташ рафтан, аз ишқ талаф шудан — ба ин корҳо ҳамеша ҳозир ва муҳайё ҳастанд, агар ба ин эҳтиёҷ афтад. Ғайр аз ин, касоне, ки дар ин ранг муҳаббат ва ишқи фидокорона мутамоиланд, ҳамеша ба ин ишқи худашон мағруранд, сахтгир мешаванд, бадрашк, нобовар мебошанд ва аҷобат дар он аст, ки онҳо ба он маҳбубҳояшон ба хатар афтоданро орзу мекунанд, то ки ёрои аз он хатар наҷот додани онҳоро дошта бошанд ва орзу мекунанд, ки онҳо ба бадбахтиҳо дучор гарданд, то ки онҳоро тасаллӣ бидиҳанд ва ҳатто мехоҳанд, ки дар онҳо баъзе айбу қусур низ бошад, то ки боиси ислоҳи онҳо гарданд.

Шумо дар деҳае бо ҳамсари худатон, ки шуморо фидокорона дӯст медорад, зист мекунед. Шумо тандуруст ҳастед, осудаед, машғулияте доред, ки ба худатон дилписанд аст; ҳамсари шумо чунон беқувват аст, ки бо корҳои хоҷагӣ расидагӣ карда на-

метавонад, он корҳо ба хидматгорон вогузор шудааст, фарзандонатон ба дасти дояҳо супурда шудаанд, ӯ бо ҳеҷ кори дигаре ҳам, ки худаш дӯст медошта бошад, наметавонад саргарм шавад, зеро ӯ ғайр аз шумо дигар чизеро дӯст намедорад. Ӯ *гӯё* бемор аст, аммо аз ҷиҳати он, ки шуморо нороҳат нанамояд, инро ба шумо гуфтан намехоҳад, ӯ *гӯё* дилтангӣ мекашад, вале аз барои шумо шуда ӯ тамоми умр ба дилтангӣ кашидан омодааст; шумо ин қадар ба кори худатон (он чи коре ки бошад: шикор, китоб, касбу кори зиндагӣ, хидмат) маҳкам часпидаед, ки ин ӯро *гӯё* аз ҳол меандозад, ӯ мебинад, ки ин машғулиятҳо шуморо ҳалок мекунад, вале чизе намегӯяд ва сабру тоқат мекунад. Вале инак шумо бемор шудед,— ҳамсари меҳрубони шумо бемории худашро фаромӯш мекунад ва аз шумо ҷудо нашуда ба «беҳуда худатро азият мадеҳ», гуфта хоҳиш кардани шумо ҳам гӯш надода дар сари болини шумо нишастааст; ва шумо ҳар сония нигоҳи дилсӯзонаи ӯро ба рӯи худ ҳис мекунед, ки гӯё чунин мегӯяд: «чӣ бояд кард, ман гуфта будам, охир, вале ҳар чи ҳам бошад, ман ҳеҷ гоҳ аз ту ҷудо нахоҳам шуд». Пагоҳонӣ ҳоли шумо андаке беҳтар аст, шумо ба хонаи дигар мебароед. Хона гарм накардагӣ, нағундоштагӣ; шӯрбое, ки танҳо онро шумо метавонед бихӯред, ба ошпаз фармуда нашудааст, барои овардани дору касе фиристода нашудааст; вале аз бедории шабона зани меҳрубони шумо беҳолу бемадор аст ва ҳамагӣ бо ҳамон адои дилсӯзӣ ба шумо нигоҳ мекунад, нӯг-нӯги по роҳ меравад ва бо овози паст ба хидматгорҳо фармонҳои ғайри одатӣ ва норавшан медиҳад. Шумо китоб мутолиа кардан майл доред, зани меҳрубони шумо бо оҳу воҳ ба шумо мегӯяд, ки медонад, шумо ба ҳарфи ӯ гӯш намедиҳед, аз ӯ қаҳратон хоҳад омад, вале ӯ акнун ба ҳамаи ин одат кардааст,— беҳтар мешуд, ки шумо ҳоло мутолиа намекардед; шумо майл доред, ки дар хона қадам занед,— барои шумо инро ҳам накардан беҳтар аст; дили шумо мехоҳад, бо дӯстатон, ки барои дидори шумо омадааст, сӯҳбат кунед,— шумо набояд ин корро бикунед. Шабона боз дар шумо таб ориз мешавад, шумо мехоҳед андаке биё-

соед, ба хоб равед, вале ҳамсари меҳрубони шумо лоғар, рангпарида, гоҳ-гоҳе оҳе кашида дар рӯшноии хираи шабчароғ рӯ ба рӯятон дар курсӣ нишастааст ва бо ҳаракати оҳиста ва садои пасти худаш шуморо дилгир ва бетоқат мекунад. Шумо як хидматгоре доред, ки акнун бист сол аст, бо ҳам зист мекунед ва шумо ба ӯ одат кардед, ӯ ба шумо аз таҳи дил ва бисьёр хуб хидмат мекунад, зеро ӯ рӯзона хобашро гирифтааст ва барои кораш аз шумо музди хидмат мегирад, вале занатон ӯро ба хидмати шумо роҳ намедиҳад. Ӯ ҳамаи корҳои шуморо худаш бо ҳамон ангуштони заифи ба кор одат накардааш анҷом медиҳад, ки шумо наметавонед бо қаҳру ғазаби дар худ фурӯ нигоҳ доштаатон нанигаред, ки чи тур ин ангуштони сафед барои кушодани даҳони шиша зӯри беҳуда мезананд, шамъро хомӯш мекунанд, доруро мерезонанд ё нолишкунон ба шумо даст мерасонанд. Агар шумо марди гарммизоҷи бесабр бошед ва аз ӯ хоҳиш кунед, ки берун биравад, бо сомеаи дар ҳаяҷон омада ва ҳассосатон хоҳед шунид, ки чи тур ӯ дар паси дар итоаткорона оҳ мекашад, гирья мекунад, ва ба ходими шумо чизи беҳудае пичир-пичир карда мегӯяд. Оқибат агар шумо намурдед, ҳамсари меҳрубони шумо, ки бист шаб дар овони нохушии шумо нахобидааст, (ки инро ӯ дам ба дам ба шумо такрор менамояд), бемор мегардад, рӯз ба рӯз пажмурдатар мешавад, азоб мекашад ва аз пештара ҳам бештар ба кор кардан камқобилияттар мегардад, ва дар он ҳангоме ки шумо дар ҳолати табиӣ ва эътидол ҳастед, муҳаббати фидокоронаи худашро фақат ба тарзи дилтангии фурӯтанона, ки чору ночор ҳам ба шумо ва ҳам ба гирду пеши шумо будагиҳо асар мекунад, изҳор менамояд.

Навъи саввӯми муҳаббат ва ишқ — *муҳаббати фазолона*, иборат аст аз таваҷҷӯҳ ба муҳайё намудани ҳамаи заруриёт, эҳтиёҷот, орзуҳо ва хоҳишҳои ҳатто нобаҷои маҳбуби худ. Касоне, ки ин навъ дӯст медоранд, ин муҳаббати эшон бардавом ва якумрист, зеро ҳар қадар ки эшон бештар дӯст медоранд, ҳамон дараҷа он маҳбуби худашонро беҳтар шинохта мегиранд ва ҳамон қадар ин дӯстдорӣ, яъне ба ҷо овардан

ни орзу ва хоҳишҳои ӯ барои онҳо саҳл ва осонтар мегардад. Муҳаббати эшон хеле кам бо забони калимот ифода меёбад, агар ба забон ифода ёбад ҳам, он натанҳо худписандона, ба тарзи зебо намебошад, балки ба тарзи шармгинона; носозкорона мешавад, зеро онҳо ҳамеша чунон мешуморанд, ки ҳанӯз басазо дӯст намедоранд. Ин қабил мардумон, ҳатто норасоиҳо ва айбҳои маҳбубашонро низ дӯст медоранд, зеро ин айбҳои маҳбубашон ба эшон имкон медиҳад, ки боз ҳам бештар орзу ва ҳавасҳои онро ба ҷо биёваранд. Онҳо ба муқобили муҳаббати худашон, ҳамон ранг муҳаббатро меҷӯянд, ҳатто худашонро бо камоли хоҳиш фиреб медиҳанд ва ба дилбастагии маҳбубашон бовар мекунанд ва хушбахт мешаванд, агар онро дошта бошанд; вале ӯро ҳамон тур, ки ҳаст, дӯст доштан мегиранд, ҳатто агар баръакс ҳам бошад, онро дӯст хоҳанд дошт ва натанҳо барои маҳбубашон хушбахтӣ орзу доранд, балки бо ҳамаи он васоити моддӣ ва маънавӣ, бузург ва хурд, ки дар даст доранд, доимо дар ҳаракати он мебошанд, ки ҳамаро дар фармон ва хидмати ӯ дошта бошанд.

Ва ҳамин муҳаббати фаъолона ба хоҳарзодаҳо, ба хоҳар, ба Любовь Сергеевна, ҳатто ба ман, зеро ки маро Дмитрий дӯст медошт, дар чашмони Софья Ивановна медурахшид ва дар ҳар калима ва ҳаракати ӯ аён буд.

Фақат хеле баъдҳо ман Софья Ивановна тамоман тақдир карда тавониста будам, вале дар он мавқеъ ҳам ба дилам ин суол хутур мекард: аз чӣ сабаб аст, Дмитрий, ки муҳаббатро тамоман ба тарзи дигар, на он чунон ки дигар ҷавонон онро медонанд, фаҳмиданӣ мешавад ва ҳамеша дар пеши назараш монанди Софья Ивановна муҳиббу меҳрубонеро дорад, ногаҳон Любовь Сергеевнаи муамморо ин қадар пурзӯр дӯст доштааст ва фақат ба қисмати холаи худаш ҳамин қадар мегӯяд, ки ӯ низ хосиятҳои хубе дорад бас. Зоҳиран ин гуфтор саҳеҳ аст, ки мегӯянд: «ҳеҷ пайғамбаре дар ватани худаш мӯътабар нест». Ин яке аз ду эҳтимол дорад: ё ки дар замири ҳар як кас бадӣ бештар аз хубист, ё ки инсон бештар қобилияти қа-

булӣ бадиро дорад, ба ҷои хубӣ. Любовь Сергеевнаро ӯ дар ҳамин наздикиҳо дидааст, аммо муҳаббати холаашро аз ҳамон рӯзҳои ба дунёӣ омаданаш сар карда медонад.

Боби XXV

МАН ШИНОС ШУДА ИСТОДААМ

Ҳангоме ки ман ба айвон баргаштам, дар он ҷо дар бораи ман ҳеҷ чизе намегуфтанд, чунон ки ман гумон мекардам; вале Варенька китоб намехонд ва китобашро ба сӯе гузошта бо Дмитрий, ки пасу пеш қадам зада бо гарданаш гарданбандашро соз мекард ва чашмонашро нимпӯш нигоҳ медошт, гарму ҷӯшон мубоҳиса менамуд. Мавзӯи мубоҳиса гӯё Иван Яковлевич ва хурофот буд; вале мубоҳаса гармтар аз он буд, ки гумон мерафт, мавзӯи дар замир доштаи ӯ маънои дигаре надошта бошад, ва барои умуми аҳли хонавода наздиктар ба назар нарасад. Князьхоним ва Любовь Сергеевна хомӯшона нишаста буданд ва бар ҳар калимаи ин мубоҳиса гӯш медоданд, зоҳиран мехостанд гоҳе ба мубоҳиса иштирок варзанд, вале худдорӣ мекарданд ва дар ивази худашон дигаронро — яке Варенькаро, дигаре Дмитрийро ба гуфтор вомедоштанд. Ҳангоме ки ман даромада омадам, Варенька ба сӯи ман бо чунон адои бепарвоёнае назар афганд, ки маълум мешуд, мубоҳиса ӯро сахт машғул медошт ва барои ӯ фарқе надошт, ки ман ҳарфҳои ӯро мешунавам ё на. Нигоҳи князьхоним низ, ки гӯё тарафдори Варенька буд, ҳамин ранг ифода дошт. Вале Дмитрий дар ҳузури ман боз гармтар ба мубоҳиса фурӯ рафт, аммо Любовь Сергеевна бошад, гӯё аз омадани ман бисьёр тарсида буд, ки ба ҳеҷ кас нигоҳ накарда гуфт: «Пирмардон сухани рост мегӯянд: si jeunesse savait, si vieillesse pouvait».[1]

Аммо ин ҳадис мубоҳисаро қатъ накард, фақат маро дар он фикр андохт, ки тарафи Любовь Серге-

[1] агар ҷавонӣ медонист, агар пирӣ метавонист.

евна ва дӯсти ман ноҳақ буд. Ҳарчанд барои ман андаке ногувор ва шармовар буд, ки дар миёни низои хурди оилавӣ ҳузур дорам, бо ин ҳама дидани муомилаи ҳақиқии ин хонавода байни худашон, ки ҳар кадом тараф фикру андешаҳои худро дар миён меандохтанд, барои ман хушоянд ҳам буд, ва ман ҳис мекардам, ки будани ман дар он ҷо ба ин рафтори онҳо монеъ намешуд.

Бисьёр воқеъ мешавад, ки солҳо шумо хонаводаеро дар зери ҳамон як пардаи сохтаи одобу атвор мушоҳида менамоед ва муносибати ҳақиқии аъзои он миёни худашон барои шумо ҳамчунон пинҳон мемонад (ман ҳатто мушоҳида кардаам, чи қадар ки ин парда нуфуз карда намешудагӣ ва бинобар он зеботар бошад, ҳамон қадар ин муносибати дарунӣ ва ҳақиқӣ дар миёни эшон номулоимтар ва дурушттар мешавад)! Аммо тасодуфе пеш меомад, ки аз ҷои ҳеҷ интизор надоштагӣ як масъалаи хурди ночизе дар доираи ин хонавода пайдо мешавад, ки дар назари нахустин бисьёр беаҳамият мебошад, масалан, дар бораи як ҳошияи тӯри абрешимӣ ё ки дар бораи ба меҳмонӣ рафтан ба аробаи шавҳар, ва ҳамчунон менамояд, ки бе ҳеҷ боис ва иллате гуфтугӯ шакли бисьёр гарму ҷӯшон мегирад, чунон ки дар зери парда ҳал кардани низоъ мушкил мегардад ва ногаҳон ба даҳшати худи гуфтугӯкунандагон ва ҳайрати ҳузур доштагон, ҳамаи муомалоти ҳақиқии дурушт ва ногувор ба рӯй мезанад, парда дар ин миён акнун ҳеҷ чизро пӯшонда натавониста дар миёнаи мубоҳисон бекора овезон шуда мемонад, ва фақат ҳамон ҳолро ба ҳотир меандозад, ки шумо чи қадар замони бисьёре аз боиси ин парда фиреб хӯрда будаед. Бисьёр мешавад, ки бо ҳамаи шиддат сари худро ба болодарӣ зада гирад ҳам, он қадар, ки ҷои озурда ва дарднокро андак ба оҳистагӣ як даст расонед, дард намекунад. Ва ҳамин тур ҷои нозуки дарднок тақрибан дар ҳар хонавода мавҷуд аст. Дар хонаводаи Нехлюдовҳо ҳамин ранг ҷои озорнок муҳаббат ва дилбастагии аҷибу ғариби Дмитрий ба Любовь Сергеевна буд, ки агар боиси бедор шудани эҳсоси рашк дар дили хоҳару модар

ҳам набошад, як дараҷа боиси ҳақорат дидани эҳсоси хешовандӣ шуда буд. Аз ин ҷиҳат буд, ки мубоҳиса дар мавзӯи Иван Яковлевич ва хурофот ба ҳамаи эшон ин қадар аҳамияти ҷиддиро доро шуд.

— Ту ҳамеша кӯшиш мекунӣ дар чизҳое, ки дигарон аз он нафрат мекунанд ва механданд,— мегуфт Варенька ба овози ҷарангосиаш ҳар ҳарфу калимаҳоро барҷаста ва равшан адо карда истода— ту дар ҳамаи ин тур чизҳо ҳамеша мехоҳӣ як хубии фавқулоддае бубинӣ.

— Аввалан, фақат *каси* тамоман *камхирад* метавонад дар бораи Иван Яковлевич, барин як одами бисьёр хуб таҳқиромезона гуфтугӯ намояд,— гӯён ҷавоб медод Дмитрий, сарашро беихтиёрона аз тарафи хоҳараш ба як сӯи дигар кач карда,— сониян, баръакс *ту* худат қасдан кӯшиш менамоӣ, он хубиеро, ки дар пеши назарат истодааст, набинӣ.

Софья Ивановна ки баргашта пеши мо омад, як чанд дафъа бо тарсу ваҳм гоҳе ба тарафи ин хоҳарзода ва гоҳ ба они дигараш, гоҳе ба ман нигоҳ кард ва як-ду дафъа гӯё чизе пеши худ гуфт, даҳонашро кушода истода як оҳи сарде кашид.

— Варя, хоҳиш мекунам тезтар китобатро бихон,— гуфт ӯ китобро дароз карда истода ва дасти ӯро навозишкорона молида-молида,— ман бисьёр хоҳиш дорам, ки бидонам, ӯ боз он духтаракро ёфта гирифт ё не (ҳол он ки дар роман гӯё дар бораи ёфтани касе касеро ҳарфе ҳам набуд). Ту Митя, беҳтар мешуд, ки азизам чаккаатро мепечондӣ, чун ки ҳаво сарду рутубатнок аст, метавонад, ки боз дандонҳояг дард кунад,— гуфт ӯ ба хоҳарзодааш, гарчанд ки Дмитрий ба ӯ гӯё аз боиси он, ки ӯ силсилаи далелу бурҳонҳои мантиқии вайро аз ҳам пошида буд, назари норизомандонае афканд. Китобхонӣ давом кард.

Ин муноқашаи хурдтараке оромӣ ва осудагии хонавода ва мувофиқати маъқули онҳоро, ки ин доираи занон ба он танаффус мекард, ҳеҷ вайрон накард.

Ин доирае, ки ба он гӯё князьхоним Марья Ивановна маҷро ва хатти ҳаракат муайян мекард, барои ман як ҳолат ва табиати тамоман нав ва тозаи дилкашро шиносонд, ки як мувофиқати мантиқӣ, соддагӣ ва ҳус-

ни зебоиро доро буд. Ин хусусият барои ман дар зебой дар софият, дар маҳкам будани асбобҳо — зангӯла, муқоваи китобҳо, курсӣ, миз,— ва дар қомати рост ва дурусти князьхоним, ки бо корсет нигоҳ дошта шудааст, ва марғӯлаҳои мӯйҳои сафеди ӯ, ки гӯё барои тамошо бароварда мондааст, ва дар мулоқоти нахустини бо ман маро Nicolas ва ӯ номиданаш, дар машғулиятҳои онҳо, дар тарзи хондани китоб ва дӯхтудӯз ва дар сафедии аз андоза беруни дастҳои занон ифода меёфт. (Дар дастҳои ҳамаи инҳо як хосияти умумии хонаводагӣ буд, ки нармии кафи онҳо, ки аз тарафи берун арғувонӣ метофт ва аз сафедии ғайри оддии қисми болоии даст ба тарзи қатъӣ бо як рахи рост ҷудо шуда меистод). Вале бештар аз ҳама ин хусусият тарзи ҳар ҳарфро баръало гуфта, бо дақиқии хурдагирона охири ҳар калима ва ҷумларо ҳарф ба ҳарф адо карда дуруст ҳарф задани ҳар сеи онҳо ба русӣ ва ба франсавӣ намудор мешуд. Ҳамаи инҳо ва хусусан он ҷиҳат, ки дар ин доира бо ман бисьёр соддавор ва ҷиддӣ муомила мекарданд, гӯё ки ман як одами бузурге бошам, ба ман фикри худашонро баён мекарданд ва мулоҳизоти маро низ гӯш медоданд, ҳол он ки ман ба ин ранг муомала одат накарда будам, ва агар чанде тугмаҳои барроқ ва нуги остини осмонранг доштам, боз дар дилам ваҳму ҳарос пайдо мешуд, ки ногаҳон ба ман бигӯянд: «магар шумо гумон мекунед, ки бо шумо ба тарзи ҷиддӣ гуфтугузор мекунанд? канӣ, равед, дарс омӯзед»,—ҳамаи ин муомилоти самимона боиси он мешуд, ки ман дар ин доира ҳеҷ як шармгинӣ ҳис намекардам. Ман аз ҷо бармехостам, аз ҷое ба ҷое гузашта менишастам ва бо ҳамаашон ҷасурона гуфтугузор мекардам, фақат Варенькаро аз ин мустасно медонистам, ки ба ӯ дар худи ин мулоқоти аввал гуфтугузор карданро гӯё аз одоб хориҷ ва, аз чӣ сабаб бошад, мамнӯъ мешумурдам.

Дар ҳангоми китобхонӣ, овози хушоянди садодори ӯро шунида, гоҳе ба ӯ, гоҳе ба пайраҳаи регрехтаи гулзор, ки лаккаҳои доиравишакли сиёҳи оби борон дар он нақш бастааст, ва ба дарахти зирфун, ки дар баргҳои он ҳанӯз қатраҳои ягон-ягони борони аз ка-

нори абрҳои камранги аз пасаш осмони лоҷувардӣ намудор шуда истодагӣ шатар-шутур карда меомад, ки моро дар роҳ фаро гирифта буд, нигоҳ мекардам, боз баргашта ба рӯи ӯ менигаристам ва гоҳе ба вопасин нури арғувонии офтоби ғурубкунанда, ки дарахтҳои солхӯрдаи тӯси аз борон тар шударо равшан мекард, мутаваҷҷеҳ мешудам ва боз баргашта ба Варенька назар меафкандам ва дар дилам меомад, ки ӯ ҳеҷ баднамо нест, чунон ки дар аввали мулоқот меангоштам.

«Аммо ҳайф аст, ки ман кайҳо дилдодаи дигаре шудаам,— гӯён пеши худ меандешидам ман,— ва ҳайф аст, ки Варенька Сонечка нест; чи хуб мешуд, ки ногаҳон яке аз аъзои ин хонавода мешудам: ногаҳон ман ҳам модарнок, ҳам холанок ва ҳам зандор мешудам». Худи дар ҳамон лаҳзае, ки ман дар ин андешаҳо будам, ба рӯи Варенька, ки китоб мехонд, бо диққат чашм дӯхтам ва чунон фикр кардам, ки ман ӯро мисли магнит ба худ ҷазб мекунам ва ӯ бояд ба ман назар афганад. Варенька сарашро аз китоб бардошт ва ба сӯи ман нигоҳ кард ва бо чашми ман ки нигоҳаш вохӯрд, рӯяшро баргардонд.

— Лекин борон аз бориш намонда истодааст,— гуфт ӯ.

Ва ногаҳон ман як эҳсоси аҷибе дар дили худ дарёфт кардам: ба ёдам омад, ки ҳамаи он, чи ки алъон рӯй медод, такрори он чизе буд, ки як дафъа бо ман воқеъ шуда буд: он ҳангом низ ҳамин тур борони реза меомад, офтоб дар паси дарахтҳои тӯс фурӯ мерафт ва ман ба сӯи *ӯ* нигоҳ мекардам ва ӯ китоб мехонд ва ман ӯро мисли магнит ба худ ҷазб мекардам ва ӯ бар ман назаре афганда буд ва ман инро ҳам ба хотир оварда будам, ки ҳамин воқеа боз як бори дигар такрор шуда буд.

«Магар ин... *ӯст?* — андешидам ман. — Магар *сар шуда истодааст?*» Вале ман ба зудӣ ҳукм кардам, ки ин *ӯ* нест ва ҳанӯз сар нашуда истодааст. «Аввалан ин ки ин зебо нест,— андешидам ман,— ва ин фақат як хонимдухтарест ва бо ин ман ҳамин тур ба тарзи содда ва оддӣ шинос шудаам, аммо вай бошад як чизи ғайри оддӣ хоҳад буд, бо ӯ ман дар ҷои фавқулъод-

дае мулоқот хоҳам кард; ва дигар, ин ки ин хонадон ба ман аз он ҷиҳат ин қадар хуш меояд, ки ман ҳанӯз чизеро надидаам,— гӯён муҳокима мекардам ман пеши худ,— ин турҳояш алабатта ҳамеша мавҷуд аст ва ман дар зиндагии худам ин хел оилаҳоро боз бисьёр хоҳам дид».

Боби XXVI

МАН ҚИЁФАТИ БЕҲТАРИНИ ХУДАМРО НИШОН МЕДИҲАМ

Дар вақти чойхӯрӣ китобхонӣ қатъ шуда хонимҳо дар бораи одамоне ва коруборҳое, ки ман ҳанӯз шиносӣ надоштам, саргарми сӯҳбат гаштанд ва ба ман чунин омад, ки онҳо инро гӯё аз он ҷиҳат мекарданд, ки бифаҳмонанд, ҳарчанд бо меҳрубонӣ маро пазируфтаанд, вале бо он ҳама дар байни ман ва эшон дар синну сол ва мақоми дар ҷамъияти ашрофон дошта фарқ ҳаст. Дар гуфтугузорҳои умумие, ки ман метавонистам иштирок намоям, қусури сукут ва хомӯшии пешинаи худамро баровардани шуда ман кӯшиш мекардам, ки ақлу идроки фавқулодда ва барҷастаи худамро нишон бидиҳам, ки аз ҷиҳати мундир дарбар дошганам, худамро муаззаф медонистам. Ҳангоме ки гап ғалт хӯрда дар бораи бӯстонсароҳо ба миён меомад, ногаҳон ман гуфтам, ки князь Иван Иваныч дар наздикии Москва як боғе дорад, ки барои дидани он, касоне махсусан аз Лондон ва Париж омада буданд ва дар он боғ панҷарае ҳаст, ки қимати он сесаду ҳаштод ҳазор аст ва князь Иван Ивановыч ба ман хеле хеши наздик аст ва ман имрӯз дар хонаи ӯ наҳорӣ хӯрдам ва ӯ маро даъват кардааст, ки ҳатман ба ҳамин боғи ӯ биёям ва тамоми тобистонро дар он ҷо ҳамроҳи ӯ гузаронам, вале ман ин даъватро қабул накардам, зеро ки ман ин боғро хуб медонам ва мешиносам ва борҳо ба он рафта будаам ва ин панҷараҳо ва пулҳои он ҳеҷ барои ман тозагӣ надоранд ва маро ба худ ҷалб наменамоянд, зеро ман зебу зиннатро, хусусан дар деҳистон ҳеҷ хуш намекунам ва ман дӯст ме-

дорам, ки деҳистон тамоман мисли деҳистон бошад... Ин дурӯғи даҳшатангези пурхаму печро гуфта, ман хиҷолат кашидам ва сурх шудам, чунон ки гумон мекунам, ҳамагӣ пай бурданд, ки ман дурӯғ мебофам. Варенька, ки дар ин ҳангом ба ман чой дароз мекард, ва Софья Ивановна ҳам дар ин лаҳза, ки ман сухан мегуфтам, ба ман менигарист, ҳардуяшон, аз ман рӯяшонро гардонданд ва дар бораи чизи дигаре бо чунон ифодаи чеҳрае гап сар карданд, ки баъдҳо ман бисьёр вақтҳо дар одамони раҳмдил ҳангоме мушоҳида кардаам, ки як марди бисьёр ҷавон дар пеши рӯи эшон дурӯғбофӣ мекунад; ин тарзи нигоҳи эшон гӯё чунин мегӯяд: «Мо ки медонем, ӯ дурӯғ мебофад, вале барои чист, ки ӯ ин корро мекунад, бечора!..»

Ин ки ман гуфтам Иван Иваныч чорбоғ дорад, ба сабаби он буд, ки ман дигар баҳонаи беҳтаре надоштам аз ҷиҳати ҳикоя кардан дар бораи хешигарӣ бо Иван Иваныч ва дар бораи он ки ман имрӯз дар хонаи ӯ наҳорӣ хӯрдам, вале барои чӣ буд, ки ман дар бораи панҷарае, ки баҳои он сесаду ҳаштод ҳазор аст ва дар он бора, ки ман ба чорбоғи ӯ зуд-зуд рафта омада меистам, гап задам, ҳол он ки ман як дафъа ҳам ба чорбоги ӯ нарафта будам ва наметавонам биравам, зеро ки ӯ фақат дар Москва ё дар Неаполь зиндагонӣ мегузаронд ва инро хонаводаи Нехлюдовҳо бисьёр хуб медонистанд, барои чӣ ман инро гуфтам, ман ҳеҷ сабаби инро шарҳ дода наметавонам. На дар овони бачагӣ, на дар айёми ҷавонӣ ва на пас аз он дар калонсолиҳо дар худам ман айби дурӯғгӯиро пай набурдаам; баръакс ман аз ҳад зиёд ростгӯй ва софдил будам; вале дар ин даврони нахустини ҷавонӣ дар ман аксар орзуи аҷиби бе сабаби муайяне дурӯғи бисьёр ҷасурона гуфтан пайдо мешуд. Ман бинихӣ «дурӯғи ҷасурона» таъбир мекунам, зеро ман ҳамон тур дурӯғҳое мепардохтам, ки маро ба даст афтондан бисьёр осон буд. Ман чунин меангорам, орзӯи баландпарвозие, ки худамро аз он чи, ки ҳастам, одами дигаре нишон бидиҳам, бо он хоҳиши ношудании, ки дурӯғ гуфта шавад ва баъд кас ба даст наафтад, ҳамроҳ шуда дар дили ман ин майлу хоҳишҳоро бедор карда буд.

Пас аз чой, чун борон монд ва ҳаво дар овони шафақи шомгоҳ ором ва равшан буд, князьхоним таклиф кард, ки ба боғистони поён гардиш намоем ва ҷойҳои дӯстдоштаи ӯро тамошо кунем. Мувофиқи салиқаи одатии худам, ки бояд ҳамеша тозагӣ нишон бидиҳам, ва чунон ба ҳисоб гирифта, ки бояд мардумони оқили монанди ман ва князьхоним ҳамеша болотар аз такаллуфҳои бемазаи фарсуда биистанд, ман ҷавоб гуфтам, ки ба гашту гузори бемақсаду ғоя ҳеҷ тоқат оварда наметавонам ва агар ман ҳам гардиш кардан-ро орзу намоям, бояд танҳо гардиш кунам. Ман ҳеҷ ба хотир ҳам нагузарондам, ки ин бисьёр дуруштона шуда буд; вале дар он ҳангом ба ман чунон меомад, ки чун аз таорифоти сохта ва қалбакӣ бадтар ва айбтар чизе вуҷуд надорад, пас аз изҳор намудани дилсафедии беадабона низ беҳтар ва писандидатар чизе наметавонад бошад. Ҳарчи ҳам бошад аз ҷавоби худам бисьёр ризоманд шуда истода, ман ҳамроҳи дигарон ба гардиш рафтам.

Макони дӯстдоштаи князьхоним тамоман дар поён, дар гӯшаи танҳои боғ, дар рӯи пулчае буд, ки аз болои толоби борике партофта шуда буд. Манзара ва намуди он ҷо бисьёр маҳдуд, вале бисьёр хаёлпарварона ва зебо буд. Мо чунон осори санъатро бо манзараи табиат ба омехтан одат кардаем, ки бисьёр воқеъ мешавад, он намудҳои табиат, ки дар лавҳаи санъат ҳеҷ дида нашудааст, ба мо ғайри табиӣ менамоянд, чунон ки гӯё худи табиат ғайри табиӣ бошад ва баръакс: он ҳодисоте, ки дар лавҳаҳои санъатӣ бештар нишон дода шудаанд ва такрор ёфтаанд, ба мо чунон меояд, ки онҳо бисьёр фит шудаанд, ва баъзе намуд ва манзараҳое, ки бо як эҳсос ва фикр бисьёр парвариш ёфтаанд ва онҳоро мо дар ҳаёт ва воқеият тасодуф мекунем, ба мо бисьёр пуророиш менамоянд. Манзарае, ки аз макони дӯстдоштаи князьхоним намудор мешуд, ҳамин обу тобро дошт. Он муташаккил буд аз як ҳавзчае, ки гирдогирдаш бо растанӣ пӯшида шудааст, бевосита дар ақиби он кӯҳе ҳаст, ки барҷаста ба боло баланд меравад ва дарахтҳои азими куҳансол ва растаниҳо саросари онро фаро гирифтааст, ки кабудӣ ва сабзаҳои рангоранги онҳо аксаран ба ҳам омехтааст

ва як дарахти тӯси куҳансол аз тарафи кӯҳ дар болои ҳавз хам шудааст, ки бо як қисмати решаҳои ғафсаш дар канори намноки ҳавз устувор шуда бо теппааш ба дарахти беди баланд такья додааст ва шохчаҳои пурбаргашро ба рӯи ҳавз овезон кардааст ва он ҳавз ин манзараи атроф ва шохаҳоро дар худ мунъакис сохтааст.

— Чӣ манзараи зебоест! — гуфт князьхоним сарашро ҷунбонда истода ва ба касе махсусан мутавақҷеҳ нашуда.

— Оре, бисьёр зебост, аммо ба ман чунон меояд, ки ба декорацияи театр бисьёр шабоҳат дорад,— гуфтам ман ба орзуи он, ки нишон бидиҳам, дар ҳар хусус ман назари хосе дорам.

Князьхоним, гӯё мулоҳизаи маро нашунида бошад, манзараи хушнаморо тамошо мекард ва ба хоҳараш Любовь Сергеевна муроҷиаткунон баъзе қисматҳои онро нишон медод: шохи каҷи овезонеро нишон медод ва инъикоси онро дар об ишора мекард, ки ба ӯ бисьёр хуш меомадааст. Софья Ивановна мегуфт, ки ҳамаи ин бисьёр зебост ва хоҳари ӯ соатҳои дароз дар ин ҷо вақт мегузаронд, вале маълум буд, ки ҳамаи инро ӯ ба хотири князьхоним мегуфт. Ман пай бурдаам, аксаран касоне, ки қобилияти муҳаббати фаъолонаро доранд, зебоиҳои табиатро кам андар кам пазиранда мебошанд. Любовь Сергеевна низ ситоиши ин манзараро мекард ва дар миёни сухан мепурсид: «Ин дарахти тӯс ба чӣ такья карда истодааст? боз чӣ қадар метавонад дар ин вазъият биистад?» ва муттасил ба Сюзеткааш нигоҳ мекард, ки он думи сермӯяшро ба ҳар тараф ҷунбонда пешу пас бо пойҳои каҷукилебаш ба рӯи пули хурдтарак бо чунон ташвишу тараддуде медавид, ки гӯё барои ӯ дар тамоми умраш дафъаи аввал берун аз хона баромадан воқеъ шуда бошад. Дмитрий бо модараш бисьёр як мубоҳисаи мантиқӣ сар карда мегуфт: манзарае, ки дар он уфуқ танг бошад, ҳеҷ хуб шуда наметавонад. Варенька чизе намегуфт. Ҳангоме ки ман ба тарафи ӯ нигоҳ кардам, вай ба панҷараи рӯи пул такья дода ба тарафи ман бо нимрух истода буд ва рост ба пеш нигоҳ мекард. Гӯё чизе бисьёр ӯро ба худ ҷазб ме-

кард ва ҳатто ӯро мутаассир карда буд, зеро маълум, мешуд, ки ӯ худашро фаромӯш карда буд ва ҳеҷ фикр ҳам надошт, ки ба ӯ нигоҳ карда истодаанд. Дар адои чашмони бузурги ӯ он қадар диққати зӯр ва фикру мулоҳизаҳои орому равшан ва ошкор намудор шуда дар тарзи истодани ӯ он қадар тури озодона мавҷуд буд ва ба қаду қомати на чандон баланди ӯ нигоҳ накарда ҳатто як бузургие ҳувайдо буд, ки боз аз сари нав маро ба худ мафтун намуд, гӯё хотираи он духтарак ба ман пайдо мешуд, чунон ки ман боз аз худам мепурсидам: «Магар сар шуда истодааст?» Боз аз дигар ман ба худам ҷавоб медодам, ки ман ба Сонечка дил додаам, Варенька бошад, фақат як хонимдухтарест, ки хоҳари дӯсти ман мебошад. Вале ӯ дар он лаҳза ба ман хуш омада буд ва дар натиҷаи он ман дар худам як орзуи ғайримуайяне ҳис кардам, ки ба ӯ як кори нофораме кунам ё ки сухани ногуворе бигӯям.

— Медонӣ, Дмитрий,— гуфтам ман ба дӯстам хитобкунон, дар ҳолате ки ба Варенька наздиктар омада будам, чунон ки ӯ метавонист ин сухани маро бишнавад,— ман чунон дармеёбам, ки агар пашша дар ин ҷо намешуд ҳам, боз ин ҷо ҳеҷ хубие намедошт ва акнун бошад,— гӯён илова намудам ман, ба пешонии худам шарттӣ зада ва дар ҳақиқат пашшаеро кушта,— ин бисьёр бад аст.

— Шумо, зоҳиран, табиатро дӯст намедоред? — гуфт Варенька ба тарафи ман сарашро нагардонда.

— Ман чунон дармеёбам, ки ин як машғулияти бекораи бефоидааст,— гӯён ҷавоб гардондам ва бисьёр розӣ аз он будам, ки охир чизи нофораме ва бисьёр ҳам барҷастае ба ӯ гуфта тавонистам. Варенька, ки бо адои таассуф андак абрувонашро боло кард, ҳамон туре, ки буд, оромона ба пеш нигоҳ кардан гирифт.

Ман аз ӯ дар қаҳр шудам, вале ба ин нигоҳ накарда, қатораи хокистарии рангпаридаи пул, ки ӯ ба он такья дода буд, ва инъикоси шохаи дарози тӯси ба рӯи ҳавзи хираранг хамшуда, ки гӯё бо шохчаҳои овезони рӯи об пайвастанӣ мешуд, бӯи толоб, эҳсоси пашшаи дар пешонӣ кушта шуда ва нигоҳи бодиқ-

қати он духтарак ва вазъияти бошукӯҳи ӯ— аксаран баъдҳо беихтиёрона ва ногаҳонӣ дар тасаввур ва хаёлоти ман меомаданд.

Боби XXVII

ДМИТРИЙ

Ҳангоме ки пас аз гаштугузор мо ба хона баргаштем, Варенька нахост, ки суруде хонад, чунон ки ӯ шабоҳангом ин одатро дошт, ва ман чунон ба худписандӣ афтодам, ки инро ба ҳисоби худ маънӣ додам дар тасаввури он, ки ин дар натиҷаи таъсири он сухане буда бошад, ки дар болои пули ҳавз ба ӯ гуфтаам. Нехлюдовҳо шом намехӯрданд ва барвақт хона ба хонаи худҳошон мерафтанд ва дар ҳамон рӯз, чунон ки Софья Ивановна пешбинӣ карда буд, дандони Дмитрийро дард гирифт ва мо аз ҳаррӯза барвақттар ба хонаи ӯ рафтем. Ман чунон ангоштам, ки он чи аз ман гиребони кабуд ва тугмаҳоям талаб мекарданд, ба ҷо овардам ва ба ҳама бисьёр хуш омадам, барои ҳамин бисьёр дар ҳолати рӯҳияи худписандона ва хушу хуррам будам; Дмитрий бошад, баръакс, дар натиҷаи мубоҳасот ва дарди дандон хомӯш ва тираҳол буд. Ӯ пеши мизи худ нишаст ва дафтарҳояш — дафтари хотирот ва дафтареро, ки ӯ ҳаррӯз бегоҳонӣ одат дошт, корҳои оянда ва гузаштаашро дар он қайд намояд, ба даст гирифт ва дам ба дам абрувонашро кашида ва ба рухсорааш даст зада дуру дароз дар онҳо чизе навишт.

— Эҳ, маро ба ҳоли худ вогузоред,— гӯён фарьёд кард ӯ ба ходимае, ки аз тарафи Софья Ивановна барои пурсидан омада буд, ки дандони ӯ чӣ тур аст? ва магар майл надорад, ки дандонашро буғ дода гарм кунад? Ва пас аз он ӯ гуфт, ки барои ман алъон ҷои хоб хоҳанд густурд ва ӯ аълон хоҳад баргашт, ва худаш ба назди Любовь Сергеевна рафт.

«Чӣ ҳайф аст, ки Варенька на он қадар зебост ва умуман чаро ӯ Сонечка нест,— гӯён хаёл мепарваридам ман танҳо дар хона ки монда будам: — чӣ хуб мешуд, ки дорулфунунро тамом карда назди онҳо биёям

ва ба ӯ хостгор шавам. Ман ин тур гуфтанӣ шудам: «Князьдухтар, ман акнун ҷавон нестам, девонавор дӯст дошта наметавонам, вале доимӣ ва ҳамешагӣ шуморо дӯст хоҳам дошт, чунон ки хоҳари меҳрубонамро дӯст медошта бошам». «Ман шуморо кайҳо эҳтиром мекардагӣ шудам,-- мегуфтам ба модар,— ва шуморо, Софья Ивановна, бовар кунед, ки бисьёр-бисьёр тақдир менамоям. Акнун ба ман рӯирост бигӯед: шумо ҳамсари ман шудан мехоҳед?» — «Оре». Ва ӯ дасти худашро ба ман дароз хоҳад кард, ман онро фишор хоҳам дод ва хоҳам гуфт: «Муҳаббати ман на дар гуфтор, балки дар кирдор аст». Хӯш, чӣ мешавад,— омад ба фикри ман,— агар ногаҳон Дмитрий Любочкаро дӯст дошта монад,— охир, Любочка ба ӯ дил додааст, ки — агар Дмитрий ба ӯ издивоҷ кардани шавад? Онгоҳ ба яке аз дуямон издивоҷ кардан ғайримумкин мешуд. Ва ин бисьёр хуб мешуд. Онгоҳ бубинед, ман чи кор мекардам. Ман инро дар ҳамин лаҳза пай мебурдам, ҳеҷ чиз намегуфтам, ба пеши Дмитрий рафта мегуфтам: «Мо беҳуда саъй мекардем, ки аз ҳамдигар пинҳон намоем, дӯстам: ту медонӣ, ки муҳаббати ман ба хоҳари ту бо умри ман ҳамроҳ ба охир хоҳад расид; вале ман ҳамаашро медонам, ту ҳамаи умедҳои маро барбод кардӣ, ту ба бадбахтии ман боис шудӣ; вале магар медонӣ, ки Николай Иртеньев ба ҳамаи ин бадбахтии зиндагонии худаш ба ту чӣ мукофот хоҳад кард? — Инак ба ту хоҳари ман»,— ва ман ба ӯ дасти Любочкаро дароз мекардам. Ӯ мегуфт: «Не, ҳеҷ гоҳ ман қабул нахоҳам кард!» вале ман ба ӯ мегуфтам: «Князь Нехлюдов! шумо беҳуда мехоҳед, ки аз Николай Иртеньев баландҳимматар шавед. Аз ӯ ҳимматбаландтар касе дар тамоми олам нест». Ман таъзим мекардам ва берун мерафтам. Дмитрий ва Любочка бо оби дида аз паси ман медавиданд ва аз ман хоҳиш мекарданд, ки ман қурбонии онҳоро бипазирам. Ва ман метавонистам розӣ шавам ва метавонистам бисьёр, бисьёр хушбахт гардам, агар ман ба Варенька дилдодагӣ мебудам...» Ин хаёлот ба ман чунон гуворо ва форам меомад, ки бисьёр хоҳиш доштам инро ба дӯстам бигӯям ва ҳар чанд мо ба ҳамдигар аҳд карда будем, ки

нисбат ба якдигарамон ҳеҷ сирри пинҳонӣ нахоҳем дошт ва ҳамаро дар миён хоҳем гузошт, вале бо ин ҳама ман дар худам ёрои гуфтани ин қазияро намеёфтам.

Дмитрий аз хонаи Любовь Сергеевна ба дандонаш доруе, ки ӯ дода буд, гузошта дар ҳолате ки боз бештар аламзада ва аз он сабаб боз бештар тираҳол буд, баргашт. Барои ман ҳанӯз ҷойхоб густурда нашуда буд ва дастьёри Дмитрий омад бипурсад, ки дар куҷо барои ман ҷойхоб дуруст кунад.

— Дафъ шав! — гӯён фарьёд зад Дмитрий, заминро бо пояш кӯфта,— Васька! Васька! Васька! Васька! — фарьёд кард ӯ дар ҳамон лаҳза, ки бача берун рафта буд, ва дар ҳар дафъа овозашро баландтар мекард,— Васька! ҷои маро ба рӯи хона андоз.

— Не, беҳтар ин аст, ки ман дар рӯи хона бихобам,— гуфтам ман.

— Хайр, ҳар куҷо ки бошад, ҷой андохтан гир,— гуфт Дмитрий бо ҳамон овози ғазаболуд,— Васька! чаро ҷой намеандозӣ?

Вале Васька гӯё намедонист, ки аз ӯ чӣ мехоҳанд, ва барои ҳамин ноҷунбида меистод.

— Ҳа, ба ту чӣ шуд! ҷой андоз! Васька! — гӯён фарьёд зад ногаҳон Дмитрий девонавор.

Валекин Васька ҳанӯз ҳеҷ чизро нафаҳмида тарсону ларзон аз ҷо наҷунбида меистод.

— Ҳа, ту савганд хӯрдай магар, ки маро ҳалок... ба девонагӣ бирасонӣ?

Ва Дмитрий аз курсӣ ҷаста бархоста ба пеши бача рафта, бо ҳамаи қуввату зӯраш чанд муште ба сари Васька кӯфт, ки ӯ дарҳол аз хона гурехта баромада рафт. Дмитрий дар дами дар истода ба ман нигоҳ кард ва қиёфати шиддат ва девонагие, ки як ламҳа пеш аз ин дар чеҳраи ӯ буд, ба чунон ҳалимӣ, хиҷолатмандӣ ва меҳрубонии бачагона мубаддал шуд, ки ба ҳолаш дили ман сӯхт, ва ҳарчанд аз ӯ рӯй гардондан мехоста бошам ҳам, натавонистам ин тур кунам. Ӯ чизе ба ман нагуфт, вале дурудароз хомӯшона ба рӯи хона қадам зад, гоҳ-гоҳе ба ман бо ҳамон адои узрхоҳона нигоҳ мекард, пас аз он аз қуттии миз даф-

тарашро берун овард, чизе дар он навишт, сюртукашро кашид, бо эҳтиёти тамом онро таҳ кард, ба он гӯшаи хона, ки шамоили муқаддас овезон буд, наздик рафт ва дастҳои сафеди бузургашро дар синааш ниҳод ва ба ибодат машғул гашт. Ӯ ҳамон қадар дуру дароз машғули намоз шуд, ки дар ин муддат Васька бистар овард, ҷоихоб дуруст кард, ки ман ба ӯ пичирроссанон роҳнамой мекардам. Ман либосамро берун кардам ва ба ҷоихобе, ки дар рӯи хона густурда буд, дароз кашидам, аммо Дмитрий бошад, ҳанӯз машғули ибодат буд. Ба тахтапушти андак хамидаи Дмитрий ва ба пошнаҳои пояш, ки ҳангоми ба сафда рафтанаш ба як тарзи мутеона дар пеши чашмони ман нигоҳ дошта мешуданд, назар афканда, Дмитрийро боз бештар дӯст медоштам ва дар ҳамон фикр будам, ки он чи ман дар бораи хоҳаронамон андешидам, ба ӯ гӯям ё нагӯям?» Дмитрий намозашро ба поён расонида ба ҷойхоби ман ба оринҷаш такья зада дароз кашид ва дуру дароз сокитона бо нигоҳи навозишкорона ва хиҷолатмандона ба ман назар дӯхт. Эҳтимол барои ӯ ин бисьёр душвор меомада бошад, вале худашро гӯё ҷазо медод. Ман ба ӯ нигоҳ карда табассум намудам. Ӯ низ табассум кард.

— Пас аз чӣ боис аст, ту ба ман намегӯй, ки ман бад коре кардам? — гуфт ӯ,— ту ки алъон дар ин бора меандешидӣ?

— Оре,— гуфтам ман ба ӯ, ҳарчанд ки ман дар бораи дигар чиз фикр карда будам, вале ба ман чунин омад, ки гӯё дар ҳақиқат ман дар ҳамин хусус фикр карда бошам,— ҳа, ин кори хуб нест ва ман аз ту ин ҳаракатро ҳатто интизор ҳам надоштам,— гуфтам ман дар ҳолате ки дар ҳамин лаҳза аз *ту* гуфтанам ба ӯ лаззат мебурдам. — Хуб, дандонҳои ту чӣ тур шуд? — гӯён илова кардам ман.

— Таскин ёфт. Оҳ, Николенька, дӯстам! — гӯён Дмитрий чунон навозишкорона гап сар кард, ки гӯё дар чашмони дурахшонаш сиришк намудор буд,— ман медонам ва эҳсос менамоям, ки чи қадар одами бад ҳастам ва худо мебинад, ки ман чи тур орзу дорам ва аз ӯ хоҳиш менамоям, маро ба хубӣ бикашонад; вале чи чора, ки ман чунин мизоҷи бади манҳусе до-

рам? чӣ бояд кард? Ман кӯшиш мекунам худдорӣ намоям, дуруст шавам, вале ин якбора наметавонад бишавад ва ба танҳоӣ анҷомпазир нест. Лозим аст, ки касе ба ман ёрӣ расонад ва маро ба ин роҳ водорад. Инак Любовь Сергеевна ҳоли маро дуруст мефаҳмад ва ӯ ба ман дар ин кор бисьёр ёрӣ расондааст. Ман аз рӯи навишта ва қайдҳои худам медонам,ки дар муддати як сол чи қадар дуруст шудаам. Оҳ, Николенька, азизи ман!— гӯён бо навозиши берун аз одат давом намуд ӯ ва пас аз ин рози дилгӯӣ андаке оҳанги оромона гирифт,— таъсири чунин зане монанди ӯ чӣ қадар қимат ва арзиш дорад! Худоё, чӣ қадар барои ман хуб хоҳад шуд, ҳангоме ки ман мустақиллан бо чунин дӯсте монанди ӯ боҳам мешавам! Ман бо ӯ тамоман одами дигаре ҳастам.

Ва дар ақиби ин сӯҳбат Дмитрий ба ман аз нақшаҳои зан гирифтанаш ва зиндагӣ дар деҳот ва дар бораи ҳамеша бо тарбияти худаш машғул шудан ҳикоя карда рафт.

— Ман дар деҳа зиндагонӣ хоҳам кард ва ту гоҳе пеши ман хоҳӣ омад ва шояд ту Сонечкаро ба занӣ бигирӣ,— мегуфт ӯ,— бачагони мо бо ҳам бозӣ хоҳанд кард. Охир, ҳамаи ин хаёлоти хандаовар ва беақлона ба назар меояд, вале метавонад ҳамин тур ҳам воқеъ гардад.

— Албатта! бисьёр имкон дорад, ки ҳамин тур ҳам воқеъ шавад,— гуфтам ман табассумкунон ва дар он лаҳза меандешидам, ки боз беҳтар мешуд, агар бо хоҳари ӯ издивоҷ мекардам.

— Медонӣ, ман ба ту чӣ мегӯям,— гуфт ӯ ба ман андаке хомӯш истода: — ту фақат тасаввур ва хаёл мекунӣ, ки ба Сонечка дил додаӣ ва чунон ки ман мушоҳида менамоям,— ин ҳамааш беҳуда аст ва ту ҳанӯз намедонӣ, ки дӯст доштани ҳақиқӣ чист.

Ман ба ӯ эътироз наменамудам, зеро қариб ба фикри ӯ шарик будам. Мо андаке хомӯш мондем.

— Ту албатта дидӣ, ки ман имрӯз боз дар як ҳолати рӯҳияи баде гирифтор будам ва бо Варя бечо мубоҳаса намудам. Пас аз он ҳодиса ба ман бисьёр ҳоли ногувор пайдо шуд, хусусан аз он ҷиҳат, ки ин

мунозира дар ҳузури ту воқеъ шуда буд. Ҳар чанд ӯ дар бораи бисьёре аз чизҳо на он чунон фикр мекунад, ки бояд, вале ӯ духтараки хубест, бисьёр нағз, инак ту ӯро дуруст хоҳи шинохт.

Гузаштани ӯ дар гуфтугузор аз дилдода набудани ман ба тавсиф ва таърифи хоҳараш маро бисьёр хурсанд кард ва маро водор намуд, ки сурх шавам, вале бо ин ҳама ман дар бораи хоҳараш ба ӯ чизе нагуфтам, ва мо дар бораи чизҳои дигар ба сухан гуфтан давом кардем.

Ҳамин тур мо то бонги дуввӯми хурӯсҳо лақидем ва сапедаи камранге аз тирезаи мо кайҳо нигоҳ мекард, ки Дмитрий ба ҷойхоби худаш гузашт ва шамъро хомӯш кард.

— Хайр, акнун хоб кунем,— гуфт ӯ.

— Ҳа, — гуфтам ман,— фақат як калима.

— Хуб.

— Дар олам зиндагонӣ кардан бисьёр хуб аст? — гуфтам ман.

— Дар олам зиндагонӣ кардан бисьёр хуб аст,— гӯён ҷавоб дод ӯ бо чунон оҳанге, ки дар торикӣ гӯё ман адои чашмони навозишкоронаи хушҳол ва лабханди тифлонаи ӯро мушоҳида мекарда бошам.

Боби XXVIII

ДАР ДЕҲА

Рӯзи дигараш мо бо Володя бо аробаи почта ба деҳа рафтем. Дар роҳ ҳангоме ки хотираҳои гуногуни ҳаёти дар Москва гузарондаро як-як ба ёд меовардам, Сонечка Валахина ба хотирам расид, вале он ҳам бегоҳонӣ воқеъ шуд, ки мо акнун панҷ манзил тай карда будем. «Ҳар чи ҳам бошад, бисьёр аҷиб аст,— гӯён меандешидам ман,— ки ман дилдодаи ӯям ва бо ин ҳама ман инро фаромӯш кардаам; бояд дар бораи ӯ бияндешид». Ва ман дар бораи ӯ фикру хаёл рондам, чунон ки дар роҳ берабт ва бесару нӯг ғарқи андеша мегарданд, вале баръало ва равшан ва то он нуқта хаёл маро бурд, ки баъд аз ба деҳа ра-

сидан ду рӯз худамро дар ҳузури ҳамаи бошандагони он хонадон, хусусан дар ҳузури Катенька, ки ман ӯро дар ин тур корҳо соҳибвуқуфтар мешумурдам ва дар хусуси аҳволоти дили худам андаке ба ӯ ишора ҳам карда будам, андӯҳгин ва андешаманд нишон доданро лозим донистам. Вале бо ҳамаи саъю тараддуде, ки аз барои иҷрои ин сохтакорӣ ҳам дар пеши дигарон, ҳам дар пеши худ мекардам ва бо вуҷуди қасдан аз худ кардани ҳамаи он рафтору кирдори дар дигарон мушоҳида кардаам, ки дар ҳолати ишқбозӣ мекунанд, фақат дар муддати ду рӯз он ҳам на ҳамеша ва аксар шабоҳангом ба ёд меовардам, ки ман дилдодаам ва оқибат, чун ба ҷараёни ҳаёти деҳистон тан додам ва машғулоти дигар маро саргарм карда гирифт, ҳамон замон ман муҳаббат ва ишқи Сонечкаро тамоман фаромӯш кардам.

Мо ба деҳаи Петровское шабоҳангом омада расидем ва ман чунон сахт хобида будам, ки на хона, на хиёбони тӯсро ва на бошандагони ҳавлиро, ки кайҳо ҳама пароканда шуда рафта, дар хоби сахт буданд, надидам. Пирмарди пуштхамида Фока побараҳна, бо як камзӯлчаи пахтагини занаш шамъ дар даст занҷири дарро кушод. Ӯ моро дида аз хурсандӣ ларзид ва аз китфҳоямон бӯса кард, намадпораи худашро шитобкорона ғундошт ва либосҳояшро пӯшидан гирифт. Даромадгоҳ ва зинапояро ман ҳанӯз аз хоб дуруст бедор нашуда гузаштам, вале дар даҳлез қуфли дар, давак, тахтафарши тобпартофта, сандуқи чӯбин, шамъдони кӯҳнае, ки мисли қадима ба ҳама ҷояш равған чакида аст, сояҳои пилтаи качу сарди шамъи равғании нав даргирондагӣ, тирезаи дуқабатае, ки ҳеҷ гоҳ кушода намешавад ва ҳамеша гарду хоколуд аст, ки дар паси он, чунон ки ман ёд дорам, ғубайро рӯидааст,— ҳамаи инҳо чунон ба ман ошно ва шинос, чунон бо хотирот пуропур ва чунон бо якдигар ҳамоҳанг буданд, ки гӯё ҳамаи инҳо бо як маъно ва фикр пайванд шуда буданд, чунон ки ман якбора дар худам навозиши гарму нарми ин хонаи кӯҳнаи азизро эҳсос намудам. Беихтиёр чунин пурсиш ба хотири ман расид: чи тур шуд, ки мо, ману ин ҳавлӣ, ин қадар дуру дароз аз ҳам ҷудо буда тавонистем? — ва ба тарафе шитобон дави-

да рафтам, ки бубинам, ҳама хонаҳо ҳамон тур, ки буданд, ҳастанд, ё на? Ҳамаи онҳо чунон ки буданд, ҳастанд, валекин ҳамаи онҳо хурдтар ва пасттар шудаанд ва ман гӯё баландтар шудаам, сангинтар ва дуруштар гаштаам; вале хона маро, он чунон ки ҳастам, ҳамон тур хушҳолона дар оғӯши худ гирифт ва бо ҳар тахтафарши худаш, бо ҳар тирезааш, бо ҳар пояи зинааш, бо ҳар садо доданаш дар ман тасаввур ва шаклҳои гуногун ва эҳсосоти беҳадду андоза бедор мекард ва ҳодисоти хушбахтонаи бебозгашти рӯзҳои гузаштаро ба ёди ман меовард. Мо ба хонаи хобгоҳи бачагонаи худамон даромадем: ҳамаи ваҳшати бачагона боз аз тозагӣ дар торикии ҳар гӯша ва дарҳо пинҳон буд; аз меҳмонхона гузаштем — ҳамон муҳаббати оромонаи навозишкоронаи модар ҳамаи чизҳои дар он ҷо истодаро, фаро гирифта буд; аз зал гузаштем — гӯё хушҳолии пурошӯби бепарвоёнаи бачагона дар ин хона ҳанӯз монда буд, ва интизорӣ мекашид, ки онро аз сари нав бедораш намоянд. Дар хонаи истироҳат, ки моро Фока ба он ҷо даровард ва барои мо ҷойхоб густуронид, чунон менамуд, ки ҳамаи асбоби он хона — оина, пардаҳо, шамоили чӯбини қадима, ҳар кадом баландию пастӣ ва дуруштиҳои девор, ки коғази сафед часпонда шудааст, — ҳамагӣ гӯё аз мусибат ва андӯҳ, аз марг ва аз он чи, ки акнун дигар нахоҳад баргашт, ҳикоя мекард.

Мо дароз кашидем ва Фока ба мо шабхушӣ карда, моро гузошта рафт.

— Охир, дар ин хона бибиҷонам вафот карда буд? — гуфт Володя.

Ман ба ӯ ҷавобе намегуфтам ва худамро ба хоб мезадам. Агар ман чизе мегуфтам, гирья карда сар медодам. Ҳангоме ки ман рӯзи дигар пагоҳонӣ аз хоб бедор шудам, падарам ҳанӯз рахт дар бар накарда, мӯзаи нармаки ранго-ранге дар пой ва ҷомаи дароз дар тан, сигар дар дандон, дар ҷойхоби Володя нишаста буд ва бо ӯ гуфтугузор дошт ва ханда мекард. Ӯ хушҳолона китф ҷунбонда аз ҷои Володя барҷаст ва пеши ман омад ва бо дасти бузургаш ба тахтапушти ман якто зад ва рухсораи худашро ба ман наздик кард ва онро ба лабони ман часпонд.

— Хайр, бисьёр хуб, офарин, дипломат,— мегуфт ӯ бо навозиши бисьёр шӯху шангӣ ба худаш хос, дар ҳолате ки бо чашмони хурдтараки ҷилодораш ба ман нигоҳ мекард.— Володя мегӯяд, ки имтиҳонро хуб адо кардай, боракалло, офарин. Агар хоҳӣ, ки девонагӣ накунӣ, ту низ бачаи хуб ҳастӣ. Раҳмат ба ту, дӯстаки ман. Акнун мо дар ин ҷо хуш хоҳем зист ва дар зимистон шояд ба Петербург бикӯчем; фақат афсӯс, ки мавсими шикор сипарӣ шуда монд, вагарна ман шуморо хурсанд мекардам; хӯш, Вольдемар, ту метавонӣ бо туфанг шикор кунӣ? сайд аз ҳад зиёд аст ва ман худам ҳам бо ту рӯзе ҳамроҳ биравам, мешавад. Хайр, дар зимистон, худо хоҳад, ба Петербург ки кӯчидем, одамонро мебинед, бо онҳо шиносоӣ ва муносибат мебандед; шумоён акнун бачагони калон шудаед, инак алъон ман ба Вольдемар гуфтам: шумо акнун ба роҳ даромадаед ва кори ман акнун ба анҷом расидааст, худатон метавонед роҳ биравед ва бо ман, агар машварат кардан хоҳед, мекунед; акнун ман мураббии шумо нестам, балки дӯсти шумо мебошам, дар ҳар ҳол мехоҳам ба шумо дӯст, рафиқ ва дар корҳое, ки аз дастам биёяд мушовир бошам, дигар ҳеҷ. Ин аз рӯи фалсафаи ту чӣ ранг бармеояд, Коко? А? Хуб аст ё бад? а?

Ман, маълум аст, ки бисьёр хуб, гуфтам ва дар ҳақиқат низ ин рафторро чунин дармеёфтам. Падарам дар ин рӯз як қиёфати бисьёр дилкаши хушҳолона ва бахтиёрона дошт ва ин муносибати бародарона ва рафиқона, чунон ки бо ман калонвор гирудор мекард, боз ӯро ба ман бештар маҳбуб сохта буд.

— Хӯш, ту ба ман бигӯй, ту ба дидори ҳама хешовандон рафтӣ? Ивинҳоро дидӣ? пирмардро дидӣ? ӯ ба ту чӣ гуфт? — ба пурсишҳояш давом мекард ӯ.— Ба хонаи князь Иван Иваныч рафта будӣ?

Ва мо ҳамин тур дуру дароз либос ва рахтамонро дар бар накарда гуфтугузор кардем, чунон ки офтоб акнун аз хонаи мо рафта истода буд ва Яков (ки ҳама он чунон пир буд, ва ҳамчунон ангуштонашро дар пушташ мегардонд ва *боз-боз* гӯён такрор мекард) ба хонаи мо даромада омад ва ба падарам гузориш дод, ки ароба муҳайёст.

— Ту куҷо рафтанӣ ҳастӣ? — гӯён ман аз падарам пурсидам.

— Эҳ, кам монда буд, ки фаромӯш намоям,— гуфт падарам, дар ҳолате ки китфҳояшро *нохушнудона* меафшонд ва сурфа мекард: — Ман имрӯз ба хонаи Епифановҳо рафтанро ваъда карда будам. Епифановаро, la belle Flamande-ро ёд дорӣ, ки ӯ ҳанӯз ба назди модаратон меомад. Онҳо мардумони хубе ҳастанд.— Ва падарам, ба ман чунон намудор шуд, ки китфашро шармгинона афшонда аз хона баромада рафт.

Любочка дар ҳангоми гуфтугӯйҳои мо кайҳо чанд бор ба дами дар омада буд ва мепурсид: «Пеши шумо даромадан мумкин аст?», ва дар ҳар дафъа падарам аз дарун фарьёд мезад, ки ҳеҷ мумкин нест, зеро мо рахт дарбар накардаем».

— Хайр, чӣ мешавад! Ман ки туро дар ҷома дидаам?

— Бе шалвору бе изор дидани бародаронат барои ту ҳеҷ мумкин нест,— гӯён фарьёд мекард падарам ба ӯ, инак ҳар кадомаш дарро барои ту бикӯбад бас мекунад? Дарро бикӯбед. Бо ту сухан гуфтан ҳам дар либоси номаҳрамона норавост.

— Оҳ, шумоён чӣ тур тоқатшикан ҳастед! Хайр, охир, ҳеҷ набошад зудтар ба меҳмонхона биёетон, Мими чунон мехоҳад шуморо бубинад, ки — гӯён Любочка аз паси дар фарьёд мезад.

Падарам ки аз дар баромад, ман зуд сюртуки донишҷӯиро дар бар кардам ва ба меҳмонхона омадам; Володя бошад, шитоб намекард ва дуру дароз дар болохона бо Яков дар бораи дар куҷо зист кардани паррандаҳои лойхӯрак ва ҷуволдӯзак пурсида менишаст, чунон ки ман гуфта будам, дар дуньё чизе, ки ӯ аз он бисьёр метарсид, ҳамин муомилаҳои меҳрубонона бо падарҷону додараку хоҳарак буд, чунон ки таъбир мекард, ва аз ҳар гуна изҳори ҳиссиёт худдорикунон ба ҳадду қутби дигаре меафтод ва чунон сардмуомилагие мекард, ки ин аксар ба дилмонии сахти касоне сабаб мегашт, ки иллати инро намедонистанд. Дар даҳлез ман бо падарам дучор омадам,

ки бо қадамҳои хурд-хурд ва босуръат ба нияти ба ароба нишастан мерафт. Ӯ дар сюртуки навзуҳури москвагиаш буд ва аз ӯ бӯи атр мевазид. Маро ки дид, ӯ хушҳолона сарашро такон дод, гӯё ки мегуфт: мебинӣ чӣ хуб аст?» ва боз маро он адои бахтьёронаи чашмони ӯ, ки пагоҳонӣ дида будам, ба ҳайрат андохт.

Меҳмонхона, чунон ки пештар буд, ҳамон тур равшан ва баланд буд, бо рояли зарди англисӣ ва бо тирезаҳои калонкушодагӣ, ки аз онҳо дарахтҳои кабуд хушҳолона менигаристанд ва пайраҳаҳои зарду сурхранги боғ намудор буданд. Бо Мими ва Любочка бӯсакунон ба назди Катенька ки омадам, ногаҳон ба дили ман гузашт, ки акнун бо ӯ бӯсобус кардан чандон ҳам муносиб нест, бинобар он ман хомӯшона ва сурх шуда дар ҷои худам рост мондам. Катенька ҳеҷ хиҷолат накашида ба ман дасти сафеди худашро дароз кард ва маро ба дохил шуданам ба дорулфунун муборакбод намуд. Ҳангоме ки Володя ба меҳмонхона даромад, бо ӯ низ дар вақти мулоқот бо Катенька ҳамин ҳол рӯй дод. Дар ҳақиқат ҳал кардани ин масъала душвор буд, баъд аз он ки мо дар як ҷо хурд калон шудем ва дар ҳамаи ин муддат ҳар рӯз ҳамдигарро медидем, бояд акнун баъд аз ҷудоии нахустин чи тур мулоқот мекардем. Катенька аз ҳамаи моён бештар сурх шуд; Володя ҳеҷ ба ташвиш наафтод ва ба сӯи ӯ як нимтаъзиме ба ҷо оварда ба тарафи Любочка равон шуд, ки бо ӯ низ андаке пурсупос намуд ва он ҳам на он қадар ба тури ҷиддӣ буд, пас аз он худаш танҳо ба сӯе барои гардиш кардан рафт.

Боби XXIX

МУОМИЛОТИ МИЁНИ МОВУ ДУХТАРОН

Володя нисбат ба духтаракон як назари аҷибе дошт, ки ӯро метавонист ин масъалаҳо машғул намояд: онҳо сер ҳастанд ё на, магар аз хоб сер шудаанд, магар либоси муносиб пӯшидаанд, магар ҳангоми франсавӣ ҳарф задан хато намекунанд, ки аз ин

кори онҳо дар пеши бегонагон ӯ сахт шарманда шавад,— вале ӯ дар худ ҳеҷ андешаеро роҳ намедод, ки онҳо метавонанд чизе одамивор фикр кунанд ё эҳсос намоянд ва аз ин ҳам бештар ӯ ҳеҷ ба худаш роҳ намедод, ки дар бораи чизе бо эшон муҳокима намояд. Ҳангоме ки барои эшон дар бораи чизи ҷиддитаре лозим мешуд, ки ба ӯ муроҷиат намоянд (ки акнун онҳо саъй мекарданд, бисьёр аз ин кор худдорӣ намоянд), масалан, агар онҳо мулоҳизаи ӯро, дар бораи романе, ё ки дар бораи таҳсилоти ӯ дар дорулфунун ҷӯё мешуданд, ӯ афташро аъҷуба мекард ва дам назада мегузашту мерафт ё ки бо як талаффузи ғалати франсавӣ ҷавобе медод: *ком си три жоли* ва монанди инҳо, ё ки қасдан як чеҳра ва қиёфати ҷиддии аблаҳонае мегирифт ва калимае мегуфт, ки ҳеҷ маъное ва муносабате бо мавзӯи баҳс надошта бошад ва чашмонашро хира карда истода, калимаҳои: *булка,* ё ки *рафтем,* ё ки *карам,* ё ҳамин тур як чизи дигаре мегуфт. Агар воқеъ мешуд, ки ман гапҳои Любочка ё ки Катенька гуфтагиро ба ӯ такрор мекардам, ӯ ҳамеша ба ман чунин мегуфт:

— Ҳм! Пас ту ҳанӯз бо эшон баҳсу ҷавоб мекунӣ? Не, ман мебинам, ки ту ҳанӯз хомӣ.

Вақти гуфтани ӯ ин ҷумларо, барои ин ки тамоман дуруст тақдир намоед, ки ӯ чи қадар ифодаи ҳақоратомезе дар қиёфат намоён мекард, ӯро бояд медидед ва мешунидед. Володя акнун ду сол шуда буд, ки бузург ба шумор мерафт ва дам ба дам ба ҳамаи занони хушсимое, ки ӯ дучор мешуд, дил медод; вале ҳарчанд ӯ ҳар рӯз Катенькаро, ки низ акнун ду сол боз либоси дароз мепӯшид ва рӯз ба рӯз хушрӯйтар мешуд, медид, имкони ба Катенька ишқ варзидан ҳаст гӯён андеша ҳам намекард. Ва ин аз он сабаб буд, ки хотироти ҳаррӯзаи муқаррарии тифлона — ҷадвал, ҷойпӯш, нозу-нуз карданҳо ҳанӯз дар хотир бисьёр тоза ва нав буданд, ё аз он, ки ҷавонбачагон ба ҳамаи чизҳои хонагӣ як нафрат доранд, ё аз заъфи мизоҷи умумӣ дар мардумон, ки дар роҳи нахустини худашон хуб ва зебоиро дучор шуда аз он гузашта мераванд ва мегӯянд: «Э! ҳоло ман инхелҳояшро дар

зиндагонии худам бисьёр дучор хоҳам кард», дар ҳар сурат Володя ба Катенька ҳанӯз то ҳол чун ба зане нигоҳ намекард.

Володя дар муддати ин тобистон, зоҳиран, бисьёр дилтангӣ мекашид; дилтангии ӯ аз он меомад, ки моро ба назари ҳақорат мегирифт ва чунон ки аз ин пеш гуфта будам, худи ӯ низ инро пинҳон карданӣ намешуд. Ифода ва адои доимии чеҳраи ӯ чунин мегуфтанд: «Уфф, чӣ қадар дилтангиовар аст, касе нест, ки бо ӯ гуфтугузор намой!» Воқеъ мешуд, ки ӯ аз аввали пагоҳ ё туфангро гирифта ба танҳой ба шикор мерафт, ё ки дар хонаи худаш либос напӯшида то наҳорӣ ба китоб хондан машғул мегардид. Агар падарамон дар хона набошад, ӯ ба наҳорӣ хӯрдан низ бо китоб меомад, онро хондан мегирифт ва бо ҳеҷ яке аз моён гап ҳам намезад, ва аз ин кори ӯ мо ҳамагӣ худамонро дар назди ӯ айбдор барин ҳис мекардем. Шабоҳангом низ дар меҳмонхона пойҳояшро ба рӯи диван кашида ба дасташ такья карда ба хоб мерафт ё ки бо қиёфаи ҷиддӣ ягон чизи аз ҳад зиёд бемаънои дурӯғ ва гоҳе чизҳои аз одоб берун ҳам ҳикоя мекард, ки аз шунидани он Мими дар қаҳр мешуд ва ба рӯяш доғҳо ва лаккаҳои сурху сафед пайдо мешуд ва мо бошем аз ханда мемурдем; аммо ҳеҷ гоҳ ғайр аз падарамон ва баъзан ман, ӯ аз оилаамон ҳеҷ як каси дигарро лоиқи ба тарзи ҷиддӣ сухан гуфтан намедонист. Ман беихтиёрона нисбат ба духтаракон тариқати бародарамро тақлид мекардам, ҳар чанд ман аз меҳрубонӣ мисли ӯ он қадар ҳазар намекардам, зеро ба назари ҳақорат нигаристани ман ба духтаракон он қадар ҳам амиқ ва маҳкам нашуда буд. Ман дар ин муддати тобистон аз дилтангӣ ҳатто ба наздиктар шудан бо Любочка ва Катенька таҷриба ҳам карда дидам, вале дар ҳар бор, ман дар онҳо он чунон сустии муҳокимоти мантиқӣ мушоҳада намудам ва он қадар аз чизҳои оддӣ, масалан аз он, ки пул чист, дар дорулфунун чӣ таҳсил менамоянд, ҷанг чӣ чиз аст ё ҳамин барин чизҳо бехабарии онҳоро дидам, ва ҳангоми шарҳ додани ин мавзӯъҳо онҳоро чунон лоқайд ва бепарво меёфтам, ки ин ҳол мало-

ҳазоти начандон хуби дар бораи онҳо доштаи маро боз маҳкамтар мекард.

Ёдам меояд, боре шабоҳангом Любочка як сад бор дар фортепиано як оҳанги бениҳоят ба дил задаро такрор ба такрор менавохт, Володя дар меҳмонхона ёзида хобида буд ва дар рӯи диван пинак мерафт ва гоҳ-гоҳе бо андаке истеҳзои ғазаболудона, ба ҳеҷ яке хитоби махсус накарда, зери лаб «ҳай хуб коре мекунад, ин созандахоним... *Битховен!*.. (ин номро ӯ бо як истеҳзои хосе адо мекард), бисьёр тез... ҳа, боз як дафъа... ҳа, баракалло» ва ҳамин тур гапҳо мегуфт. Катенька ва ман дар сари мизи чойхӯрӣ монда будем ва дар хотирам намонда аст, бо чи муносибате Катенька суханро ба сари мавзӯъи дӯстдоштааш, ки ишқ буд, овард. Ман ҳолати рӯҳияи мувофиқе барои гуфтугузори фалсафӣ кардан доштам ва мутакаббирона ишқро чун хоҳиши дар каси дигар ёфтани он чи, ки дар худ нест, ва ғайра ба таъриф кардан шурӯъ намудам. Вале Катенька ба ман ҷавоб медод, ки агар духтар хоҳад ба як каси давлатманд ва доро ба занӣ биравад, ин ишқ нест ва мегуфт, ки дар назари ӯ сарусомон ва давлат як чизест нокирӣ ва ишқи ҳақиқӣ он аст, ки ба ҳиҷрон тоб оварда тавонад (ман ин нуктаро пай бурдам, ки ӯ ба муҳаббаташ нисбат ба Дубков ишора мекард). Володя, ки албатта ин гуфтугузори моро мешунид, ногаҳон ба рӯи оринҷаш баланд шуд ва пурсишкорона фарьёд карда сар дод: «*Катенька! Русҳо?*»

— Доимо ҳарзагӯӣ! — гуфт Катенька.

— *Ба мурчдон?* — гӯён давом мекард Володя, дар ҳолате ки ҳар як ҳарфи садоноки калимаро мад мекашид. Ва ман наметавонистам наяндешам, ки ҳақ дар сӯи Володя аст.

Ғайр аз он камолоти каму беши умумии қобилият ва истеъдоди ақлӣ ва эҳсосоти бадеие, ки ашхос дорои онҳо ҳастанд, боз як қобилияти хосе низ ҳаст, ки дар аъзои баъзе аз гурӯҳҳои ҷомеа, билхосса дар баъзе оилаҳо каму беш инкишоф ёфтааст, ки ман онро *фаҳму идрок* меномам. Моҳияти ин фаҳму идрок иборат аз ҳис карда тавонистани андоза ва эъти-

дол, ки дар он доира мақбул афтодааст, ва аз доро будани назари яктарафаи хосе дар бораи ашьёст, ки дар он доира муайян шудааст. Ду шахси аз як ҷамоа ё аз як хонадон буда, ки ин қобилиятро доранд, ҳамеша изҳори эҳсосоти худашонро то нуқтаи муайяне метавонанд бирасонанд, аммо дар он сӯи он нуқта ҳар дуи онҳо дигар фақат гапи хушкро мебинанд; дар ҳамон як лаҳза онҳо мебинанд, ки дар кадом нуқта тавсиф ва таъриф ба поён расида истеҳзо шурӯъ мегардад, дар кадом марҳала саргармӣ ба анҷом мерасад ва тасаннӯъ ва сохтакорӣ сар мешавад,— ки дар назари ашхоси фаҳму идроки дигаре доштагӣ ин ҳол метавонад тамоман ба тарзи дигар тараққӣ гардад. Ба назари касоне, ки фаҳму идрокашон дар як минвол аст, ҳар чиз аксаран ё бо ҷиҳати хандаовараш, ё зебоияш, ё бо ҷиҳати баду ифлоси худ ҷилвагар мешавад. Барои осонтар кардани фаҳму идроки якранг дар миёни аъзои як гурӯҳ ё хонадон як забон ва лаҳҷаи хосе низ барпо мегардад, тариқи ифода ва услуби муайяне сохта мешавад, ҳатто калимаҳое ба вуҷуд оварда мешавад, ки ҳамон нозукиҳои маънои матлубро, ки дигарон онро намебинанд, муайян менамояд. Дар оилаи мо миёни падарам ва моён, бародарон ин ранг идрок ва пай бурдани мақсад бисьёр ба ҳадди камол расида буд. Дубков низ чи тур шуда буд, ки ба ин ҷамъияти мо мувофиқ афтода буд ва *сарфаҳм мерафт,* вале Дмитрий, ҳарчанд аз ӯ оқилтар бошад ҳам, дар ин хусус кундфаҳм буд. Ҳамчун бо Володя, ки мо дар як шароит бузург шуда будем, бо ҳеҷ кас ин қобилиятро ба ин дараҷа нозукӣ норасонда будем. Акнун падарамон низ кайҳо аз мо пас монда буд ва бисьёре аз нуктаҳо, ки барои мо монанди ду карат ду маълум ва ошкор буд, барои ӯ пинҳон монда буд. Масалан, дар миёни ман ва Володя, худо медонад, чи тур ҳосил шуда буд, ки ин калимаҳо бо маъноҳои муайянашон ба вуҷуд омада буданд: *мавиз* чунон маъно медод, ки гӯё ман пулдории худамро мағрурона ва муфтахирона нишон доданӣ ҳастам, *чалғӯза* (зимнан, дар ҳангоми адо кардани ин калима бояд ду ангуштро баҳам васл кард ва ҳарфи *ч*-ро дурусттар

бояд мадд кашид) чунон маъно медод, ки чизест тоза, ботароват, аммо дур аз худорой; исме, ки ба сурати ҷамъ ба кор бурда мешуд, чунон маъно медод, ки ба ин кор шуғл ва майл доштан носазост ва ғайра ва ҳоказо. Вале бо ин ҳама бояд қайд намуд, ки маъноҳо бештар ба қиефати чеҳра, ба мазмуни умумии гуфтугузор алоқаманд буданд, чунон ки ҳар кадоми аз мо ки як мафҳуми тозае барои ифодаи як нозукие медодем, они дигаре зуд онро бо як ишорае пай мебурд. Духтаракон фаҳму идроки моро доро набуданд ва худи ҳамин нукта моро аз эшон ба куллӣ рӯҳан мумтоз мекард ва аз ҳамин ҷиҳат мо ба онҳо бо назари ҳақорат менигаристагӣ шуда будем.

Шояд онҳо ҳам дар миёни худашон *идрок* ва *фаҳми* дигаре дошта бошанд, вале он то он дараҷа бо равиши моён мувофиқ намеомад, ки масалан дар ҷое, ки мо танҳо як суханҳои холӣ аз мазмунро медидем, онҳо ҳиссиётро медиданд, истеҳзои мо барои онҳо мисли ҳақиқат ба шумор мерафт ва ғайра. Вале он замон ман ҳанӯз намефаҳмидам, ки дар ин ҳол онҳо муқассир нестанд ва набудани чунин фаҳму идрок монеи он нест, ки онҳо духтаракони зебо ва боақл бошанд, вале ман ба онҳо ба назари ҳақорат менигаристам. Илова бар он як бор ки фикри кушодадил будан ба сарам омад ва ин фикрро ба худ татбиқ карда ба ифроту тафрит афтодам, ман мизоҷи ором ва хушбовари Любочкаро, ки ҳеҷ эҳтиёҷ ба кофта баровардани афкор ва тамоюлоташ зарурат пайдо намешуд, ба сохтакорӣ ва дамдуздӣ айбдор кардам. Масалан, он ки ҳар шаб Любочка падарамро дуо мекард ва хоҷ мезад ва ё он ки ӯ ва Катенька дар ҳангоми зиёрати қабри модарам дар гӯргоҳи ӯ гирья мекарданд ё он ки дар ҳангоми навохтани фортепиано Катенька оҳ мекашид ва чашмонашро роғ-роғ мекард, ҳамаи ин рафтору кирдорҳо ба ман як ранг сохтакории бениҳоят менамуд ва аз худам мепурсидам: онҳо кай ва дар куҷо ин қадар мисли бузургсолон сохтакорӣ карданро омӯхтаанд, ва чи тур аз ин кор онҳо худашон шарм ҳам намекунанд?

Боби XXX

МАШҒУЛИЯТҲОИ МАН

Ба ин нигоҳ накарда дар ҳамин тобистон бештар аз дигар солҳо, ман аз он ҷиҳат, ки дар дилам шавқу ҳавас ба мусиқӣ падид омада буд, бо духтаракон амон наздиктар шудам. Дар баҳорон ба деҳаи мо як ҳамсояе барои шиносондани худаш омад. Ӯ ҷавоне буд, ки ба муҷарради ба хона даромадан ҳамеша ба тарафи пианино назар медӯхт ва дар он замоне ки бо Мими ва Катенька сӯҳбат мекард, курсии худашро андак-андак ба он наздик мебурд. Дар бораи ҳаво ва хушиҳои ҳаёти деҳа гуфтугузоре карда, ӯ суханро устодона ба мавзӯи соз кардани олати мусиқӣ кашид ва аз мавзӯи мусиқӣ ба пианино кашонд ва дар охир изҳор кард, ки ӯ пианино менавозад ва ба зудӣ се вальсро навохт, чунон ки дар вақти пианинонавозии ӯ Любочка, Мими ва Катенька назди пианино меистоданд ва ба ӯ нигоҳ мекарданд. Ин ҷавон пас аз он ҳеҷ гоҳ ба хонаи мо наёмад, лекин пианино навохтани ӯ бисьёр ба ман хуш омада буд, қиёфат ва адои ӯ ҳангоми назди пианино нишастанаш, афшондани мӯи сар, хусусан тарзи гирифтанаш пардаҳои пианиноро бо дасти чап, ки дар он ҳангом ангушти хурдаш ва ангушти бузургашро тунду тез мекушод ва мувофиқи вусъати парда нигоҳ медошт ва онгоҳ оромона онҳоро хам мекард ва боз шитобкорона онҳоро рост мекард. Ин ҳаракати зебо, қиёфат ва тури соддаи бепарвоёна, афшондани мӯи сар ва диққате, ки хонимҳои мо ба истеъдоди ӯ медоданд, дар сари ман фикри пианинонавозиро ба вуҷуд овард. Дар натиҷаи ин фикр ман қаноат ҳосил кардам, ки қобилияти ин корро дорам ва шавқи мусиқӣ дар дили ман ҳаст ва ба ёд гирифтан сар кардам. Дар ин хусус ман мисли миллионҳо мардон ва хусусан занони навомӯз кордорӣ мекардам, ки омӯзгори хуб ва истеъдоди ҳақиқӣ надоранд, ва намедонанд, ки ин санъат чӣ дода метавонад ва чи тур бояд онро дарбар намуд, ки чизе аз он барояд. Барои ман мусиқӣ ё ки, дурусташро бигӯям, навохтани пианино барои ҷалб кардани духтарон бо эҳсосоти худам бу-

ду бас. Бо ёрмандии Катенька нотаҳоро ёд гирифта панҷаҳои ғафсамро андаке хаму рост мекардагӣ шудам, дар ин амалиёт ман як-ду моҳе чунон кӯшиш ба харҷ медодам, ки ҳатто дар вақти наҳорӣ хӯрдан дар рӯи зону ва дар вақти хоб дар рӯи болин бо ангушти беитоати бунсур варзиш ва идмон мекардам ва дар натиҷаи ин фаъолият ба зудӣ *порчаҳои оҳангҳоро* ба навохтан сар кардам ва гӯё онҳоро бо рӯҳ avec âme менавохтам, ки Катенька низ ба ин фикри ман мувофақат дошт, аммо ҳамаи он машқҳо беусул буд.

Тарзи интихоби ин порчаҳо маълум буд — вальсҳо, галопҳо, сурудҳо (arrangés) ва ҳамин ранг чизҳо. Инҳо чунон порчаҳое буданд, ки асарҳои ин ранг созанда ва бастакорони ҳама дӯстдоштаро ҳар касе ки андаке завқи солим дошта бошад, дар дӯкони нотафурӯшӣ аз миёни чизҳои бисьёр олӣ ва баланд ҷудо карда медиҳад ва ба шумо мегӯяд: «Инҳо чизҳоест, ки набояд бо инҳо машғул шуд, зеро бадтар аз инҳо ва бемазатару бемаънотар аз инҳо дар ҳеҷ коғази нота дар олам дигар чизе навишта нашудааст» ва эҳтимол аз ин ҷиҳат бошад, ки ҳама ин чизҳоро дар рӯи пианинои ҳар духтархонимри рус ёфта метавонед. Оре, дуруст аст, ки дар дасти мо мақомҳои сиёҳбахти тамоман дар дасти духтаракон вайрон шудаи сонатаҳои Бетховен «Sonate Pathétique»[1] ва Cis-moll буд, ки ба ёдоварии модарам гоҳе Любочка онҳоро менавохт ва боз як чанд нусха бо порчаҳои хубе, ки омӯзгори дар Москва будаи ӯ дода буд, низ вуҷуд дошт, лекин дар миёни инҳо таълифоти худи ҳамин омӯзгор ба монанди маршҳо ва галопҳои бемаънӣ ҳам буд, ки онҳоро Любочка низ менавохт. Мо бошем, бо Катенька чизҳои ҷиддиро дӯст намедоштем ва ба ҳамаи онҳо «Le Fou»[2] ва «Булбул»-ро тарҷеҳ медодем; «Булбул»-ро Катенька чунон менавохт, ки ҳаракати панҷаҳояш ҳам дида намешуд; ман дар ин рӯзҳо акнун хеле баланд ва пайваст менавохтагӣ шуда будам. Ман тарзи навохтани он ҷавонро аз худ карда будам

---

[1] «Сонатаи патетикӣ»
[2] «Ҷунунзада»

ва гоҳе таассуф мехӯрдам, ки чаро касе аз бегонагон нест, ки навохтани маро тамошо кунад. Вале андаке нагузашта дидам, ки акнун Лист ва Калькбренер ба ман зӯрӣ мекардагӣ шуданд ва ман медидам, ки бо Катенька ҳампо шудан дар иқтидори ман нест. Дар натиҷаи ин ба гумони ин ки мусиқии классикӣ сабуктар аст ва боз аз он ҷиҳат, ки як тозагӣ ба кор бурда бошам, ногаҳон ман ба худ чунон қатъ намудам, ки ман мусиқии фозилонаи олмониро дӯст медоштa бошам ва дар ин ҳол, ҳангоме ки Любочка «Sonate Pathétique»-ро адо мекард, ман завқ мебурдагӣ шуда будам, ҳол он ки ин мақом кайҳо ба дили ман зада буд ва ман худам ҳам Бетховенро менавохтагӣ шудам ва номи ӯро мад кашида *Бееетховен* мегуфтам. Дар миёни ҳамаи ин гумҷӯӣ ва сохтакориҳо, чунон ки ман акнун ба ёд меоварам, гӯё дар ман чизи қобилият монанде вуҷуд дошта буд, зеро таъсири зиёди оҳанг ва нағма маро ба гирья меовард ва он чизҳоеро, ки ман дӯст медоштам, як навъ карда бе нота ҳам дар пианино ёфта гирифта метавонистам; чунон ки агар дар он ҳангом касе ёфт мешуд, ки ба ман меомӯхт, ки оҳанг ва мусиқӣ на воситаест барои ба худ ҷалб намудани духтарон бо навохтани чобукона ва пуртаъсир, балки як ғояи хос ва завқи мустақил аст, шояд ман ҳам як мусиқидони дурусти ҳақиқӣ мешудам.

Хондани романҳои франсавӣ, ки Володя бисьёр бо худаш оварда буд, дар ин тобистон як соҳаи машғулияти дигари ман буд. Дар он овон Монтекристҳо ва ҳар гуна «Асрорҳо» барин асарҳо тоза баромада истода буданд ва ман романҳои Сю, Дюма ва Поль де Кокро хуб хондам. Ҳамаи он воқеаҳо ва шахсҳои ғайри табиӣ барои ман ҳамчунон зинда ва ҳақиқӣ меомаданд, ки ман на ки муаллифро ба дурӯғгӯӣ гумон мебурда бошам, балки худи муаллиф барои ман ҳеҷ вуҷуд надошт, аз худи китобҳои чопӣ дар пеши назари ман одамҳои зинда ва воқеоти ҳақиқӣ ҷилвагар мешуданд. Агар ман дар ҳеҷ ҷо он ранг мардумонеро, ки дар бораи онҳо мехондам, дучор намешудам ҳам, андаке шубҳа надоштам, ки ончунон касон албатта *хоҳанд буд*.

Ман дар замири худам ҳамаи он эҳтиросотеро, ки дар китоб тасвир мешуд, меёфтам ва дар худам монандӣ дар мизоҷ ва табиат бо қаҳрамонҳои онҳо ва бо бадкорони ҳар роман медидам, чи тур ки як каси савдоимизоҷ дар худаш ҳангоми китобҳои тибро мутолиа кардан нишонаҳои ҳар нохушии имкон доштаро гумон мебарад. Дар ин романҳо ҳама чиз ба ман хуш меомад: андешаҳои мудаббирона ва эҳсосоти пурҷӯшу хурӯш, пешомадҳои соҳирона ва мизоҷҳои устувор: агар мизоҷ ва табиат нек бошад, тамоман нек; бад бошад — дигар тамоман бад,— ба ҳамон тарзе, ки ман дар аввали марҳалаи ҷавонӣ мардумонро тасаввур мекардам; ба ман он ҷиҳат бисьёр хуш меомад, ки ҳамаи инҳо ба забони франсавӣ бударанд ва он чи аз суханҳои олиҷанобонае, ки дар он ҷо қаҳрамонҳои олиҷаноб мегуфтанд, ман метавонистам дар ёди худ нигоҳ дорам ва дар мавқеи худаш дар ҳангоми корҳои олиҷанобона кардан ба кор барам. Ман бо ёрмандии ин романҳо барои Колпиков чандин ҷумлаҳо дар хаёли худам мебофтам, то ки агар як тасодуфе шавад, ки ман бо ӯ дучор оям, ба ӯ бигӯям ва барои он *духтарак* низ, ки оқибат агар ба ӯ вохӯрам, ишқу орзӯи худамро ба он ҷумлаҳо адо кунам! Ман чунон ҷумлаҳое барои гуфтан ба онҳо ҳозир мекардам, ки агар мешуниданд, ҷон медоданд. Дар заминаи ин романҳо ҳатто ғояҳои нав, фазилатҳои ахлоқие ба вуҷуд меомаданд, ки ман мехостам онҳоро дар бар намоям. Пеш аз ҳама ман мехостам дар ҳамаи рафтору кирдори худам «noble» бошам (ман мегӯям noble, на олиҷанобон, зеро ин калимаи франсавӣ дигар маънӣ дорад, ки онро олмонҳо фаҳмиданд ва калимаи nobel-ро пазируфтанд ва бо он маънои ehrlich-ро наомехтанд), пас аз он ман мехостам *пурэҳтирос* бошам ва дар охир мехостам, то мумкин аст, бештар comme il faut бошам, ки ба он аз ин пештар низ тамоил доштам. Ман ҳатто аз ҷиҳати қиёфати зоҳирӣ ва одатҳоям низ ба он қаҳрамонҳое, ки яке аз ин хосиятҳоро доранд, тақлид кардани мешудам. Дар ёд дорам, ки дар яке аз садҳо романе, ки дар ин тобистон ман хонда баромадам, як қаҳрамони пурэҳтиросе буд, ки абрувони сермӯе дошт, ва дар дили ман чунон хоҳиш

ва орзӯи ба он монанд шудан падидор гашт, ки мехостам қиёфати зоҳирии ман низ ҳамон тур бошад, (замири ман худ мисли ӯ буд), ва ман дар пеши оина абрувони худро дида истода хостам, ки онҳоро андаке битарошам, то ки сермӯтар бирӯянд, аммо вақте ки ман онҳоро ба тарошидан сар кардам, чунон воқеъ шуд, ки дар як ҷояш бештар тарошида мондам, бинобарон дар тарафи дигар низ онро баробар кардан лозим омад ва дар пеши оина, ки ба худам нигоҳ мекардам, худамро беабрӯ ва аз ин боис бисьёр баднамо мушоҳида намуда ба даҳшат омадам. Бо ин ҳама дар умеди он, ки ба зудӣ абрувони ман монанди абрувони он қаҳрамони пурэҳтироси роман сермӯй хоҳанд расид, ман тасаллӣ меёфтам, фақат ташвиши ман аз он буд, ки наздикони мо маро беабрӯ дида агар пурсанд, чи ҷавоб бидиҳам. Ман аз Володя борут ба даст овардам, ба абрувонам молидам ва онро оташ задам. Ҳар чанд борут оташ нагирифт, вале ман хеле ба оташ задагӣ монанд шудам ва фиреби маро касе нафаҳмид ва дар ҳақиқат дар он рӯзҳое, ки дигар ман он қаҳрамони оташин ва пурэҳтиросро кайҳо фаромӯш карда будам, абрувони ман хеле сермӯйтар падидор гаштанд.

Боби XXXI

COMME IL FAUT

Кайҳо чанд бор дар хилоли ин саргузашт ман ба мафҳуме, ки ба ин сарлавҳаи франсавӣ мувофиқат дорад, ишорат кардаам ва акнун эҳсос менамоям, ки дар бораи ин мафҳум, ки дар ҳаёт ва зиндагонии ман яке аз мӯхликтарин ва дурӯғтарин мафҳуме буд, ки ба воситаи тарбия ва ҷамъият ба ман илқо шуда буд, фасли махсусе бахшидан зарурат дорад.

Навъи одамизодро ба қисмҳои гуногун ҷудо кардан мумкин аст: ба дороҳо ва нодорҳо, ба некукорон ва бадкорон, ба лашкариён ва мардумони ғайри ҳарбӣ, ба хирадмандон ва бехирадон ва монанди инҳо, аммо ҳар касе аз ин қисмҳо албатта як қисми маҳбубе низ дорад, ки ӯ бешуурона ҳар як шахсияти тозае-

ро ба он даровардан мехоҳад. Тақсимоти маҳбубтарин ва муҳимтарин аз барои ман дар он рӯзҳое, ки ман дар садади таҳрири он ҳастам, ҳамин тақсимот ба мардумони comme il faut ва comme il ne faut pas[1] буд. Қисмати дуввӯмӣ аз навъи одамони зотан нодуруст ва авом иборат буд. Мардумони comme il faut-ро ман эҳтиром мекардам ва дар муносибат бо ман баробар буданашонро муносиб медонистам; дуввӯмиҳоро чунон нишон медодам, ки гӯё ба назари ҳақорат менигариста бошам, вале дар ҳақиқат аз онҳо нафрат дар дил мепарвардам ва дар ҳаққи онҳо як ранг таҳқири эҳсоси шахсияти худро дар дил меёфтам; қисми саввӯм бошад, аз барои ман ҳеҷ мавҷуд набуданд — ман онҳоро ба ҳеҷ мешумурдам. Comme il faut будан *дар назари ман* аз ҳама бештар ва нахуст бисьёр хуб забони франсавӣ донистан ва хусусан тарзи адои фасеҳи он забон буд. Касе, ки забони французиро нодуруст ҳарф мезанад, дар худи ҳамон лаҳзаи нахустин дар дили ман як ҳисси нафрат ба вуҷуд меовард. «Аз чӣ сабаб ту мисли мо ҳарф заданӣ мешавӣ, ту ки наметавонӣ?» — гӯён пеши худ бо истеҳзои заҳролудона аз ӯ мепурсидам. Шароити дуввӯми comme il faut будан тарзи нохунҳо буд: нохунҳои дароз, тоза ва покиза; саввӯм таъзим, рақс ва гуфтугузор карда тавонистан буд; шарти чаҳорӯм ва муҳимтар аз ҳамаи дигаронаш бепарвоӣ дар ҳар хусус ва як ранг адои малолати пурназокати таҳқиромезона нишон додан буд. Ғайр аз он, ман боз баъзе аломатҳои умумие доштам, ки ба воситаи он бо касе сухан нагуфта ба кадом табақа мансуб будани ӯро ҳукм мекардам. Муҳимтарини ин аломатҳо ба ҷуз аз тартибу интизоми хона, мӯҳру тамға, салиқаи хатнависӣ, ва шаклу ҳайати ароба, пойҳо буданд. Нисбати мӯза ба шалвор дар аввали ваҳла дар назари ман мавқеи касро барои ман муайян менамуд. Мӯзаҳои бепошна бо нӯги кунҷдори вай, шалвори поёнаш танги бебандак,— ин аломати касони *соддa ва оддӣ* буд. Мӯзаи нӯгаш борики мудаввари пошнанок ва домани

[1] ба одамони дуруст ва нодуруст

борики шалвори бандакнок, ки ба пой часпида бошад ё ки васеъ бошад, бандак низ дошта бошад, ва монанди чодар рӯи мӯзаро мегирифта бошад,— инро аломати mauvais genre [1]-и он кас мешумурдам ва ғайра.

Аҷобат дар он буд: ман ки ба comme il faut будан лаёқати мусбат надоштам, то ба ин дараҷа ин ҳукм ва андешаҳо дар замирам ҷойгир шуда буд. Ва шояд ин биниш дар ман аз он ҷиҳат реша давонда бошад, ки барои ман comme il faut шудан заҳмати бисьёре талаб карда буд. Ба ёд овардан низ даҳшатовар аст, ки ман ҳанӯз дар шонздаҳсолагӣ чи қадар ҳаёти пурбаҳои нагзи худамро барои дар бар гирифтани ин хислат сарф карда будам. Ба ҳар касе, ки ман тақлид мекардам,— ба Володя, Дубков ва бештарин ошноҳои худам, ба назари ман чунон менамуд, ки ҳамаи он ба осонӣ муяссар мешуд. Ман ба онҳо бо рашку ғибта нигоҳ мекардам ва оҳиста ба касе нафаҳмонда дар омӯхтани забони франҷузӣ кӯшиш мекардам, ҳангоми салом додан ба касе тарзи ба ӯ назар наафганда таъзим ва тавозӯъ карданро аз худ мекардам, дар болои тариқи суханронӣ ва гуфтор, рақс ва дар болои як қобилияти бепарвоёна доштан ва дилтангӣ вонамуд кардан дар ҳама кор, дар болои нохунпарварӣ кор мекардам, чунон ки ман гӯшти дастамро бо қайчӣ мебуридам, ва бо ин ҳама эҳсос мекардам, ки ҳанӯз барои ман хеле заҳмат кашидан рост меояд, то ки ба мақсуд бирасам. Аммо хона, мизи хатнависӣ, аробаи саворихоро ҳеҷ наметавонистам чунон дуруст кунам, ки мувофиқи comme il faut бошад, ҳар чанд худро маҷбур мекардам, ки бо ин машғул шавам, гарчи аз корҳои амалӣ нафрат доштам. Дар касони дигар, гӯё бе ҳеҷ заҳмат ҳамаи ин корҳо хеле хуб анҷом меёфт ва гӯё ба тарзи дигар ҳам наметавонист бошад. Дар хотир дорам, ки як вақт пас аз заҳмат ва меҳнати бисьёр ва беҳуда дар болои нохунпарварӣ, ман аз Дубков, ки нохунҳояш бисьёр ҳайратангезона шакли хуб доштанд, пурсидам: кай боз нохунҳояш ин тур аст ва чи тур онро ба ин шакл даровардааст? Дубков ба

[1] бесалиқагӣ

ман чунин ҷавоб гуфта буд: «Аз он рӯзе, ки ман худамро дар хотир дорам, ҳеҷ гоҳ коре накардаам, ки онҳо чунин гарданд ва ман ҳеҷ намедонам, ки нохунҳои одамони дуруст аз ин дигар чи тур метавонистанд бошанд». Ин ҷавоб маро бисьёр андӯҳгин кард. Ман он замон ҳанӯз намедонистам, ки яке аз шароити comme il faut будан, пинҳон доштани он меҳнат ва заҳматҳоест, ки барои comme il faut шудан ба амал оварда мешавад. Comme il faut будан барои ман на танҳо яке аз фазилатҳо ва хосиятҳои хуб ва камолот буд, ки ман орзӯи расидан ба онро дар дил мепарвардам, вале ин шарти зарурии ҳаёт буд, ки бе доштани он ҳеҷ хушбахтӣ, ҳеҷ шӯҳрат, ҳеҷ чизи хубе дар дунёи равшан ба даст намеомад. Ман на санъаткори машҳуреро ва на олимеро ва на хайрхоҳи олами инсониро эҳтиром намекардам, агар ӯ comme il faut намебуд. Одами comme il faut аз ҳамаи онҳо дар қиёс болотар ва баландтар меистод. Ӯ ба он тур ашхос имкони сурат кашидан, нота навиштан, китоб таълиф намудан ва ҳар навъ корҳои нек карданро медод,— ҳатто ӯ ба ин корашон онҳоро тавсиф мекард ва офарин мегуфт: касе ки хубӣ дорад, барои чи ӯро таъриф накунӣ, вале ӯ бо онҳо дар як мақом ва дараҷа ҷой гирифтан наметавонист, зеро ӯ comme il faut буд ва он дигарон ин тур набуданд ва — ҳамин кифоя буд. Ба ман чунин меояд, ки агар мо бародар, модар ё падар дошта будем ва онҳо аз ин табақаи comme il faut намебуданд, ман ҳозир будам, бигӯям, ки ин бадбахтист, вале аз ин рӯ миёни ману эшон ҳеҷ муносибате наметавонад буда бошад. Вале на беҳуда сарф кардани фурсату вақти қиматбаҳо, ки дар такопӯи ҳамешагии дар бар кардан ва ичро намудани он амалиёти мушкил ва душвори шароити comme il faut шудан барои ман, ки монеъ ба машғул шудани корҳои ҷиддӣ мегашт, на нафрате, ки аз ин рӯ ба нӯҳ қисмат аз даҳ қисмати навъи башар дар дили ман ба вуҷуд омада буд ва на беэътиной ба ҳар чизи зебо ва нағзе, ки берун аз доираи ин табақаи comme il faut дида мешуд — ҳамаи инҳо ҳанӯз на он дараҷа зарари асосӣ ва муҳим буд, ки ин мафҳум ва фикр ба ман расонда буд. Зарари

асосие, ки ин афкор ба ман расонда буд, иборат аз он эътиқод ва қаноате пеш меомад, ки comme il faut буданро ман як мақоми хос дар ҷамъият мешумурдам, чунон ки ба кас кӯшиш кардан лозим нест, ки на амалдор, на аробасоз, на аскар, на олим шавад, азбаски ӯ comme il faut аст; ӯ ки ба ин мақом ва дараҷа расидааст, акнун вазифаи худро иҷро карда истодааст ва ҳатто аз бештарин мардумон болотар рафтааст.

Дар яке аз овони муайяни ҷавонӣ, пас аз бисьёре саҳву хатоҳо ва тамоилоту орзуҳо, ҳар одамизод одатан маҷбур мегардад, ки бо фаъолият ба ҳаёти иҷтимоӣ иштирок намояд, барои худаш яке аз соҳаҳои коруборро қабул менамояд ва худашро ба он вақф мекунад; вале бо одаме, ки ба дараҷаи comme il faut шудан расидааст, ин ҳол хеле кам андар кам воқеъ мегардад. Ман бисьёре аз ин мардумони солхӯрда, мағрур, худписанд ва дар муҳокимоти худ қатъӣ ва дуруштро медонистам ва медонам, ки агар дар он дуньё аз ӯ пурсанд: «Ту кистӣ? ва ту дар он олам чӣ кор кардӣ? ғайр аз ин ки «Je fus un homme très comme il faut»[1] гӯянд, ҷавоби дигаре наметавонанд бидиҳанд.

Ҳамин қисмат маро нигарон буд.

Боби XXXII

ҶАВОНӢ

Ҳарчанде ки дар сари ман дар бораи мафҳумот ва назариёт печидагӣ ва дарҳаму барҳамӣ зиёд буд, бо вуҷуди ин дар ин тобистон ҳанӯз ман ҷавон, бегуноҳ, озод ва бинобар он қариб хушбахт будам.

Гоҳе ва аксар ҳам барвақт аз хоб бармехостам. (Ман дар ҳавои тоза, дар айвон мехобидам ва нури дурахшони якьёнаи офтоби пагоҳонӣ маро бедор мекард.) Ман чусту чолок либосҳоямро дар бар мекардам, дастмол ва китоби романи французиро зери бағал мегирифтам ва барои шустушӯ ба ҷӯйбор, дар

[1] «Ман бисьёр одами дуруст будам»

сояи дарахтзори тӯс мерафтам, ки дар масофати ним чақриме аз хона буд. Дар он ҷо ман дар соя рӯи сабза дароз мекашидам ва китоб мехондам, гоҳ-гоҳе чашмро аз китоб канда ба сӯи об, ки дар ҷойҳои сояаш ба ранги бунафш метофт назар меафкандам, ки дар зери таъсири насими пагоҳонӣ андак-андак ба ҳаракат меомад ва дашти зардтоби гандумзореро ки аз он тарафи канори ҷӯй намудор буд, тамошо мекардам, ба тарафи нури сурхи кушоди шиоъҳои пагоҳонӣ, ки андак-андак поин омада, танаи сафеди дарахтҳои тӯсро рангин мекард, ба ин дарахтҳо, ки яке дар паси дигаре пинҳон гашта аз пеши ман ба дуродур то бешазори холис ёзида мерафтанд, нигоҳ мекардам, ва дар худ низ он чунон тавони тару тозаи ҳаётро, ки аз табиати атрофи ман намоён буд, эҳсос намуда лаззат мебурдам. Ҳангоме ки дар рӯи осмон абрҳои пагоҳонии хокистарранг ҳанӯз мавҷуд буданд ва ман пас аз шустушӯ хунук мехӯрдам, бисьёр воқеъ мешуд, ки ман бероҳа бо дашту бешазор мӯзаамро то дарунаш бо шабнами тару тоза тар карда, кайф карда ба роҳ рафтан сар мекардам. Дар ин замон ман дар бораи қаҳрамонҳои романе, ки ба тозагӣ хонда будам, хаёл мепарваридам ва онҳоро пеши назар меовардам, гоҳе худамро сипаҳдор тасаввур менамудам, гоҳе вазир, гоҳе паҳлавони гузаро ва гоҳе як марди пурэҳтирос мепиндоштам ва бо изтироб дам ба дам ба гирду пешам нигоҳ мекардам ба умеди он, ки ногаҳон дар ҷое *он духтаракро* дар майдоне ё дар паси дарахте дучор гардам. Ҳангоме ки дар инчунин гаштугузорҳо мардону занони деҳқонро дучор мегаштам, ки машғули кор буданд, ҳар чанд *мардумони авом* барои ман мавҷуд набуданд, аммо ман ҳамеша дар дили худ як саросемагӣ ва ҳаросонии сахти бешуурона ҳис мекардам ва кӯшиш мекардам, ки онҳо маро набинанд. Ҳангоме ки ҳаво гармтар шаваду вале хонимҳои мо ҳанӯз ба чойхӯрӣ набаромада бошанд, бисьёр мешуд, ки ман ба боғу бӯстон мерафтам ва он чи ки аз мева ва сабзавот пухта расида бошад, мехӯрдам. Ва ин машғулият барои ман яке аз муҳимтарин корҳои лаззатбахш ба шумор мерафт. Гоҳе мешуд, ки ба себзор ба ғулитарин ҷои паттазо-

ри сералафи тамашк медаромадам. Дар болои сар осмони софи гарму сӯзон, дар гирдогирд паттазори сабзи кушод, ранги хордори тамашк, ки бо алафҳои бегона пур аст. Газнаи кабуди баландранг бо теппаи борики гул кардааш ба боло мавзунона қад кашида рафтааст; гиёҳи мушхор, ки баргҳои калон дорад, бо гулҳои ғайри табиӣ бунафши хордораш, бе ибо аз тамашк болотар ва аз сари одамӣ ҳам баланд рафтааст ва дар баъзе ҷоҳо бо газна ҳамдостон гашта, ҳатто то шохаҳои овезони сабзи нимранги дарахтҳои себ расидааст, ки дар болояшон себҳои ҳанӯз нопухта мисли донаки сахт ва ялаққосию муддавар ба тарафи офтоби тобон нигоҳ карда истода дар ҳаракати пухтан ҳастанд. Дар поин буттаи ҷавонаи тамашки қариб хушк шудаи бебарг печутоб хӯрда ба тарафи офтоб худашро мекашад; алафи сӯзаннамои кабуд ва эзорчаспаки навхез аз таги барги порсолаи аз шабнам тар шудагӣ зада баромада, дар сояи ҳамешагӣ пуробутоб кабуд шуда хобидааст, гӯё ҳеҷ хабаре аз он надоранд, ки дар баргҳои дарахти себ офтоб чи тур дурахшон бозӣ карда истодааст.

Дар ин паттазор ҳамеша рутубат мавҷуд аст ва аз ин ҷо ҳамеша бӯи сояи доимии ғафс омада меистад, бӯйҳои тори анкабуд, себҳои рехта пӯсидаи сиёҳ шуда, ки дар рӯи замини намнок хобидааст ва бӯи тамашк ва гоҳе бӯи ганги бешагӣ меояд, ки баъзан надониста бо мевае онро фурӯ мебарӣ ва зуд аз пасаш меваи дигареро ба даҳон меандозӣ, ки таъсири онро бибарад. Пеш рафта гунҷишконро, ки ҳамеша дар тангнои паттазор мезиҳанд, метарсонӣ, чириқ-чириқи бесаришта ва ба шохаҳо бархӯрдани болу пари хурд ва чобуки онҳоро мешунавӣ ва дар як ҷое ғунгос задани занбӯри асал, дар ҷое, дар пайраҳа овози пои боғбон Акимдевона ва доимо дар зери лаб ғурунг-ғурунг карда гаштани ӯ низ ба гӯшат мерасад. Онгоҳ пеши худ меандешӣ: «Не! на ӯ, на каси дигаре дар олам маро дар ин гӯша нахоҳад ёфт...», бо ду даст аз росту чап аз хӯшаҳои сафеди махрутишакл меваҳои обдорро чида мегирӣ ва нашъамандона паси ҳамдигар фурӯ мебарӣ. Пойҳо ҳатто аз зону боло

низ нам кашидааст ва дар сар як андешаи бисьёр беҳудаи бекора (ҳазорон бор такрор ба такрор мегӯй: бо--оо-з бис-то-о-ю бо--оо-з ҳафт), дастҳо ва пойро аз рӯи шалворҳои тар шудагӣ газна, сӯзондагӣ, сарро акнун шӯълаи офтоб, ки рост шуда аз мағзи дарахтон метобад, ба сӯзондан сар мекунад ва акнун кайҳо сер шудай, бо он ҳама дар паттазор менишинӣ, ба ҳар сӯ нигоҳ мекунӣ, гӯш медиҳӣ, ба фикру хаёл меравӣ ва беихтиёрона боз беҳтарин меваҳоро канда ба даҳонат меандозӣ.

Одатан дар соатҳои ёздаҳ, бештар пас аз чой, ман ба меҳмонхона меомадам, ки акнун хонимҳо дар паси корубори худ нишастагӣ буданд. Дар наздики тирезаи аввалин, ки бо пардаи кандирини сафед накардагӣ пӯшидааст ва аз паси равзан ва роғҳои он офтоби тобон, ба ҳар куҷо ки мерасад, чунон доираҳои ҷилодори оташин мегузорад, ки ба онҳо чашм дӯхтан озордиҳандааст, чанбаракҳоеро мебинед, ки латтаи сафед кашида шудааст ва дар рӯи онҳо магасҳо дар гардишанд. Дар сари чанбаракҳо Мими нишастааст ва дам ба дам сарашро бадқаҳрона такон дода ва аз офтоби сӯзон, ки ҳар дам ногаҳон ба сару рӯи ӯ ё ба дасти ӯ хати оташини худро меандозад, гурехта ҷояшро дигар мекунад. Аз се тирезаи дигаре, ки чорчӯбаҳояшон соя меандозанд, чоргӯшаи дурахшон дар замин нақш бастааст; дар рӯи тахтафарши ранг назадаи меҳмонхона дар яке аз онҳо бо одати қадимии худаш, Милка ёзида хобидааст ва гӯшҳояшро сих карда ба тамошои магасҳое, ки ба рӯи чоргӯшаи равшан мегарданд, машғул аст. Катенька ба рӯи диван нишаста ё чизе мебофад ё китоб мехонад, ва ба мулул бо дастҳои сафедаш, ки дар рӯшноии баланд бисьёр шаффоф менамояд, ё сарашро ҷунбонда ва пешониашро пурчин карда, магасеро, ки дар мӯйҳои ғафси тиллоиаш дармондааст, ронданӣ мешавад. Любочка ё дастонашро ба пушташ баста, дар интизори он, ки ба боғ бираванд, дар рӯи хона пасу пеш қадам мезанад ё ки дар фортепьяно як оҳангеро, ки ман кайҳо ҳар як пардаи онро медонам, менавозад. Онгоҳ ман дар ҷое менишинам ва ин оҳангро ё ки китобхониро гӯш медиҳам ва нигарон мешавам, ки навбати дар назди фор-

тепьяно нишастан ба ман бирасад. Пас аз наҳорӣ гоҳе ман духтараконро ба он сарафроз менамоям, ки бо ман саворӣ ба гардиш бираванд (пиёда гардиш карданро ман ба мақом ва дараҷаам дар ҷамъияти ашроф ва ба синну солам мувофиқ намедидам). Ва ин гашту гузори мо, ки дар он ман онҳоро ба ҷойҳои аҷоиб ва баландию пастиҳо мекашам, бисьёр хуш ва дилкушо мешаванд. Дар ин муддати гашту гузор баъзе пешомадҳое рӯй медиҳад, ки дар он мавқеъҳо ман баҳодурии худро нишон медиҳам ва хонимҳо саворӣ гаштан ва ҷасурии маро тавсифу мадҳ мекунанд ва маро ҳомии худашон мешуморанд. Шабоҳангом, агар дар хона меҳмоне набошад, пас аз оне, ки мо чойро дар толори сояпарвар меҳӯрем, ва пас аз гаштугузор бо падарам бо корҳои рӯзгор, ман дар ҷои қадимии худам, дар креслои вольтерӣ дароз мекашам ва мусиқӣ навохтани Катенька ё Любочкаро гӯш медиҳам ё китоб мехонам ва дар хилоли ин аҳвол бо одати қадимии худам ба хаёлот фурӯ меравам. Гоҳе дар меҳмонхона танҳо монда, ҳангоме ки Любочка ягон оҳанги қадимаи мусиқиро менавозад, ман беихтиёрона китобро мегузорам ва ба дари кушодаи пешайвон рӯй меорам ва ба шохаҳои овезони дарахтҳои баландқомати тӯс назар меафганам, ки дар ин вақт акнун сояи шабоҳангом дар онҳо афтодааст ва ба осмони соф менигарам, ки чун дар он бо диққат нигоҳ мекунед, ногаҳон дар саҳни он як лакка ва доғи гардолуди зардранге намудор мегардад ва дарҳол нопадид мешавад ва ба садои мусиқӣ, ки аз тарафи зал меояд ва овози кушода ва пӯшида шудани дарвоза, ба ғул-ғулаи гуфтугӯи занҳо ва шӯру ғавғои рамаи ба деҳа баргашта омадаистодагӣ гӯш медиҳам, ва ногаҳон дар ин миён ҳам Наталья Савишна, ҳам модарам, ҳам Карл Иваныч равшан ба ёдам меоянд ва як лаҳза маро андӯҳ фаро мегирад. Валекин рӯҳи ман дар ин замон чунон бо ҳаёт ва умедҳо пуропур аст, ки ин ёдоварӣ фақат бо канори болу параш ба ман расида мегузараду меравад.

Пас аз таоми шом ва гоҳе пас аз гашту гузори шабонгоҳӣ дар боғ ҳамроҳи касе (ман худам танҳо дар хиёбонҳои торик метарсидам гардиш кунам), ман

танҳо ба тахтафарши рӯи толор хоб карданӣ мерафтам, ки ба миллионҳо пашшаҳои шабона, ки маро мехӯрданд, нигоҳ накарда ба ман бисьёр лаззат мебахшид. Дар шабҳои пуррагии моҳ, бисьёр мешуд, ки тамоми шаб дар рӯи бистари худ нишаста мебаромадам, ба маҳтоб, ба соя нигоҳ мекардам, ба сукунат ва овозҳо гӯш медодам ва ба хаёлоти чизҳои гуногун мепардохтам ва бештар дар бораи саодати шоиронаи шаҳватпарастона меандешидам, ки дар он овон ба ман олитарин саодати ҳаёт менамуд ва ҳасрат мекашидам, ки то имрӯз ба ман аз он фақат хаёлбозӣ муяссарасту бас. Гоҳе мешуд, ки ҳама хона ба хона мераванд ва чароғҳо низ аз меҳмонхона ба хонаҳои болоӣ мекӯчад, ки дар он ҷоҳо овози занон ва садои кушода ва пӯшида шудани тирезаҳо ба гӯш мерасад, ман ба толор раҳсипор мегардам ва дар он қадамзанӣ мекунам ва бо ҳирси тамом ба ҳар садои хонаи ба хоб рафтаистодагӣ гӯш фаро медиҳам. То ҳангоме ки як умеди беиллати хурде ба инчунин саодати нимкора, ки ман дар бораи он хаёл мебофтам, мавҷуд бошад, ман ҳанӯз он саодатеро, ки тасаввур менамоям, барои худам оромона сохта наметавонам.

Дар шунидани ҳар як овози қадамҳои бараҳна, сурфа, оҳ кашидан, такон хӯрдани тиреза, хишир-хишири либос, ман аз ҷои хоб ҷаста мехезам, дуздвор гӯш меандозам, ба ҳар сӯ нигоҳ мекунам ва бе сабабу иллат ба ҳаяҷон меоям. Инак чароғҳо дар хонаҳои боло хомӯш мегарданд, овозҳои по ва гуфтугӯҳо низ ба хуррок мубаддал мешаванд, посбон шақшаққаи шабонаашро сар мекунад, боғ ҳам ториктар шуд, ҳам ҳавшантар, чунки раҳҳои сурхи нури чароғ, ки аз тирезаҳо меафтоданд, аз миён рафтанд, чароғи вопасини шарбатхона низ ба даҳлез гузашт ва хати рӯшноии худашро ба рӯи боғи шабнамзада андохт ва ба ман андоми хамгаштаи Фока аз тиреза намудор гашт, ки як нимтана пӯшидааст ва дар даст шамъ гирифта ба ҷои хоби худаш меравад. Бисьёр мешуд, ки ман аз он, ки дуздвор аз рӯи алафи тар шудагӣ ва сояи сиёҳи хона гузашта ба пеши тирезаи даҳлез мерафтам ва дам ба дарун кашида истода, ба хуррок кашидани

ходимбача ва оҳу воҳи Фока, ки мепиндошт ӯро касе намешунавад ва ба садои овози пиронаи ӯ, ки дуру дароз муноҷот ва дуо мехонд, гӯш медодам, як лаззати ҳаяҷонангезе ҳис мекардам, Оқибат шамъи охирини ӯ низ хомӯш мегашт, тиреза пӯшида мешуд, ман ба куллӣ танҳо мемондам ва тарсону ларзон ба ҳар сӯ нигоҳ карда, ки мабодо дар ҷое дар назди пуштаи гул ё ки дар пеши ҷои хоби ман занаки сафед намудор бошад,— ҳаллосзанон ба толор медавидам. Ва фақат акнун вақти он мерасид, ки ман дар ҷои хоби худам меёзидам ва рӯямро ба тарафи боғ мегардондам ва худамро то ҳадде, ки мумкин аст, аз дасти пашшаҳо ва муши паррон печонда ба боғ нигоҳ мекардам, овозҳои шабоҳангомро гӯш меандохтам ва дар бораи ишқу саодат хаёл мебофтам.

Он ҳангом ҳама чиз дар назари ман маънои тоза мегирифт: ҳам намуди дарахтҳои тӯси куҳансол, ки аз як ҷониб шохаҳои ҷингилаашон бо нури моҳтоб ҷило медоданд ва аз ҷониби дигар бо сояи сиёҳашон паттаҳо ва роҳро фаро гирифта буданд; ҳам ҷилои бошукӯҳонаи ҳавз, ки оромона ва монанди овоз якоҳангона торафт зиёд мешуд; ҳам донаҳои шабнаме, ки бар гулҳои назди пешайвон моҳтобвор медурахшид; ҳам гулҳое, ки дар ҷӯяи хокистарранг кӯндаланг сояи хушнамои худашонро андохта буданд; ҳам садои вартишҳо, ки аз паси ҳавз мерасид, ҳам овози пасти ғиж-ғижи дарахтҳои куҳансоли тӯс, ки аз молиш хӯрданашон ба якдигар базӯр ба гӯш мерасид, ҳам виз-визи пашша дар пеши гӯшам, ки аз зери кӯрпа мешунидам, ҳам ба рӯи барги хушк афтодани себе, ки дар шохчаҳои дарахт дармонда будааст, ҳам хез задани ғукҳо, ки гоҳе то зинапояи айвон мерасиданд ва бо пуштҳои сабзашон як навъ асрорангезона дар нури моҳтоб медурахшиданд — ҳамаи инҳо барои ман як маънои аҷибу ғарибе мегирифт, маънои ҳусну зебоии бисьёр бузург ва як навъ бахту саодати нотамомро ба ман талқин мекард. Ва инак пеши назарам ҷилва менамуд, ки он *духтарак* бо миллаҳои сиёҳи дарозаш, бо синаҳои барҷастааш ҳамеша маҳзун ва хушандом, бо дастҳои бараҳна, бо оғӯши кушодаи

шаҳватангезаш меояд. Ӯ маро дӯст медошт ва ман ҳам барои як дақиқаи муҳаббати ӯ ҳамаи умрамро ба додан муҳайё будам. Аммо моҳтоб то рафт баландтар ва равшантар дар пешгоҳи осмон ҷой гирифта истода-аст, ҷилои бошукӯҳи ҳавз, ки ҳамоҳангона монанди садо пурзӯртар мешуд, торафт намудортар мешавад, сояҳо торикгар ва сиёҳтар мешаванд, рӯшной шаффофтар мегардад ва ба инҳо ки бо диққат нигоҳ мекардам ва гӯш медодам, ҳамаашон ба ман мегуфтанд, ки он *духтарак* бо дасту бозуҳои бараҳнааш, оғӯши ҳавасангезаш ҳанӯз бахтьёрии баркамол нест ва ишқу муҳаббат нисбат ба ӯ низ ҳанӯз на камоли хубист, ва ҳар қадар ки ман ба моҳи баланд ва пуропур нигоҳ мекардам, ҳамон қадар зебоии ҳақиқӣ ва накӯй ба ман баландтар ва фарозтар, софтар ва шаффофтар ва ба он сарчашмаи ҳамаи ҳусну зебой ва накӯй наздиктар менамуд ва сиришки як навъ хурсандии ҳанӯз ба даст надаромадаи ҳаяҷоноваре дар чашмони ман чарх мезад.

Ва ҳоло ҳам ман танҳо будам ва ба ман ҳоло ҳам чунин меомад, ки табиати асрорангези пуршукӯҳ, ки чанбари равшани моҳро, ки дар як нуқтаи баланди номуайяни осмони кабуди паст, аз чи сабаб аст, ки ором гирифта меистод ва дар ҳама ҷо низ мавҷуд буд ва бо нури худаш тамоми фазои номутаноҳиро пур мекард, ба худ мекашид, ва ман ки як кирмаки ночизам ва бо эҳтиросоти пасти ҳақиронаи хурду резаи одамизод олӯда шудаам, вале ҳамаи қувват ва тавоноии тасаввур ва ишқро дороям, ба ман дар ин дам ва лаҳзаҳо чунин меомад, ки гӯё табиат, моҳтоб, ман — моён ҳамагӣ яке будем.

Боби XXXIII

ҲАМСОЯҲО

Маро бисьёр ба ҳайрат андохт, ки дар рӯзи нахустини омадани мо падарам ҳамсояҳои мо Епифановҳоро одамони хуб номид ва аз он ҳам бештар маро ба ҳайрат андохт, ки ӯ ба хонаи онҳо мерафт. Дар миёни мо ва Епифановҳо аз замонҳои пеш аз барои як

тахта замин кашмакаш давом мекард. Ҳанӯз дар овони кӯдакӣ на як дафъа ман шунидаам, ки падарам дар бораи ин кашмакашу даъво дар ғазаб меомад, Епифановҳоро дашном медод ва мардумони гуногунро, чунон ки ман мепиндоштам, барои мудофиаи худаш аз онҳо даъват мекард, ва шунидаам, ки Яков онҳоро душмани моён ва *одамони сиёҳ* меномид ва дар ёд дорам, ки модарам хоҳиш карда буд, ки дар хонаи ӯ ва дар ҳузури ӯ ҳатто номи инҳоро набаранд.

Дар асоси ин далелҳо дар айёми кӯдакӣ ман ба ҳамин фикри маҳкаму равшан омада будам, ки Епифановҳо *душманони* мо мебошанд, ки ба куштан ва хафа кардани натанҳо худи падарам, балки писараш низ, агар ба дасти онҳо меафтод, ҳозир буданд, ва гумон мекардам онҳо бо тамоми маънояш *одамони сиёҳ* ҳастанд, чунон ки дар замони вафоти модарам Авдотья Васильевна Епифанова, la belle Flamande-ро, ки парастории модарамро мекард, дида ман ба душворӣ метавонистам бовар намоям, ки ин зан аз ҳамон хонадони одамони сиёҳ мебошад, ва бо ин ҳама дар ҳаққи ин хонавода дар пасттарин фикр будам. Ҳар чанд дар ин тобистон мо зуд-зуд бо онҳо мулоқот менамудем, ҳайратовар буд, ки ман дар ҳаққи ин хонавода ақидаи пеш гирифтаро доро будам. Аммо дар ҳақиқати ҳол Епифановҳо инак чӣ одамоне будаанд. Хонадони эшон иборат буд аз модар, ки зани беваи панҷоҳсола — як пиразани ҳанӯз ботаровати хушаҳвол буд, як духтари хушрӯи ӯ, ки Авдотья Васильевна ном дошт, ва писараш Петр Васильевич, ки дар забонаш лакнат дошт ва поручики ба истеъфо баромадаи муҷарраде буд бо мизоҷ ва табиати хеле ҷиддӣ.

Анна Дмитриевна Епифанова то мурдани шавҳараш як бист соле аз ӯ ҷудо, гоҳ-гоҳе дар Петербург мезистааст, ки дар он ҷо хешу табор доштааст, вале бештар аз ҳама дар деҳаи худаш Мытищи, ки аз моён се-чор чақрим дуртар буд, истиқомат мекардааст. Дар маҳалла, дар бораи ҳаёт ва зиндагонии ӯ чунин ҳикояҳои даҳшатангезе мегуфтанд, ки Мессалина нисбат ба ӯ як бачаи бегуноҳе шуда монд. Аз ҳамин боис бибиҷонам хоҳиш мекард, ки дар хонаи ӯ ҳатто

номи Епифановаро ёд накунанд; вале дар ҳақиқати ҳол, на аз рӯи шӯхӣ гуфтан мумкин буд, ки даҳьяки он бофтаву тофтаҳои дурӯғро, ки аз тарафи ҳамсоягони деҳа гуфта мешуд, бовар кардан имкон надошт. Аммо дар он ҳангоме ки Анна Дмитриевнаро ман шинохтам, ҳар чанд дар хонаи ӯ Митюша ном як дафтардоре аз табақаи крепостнойҳо хидмат мекард ва ҳамеша рангу равғанзада, музаллаф ва сюртуки черкасона дар бар дошт ва дар вақти наҳорхӯрӣ дар паси курсии Анна Дмитриевна меистод ва ӯ бештар дар ҳузури он ҷавон ба забони французӣ меҳмонҳоро даъват менамуд, ки чашмони зебо ва даҳони ӯро тамошо кунанд, ҳеҷ чизе, ки ба чизҳои дар даҳони мардум мегаштагӣ шабоҳате дошта бошад, дида намешуд. Дар ҳақиқат чунон маълум мешуд, ки як даҳсол пештар, аз худи ҳамон замоне, ки Анна Дмитриевна аз хидмати лашкарӣ писари эҳтиромкори худаш — Петрушаро бароварда гирифта овардааст, ӯ тарзи зиндагониашро тамоман дигаргун кардааст. Милки Анна Дмитриевна калон набуд, ҳамааш шуда як сад тан дошт, хароҷоташ бошад дар он даврони ҳаёти хушҳолонаи ӯ бисьёр буд, чунон ки як даҳсоле аз ин пештар ин милк, ки гарав андар гарав афтода буд, ва чун мӯҳлаташ гузашта рафта будааст, боист бо музоид фурӯш мешуд. Дар ин вазъияти душвор ба андешаи он, ки васоят, рӯйхат кардани милк, омадани судья ва монанди ин ногувориҳо на он қадар аз ҷиҳати адо накардани фоидаи барзиёди қарз, балки аз он сабаб ба вуқӯъ меояд, ки ӯ зан аст, Анна Дмитриевна ба лашкаргоҳ ба писараш навиштааст, ки ӯ барои аз ин ҳодиса наҷот додани модараш биёяд. Ҳар чанд хидмати Петр Васильевич чунон хуб анҷом меёфт, ки ӯ умед дошт, ба зудӣ соҳиби як тикка нон хоҳад шуд, ӯ хидматашро партофта ба истеъфо баромадааст ва чун писари эҳтиромкор вазифаи аз ҳама муҳимтари худашро дар орому осуда сохтани даврони пирии модараш мешумурдааст, (ки ӯ дар ин бора дар номаҳояш бисьёр самимона менавиштааст) ба деҳа баргашта омадааст.

Петр Васильевич ба чеҳраи баднамо, фаҳӯлӣ ва лакнати забонаш нигоҳ накарда, як одами дар мароми худаш маҳкам ва бо ҳуши фавқулоддаи амалӣ буд. Ӯ як навъ карда, бо қарзҳои хурд-хурдак, бо муомилаҳои гуногун, ба илтимос ва ваъдаҳо, мулкро нигоҳ дошта тавонист. Петр Васильевич ки мулкдор шуд, бекеши падарашро, ки дар анбор хобида буд, дар бар карда аробаҳои саворӣ ва аспҳоро барҳам дод, аз ёди меҳмонҳо ба Мытищи омаданро бароварда, воту алафзорҳоро кофту гардонд, замини корамро зиёд кард, замини деҳқононро буриду кам карда, дарахтзорашро бо одамони худаш бурид ва онро ба нархи дуруст фурӯхт ва бо ҳамин роҳ корҳояшро дуруст кард. Петр Васильевич ба худаш аҳд кард — то ҳангоме ки ҳамаи қарзҳояшро адо нанамояд, либоси дигаре, ғайр аз бекеши падараш ва чакмани ресмонӣ, ки ӯ барои худаш дӯзонда буд, напӯшад ва ба ғайр аз аробаи боркашӣ ва аспҳои чубури деҳқонӣ ба дигар чиз савор нашавад, ва ин аҳдашро ба ҷой овард. Ӯ кӯшиш мекард, ҳар қадар эҳтироми парастишкоронае, ки ӯ нисбат ба модараш дошт, имкон медода бошад, ки ин эҳтиромро ӯ вазифаи худ медонист, ин ҳаёти қаноаткоронаро ба ҳамаи хонавода паҳн намояд. Дар меҳмонхона забонаш гирифта-гирифта ба модараш хушомадгӯй мекард ва ҳамаи хоҳишҳои ӯро ба ҷо меовард, касоне, ки фармони модарашро ба ҷо намеоварданд, дашном медод, аммо дар хонаи кораш, дар контора аз он ҷиҳат, ки бе фармоиши ӯ ба сари миз мурғобӣ оварданд ё ки агар ба фармони Анна Дмитриевна барои ҳолпурсии ҳамсояаш аз деҳқонон касеро фиристода бошад, ба ҷои он ки полезро хишова кунанд, барои чидани тамашк ба беша деҳқондухтаронро фиристода бошанд, сахт танбеҳ мекард.

Дар муддати як чаҳор соле ҳама қарзҳо адо карда шуд ва Петр Васильевич ба Москва рафт ва дар бозгашт дар либоси нав ва бо аробаи саворӣ омад. Аммо, бо вуҷуди ин вазъияти хуби корҳо ӯ ҳамон тамоили қаноаткоронаи худашро нигоҳ медошт ва гӯё тирарӯёна ба ин кори худаш дар назди хешовандонаш ва дигарон ифтихор ҳам мекард ва бисьёр во-

қеъ мешуд, ки забонаш гирифта-гирифта мегуфт: «Ҳар кас, ки маро аз таҳи дил дидан мехоҳад, ӯ маро дар пӯстини деҳқонӣ ҳам бубинад, хурсанд хоҳад шуд ва ӯ карамшӯрбо ва шӯълаи маро низ хоҳад хӯрд. Ман ки онро мехӯрам»,— гӯён илова менамуд ӯ. Дар ҳама гуфтор ва кирдори ӯ ифтихор аз он, ки медонист, ӯ худашро ба модараш фидо кардааст ва милкро боз харидааст, ва нисбат ба дигарон аз ин, ки онҳо ин тур коре накардаанд, назари ҳақоратомезонае дошт.

Модар ва духтар тамоман табиати дигарро доро буданд ва дар миёни худашон низ бисьёр фарқ доштанд. Модар яке аз он занҳои дилкаши ҳамеша як хел хушаҳвол ва дар миёни ҷамоа хушфеъл буд. Ҳамаи кору кирдори ғариз ва хушҳолона ӯро хурсанд мекард. Ҳатто он хусусияте, ки фақат дар хушфеълтарин одамони куҳансол дида мешавад,— қобилияти лаззат бурдан аз тамошои ҷавонҳои хурсандӣ кунанда, дар ӯ аз андоза берун вуҷуд дошт. Духтари ӯ Авдотья Васильевна, баръакс, табиати ҷиддӣ дошт, ё ки беҳтар бигӯем, он мизоҷи луобилиёнаи парешонҳолонаро доро буд ва бе ҳеҷ асосе ҳавобаландӣ мекард, ки ин ҳол бештар дар зебочеҳрагони бешавҳар мушоҳида мегардад. Ҳангоме ки ӯ мехост хурсандӣ намояд, хурсандии ӯ як навъ ба тарзи аҷибе зуҳур мекард — чунон бар меомад, ки кас намедонист, ӯ ба худаш механдад, ё ки ба мусоҳибонаш механдида бошад, ё ки ба ҳамаи ҷаҳон ва ҷаҳониён механдида бошад, ки ӯ худаш албатта ба касе хандиданро намехост. Ҳангоме ки ӯ ин тур суханҳо мегуфт: *оре ман беандоза хушрӯ ҳастам; ҳа, дуруст аст, ҳамагӣ ба ман ошиқ шудаанд*, ва ғайра, аксар ман дар ин кордории ӯ ҳайрон мешудам ва аз худам мепурсидам, ки ӯ бо ин гапҳо чи гуфтан мехоста бошад. Анна Дмитриевна ҳамеша пуркор буд; ӯ ба хона тартиб додан, боғча барпо кардан, ба гулу канарейкаҳо ва чизҳои хушрӯй бисьёр ҳавас дошт. Хонача ва боғчаи ӯ калон ва пурҳашамат набуданд, аммо ҳамаи онҳо чунон бо тартиб ва интизом сохта шуда буданд, ҳамаи онҳо тозаву тамиз ва як табиат ва мизоҷи умумии он хушҳолии сабукборонаро доро буданд, ки адои вальси нағ-

закаке ё ки полькаро ифода мекарданд, чунон ки калимаи *бозича*, ки меҳмонон дар мавқеъи тавсиф ва таъриф мегуфтанд, ба боғча ва хоначаҳои Анна Дмитриевна бисьёр мувофиқ меомад. Ва худи Анна Дмитриевна ҳам ҳамин тур монанди бозичае буд хурдтарак, лоғарак, ранги рӯяш ботароват, дастчаҳояш нағзи хурдакак, худаш ҳамеша хушаҳвол ва ҳамеша либоси муносиб дар бар. Фақат рагҳои дар рӯи дастҳои хурдаш буда, ки андаке бештар барҷаста баромада буданд ва ранги бунафши баланд мезаданд, намуди умумии ҳусни ӯро халалпазир мекарданд. Авдотья Васильевна, баръакс қариб ҳеҷ гоҳ машғули коре намешуд ва натанҳо бо коре ё бо гулҳо машғул шуданро дӯст намедошт, вале ҳатто бо худаш ҳам бисьёр кам машғул мешуд ва ҳамеша, ҳангоме ки меҳмонҳо меомаданд, ба либоспӯшӣ медавид. Аммо либос пӯшида ки ӯ ба хона бар мегашт, фавқулодда зебо мешуд, фақат адои сардонаи чашм ва табассум, ки ба ҳамаи чеҳраҳои бисьёр зебо хос аст, аз ин мустасно буд. Рӯи бисьёр мутаносиби ҷиддии зебояш ва қомати мавзунаш гӯё ҳамеша ба шумо мегуфтанд: «бифармоед, метавонед ба ман нигоҳ кунед».

Вале ба мизоҷи зиндадилонаи модараш ва бепарвои ва парешонии зоҳирии духтараш нигоҳ накарда, чизе ба шумо мегуфт, ки нахустин ҳеҷ гоҳ — на аз ин пеш, на дар ҳоли ҳозир ҳеҷ чизеро дӯст намедоштааст, магар ки як чизи хурсандиоваре ва нағзакаке бошад. Аммо Авдотья Васильевна бошад, аз он мизоҷ ва табиатҳое буд, ки агар як дафъа ба дилбастагӣ дароянд, онгоҳ ба маҳбубе, ки писандидаанд, тамоми ҳаёташонро фидо ва қурбон менамоянд.

Боби XXXIV

ЗАН ГИРИФТАНИ ПАДАРАМ

Ҳангоме ки падарам дубора хонадор шуд ва Авдотья Васильевна Епифановаро ба занӣ гирифт, чилу ҳаштсол дошт.

Баҳоронтанҳо бо духтаракон ба деҳа омада, чунон ки ман тасаввур менамоям, падарам дар он ҳо-

лати рӯҳияи хоси хушбахтонаи ҳаяҷономези гармҷӯше ва ба сӯҳбат дӯсте буд, ки одатан қиморбозҳо агар пас аз бурди калон аз бозӣ даст кашида бошанд, ба он дучор мегарданд. Ӯ чунон ҳис мекард, ки ҳанӯз аз бахтиёриҳои сарф нашудааш бисьёр боқӣ мондааст, ки агар онро ӯ дигар ба қиморбозӣ ба кор андохтан нахоҳад, метавонад умуман ба дастбурдҳои зиндагӣ ба кор барад. Ва ин ҳангом баҳорон ҳам буд, ва дар дасти ӯ баногоҳ пули бисьёре афтода буд ва худаш тамоман танҳо буд, ва дилаш танг мешуд. Дар бораи коруборашбо Яков гуфтугӯ карда истода он кашмакаши дурударозе, ки бо Епифановҳо дошт, ва Авдотья Васильевнаи зеборо, ки дер боз надидааст, ба ёд оварда, ба гумонам, ӯ ба Яков гуфтааст: «Медонӣ, Яков Харлампыч, чи лозим аст, ки мо ба ин даъво худамонро овора карда гардем, беҳтар ин аст, ки ба фикри ман, ин тикка замини бехосиятро ба онҳо бубахшем? ту чӣ меандешӣ?..»

Ман тасаввур мекунам, ки ангуштони Яков дар тахтапушташ аз ин суол чи қадар эътирозкорона ба ҷунбиш даромада бошанд ва чи тур ӯ далелҳо оварда исбот карданӣ шуда бошад, ки «*боз ҳам* даъвои мо ҳаққонист, Петр Александрич».

Аммо падарам фармудааст, ки аробаашро бубандад, бекеши навбаромади зайтуниашро дар бар карда, боқимондаҳои мӯи сарашро шона зада, рӯймолчаашро атрпошӣ карда, дар ҳолати рӯҳияи бисьёр хушу хуррам аз он андеша, ки ӯ рафтори ашрофона карда истодааст, ва хусусан аз он, ки дидори зани хуб дар пеш аст, ба назди ҳамсоягонаш раҳсипор шуда аст.

Ман ҳамин қадар медонам, ки падарам дар зиёрати нахустинаш Петр Васильевичро, ки дар саҳро будааст дида натавонистааст ва бо занҳо як-ду соате танҳо нишаста будааст. Ман тасаввур менамоям, ки ӯ чи қадар хушомадгӯиҳо карда бошад ва бо мӯзаҳои нарми худ ба замин покӯбӣ карда ва чашмонашро ширин-ширин ғамза куноида чи тур онҳоро ба худ мафтун карда бошад. Ман боз тасаввур мекунам, ки ӯ чи тур ба ногоҳ ба пиразани хушҳол маъқул шуда бошад ва духтараки хушрӯи беилтифоташ чи тур ба тараб омада бошад.

Ҳангоме ки духтархонаи ходима дамаш дар гулӯяш гирифта-гирифта, давида омадааст, то ба Петр Васильевич арз намояд, ки худи Иртеньеви пиракӣ омадааст, ман тасаввур мекунам, ки ӯ чи тур ғазаболудона ҷавоб гуфта бошад: «Хайр, чи шудааст, омада бошад, омадан гирад» ва дар натиҷаи ин чи тур ӯ ба хона то мумкин аст сусттар роҳ гирифта бошад ва шояд ҳам ба хонаи кораш баргашта, қасдан ҷомаи чиркинтарашро пӯшида бошад ва ба ошпаз фармуда бошад, ки агар хонимҳо мабодо чизи зиёдатӣ супориш дода бошанд ҳам, ҳеҷ гоҳ набояд ба наҳорӣ чизи барзиёде илова намуд.

Пас аз он ман борҳо падарамро бо Епифанов дидаам, бинобар он ман ин мулоқоти нахустинро хуб тасаввур карда метавонам. Пеши назарам меояд, ки ҳар чанд падарам таклиф намуда бошад ҳам, ки ин даъво ва кашмакашро ба ранги хубию хушӣ анҷом диҳанд, вале Петр Васильевич тирарӯй, ғазаболуд буд, аз он ки мансаб ва ҷоҳи худашро ба хотири модараш аз даст дода ва фидо кардааст ва аз падарам ин тур коре сар назадааст; ман тасаввур мекунам, ки гӯё ҳеҷ коре ӯро ба тааҷҷуб ва ҳайрат намеандохт ва падарам, гӯё ин тирагиро пай набурда бошад, хушу хуррам буд ва бо ӯ чун бо як ширинкори ҳайратангезе рафтор мекард, чунон ки гоҳе Петр Васильевич аз ин рафтору гуфтори падарам дилзанӣ мекард, ва гоҳе, ҳар чанд дилаш ба он моил ҳам набошад, наметавонист ба таъсири ӯ наяфтад. Падарам, ки аз ҳама чиз як шӯхӣ сохтанро майл дошт, Петр Васильевичро полковник меномид ва сарфи назар аз он, ки як бор Епифанов дар ҳузури ман аз пештараш ҳам бадтар забонаш гирифта-гирифта ва аз қаҳр сурхтар шуда танбеҳ кард, ки ӯ по-по-по-полковник нест, балки по-по-по-ручик аст, падарам пас аз панҷ дақиқа боз ӯро полковник хитоб намуд.

Любочка ба ман ҳикоя мекард, ҳангоме ки мо ҳанӯз ба деҳа наёмада будем, онҳо ҳар рӯз бо Епифановҳо мулоқот мекарданд ва бисьёр вақташон хуш буд. Падарам бо он ҳунари худаш, ки ҳама корро ба ранги шӯхию обнорасида медароварда ва бо ин ҳама

бисьёр содда ва хуш дуруст карда метавонист, гоҳе шикор, гоҳе моҳигирӣ ва гоҳе мушакпарронӣ барпо мекардааст, ки дар он Епифановҳо ҳузур доштаанд. Ва агар худи ин Петр Васильевичи бадҳазм дар онҷо ҳозир намешуд, он ҷашнҳо боз ҳам хушҳолонатар мегашт, зеро ӯ гоҳе абрӯ чин мекард ва забонаш гирифта-гирифта ҳарф мезад, ки кайфи ҳамаро мепаронд, мегуфт Любочка.

Аз он муддате, ки мо ба ин ҷо омадем, Епифановҳо фақат ду мартаба ба хонаи мо омада буданд ва моён ҳамагӣ як мартаба ба хонаи онҳо рафта будем. Дар рӯзи Петр, ки ҷашни солгарди падарам буд, онҳо ва бисьёр меҳмонҳои дигар низ омада буданд, пас аз он алоқаи мо бо Епифановҳо, аз чи боис бошад, тамоман бурида шуд ва фақат падарам танҳо рафту омад карда меистод.

Дар он муддати кӯтоҳ, ки ман падарамро бо Дунечка, ки ӯро модараш ба ҳамин тарз меномид, як ҷо дида будам, ҳамин тур коре ба назарам бархӯрда буд. Падарам ҳамеша дар ҳамон ҳолати рӯҳияи масъудонае буд, ки маро дар рӯзи ба деҳа омаданамон ба ҳайрат оварда буд. Ӯ чунон хушҳол, ҷавонсифат, зиндадил ва хушбахт менамуд, ки нури ин саодатмандӣ ба ҳамаи гирду пеш будагиҳо сироят мекард ва беихтиёрона ҳамаро ба ҳамин ранг ҳолат меовард. Агар Авдотья Васильевна дар хона бошад, ӯ як қадам ҳам аз вай дуртар намерафт, дам нагирифта чунон хушомадҳои ширин мегуфт, ки дар ивази ӯ ман шарм мекардам, ва ё ин ки гоҳе хомӯшона бо ишқу ҳавас ба ӯ нигоҳ карда худписандона китфҳояшро ҳаракат медод ва сурфа мекард ва гоҳе табассумкунон ба ӯ ҳатто оҳиста зергӯшӣ чизе мегуфт; вале ҳамаи ин корҳоро бо *як ифодаи шӯхиомезонае* мекард, чунон ки дар ҳар кори ҷиддӣ одати ин тур шӯхӣ карданро дошт.

Чунон менамуд, ки Авдотья Васильевна ин адои хушбахтиро, ки дар ин овон дар чашмони бузурги кабуди ӯ қариб доимо ҷило медод, аз падарам ба худ қабул карда бошад, фақат ин ҳол гоҳ-гоҳе ӯро тарк мекард, ин ҳам дар он дақиқаҳое воқеъ мешуд, ки дар

ӯ як шармгинӣ ориз мегашт ва дар дили ман, ки бо ин эҳсосот ошноӣ доштам, як дилсӯзӣ ба ҳоли ӯ пайдо мешуд ва ба сӯи ӯ нигоҳ кардан ба ман озорнок буд. Дар ин чунин лаҳзаҳо ӯ гӯё аз ҳар нигоҳе ва ҳаракате метарсид, ва ӯ чунон мепиндошт, ки ҳама ба ӯ нигоҳ карда истодаанд ва дар бораи ӯ меандешанд ва ҳама кори ӯро номуносиб мешуморанд. Ӯ бо чашмони пурҳарос ба дигарон назар меафганд ва чеҳраи ӯ аз ранге ба ранге мегашт ва ӯ дар ин ҳангом бо овози баланд ва ҷасурона ҳарф задан мегирифт ва ин ҳарфҳои ӯ бештар бемаъно мебаромад ва худаш инро мефаҳмид, ҳис мекард, ки ҳама ва падарам ҳам онро шунида истодааст, ва аз ин ҳол худаш боз ҳам бештар сурх мешуд. Вале дар ин тур мавқеъҳо гуфторҳои бемаънии ӯро падарам ҳатто намедид ва чи тур ки буд, ҳамон ранг бо ишқу ҳавас, сурфакунон бо кайфи хушҳолона ба ӯ нигоҳ мекард. Ман пай бурдам, ҳар чанд бӯҳрони шарму ҳаё ба Авдотья Васильевна бесабаб ҳуҷум меовард, гоҳе бевосита аз таи он, ки дар ҳузури падарам ягон зани хушрӯи ҷавонеро ба хотир меовардand, воқеъ мешуд. Зуд-зуд иваз шудани вазъи андешамандонааш ба аҳволи аҷоиби хурсандонае, ки ман гуфта гузаштам, ва такрор карданаш калимаҳо ва таъбирҳои дӯстдоштаи падарам ва бо дигарон давом додани гуфтугузорҳоеро, ки бо падарам сар карда буд, ҳамаи инҳо, агар иштироккунандаи ин корҳо худи падарам намебуд, ва ман дар синну сол андаке болотар рафтагӣ мебудам, муносибати падарамро бо Авдотья Васильевна албатта барои ман кушода медод, вале дар он овон, ҳатто ҳангоме ки падарам дар ҳузури ман аз ҷониби Петр Васильевич мактубе гирифта бисьёр кайфаш парида буд ва то охирҳои моҳи август ба хонаи Епифановҳо рафтанро қатъ карда буд, низ дар он корҳо чизеро пай намебурдам.

Дар охири август, падарам боз ба хонаи ҳамсояҳо рафтуомад мекардагӣ шуд ва як рӯз пеш аз рафтани мо (ману Володя) ба Москва ба мо маълум кард, ки ӯ Авдотья Васильевна Епифановаро ба занӣ хоҳад гирифт.

Боби XXXV

МО ИН ХАБАРРО ЧИ ТУР ПАЗИРУФТЕМ

Як рӯз пеш аз ин эълони расмӣ дар хонаи мо кайҳо ҳама хабар доштанд ва ҳар кадом дар ин бора фикрҳои гуногун баён мекарданд. Мими тамоми рӯз аз хонааш берун намебаромад ва мегирист. Катенька ҳамроҳи ӯ нишаста буд ва фақат барои наҳорӣ аз он хона бо як чеҳраи ҳақоратдидае баромад, ки онро, аён буд, ки аз модараш ба худ пазируфта буд; Любочка бошад, баръакс, бисьёр хушҳол буд ва дар вақти наҳорӣ дар пеши дастархон изҳор кард, ки ӯ як рози бисьёр хуберо медонад, ки ба касе нахоҳад гуфт.

— Дар он розе, ки ту медонӣ, ҳеҷ хубӣ нест,— гуфт ба ӯ Володя ба кайф кашидани ӯ иштирок наварзида,— агар ту дар бораи чизе ҷиддӣ фикр карда метавонистӣ, он гоҳ мефаҳмидӣ, ки ин, баръакс, бисьёр бад ҳам ҳаст.

Любочка бо тааҷҷуб ба рӯи ӯ бо диққат нигоҳ кард ва сокит монд.

Пас аз наҳорӣ Володя хост, ки маро аз даст бигирад, вале гӯё тарсид, ки ин ҳаракат мабодо ба назокатпарварӣ шабоҳат дошта бошад, бинобар он фақат ба оринҷи ман даст расонд ва ба сӯи зал ишорат кард.

— Ту медонӣ, ки чи розеро Любочка мехоҳад бигӯяд? — гуфт ӯ ба ман, чун донист, ки мо дар он ҷо танҳо ҳастем.

Мо бо Володя дар мавзӯи ҷиддӣ ду ба ду кам сӯҳбат мекардем, чун ин ҳол воқеъ шуда мемонд, ҳар дуямон низ як носозгорӣ дар худамон ҳис мекардем ва дар чашмонамон, чунон ки Володя таъбир мекард, бачагон ҷасту хез кардан гирифтанд; вале акнун дар ин ҳангом дар ҷавоби он саросемагие, ки дар чашмони ман ҳувайдо шуда буд, ӯ ба тури ҷиддӣ ва исроркорона ба чашмони ман нигоҳ мекард ва гӯё бо ин ҳаракати худ мегуфт ки: «ин ҷо ҳеҷ ҷои саросемагӣ нест, ҳар чи ҳам бошад мо бародарони ҳамдигарем ва бояд дар бораи кори муҳимми хонаводагӣ боҳам маслиҳат намоем». Ман мақсади ӯро фаҳмидам ва ӯ ба суханаш давом намуд:

— Падарамон Епифановаро ба занӣ гирифтанист, ту медонӣ инро?

Ман сарамро ҷунбондам, зеро кайҳо инро шунида будам.

— Охир, ин кор бисьёр бад аст,— гӯён давом намуд Володя.

— Аз чӣ ҷиҳат?

— Аз чӣ ҷиҳат? — гӯён ҷавоб медод ӯ қаҳролудона.— Як тағои кундзабони полковник доштан бисьёр гуворост магар ва ҳамаи ин хешҳо. Он зан ҳам фақат имрӯзҳо дар аввали кор бисьёр нармдил ва безарар менамояд, вале кӣ медонад, ки чи тур хоҳад шуд. Барои мо, агарчанде ки, гӯем, дахле надорад, вале Любочка дар ҳамин наздикиҳо бояд ба иҷтимоъ дохил гардад. Бо ин тур belle-mére [1] бисьёр ҳам гуворо нест, ҳатто ин занак ба забони французӣ низ бад сухан мегӯяд ва чи кирдорҳое метавонад ӯ ба Любочка таълим намояд. Пуассардка аст ва чизи дигаре нест; гирем, ки ӯ некмаҳзар аст, вале бо он ҳама пуассардка аст,— гӯён суханашро хотима дод, ва чунон менамуд, ки ба ин номи «пуассардка», ки ба ӯ дода буд, хелерозӣ аст.

Ҳарчанд ба ман шунидани ин оромона муҳокима кардани Володя дар бораи интихоби падарамон бисьёр аҷиб меомад, бо он ҳама чунон менамуд, ки дуруст мегӯяд.

— Аз чист, ки падарамон зан мегирад? — гӯён пурсидам ман.

— Ин як воқеаи торик аст, худо онҳоро медонад; ман ҳамин қадар медонам, ки Петр Васильевич ӯро ба зан гирифтан тарғиб кардааст, аз ӯ талаб кардааст, вале падарамон намехостааст, пас дар дили ӯ хаёли як ранг ҷавонмардӣ пайдо шудааст,— як кори торикест ин. Ман акнун волидамро шинохта истодаам,— гӯён давом менамуд Володя (вале он таъбире, ки акнун Володя ӯро на падар, балки волид меномид, ба ман сахт расид),— ин маълум аст, ӯ одами хубест, нармдил, боҳуш, вале он қадар сабукмағзӣ, кӯтоҳандешӣ... ин ҷои тааҷҷуб аст! ӯ занҳоро хунсардона

[1] модарандар

дида наметавонад. Охир, ту медонӣ, нест зане, ки ӯ шинос бошаду ӯро дӯст надошта бошад. Ту медонӣ, Мими, охир, ин чунин.

— Ту чӣ мегӯӣ?

— Ман ба ту мегӯям; дар ҳамин наздикӣ ман донистам, дар он овоне, ки Мими ҷавон будааст, ӯ Мимиро дӯст дошта будааст, ба ӯ ашъор навишта будааст ва чизе ҳам миёни онҳо воқеъ шуда будааст. Мими то ҳол азоб ва азият мекашад.— Инро гуфту Володя хандида сар дод.

— Набояд ин тур бошад! — гуфтам ман бо тааҷҷуб ва ҳайрат.

— Вале аз ҳама муҳимтар,— гӯён давом намуд Володя боз аз дигар ба тарзи ҷиддӣ ва ногаҳон ба французӣ ҳарф задан сар карда,— барои ҳамаи хешу таборамо ин издивоҷ чӣ қадар форам ва гуворо мешуда бошад! Аз ӯ фарзандон низ ба вуҷуд хоҳанд омад, охир.

Ин мулоҳизаи баҷову пешбиниҳои дурусти Володя маро чунон мутаассир кард, ки ман надонистам, чӣ ҷавобе бигӯям.

Дар ин ҳангом Любочка пеши мо омада монд.

— Пас шумо хабар доред? — гӯён пурсид ӯ бо чеҳраи хушҳол.

— Оре, — гуфт Володя,— фақат ман ҳайрон ҳастам, Любочка: охир, ту акнун кӯдаки парпечӣ нестӣ, дар он, ки падарат ба як занаки беҳудае издивоҷ мекунад, чӣ ҷои хурсандист?

Любочка якбора чеҳраи ҷиддӣ гирифт ва ба андеша фурӯ рафт.

— Володя! аз чӣ сабаб ӯро беҳуда мехонӣ? дар ҳаққи Авдотья Васильевна ту чӣ тур метавонӣ ин ранг иборат кор фармоӣ? Падарамон ки ӯро ба занӣ мегирад, маълум мешавад, ки ӯ занаки беҳуда нест.

— Оре, занаки беҳуда нест-ки, ман ҳамин тур гуфтам, вале ҳар чи ҳам бошад...

— Боз ин чи буд, ки «ҳар чи ҳам бошад», мегӯӣ,— ба ҷӯш омада Любочка сухани ӯро бурид,— ман он духтаракеро, ки ту дӯст медорӣ, духтараки беҳудаи бекора нагуфтаам; ту чи тур ҷасорат мекунӣ, ки дар ҳаққи падарамон ва дар бораи ин зани бисьёр хуб

чунин мегӯй? Ҳар чанд ту бародари бузурги ман бошӣ ҳам, ту ба ман инро нагӯй, ту набояд ин тур бигӯй.

— Хӯш, чӣ мешавад, агар чизе бигӯям дар бораи...

— Набояд чизе бигӯй, — боз Любочка сухани Володяро бурид,— дар бораи падаре мисли падари мо набояд ва нашояд чизе гуфтан. Мими метавонад чизе бигӯяд, вале на ту, бародари бузург.

— Не, ту ҳанӯз чизеро намефаҳмӣ,— гуфт Володя таҳқиромезона,— ту бифаҳм. Чи, магар ин хуб аст, ки як Епифанова *Дунечка* ҷои модари марҳумаи туро ишғол намояд?

Любочка як лаҳза сокит монд ва якбора дар чашмонаш сиришк намудор шуд.

— Ман медонистам, ки ту мутакаббир ва мағрурӣ, вале намедонистам, ки ин қадар бадманиш ҳастӣ,— гуфт Любочка ва аз мо дур рафт.

— *Дар булка,*— гуфт Володя дар ҳолате ки чеҳраи худро ба тарзи ҷиддӣ хандаовар месохт ва чашмонашро тираву тор мекард.— Ана бо онҳо дар бораи коре муҳокима кун,— гӯён давом намуд ӯ ва гӯё худашро сарзаниш мекард, ки худро фаромӯш карда бо гуфту гузор кардан бо Любочка таназзул намудааст.

Рӯзи дигараш ҳаво бад буд, ҳангоме ки ман ба меҳмонхона омадам, ҳанӯз на падарамон ва на хонимҳо ба чойхӯрӣ набаромада буданд.

Шабоҳангом борони тирамоҳии сарде омад ва дар осмон ҳанӯз бақияи абрҳои шабона бороноварда медавиданд ва аз мағзи онҳо доираи равшани хирарангги офтоб, ки хеле боло ва баланд истода буд, намудор мешуд. Ҳаво пурбод, пурнам, ва хеле сард буд. Даре, ки ба тарафи боғ мебурд, кушодагӣ буд, дар рӯи аз рутубат сиёҳ шудаи фарши айвон кӯлчаҳои борони дишаба мехушкиданд. Дари кушодагии бо занҷир гирифтагӣ аз зарбаи боду шамол меларзид, роҳу пайраҳаҳо нам ва лой шуда буданд; дарахтҳои куҳансоли тӯс бо шохаҳои бебарги сафедашон, паттазорҳо, алафҳо, буттаҳои газна, қот, ангури сагак бо баргҳои чаппагаштаи рангпаридаашон дар ҷои худашон такон мехӯрданд, гӯё ки аз решаашон мехостанд

ҷудо гарданд; аз хиёбони зирфун баргҳои зарди доирашакле печхӯрда ва якдигарашонро пеш карда дар парвоз буданд ва тар шуда ба рӯи пайраҳаи рутубатнок ва алафҳои тари кабуди баланди марғзор часпида мехобиданд. Фикру андешаи ман ба хонадор шудани падар машғул буд, ки ба тарзи назари Володя ҷараён мекард. Ояндаи хоҳарамон, худамон ва падарамон дар назари ман ҳеҷ хуб наменамуд. Маро ин андеша, ки як зани бегонаи ношинос ва аз ҳама муҳимтар, як *ҷавонзане*, бо вуҷуди он ки ҳеҷ ҳаққе надорад, ногаҳон дар бештар корҳо ва муносибатҳо мавқееро ишғол менамояд — ва боз мавқеи киро? — як хонимдухтари оддии *ҷавон*, ҷои бибиҷони марҳумаи моро мегирад, оташин мекард. Дили маро андӯҳ фаро гирифта буд ва падарам беш аз пеш айбдор ба назарам меомад. Дар ҳамин он ман овози ӯ ва садои Володяро шунидам, ки аз хонаи пешхидматҳо меомад. Ман падарамро дар ин лаҳза намехостам бубинам, бинобар он аз дами дар дуртар рафтам; аммо Любочка аз паси ман омад ва гуфт, ки падарам маро пурсида истодааст.

Ӯ дар меҳмонхона истода буд ва ба фортепьяно бо дасташ такья дода бесаброна, вале бо он ҳама бошукӯҳона ба сӯи ман назар меафканд. Дар чеҳраи ӯ акнун он ҷавонӣ ва бахтьёрӣ, ки дар тамоми ин муддат мушоҳида мешуд, вуҷуд надошт. Ӯ ғамгин буд. Володя чубуқ дар даст ба рӯи хона мегашт. Ман ба падарам наздик омадам ва салом додам.

— Хӯш, дӯстони ман,— гуфт ӯ ба адои қатъӣ сарашро баланд бардошта истода, бо он тарзи ифодаи босуръат, ки дар бораи чизҳои ногуворе, ки акнун фурсати дар он бора муҳокима кардан гузаштааст, эҳтимол ба он ранг сухан ронанд,— ман гумон мекунам, шумо медонед, ки ман мехоҳам бо Авдотья Васильевна издивоҷ намоям.— Ӯ андаке хомӯш монд. — Ман ҳеҷ гоҳе намехостам, баъд аз модари шумоён дигар издивоҷ намоям, аммо...— ӯ як лаҳза таваққуф намуд,— аммо... аммо, зоҳиран тақдир чунин будааст. Дунечка як духтараки меҳрубон, хушкирдорест ва акнун он қадар ҳам ҷавон нест; ман умедворам, ки шумо ӯро дӯст хоҳед дошт, бачагони ман, ва худи ӯ бо-

шад, кайҳо шуморо ба ҷону дил дӯст доштааст, ӯ духтари хубест. Акнун ба шумо,— гуфт ӯ ба ман ва Володя муроҷиаткунон, ва гӯё дар гуфтани суханҳояш шитоб мекард, то ки мо сухани ӯро буридан натавонем,— акнун вақти рафтани шумо низ омадааст, ман бошам то соли нав дар ин ҷо хоҳам буд ва баъд ба Москва хоҳам омад,— боз ӯ забон хоид.— Он гоҳ бо занам ва Любочка хоҳам омад.— Падарамро дар вазъияти гӯё аз мо метарсидагӣ ва дар пеши мо муқассир дидан ба ман сахт ва дарднок меомад, барои ҳамин ман ба ӯ наздиктар омадам, аммо Володя ҳамон тур, ки буд, сарашро поён карда, ба чубуқ кашидан давом мекард ва дар рӯи хона қадам мезад.

— Инак ҳамин тур шуд, дӯстони ман, бубинед, ин пирмарди шумо чи коре ба худ пеш гирифтааст,— гуфт падарам дар охир ва сурх шуд, сурфа кард ва ба ману Володя даст дароз кард. Ҳангоме ки ӯ ин суханро мегуфт, дар чашмони ӯ сиришк намудор буд ва ба сӯи Володя, ки дар он тарафи хона буд, дасташро дароз мекарду дасташ андаке меларзид. Манзараи ин дасти ларзон маро сахт нороҳат кард ва дар сари ман фикри ачибе пайдо шуд, ки боз ҳам бештар мутаассир намуд,— дар дили ман он андеша омад, ки падарамон дар соли дувоздаҳум дар хидмати ҳарбӣ буд ва маълум, ки як офицери ҷасуре буд. Ман дасти бузурги пуррагу паи ӯро гирифтам ва бӯсидам. Ӯ дасти маро маҳкам фишор дод ва ногаҳон аз гирья гулӯгир шуда, Любочкаро бо ду дасташ аз сари сиёҳаш гирифт ва чашмони ӯро бӯса задан гирифт. Володя гӯё чубуқашро аз даст афтонда бошад, хам шуда истода пинҳонӣ чашмонашро бо мушташ пок кард ва дар кӯшиши он ,ки ҳоли ӯро пай набаранд, аз хона бадар рафт.

Боби XXXVI

ДОРУЛФУНУН

Ҷашни арӯсӣ бояд пас аз ду ҳафта мешуд; вале дарсҳои мо бояд сар мешуданд ва мо бо Володя дар аввалҳои моҳи сентябрь ба Москва рафтем. Нехлюдовҳо низ аз деҳистон баргаштанд. Дмитрий (ки дар

вақти видоъ ба якдигар қавл дода будем, ки нома бинависем ва як дафъа ҳам нанавиштем), дар ҳамон лаҳза ба ҳузури ман омад ва мо бо ҳам қарор додем, ки фардо ӯ маро нахустин бор бо худ ба дорулфунун ба дарс хоҳад бурд.

Рӯзи равшан ва пурофтоб буд.

Дар ҳамон лаҳзае, ки ман ба дарсхона даромадам, ҳис кардам, ки шахси ман дар миёни ин ҷамъи ҷавонони хушаҳвол, ки дар нури офтоби тобони аз тиреза̀ои калони васеъ даромада истодагӣ ғул-ғула андохта дар ҳама дарҳо ва роҳравҳо дар ҳаракат буданд, гум ва нопадид мешуд. Эҳсоси он ки худамро яке аз аъзои ин гурӯҳи анбӯҳ медидам, барои ман форам меомад. Аммо аз ҳамаи ин ҷамъомад барои ман як қисми андаке шинос буд, ва ба онҳо низ ошноии ман бо хам кардани сар ва гуфтани «Салом, Иртеньев!» мунҳасир буд. Дар гирду пеши ман бошад, дигарон дасти ҳамдигарро мефишурданд, ба ҳамдигар паҳлу мезаданд ва суханҳои дӯстона ва рафиқона ва лабхандҳо, хайрхоҳӣ, шӯхиҳо аз ҳар сӯе меборид. Ман дар ҳама ҷо ба ҳамдигар вобастагӣ доштани ин гурӯҳи ҷавононро ҳис мекардам ва бо ҳузну андӯҳ медидам, ки ин муносибатҳо ба ман нарасида мегузаштаанд. Вале ҳамаи ин таассуроти онӣ буду бас. Дар натиҷаи ин таассурот ва аз андӯҳе, ки аз он сар зада буд, баръакс, ман ҳатто ба зудӣ дарьёфтам, ки ин хуб аст, ки ман бо ҳамаи ин гурӯҳ алоқаманд нестам, зеро мебоист ман аз мардумони дуруст як гурӯҳи ошноёни дигари азони худӣ медоштам, ва ҳамин тур ман дар радифи курсии саввӯм, ки дар он граф Б., барон З., князь Р., Ивин ва дигар бузургзодагони аз ҳамон табақа нишаста буданд, ки аз миёни эшон ман ба Иван ва граф Б. шиносоӣ доштам, нишастам. Вале ин ҷанобҳо низ ба ман чунон назаре меафканданд, ки ман на чандон ба табақаи онҳо муносибат доштанамро ҳис мекардам. Ман ба ҳамаи гиру дор ва рафторе, ки дар гирду пеши ман буд, диққат мекардам. Семёнов бо мӯйҳои сафеди ошуфта ва дандонҳои сафедаш, дар сюртуки тугмаҳояш кушодагӣ, аз ман на он қадар дуртар нишаста буд ва ба оринҷаш такья карда қаламро мехоид. Гимназисте, ки аз имтиҳон ҷои

нахустинро гирифта баромада буд, дар радифи курсии якӯм менишаст ва ҳамон тур бо галстуки сиёҳ рухсораашро бастагӣ буд ва бо калидчаи нуқрагини соаташ, ки дар жилети атлас дошт, бозӣ мекард. Иконин, ки ҳар чи ҳам бошад ба дофулфунун дохил шуда буд, дар радифи курсии болоӣ нишаста буд. Дар тан шалвори кабуди зеҳноке дошт, ки рӯи мӯзаашро тамом гирифта буд, ӯ қаҳ-қаҳ мезад ва фарьёд мекард, ки ӯ дар Парнас аст, Илинька, ки дар тааҷҷуб ва ҳайрати ман натанҳо хеле сард, балки ҳатто таҳқиромезона ба ман салом кард, гӯё мехоста бошад бифаҳмонад, ки мо дар ин ҷо ҳамагӣ баробар ҳастем, дар пеши ман ҷой гирифта нишаста буд ва пойҳои харобу лоғаршро беибоёна ба рӯи харак ниҳода буд ва (ба назари ман чунон меомад, ки дар ҳаққи ман) бо як донишҷӯи дигаре саргарми гуфтугузор буд ва гоҳ-гоҳе ба сӯи ман назар афканда мемонд. Дар паҳлӯи ман ҷамоати Ивин французӣ сӯҳбат доштанд. Ин ҷанобҳо ба назари ман чунон беақлу аблаҳ менамуданд, ки. Ҳар калимае, ки аз гуфтори эшон шунида мешуд, натанҳо ба ман бемаъно менамуд, балки нодуруст, на ба тарзи французӣ буд (ce n'est pas Français, мегуфтам ман дар дилам) ва гирудору рафтору кирдори Семёнов ва Илинька ва дигаронаш бошад, ба ман берун аз қоида ноолиҷанобона, на ончунон ки «comme il faut» мекарданд, менамуд.

Ман ба ҳеҷ яке аз ин гурӯҳҳо мансуб набудам ва худамро танҳо ва ба наздикӣ пайдо кардан бо эшон белаёқат ҳис карда, худ ба худ дар ғазаб меомадам. Як студенте, ки дар курсии пеши ман будагӣ нишаста буд, нохунҳояшро мехоид ва пӯсти гӯшаву решаҳои нохунҳояш сурх шуда хеста буд ва ин ҳаракати ӯ чунон ба ман номулоим ва нофорам омад, ки ҳатто аз ӯ дуртар нишастам. Рӯҳи ман дар ин рӯзи нахустин, дар хотир дорам, ки бисьёр андӯҳгин буд.

Ҳангоме ки профессор ба дарсхона дохил шуд ва ҳамагӣ ба ҳаракат омаданд ва хомӯш шуданд, дар ёд дорам, ки ман назари масхараомезонаи худамро ба профессор низ паҳн намудам ва маро он чиз дар ҳайрат овард, ки ӯ дарсро бо як ҷумлаи муқаддимотие шурӯъ намуд, ки ба фикри ман ҳеҷ маъно надошт.

Ман мехостам, ки дарс аз аввал то охираш чунон пурмаъно бошад, ки аз он ҳеҷ калимае берун андохта намешуда бошад ва ба он калимае ҳам илова кардан лузум надошта бошад. Аз ин ҳол ноумед гашта, дарҳол дар зери унвони «дарси нахустин», ки дар дафтари хушрӯй муқова кардашудаи бо худам овардагӣ навишта шуда буд, ҳаждаҳ сурати нимруҳ кашидам, ки ҳамаи онҳо бо ҳамдигар ба сурати як гул васл мешуданд ва гоҳ-гоҳе дастҳоямро рӯи коғаз мекашидам, барои он ки профессор (ман боварӣ доштам, ки бо ман бисьёр машғул буд) чунон бидонад, ки ман навишта истодаам. Дар худи ҳамин дарс ман ҳукм кардам, ки ҳар чизе, ки ҳар профессор мегӯяд, навиштан ва қайд кардан ҳеҷ лузум надорад, балки аблаҳона аст ва ба ҳамин эътиқод то охири таҳсил давом карда будам.

Дар овони дарсҳои оянда бошад, ман акнун он қадар танҳоӣ намекашидам, бо бисьёриҳо шиносоӣ пайдо кардам, дастҳояшонро мефушурдам, гуфту гузор мекардам, вале миёни ман ва дигар рафиқон бо ин ҳама наздикии ҳақиқӣ, намедонам аз чи сабаб буд, ки пайдо намешуд ва ҳанӯз ҳам гоҳ-гоҳе чунон воқеъ мешуд, ки ман дар дилам ғам мехӯрдам, ва сохтакорӣ мекардам. Бо гурӯҳи Ивин ва ашрофзодагон, чунон ки ҳамаи онҳоро меномиданд, ман созиш кардан наметавонистам, зеро, чунон ки алъон ба ёд меовардам, ман дар нисбати онҳо дурушт ва ваҳшӣ будам, ба онҳо фақат дар ҳамон мавқеъ салом мекардам, ки онҳо ба ман салом кунанд ва онҳо зоҳиран он қадар ҳам ба шиносоии ман эҳтиёҷ надошта буданд. Бо дигарон бошад, ин ҳол тамоман аз дигар боисҳо ба вуқӯъ мепайваст. Чун ман андаке ҳис мекардам, ки як рафиқе бо ман унс пайдо карда истодааст, ман ба ӯ мефаҳмондам, ки ман дар хонаи князь Иван Иваныч наҳорӣ мехӯрам ва ман ароба дорам. Ман ҳамаи инҳоро аз он ҷиҳат мегуфтам, ки худамро аз тарафи мусбат нишон бидиҳам, ва аз он ҷиҳат, ки он рафиқ маро аз ин боис бештар дӯст бидорад; аммо бисьёр воқеъ мешуд, ки дар натиҷаи ин ахбори ман, ки бо Иван Иваныч қаробат дорам ва соҳиби ароба ҳастам, дар тааҷҷуб ва ҳайрати ман, он рафиқ нисбат ба ман сард ва мутакаббир мешуд.

Дар миёни мо як донишомӯзи ба харҷи давлат мехондагӣ буд, ки Оперов ном дошт, ин як ҷавони фурӯтан, хушқобилият ва пурсаъю кӯшиш буд, ки ҳамеша даст медод, ки дасташ монанди тахта шах шудагӣ буд ва ангуштонашро хам намекард ва онҳоро ҳеҷ ҳаракате намекунонд, чунон ки рафиққои шӯх ба ӯ низ ба ҳамон тарз даст дароз мекарданд ва ин даст доданро «тахтачавор» меномиданд. Ман қариб ҳамеша ба паҳлӯи ӯ менишастам ва бо ӯ сӯҳбат мекардам. Оперов аз он ҷиҳат ба ман хуш омада буд, ки дар бораи профессорҳо фикру мулоҳизаҳои озодона баён мекард. Ӯ фазилат ва тақсироти дарс додани ҳар як профессорро бисьёр ба тарзи равшан ва муайян ташхис медод ва ҳатто гоҳе онҳоро андак масхарае мекард ва суханҳои аз даҳони хурдтараки ӯ бо овози паст адо карда мешудагӣ ба ман бисьёр таъсири ҳайратовари аҷибе мекард. Бо вуҷуди ин ӯ ба хати резааш ҳамаи дарсҳоро бе истисно бо диққат менигошт. Мо акнун бо ҳамдигар созиш карда истода будем, қарор додем, ки дарсҳоро боҳам ҳозир намоем ва чашмони хокистарранги хурдтараки наздикбини ӯ акнун, ҳангоме ки ман дар паҳлӯи ӯ ба ҷои худам омада нишастанӣ мешудам, ба сӯи ман бо мамнуният нигоҳ мекардагӣ шуда буданд. Аммо рӯзе дар миёни гуфтугузор, ман лозим донистам ба ӯ фаҳмонам, ки бибиҷони ман дар овони мурда истоданаш, аз падарам дархост намудааст, ки моро ба донишкадаҳои давлатӣ надиҳад ва ман дар ин ақида омада истодаам, ки ҳамаи парваришёфтагони донишкадаҳои давлатӣ, ҳар чанд бисьёр олим ҳам бошанд, онҳо барои ман... ончунон, ки бояд, нестанд, се ne sont pas des gens comme il faut [1] мебошанд, гуфта мондам ман андаке шарм карда ва ҳис менамудам, ки намедонам барои чи бошад, сурх шудам. Оперов ба ман чизе нагуфт, вале дар дарсҳои оянда аз ман пештар ба ман салом намедодагӣ шуд, тахтачаашро дароз намекард ва бо ман гуфтугузор намекард, ва, ҳангоме ки ман дар ҷои худ менишастам, ӯ якьёна шуда сарашро ба сӯи дафтараш ба баландии як ангушт хам карда чунон

[1] онҳо одамони нодуруст

вонамуд мекард, ки ба онҳо нигоҳ мекарда бошад. Ман ба ин сард шудани бе боиси Оперов тааҷҷуб мекардам. Аммо ман чунон ҳисоб мекардам, ки pour un jeune homme de bonne maison [1], номуносиб аст, ки ба донишҷӯи аз давлат маош мегирифтагӣ *Оперов* хушомад занад, аз ин буд, ки ман ӯро дар ҳоли худаш вогузоштам, ҳар чанд эътироф менамоям, ки ин сардмуомилагии ӯ барои ман андӯҳовар буд. Як дафъа ман пеш аз ӯ ба дарс омадам ва чун дарси яке аз профессорҳои дӯстдоштаи мо мешуд, ки донишҷӯён ҳама дар он ҷамъ меомаданд ва онҳое ҳам, ки одати ба дарс омадан надоштанд, низ ҳозир мешуданд, ва аз он ҷиҳат ҳамаи ҷойҳо ишғол шуда буд, ман дар ҷои Оперов нишастам, дафтарҳоямро ба лавҳа ниҳодам ва худам берун баромадам, ба дарсхона баргашта дидам, ки дафтарҳои ман ба хараки ақиб будагӣ гузошта шудааст ва Оперов дар ҷои худаш нишастааст. Ман ба ӯ гуфтам, ки дафтарҳои ман дар ин ҷо ниҳода шуда буд.

— Ман хабар надорам,— гуфт ӯ ногаҳон оташин шуда ва ба сӯи ман нигоҳ накарда.

— Ман ба шумо мегӯям, ки дафтарҳои ман дар ин ҷо буд,— гуфтам ман, қасдан гӯё қаҳрамро оварда, ба нияти он, ки ӯро бо ҷасорати худам битарсонам.— Ҳама дидаанд,— гӯён илова намудам ман ба донишҷӯён назар афганда; ҳар чанд бисьёрӣ аз донишҷӯён бо назари кунҷковона нигоҳ мекарданд, вале касе аз онҳо ҷавобе надод.

— Ин ҷо ҷойро харида намегиранд ва ҳар касе, ки пештар меояд, ҷой мегирад,— гуфт Оперов хашмгинона дар ҷои худаш дурусттар нишаста гирифта ва ба сӯи ман як нигоҳи оташине карда истода.

— Пас маълум мешавад, ки шумо беодобастед,— гуфтам ман.

Ба ман чунон намуд, ки Оперов чизе зери лаб гуфт, ва гӯё ӯ зери лаб гуфт, ки: «ту як бачаи беақле ҳастӣ», аммо ман инро ҳеҷ нашунидам. Агар мешунидам ҳам, аз ин чӣ суде буд? мисли manants [2] дашном-

---

[1] барои ҷавоне, ки аз хонадони хубест,

[2] саҳроиён

гӯй мешуд ва дигар чӣ мешуд? (Ман ин калимаи manant-ро бисьёр дӯст медоштам ва ин калима бисьёр муносибатҳои мушкили муғлақро барои ман ҳал мекард ва ҷавоби онҳо мегардид.) Мумкин буд, ки дар ин мавқеъ боз ҳам ман чизе мегуфтам, вале дар ин лаҳза овози дар баромад ва профессор фраки нилгун дар бар таъзим баҷо оварда босуръат ба сӯи минбар равон шуд.

Бо ин ҳама, пеш аз имтиҳон, вақте ки ба ман дафтарҳо лозим шуданд, Оперов ваъдаи худашро ба ёд оварда, дафтарҳои худашро ба ман пешниҳод кард ва маро барои ҳамроҳ ҳозирӣ дидан даъват намуд.

Боби XXXVII

КОРҲОИ ОЛАМИ ДИЛ

Дар ин фасли зимистон гирудори ишқу муҳаббат маро бо худ хеле машғул намуд. Ман се дафъа ошиқ шуда будам. Як мартаба ман ба як хоними бисьёр фарбеҳе ошиқ шудам, ки дар пеши чашми ман дар манежи Фрейтаг савора мегузашт, ки ба он сабаб дар ҳар сешанбе ва ҷумъа — дар он рӯзҳое, ки ӯ мегузашт,— ман дар манеж меомадам, ки ба ӯ бингарам, аммо ҳар дафъа метарсидам, ки мабодо ӯ маро бубинад ва бинобар он ҳамеша аз ӯ хеле дур меистодам ва чун ӯ аз он ҷо ки гузаштанӣ мешуд, ба зудӣ мегурехтам ва ҳангоме ки ӯ ба сӯи ман назар медӯхт, чунон бепарвоёна рӯямро мегардондам, ки ҳатто рангу рӯи ӯро низ дуруст дида натавонистаам ва аз он ҷиҳат то ҳол намедонам, ӯ дар ҳақиқат хушгил ва хушрӯй буд ё на.

Дубков ки бо ин занак ошноӣ дошт, як рӯз дар он манеж дар паси хидматгорон ва пӯстинҳое, ки онҳо дар даст доштанд, худро гирифта рост истодани маро дида ва аз Дмитрий дар бораи ишқи ман хабардор шуда, бо таклифи шиносо карданӣ шуданаш маро ба он зани аспсавор чунон тарсонда буд, ки ман саросемавор аз манеж берун гурехтам ва чун дар андешаи ман мегузашт, ки ӯ дар бораи ман ба он зан чизе гуфта бошад, дигар ҷасорат намекардам, ки дар он ма-

неж дохил шавам, ҳатто наздики ходимон низ намерафтам, ки мабодо ба ӯ дучор оям.

Ҳангоме ки ман ба занҳои бегона ва хусусан ба занҳои хонадор ошиқ мешудам, шармгинии ман ҳазор бор аз он бештар мешуд, ки дар ҳузури Сонечка дошта будам. Ман аз ҳама бештар дар дуньё аз он дар тарс мешудам, ки маҳбубаи ман аз ишқи ман хабардор нагардад, ҳатто аз вуҷуди ҳастии ман огоҳ набошад. Ба ман чунон менамуд, ки агар ӯ эҳсосоти маро дар бораи худаш хабардор гардад, ин барои ӯ як ҳақорате мешуд, ки ҳеҷ гоҳ маро аз ин кор афв карда наметавонист. Ва дар ҳақиқат ҳам, агар ин занаки аспсавор медониста буд, ки ман ба сӯи ӯ аз пушти хидматгорон нигоҳ карда истода, дар дили худ чи тур мехостам ӯро дуздида ба деҳа биравам ва чи ранг бо ӯ дар он ҷо рӯз гузаронам, ва чиҳо бо ӯ бикунам, шояд ҳам ӯ дар ҳақиқат ҳақорат дида мешуда буд. Аммо ман наметавонистам равшан тасаввур намоям ки ҳар чанд ӯ маро бишиносад ҳам, фикру ниятҳои дарунии маро якбора наметавонист пай бубарад ва аз ин рӯ ҳамин тур шиносой пайдо кардани ман бо ӯ ҳеҷ кори шармоваре намешуд.

Бори дигар ман Сонечкаро дар хонаи хоҳарам дида ба ӯ ошиқ шуда будам. Ишқи дубораи ман акнун кайҳо гузашта рафта буд, валекин ман бори саввӯм аз он ҷиҳат ошиқ шудам, ки Любочка ба ман дафтареро дод, ки дар он Сонечка шеърҳоеро рӯнавис карда буд ва дар он «Иблис»-и Лермонтов навишта шуда буд ва дар чанд ҷой гуфтори ошиқонаи дилшикани он бо сиёҳии сурх хат кашида шуда ва бо гулҳо хатчӯб гузошта шуда буд. Ба ёдам овардам, ки Володя соли гузашта халтачаи духтараки худашро чи тур бӯса карда буд, ман ҳам ҳамон тур карданӣ шудам ва дар ҳақиқат, ҳангоме ки ман як шабонгоҳ дар хонаи худам танҳо нишаста ба он гул назар дӯхта ба андеша фурӯ рафтам ва онро ба лабҳоям часпондам, як майлу орзуи форами сиришковаре дар дили худ ҳис кардам ва боз аз сари нав ошиқ шуда будам ва ё дар муддати чанд рӯзе гумон мекардам, ки боз ошиқ шудаам.

Оқибат, бори саввӯм дар ин мавсими зимистон ман ба духтаре ошиқ шуда будам, ки Володя низ ӯро дӯст медошт, ва ӯ гоҳ-гоҳе ба хонаи мо меомад. Дар ин духтарак, чи тур ки алъон ман ба ёд меорам, ҳеҷ як хубие набуд, хусусан он хубие, ки одатан ба ман хуш меомада бошад, набуд. Ӯ духтари як бонуи машҳури бисьёр оқилаи олимаи Москва буд, хурдтарак, лоғарак буд, зулфҳои маллаи англисии дароз ва нимрухи шаффофе дошт. Ҳама мегуфтанд, ки ин духтарак аз модараш ҳам хирадманд ва донишмандтар аст; аммо ман дар ин бора наметавонистам ҳукме бинамоям, зеро ақлу ҳуш ва илму фазли ӯро ба назар оварда, як навъ ҳароси чоплусиёнае ҳис мекардам, аз он ҷиҳат фақат як бор бо ӯ гуфтугузор карда будам ва он ҳам бо як тарси ғайри эзоҳе. Валекин шавқу завқи Володя, ки дар ҳузури дигарон низ аз он худдорӣ намекард, ба ман чунон таъсир карда буд, ки ба ин духтарак сахт ошиқ шуда будам. Ман ҳис мекардам, ки ин хабари ба *як духтарак ошиқ шудани ду бародар* ба Володя ногувор хоҳад буд, ва дар бораи ишқи худам ба ӯ изҳор накардам. Ҳол он ки дар ман, баръакс, ин ҳис бештар аз ҳама барои он лаззат мебахшид, ки ин ишқи мо чунон холисона ва покизаест, ки ҳар чанд маъшуқаи мо як лӯъбати нозанинест, мо бо ҳам дӯст хоҳем монд ва агар дар ин роҳ лозим ояд, ҳозир хоҳем буд, ки барои якдигар фидо ва қурбон гардем. Ҳар чи ҳам бошад, дар бораи чон фидо кардан ва қурбон шудан, чунон менамуд, ки Володя ба фикри ман шарик набуд, зеро ки ӯ чунон сахт ба ишқи ин духтарак дил баста шуда буд, ки чун яке аз дипломатҳои ҳақиқиро мегуфтанд, бо ин духтарак мебоист издивоҷ намояд, ҳозир буд як торсакӣ бизанад ва ба дуэль бикашад. Барои ман бошад, қурбон кардани эҳсосоти худ фӯрам меомад, шояд аз он чиҳат бошад, ки ин кор барои ман бисьёр душвор намеомад, зеро бо ин духтарак ман фақат як бор дар бораи мусиқии классикӣ бо ибораҳои печ дар печ чизе гуфта будам ва ишқи ман, ҳар чанд кӯшиш мекардам, ки онро нигоҳдорӣ намоям, дар ҳафтаи оянда гузашту рафт.

Боби XXXVIII

ТАБАҚАИ АЪЁНУ АШРОФ

Лаззатҳои зиндагонии табақаи аъёну ашроф, ки дар вақти дохил шудан ба дорулфунун, аз рӯи тақлид ба бародарам майл доштам бо он сармаст гардам, дар ин фасли зимистон маро тамоман маъюс намуданд. Володя бисьёр рақс мекард, падарам низ бо зани ҷавонаш ба базмҳо мерафт; аммо маро, шояд аз он ҷиҳат бошад, ки ҳанӯз хурдсол мешумурданд, ё ки ба он лаззатҳо ноқобил медонистанд, ба ҳеҷ як хонае, ки дар он ҷо базм ороста мешуд, ҳеҷ кас намебурд. Ҳар чанд, ба Дмитрий ваъда дода будам, ки чизеро аз ӯ пинҳон надорам ва ҳар чи дар дил дорам ба ӯ дар миён бигузорам, ман ба ҳеҷ касе, ба худи ӯ ҳам намегуфтам, ки мехоҳам ба базмҳо биравам, ва чи қадар ба ман алам мекунад, ки ман аз хотирҳо фаромӯш шудам ва ба ман чун ба файласуф назар мекунанд, ки ман дар натиҷаи ин худамро ҳамон тур нишон медодам.

Аммо дар ин фасли зимистон як шабнишинӣ дар хонаи князьхоним Корнакова барпо гашта буд. Худи ӯ ҳамаи моро даъват намуд ва дар он миён маро низ хабар кард ва ман мебоист бори нахустин ба базм мерафтам. Володя пеш аз рафтан ба меҳмонӣ ба хонаи ман омад ва чи тур либос пӯшидани маро диданӣ шуд. Ин ҳаракати ӯ маро бисьёр дар тааҷҷуб ва ҳайрат андохт. Ба ман чунон меомад, ки орзу ва хоҳиши нағз либос пӯшидан бисьёр кори айб аст ва ин майлу ҳавасро то тавонист бояд пинҳон дошт; ӯ бошад ин корро чуноне табиӣ ва зарурӣ мешумурд, ки равшан ва ошкоро изҳор менамуд, ки аз он метарсад, ман расво нагардам. Ӯ ба ман қатъиян фармуд, ки мӯзаи локӣ бипӯшам ва чун хабардор шуд, ки ман дастпӯшаки мешӣ пӯшиданӣ ҳастам, бисьёр ба даҳшат омад ва соати маро ба як навъи хос гузаронд ва маро ба Кузнецкий мост ба сартарош бурд. Мӯйҳои маро ҷингила карда ороиш доданд. Володя аз ман дуртар рафт ва ба ман нигоҳ кард.

— Инак акнун хуб шуд. Фақат, магар мумкин нест, ки ин теппакокулро андаке хобонд? — гуфт ӯ ба сартарош хитобкунон.

Аммо M-r Charles ба теппакокули ман як хел маъҷуни часпакро ҳар чанд бисьёр молида бошад ҳам, онҳо дар вақти кулоҳ пӯшидани ман, боз аз ҷой барҷастанд ва умуман шакли оро додаи ман, ба назарам аз пештара ҳам баднамотар меомад. Наҷоти ягонаи ман дар бепарво намудор кардани худ буд. Фақат дар ҳамон вазъият намуди зоҳирии ман ба чизи одамсуробе шабоҳат медошту бас.

Володя низ, ба назарам, дар ҳамон андеша буд, зеро аз ман хоҳиш намуд, ки зулфҳоямро бишканам ва чун ман ҳамин корро кардам ва бо ин ҳама шакли ман дуруст нашуда буд, ӯ дигар ба ман нигоҳ намекард ва дар ҳамаи аснои роҳ, то расидан ба хонаи Корнаковҳо хомӯш ва андӯҳгин буд.

Ба хонаи Корнаковҳо бо ҳамроҳии Володя ман ҷасурона дохил шудам; аммо ҳангоме ки князьхоним маро ба рақс даъват намуд, намедонам аз чӣ сабаб аст, ҳар чанд ман фақат бо андешаи он омада будам, ки бисьёр рақс кунам, ба ӯ гуфтам, ки ман намерақсам ва хиҷолат кашидам ва дар миёни касони нопинос танҳо монда ба ҳамон шармгинии одатии бартарафнашавандае афтодам, ки торафт меафзуд. Ман дар як гӯшае тамоми шаб хомӯшона истодам.

Дар ҳангоми вальс яке аз духтархонимҳои соҳибхона ба ман наздик омад ва бо иборатҳои илтифоткоронаи расмӣ, ки дар миёни ҳамаи аъзоёни ин хонавода одат буд, аз ман пурсид, ки чаро ман ба рақс иштирок намекунам. Дар ёд дорам, ки дар вақти ин пурсиш чи қадар ман ҳаросон шудам, вале бо он ҳама, беихтиёрона дар чеҳраи ман табассуми худписандонае гул карда буд ва ман ба забони французӣ бо дабдаба ва бо ҷумлаҳои мӯътариза ба сухан гуфтан сар кардам ва он чунон беҳудае гуфтан гирифтам, ки акнун ҳатто баъд аз гузаштани даҳҳо сол аз он воқеа низ, худ ба худ шарм медорам, ки ба ёд орам. Бояд оҳанги мусиқӣ, ки асабҳои маро ба ҳаяҷон оварда буд ва як қисмати номафҳуми суханҳои маро бо худ пӯшонда буд, ман гумон мекунам, ки ба ман чунин

таъсир карда бошад. Ман дар бораи табақаи аъёну ашроф чизе мегуфтам, дар бораи ночиз ва беҳуда будани мардон ва занҳо баҳс мерондам ва дар охир он қадар дурӯғбофиҳо кардам, ки ногаҳ дар миёни як ҷумлае таваққуф кардам, ки имкони тамом кардани он ҳеҷ муяссар набуд.

Ҳатто князьдухтар, ки аз ҷинси ашроф буд, саросема гашт ва гилаомезона ба ман нигоҳ кард. Ман табассум мекардам. Дар ҳамин лаҳзаи тангу нозук, Володя ки гарму ҷӯшон сӯҳбат кардани маро дидааст, шояд аз он ҷиҳат, ки бубинад ман дар сӯҳбат ба рақс иштирок накарданамро чи тур метавонам кафорат бидиҳам, бо ҳамроҳии Дубков пеши мо омад. Чеҳраи хандони ман ва қиёфати ҳаросони князьдухтарро дида ва он гуфтори аз ҳад зиёд беҳударо, ки ман ба охир расондам, шунида сурх шуд ва аз ман рӯй гардонд. Князьдухтар аз ҷояш бархост ва аз ман дур шуд. Бо ҳамаи ин ман табассум мекардам, аммо дар ин лаҳза дар дил аз аблаҳӣ он чунон азоб ва азият мекашидам, ки розӣ будам ба замин фурӯ равам ва аз ин сабаб буд, ки бисьёр эҳтиёҷ доштам, ки ҳаракате кунам ва чизе ҳам бигӯям, то ки ин ҳолати худамро андаке тағьир бидиҳам. Ман ба Дубков наздик омадам ва аз ӯ пурсидам, ки магар бо он *зан* бисьёр вальс рақсидааст. Ин чунон маъно дошт, ки гӯё ман шӯхӣ ва хушҳолӣ мекарда бошам, вале дар ҳақиқат аз ӯ — аз ҳамон Дубков, ки дар вақти наҳорӣ хӯрдани мо дар меҳмонхонаи Яр «Хомӯш!» гӯён ба ӯ фарьёд зада будам, ёрӣ меҷустам. Дубков чунон вонамуд кард, ки гӯё маро намешунида бошад ва ба тарафи дигар рӯяшро гардонд. Ман ба Володя наздиктар рафтам ва бо ҳамаи тавоноии худам кӯшиш мекардам, ки як оҳанги шӯхиёна ба овози худам бидиҳам; «Хӯш, чи тур, Володя, *монда шудӣ?*» Аммо Володя ба ман чунон нигоҳе кард, ки гӯё мегуфт: «Ту, ҳангоме ки бо ман ба танҳоӣ гуфтугӯ мекунӣ, чунин рафтор намекунӣ» ва хомӯшона аз ман дур рафт ва зоҳиран метарсид, ки боз коре карда ба вай начаспам.

«Оҳ, худоё, бародари худам низ аз ман дурӣ меҷӯяд!» — гӯён меандешидам ман.

Вале аз чӣ бошад, ман, дармони баромада рафтанро дар худ намеёфтам. Ман то охири шабнишинӣ ғамгин ва тираҳол дар як ҷо истода мондам ва фақат дар он замоне ки ҳамаи мардумон ба хонаҳошон рафтанӣ шуда, дар даҳлез гирд омаданд ва пешхидмат шинели маро ба лаби кулоҳам пӯшонд, чунон ки он баланд бардошта шуд, ман аз миёни оби чашм базӯр хандидам ва ба ҳеҷ кадом кас махсусан хитоб накарда гуфта мондам: «Comme c'est gracieux»[1].

Боби XXXIX

АЙЁШӢ

Ҳар чанд дар таъсири Дмитрий афтода, ман ҳанӯз ба лаззатҳои одатии донишҷӯён, ки *айёшӣ* менамонд, саргарм нагашта будам, вале дар худи ҳамин мавсими зимистон, дар як чунин дилхушӣ иштирок кардан ба ман пеш омад, ки аз он як эҳсоси на он қадар фораме бо худ бурдам. Ин кор, бубинед, чи тур воқеъ шуда буд. Дар аввалҳои сол як бор дар мавқеи дарс барон З., ҷавони қоматбаланд, зардинамӯй, бо адои бисьёр ҷиддии чеҳраи мутаносиб, ҳамаи моро ба хонаи худаш ба як шабнишинии рафиқона даъват намуд. Ҳамаи моро — яъне ҳамаи рафиқонеро, ки каму беш comme il faut ба шумор мерафтанд ва дар миёни эшон, маълум аст, ки на Грап, на Семёнов, на Оперов ва на ҳамаи ин ҷанобҳои на он қадар хуб вуҷуд надоштанд. Володя чун хабардор шуд, ки ман ба маҳфили айёшии донишҷӯйҳои соли нахустин рафтанӣ ҳастам, як табассуми ҳақоратомезонае кард; вале ман дар интизори он будам, ки аз ин вақтгузарониии барои ман ҳанӯз тамоман номаълум, лаззат ва нашъаи нодида ва ношунидаи берун аз андоза барам ва дар худи сари вақт, дар соати ҳашт дар хонаи барон З. омадам.

Барон З. дар сюртуки тугмаҳояш кушодагӣ, дар жилети сафед, меҳмонҳоро дар зали пур аз рӯшноӣ ва меҳмонхонаи як ҳавлии хурдтараке пазирой менамуд, ки дар он ҷо падару модари ӯ мезистанд

[1] «Ин чӣ қадар зебост».

ва ба муносибати ин ҷашн меҳмонхонаҳояшонро ба ӯ вогузошта буданд. Дар даҳлез либос ва сару рӯи ходимаҳои кунҷков намудор мешуд ва дар шарбатхона якбора либоси бонуе намоён шуда рафт, ки ман онро худи баронхоним шумурдам. Меҳмон як бист нафар буд ва ҳамаи эшон донишҷӯён буданд, ба ғайр аз Фрост, ки бо Ивин омада буд, ва як марди сурхчеҳраи қоматбаланди либоси ғайриҳарбӣ пӯшида, ки базмро идора мекард, ва ӯро бо ҳама дар сифати хешованди барон шинос мекарданд ва мегуфтанд, ки ӯ яке аз донишҷӯёни пештараи дорулфунуни Дерпт аст. Рӯшноии аз андоза берун ва сару сози оддии маъмулии хонаҳо, дар аввали ҳол ба ҳамаи ин ҷамъомади ҷавонон чунон дил сардкунанда таъсир намуд, ки ҳар кадоме дар гӯшаи деворе ҷой мегузиданд, магар баъзе аз ҷасоратмандон ва ҳамон донишҷӯи дерптӣ, ки кайҳо тугмаҳои жилети худро кушода, гумон мекардед, ки дар худи як он ва лаҳза, дар ҳар хона ва дар ҳар кунҷу гӯшаи ҳамаи хонаҳо мавҷуд буд, ва ҳамаи хонаҳоро бо садои таннони дилкаши хомӯшнашавандаи баланди худ пур мекард. Рафиқон бошанд, бештар хомӯш буданд, боадабона гуфту гузор менамуданд, ки мавзӯашон профессорҳо, дарсҳо, имтиҳонҳо ва умуман дар бораи чизҳои ҷиддӣ ва ғайри қобили таваҷҷӯҳ буд. Ҳамагӣ беистисно ба дари шарбатхона нигоҳ мекарданд, ҳар чанд кӯшиш менамуданд, ки пинҳон доранд, вале дар ҷеҳраҳояшон адо ва ифодаи чунинро доштанд: «хӯш, акнун вақти шурӯъ кардан ҳам омадааст». Ман низ чунон ҳис менамудам, ки вақти шурӯъ кардан расидааст ва *сар шудани онро* бесаброна ва хушҳолона интизор мекашидам.

Пас аз он, ки пешхидматон меҳмонҳоро бо чой зиёфат карда шуданд, донишҷӯи дерптӣ аз Фрост ба забони русӣ пурсид:

— Метавонӣ шароби тунд ҳозир кунӣ, Фрост?

— О! ja![1] — гӯён ҷавоб дод Фрост, мушакҳои пояшро ба ҳаракат оварда истода, вале донишҷӯи дерптӣ боз ба забони русӣ гуфт:

---

[1] — Оре албатта!

— Ин тур бошад, ту ҳамин корро кун (онҳо дар сифати рафиқ буданашон аз дорулфунуни Дерпт ба якдигар «ту» мегуфтанд ва Фрост бо қадамҳои калони пои сергӯшти худ аз меҳмонхона ба шарбатхона ва аз шарбатхона ба меҳмонхона рафта омадан гирифт ва бисьёр нагузашта дар рӯи миз шаҳкосаи калони шӯрбоандозӣ бо каллақанди даҳқадоқӣ пайдо гашт, ки ба воситаи се шамшери донишҷӯй, ки аз се тараф гузошта шуда буд, нигоҳ дошта мешуд. Барон З. дар ин ҳангом дам нагирифта, ба ҳузури ҳар як ҷамоаи донишҷӯён, ки дар меҳмонхона гирд омада буданд, мерасид ва ба сӯи шаҳкосаи шӯрбоандозӣ назар афканда, бо чеҳраи ҳамеша ҷиддӣ ба ҳама муроҷиатқунон, тақрибан ҳамин як ибораро такрор менамуд: «Биёед, азизон, ба тарзи донишҷӯён даврадавр бинӯшем, бародарона, набошад дар миёни мо ҳеҷ рафоқат нест. Тугмаҳоятонро кушоед, охир, ё ки либосҳоятонро кашед, монанди ӯ». Дар ҳақиқат донишҷӯи дерптӣ сюртукашро кашида буд ва остини сафеди пироҳанашро аз оринҷи сафедаш болотар барзада, пойҳояшро бо қатъият аз ҳам кушод ниҳода шаробе, ки дар шаҳкосаи шӯрбоандозӣ буд, оташ мезад.

— Азизон! шамъҳоро хомӯш кунед,— гӯён ногаҳон донишҷӯи дерптӣ бо чунон садои баланд фарьёд зад, ки агар ҳамаи мо баробар дод мезадем, он гоҳ мебоист чунон мехурӯшид. Мо ҳамагӣ беҳарфу садо ба шаҳкосаи шӯрбоандозӣ ва пироҳани сафеди донишҷӯи дерптӣ менигаристем ва чунон ҳис менамудем, ки акнун он дақиқаи бошукӯҳ расидааст.

— Löschen Sie die Lichter aus, Frost![1] — гӯён ба забони олмонӣ боз аз сари нав фарьёд кард донишҷӯи дерптӣ, ки гӯё бисьёр ба ҳаяҷон омада буд. Фрост ва моён ҳамагӣ ба хомӯш кардани шамъҳо шурӯъ намудем. Хона торик шуд ва фақат дастҳо ва остинҳои сафеде, ки рӯи шамшерҳо каллақандро нигоҳ дошта истода буданд, бо шӯълаи кабудранге мунаввар шуда буданд. Овози баланди донишҷӯи дерптӣ акнун танҳо набуд, зеро дар ҳар гӯшаи хона овози ханда ва гуф-

[1] — Шамъҳоро хомӯш кунед, Фрост!

тор баланд шуда буд. Бисьёр аз касон сюртукҳошонро кашиданд (хусусан онон, ки пироҳани нозук ва тамоман тоза доштанд), ман ҳам чунон кардам ва фаҳмидам, ки акнун *сар шуда истодааст*. Ҳар чанд ҳанӯз кори хушҳолонае нашуда буд, ман боварии қатъӣ доштам, ки чун ҳар кадоми мо як пиёлагӣ аз он шароби тайёр шудаистодагӣ менӯшем, бисьёр хуб ва мумтоз хоҳад шуд.

Шароб муҳайё гардид. Донишҷӯи дерптӣ дар рӯи миз бисьёр чаконда, аз шароби тунд дар пиёлаҳо рехт ва фарьёд зад: «Хӯш, акнун биёед, азизон». Ҳангоме ки ҳар кадоми мо стакани пуропури часпакро ба даст гирифтем, донишҷӯи дерптӣ ва Фрост як суруди олмониро ба хондан шурӯъ намуданд, ки дар он дам ба дам хитоби *Юхе*! такрор меёфт. Ҳамаи мо ноҳамворона аз паси онҳо сурудан гирифтем ва пиёлаҳоро ба якдигар мезадем, фарьёд мекардем, шароби тундро таърифу тавсиф мекардем ва аз паси даст ё ба тарзи оддӣ он шарбати ширин ва пурзӯрро нӯш мекардем. Акнун ҷои интизор кашидан намонда буд, маҳфили айш ба камоли авҷи худаш расида буд. Ман кайҳо як стакани пуропур аз шароби оташин нӯш кардам ва боз як стакани дигаре барои ман рехтанд, чаккаҳоям сахт хала мезаданд, оташ акнун ба чашмам сурхи хунин менамуд, гирду пеши ман ҳама пур аз ханда ва овози баланд буд, вале бо ин ҳама натанҳо хушҳолӣ набуд, балки боварӣ доштам, ки ҳам ба ман, ҳам ба дигарон дилтангиовар буд ва ман ва дигарон ҳама, аз чи сабаб буд, ки лозим мешумурдем, худро бисьёр хурсанд ва хушаҳвол нишон бидиҳем. Фақат шояд хушаҳволии донишҷӯи дерптӣ сохта набошад буд; ӯ то рафт бештар сурх мешуд ва ҳама ҷо мегашт, барои ҳама стаканҳои холиро пур мекард ва беш аз пеш рӯи мизро шароб резонда сар то сари онро шира ва часпак карда буд. Ман намедонам, ки чи тур ва чи аз паси дигараш ба вуқӯъ мепайваст, аммо ба ёд дорам, ки ман имшаб донишҷӯи дерптӣ ва Фростро бисьёр нағз медидам ва он суруди олмониро аз ёд мекардам ва ҳардуи онҳоро аз лабони ширaолудашон мебӯсидам ва боз ман дар хотир дорам, донишҷӯи дерптиро он шаб бад дида будам ва хоста будам, ки ӯро

бо курсӣ бикӯбам, вале худдорӣ карда будам; дар хотир дорам: ба ҷуз он саркашии тамоми аъзо, ки дар рӯзи наҳорихӯрӣ дар меҳмонхонаи Яр дар ман пайдо шуда буд, дар ин шаб сари ман чунон ба дард даромада буд ва чарх мезад, ки ман аз мурда монданам дар худи ҳамин лаҳза бисьёр метарсидам; боз дар хотир дорам, намедонам, барои чӣ бошад, ҳама дар рӯи фарши хона нишастем, дастҳоямонро дар ҳавои белзанӣ дар заврақ ҳаракат медодем ва суруди «Вниз по матушке по Волге»-ро мехондем ва дар он лаҳза ман чунин меандешидам, ки ин корро мебоист намекардем; боз дар хотир дорам, ки ман дар рӯи фарши хона дароз кашида будам ва пой ба пой часпида, гӯштии лӯлиёна мегирифтам ва гардани касеро тоб додам ва боз чунон андешидам, ки агар ӯ маст намебуд, ин кор воқеъ намешуд; боз дар ёд дорам, ки мо шом хӯрдем ва боз як чизи дигаре нӯшидем ва ман барои ҳаво хӯрдан берун баромадам ва сари ман хунук хӯрда буд ва дар ҳангоми баргаштан ман пай бурда будам, ки шаб бисьёр торик буд ва зинапояи аробачаи ман нишеб ва лағжонак шуда будааст ва Кузьмаро доштан мумкин намешуд, аз баски ӯ нотавон шуда буд ва ба ҳар тараф латта барин меҷунбид; аммо аз ҳама зиёдтар ба ёдам меояд, ки дар муддати ҳамаи ин шаб ман муттасил ҳис мекардам, ки бисьёр аблаҳона рафтор мекунам, ки сохтакорона худамро чунон нишон медиҳам, ки гӯё бисьёр хушҳол бошам, гӯё бисьёр нӯшиданро дӯст медошта бошам ва ҳатто маст ҳам намешуда бошам, ва ҳамеша чунон ҳис мекардам, ки дигарон низ бисьёр аблаҳона рафтор мекунанд, ки ҳамин тур мисли ман сохтакорӣ менамоянд. Ба назари ман ба ҳар кадоми моён яко-як ҳамон ранг ногувор буд, чунон ки ба ман буд, аммо чун ҳар кадом гумон мекард, ки танҳо ӯ ногуворӣ ҳис менамояд, ҳар кадом худро вазифадор мешумурд, ки худашро хушҳол вонамуд кунад, то ки хушҳолии умумро барҳам назанад; ба ғайр аз ин,— гуфтан ачобат дорад — ман худамро ба ин сохтакорӣ маҷбур медонистам фақат аз он ҷиҳат, ки дар шоҳкосаи шӯрбоандозӣ се шиша шампански рехта шуда буд, ки ҳар кадоме даҳ сӯм меистод ва даҳ шиша ром андох-

та шуда буд, ки ҳар кадом чор сӯм буд ва ҳамаи ин ҳафтод сӯм мешуд, ба ҷуз таоми шом. Ман чунон ба ин ҳукми худ боварӣ доштам, ки чун дар рӯзи дигараш дар ҳангоми дарс рафиқони ман, ки дар ин ҷашни барон З. ҳузур доштанд, натанҳо аз ёдоварии он, ки дар онҷо чиҳо карданд, шарм намедоштанд, балки дар бораи он ба дигарҳо шунавонда ҳикоя низ мекарданд, ки ман бисьёр дар ҳайрат афтода будам. Онҳо мегуфтанд, ки айёшии бисьёр аъло шуд, ва ин дерптиҳо дар ин хусус устокоранд ва дар он ҷо дар миёни бист нафар чил шиша ром нӯшида шуда буд ва бисьёре чун колбади бечон дар зери мизҳо афтода монда буданд. Ман фаҳмидан наметавонистам, ки онҳо аз чи сабаб буд, ки натанҳо ҳикояи саргузашт мекарданд, балки дурӯғ ҳам дар бораи худ мебофтанд.

Боби XL

ДӮСТӢ БО НЕХЛЮДОВҲО

Дар ин мавсими зимистон ман натанҳо бо як худи Дмитрий, ки аксар ба хонаи мо меомад, мулоқот мекардам, балки ба наздикӣ пайдо кардан бо ҳамаи хонаводаи ӯ шурӯъ намудам.

Нехлюдовҳо — модар, хола ва духтар — ҳамаашон шабҳоро дар хонаи худашон мегузаронданд ва ба князьхоним хуш меомад, ки шабоҳангом ба хонаи онҳо ҷавонон ҷамъ оянд, чи тур ки ӯ мегуфт: мардоне, ки бе қартабозӣ ва бераҳс метавониста бошанд вақт гузаронанд. Аммо ин тур мардон, эҳтимол дорад, камьёбтар бошанд, зеро ман, ки қариб ҳар шаб пай дар пай ба хонаи онҳо мерафтам, дар он ҷо меҳмонро кам медидам. Ман ба ашхоси ин хонадон одат кардаам, ба завқу мизоҷи гуногуни онҳо ошно шудаам ва дар бораи муносибати онҳо бо якдигар тасаввороти равшан пайдо кардаам, ба хонаҳо ва асбобу ускунаи хонаҳошон одат кардаам ва ҳар гоҳе, ки дар он ҷо меҳмон набошад, ман худамро тамоман озод ҳис мекардагӣ шуда будам, магар ин ки дар як хона танҳо бо Варенька мемонда бошам. Ба ман чунин меомад, аз бас ӯ на он қадар хушандом аст, бисьёр орзӯ дорад, ки

ман ӯро дӯст дорам. Аммо ин ташвиш низ бартараф шуда истода буд. Ӯ ончунон вазъияти табиӣ нишон медод, ки гӯё ба ӯ бо ман, ё бародараш ё бо Любовь Сергеевна сӯҳбат кардан баробар бошад ва ман низ одат кардаам, ба ӯ бо чашми оддӣ чун ба касе назар кунам, ки лаззатбахш будани сӯҳбати ӯро ба худи ӯ нишон додан ҳеҷ хатаре надошта бошад ва кори шармоваре намешуда бошад. Дар ҳамаи муддате, ки ман ба ӯ шиносой доштам, ӯ ба ман баъзе рӯзҳо бисьёр баднамо, гоҳе — на он қадар духтари баднамо менамуд, вале ман ҳеҷ гоҳе аз худам напурсидаам, ки ман ӯро нағз дидаам ё не. Ба ман гоҳе пеш омадааст, бевосита бо ӯ гуфту гузор намоям, аммо бештар воқеъ мешуд, ки ман ба Любовь Сергеевна ё ки ба Дмитрий муроҷиаткунон бо ӯ сухан мерондам ва ин ранг гуфту гузор ба ман бештар хуш меомад. Дар ҳузури ӯ сухан гуфтан, сурудхонии ӯро шунидан ва умуман дар он хонае, ки ман ҳастам, ҳузур доштани ӯро донистан бисьёр ба ман лаззат мебахшид; аммо он андеша, ки дар оқибат муносибати ман бо Варенька чи тур хоҳад шуд ва хаёлоти он фидокорӣ барои дӯсти худ дар он мавқеъ, ки агар ӯ хоҳари маро дӯст бидорад, акнун маро камтар бо худ машғул мекарданд. Агар ин фикрҳо ба сари ман меомаданд ҳам, он гоҳ худамро дар вазъияти ҳоли ҳозира ризоманд ёфта кӯшиш мекардам, ки он андешаҳои замони ояндаро аз худ дур намоям.

Ба ин наздикӣ нигоҳ накарда, ман аз ҳамаи ин ҷамъияти Нехлюдовҳо ва хусусан аз худи Варенька эҳсосот ва одатҳои ҳақиқии худамро пинҳон доштанро вазифаи зарурии худ медонистам ва кӯшиш менамудам, ки худамро ба куллӣ як ҷавони дигаре аз он, ки дар ҳақиқат мебошам, нишон бидиҳам ва ҳатто худамро чунон нишон бидиҳам, ки кас ончунон дар ҳақиқати ҳол наметавонист бошад. Ман кӯшиш мекардам, ки худамро пурэҳтирос намудор кунам, ба шаъф меомадам, оҳ мекашидам; ҳангоме ки чизе ба ман гӯё бисьёр хуш меомад, ҳаракатҳои пуршӯрона мекардам, бо вуҷуди он дар вуқӯи ҳодисаҳои фавқулодда, ки худам дидаам ё ба ман ҳикоя мекарданд, кӯшиш мекардам, ки худамро бепарво нишон бидиҳам; кӯшиш

мекардам, ки худамро як истеҳзокори тундмизоҷ нишон бидиҳам, ки ҳеҷ як қудсиятро намешиносад, ва бо ин ҳама ба ҳар нукта як мудаққиқи борикбин намоям; кӯшиш мекардам, дар ҳар гуфтор ва кирдор худро аз рӯи мантиқ мерафтагӣ, дар ҳаёт ва зиндагонӣ интизомдӯст ва риоякор ва бовуҷуди он моддиётро ба назари ҳақорат менигаристагӣ нишон бидиҳам. Метавонам ҷасораткорона бигӯям, ки ман дар ҳақиқати ҳол хеле беҳтар аз он махлуқи аҷибе будам, ки худамро он чунон ҷилва доданӣ мешудам; аммо бо он ҳама сохтакориҳое, ки мекардам, Нехлюдовҳо маро дӯст доштанд ва ба хушбахтии ман ба он чи, ки ман аз худам месохтам, бовар намекарданд. Танҳо Любовь Сергеевна, ки маро худпарасти гузаро, худоношинос ва истеҳзокор мешумурд, чунон менамуд, ки маро дӯст намедошт ва аксар бо ман мубоҳаса мекард, ба ғазаб меомад ва маро бо ҷумлаҳои номарбути кӯтоҳ-кӯтоҳи худаш ба тааҷҷуб меандохт. Аммо Дмитрий бо вуҷуди ин бо ӯ ҳамон муносибати тааҷҷубоваронаи худро, ки аз муносибати дӯстӣ бештар буд, нигоҳ медошт ва мегуфт, ки ӯро ҳеҷ кас фаҳмида наметавонад ва Любовь Сергеевна барои ӯ бисьёр манфаат мерасонад. Дӯстии Дмитрий бо ин кас, ҳамчунон ки буд, тамоми оиларо андӯҳгин мекард.

Як дафъа Варенька дар миёни сӯҳбат ба ман дар бораи ин алоқаи барои ҳамаи мо номафҳум чунин эзоҳоте дод.

— Дмитрий соҳиби иззати нафс аст. Ӯ аз ҳад зиёд мағрур аст ва бо он, ки марди боақл аст, мадҳу сано ва тааҷҷубро бисьёр дӯст медорад, дӯст медорад, ки ҳамеша нахустин бошад, ва холаҷон бошад, софдилона ӯро парастиш мекунад ва он қадар одоб надорад, ки ин парастишкории худро аз ӯ пинҳон дорад ва чунон бар меояд, ки ӯ нисбат ба Дмитрий риёкорӣ мекунад, фақат ин риёкорӣ ва мадҳияхонӣ сохтакорона нест, балки самимона аст.

Ин муҳокима дар ёди ман мондааст ва баъдҳо инро таҳлил карда, худро аз он андеша боздошта наметавонистам, ки Варенька бисьёр духтараки хирадманд буд ва аз ин боис бо камоли мамнуният ӯро дар

назари худ баланд бардоштам. Ин тур баланд бардоштан ва қадру манзалат додан аз ҷиҳати кашф намудани аломати хирадмандӣ ва дигар фазилатҳои ахлоқӣ, ки ман дар ӯ меёфтам, ҳар чанд ки ба ман лаззат мебахшиданд, бо вуҷуди ин ман ин корро хеле эҳтиёткорона мекардам ва ҳеҷ гоҳ то ба дараҷаи шавқу завқ намерасондам, ки нуқтаҳои аълои ин баландбардорӣ ҳисоб мешуд. Ҳамин тур Софья Ивановна, ки монда нашуда дар бораи хоҳарзодаи худ ҳарф мезад, ҳангоме ба ман ҳикоя кард, ки чи тур Варенька дар деҳа ҳанӯз дар овони бачагӣ, чор сол аз ин пештар бе иҷозат ҳама пӯшок ва кафшҳои худашро ба кӯдакони деҳқонон дода буд ва баъд лозим шуда буд, аз онҳо боз пас гардонда бигиранд, ман ин воқеаро ҳанӯз дафъатан ҳамчун яке аз фазилатҳои дар назари ман баланд рафтани мақоми ӯ напазируфта будам, балки ҳатто дар дили худам ӯро аз ин бетаҷрибагӣ ва сустандешӣ нисбат ба ашьёву асбоб масхара мекардам.

Ҳангоме ки дар хонаи Нехлюдовҳо меҳмон меомад, ки дар он миён гоҳе Володя ва Дубков низ буданд, ман худписандона ва бо оромии як одами худӣ, ки дорои иқтидор буданашро идрок мекунад, худамро ба гӯшае мекашидам, ба гуфтугузор иштирок намеварзидам ва фақат ба он чи, ки дигарон мегуфтанд, гӯш фаро мениҳодам. Ва он чи ки дигарон мегуфтанд ба ман чунон аблаҳона, бехирадона менамуд, ки ман дар дили худ дар ҳайрат ва тааҷҷуб меафтодам: чи тур мешавад, ки князьхоними ин қадар бохирад ва муҳокамааш мантиқӣ ва ҳамаи он хонаводаи аз рӯи мантиқ фикр мекардагӣ ин ҳарза ва беҳудаҳоро гӯш медода бошанд ва бо онҳо ҷавобу савоб мекарда бошанд. Агар он замонҳо ба сари ман чунин фикре меомад, ки гуфторҳои дигаронро бо он чи, ки худам ҳангоми танҳо будан мегуфтам, муқоиса намоям, ман албатта ҳеҷ тааҷҷуб намекардам. Агар ман бовар мекардам, ки аъзои хонадони мо — Авдотья Васильевна, Любочка, Катенька низ ҳамон тур занҳое буданд, мисли дигарон ва ҳеҷ аз онҳо камӣ надоштанд ва агар ба ёд меовардам, ки Дубков, Катенька ва Авдотья Васильевна тамоми шаб хушҳо-

лона табассум намуда чи сӯҳбатҳо мекарданд; чи тур қариб ҳамеша Дубков ба чизе дарафтода бо эҳсоси баланд ин шеъро: «Au banquet de la vie, infortuné convive...» [1] ё ки аз «Иблис» порчаеро мехонд ва умуман бо чи гуна лаззат ва нашъае онҳо соатҳои дароз беҳудагӯй мекарданд,— агар ҳамаи инро ба ёд меовардам, ман боз камтар дар тааҷҷуб мемондам.

Ин маълум аст, ҳангоме ки дар хона меҳмон бошад, Варенька ба ман камтар аҳамият медод, нисбат ба он, ки мо танҳо бошем, ва дар он лаҳзаҳо албатта на мусиқӣ мешуд ва на китобхонӣ, ки ман шунидани онҳоро бисьёр дӯст медоштам. Дар овони сӯҳбат бо меҳмонон ӯ бузургтарин зебоии худро — боандешагии оромона ва соддагиашро аз даст медод. Дар хотир дорам, гуфтугузори ӯ дар бораи театр ва обу ҳаво бо бародарам Володя маро дар ҳайрат андохта буд. Ман медонистам, ки Володя табъан аз ҳама бештар ба гапҳои забонзадшуда бо назари ҳақорат менигарист, Варенька низ доимо аз гуфтугӯҳои сохтакоронаи вақт гузаронанда дар бораи обу ҳаво ва ҳамин тур чизҳо тамасхур мекард,— пас аз чи буд, ки онҳо бо ҳам ки мерасиданд, доимо ҳар дуяшон ҳарфҳои беҳудаи аз даҳан монда мегуфтанд ва гӯё аз кирдори якдигар шарм мекарданд? Ҳамеша дар ҳар дафъа пас аз чунин гуфтугӯҳо ман дар пеши худ аз Вренька дар ғазаб мешудам ва рӯзи дигараш, меҳмонҳои омада рафтагиро масхара мекардам ва ба онҳо механдидам, аммо дар доираи хонаводаи Нехлюдовҳо танҳо мондан ба ман боз бештар лаззат медод.

Ҳар чи ҳам бошад, бо Дмитрий дар меҳмонхонаи модари ӯ будан ба ман аз ҳамроҳи ӯ танҳо рӯ ба рӯ нишастан бештар лаззат мебахшид.

Боби XLI

ДӮСТӢ БО НЕХЛЮДОВ

Дар худи ҳамин муддатҳо буд, ки дӯстии ман бо Дмитрий, ба сари мӯе меистод. Ман акнун дер боз бароии наёфтани айб ва камбудиҳои вай кӯшиш ме-

[1] «Дар ҷашни ҳаёт як ҳамтабақи бадбахт...»

кардагӣ шуда будам; дар овони шурӯи ҷавонӣ бошад, агар мо касеро дӯст дорем, сахт дӯст медоштагӣ мешавем ва аз ин аст, ки фақат шахсҳои комилро меписандем. Аммо ҳамчунон, ки меғи шӯру шавқ парешон шудан мегирад ё ки аз паси он меғу абр беихтиёрона нури равшани муҳокамот партав андохтан мегирад ва мо он матлуби шавқу шуровари худро ба шаклу қиёфати ҳақиқиаш, соҳиби фазилат ва нуқсон мебинем — баъзе камбудиҳо ба тарзи ногаҳонӣ бисьёр равшан ва дар ҳолати муболиға ба пеши чашми мо намудор мегарданд, ҳисси рағбат ба тозагиҳо ва умеди он, ки набудани камолот, дар як шахси дигаре номумкин аст, моро натанҳо ба сардӣ тарғиб мекунанд, балки водор мекунанд, ки ба матлуби пештара бо нафрат ва дилзанӣ нигоҳ кунем ва аз ин аст, ки мо бераҳмона онро тарк мекунем ва худамонро ба ҷустуҷӯи як камолоти дигаре ба пеш меандозем. Агар дар муносибати ман бо Дмитрий ин ҳол рӯй надода бошад, аз он ҷиҳат буд, ки муҳаббат ва алоқаи ӯ нисбат ба ман як ранги устуворона ва соҳибвуқуфона дошт, ва аз муҳаббати ҳиссиётпарварона бештар оқилона буд, ки аз ин рӯ хиёнат намудан барои ман беинсофона мешуд. Дар болокории он моро расму одати аҷиби бо якдигар кушоду ошкоро гуфтугузор кардан ба якдигар мебаст. Аз якдигарамон ҷудо шуда мо метарсидем, ки ҳамаи он асрори ахлоқии барои ҳар кадомамон шармоварро, ки то он рӯз ба якдигар гуфта ва кушода будем, дар ихтиёри якдигар бигузорем. Ғайр аз он қоидаи ошкоро ва кушода будани мо акнун кайҳо барои ҳар дуямон низ маълум буд, ки иҷро намешуд ва бисьёр воқеъ мешуд, ки моро фишор медод ва дар миёни мо як навъ муносибати аҷибу ғарибе ба вуҷуд меовард.

Дар ин фасли зимистон, тақрибан дар ҳар боре, ки ман ба хонаи Дмитрий мерафтам, рафиқи ҳамдарсаш донишҷӯи дорулфунун Безобедовро дучор мегаштам, ки бо ӯ дарс тайёр мекард. Безобедов як мардаки хурдтараки обиларӯ ва лоғаре буд, ки дастҳои хурди бо доғи кунҷидак пӯшида дошт, мӯйҳои сурхрангаш шона накардагӣ, либосаш ҳамеша дарида ва

жӯлида, чиркин, худаш нохонда ва ҳатто бад дарс мехондагӣ буд. Муносибати Дмитрий бо ӯ, ҳамчунон ки бо Любовь Сергеевна, барои ман як муаммо буд. Сабаби ягонае, ки Дмитрийро водор кардааст ин аъчубаро бо худ бигирад, метавонист фақат ҳамон бошад, ки дар миёни шариконаш аз ӯ бадангортар дар тамоми дорулфунун дигаре мавҷуд набуд. Аммо бояд, худи ҳамин боис бошад, ки Дмитрий ба рағми ҳамагӣ ба он дӯстӣ меварзид. Дар ҳамаи дору гири ӯ нисбат ба ин донишҷӯй, ин ҳисси ғурур ҳувайдо буд: «Инак бубинед, яъне, барои ман ҳар ки ва ҳар чи бошад яксон аст, барои ман фарқе надорад; ман ки ӯро дӯст медорам, пас ӯ низ хуб аст».

Ман аз он дар тааҷҷуб меафтодам, ки чи тур ин одам худашро доимо дар маҷбурият нигоҳ дошта метавонад ва ин Безобедови бадбахт ба ин вазъияти нобоб ва носозвори худ чи тур тоб меоварда бошад. Ин дӯстӣ ба ман ҳеҷ хуш намеомад.

Як бор ман шабоҳангом ба хонаи Дмитрий рафтам, то ки бо ҳамроҳии ӯ дар меҳмонхонаи модараш шабро гузаронам, сӯҳбат кунам, суруд шунавам ё ки китоб хондани Варенькаро гӯш диҳам; аммо Безобедов дар долохона нишаста буд. Дмитрий бо овози тунд ба ман ҷавоб дод, ки ӯ ба поён фуромада наметавонад, аз он сабаб, ки ӯ меҳмон дорад, ва инро ки ман дида истодаам.

— Ва чӣ хурсандӣ дар он ҷо ҳаст? — гӯён илова намуд ӯ.— Беҳтар он ки ин ҷо бишинем ва лақ-лақ кунем.— Ҳар чанд як-ду соат бо Безобедов якҷо нишастан маро ҳеҷ ба худ ҷалб намекард, ман ба танҳо рафтан ба меҳмонхона ҷуръат карда натавонистам ва аз ин хислати аҷиби дӯсти худ бо дили пурандӯҳ дар он ҷо мондам ва дар курсии алвонҷӣ нишаста хомӯшона алвонҷ хӯрдан гирифтам. Ман аз Дмитрий ва Безобедов дар қаҳр шуда будам, ки маро аз сӯҳбати дар поён мешудагӣ маҳрум карданд; ман интизор мекашидам, ки кай Безобедов мерафта бошад, ва хомӯшона гуфтугузори онҳоро гӯш дода аз ӯ ва аз Дмитрий ба ғазаб меомадам. «Бисьёр меҳмони дилкаш! Бинишин ҳамроҳи ӯ!» — меандешидам, ҳангоме ки пешхидмат чой оварда ва Дмитрий маҷбур буд, ки як

панҷ бор аз Безобедов хоҳиш намояд, ки стаканро бигирад, зеро меҳмони тарсу дар стакани нахустин ва дуввӯмин вазифаи худ мешумурд, ки аз чой хӯрдан даст бикашад ва бигӯяд: «Худатон хуред». Чунон маълум мешуд, ки Дмитрий худашро маҷбур карда меҳмонро бо гуфтугӯ машғул месохт ва маро низ чанд бор ба он гуфтугӯ кашиданӣ шуд, вале бе ҳеҷ натиҷа. Ман тираруёна хомӯш менишастам.

«Беҳуда адои чеҳраатро он тур насоз, то касе сарфаҳм наравад, ки ту дилтангӣ мекашӣ»,— мегуфтам ман фикран ба Дмитрий хитоб карда ва хомӯшона ба як оҳанг дар рӯи алвонҷкурсӣ алвонҷ мехӯрдам. Ман торафт бештар ва бештар бо як лаззат дар дилам нисбат ба дӯстам як ҳисси нафрати пинҳонӣ мепарвардам. «Чи мардаки аблаҳест,— меандешидам ман дар бораи ӯ: — охир, метавонист, шабашро бо хешовандони азизаш ба хушӣ ва хуррамӣ бигузаронад,— не, бо ин чорпо менишинад; акнун вақт ҳам гузашта истодааст, барои ба поён ба меҳмонхона рафтан дер мешавад» ва ман аз гӯшаи курсӣ ба дӯстам чашм медӯхтам. Ҳам дасташ, ҳам вазъияти истоданаш, ҳам гарданаш, хусусан пушти сараш ва зонуҳояш чунон барои ман нафратангез ва ҳақоратомез менамуд, ки ман бо камоли лаззат дар ҳамин лаҳза метавонистам ба ӯ ягон ногуворӣ ҳатто бузурге бирасонам.

Оқибат Безобедов аз ҷояш бархост, вале Дмитрий ин тур меҳмони дилкашро ба осонӣ наметавонист рухсат бидиҳад; ӯ ба меҳмонаш таклифи дар ҳамин ҷо хобидан кард, хушбахтона Безобедов ба ин розӣ нашуд ва баромада рафт.

Дмитрий ӯро гусел карда баргашт ва каме худписандона табассуме карда дастонашро ба ҳамдигар молид, гӯё аз он бошад, ки ҳар чи ҳам бошад истодагарӣ карда тавонист ва инчунин оқибат аз дилтангӣ халос шуд,— ва дар рӯи хона қадам задан гирифт ва гоҳ-гоҳе ба ман назар меафканд. Ӯ ба ман боз бештар нафратангез менамуд. «Чи тур ӯ метавонад ҳамин тарз роҳ рафта лабханд занад?» — меандешидам ман.

— Барои чӣ ту дар қаҳр мешавӣ? — гуфт ногаҳон ӯ рӯ ба рӯи ман истода.

— Ман ҳеҷ дар қаҳр нашудаам,— гӯён ҷавоб додам ман, чунон ки дар ин тур мавқеъҳо одатан ҷавоб мегӯянд,— фақат ба ман алам мекунад, ки ту ҳам ба пеши ман, ҳам ба пеши Безобедов, ҳам дар назди худат сохтакорӣ мекунӣ.

— Чӣ ҳарфи беҳуда мегӯӣ! Ман ҳеҷ гоҳ дар ҳузури касе сохтакорӣ намекунам.

— Ман аҳди худамонро дар бораи ҳамеша бо ҳамдигар ошкор ва кушоду равшан гап задан фаромӯш накардаам ва ба ту рӯирост мегӯям. Чунон ки ман боварӣ дорам,— гуфтам ман,— барои ту бо ин Безобедов сарукор доштан бисьёр тоқатфарсост, ба ман ҳам ҳамин тур аст, зеро ӯ нофаҳм ва худо медонад, ки чи махлуқест, вале ба ту хушоянд аст, ки дар пеши ӯ худнамой кунӣ.

— Не! Аввалан бояд бидонӣ, ки Безобедов одами бисьёр хубест...

— Ман мегӯям: ҳамин тур; ман ба ту ҳатто мегӯям, ки дӯстии ту бо Любовь Сергеевна низ ба ҳамин асос устувор аст, ки ӯ туро худо ҳисоб мекунад.

— Охир, ман ба ту мегӯям, ки ин тур нест.

— Ман мегӯям, ки ҳамин тур аст, зеро ман аз худам қиёс мегирам,— ҷавоб мегуфтам ман бо ҳарорати қаҳру ғазаби бозгошташуда, ва мехостам бо кушодагӯии худ ӯро тарки силоҳ кунонам.— Ман ба ту гуфтам ва такрор мекунам, ки ҳамеша чунон менамояд, ки ман он касонеро дӯст медорам, ки ба ман суханҳои форам мегӯянд, ва чун дар ин бора андаке тафаккур мекунам, мебинам, ки алоқа ва дилбастагии ҳақиқӣ набудааст.

— Не,— гӯён давом намуд Дмитрий бо ҳаракати ғазаболуд бо гарданаш гарданбандашро соз карда истода,— чун ман касеро дӯст доштам, на ҳамду сано ва на нафрине ҳиссиёти маро тағьир дода наметавонад.

— Ҳеҷ ин тур нест; ман охир ба ту эътироф карда будам, чун падарам маро нобакор номид, ман чанд гоҳе ӯро бад медидагӣ шуда ва марги ӯро хостор гашта будам; ту низ ҳамин тур...

— Ту дар ҳаққи худат ҳарчи мегӯӣ, бигӯй. Бисьёр афсӯс, агар ту ин тур бошӣ...

— Баръакс,— гӯён фарьёд задам ман аз курсӣ барҷаста ва бо ҷасорати аз ҳад зиёд ба чашмони ӯ нигоҳ карда истода,— ин хуб нест, ки ту чунин мегӯӣ; магар ту дар ҳаққи бародари худ ба ман нагуфта будӣ,— ман дар ин бора ба ту танбеҳ намекунам, зеро ки ин ҳаракат аз ман лоиқ нест,— магар ту ба ман нагуфта будӣ... ва инак ман ба ту мегӯям, ки акнун ман туро сарфаҳм меравам...

Ва ман ӯро бештар аз он, ки ӯ маро неш зада буд, неш задан хоста, ба исбот кардан сар кардам, ки ӯ ҳеҷ касеро дӯст намедорад, ва бо ҳар чизе, ки дар назарам ман ҳақ доштам ӯро таъна занам, ба ӯ гуфтан гирифтам. Ман бисьёр аз худам розӣ шуда будам, ки ҳама чизро ба ӯ гуфтам, ҳол он ки тамоман фаромӯш карда будам, он мақсади асосии ягонаи ин гуфтугӯ, ки иборат буд аз эътироф кунондани ӯ ба ноқисиҳои худаш, ки ман ба ӯ онҳоро нишон медодам, дар ин лаҳза имконпазир набуд, аз бас ки ӯ бисьёр тафсида ва хашмгин шуда буд. Аммо дар ҳолати оромӣ ва осудагӣ, ки ӯ метавонист эътироф намояд, ман ҳеҷ гоҳ инҳоро намегуфтам.

Мубоҳасаи мо акнун ба низоъ мубаддал мешуд, ки Дмитрий якбора хомӯш гашт ва аз назди ман ба хонаи дигар рафт. Ман аз паси ӯ ба сухани худ давомкунон рафтанӣ шудам, вале дидам, ки ӯ ба ман ҷавоб намедод. Ман медонистам, ки дар ҷадвали айбу нуқсоноти ӯ тундмизоҷӣ низ мавҷуд буд ва ӯ акнун бо ин табиат ва мизоҷи худаш муборизе мебурд. Ман ҳамаи ҷадвали корубори ӯро лаънат мекардам.

Инак он қарордоди мо, ки *ҳама чизеро, ки мо ҳис мекунем, ба якдигарамон бигӯем ва ба шахси саввумӣ ҳеҷ сухане дар бораи якдигар нагӯем*, моро то ба куҷо кашид. Мо гоҳе дар ин равия аз бисьёр матлабҳои ногуфтании шармовар низ худдорӣ намекардем, то ба ҳадде, ки ҳамаи тахмин ва хаёлҳои худро чун хоҳиш ва эҳсосот ба ҳамдигар нишон медодем, масалан, мисли он чизҳоеро, ки алъон ман ба ӯ гуфтам; ва ин эътирофоти мо натанҳо дилбастагии моро ба якдигар устувортар намегардонд, балки ҳамон ҳисси моро хушк мекард ва моро аз якдигар ҷудо мекардагӣ шуд: ва акнун ногаҳон иззати нафс ва худписан-

дии ӯ нагузошт, ки як эътирофи оддие бикунад ва мо дар гармии гуфтугӯ аз ҳамон асбобу олоте, ки худамон онро ба дасти якдигар супурда будем, истифода намудем, ки онҳо бисьёр сахт маҷрӯҳ месохтанд.

Боби XLII

МОДАРАНДАР

Ҳар чанд ки падарамон мехост бо занаш ба Москва фақат баъд аз соли нав биёяд, ӯ дар моҳи октябрь дар тирамоҳ омад, ки ин ҳангом бо сагҳо саворӣ омадан хеле хуб буд. Падарамон гуфт, ки ӯ нияти худашро тағьир дод аз он ҷиҳат, ки кори ӯ дар сенат бояд ҳамин рӯзҳо музокира шавад; аммо Мими ҳикоят мекард, ки Авдотья Васильевна дар деҳистон чунон дилгир шуд ва чунон дар бораи Москва сӯҳбати бисьёр мекард ва чунон худашро ба нохушӣ ва беморӣ меандохт, ки падарамон маҷбур шуд орзӯ ва хоҳиши занашро ба ҷо биёварад.

— Зеро ин зан ҳеҷ гоҳ ӯро дӯст намедошт ва фақат гӯши ҳамаро ба қимор оварда буд, ки бисьёр нағз мебинад, ба орзӯи он, ки ба як марди доро бирасад, — гӯён илова кард Мими андешамандона оҳе кашида, гӯё ки мегуфт: «*Баъзе касон* на он чунон кордорӣ мекарданд, ба шарте ки ин мард қадри онҳоро медонист».

Баъзе касон дар бораи Авдотья Васильевна ноодилона ҳукм меронданд; муҳаббати ӯ нисбат ба падарамон чунон пуршӯру шавқ ва садоқатмандонаю фидокорона буд, ки дар ҳар калимааш, дар ҳар нигоҳаш ва ҳаракаташ намудор буд. Вале ин ранг муҳаббати ӯ ҳеҷ гоҳ монеи он намешуд, ки дар баробари дошгани орзӯи дур нашудан аз шавҳари дӯстдоштаи худ низ бихоҳад, ки як кулӯтаи ғайри муқаррар аз хоним Аннет бихарад ва як шляпае бо пари кабуди бисьёр аҷоиби шутурмурғ ороста ва пироҳане аз махмали нилии венециягӣ дошта бошад, ки қомати зебо ва синаи мавзуни сафеди ӯро ва дастҳояшро, ки то имрӯз ғайр аз шавҳару ходимаҳо дигар касе надидааст, моҳи-

рона ба худ бигирад ва ҷилва диҳад. Катенька, маълум аст, ки тарафи модар буд, миёни мову модарандарамон аз худи ҳамон рӯзе, ки ӯ омад, як муносибати аҷибу ғариби ҳазломезона ба вуҷуд омада монд. Дар ҳамон даме ки ӯ аз ароба берун омад, Володя як чеҳраи ҷиддӣ ба худ гирифта ва чашмонашро хира карда, пойҳояшро ба ҳам зада таъзимкунон ва калавидакалавида ба дасти ӯ наздик омад ва гуфт, гӯё касеро бо ӯ шинос мекарда бошад:

— Шарафьёб мегардам, ки бо ташриф овардаанашон модаракамонро муборакбод намоям ва дасташонро бибӯсам.

— О, писараки азиз! — гуфт Авдотья Васильевна табассумкунон бо лабханди хушрӯи якоҳангаш.

— Писари дигаратонро низ фаромӯш накунед, — низ ба дасти ӯ наздик омада ва бе ихтиёрона тарзи рафтор ва қиёфаю овози Володяро тақлидкунон гуфтам ман.

Агар моён ва модарандар ба дилбастагии миёни худамон боварӣ медоштем, ин тарз ибора нисбат ба изҳори муҳаббат як навъ беэътиноиро ифода метавонист бикунад: агар мо кайҳо якдигарро бад медидагӣ мебудем, ин тарз ибора як навъ истеҳзо, як ҳақорат нисбат ба сохтакорӣ ё ки орзӯи пинҳон доштан аз падарамон, ки дар ин ҷо ҳузур дошт, муносибати ҳақиқии худамонро ва бисьёр эҳсосот ва фикру андешаҳои гуногуни дигареро метавонист ифода намояд; аммо дар ин мавқеъ ин тарз ибора, ки ба Авдотья Васильевна бисьёр хуш омад, ҳеҷ маънӣ надошт ва фақат набудани ҳеҷ гуна алоқа ва муносибатро пинҳон медошту бас. Баъдҳо ман дар бисьёр хонаводаҳо пай бурдаам, чун аъзои он хонаводаҳо пеш аз вуқӯъ эҳсос менамоянд, ки муносибати онҳо на ончунон хуб хоҳад буд, муносибатҳояшон ҳамин тур шӯхиёна ва қалбакӣ мешуд; ва миёни мову Авдотья Васильевна низ беихтиёрона ҳамин тур муносибат барпо гардид. Мо қариб ҳеҷ гоҳ аз ҳудуди ин рафтору кирдор намебаромадем, ҳамеша бо ӯ ҳамин тур сохтакорона баодоб будем, ба забони французӣ сӯҳбат мекардем, таъзим ба ҷо ме-

овардем ва ӯро chère maman[1] меномидем, ки дар муқобили он ӯ низ бо шӯхӣ ва ҳазломезона, ҳамон тур бо лабханди зебо ва якоҳанги худаш ҷавоб мегардонд. Фақат Любочкаи гирьёнчак, ки пойҳои ғозона ва гуфторҳои соддадилона дошт, модарандарамонро дӯст дошт ва бисьёр соддалавҳона ва гоҳе носозворона кӯшиш мекард, ки ӯро бо тамоми хонаводаи мо наздик гардонад; дар ивази он ягона касе, ки дар олам ғайр аз муҳаббати пуршавқу завқи ба падарамон доштааш Авдотья Васильевна агар як қатра ба он дилбастагӣ дошта бошад, ҳамин Любочка буд. Авдотья Васильевна нисбат ба Любочка ҳатто як ҳайрати пурҳарорат ва як эҳтироми беҷурьатонае изҳор менамуд, ки маро бисьёр дар тааҷҷуб меандохт.

Авдотья Васильевна дар рӯзҳои нахустин бисьёр вақтҳо мешуд, ки худашро модарандар номида мехост ба он киноя кунад, ки ҳамеша бачагон ва аҳли хонаводаҳо ба модарандар бад ва ғайри одилона нигоҳ мекунанд ва дар натиҷаи ин рафтори онҳо чи қадар вазъияти ӯ душвор мегардад. Аммо ӯ ҳамаи ин ногувориҳоро пешбинӣ карда истода, барои аз он наҷот ёфтан ҳеҷ тадбире надид; якеро навозиш кардан, дигареро ҳадья додан, нуктагирӣ ва ғур-ғур накардан, ки ҳамаи ин кор барои ӯ осон буд, зеро ӯ табъан бисьёр некуманиш буд ва душворгирӣ надошт. Ӯ на танҳо ин корҳоро накард, балки ҳамаи ногувориҳои вазъияти худашро фаҳмида истода бе ҳуҷум ба мудофиа ҳозир гашта буд ва чунон дар назар гирифт, ки ҳамаи аҳли хонадон бо ҳамаи василаҳо мехоҳанд ба ӯ ногувориҳо ва таҳқир расонанд ва ӯ дар ҳар коре маъное медодагӣ шуд ва чунон гумон намуд, ки лаёқатмандӣ бар он аст, ки ба ҳамаи он гирудорҳо хомӯшона сабру бардошт намояд ва албатта бо ин бефаъолиятии худаш ба ҷалб кардани муҳаббат омода нагашт, балки нисбат ба худ беилтифотӣ дарьёфт намуд. Ба ҷуз ин дар ӯ он хосияте, ки аз қобилияти дарьёфт кардан ва фаҳмидан иборат буда дар байни аҳли хонаводаи мо бисьёр ба камол расида буд, ки дар бораи он дар боло ман гуфта гузаш-

[1] модари азиз

таам, дар ӯ набуд ва одатҳои ӯ чунон мухолифи кордориҳои хонаводаи мо буд, ки худи ҳамин як нукта низ на ба манфиати ӯ кор мекард. Дар хонаи боинтизом ва хушсалиқаи мо ӯ ҳамеша чунон мезист, ки гӯё ҳамин рӯз ба он хона омада бошад: гоҳе барвақт, гоҳе бевақт аз хоб мехест ё ба хоб мерафт; гоҳе ба наҳорӣ хӯрдан мебаромад, гоҳе намебаромад, гоҳе, таоми шом мехӯрд, гоҳе намехӯрд. Ҳар гоҳе ки дар хона меҳмон набошад, доимо либосҳояшро нопурра пӯшида мегашт, на аз мо ва на аз хидматгорҳо шарм накарда дар пироҳани зерин ва рӯймол ба китфаш партофта бо дасту бозуҳои луч худро нишон медод. Дар рӯзҳои нахустин ин соддагӣ ба ман хуш меомад, аммо баъдҳо, ба зудӣ, фақат аз ҳамин боиси соддагӣ ман эҳтиром ва риояи охирине, ки нисбат ба ӯ доштам, аз даст додам. Боз аз ин ҳам аҷоибтараш барои мо он буд, ки ӯ дар ҳузури меҳмон дигаргуна мешуд ва бе меҳмон дигар буд: яке, дар ҳузури меҳмонҳо, ҷавон, тандуруст ва зани зебои камилтифот, хушлибос, на он қадар хушфаҳм ва на он қадар беақл, вале хушаҳвол; дигараш бе меҳмон, як қиёфати дигар на ончунон ҷавонона мегирифт, ки гӯё афсурдаҳол бошад, доимо дар ғуссаву андӯҳ огушта, сару либосаш бетартиб ва ҳар чанд дӯст медошта бошад ҳам, боз андаке дилтангӣ мекашид. Аксар, ҳангоме ки ӯ хандон ва аз сармои зимистонӣ арғувонӣ шуда, аз зебоии худаш бахтьёр аз меҳмонӣ бармегашт ва шляпаашро аз сараш бардошта ба пеши оина барои ба худаш нигоҳ кардан меомад ё ки либоси кушодаи базмпӯшиашро хашхашкунон дар пеши хидматгорон ифтихоркунон ва андаке шармгинона ба сӯи ароба мегузашт, ё ки дар хонаи худамон, ҳангоме ки шабнишиниҳои хурде барпо мешуд, дар либоси гиребонаш маҳками абрешимӣ ва бо як навъ тӯри нозук дар атрофи гардани зебояш, ба ҳар тараф бо лабханди якоҳанг, вале хушнамои худ ҷилвагар мешуд,— ман ба ӯ дар ин ҳол нигоҳ карда истода меандешидам, он касоне, ки ба ӯ мафтун буданд, агар ӯро дар он ҳол ва дар он қиёфате, ки ман медидам, ҳангоме ки дар хона танҳо монда пас аз соати дувоздаҳ аз клуб бозгашт намудани шавҳарашро интизор кашида дар як либоси на-

зарногире, бо мӯйҳои жӯлида монанди соя дар хонаҳои нимторик мегардад, бубинанд, чи мегуфта бошанд. Гоҳе мешуд, ки ӯ ба сӯи фортепьяно мерафт ва дар он ягона вальсеро, ки медонист, бо зӯру бо азоб дар ҷеҳрааш чин гирифта менавохт, гоҳе романеро ба даст мегирифт ва як чанд сатре аз миёнаи он мехонд ва ба як сӯ меандохт, гоҳе, то ки касеро бедор накунад, худаш ба буфет наздик мешуд ва аз он ҷо бодиринге ва гӯштпораи яхнӣ мегирифт ва дар ҳамон ҷо дар пеши дари буфет рост истода мехӯрд ва боз монда ва афсурдаҳол, бе ҳеҷ мақсаду муддао аз хона ба хонае гашту гузор мекард. Аммо беш аз ҳама он ҳолати нофаҳмӣ, ки асосан аз як тарзи илтифоти мағрурона иборат буд, ки ҳангоми сухан рондан бо ӯ дар бораи чизҳои ба ӯ номафҳум дида мешуд, моро аз ӯ ҷудо мекард. Дар он одати беихтиёрона, ки ҳангоми ба ӯ ҳикоя кардани чизҳои барои ӯ номарғуб танҳо бо лабонаш андаке табассум менамуд ва сарашро каме хам мекард, ӯ айбдор набуд, (вале ба ӯ ғайр аз худаш ва шавҳараш чизе марғуб набуд); аммо ин лабханд ва хам кардани сараш, ки бисьёр такрор меёфт, аз ҳад зиёд нафратангез шуда буд. Хушҳолии ӯ, ки гӯё ҳам ба худаш, ҳам ба шумо ва ҳам ба тамоми аҳли олам тамасхур мекарда бошад, бисьёр носоз буд ва ба ҳеҷ касе сироят намекард; ҳиссиётпарварии ӯ низ бисьёр ғализ буд. Аз ҳама бештар ин, ки ӯ аз дӯст доштанаш падарамонро доимо ба ҳар кас мегуфт, ва аз ин шарм намекард. Ҳар чанд ӯ ҳеҷ дурӯғ намегуфт, ки ҳамаи зиндагии ӯ иборат аз муҳаббат ба шавҳараш аст, ва ҳар чанд ӯ ин гуфтаи худашро бо рафтори зиндагонии худаш исбот мекард, аммо дар назари мо ин ранг бе ибо муттасил такрор кардани гуфтор дар барои муҳаббати худаш нафратангез буд ва ҳангоме ки ӯ дар пеши дигарон инро мегуфт, ба ҷои ӯ мо шарм мекардем бештар аз он вақте ки ӯ дар адои забони французӣ хато мекард.

Ӯ шавҳари худро дар олам аз ҳама чиз бештар дӯст медошт, шавҳараш ҳам ӯро дӯст медошт ва хусусан вақтҳои аввал, ки ӯ медид, занаш на танҳо ба як худи ӯ хуш меояд. Ғояи асосии ҳаёти ӯ ба даст овардани

муҳаббати шавҳараш буду бас; аммо ӯ, ба назар чунон менамуд, ки гӯё қасдан ҳар коре мекарда буд, ки ба шавҳараш нофорам биёяд ва ҳамаи инро ба он мақсаду ният мекард, ки ҳамаи қудрати муҳаббат ва ба фидокорӣ ҳозир буданашро ба ӯ исбот намояд.

Ӯ худороиро дӯст медошт, падарамон дӯст медошт ӯро дар миёни ҷамъомади ашроф дар сифати як нозанине, ки таҳсину офарин ва ҳайрати ҳамагиро ҷалб менамояд, бубинад; ӯ шавқу завқи ба худорой доштаашро барои падарам фидо мекард ва то рафт бештар дар хона дар пироҳани хокистарранг ба нишастан одат мекард. Падарам, ки дар муносибатҳои хонаводагӣ доимо озодӣ ва баробариро яке аз шароити асосӣ мешумурд, умед мекард, ки духтари дӯстдоштаи вай Любочка ва зани некӯманиши ҷавонаш бо якдигар дӯст ва самимӣ хоҳанд шуд; аммо Авдотья Васильевна худашро фидо мекард ва ба *бонуи ҳақиқии* хона, чунон ки ӯ Любочкаро меномид, як эҳтироми берун аз одобе раво медид, ки ба падарамон бисьёр сахт мерасид. Падарам дар ин зимистон бозии бисьёре кард ва дар охир бисьёр бохт ва мисли ҳамешагӣ намехост, ки бозӣ бо ҳаёти хонадон махлут гардад, барои ҳамин корҳои бурду бохти худашро аз ҳамаи аъзои хонадон пинҳон медошт. Авдотья Васильевна худашро қурбон мекард ва гоҳе дар ҳолати беморӣ, дар охирҳои фасли зимистон ҳатто бордор, вазифаи худаш медонист, дар ҳамон пироҳани хокистарранг бо сару мӯи шона накардагӣ, агар чи дар соатҳои чору панҷи пагоҳонӣ ҳам бошад, зӯр ба зӯр қадам зада ба ҳар тараф калавида-калавида ба пешвози падарам, ки гоҳе бисьёр хаставу монда, бохтагӣ, шармандa шудагӣ пас аз ҷаримаи ҳаштӯм аз клуб бозмегашт, равад. Ӯ аз шавҳараш парешонхотирона мепурсид, ки дар бозӣ имрӯз бахтьёр будааст ё на ва бо як таваҷҷӯҳи илтифоткорона табассумкунон сарашро ҷунбонда истода, ҳикояи корҳои падарамро, ки дар клуб рӯй додааст, гӯш медод, ва суханҳои падарамро, ки аз ӯ, шояд бори садӯм бошад, хоҳиш мекард, ки ӯро интизорӣ кашида нанишинад, мешунид. Аммо гарчи бурду бохте, ки ҳамаи ҳасту нести падарам ба он вобаста буд, барои ӯ ҳеҷ ҷои аҳамият надошт, бо вуҷу-

ди он ӯ боз ҳамон тур ҳар шаб ҳангоми бозгашти падарам аз клуб, ӯро аз ҳама пештар пешвоз мегирифт. Вале дар ин пешвозгириҳо, ғайр аз фидокории худаш, як рашки ниҳонӣ низ водор мекард, ки аз он бисьёр ранҷ мекашид. Ҳеҷ кас дар олам ӯро наметавонист қонеъ намояд, ки падарамон ин қадар дер аз клуб, на аз назди ягон маъшуқааш бармегардад. Ӯ кӯшиш менамуд, ки дар чеҳраи падарамон асрори ишқбозиҳои ӯро бихонад: ва дар он чеҳра ончунон чизе хонда натавониста, бо як дараҷа лаззат бурдан аз ин ғам оҳ мекашид ва дар муроқабаи бадбахтии худаш саргарм шуда мерафт.

Дар натиҷаи ин гирудорҳо ва боз фидокориҳои бисьёре дар муомилоти падарам бо ҳамсараш, дар моҳҳои охири ин фасли зимистон, ки ӯ бисьёр бохт ва аз он чиҳат ҳам бештар кайфаш паридагӣ буд, акнун як ҳисси *нафрати пинҳонӣ*, чунон безории бездошта шуда нисбат ба он маҳбубаи худ гоҳ-гоҳе сар мезад, ки аз кӯшиши бешууронаи барпо кардани ногувориҳои рӯҳии гуногуни хурду реза иборат аст.

Боби XLIII

РАФИҚҲОИ ТОЗА

Гузаштани фасли зимистонро нафаҳмида мондем ва кайҳо барфҳо боз об шуда истода буданд, дар дорулфунун кайҳо ҷадвали имтиҳонҳо овехта шуда буд, ки ногаҳон ба ёди ман омад, дар бораи ҳаждаҳ ришта аз дарсҳое, ки ман гузашта будам, вале ҳеҷ кадоми онҳоро на шунида, на навишта ва на ҳозир накарда будам, мебоист имтиҳон медодам. Ҷои тааҷҷуб буд, ки ҳамин тур як суоли равшан ва муайяне, ки чи тур бояд имтиҳон дод, як бор ҳам ба хотири ман нагузашта буд. Аммо дар тамоми ин фасли зимистон ба сабаби лаззат бурдан аз он, ки ман акнун бузург шудаам, «comme il faut» мебошам, маро чунин як меҳе фаро гирифта буд, ки агар гоҳе андешаи чи гуна имтиҳон додан ба ёдам мегузашта бошад ҳам, ман худамро бо рафиқҳои дигарам муқоиса мекардам ва мегуфтам: «Ҳамонҳо низ хоҳанд ки имтиҳон

дод, ҳол он ки бештарини онҳо «comme il faut» нестанд, бинобар он, бас дар ман як фазилати зиёдатӣ ҳаст, ки дар онҳо нест, ман ҳам бояд имтиҳонро додан битавонам». Ман ба дарс аз барои он меомадам, ки акнун ба он одат карда будам ва падарам маро мефиристод. Илова бар он акнун ман шиносҳои бисьёре доштам ва дар дорулфунун вақт ба ман хуш мегузашт. Ман ин ғул-ғула, гуфтугузор, хандарезиҳоро, ки дарсхонаҳо пуропур буд, дӯст медоштам; дар ҳангоми дарс дар курсии охирин нишаста дар зери лаҳни гуфтори якоҳангии профессор дар бораи чизе хаёлпарварӣ кардан ва гирудори рафиқҳои худро тамошо карданро дӯст медоштам; гоҳе бо ҳамроҳии яке ба дӯконҷаи Матерн давида рафта, аз он ҷо қадаҳи шаробе зада ва чизе бихӯрда, бо вуҷуде ки медонистам, барои ин кор метавонанд баъдҳо профессорҳо сарзаниш кунанд, беҷуръатона дари дарсхонаро ғижжос занонда ба дарсхона даромаданро дӯст медоштам; дар найрангбозиҳое, ки ҳар курс бо курси дигаре хандону шодон дар даҳлези дарсхонаҳо ҷамъ омада барпо мекарданд, иштирок намуданро дӯст медоштам. Ҳамаи ин гирудорҳо бисьёр хурсандиовар мешуд.

Ҳангоме ки акнун ҳамагӣ мунтазамтар ба дарс меомадагӣ шуданд, профессори физика дарси худашро ба анҷом расонид ва то расидани вақти имтиҳонҳо бо мо хушбошӣ кард, донишҷӯён дафтарҳоро ба даст оварда, гурӯҳ-гурӯҳ шуда ба ҳозирӣ дидан сар карданд ва ман ҳам акнун ба он фикр омадам, ки бояд ҳозирӣ дид. Оперов, ки мо ҳанӯз бо ҳамдигар салому алек мекардем, вале бисьёр миёнамон сард буд, чунон ки дар боло ман гуфта гузаштаам, на танҳо дафтари худашро ба ман пешниҳод кард ва инчунин маро барои ҳозирӣ дидан аз рӯи он дафтар бо ӯ ва боз дигар донишҷӯён даъват намуд. Ман ба ӯ изҳори миннатдорӣ намудам ва розӣ шудам, ба умеди он ки ба шарафи ин кор сардии бо ӯ дар миён падидор шударо ислоҳ намоям ва дар ин миён хоҳиш намудам, ки дар ҳар дафъа дар хонаи ман ҷамъ шавем, ба сабаби он ки хонаи ман хуб аст.

Ба ман ҷавоб гуфтанд, ки бо навбат ҷамъ хоҳанд шуд, гоҳе он ҷо, гоҳе ин ҷо ва дар ҳар ҷо, ки наздик-

тар бошад. Бори нахустин дар хонаи Зухин ҷамъ омадем. Ин хонаи хурде буд дар паси девори нозуке, дар бинои калоне, ки дар хиёбони Трубный воқеъ шуда буд. Дар рӯзи нахустини муқаррар шудагӣ ман дер кардам ва дар ҳангоме расида омадам, ки кайҳо хонда истода буданд. Хонаи хурд пур аз дуд буд, ҳатто на бо тамокуи паст, балки бо махоркае, ки Зухин мекашид. Дар рӯи миз қурробаи шароб, пиёла, нон, намак ва устухони гӯсфанд мавҷуд буд.

Зухин аз ҷояш нахеста ба хӯрдани шароб ва кашидани сюртук даъват кард.

— Шумо, гумон мекунам, ба чунин зиёфат одат накардаед,— гӯён илова намуд ӯ.

Ҳамагӣ дар пироҳанҳои чити чиркин ва пешгирак буданд. Нафрати худамро ба изҳор накардан кӯшиш намуда, ман сюртукамро кашидам ва *рафиқона* ба рӯи диван дароз кашидам. Зухин гоҳ-гоҳе аз рӯи дафтарҳо, ин ҷо, он ҷоро дуруст карда ба хондан давом мекард, дигарон ӯро бо пурсишҳои худашон аз хондан нигоҳ медоштанд, худи ӯ бошад, мухтасаран, оқилона ва дуруст эзоҳ медод. Ман гӯш кардан гирифтам ва бисьёр ҷойҳоро намефаҳмидам, зеро аз гузаштаҳо бехабар будам, пурсише кардам.

— Эй бародар, агар инро намедониста бошед, шумо набояд гӯш кунед,— гуфт Зухин,— ман ба шумо дафтарҳоро медиҳам, шумо онҳоро то фардо хонда мебароед; вагарна ба шумо чӣ эзоҳ бояд кард.

Ман аз надонистани худ шарм кардам ва дар айни ҳол дурустии танбеҳи Зухинро ҳис намуда аз гӯш додан боз истодам ва машғули тамошои ин рафиққҳои тоза шудам. Аз рӯи таснифи comme il faut ва ғайри comme il faut будани одамон онҳо, зоҳиран, ба табақаи дуввӯм медаромаданд, ва аз он ҷиҳат онҳо дар дили ман на танҳо як ҳисси ҳақоратомезона бедор мекарданд, балки чунон як ҳисси нафрати шахсӣ падид меоварданд аз он ҷиҳат, ки худашон аз табақаи comme il faut набошанд ҳам, гӯё маро на танҳо ба худашон баробар мешумурданд, балки хайрхоҳона ба ман ҳомигарӣ ҳам мекарданд. Пойҳои онҳо, дастҳои чиркинашон бо нохунҳои хоидагӣ ва як нохуни дароз дар ангушти панҷӯм, ки Оперов дошт,

пироҳани гулобӣ ва пешгирак ва калимаҳои нафрин, ки меҳрубонона онҳо ба якдигар хитоб мекарданд, ва хонаи чиркин ва одати Зухин, ки дам ба дам, бо як дасташ як тарафи биниашро пахш карда истода муттасил як каме бинӣ меафшонд ва умуман тарзи ғуфтори онҳо, тариқи ба кор бурдан ва ранги адо кардани баъзе калимаҳо, дар дили ман ин ҳисси нафратро бедор мекарданд. Масалан, онҳо калимаи *кундзеҳнро* ба ҷои аҳмақ, *мислро* ба ҷои барин, *аълоро* ба ҷои бисьёр нағз, *муҳаррик* ва ҳамин барин чизҳо кор мефармуданд, ки онҳо ба назари ман китобӣ ва то дараҷаи нафратовар беадабона мерасид. Аммо аз ҳама бештар ин нафрати «комильфотиро» дар дили ман тарзи талаффузи баъзе калимаҳои русӣ ва хусусан калимаҳои аҷнабӣ бедор мекард; онҳо дар ҷои маши́на, ма́шина мегуфтанд, дар ҷои де́ятельность — дея́тельность, на́рочно — ба ҷои нарО́чно, ва в камине́ — дар ҷои в ками́не, Ше́кспир — дар ҷои Шекспи́р ва ғайра ва ҳоказо кор мефармуданд.

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, бо вуҷуди он, ки ин намуди зоҳирии онҳо бисьёр нафратовар менамуд, ки бартараф кардани он дар он замон имконнопазир менамуд, ман як хубӣ дар ин мардум пешбинӣ мекардам ва ба он рафоқати хушҳолона, ки онҳоро ба якдигар мепайваст, рашк мебурдам ва аз ин ҷиҳат нисбат ба онҳо як тамоил ҳис мекардам ва ба онҳо наздик шудан орзу доштам, ҳар чанд ки ин кор барои ман бисьёр мушкил меомад. Оперови ҳалим ва софдилро ман кайҳо мешинохтам; акнун Зухин ки чусту чолок ва аз андоза берун хирадманд буд ва, зоҳиран, дар ин давра сардорӣ мекард, ба ман хуш меомад. Ин як одами хурдакаки сияҳмӯй буд, ки ҷурдааш андак дамидагӣ ва ҷило дошт, аммо бисьёр оқил, зиндадил ва соҳиби шахсияти мустақил буд. Билхосса пешонии он қадар баланд, балки дар болои чашмҳои сиёҳи жарфи ӯ дӯнг шудааш, мӯйҳои кӯтоҳи дурушт ва риши сиёҳи сермӯй, ки доимо гӯё нотарошида менамуд, ба ӯ ин адоро медод. Ӯ зоҳиран дар бораи худаш намеандешид (ки ин хосият дар мардумон ҳамеша ба ман хуш меомадагӣ буд), валекин маълум ме-

шуд, ки ақлу ҳуши ӯ ҳеҷ гоҳ бекор наемонд. Чеҳраи ӯ яке аз ҳамон чеҳраҳое буд, ки чанд соате баъд аз дидори нахустин, ногаҳон дар чашми шумо тамоман ба ранги дигаре ҷилва мекунанд. Ин ҳол дар охири шаб дар пеши чашми ман бо чеҳраи Зухин рӯй дод. Ногаҳон дар рӯи ӯ чинҳои тоза ҳувайдо гаштанд, чашмҳо жарфтар поин рафтанд, лабханд шакли дигар гирифт ва чеҳраи ӯ чунон дигар шуд, ки ба зӯр ман ӯро шинохтам.

Ҳангоме ки хондан ба поён расид, Зухин, донишомӯзҳои дигар ва ман барои ин, ки рафиқ буданам собит гардад, як пиёлагӣ шароб нӯшидем, чунон ки дар қурроба қариб чизе намонд. Зухин пурсид, кӣ як чорьякӣ пуле дорад, ки боз аз барои овардани шароб кампиракеро, ки хидмати ӯро ба ҷой меоварад, бифиристад. Ман мехостам пул бидиҳам, лекин Зухин гӯё ҳарфи маро намешунида бошад, ба Оперов хитоб намуд ва Оперов ҳомиёни минчоқиашро бароварда пули даркориро гирифта дод.

— Ту ҳушьёр бош, бисьёр нанӯш,— гуфт Оперов, ки худаш шароб намехӯрд.

— Шояд,— гӯён ҷавоб дод Зухин, ки аз устухони гӯсфанд мағзашро бароварда мехӯрд (ман дар хотир дорам, ки дар ин лаҳза чунин андешидам: ӯ ин қадар хирадманд аст, аз ин ки мағзи устухонро бисьёр мехӯрад).

— Шояд,— гӯён давом намуд Зухин андаке табассумкунон ва ин лабханди ӯ чунон буд, ки шумо хоҳу нохоҳ онро пай мебурдед ва ба ин лабхандаш аз ӯ миннатдор мешудед: — ҳар чанд бисьёр ҳам шароб бихӯрам, зараре нахоҳад дошт; инак акнун мебинем, кӣ киро мулзам мекунад, ӯ маро, ё ман ӯро. Акнун ҳозирам, бародар,— гӯён давом намуд ӯ худситоёна ба пешониаш ангуштак зада.— Инак Семёнов, метарсам, ки ғалтида намонад, ӯ аз ҳад зиёд бадмастӣ карда истодааст.

Дар ҳақиқат худи ҳамон Семёнови сафедмӯй, ки дар рӯзи имтиҳони нахустин маро бисьёр хушнуд карда буд, ки дар назар бадтар аз ман менамуд ва дар имтиҳони вурудӣ ҷои дуввӯмро гирифта буд, дар аввали моҳи донишҷӯй ба дарсҳо мунтазам давом

мекард, ҳанӯз пеш аз машқи аввал бадмастӣ кардан гирифт ва дар охири соли таҳсил акнун тамоман ба дорулфунун намеомадагӣ шуда монда буд.

— Ӯ куҷост? — гуфта пурсид касе.

— Акнун ман ҳам ӯро тамоман гум карда мондам,— гӯён давом намуд Зухин.— Охирин дафъа мо ҳамроҳи ӯ шароби Лиссабон зада будем. Бисьёр аҷоиб коре шуд. Пас аз он, мегӯянд, як ҳодисае рӯй дод... Чӣ каллае! Чӣ оташе ҳаст дар ин кас! Аҷаб мағзе дорад! Ҳайф аст, агар нобуд гардад. Ва чунон бармеояд, ки нобуд хоҳад шуд: ӯ аз он тур бачагоне нест, ки бо он ҷӯшу хурӯш дар дорулфунун истода тавонад.

Боз андаке гуфтугузор карда ҳамагӣ рафтанӣ шуданд ва чунон қарор карданд, ки дар рӯзҳои оянда низ дар хонаи Зухин гирд оянд, чунки хонаи ӯ ба ҳама дигарон наздиктар буд. Ҳангоме ки ҳама ба рӯи ҳавлӣ баромаданд, аз он ки ҳама пиёда мераванд ва ман танҳо савора будам, ман каме хиҷолат кашидам ва аз ин ҳол шарм дошта, ба Оперов таклиф намудам, ки бо ман ба ароба бинишинад. Зухин бо мо ҳамроҳ аз хонааш баромад ва аз Оперов як сӯм қарз гирифта дар тамоми шаб ба як ҷо ба меҳмонӣ равон шуд. Дар роҳ Оперов ба ман дар бораи табиат, мизоҷ ва тарзи зиндагонии Зухин бисьёр чизҳо гуфт ва дар хона ки омадам, ман хеле замоне хоб накарда дар бораи ин одамони тозае, ки шинос шуда будам, андешидам. Дуру дароз хобам набурд, дар миёни ду фикр мутараддид будам: аз як тараф эҳтиром ба онҳо, ки маро илму маърифати эшон, соддагӣ, садоқат, дурусткорӣ, шеърияти ҷавонӣ ва диловарии онҳо ба худ ҷалб менамуд, ва аз тарафи дигар, он намуди зоҳирии нодурусти онҳо буд, ки нафрати маро меовард. Бо вуҷуди хоҳиши зиёде, ки ман доштам бо онҳо ҳампой намоям, дар он даврон ба ман ин кор тамоман номумкин буд. Тарзи идроки мо ба куллӣ гуногун буд. Фарқҳои нозуки беҳадду андозаи бисьёре буд, ки барои ман хубиҳо ва маънои ҳаётро ифода мекард, ва барои ин зумра ҳеҷ маълум набуд, ва баръакс. Аммо бузургтарин сабаби имконнопазирии наздик шудани ман бо онҳо моҳути бистсӯмӣ, ки сюртуки

ман аз он дӯхта шуда буд, ароба ва пироҳани голландии ман буд. Ин сабаб аз ҳама дигаронаш бештар барои ман аҳамият дошт: ба ман чунин меомад, ки ман беихтиёрона бо аломатҳои сарватмандии худ онҳоро ҳақорат мекунам. Ман худамро дар назди онҳо муқассир мешумурдам, гоҳе гардан мефуровардам ва гоҳе ба ин фурӯтании ноҳаққонаи худ исьён мекардам ва ба ҳолати мағрурӣ гузашта ҳеҷ наметавонистам бо онҳо баробар ва бо садоқат рафтор кунам. Он ҷиҳати мизоҷ ва табиати вайрон ва дурушти Зухин дар он овон бо он ҷиҳати нафосати пурзӯри диловарӣ, ки ман дар гирудори ӯ эҳсос менамудам, чунон рӯйпӯш шуда буд, ки онҳо ба ман ончунон ногувор муассир намешуд.

Як-ду ҳафтае қариб ҳар шаб ман барои дарс тайёр кардан ба хонаи Зухин мерафтам, ман бисьёр кам машгули хондан мешудам, зеро чунон ки кайҳо гуфта гузаштам, аз шариконам ақиб монда будам ва чун қудрати ба танҳоӣ кор карданро надоштам, то ки ба онҳо расида бигирам, худамро чунон нишон медодам, ки гӯё он чи ки онҳо мехонанд, гӯш медода бошам ва мефаҳмида бошам. Ба ман чунон менамуд, ки шариконам низ ба ин ҳоли ман воқиф шуда буданд ва бисьёр вақтҳо медидам, он ҷоҳое, ки худашон медонистанд, партофта мегузаштанд ва аз ман намепурсиданд.

Рӯз то рӯз бештар ман бесалиқагиҳои ин зумраро маъзур медонистагӣ, дар он тарзи рафтор бисьёр нафосат медидагӣ шудам ва худам ҳам ба он тарз маишат рағбат мекардам. Фақат як қавле, ки ба Дмитрий дода будам, то ки бо онҳо ба айшу нӯш наравам, маро аз шарик шудан ба кайфу нашъаи онҳо боз медошт.

Як бор ман дар пеши онҳо хостам, ки бо дониши худам дар соҳаи адабиёт, хусусан адабиёти французӣ сарфарозӣ намоям ва дар он мавзӯъ суханронӣ кардам. Ман аз он дар ҳайрат афтодам, ки ҳар чанд онҳо унвонҳои китобҳои хориҷиро ба русӣ мегуфтанд, онҳо бештар аз ман хонда буданд, нависандаҳои англис ва ҳатто испанӣ, Лесажро, ки ман то он ҳангом ҳанӯз нашунида будам, низ медонистанд ва

хуб мешинохтанд. Пушкин ва Жуковский барои онҳо адабиёт ба шумор намерафтанд (ва на ончунон, ки ба ман, — китобчаҳои муқовазарде буданд, ки ман дар овони бачагӣ хонда гузашта будам). Онҳо ба Дюма, Сю ва Феваль эътиборе намедоданд, ҳамаи онҳо, хусусан, Зухин дар бораи адабиёт хеле аз ман беҳтар ва равшантар ҳукм меронданд, ки ман дар ин бора эътироф накарда наметавонистам. Дар донистани мусиқӣ низ ман дар назди онҳо ҳеҷ бартарӣ надоштам. Ман боз бештар дар ҳайрат шудам, ки Оперов ғижжак менавохтааст, дигаре аз он гурӯҳе, ки бо мо донишомӯзӣ мекард, виолончель ва фортепьяно менавохтааст ва ҳардуи онҳо дар дастаи мусиқии дорулфунунамон иштирок мекардаанд, мусиқиро хуб медонистаанд ва ба қадру қимати мусиқии нағз мерасидаанд. Хулоса, ҳар чи ки ман мехостам бо он дар назди онҳо худнамоӣ кунам, ба ғайр аз қоидаи сухан гуфтан дар забони французӣ ва олмонӣ, онҳо беҳтар медонистанд ва бо он ҳеҷ ифтихор намекарданд. Дар ин аҳвол ман метавонистам дар пеши онҳо бо одобу ахлоқи худам фахр кунам, вале онро низ ман, чунон ки Володя дошт, доро набудам. Пас чӣ буд он дараҷаи аъло ва баландие, ки ман аз он ҷо ба онҳо назар афгандан мехостам? Шинос будани ман бо князь Иван Иваныч? тарзи сухан гуфтан бо французӣ? ароба? пироҳани голландӣ? нохунҳо? Охир ҳамаи инҳо беҳуда нест магар? — гоҳо як андешаи норавшан дар зери таъсири эҳсоси рашк ба рафоқат ва хушаҳволии ҳалимона ва ҷавононае, ки ман дар пеши чашми худ медидам, дар дилам пайдо мешуд. Ҳамаи онҳо дар миёни худашон «ту» гӯён хитоб мекарданд. Соддагии хитоби онҳо ба ҳамдигарашон гоҳе то ба дараҷаи дуруштӣ мерасид, аммо дар зери ин дуруштии зоҳирӣ як ҳароси андак ҳам бошад ранҷондани якдигарашон доимо намудор буд. Калимаҳои *нобакор*, *хук*, ки дар миёни онҳо дар маънои навозишкорона ба кор мерафт, фақат маро нороҳат мекард ва ба ман баҳона медод, ки дар дили худам ба онҳо бихандам, вале ин калимаҳо онҳоро намеранҷонд ва монеъ намешуд, ки бо ҳамдигар самимӣ ва дӯстона рафтор намоянд. Дар муомилоти

миёни худашон онҳо чунон эҳтиёткор ва боназокат буданд, ки фақат он ҳолатро дар байни мардуми бисьёр фақир ва бисьёр ҷавон дидан мумкин мешуд. Алалхусус дар ин мизоҷу табиати Зухин, дар саргузаштҳои ӯ дар Лиссабон ман як вусъат ва як шодмонии бебокона пай мебурдам. Ман чунон эҳсос мекардам, ки ин айшу нӯшҳо нисбат ба он сохтакориҳо бо роми сӯзон ва шампански, ки ман дар хонаи барон З. иштирок намуда будам, як чизи тамоман дигарест.

Боби XLIV

ЗУХИН ВА СЕМЁНОВ

Намедонам, Зухин ба кадом табақаи мардумон мансуб буд, аммо медонам, ки ӯ аз гимназияи С. буд ва ҳеҷ молу мулк надошт ва гӯё аз асилзодагон низ набуд. Он замон ӯ як ҳаждаҳсола буд, ҳар чанд дар назар хеле бузургсолтар меомад. Ӯ аз андоза зиёд хирадманд ва хусусан бисьёр хушфаҳм буд: барои ӯ як матлаби печ дар печро бо тамом ва камол дар бар намудан осон буд, чунон ки ҳамаи хусусиятҳо ва саранҷоми натиҷаи онҳоро дидан метавонист, нисбат ба он ки ба воситаи шуур қонунҳоеро, ки ба он хулоса меоварда бошанд, муҳокима намояд. Ӯ медонист, ки ӯ хирадманд аст ва ба ин ифтихор мекард ва ба сабаби ин сарбаландӣ бо ҳама баробар бо соддагӣ ва ҳалимона доругир мекард. Бояд ӯ дар зиндагонии худ бисьёр чизҳо аз сар гузаронда бошад. Табиат ва мизоҷи бо ҷӯшу хурӯш ва пурқобилияти ӯ, кайҳо ҳам ишқу муҳаббат, ҳам дӯстӣ, ҳам корҳои гуногун ва ҳам сарватро мунъакис намуда буд. Агар чанде ба як дараҷа маҳдудӣ ҳам бошад, агар чанде дар табақаҳои поёни иҷтимоъ ҳам бошад, чизе набуд, ки ӯ дар бораи он чиз таҷрибае надошта бошад, ки дар натиҷаи он дар бораи он чиз ё ҳисси нафраг ё як ранг бепарвоӣ ва беэътиборӣ изҳор намекарда бошад, ва ин аз ҷиҳати ба осонӣ ба ӯ даст додани ҳар кор буд. Ӯ, чунон менамуд, ки ба ҳар чизи тозае аз он сабаб гарму ҷӯшон мечаспид, ки онро ба даст

биёварад ва аз он бигузарад ва онро ба чашми ҳақорат бингарад, ва табиати пурқобилияти ӯ ҳар дафъа мақсадро ва инчунин ҳуқуқи беэътиной карданро ҳам ба даст медаровард. Дар хусуси илму дониш низ ҳамин тур буд: ба хондан кам машғул мешуд, дар дафтар наменавишт, вале риёзиётро бисьёр хуб медонист ва профессорро мулзам мекунам, гуфтанаш худситой набуд. Бисьёр чизҳоеро, ки профессорҳо ба ӯ дарс медоданд, ӯ беҳуда ва афсона мепиндошт ва бо мизоҷи хоса, ки ӯ дошт, ба як найранги бешуурона таҷрибакоронааш, дар ҳамон дам ва мавқеъ метавонист он чизҳоро бигӯяд, ки барои профессор лозим ва зарурист ва аз ин сабаб ҳама профессорҳо низ ӯро дӯст медоштанд. Ӯ нисбат ба мудирияти дорулфунун ростгӯй буд, бо вуҷуди ин ӯро мудирият эътибор ва ҳурмат мекард. Ӯ на танҳо илму донишро дӯст намедошт ва эътибор намекард, балки онҳоеро, ки ба он чи, барои ӯ бисьёр ба осонӣ даст медиҳад, ба тарзи ҷиддӣ машғул мешуданд, низ ба назари ҳақорат менигарист. Илму дониш, чунон ки ӯ онро мефаҳмид, даҳьяки қобилият ва истеъдоди ӯро низ бо худ машгул намекард; ҳаёт ва зиндагонӣ дар ҳолати донишҷӯёнаи ӯ на чунон чизе буд, ки ӯ тамоман ба он худашро месупурда бошад, балки табиати пурҷӯшу хурӯш ва фаъоли ӯ, чунон ки ӯ таъбир мекард, ба зиндагӣ ва ҳаёт эҳтиёҷ дошт, ва ӯ ба чунон айшу нӯше худашро меандохт, ки шароит ва васоити ӯ барои он имкон медода бошад, ва ба он худашро гарму ҷӯшон ва бо хоҳиши аз *худ* рафтан ва *он қадар, ки қудрат дошта бошад,* месупурд. Акнун имтиҳонҳо ки наздик шуда монд, пешбинии Оперов ба вуқӯъ пайваст. Ӯ як-ду ҳафтае чунон гуму нопайдо шуда монд, ки мо дар ин рӯзҳои охирин, дар хонаи як донишҷӯи дигаре дарс тайёр мекардем. Аммо дар имтиҳони нахустин ӯ бо ранги парида, аз тобу тавон афтода, бо дастҳои ларзон дар зал ҳозир шуд ва бо камоли муваффақият ба курси дуввӯм гузашт.

Дар авоили таҳсил дар дастаи айёшон, ки сардорашон Зухин буд, як ҳашт нафар кас иштирок меварзид. Дар он зумра аз аввали кор Иконин ва Семёнов ҳамроҳӣ мекарданд, аммо нахустин аз миёни гурӯҳ

рафт, ба сабаби он ки ба он айёшии шадид, ки ин гурӯҳ дар аввалҳои таҳсил саргарми он шуда буданд, тоб оварда натавонист, дуввӯмӣ аз он ҷиҳат берун рафт, ки барои ӯ ҳамин қадараш ҳам кам буд. Дар аввалҳо ҳама дар курси мо ба гирудори инҳо бо назари даҳшат менигаристанд ва аз корнамоии онҳо ба якдигар ҳикоят мекарданд.

Қаҳрамонҳои асосии ин корнамоиҳо Зухин ва дар охири таҳсил Семёнов буданд. Дар рӯзҳои охир ба Семёнов ҳама бо назари даҳшат нигоҳ мекарданд ва ҳангоме ки ӯ ба дарс меомад, ки ин гоҳ-гоҳе воқеъ мегардид, дар аудитория як ҳаяҷон падидор мегашт.

Семёнов дар худи арафаи рӯзҳои имтиҳон даст-гоҳи айшу нӯши худашро ба тарзи ғарибе ва ба якборагӣ ба поён расонд, ки ман ба ин ҳодиса, аз ҷиҳати он, ки бо Зухин шиносӣ доштам, воқиф шудам. Ин ба ин тариқ воқеъ шуд. Рӯзе шабоҳангом, дар худи ҳамон вақте ки мо дар хонаи Зухин ҷамъ омада будем, ва Оперов, ки сари худро ба дафтарчаҳо хам кард, ва ба назди худ ба ҷуз шамъи равғанӣ, ки дар шамъдон месӯхт, шамъи равғании дигаре ҳам ба даруни шиша гузошта буд ва дафтарчаҳои майда навиштаи физикаро бо овози борики худ машғули хондан буд, бонуи хона даромада омад ва ба Зухин эълон намуд, ки касе ба назди ӯ бо руқъае омадааст.

Зухин берун рафт ва ба зудӣ бо сари хам ва чеҳраи андешамандонае баргашта омад, ва дар даст руқъаи кушодае, ки дар коғази чизпечонии хокистарранг навишта шуда буд, ва ду коғази даҳсӯмӣ дошт.

— Ҷанобон! Воқеаи фавқулоддае,— гуфт ӯ сарашро боло бардошта ва ба як вазъияти тантананок ва ҷиддӣ ба сӯи мо назар афканда.

— Чӣ шудааст, магар ба муаллимиат пул гирифтӣ? — гуфт Оперов дафтарчаашро варақ гардонда истода.

— Хайр, биёетон он тарафашро хондан гиретон,— гуфт касе.

— Не, ҷанобон, ман дигар нахоҳам хонд,— гӯён давом намуд Зухин бо ҳамон оҳанг,— ман ба шумо

гуфта истодаам, ки як воқеаи ба ақл рост намеомадагӣ! Семёнов ба ман бо аскаре ин бист сӯмро, ки аз ман як вақт қарз гирифта буд, фиристодааст ва навиштааст, ки агар ман ӯро диданӣ бошам, ба казарма биёям. Шумо магар медонед, ин чӣ гуфтан аст? — гӯён илова намуд ӯ ба ҳамаи мо нигоҳ карда истода. Ҳамаи мо хомӯш будем.— Ман алъон пеши ӯ хоҳам рафт,— гӯён давом намуд Зухин,— агар касе майл дошта бошад, биёяд, биравем.

Ҳамон дам ҳамагӣ либосҳояшонро дар бар карданд ва барои назди Семёнов рафтан муҳайё гаштанд.

— Ин магар як кори нобоб нахоҳад шуд, ки — гуфт Оперов бо овози борикаш,— мо ҳамагӣ барои дидани ӯ биравем, гӯё ӯ як чизи ҳеҷ кас надидагӣ бошад.

Ман тамоман ба гуфтаи Оперов шарик будам, хусусан дар бораи худам, ки бо Семёнов қариб ҳеҷ шиносоӣ надоштам, вале барои ман чунон хуш меомад, ки худамро дар радифи корҳои рафоқат иштироккунанда бинам ва бисьёр мехостам, ки худи Семёновро бубинам ва барои ҳамин ба ин мулоҳизаи Оперов ман чизе нагуфтам.

— Беҳуда! — гуфт Зухин.— Дар ин ки мо ҳамагӣ бо рафиқамон, дар куҷое ки ӯ бошад, барои хушбошӣ меравем, чи нобобӣ ҳаст. Ҳеҷ ҷои гап нест! Ҳар кас мехоста бошад, биёяд, меравем.

Мо аробаҳо киро кардем, аскарро бо ҳам нишондем ва равон шудем. Унтер-офицери навбатчӣ акнун ҳеҷ намехост моро ба казарма роҳ диҳад, аммо Зухин як кор карда ӯро розӣ кард ва худи ҳамон аскаре, ки ба мо мактуб оварда буд, моро ба хонаи бузурге, ки қариб торик буд ва бо чанд шабчароғи камнур разшан шуда буд, бурд, ки дар ду тарафи он дар болои нимкат нав ба хидмат гирифташудагон бо пешониҳои тарошидагӣ, бо шинельҳои хокистарӣ, баъзе нишаста ва баъзе хобида буданд. Ба казарма ки даромадем, як бӯи бади махсусе ва хуррок кашидани чанд сад кас маро ба ҳайрат андохт ва аз паси роҳнамоямон ва Зухин, ки бо қадамҳои қатъӣ пеш-пеши ҳамагӣ, аз байни нимкатҳо мегузашт, рафта истода ман ташвишкорона

ба рангу рӯи ҳар аскаре менигаристам ва он чи ки аз қиёфати кулуфти пуррагу паи Семёнов, мӯи дарози жӯлидаи қариб тамоман сафед шудааш, дандонҳои сафедаш ва чашмҳои дурахшони маъюсаш дар ёди ман монда буд, ба симои ҳар яке татбиқ карда медидам. Дар нимкати охирини кунҷи казарма, дар пеши тубаки сафоле, ки равғани сиёҳ дар он рехта буд ва фатилаи нимсӯхтааш овезон шуда дуд мекард, Зухин қадамҳояшро тезтар монд ва баногоҳ аз роҳ бозистод.

— Салом, Семёнов,— гуфт ӯ ба яке аз аскароне, ки мисли дигарон пешонии тарошида дошт, курта эзори ғафси аскарӣ пӯшида ва шинели хокистарӣ дар китф андохта, пояшро дар рӯи нимкат ниҳода нишаста буд ва бо як аскари дигаре гуфтугӯ мекард ва чизе мехӯрд. Ин *ҳамон кас* буд — бо мӯи сафеди қайчӣ кардашуда, бо пешонии кабуди тарошидагӣ, бо ифода ва адои ҷавволи доимо тираи чеҳра. Ман метарсидам, ки нигоҳи ман ӯро таҳқир кунад, бинобар он аз ӯ рӯй мегардондам. Оперов низ гӯё дар ин андеша шарики ман буд, ки дар паси ҳама меистод; аммо садои овози Семёнов, ки бо одати худаш, бо гуфтори канда-кандааш ба Зухин ва дигарон салом мекард, моро тамоман ором кард ва мо ба пештар рафтан ва даст додан шитофтем ва ман ба ӯ даст додам, Оперов тахтачаи худашро дароз кард, аммо худи Семёнов бошад, пештар аз мо дасти калони сиёҳи худашро дароз кард ва моро аз ин эҳсоси ногуворе, ки гӯё ӯро шарафьёб мекарда бошем, наҷот дод. Ӯ бо дили нохоҳам ва оромона, чунон ки ҳамеша одат дошт, сухан мегуфт:

— Салом, Зухин. Раҳмат ки омадӣ. Эй, шумо, азизон, бинишинед. Роҳ деҳ, Кудряшка,— гӯён ба аскарбачае хитоб намуд, ки бо ӯ хӯрок мехӯрд ва гуфтугӯ мекард.— Бо ту баъд гуфтугузор мекунем. Биншинед, охир. Чӣ? Ту ҳайрон шудӣ, Зухин? А?

— Ҳеҷ кадом кори ту маро ба ҳайрат наандохтааст,— гӯён ҷавоб дод Зухин ва бо он рафторе, ки табиб ба рӯи рахти хоби бемор менишаста бошад, дар паҳлӯи ӯ рӯи нимкат ҷой гирифт,— агар ту ба имтиҳон меомадӣ, маро он ҳол дар тааҷҷуб меандохт,

ана ҳамин тур. Хайр бигӯ, бубинем ту куҷо гум шуда рафтӣ ва ин ҳол чӣ тур рӯй дод?

— Куҷо гум шуда рафтам? — гӯён ҷавоб дод ӯ бо овози равғании зӯраш,— дар майхонаҳо гум шудам, дар шаробхонаҳо ва умуман дар ҳамин хел ҷойҳо. Охир, бинишинед, ҳамаатон, азизон, дар ин ҷо ҷой бисьёр аст. Поятро каш, ҳой ту,— гӯён бо овози ғафси пурзӯри худаш ба тарзи омирона хитоб намуд ӯ, як лаҳза дандонҳои сафеди худро намоён карда ба аскарбачае, ки дар тарафи чапи ӯ рӯи нимкат мехобид ва ба дасти худ такья дода бо кунҷковии танбалона ба мо нигоҳ мекард.— Ҳа, айёшӣ кардам. Баъзан бад. Баъзан хуб,— гӯён давом намуд ӯ, ки дар ҳар ҷумлаи канда-кандаи худ адои чеҳраи ҷавволи худашро тағьир медод.— Саргузашти маро бо тоҷир медонӣ: мурд он қаллоб. Маро мехостанд пеш кунанд. Ҳар қадар, ки пул буд, ҳамаро барбод кардам. Хайр ин-ки худаш, чизе нест. Қарзҳои бисьёр монда буд — ва гандаҳояш. Барои адо кардани он чизе набуд. Ана, ҳамааш ҳамин.

— Чӣ тур шуд, ки ин хел фикр ба сарат омад,— гуфт Зухин.

— Ана чи тур: як бор дар Ярославль, медонӣ, дар Стоженко бо як калонзодае аз тоҷирон майхӯрӣ мекардам. Ӯ аскарҷаллоб буд. Ба ӯ гуфтам: «Ҳазор сӯм диҳед, меравам». Ва рафтам.

— Ин чи тур шуд, ту ки асилзода ҳастӣ, охир,— гуфт Зухин.

— Ин кори осон! Кирилл Иванов ҳамаашро дуруст кард.

— Кирилл Иванов кист?

— Он касе, ки маро харид (дар миёни ин гуфтор ба тарзи хос ва чунон аҷоибу хандаоварона чашмони ӯ дурахшид ва ӯ гӯё табассум мекард).— Аз сенат иҷозат гирифтанд. Боз каме майхӯрӣ кардам, қарзҳоро додам, баъд рафтам. Ҳамааш ҳамин аст. Чӣ мешавад, маро задан наметавонанд... панҷ сӯм дорам... Шояд ҷанг шуда монад...

Пас аз он ӯ ба Зухин саргузашти худро, корномаҳои аҷибу ғариб ва ақл бовар намекардагии худашро, доимо ифода ва адои чеҳраи ҷавволи худро

тағьир дода ва чашмонашро маъюсона ҷило дода ба ҳикоят кардан шурӯъ намуд.

Ҳангоме ки дигар дар казарма мондан имкон надошт, мо бо ӯ хушбошӣ кардем. Ӯ ба ҳамаи мо даст дод, дастҳои моро сахт мефушурд ва аз барои гусел кардани мо аз ҷояш барнахоста гуфт:

— Боз ягон вақт биёед, азизон, моро, мегӯянд, фақат дар моҳи оянда ба ҷое хоҳанд ронд,— ва боз гӯё ӯ табассуме мекардагӣ барин шуд.

Аммо Зухин як чанд қадаме бо мо омад ва боз ба ақиб баргашт. Ман мехостам, ки хушбошии онҳоро бубинам, ва таваққуф карда дидам, ки Зухин аз кисааш пул бароварда ба ӯ доданӣ шуд, Семёнов бошад, дасти ӯро тела дод. Пас аз он ман дидам, ки онҳо бӯсобӯс карданд ва шунидам, ки Зухин ба мо наздиктар омада истода, баланд фарьёд зад:

— Хуш бош, калла! Ҳа, акнун маълум мешавад, ки ман таҳсилро то ба охираш нарасонда, ту офицер мешавӣ.

Дар ҷавоби ин Семёнов, ки ҳеҷ намехандид, бо садои таннон ва ғайри оддӣ қаҳқос зад, ки маро сахт мутаассир кард. Мо баромадем.

Дар ҳамаи муддати роҳ, ки мо пиёда тай намудем, Зухин хомӯш буд ва пай дар пай ангушташро гоҳе ба як парраи биниаш, гоҳе ба дигараш ниҳода андаке бинӣ меафшонд. Ба хона ки баргаштем, ӯ ҳамон соат аз миёни мо рафт ва аз ҳамон рӯз сар карда, то рӯзҳои имтиҳон ба майхорагӣ дода шуд.

Боби XLV

МАН АЗ ИМТИҲОН МЕАФТАМ

Оқибат имтиҳони нахустини диференциалҳо ва интегралҳо расид, вале ман ҳанӯз дар як карахтии аҷибе будам ва равшан намедонистам, ки чи чиз маро нигарон аст. Шабонгоҳон баъд аз ҷудо шудан аз сӯҳбати Зухин ва дигар рафиқон дар ман фикре пайдо мешуд, ки дар эътиқод ва қаноатҳои худ тағьироте кардан лозим аст, чизе дар онҳо ҳаст, ки хуб нест ва на ончунон аст, ки бояд ва шояд, аммо пагоҳонӣ бо

рӯшноии офтоб ман боз аз сари нав, comme il faut мешудам ва ба ин ҳоли худ розӣ будам ва хоҳиши дар худам ҳеҷ гуна тағьироте кардан надоштам.

Бо ҳамин ранг ҳолати рӯҳия ман ба имтиҳони нахустин омадам. Ман дар курсӣ аз ҳамон қатор, ки князьҳо, графҳо, баронҳо менишастанд, ҷой гирифтам ва бо онҳо ба забони французӣ ба сӯҳбат шурӯъ кардам ва (гуфтанаш ҳам ҷои тааҷҷуб аст) дар сари ман фикре ҳам намеомад, ки ман аз чизе, ки онро ҳеҷ намедонам, бояд имтиҳон бидиҳам. Ман ба он касоне, ки ба имтиҳон додан меомаданд, бо хунсардӣ нигоҳ мекардам ва ҳатто ба худам иҷозат медодам, ки ба баъзе аз онҳо решханд кунам.

— Хӯш, чӣ шуд, Грап — гуфтам ман ба Илинька, ҳангоме ки ӯ аз назди миз бармегашт,— хуб тарсидед?

— Бубинам, шумо чи тур мешавед,— гуфт Илинька, ки аз рӯзи ба дорулфунун дохил шуданаш ба куллӣ дар муқобили нуфузи ман исьён карда буд, ҳангоме ки ман ба ӯ сухан мегуфтам, табассум намекард ва маро бад медид.

Ман ба ҷавоби Илинька ҳақоратомезона табассуме кардам, бо вуҷуди он ки шубҳаи ӯ ба ман ифода кардагӣ лаҳзае маро ба тарсидан водор намуд. Аммо карахтӣ ин ҳисро боз пардапӯш кард ва ман ба парешонхотирӣ давом намудам ва бепарво будам, ман ба барон З. ҳамзабон шудам, ки ҳамон замон баъди аз имтиҳон гузаштанам (гӯё, ки ин кор барои ман як кори сабук бошад), барои хӯрок хӯрдан ба қаҳвахонаи Матерн биравем. Ҳангоме ки маро ҳамроҳи Иконин садо карданд, ман домани мундирамро дуруст кардам ва бисьёр хунсардона ба мизи имтиҳон наздик рафтам.

Як сардии сабуки тарсу ваҳм ба тахтапушти ман давид фақат дар ҳамон лаҳза, ки профессори ҷавон, худи ҳамон касе, ки маро дар имтиҳони вурудӣ санҷида буд, рост ба рӯи ман нигоҳ кард ва ман ба коғази почта, ки дар рӯи он билетҳо қайд ёфта буд, даст расондам. Иконин ҳар чанд бо ҳамон калавидани ҷуссааш, ки дар имтиҳонҳои аввалин дошт, билетро гирифт ва ҳар чанд бад бошад ҳам, чизе ҷавоб гуфт; ман

бошам, ҳамон тур, ки ӯ дар имтиҳонҳои аввалӣ карда буд, ва ҳатто аз он ҳам бадтар кардам, зеро билети дигаре гирифтам ва ба дигараш ҳам ҷавобе надодам. Профессор бо таассуф ба рӯи ман нигоҳ кард ва бо овози оҳиста, вале қатъӣ гуфт:

— Шумо ба курси дуввӯм гузашта наметавонед, ҷаноби Иртеньев. Беҳтар он аст, ки ба имтиҳонҳо наёед. Факултетро тоза кардан лозим аст. Шумо низ, ҷаноби Иконин,— гӯён илова намуд ӯ.

Иконин барои дубора имтиҳон супурдан иҷоза хост, гӯё ки садақа мепурсида бошад, аммо профессор ба ӯ ҷавоб дод, ки ӯ дар муддати ду рӯзе наметавонад кореро анҷом диҳад, ки дар тамоми муддати сол натавонистааст, ва ӯ ҳеҷ гузашта наметавонад. Иконин боз ғамангезона ва оҷизона илтимос кард, вале профессор боз рад намуд.

— Метавонед биравед, ҷанобҳо,— гуфт ӯ бо ҳамон овози на он қадар баланд, вале қатъӣ.

Фақат дар ҳамон вақт ман ҷуръат пайдо кардам, ки дур равам ва ман шарм кардам аз он ҷиҳат, ки гӯё бо ҳузури сокитонаи худам ба илтимосҳои оҷизонаи Иконин иштирок карда бошам. Дар хотир надорам, ки ман чи тур аз зал, аз пеши донишҷӯён гузаштам, ба пурсишҳои онҳо чи ҷавоб гуфтам, ва чи тур ба даҳлез баромадам ва то ба хона чи тур омадам. Ман ҳақорат дида будам, обрӯям рехта буд, ман ҳақиқатан бадбахт будам.

Се рӯз ман аз хона набаромадам, касеро надидам, чи тур ки дар бачагӣ буд, дар гирья лаззат меёфтам ва бисьёр мегиристам. Ман таппонча ҷустуҷӯ мекардам, то ки худамро тир бизанам, агар ба ин кор бисьёр хоҳиш пайдо кунам. Ман фикр мекардам, ки Илинька Грап чун ба ман дучор ояд, ба рӯи ман туф хоҳад кард ва ин тур кунад ҳам одилона коре кардаги мешавад; ва Оперов аз бадбахтии ман хушҳол хоҳад шуд ва ба дигарон инро ҳикоят хоҳад кард; ва Колпиков тамоман ҳақ дошт, ки дар меҳмонхонаи Яр маро беобрӯ карда буд; ва гуфтугузорҳои аблаҳонаи ман бо князьдухтари Корнакова ҷуз ин дигар натиҷае дода наметавонистанд ва ғайра ва ҳоказо. Ҳама лаҳзаҳои барои иззати нафс вазнин ва озорбахши ҳаётам

ба хотир меомад; ман қӯшиш мекардам, ки ба ҳамаи ин бадбахтиҳои худам касеро муқассир бигирам: ман меандешидам, ки касе ин корҳоро қасдан кардааст, дар муқобили худам бисьёр фитна ва найрангҳо месохтам, аз профессорҳо шикоят мекардам, аз рафиқҳо, аз Володя, аз Дмитрий даргила будам, аз падарам норизой мекардам, ки ӯ маро ба дорулфунун супурд; аз сарнавишт шикоят мекардам, ки ӯ маро то ба ин беобрӯй расонид. Оқибат дар назари ҳамаи он касоне, ки маро медонанд, тамоман ба ҳалокат афтодани худамро ҳис карда, ман аз падарам хоҳиш кардам, ки ба лашкари саворӣ дохил гардам ё ки ба Кавказ биравам. Падарам аз ман норозй буд, вале чун андӯҳи зиёди маро дид, маро тасаллӣ медод ва мегуфт, ки ҳар чанд ин бад бошад ҳам, вале ҳанӯз ислоҳи ин кор мумкин аст, агар ман ба факултети дигар гузарам. Володя низ, ки дар ин бадбахтии ман ҳеҷ як воқеаи мудҳише намедид, мегуфт, ки дар факултети дигар, ақаллан дар пеши рафиққои дигар ба ман шармовар нахоҳад буд.

Хонимҳои мо ҳеҷ намефаҳмиданд ва намехостанд ё ки наметавонистанд бифаҳманд, ки имтиҳон чист ва нагузаштан чист ва дилашон ба ман фақат аз он ҷиҳат месӯхт, ки маро ғамгин медиданд.

Дмитрий ба назди ман ҳар рӯз меомад ва доимо аз андоза берун меҳрубон ва мулоим буд; аммо ба ман аз худи ҳамин боис чунон намуд, ки ӯ нисбат ба ман сард шудааст. Ба ман ҳамеша дардовар ва ҳақоратомез меомад, ки ӯ ба боло, ба хонаи ман баромада сокитона, бо он тарзи рафторе, ки табиб ба рахти хоби бемори сахте менишаста бошад, ба назди ман менишаст. София Ивановна ва Варенька бо ӯ китобҳоеро, ки пештар ман мехостам дошта бошам, ба ман фиристода хоҳиш кардаанд, ки ман ба хонаи онҳо биравам; аммо дар худи ҳамин эътинокории онҳо ман як илтифоти мутакаббиронае ва ҳақоратомезонае медидам, ки ба як одами обрӯи худашро бисьёр резондагй мекарда бошанд. Баъд аз ду-се рӯз ман андаке ором ёфтам, вале то рӯзи ба деҳистон рафтанам аз хона берун набаромадам ва ҳамеша дар бораи мусибати худам фикркунон бекор аз хона ба хона гаштУ-

гузор мекардам ва кӯшиш менамудам, ки ҳеҷ яке аз аҳли хонаводаро дучор нагардам.

Ман андеша карда гаштам, гаштам, ва оқибат як рӯз, бегоҳонии бевақт, дар поён танҳо нишаста ва вальси Авдотья Васильевнаро гӯш карда истода, ногаҳон аз ҷоям барҷастам, ба боло давидам, дафтареро, ки дар рӯи он «Дастури зиндагонӣ» навишта шуда буд, ба даст овардам, онро кушодам ва дар ман як лаҳза ҳолати истиғфор ва ҳаяҷони ахлоқӣ рӯй дод. Ман гирья карда сар додам, вале акнун ин сиришки ноумедӣ набуд. Ба ҳол омада, ман ният кардам, ки боз аз сари нав дастури ҳаёт барои худ бинависам ва сахт қонеъ шуда будам, ки ман баъд аз ин дигар ҳеҷ кори баде нахоҳам кард, дақиқае бекор нахоҳам гузаронд ва аз дастури ҳаёти худам берун нахоҳам шуд.

Ин ҳаяҷони ахлоқии ман чи қадар давом карда буд, ва он аз чи иборат буд ва ин ҳолат чи асосҳои тозае ба такомули ахлоқии ман овардааст, дар ин бора ман дар оянда дар нимаи хушбахтонатари овони ҷавонии худам хоҳам гуфт.

24-ми сентябрь, Ясная Поляна

13+1P24

1311
+

МУНДАРИҶА

Кӯдакӣ

Боби I. Муаллим Карл Иваныч 5
Боби II. Матап 12
Боби III. Падар 15
Боби IV. Дарсомӯзӣ 20
Боби V. Девона 23
Боби VI. Тайёрӣ ба шикор 29
Боби VII. Шикор 31
Боби VIII. Бозиҳо 36
Боби IX. Чизе монанди ишқи нахустин 39
Боби X. Падари ман чӣ одаме буд? 40
Боби XI. Машғулият дар кабинет ва меҳмонхона . . . 43
Боби XII. Гриша 47
Боби XIII. Наталья Савишна 50
Боби XIV. Ҷудой 54
Боби XV. Бачагӣ 60
Боби XVI. Ашъор 63
Боби XVII. Князьхоним Корнакова 70
Боби XVIII. Князь Иван Иваныч 75
Боби XIX. Ивинҳо 80
Боби XX. Меҳмонҳо ҷамъ мешаванд 88
Боби XXI. То мазурка 93
Боби XXII. Мазурка 98
Боби XXIII. Пас аз мазурка 101
Боби XXIV. Дар ҷойхоб 105
Боби XXV. Нома 107

Боби XXVI. Дар деҳа моро чӣ мунтазир буд 116
Боби XXVII. Андӯҳ 117
Боби XXVIII. Хотироти андӯҳовари охирин 122

Навҷавонӣ

Боби I. Сафари дур 135
Боби II. Раъду барқ 143
Боби III. Назари тоза 148
Боби IV. Дар Москва 153
Боби V. Бародари бузург 154
Боби VI. Маша 158
Боби VII. Сочма 160
Боби VIII. Саргузашти Карл Иваныч 164
Боби IX. Давоми гузашта 168
Боби X. Давом 172
Боби XI. Баҳои як 175
Боби XII. Калидча 181
Боби XIII. Бевафо 183
Боби XIV. Тирагии ақл 185
Боби XV. Хаёлот 188
Боби XVI. Мушкиле нест, ки осон нашавад 193
Боби XVII. Нафрат 198
Боби XVIII. Хонаи ходимагон 200
Боби XIX. Навҷавонӣ 205
Боби XX. Володя 209
Боби XXI. Катенька ва Любочка 212
Боби XXII. Падар 214
Боби XXIII. Модаркалон 217
Боби XXIV. Ман 220
Боби XXV. Ошноҳои Володя 221
Боби XXVI. Муҳокамот 223
Боби XXVII. Оғози дӯстӣ 228

Ҷавонӣ

Боби I. Ман чиро оғози ҷавонӣ мешуморам 235
Боби II. Баҳор 236
Боби III. Хаёлот 240
Боби IV. Доираи оилаи мо 244
Боби V. Дастур 249
Боби VI. Истиғфор 251


...ТИН
...ЛАШРИЁТИ ДАВЛАТИИ
ТОҶИКИСТОН